ISSN 2413-5151

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
2024. №5.

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук
2024. №5.

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
2024. No.5.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2024**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**
**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**
**Исмонов Кароматулло** — *Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***иқтисод***
**Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Давлатзода Кудрат Қамбар** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Чая Влидимир Тигранович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исайнов Ҳисайн Раҳимович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Исраилов Мукаш Исраилович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)*
**Калемуллоев Мунир Воҳидович** — *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
**Кодирзода Диловар Бахриддин** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомов Самариддин Фахриевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Низомова Тухфамо Давлатовна** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Одинаев Ҳаёт Абдулхакович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Умаров Ҳоҷимуҳаммад** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
**Шамсов Илёс Сафарович** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

***ҳуқуқшиносӣ***
**Азиззода Убайдулло Абдулло** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Диноршоев Азиз Мусоевич** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Раҳмон Дилшод Сафарбек** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Сотиволдиев Рустам Шарофович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
**Шарипов Тақдиршо Шарифович** — *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

***сиёсатшиносӣ***
**Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Курбонов Абдураҳмон Шерович** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Потселуев Сергей Петрович** — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
**Сафарализода Хуҷамурод Куддусӣ** — *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
**Сафранчук Иван Алексеевич** — *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)*

*Маҷалла ба Феҳристи нашриҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия ворид гардидааст.*
*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*
***илмҳои иқтисодӣ:***
***илмҳои ҳуқуқшиносӣ**:*
***илмҳои сиёсӣ:***
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2024. – №5.
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2024

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Доктор филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

***Экономика***

| | |
|---|---|
| **Ганиев Таварали Бобоевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)* |
| **Калемуллоев Мунир Вохидович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Хаёт Абдулхакович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Умаров Ходжимухаммад** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктор экономических наук, профессор* |

***Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазозода Джамшед Сайдали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Рахмон Дилшод Сафарбек** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |

***Политология***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмахмад Нозимович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Махмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Муњаммад Абдурахмон Навруз** | |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Поцелуев Сергей Петрович** | *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Кандидат политических наук (Российская Федерация)* |

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан и Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:
**экономических наук:**
**юридических наук:**
**политических наук:**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2024. – №5.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2024

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***

**Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin** — *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of NAST, Rector of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

**Ismonov Karomatullo** — *Doctor of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

***08.00.00 - Economy***

**Ganiev Tavarali Boboevich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Davlatzoda Kudrat Kambar** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Chaya Vladimir Tigranovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Isainov Khisain Rakhimovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Israilov Mukash Israilovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)*
**Kalemulloev Munir Vohidovich** — *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor*
**Kodirzoda Dilovar Bahriddin** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomov Samariddin Fakhrievich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Nizomova Tuhfamo Davlatovna** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Odinaev Hayot Abdukhakovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Shamsov Ilyos Safarovich** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*
**Umarov Khojamuhammad** — *Doctor of Economic Sciences, Professor*

***12.00.00 – Jurisprudence***

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo** — *Doctor of Law, Professor*
**Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** — *Doctor of Law, Professor*
**Dinorshoev Aziz Musoevich** — *Doctor of Law, Professor*
**Murtazozoda Jamshed Saidali** — *Doctor of Law, Professor*
**Rahmon Dilshod Safarbek** — *Doctor of Law, Professor*
**Sotivoldiev Rustam Sharofovich** — *Doctor of Law, Professor*
**Sharipov Taqdirsho Sharifovich** — *Doctor of Law, Professor*

***23.00.00 – Political sciences***

**Zokirov Gulmahmad Nozimovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor,*
**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** — *Doctor of Philosophy, Professor*
**Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** — *Doctor of Philosophy, Professor*
**Muhammad Abdurahmon Navruz** — *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Potceluev Sergey Petrovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
**Safaralizoda Khujamurod Quddusi** — *Candidate of Political Sciences*
**Safranchuk Ivan Alekseevich** — *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan and the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:
**economic sciences:**
**jurisprudence:**.
**political sciences**.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2024. – №5.
ISSN 2413-5151
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication**
**in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2024

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

**ТДУ: 332.01**

# ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БАРОИ САНОАТИКУНОНИИ МИНТАҚАИ РАШТ

***Низамова Т.Д., Мададхонов М.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рашт як минтақаи дилрабоест, ки дар шимолу шарқии Тоҷикистон воқеъ буда, дорои манзараи бой ва гуногунҷанбаи ҷуғрофӣ мебошад, ки дар он унсурҳои табиӣ ба монанди даштҳои сабзу сарсабз шакл гирифтаанд. Мавқеи ҷуғрофии Рашт ба иқлими он таъсири калон мерасонад, ки бо иқлими субтропикии намнок ва боришоти зиёд дар давоми сол хос буда, зимистони сард ва тобистони нисбатан салқин дорад. Боришоти солона дар муқоиса бо бисёре аз минтақаҳои дигари Тоҷикистон бештар аст, ки ба сабзиши сарсабз ва манзараҳои зебо мусоидат мекунад. Мавқеи ҷуғрофии Рашт таърихан дар рушди фарҳангии он нақши ҳалкунанда бозидааст. Рашти қадима як чорроҳаи тиҷорат ва табодули фарҳангӣ буд, ки аз наздикии он ба Ҷумҳурии Қирғизистон ва мавқеаш дар роҳҳои қадимии тиҷорат таъсир дошт. Ҷуғрофиёи мухталиф тарзи зиндагӣ, анъана ва таомҳои мардумии Раштро ташаккул дода, онро ба як макони беназир ва аз ҷиҳати фарҳанг бой табдил додааст. Манзараҳои сералаф ва иқлими мусоид барои парвариши зироатҳо шароити мусоид фароҳам оварда, дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии кишвар саҳми арзанда мегузорад. Соҳаи кишоварзӣ дар Рашт на танҳо барои мардуми маҳаллӣ васоили рӯзгор таъмин мекунад, балки барои содирот ва рушди иқтисодӣ имконият фароҳам меорад.

Мавҷудияти ашёи хом дар якҷоягӣ бо қувваи корӣ боиси рушди соҳаҳои саноати хурди хӯрокворӣ метавонад гардад [1; 5; 6]. Потенсиали иқтисодии минтақа бо ташаббусҳои ҳукумат оид ба пешбурди рушди саноат сол аз сол боз ҳам афзун гардид, ки Раштро ба як макони ҷолиб барои сармоягузороне табдил медиҳад, ки имкониятҳои гуногун доранд.

Минтақаи Рашт сарзамини кӯҳсор буда, дар ҳудуди он захираҳои табиии гуногун вуҷуд доранд, аз ҷумла захираҳои тилло, маҳсулоти сохтмонӣ, оҳаксанг, ки дар асоси он дар оянда корхонаҳои коркарди тилло ва маҳсулоти сохтмониро ба роҳ монд. Инчунин, маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи растанипарварӣ, боғу токпарварӣ ва чорводорӣ дар оянда ҳамчун сарчашмаи ашёи хоми маҳаллӣ ва замина барои бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди шир, пашму пӯст ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шавад.

Таҳлили таърихи шаклгирии саноат дар ҶТ имконият медиҳад натиҷагирӣ шавад, ки ҷумҳурӣ роҳи классикии саноатикунониро тай накардааст. Пешрафти саноатӣ ҳам дар ҶТ ва ҳам дар тамоми минтақаи Осиёи Миёна, бешак, назаррас буд, аммо рушди босуръат дар кишоварзӣ унсури калидии ин пешрафтро ташкил медод [2,с.188].

Хусусияти хосси ин таҷриба афзалияти доимии бахши кишоварзӣ буд, ки ба ин тартиб, зарурати муҳоҷират аз деҳот ба шаҳрҳо аз байн бурда шуд.

Дар шароити амалҳои СУС самаранокии комплекси агросаноатӣ, самаранокии фаъолияти бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва, пеш аз ҳама, соҳаҳои таъмини воситаҳои истеҳсолот ва хизматрасониҳои техникӣ, аз ҷумла мошинсозии кишоварзӣ, озуқаворӣ, истеҳсоли нуриҳои минералӣ, агрохимия ва ғайра муайян карда мешавад, ки дар ниҳоят ташаккул ва рушди сохторҳои ҳамгироишавандаро дар КАС дар бар мегирад [15,с.213].

Танҳо соли 2015 дар ноҳияи Рашт ба маблағи 33,1 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардид, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2013–ум 17,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар соли 2020 ин рақам ба 45 млн. 122,5 ҳазор сомонӣ расонида шуд [7,с.30].

Бояд қайд намуд, ки саноатикунонӣ, ин, пеш аз ҳама, рушди рӯзафзуни истеҳсолоти саноатӣ бо дарназардошти комёбиҳои прогрессии илмӣ-техникӣ мебошад [8; 9; 10; 11; 12; 13; 14; 15; 19]. Саноатикунонӣ нақши калидиро дар инкишофи хоҷагии халқ ва таъмини рушди иқтисод, беҳтар намудани дараҷаи некуаҳволии моддӣ ва сифатии аҳолӣ, рушди

соҳаҳои ғайрисаноатӣ, таъмини бехатарӣ ва суботи иқтисодиёт ва эҷоди шароит барои афзунгардонии суръати рушди иқтисодиёт фароҳам меоварад. Натиҷаи саноатикунонӣ ин бунёди соҳаи саноати бузурги аз ҷиҳати техникӣ рушди карда, афзоиши арзиши иловашудаи дар ин соҳа тавлидшуда, инчунин, афзудани ҳиссаи он дар иқтисодиёти мамлакат мебошад [16,с.135].

**Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои умумии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2022**

**Table 1. Dynamics of general indicators of the industry of the Republic of Tajikistan in 2016-2022**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | С.2022 нисбат ба 2016, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳо, воҳид | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 137,1 |
| Маҳсулоти умумии саноатӣ, млн. сомонӣ (бо нархҳои с. 2022) | 19650 | 23835 | 26362 | 29841 | 32467 | 39221 | 43025 | 219,0 |
| Шумораи миёна-солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳаз. нафар | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 106,7 |
| Аз он ҷумла коргарон, ҳаз. нафар | 65,9 | 73,8 | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 | 71,2 | 108,0 |

Сарчашма: [16,с.9]

Чи тавре ки аз рақамҳои ҷадвали 1, дида мешавад, дар давоми 7 соли охир шумораи корхонаҳои саноатӣ зиёда аз 37%, маҳсулоти саноатӣ қариб 2,2 маротиба, шумораи миёнасолонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ 6,7%, аз он ҷумла коргарон 8% афзудаанд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои саноатӣ дар сатҳи минтақаҳо нишон медиҳад, ки (ҷадвали 2), агар дар сатҳи ҷумҳуриявӣ маҳсулоти саноатӣ дар давраи солҳои 2016-2022 қариб 2,9 маротиба (285,1%) афзуда бошад, пас дар сатҳи минтақаҳо суръати афзоиш нисбатан дар вилояти Суғд (343,7%) ва НТҶ (304,8%) мушоҳида мегардад.

**Ҷадвали 2. Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2022 (бо нархҳои дахлдори сол)**

**Table 2. Dynamics of the volume of industrial products in the regions of the Republic of Tajikistan in 2016-2022 (at the corresponding annual prices)**

млн. сомонӣ

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | С.2022 нисбат ба 2016, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 38829 | 43025 | 285,1 |
| ВМКБ | 128,8 | 193,4 | 238,3 | 249,3 | 228,8 | 315,5 | 184,4 | 143,2 |
| Вилояти Суғд | 7078,5 | 10066,4 | 11498,4 | 13053,6 | 15573,2 | 21064,8 | 24326,3 | 343,7 |
| Вилояти Хатлон | 5047,7 | 6753,1 | 7294,0 | 8661,1 | 8998,3 | 10333 | 10792,5 | 213,8 |
| ш. Душанбе | 1461,8 | 1659 | 2664,9 | 2753,4 | 2800,6 | 3339,4 | 3535,9 | 241,9 |
| НТҶ | 1373,2 | 1357,1 | 2198,5 | 2895,6 | 3289,4 | 3776,3 | 4186,1 | 304,8 |

Сарчашма: [16,с.9]

Мувофиқи таҳлилҳои олимони иқтисоддон дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ин давра ҳиссаи саноати коркард қариб ду маротиба (81,5 ва 41,0%) паст шуда, баръакс вазни қиёсии саноати истихроҷи маъдан зиёда аз ду маротиба (14,0 то 28,2%) ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 6,8 маротиба аз 4,5 то 30,8% зиёд гардидааст, ки он бевосита вобаста аст аз рушди соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар ҳама минтақаҳо ва рушди истеҳсоли неруи барқ [16,с.142].

Барои рушди минтақаҳо албатта ҷалби сармоягузориҳо мувофиқи мақсад мебошад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Динамикаи ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2022**

**Table 3. Dynamics of investments in fixed assets in the regions of the Republic of Tajikistan in 2017-2022**

млн. сомонӣ

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | С.2022 нисбат ба 2016, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 11371,6 | 13361 | 12517,8 | 11775,6 | 15124,9 | 16655,2 | 146,5 |
| ВМКБ | 439,6 | 519,2 | 257,3 | 368,2 | 508,8 | 622,6 | 141,6 |
| Вилояти Суғд | 2008,4 | 1514,8 | 1736,0 | 1321,5 | 1793,6 | 2594,1 | 129,2 |
| Вилояти Хатлон | 2185,1 | 2802,6 | 2623,0 | 2404,9 | 3840,1 | 3283,1 | 150,2 |
| ш. Душанбе | 2833,1 | 2829,0 | 3243,9 | 3275,8 | 4736,1 | 4768,0 | 168,3 |
| НТҶ | 3905,4 | 5659,4 | 4666,5 | 4405,2 | 4246,4 | 5387,3 | 137,9 |
| Аз он ҷумла | | | | | | | |
| н.Рашт | 32,4 | 39,2 | 38,0 | 32,4 | 116,9 | 31,4 | 96,9 |
| н.Тоҷикобод | 7,7 | 17,1 | 5,0 | 10,2 | 9,9 | 17,4 | 226,0 |

Сарчашма: [16,с.37-40]

Чи тавре аз рақамҳои ҷадвали 3, дида мешавад, дар давоми солҳои 2017-2022 ба сармояи асосӣ дар минтақаҳо сармоягузориҳои зиёде ҷалб гардидааст. Аз он ҷумла ба НТҶ сармоягузориҳои зиёд ворид шудаанд ва ҳиссаи онҳо дар соли 2022 дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо зиёда аз 32%-ро ташкил намудаанд ва он, пеш аз ҳама, вобаста аст ба сохтмони НОБ-и Роғун.

Яке аз роҳҳои сармоягузорӣ ва ҷалбӣ сармоя дастрасиии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои бонкӣ ба таври якзайл рушд надорад. Дар баъзе минтақаҳо ин хизматрасониҳо агар тамоюли инкишофёбӣ дошта бошанд, дар минтақаҳои дигар тамоюли рушд ба назар намерасад. Махсусан, минтақаҳои дурдасти кишварро метавон арзёбӣ намуд, ки аҳолӣ ба хизматрасонҳои бонкӣ ба таври зарурӣ дастрасӣ надорад. Таҷрибаи давлатҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки бонкҳои давлатӣ дар бозор нисбат ба дигар бонкҳо рақобатпазириашон устувортар аст. Зеро ин бонкҳо дастрасӣ ба маблағҳои буҷетиро доро мебошанд ва аз ин маблағҳо истифода намоянд. Дастрасӣ ба ин маблағҳо метавонад вазъи рақобатпазирии ин гуна бонкҳоро хубтар гардонад [21,с.5].

Имрӯз барои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар минтақаҳо мо бояд, пеш аз ҳама, технологияҳои иттилоотӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо тариқи интернетро дар низоми бонкӣ инкишоф диҳем. Аслан, хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи интернет, телефон, телефонҳои мобилӣ ва дигар дастгоҳҳои худхизматрасонии бонкӣ ба муштариён пешниҳод мегарданд. Бояд қайд намуд, ки мутаассифона ин гуна хизматрасониҳо танҳо дар марказҳои шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ дастраси аҳолӣ ҳастанду халос. Бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ имрӯз бояд ба муштариёне, ки дар минтақаҳои дурдастанд, ин гуна хизматрасониҳоро дастрас намоянд.

Ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди иқтисодии ҳар минтақа муҳим аст ва минтақаи Рашт дар шимоли ҶТ низ истисно нест. Рашт бо мавқеи стратегӣ, захираҳои фаровони табиӣ ва бозори афзоянда, имкон дорад, ки ба магнити сармояи хориҷӣ табдил ёбад. Ин стратегияҳои калидии ҷалби сармояи хориҷӣ дар минтақаи Раштро омӯхта, ба эҷоди фазои мусоиди тиҷорат, рушди зерсохтор ва ташаббусҳои таблиғотӣ тамаркуз мекунем.

Самти умедбахши рушди ҳамкориҳои байналмилалии сармоягузорӣ дар Тоҷикистон, афзоиши нақши салоҳияти иқтисодии минтақаҳо мебошад. Таҳияи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории минтақаҳо ба мақомоти маҳаллӣ имкон медиҳад, ки барои ҳалли проблемаҳои баланд бардоштани рақобатпазирии комплексҳои иқтисодии

минтақавӣ ва баланд бардоштани суръати рушди иқтисодӣ, сармояи хориҷиро ҷалб намоянд [4,с.7].




Сарчашма [4,с.4]

Татбиқи сиёсатҳои дӯстона ба сармоягузорон, аз қабили имтиёзҳои андоз, равандҳои танзимшавандаи танзим ва ҳифзи ҳуқуқӣ сармоягузорони хориҷиро ҷалб кунад. Муҳити танзими шаффоф ва барои соҳибкорӣ ҷолибияти Раштро ҳамчун макони сармояи хориҷӣ афзоиш медиҳад.

Беҳбуди инфрасохтор, аз ҷумла нақлиёт, энергетика ва телекоммуникатсия барои ҷалби сармояи хориҷӣ муҳим аст. Инфрасохтори хуб рушдёфта на танҳо хароҷоти амалиётиро барои сармоягузорон коҳиш медиҳад, балки инчунин, аз уҳдадории рушди дарозмуддати иқтисодӣ шаҳодат медиҳад.

Ба таври муассир таблиғ кардани иқтидори минтақаи Рашт ба сармоягузорони хориҷӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Маъракаҳои таблиғотӣ, ки ҷиҳатҳои тавонои минтақаро нишон медиҳанд, аз қабили қувваи кории баландихтисос, захираҳои табиӣ ва дастрасии бозор таваҷҷуҳи сармоягузорони эҳтимолиро ба худ ҷалб мекунад.

Муайян ва бартарият додани бахшҳои калидӣ барои сармоягузорӣ, барои мутобиқ кардани ташаббусҳо ва барои ҷалби сармояи хориҷӣ кумак мекунад. Новобаста аз он ки пешбурди тиҷорат, сайёҳӣ ё технология аст, тамаркуз ба бахшҳои мушаххас бо тавоноӣ ва иқтидори минтақаи Рашт мувофиқат мекунад.

Ҳавасмандгардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва сармоягузорони хусусӣ мусоидат мекунад. Ин ҳамкориҳо дар таҳияи лоиҳаҳои бузург, истифода аз захираҳо ва тақсими хатарҳо нақши муҳим дошта, Раштро ба як макони ҷолиб барои сармоягузории хориҷӣ табдил медиҳанд.

Сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва рушди қувваи корӣ захираи кории соҳибихтисос ва донишмандро таъмин менамояд, ки барои сармоягузорони хориҷӣ, ки қувваи кории қобилиятнокро меҷӯянд, ҷолиб аст. Ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва пешниҳоди барномаҳои таълимӣ сармояи инсонии минтақаро афзоиш медиҳад.

Таъмини суботи сиёсӣ ва муҳити амният, барои сармоягузорони хориҷӣ муҳим аст. Фазои устувори сиёсӣ ва чораҳои устувори амниятӣ ба сармоягузорон кафолат дода, хатарҳои эҳтимолии марбут ба сармоягузории онҳоро коҳиш медиҳанд.

Қабули таҷрибаҳои рушди устувор на танҳо ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад, балки ҷолибияти минтақаро низ афзоиш медиҳад. Сармоягузорони хориҷӣ бештар ба муҳити тиҷоратӣ аз ҷиҳати экологӣ масъул ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ огоҳ афзалият медиҳанд.

Ҷалби сармояи хориҷӣ ба минтақаи Рашт бархӯрди гуногунҷанбаро тақозо мекунад. Рашт бо татбиқи сиёсатҳои дӯстона ба сармоягузорон, зерсохтор, маркетинги стратегии минтақа ва густариши ҳамкориҳои худро ҳамчун як макони ҷолиб барои сармояи хориҷӣ муаррифӣ мекунад. Бо стратегияи фаъол ва ҳамоҳангшуда, минтақаи Рашт иқтидори иқтисодии худро боз кунад ва ба рушди устувори дарозмуддат саҳм мегузорад.

Минтақаи Рашт дар шимоли ҶТ, ки бо даштҳои ҳосилхез ва иқлими мусоиди худ маъруф аст, дар як саёҳати дигаргунсоз ба сӯи индустриализатсияи иқтисоди кишоварзии худ аст. Ин гузариш як таҳаввулоти назаррасро аз таҷрибаҳои анъанавии кишоварзӣ ба

равишҳои муосир, ки ба технология асос ёфтааст, нишон медиҳад. Ин унсурҳо ва мушкилоти асосӣ дар роҳи индустриализатсия, аз ҷумла қабули технологияҳои пешрафта, таҷрибаҳои устувор ва таъсири иҷтимоӣ-иқтисодиро ба ҷомеаи маҳаллӣ омӯхтааст.

Аз як тараф, технологияҳои нав, маҳсулот, хизматрасонӣ, шаклҳои ташкил ва идоракунӣ пайдо мешаванд, ки гузарандаҳои рушд мебошанд. Аз тарафи дигар, дар шароити нави зиндагонӣ воситаю механизмҳои мавҷудаи идораи вилоят натиҷаи дилхоҳ намебахшанд, таҷрибаи пештараи рушди вилоят самара намебахшад [19,с.3].

Тавре маълум аст, соҳаи кишоварзӣ, новобаста аз усули ташкили он, мансубияти миллӣ, шакли моликият, сатҳи рушд, хусусиятҳои ба худ хос дорад, ки онро аз ҳамаи дигар соҳаҳои комплекси хоҷагии халқ фарқ мекунад. Ин хусусиятҳо асосан дар шароити иқтисодиёти бозор ҳангоми рақобати озод ва сатҳи заифи танзими давлатии равандҳои бамиёномада падидор мешаванд. Дар натиҷаи ин, дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон на танҳо зарурати дахолати давлатӣ ба сатҳи рушди соҳаи кишоварзӣ эътироф шудааст, балки санадҳои мушаххаси меъёрӣ қабул карда шудаанд, ки дар асоси онҳо самтҳои самаранок, барномаҳое, ки на танҳо рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ, балки тамоми соҳаҳои фаъолият ва шароити зисти аҳолии деҳотро таъмин мекунанд, коркард шудаанд [4,с.2].

Интегратсияи технологияҳои пешқадам, аз қабили кишоварзии дақиқ, техникаи автоматикунонидашуда ва таҳлили ба маълумот асосёфта дар индустрикунонии бахши кишоварзӣ дар Рашт нақши муҳим мебозад. Ин навоварӣ самаранокиро баланд мебардорад, ҳосилнокии онро зиёд мекунад ва ба навсозии куллии таҷрибаи кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Индустриализатсия диверсификатсияи фаъолияти кишоварзиро аз зироатҳои анъанавӣ дар бар мегирад. Рашт парвариши махсусгардонидашуда, корхонаҳои агробизнес ва маҳсулоти арзиши иловашударо кашф мекунад. Диверсификатсия на танҳо заминаи иқтисодиро васеъ мекунад, балки хатарҳои вобастагӣ аз як зироатро кам мекунад.

Сохтани инфраструктураи устувори кишоварзӣ барои раванди индустрикунонӣ муҳим аст. Аз ҷумла, рушд додани системаҳои ирригасионӣ, анборҳо ва сети нақлиётро дарбар мегирад, то ки аз фермаҳо ба бозор самаранок ва сари вақт кашонидани маҳсулоти хоҷагии қишлоқро таъмин намояд.

Саноатикунонии иқтисодиёти кишоварзӣ дар Рашт тақозо мекунад, ки таҷрибаҳои устувор дошта бошанд. Ин истифодаи оптимизатсияи захираҳо, кам кардани таъсири муҳити зист ва қабули технологияҳои экологиро барои таъмини устувории дарозмуддат ва ҳадди ақал кам кардани изи экологӣ дар бар мегирад.

Гузаштан ба хоҷагии қишлоқи индустриалӣ қувваи кории соҳибихтисос ва маълумотнокро талаб мекунад. Сармоягузорӣ ба барномаҳои таълимӣ ва омӯзиши кишоварзӣ кафолат медиҳад, ки деҳқонон бо дониш барои истифодаи самараноки технологияҳо ва таҷрибаҳои муосир муҷаҳҳаз карда шаванд.

Таъмини дастрасии деҳқонон ба захираҳои молиявӣ барои азхудкунии технологияҳои нав ва тавсеаи корхонаҳои кишоварзӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Дастгирии ҳукумат, ташаббусҳои маблағгузории хурд ва ҳамкорӣ бо институтҳои молиявӣ ба ин ҷанбаи саноатӣ мусоидат мекунанд.

Индустриализатсия пайвастани деҳқонони маҳаллӣ бо бозорҳои васеъро дар бар мегирад. Ташкили занҷирҳои самарабахши таъминот, робитаҳои бозорӣ ва пешбурди корхонаҳои агробизнес ба деҳқонон дар дастрасӣ ба бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ ва беҳтар кардани дурнамои иқтисодии онҳо кумак мекунад.

Барои индустрикунонии бомуваффақияти хоҷагии қишлоқ муҳити дастгирикунандаи сиёсат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ҳукумат тавассути татбиқи сиёсатҳое, ки қабули технологияро ҳавасманд мекунанд, субсидияҳо пешниҳод мекунанд ва чаҳорчӯбаи танзимкунандаи мувофиқро эҷод мекунанд, нақши ҳалкунанда мебозад.

Яке аз мушкилоти ҷиддии индустрикунонии иқтисодиёти ҶТ, омилҳои институтсионалии таъсиркунанда мебошад. Дар байни онҳо муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ омилҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ мебошанд. Дараҷаи рушди илмию техникӣ, афзоиши истеҳсолоти инновасионӣ ва ҳосилнокии меҳнат ба ҳамин омилҳо вобаста аст.

Аз сабаби мавҷуд будани ин проблемаҳо дар ҷумҳурӣ татбиқи индустрикунонӣ кори душвор мегардад. Тибқи ҳисобҳои коршиносон, барои ҳалли ин мушкил танҳо ба иқтисоди минтақаи Рашт 1,5 миллиард доллар ниёз дорад ва ин маблағ ҳанӯз дастрас нест. Дар ин шароит тадриҷан ба амал баровардани индустрикунонӣ ба мақсад мувофиқ мегардад. Муҳим он аст, ки ин амалҳои зина ба зина дар ҳуҷҷати расмии ҳукумат дар шакли барнома инъикос ёбанд. Пеш аз ҳама, дараҷаи интенсификасияи хоҷагии қишлоқро, ки баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ тамоюли тези пастшавӣ дошт, баланд бардоштан лозим аст [21,с.108].

Рушди устувори минтақа ҳамчун низоми ҳудудии иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ чаҳор принсипи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: навоварӣ, рақобатпазирӣ, амнияти инноватсионӣ ва устуворӣ; амнияти инноватсионӣ омили рушди устувор ҳамчун зарурати бунёдии мавҷудияти минтақа мебошад [7,с.10].

Модернизатсияи хоҷагии халқ дар заминаи саноатӣ маънои навсозӣ, рафъи ақибмонӣ, расидан ба сатҳи муосири рушди иқтисодӣ, ки дар муқоиса бо кишварҳои пешрафта қобили муқоиса аст ва пайвастани саъю кӯшиши иқтисодии давлат ва соҳибкорӣ мебошад. Тавре таҷрибаи пешқадам нишон медиҳад, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи истеҳсолот буда, ба ҷалби сармояи хусусӣ ба лоиҳаҳои таҷдиди инноватсионӣ ва технологии бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама, дар саноати ватанӣ нигаронида шудааст [20,с.65].

Роҳи саноатикунонии кишоварзии минтақаи Рашт роҳи мураккаб, вале дигаргунсозист. Рашт бо истифода аз технологияҳои пешрафта, диверсификатсияи фаъолиятҳои кишоварзӣ, рушди инфрасохтор ва пешбурди таҷрибаҳои устувори иқтидори пурраи бахши кишоварзии худро афзун мегардонад. Ҳамгироии бомуваффақияти ин унсурҳо на танҳо ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва натиҷаҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад, балки ба рушди умумӣ ва устувории минтақа мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Гоибназаров, С.М. Стратегия эффективного управления человеческими ресурсами в условиях кризисного развития / С.М. Гоибназаров, Н.И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2012. -№2/3(86). -С.175-180. – EDN VWKYQL.
2. Икромов, Ҷ.З. Таърихи саноатикунонии иқтисоди Тоҷикистон / Ҷ.З. Икромов, А.Х. Шамсуддинов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. -№4(261). -С.184-191.
3. Инвестиционная привлекательность регионов таджикистана / А.О. Шарифов, Х.Б. Усмонов, З.М. Джабборова, С.К. Ниязова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. -№2/5(117). -С.133-135.
4. Кластерный принцип организации производства и привлечения иностранных инвестиций / А.А. Солиев, Ф.А. Кодиров, А.В. Гулмамадов, Л.И. Абдуллоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. -№2/10-2(152). -С.3-10.
5. Мададхонов, М.Б. Идоракунии сифат ва самаранокии хизматрасониҳо дар соҳаи таҳсилоти олӣ / М.Б. Мададхонов, А.А. Идибеков, Муминзода М.Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№8. -С.165-172. – EDN SJFBLS.
6. Мададхонов, М.Б. Рушди минтақаи озоди иқтисодӣ дар мисоли минтақаи Рашт / М.Б. Мададхонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -№10-2. -С.59-66. – EDN GFIGJJ.
7. Махсудов А.М. Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021): дис. … номзади илмҳои таърих: 6D020301 / Махсудов Аслиддин Муҳаббатович. -Душанбе, 2022. -195 с.
8. Михайлова, А.А Инновационная безопасность как фактор устойчивого развития региона: автореф. дис. ... канд. экон. наук: 25.00.24 / Михайлова Анна Алексеевна. -Калининград, 2017. -24 с.
9. Муминзода, М.Н. Исследование правовой основы налоговой политики в сфере предпринимательства по законодательству Республики Таджикистан / Муминзода М.Н., Муминзода Н.И. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. -№1(45). -С.351-360. – EDN CBIUVW.
10. Муминзода, М.Н. Механизмҳои дастгирии давлатии бахши соҳибкорӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / Муминзода М.Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -№11. -С.82-88. – EDN BDCCMQ.
11. Муминзода, Н.И. Замимаҳои ҳуқуқии муайян намудани нақши маориф дар низоми иқтисодиёт / Муминзода Н.И., Муминзода М.Н. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. -№2(30). -С.122-136. – EDN BIWIFL.
12. Муминзода, Н.И. Нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт / Муминзода Н.И. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№1(45). -С.171-180. – EDN UKGENT.

13. Муминзода, Н.И. Правовые основы международного туризма / Муминзода Н.И., Муминзода М.Н. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. -№2-2(47). -С.303-313. – EDN OWXXHH.
14. Муминов, Н.И. Экономическая безопасность Республики Таджикистан: внутренние и внешние угрозы / Н.И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. -№3-12. -С.136-139. – EDN VUSGGN.
15. Начбудинзода, Ҳ.Ш. Ташаккулёбӣ ва рушди воридотивазкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа / Начбудинзода Ҳ.Ш., Маҳмадизода Ф.Б., Маҳмадизода С.Б. // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2022. -№3(50). -С.213-223.
16. Низомова, Т.Д. Саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Д. Низомова, Ҷ.Р. Раҳмонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. -№2(78). -С.134-149.
17. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. АОПҶТ. -Душанбе, 2023. -89 с.
18. Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. АОПҶТ. –Душанбе, 2023. -66 с.
19. Токарев, А.А. Обеспечение сбалансированности организационно-экономического механизма развития региона: автореф. дисс. … канд. эком. наук: 08.00.05 / Токарев Алексей Александрович. -Воронеж, 2017. -23 с.
20. Файзуллоев, М.К. Индустриализация как базис инновационно-промышленной политики и драйвер модернизации экономики Таджикистана / М.К. Файзуллоев // Таджикистан: экономика и управление. – 2020. -№1. -С.60-67.
21. Хушвахтзода, Қ.Х. Ҷараёни инкишофи хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои кишвар ва муаммоҳои ҷойдошта дар ин самт / Хушвахтзода Қ.Х., Ғ.Ҳ. Ғаюров, Т.А. Имомназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№4. -С.5-10. - EDN MCVYOF.
22. Хофизов Х.А. Эконометрический анализ факторов, влияющих на привлечение прямых иностранных инвестиций / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. -№2. -С.44-53.
23. Шокиров, Р.С. Факторы реализации ускоренной индустриализации в экономике региона / Р.С. Шокиров, А.Ш. Гоибназаров // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2022. -Т. 93. -№4. -С.104-111.

## ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БАРОИ САНОАТИКУНОНИИ МИНТАҚАИ РАШТ

Дар мақола доир ба масъалаи рушди саноатии минтақаи Рашт дар давраи муосир бахшида шудааст. Ҷойгиршарии минтақа дар наздисарҳадӣ имкон медиҳад, ки ба бозорҳои ҷаҳонӣ тавассути сиёсати савдои кушод пайвандад. Таҳлил нишон медиҳад, ки инкишоф додани соҳаи иқтисод, аз ҷумла, соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва туризм Раштро ба як маркази фаъолияти иқтисодӣ табдил додан мусоидат менамояд. Таҳлили соҳавӣ ва минтақавии вазъияти саноат дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки рушди бемайлон мушоҳида мегардад. Инчунин, таҳқиқи динамикаи ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2022 нишон медиҳад, ки дар ҳама ноҳияву минтақаҳо сармоягузориҳо ворид мешаванд, ки боиси рушди минтақаҳо мегарданд. Сармоягузориҳои хориҷӣ дар ташаккули манзараи саноатии Рашт нақши муҳим мебозад. Аз ин хотир, дар мақола ҷалби сармоягузориҳо таҳлил гардидааст. Ин имкон медиҳад, ки технология ва таҷриба боиси таъсиси корхонаҳои нав гардида, бахусус дар бахшҳои коркарди хӯрокворӣ, истихроҷ, инчунин сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти минтақаро дар ҷумҳурӣ ба пеш барорад, инчунин ба модернизатсияи соҳаҳо мусоидат карда, боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳбуди сохтори иҷтимоию иқтисодии минтақа гардад. Ҳамгироии сармоягузории хориҷию дохилӣ интиқоли технологияро осон карда, ба саноати маҳаллӣ имкон медиҳад, ки равандҳои пешрафтаи истеҳсолӣ ва стандартҳои байналмилалиро қабул кунанд. Корхонаҳои муштарак байни соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ мавқеи Раштро дар занҷири ҷаҳонии таъминот мустаҳкам намуда, ба устувории иқтисодӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо**: минтақа, саноат, тиҷорати кушод, сармоягузорӣ, сармоягузории хориҷӣ, минтақаи Рашт, инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ

## ПРИВЛЕЧЕНИЕ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РАШТСКОГО РЕГИОНА

В статье рассматривается вопрос промышленного развития Раштского региона в современную эпоху. Расположение региона на границе позволяет ему подключаться к мировым рынкам посредством открытой торговой политики. Анализ показывает, что развитие экономики, включая промышленность, сельское хозяйство и туризм, способствует превращению Рашта в центр экономической активности. Отраслевой и региональный анализ состояния отрасли в республике показывает, что наблюдается устойчивое развитие. Также исследование динамики объема инвестиций в основной капитал в регионах Республики Таджикистан в 2017-2022 годах показывает, что инвестиции поступают во все районы и области, что приводит к развитию регионов. Инвестиции, в том числе иностранные, играют важную роль в формировании промышленного ландшафта Рашта. По этой причине в статье анализируется привлечение инвестиций. Это позволяет технологиям и опыту привести к созданию новых предприятий, особенно в сферах пищевой промышленности, горнодобывающей промышленности, а также туризма и других сферах региональной экономики республики, а также способствовать модернизации производств, создавая новые рабочие места и улучшая структуру экономики.Социально-экономическое развитие региона. Интеграция иностранных и внутренних инвестиций облегчает передачу технологий и позволяет местной промышленности внедрять передовые производственные процессы и международные стандарты. Совместные

предприятия местных предпринимателей и иностранных инвесторов укрепили позиции Рашта в глобальной цепочке поставок и будут способствовать экономической стабильности.
**Ключевые слова:** регион, промышленность, открытая торговля, инвестиции, иностранные инвестиции, Раштский район, социально-экономическое развитие, создание рабочих мест, привлечение иностранного капитала.

## ATTRACTION OF FOREIGN INVESTMENT FOR THE INDUSTRY OF THE RASHT REGION

The article examines the issue of industrial development of the Rasht region in the modern era. The region's border location allows it to connect to global markets through open trade policies. The analysis shows that economic development, including industry, agriculture and tourism, is helping to transform Rasht into a center of economic activity. Sectoral and regional analysis of the state of the industry in the republic shows that sustainable development is observed. Also, a study of the dynamics of the volume of investments in fixed assets in the regions of the Republic of Tajikistan in 2017-2022 shows that investments are coming to all districts and regions, which leads to the development of the regions. Investments, including foreign ones, play an important role in shaping the industrial landscape of Rasht. For this reason, the article analyzes the attraction of investment. This allows technology and experience to lead to the creation of new enterprises, especially in the areas of the food industry, mining, as well as tourism and other areas of the regional economy of the republic, as well as contribute to the modernization of production, creating new jobs and improving the structure of the economy. Socio-economic development region. Integrating foreign and domestic investment facilitates technology transfer and allows local industry to adopt advanced manufacturing processes and international standards. Joint ventures between local entrepreneurs and foreign investors have strengthened Rasht's position in the global supply chain and will contribute to economic stability.
**Keywords:** region, industry, open trade, investment, foreign investment, Rasht region, socio-economic development, job creation, attracting foreign capital.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Низамова Туҳфамо Давлатовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Сурога**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 934-23-82-20.** E-mail: **tuhfamoh49@mail.ru**
***Мададхонов Маҳмадрузи Баҳодурхуҷаевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Сурога**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (**+992) 934-47-47-41**

**Сведения об авторах:** ***Низамова Тухфамо Давлатовна*** - Таджикский национальный универститет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предпиятий и предпринимательства. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 934-23-82-20.** E-mail: **tuhfamoh49@mail.ru**
***Мадахонов Махмадрузи Бахадурхуджаевич*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Телефон: (**+992) 934-47-47-41**

**Information about the authors:** ***Nizamova Tukhfamo Davlatovna*** – Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 934-23-82-20.** E-mail: **tuhfamoh49@mail.ru**
***Madadhonov Mahmadruzi Bahadurkhujaevich*** - Tajik National University, doctoral student of Ph.D. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17 Rudaki Ave. Phone: (**+992) 934-47-47-41**

ТДУ: 339.9+311.313 (5745.3)

# МАСОИЛИ РУШДИ ДИНАМИКИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ


*Мирбобоев Р.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар замони муосир мақсади асосии сиёсати дарозмуддати иқтисодии ҳар як давлат бояд таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар бошад. Бе ин ба баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, баланд бардоштани нуфузи иқтисодию сиёсии мамлакат дар иттиҳоди ҷаҳонӣ расидан имконнопазир бошад. Дар робита бо ин, коркарди масъалаҳои устувории иқтисодӣ ва афзоиши динамикии иқтисодиёти миллӣ дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ хеле фаъолона роҳандозӣ шуда истодааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушди динамикӣ яке аз афзалиятҳои асосӣ дар раванди рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, ҳам дар доираи муносибатҳои мутақобилаи сиёсии хориҷӣ ва берунииқтисодӣ он бо дигар кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд, ки «рушди динамикии Тоҷикистон аз сулҳу ваҳдати пойдор, суботи устувор дар ҷомеа, ҳуввияти миллии солим ва худшиносӣ вобаста аст». Ҳамзамон, бо зикри аҳаммияти рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ бо шарикони стратегии кишвар, таъкид кардаанд, ки «рушди динамикии ҳамкорӣ бояд на танҳо ба манфиатҳои ҷонибҳои мутақобила, балки ба суботу амният ва рушди устувори минтақа ҷавобгӯ бошад». Дар баробари ин, пешниҳод гардидааст, ки «Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ наметавонад аз равандҳои пурқуввати ҷаҳонишавӣ, паҳлуҳо ва зуҳуроти мусбату манфии он дар канор монад» [12].

Рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ, ин раванди доимии рушди босуръати соҳаҳои иқтисодиёт ва баланд бардоштани дараҷаи умумии рушди иқтисодиёти мамлакат мебошад. Ба рушди динамикӣ суръати баланди рушди иқтисодӣ, инноватсияҳо, навсозии истеҳсолот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ, афзоиши талаботи истеъмолӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротӣ ва таҳкими суботи макроиқтисодӣ хос аст.

Рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ, одатан тавассути сиёсати фаъоли иқтисодии давлат, такмили низоми идоракунии давлатӣ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, рушди инфрасохтор, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, дастгирии инноватсия ва соҳибкорӣ, саноатикунонии босуръат ва афзун кардани имкониятҳои содиротии кишвар, иштирок дар ҳамкориҳои дутарафа ва бисёртарафаи байналмилалии тиҷоратию иқтисодӣ, инчунин, дар равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба даст меояд.

Барои ноил гаштан ба рушди динамикии иқтисодиёти кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи гузаштанро аз модели кишвари аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ пеш гирифт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми апрели соли 2014 қайд карда буданд, ки «вазифаҳои барои оянда гузошта шуда, танҳо ба хотири рушди динамикии иқтисодиву иҷтимоии кишвар, афзун кардани имкониятҳои иқтисодии он ва албатта, ба хотири боз ҳам беҳтар шудани сатҳи зиндагии халқамон равона гардидаанд» [12].

Аз ин рӯ, дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, вазифаи табдил додани иқтисодиёти миллии кишвар дар соли 2030 ба низоми динамикии рақобатпазир гузошта шудааст, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди муътадили он ва устувор ба таъсири таконҳои беруна нигаронида шудааст.

Дар доираи афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар метавон ду хусусияти муҳимми низоми динамикиро дар дохили ҷомеа ҷудо кард: якум, қодир ба афзун кардани имкониятҳо ва беҳтар кардани зиндагӣ ва дуюм, устувор ба таконҳои беруна. Ба фикри мо, ин хусусиятҳо моҳияти категорияи «рушди динамикӣ»-ро аллакай васеътар шарҳ медиҳанд.

Барои дуруст дарк кардани моҳияти дохилӣ ва асосҳои «рушди динамикӣ» ва «низоми динамикӣ» дар маҷмуъ, баррасии консепсияҳои дар адабиёти илмӣ ҷойдошта нисбати таҳқиқоти онҳо аз аҳаммият холӣ намебошад.

Рушди динамикии ҷомеа, иқтисодиёт ва мамлакат, дар маҷмуъ, низоми рушдкардаи муташаккил ва ниҳодҳои рушдкардаро талаб мекунад. Дар ҷаҳони муосир, ки дар он иқтисоди бозорӣ бартарӣ дорад ва ба он иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамгиро шуда истодааст, ниҳодҳои рушдкардаи ҷамъияти динамикӣ мебошанд. Чунин ҳолат бо гузариши ин ҷомеаҳо аз меъёрҳои статикии самаранокӣ ба динамикӣ шарҳ дода мешавад. Яъне, чунин тавсиф намудан, на ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, балки бо афзун кардани сарвату имкониятҳо муайян карда мешавад.

Иқтисодчиёни бузург Людвиг фон Мизес, Ф. фон Хайек ва Й. Шумпетер ва дигарон дар бораи самаранокӣ ақидаҳоеро таҳия кардаанд, ки ба консепсияи динамикӣ қаробат доранд. Ин андешаҳоро назариячиёни муосир М. Ротбард, И. Кирзнер ва Д. Норт идома дода, кӯшиши пешниҳоди меъёрҳои нави самаранокии динамикиро кардаанд. Ин мулоҳизахо ва як қатори дигари онҳо аз тарафи ҳамсафони мактаби Австрия, аз ҷумла дар асари Уэрта де Сото Х. пешниҳод гардидааст. Уэрта де Сото Х. ҷанбаҳои гуногуни раванди динамикии ҳамкории ҷамъиятиро бо додани таваҷҷуҳи махсус ба нақши соҳибкорӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ таҳқиқ кардааст [8].

Маълум аст, ки яке аз омилҳои рушди иқтисодӣ қобилияти соҳибкорӣ мебошад. Инсоният дар рушди худ барои на танҳо эҳтиёткорона истифода бурдани захираҳои мавҷудаи худ, балки барои афзун гардонидани онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад. Танҳо соҳибкор аз нигоҳи Ксенофонт бо иқтидор ва уҳдабароии худ дар асоси истифодаи равишҳои эҷодӣ, яъне бо бастани қарордодҳо ва пешбурди тиҷорат метавонад доираи фаъолият ва манфиатҳоро васеъ намояд. Дар шароити муосир, ин ҳамчун равишҳои инноватсионии соҳибкорӣ барои баланд бардоштани сатҳи капитализатсияи бизнес ва афзун кардани захираҳои молиявӣ ва моддӣ баррасӣ карда мешаванд, ки онҳо ба сифати сармоягузории оянда мавриди истифода қарор мегиранд.

Як қатор муаллифони ватанӣ рушди динамикиро дар доираи сатҳи минтақавӣ ва соҳавӣ баррасӣ мекунанд. «Минтақаҳо метавонанд тасмим гиранд, ки захираҳои худро зиёд кунанд, барномаҳои минтақавии махсус барои ин минтақа таҳия карда шаванд, инфрасохтори минтақаро аз ҳисоби худ беҳтар созанд, сатҳи зиндагии мардумро баланд бардоранд ва ба соҳибкорон барои рушди ин соҳа имтиёзҳои заруриро фароҳам оранд. Муаллифон қайд мекунанд, ки рушди динамикии минтақа дар ҳалли вазифаҳои ба миён гузошташуда нақши муҳим мебозад» [6,с.114].

Бинобар ин, нақши давлат дар густариши фаъолияти соҳибкорон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ хеле муҳим аст. Бе фароҳам овардани чунин шароит дар доираи банақшагирии стратегӣ ноил шудан ба ҳадафҳои рушди динамикӣ ғайриимкон аст.

Инкишофи динамикии ҳар як низом банақшагирӣ ва ташкил карданро талаб мекунад. Чунон ки П. Савченко қайд мекунад, «банақшагирии стратегӣ шарти муҳимми рушди устувор ва динамикии иқтисодиёт мебошад. Аммо барои ин зарур аст, ки вай дар низоми идоракунии давлатӣ ҷои сазовори худро ишғол намояд ва бояд ниҳодҳои фаъолиятбарии он ташкил карда шаванд. Низоми воқеии ташаккулёфта ба омили рушд табдил мегардад ва самараи зиёди фузунсозро ба вуҷуд меорад, ки ба рушди динамикии он мусоидат мекунад» [5,с.5].

Аз ин рӯ, нақши аввалиндараҷа ба ниҳодҳои баландсифат дода мешавад, ки онҳо дар ҳақиқат дар ҷомеаи пешрафтаи иқтисодӣ ба низоми динамикӣ табдил меёбанд.

Дар баробари ин, муаллифони ватанӣ рушди босуръати сохторҳои соҳавиро ба назар гирифта, қайд мекунанд, ки «банақшагирии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти минтақа муҳим мебошад», онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда зарур ҳастанд [1,с.169].

Дар доираи банақшагирии саноат вазифа гузошта мешавад, ки дар навбати аввал, барои рушди соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад ва соният, имконият ва қобилият эҷодии онҳо зиёд карда шавад.

Як зумра муҳаққиқон рушди динамикиро тавассути нигоҳи соҳибкорӣ баррасӣ карда, моҳияти ин категорияро дар қобилияти соҳибкорӣ ҷиҳати саривақт ва тадриҷан бе дигаргуниҳои ҷиддии гуногунсамт ва рукуд дар марҳалаҳои шакливазкунӣ, гузаштанро аз як марҳалаи сикли иқтисодӣ ба марҳалаи дигар шарҳ медиҳанд [9,с.92-96].

Дар доираи микроиқтисодиёт ду равиши асосии рушди динамикиро ҷудо мекунанд. Якум, ин равиши миқдорӣ, ки он одатан бо афзоиши солонаи даромади корхона (соҳибкор) беш аз 20-30% чен карда мешавад. Дуюм, сифатӣ, ки он ҳадафи ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарро аз ҳисоби тағйир додани таносуби омилҳои истеҳсолот ва истифодаи технологияҳои нав, равишҳои инноватсионӣ, дастовардҳои илмию техникӣ, беҳтар намудани шароити кор ва сифати қувваи корӣ ва дигар хусусиятҳо дар давраи дарозмуддат пешбинӣ менамояд [11,с.129-132].

Дар таҳлили макроиқтисодӣ устувории статикӣ ва динамикиро фарқ мекунанд. Ба монанди микроиқтисодиёт, дар макроиктисодиёт низ динамикаи статикӣ қобилияти дохилии барқарор гаштани иқтисодиёти миллиро дар шароити тағйирёбии начандон калон дар давраи кӯтоҳмуддат инъикос менамояд. Ин дар суръати рушди иқтисодӣ ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давраи кӯтоҳмуддат инъикос меёбад. Дар рушди динамикӣ дар ин ҷо нақши муҳимро хусусиятҳои низоми статикии баррасӣ гардида, чӣ тавр афзун кардани захираҳо, инчунин устуворӣ ба таъсири таконҳои беруна дар давраи дарозмуддат иҷро мекунанд. Ин хусусиятҳои низом манфиатҳои дарозмуддати рушди динамикии иқтисодиёти миллиро инъикос мекунанд. Чунин ҷанбаи статикӣ ва динамикӣ дар асарҳои Н.Д. Кондратев, Д.С. Вахрушев ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд [3,с.298].

Ҷанбаҳои соҳавӣ, молиявӣ, маконӣ, сохторӣ ва дигари ноил шуданро ба рушди устувор дар доираи низоми иқтисодии кушод ва дар шароити ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар асарҳои олимони ватанӣ, аз қабили Т.Н. Назаров, Н.Қ. Қаюмов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Ҳ.У. Умаров, И.Р. Иброҳимзода ва як қатор дигарон таҳқиқ карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин, ҷиҳатҳои назариявӣ ва методологии рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ, махсусан дар шароити иштирок дар иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ дар асарҳои таҳқиқотчиён ва олимони ватанӣ ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардида боқӣ мемонад.

Пажуҳиш ва маводҳои илмии нашркардаи олимони ватанӣ Л.Ҳ. Саидмуродзода ва М.Ф. Ҳакимова ба объекти баррасишавандаи ин мақола наздик мебошанд. Дар як қатор маводи ба табъ расонидаи М.Ф. Ҳакимова таваҷҷуҳ ба «ба баррасии устувории динамикии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун категорияи мустақили илми муосир дода шудааст. Сабаби асосноккунии устувории динамикӣ дар доираи рушди иқтисодии кишвар, тавре муаллиф қайд мекунад, равандҳои тағйирёбӣ ва мураккабии муносибатҳои мутақобилаи субъектҳои иқтисодӣ, механизмҳо ва омилҳое мебошанд, ки тағйироти сохторӣ ва динамикаи рушди иқтисодиро дар кишвар, инчунин афзоиши номуайянӣ ва пурзӯр шудани нақши танзими давлатии равандҳои макроиқтисодӣ ва таконҳои беруна/дохилиро дар ташаккулёбии динамика ва сохтори иқтисоди миллӣ муайян мекунанд» [10,с.154].

Дар воқеъ, Тоҷикистон то ба имрӯз ҳамоно дар баробари таконҳои беруна осебпазир аст, ки баъзан дар замони бухронҳо боис ба ноустувории иқтисодӣ ва динамикаи пасти рушди соҳаҳои алоҳида, бахусус саноат мегардад. Тавре профессор Л.Ҳ. Саидмуродзода қайд мекунад «коҳиши вазни қиёсии саноат дар сохтори арзиши умумии иловашуда, яке аз сабабҳои таъсири назарраси таконҳои беруна ба иқтисоди миллӣ гардид» [7,с.294].

Аз ин лиҳоз, «дар шароити номуайянӣ ва хавф иқтисодиёти ба назарияи рушди динамикӣ асосёфта, раванди рушди иқтисодӣ дар иқтисодиёти трансформатсионӣ ва кушод маҷмуи дигаргуниҳои пай дар пайи сифатӣ ва миқдорӣ мебошад». Дар иқтисодиёти трансформатсионӣ ва кушод таъмин ва нигоҳ доштани суръати баланди рушди иқтисодӣ дар сатҳи 7-10% ҳамчун шарти устувории низом муҳим маҳсуб меёбад [7,с.294].

Таҳқиқоти олимон Л.Ҳ. Саидмуродзода ва М.Ф. Ҳакимова нишон медиҳад, ки ба динамизми иқтисодиёти кишвар чунин шароиту омилҳои гуногун, ба монанди тағйирёбии шароити такрористеҳсол ва сохтори иқтисодӣ, шароитҳои таърихии рушд, муносибатҳои иҷтимоӣ, байналмилалишавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва ғайра таъсир мерасонад.

Ҳамин тавр, рушди системаи иқтисодӣ аз ҳисоби тафриқаи он ба вуҷуд меояд, ки ба даст овардани устувории ҳадди аксари системаро тавассути ташаккули унсурҳои иловагӣ, ба монанди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ таъмин менамояд.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ба сифати сенарияи интенсивии рушд, ноил шудан ба суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодӣ дар сатҳи 7-10% ба нақша гирифта шудааст. Ҳиссаи сармоягузории хусусӣ дар ММД 10% пешбинӣ шудааст. Дар ин давра афзоиши миёнаи солонаи маҳсулоти саноат бояд дар дараҷаи 15-17% таъмин карда шавад.

Таҳлили вазъи воқеӣ ва имкониятҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 муқарраргардида ва ҳифзи суботи макроиқтисодӣ, инчунин таъмини зиндагии шоиста ва осоиштаи сокинони кишвар аз се сенария пешбинишуда, сенарияи интенсивӣ қобили қабул аст, зеро Тоҷикистон дорои иқтидори рушди иловагӣ мебошад ва татбиқи он барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳо дар доираи ин сенария замина мегузорад [4,с.48].

Аз ин рӯ, барои дар амал татбиқ намудани сенарияи интенсивии рушд иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дастгирии рушди инфрасохтор ва дигар соҳаҳои калидӣ дар кишвар ҷанбаҳои муҳимми таъмини рушди динамикии кишвар маҳсуб меёбанд.

Дар диаграммаи 1 сохтори соҳавии иқтисодиёти Тоҷикистон дар давраи аз соли 1991 то 2022 оварда шудааст.

**Диаграммаи 1. Сохтори соҳавии иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои 1991-2022, бо % дар ММД**

**Diagram 1. Sectoral structure of the economy of Tajikistan in 1991-2022, as a percentage of GDP**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Бонки ҷаҳонӣ ва Кумитаи омори ИДМ.

Аз диаграммаи 1 маълум мешавад, ки дар соли 2022 сохтори иқтисодиёти Тоҷикистон нисбат ба соли 1991 хеле тағйир ёфтааст. Масалан, ҳиссаи саноат дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба таври зайл тағйир ёфтааст: дар соли 1991 вазни қиёсии саноат дар сохтори умумии иқтисодиёт 27%-ро ташкил дода, соли 2000 то 36,5% афзун гардидааст, дар давраи аз соли 2010 то 2018 коҳиш ёфта, ба 14-17% баробар шудааст ва дар соли 2022 бошад, ҳиссаи саноат дар иқтисодиёт то ба 23,4% дар ҳаҷми умумии ММД ба шарофати саъю кӯшиши ҳукумати мамлакат боло рафтааст.

Шуруъ аз соли 2010 инҷониб тамоюли афзоиши ҳиссаи хизматрасонӣ дар ММД мушоҳида мешавад: дар соли 2010 ҳиссаи он 50,8%, соли 2018 – 53,8% ва дар соли 2020 – 55,1%-ро ташкил дод.

Ҳаҷми сохтмон дар сохтори ММД дар соли 2000 - 2,3%, соли 2015 - 13,4%, соли 2018 - 9,7%, соли 2020 - 4,9% ташкил карда ва дар соли 2022 - 22,5% баробар шудааст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир рушди саноат сарчашмаи асосии инноватсияҳо ва пешрафти технологӣ маҳсуб ёфта, ба бунёди ҷойҳои нави корӣ, сармоягузориҳо барои беҳтар кардани шабакаҳои нақлиётӣ, системаҳои энергетикӣ, инфрасохторӣ коммуникатсионӣ, инчунин афзоиши ММД, иқтидори содиротии кишвар ва дар маҷмуъ ба баланд шудани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии кишвар мусоидат мекунад ва рушди устувору динамикии иқтисодиёти миллиро таъмин менамояд.

Афзоиши назарраси ММД дар соли 2022, тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, аз ҷониби соҳаҳои зерин таъмин карда шудааст (диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Ҳиссаи маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 аз рӯи соҳаҳо** (дар фоиз)

**Diagram 2. Share of industrial products produced in the Republic of Tajikistan in 2022 by industry (percentage)**




1. Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси Маъруза дар бораи сармоягузориҳои ҷаҳонӣ, соли 2022. Тезисҳо ва шарҳҳои асосӣ https://unctad.org/system/files/official-document/wir2022_overview_ru.pdf

Тибқи маълумоти диаграммаи 2, афзоиши бештари ММД (26,8%) аз ҳисоби саноати кӯҳӣ - истихроҷи алюминий, тилло, нуқра ва дигар канданиҳои фоиданок таъмин гардидааст. Соҳаи энергетика низ 24,7% ММД-и кишварро таъмин намуда, дар иқтисодиёти Тоҷикистон нақши муҳим дорад, зеро кишвар яке аз бузургтарин тавлидкунандаи неруи барқи обӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Рушди соҳаи энергетика дар Тоҷикистон барои рушди устувори иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад. Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистон барои навсозӣ ва тавсеаи инфрасохтори энергетикӣ фаъолона талош дорад. Ин тасдиқ менамояд, ки Ҳукумати кишвар роҳи ноил шуданро ба рушди динамикӣ ва рушди устувори иқтисодӣ, инчунин ҷалби васеи сармоягузорӣ ва татбиқи босамари онҳо интихоб кардааст. Ин ҳолат, ба фикри мо, яке аз омилҳои асосии гузариш аз мувозинати статикӣ ба динамикӣ мебошад.

Барои рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ дар шароити трансформатсия, тақвият ёфтани кушодии иқтисодиёт ва ҳамгироӣ ба равандҳои хоҷагии ҷаҳонӣ чӣ муҳим аст?

Таҳлили равишҳои асосии консептуалӣ дар омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии категорияи рушди динамикӣ моро ба шарҳи хусусиятҳои фарқкунандаи рушди босуръат ва динамикӣ мерасонад.

Чунон ки як қатор олимон кайд мекунанд, «инкишофи босуръат бо раванди рушди пай дар пай алоқаманд аст. Дар рушди динамикӣ бошад, шикастани моделҳои кӯҳнаи иқтисодӣ ба миён омада метавонанд, ки боис ба пайдоиши моделҳои нави пешрафта мегарданд ва инчунин дар он эҳтимолияти давраҳои ноустуворӣ ҷой дошта метавонад.

Рушди босуръат бо назардошти захираҳои мавҷуда ва пайдошаванда, кашфиётҳои илмӣ ва техникӣ, инноватсияҳо ва истеъдоди соҳибкорӣ асос меёбад. Рушди динамикӣ низ ба инкишофи миқдорӣ ва сифатӣ асос меёбад, аммо бо назардошти ҳамкории мутақобила бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттиҳоди соҳибкорӣ, мақомоти давлатӣ, иштирок дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва дар худ шумораи бештари унсурҳоро дар бар мегирад» [11,с.129-130].

Ба андешаи мо, унсури асосии низоми динамикӣ ниҳодҳои баландсифат ва фаъол, инчунин банақшагирии стратегӣ дар доираи ин низом мебошанд, ки барои ноил шудан ба ҳадафи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд.

Ин дар навбати худ, ҳадафи дарозмуддати стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 мебошад.

Ҳамин ҳолатро низ қайд кардан лозим аст, ки рушди динамикӣ барои васеъ намудани захираҳо ва беҳтар намудани сифати онҳо нигаронида мешавад.

Ҳамин тавр, дар доираи ин мақола ба сифати ҳадафҳои рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ дар раванди ҳамгироӣ (ки маҳз ба шароити кушод будани хусусияти трансформатсионии иқтисодиёти кишвар мувофиқат мекунад) ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин иштирок дар гурӯҳҳои ҳамгироӣ инҳоро метавон ҷудо кард.

1. Суръати устувор ва нисбатан баланди рушди иқтисодиёт аз ҳисоби саноатикунонии босуръат бо мақсади «рушди баробаршаванда» дар шароити афзоиши рақобати байналхалқӣ.

2. Коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти стратегӣ ва озуқаворӣ, инчунин аз самти ашёвӣ доштани содирот тавассути татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ ва тамоюли содиротидошта. Дар ин қарина зарур аст воситаҳои ҳимоятгароии муътадил истифода карда шавад, ки онҳо, албатта, ба манфиатҳои мамлакатҳои иштироккунандаи гурӯҳи ҳамгироӣ мувофик нестанд.

3. Тақвияти тадбирхои амалигардонии сиёсати пешгирикунанда ва баланд бардоштани устувории иқтисодиёт барои коҳиш додани таъсири омилҳои манфии беруна ба низоми иқтисоди миллӣ.

4. Ба таври васеъ ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, аз ҷумла дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ бо истифода аз афзалиятҳои махсусгардонӣ ва кооператсияи истеҳсолӣ. Захираҳои беруна барои Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръат ва коркарди ниҳоии маҳсулот, яъне ба даст овардани арзиши баланди изофашуда зарур мебошанд.

5. Дохилшавӣ ба роҳҳои ягонаи нақлиётӣ дар шароити баробар бо дигар кишварҳои иттиҳодияи ҳамгироӣ ва ташкили занҷираи ягонаи ҳамлу нақл ва логистика. Ин дар навбати худ равона кардани захираҳои калонро барои сохтмони роҳҳои нақлиётӣ дар доираи иттиҳодияи ҳамгироӣ талаб мекунад.

6. Вусъат додани савдо ва ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи интенсификатсияи тиҷорат на танҳо дар дохили гурӯҳи ҳамгироӣ, инчунин фазои ягонаи иқтисодии ба содирот нигаронидашуда.

7. Ташаккул додани ниҳодҳои фаъол ва рушдёфтаи ба баланд бардоштани иқтидор ва қудрати иттиҳодияҳои ҳамгироӣ нигаронидашуда, ки қобилияти пешгирӣ кардан аз таконҳои беруна, таҳким додании худташкилнамоии низом ва рушди мувозинро доро мебошанд.

Ин ва дигар ҳадафхо бояд дар доираи иштироки мамлакат дар гурӯҳи ҳамгироӣ, ҳамчун мақсади рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ ба даст оварда шаванд.

Алоқамандии иштироки кишвар дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ тавассути якчанд механизмҳо ва самараҳои асосӣ таъмин карда мешавад:

1. Иштирок дар сохторҳои ҳамгироии минтақавӣ (масалан, минтақаҳои савдои озод, иттиҳодияҳои гумрукӣ ва ғайра) ба ширкатҳои миллӣ имкон медиҳад, ки бозорҳои худро тавассути коҳиш додани монеаҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани дастрасӣ ба истеъмолкунандагон дар кишварҳои дигари ширкаткунанда васеъ намоянд.

2. Дар шароити ҳамгироӣ ширкатҳо маҷбур мешаванд, ки сифати маҳсулоти худро беҳтар гардонанд, ҳосилнокии меҳнатро баланд бардоранд ва инноватсияҳоро барои рақобат кардан дар бозорҳои васеъ ҷорӣ намоянд. Ин ба баланд шудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар маҷмуъ мусоидат мекунад.

3. Ҳамгироӣ ба ширкатҳои ватанӣ имкон медиҳад, ки сарфаи миқёсро аз ҳисоби истеҳсолоти нисбатан самаранок ва тақсимоти захираҳо дар дохили минтақаи васеъ кардашудаи тиҷорат истифода баранд, ки метавонад боис ба коҳиш додани хароҷот ва баланд шудани самаранокии истеҳсолот гардад.

4. Тавассути ҳавасмандгардонии воридшавии сармояҳо аз дигар кишварҳои иштирокчӣ, трансфери технологияҳо ва ноу-хау равандҳои ҳамгироии минтақавӣ метавонанд азнавсозӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиётро имконпазир гардонанд.

5. Ҳамгироӣ аксар вақт ба рушди инфрасохтори умумӣ ва робитаҳои нақлиётӣ дар минтақа боис мегардад, ки ба ҳаракати нисбатан самараноки молҳо, ашёи хом ва одамон мусоидат карда, барои беҳтар кардани шароити рушди соҳибкорӣ ва умуман иқтисодиёт меоварад.

6. Иштирок дар равандҳои ҳамгироӣ ба афзоиши содироти маҳсулот ва хизматрасониҳо ба бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат карда, на танҳо даромади ширкатҳоро афзоиш медиҳад, балки диверсификатсияи иқтисодиёт ва коҳиш додани вобастагиро аз бозорҳои ҷудогона имконпазир мегардонад.

Умуман, ҳамгироии минтақавӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ тавассути васеъ намудани дастрасӣ ба бозорҳо, ҳавасмандгардонии рақобат, воридшавии сармоягузориҳо ва азнавсозии истеҳсолот ва инфрасохтор шароити созгор фароҳам меорад.

Сарфи назар аз динамикаи мусбати рушди иқтисодиёт, як қатор мушкилоте вуҷуд доранд, ки ба рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ халал мерасонанд. Дар қатори онҳо: нокифоя будани сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, ҷой доштани номукаммалӣ дар бахши молиявии кишвар, номутавозунӣ дар бозори меҳнат ва сатҳи баланди бекорӣ дар алоқамандӣ бо он, мушкилот дар сохтмон ва барқарор намудани системаҳои ирригатсионӣ барои обёрии заминҳои хоҷагии қишлоқ, қарздиҳии нокифоя ба корхонаҳои соҳаи аграрӣ ва ғайра. Барои бартараф кардани ин мушкилот бояд роҳи "иқтисодиёти кушод" ва фаъолгардонии иштироки кишвар дар равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ идома дода шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Саидмуродова М.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Джонмамадов Ш.Б. Развитие отраслевых структур субъектов экономики Хатлонской области / Ш.Б. Джонмамадов, Х.Х. Джураева // Экономика Таджикистана. - 2023. -№2. -С.166-173.
2. Доклад о мировых инвестициях, 2022 год. Основные тезисы и обзоры. [Электронный ресурс]. URL: https://unctad.org/system/files/official-document/wir2022_overview_ru.pdf.
2. Кондратьев Н.Д. Основные проблемы экономической статики и динамики: Предварительный эскиз / Н.Д. Кондратьев. -М.: Наука, 1991. -С.298.; Вахрушев Д.С. Самоорганизация и динамическая устойчивость экономических систем: теоретико-методологические аспекты: автореф. дис. … докт. экон. наук: 08.00.01, 08.00.05 / Д.С. Вахрушев. -Кострома, 2004. -48 с.
3. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на период 2021-2025гг. -Душанбе, 2021. -С.48.
4. Савченко П. Феномен системы как способ развития российской цивилизации / П. Савченко // Общество и экономика. - 2020. -№7. -С.5.
5. Саидмуродзода Л.Х. Пространственно-отраслевой анализ структуры предпринимательства в Хатлонской области / Саидмуродзода Л.Х., Х.Х. Джураева // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2021. -№1-4-2(92). -С.112-118.
6. Саидмуродов Л.Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л.Х. Саидмуродов. -Душанбе: Дониш, 2021. -294 с.
7. Урта де Сото Х. Социально-экономическая теория динамической эффективности / Хесус Уэрта де Сото; пер. с англ. В. Кошкина; под ред. А. Куряева. -Челябинск: Социум, 2011. - xvi + 409 с. (Серия: «Австрийская школа». Вып. 6.)
8. Урумова З.С. Устойчивое и динамичное развитие горных территорий в условиях инновационного развития российской экономики / З.С. Урумова // Устойчивое развитие горных территорий. - 2013. -№2. -С.92-96.
9. Хакимова М.Ф. Динамическая устойчивость как доминирующая парадигма современного развития национальной экономики Республики Таджикистан / М.Ф. Хакимова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2021. -№3. –часть 2. -С.152-157.
10. Шумик Е.Г. Роль факторов в контексте динамичного развития предпринимательства в регионе / Е.Г. Шумик, К.В. Смицких, Б.Е. Куприянов // Карельский научный журнал. - 2018. -Т.7. -№1(22). -С.129-132.
11. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/6599 [Электронный ресурс].


## МАСОИЛИ РУШДИ ДИНАМИКИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ


Мақолаи мазкур ба таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии рушди динамикии иқтисодиёти миллӣ дар шароити иштироки кишвар дар равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ бахшида шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба ошкор намудани моҳияти дохилии мафҳуми «рушди динамикӣ» ва «системаи динамикӣ» равона гардидааст. Мафҳумҳои устувории статикӣ ва динамикиро дар макроиқтисод баррасӣ

намуда, асоснок карда шудааст, ки ҳамгирои̅ ба иқтисодиёти ҷаҳони̅ дар давраи дарозмуддат бояд барои ноил шудан ба манфиатҳо ва ҳадафҳои рушди динамикии иқтисодиёти кишвар нигаронида шавад. Дар қаринаи ин, дар мақола ҳадафҳои рушди динамикии иқтисоди милли̅ муайян карда шуда, механизму самараҳои асосии татбиқи онҳо тавассути тавсеаи дастраси̅ ба бозорҳои беруна, ҳавасмандгардонии рақобат, воридшавии сармоягузори̅ ба кишвар, инчунин, навсозии истеҳсолот ва инфрасохтор дар шароити иштироки мамлакат дар равандҳои ҳамгироии минтақави̅ нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** рушди устувор, рушди динамики̅, рушди босуръат, инфрасохтори саноат, иқтисодиёти милли̅, ҳамгироии минтақави̅.

## ПРОБЛЕМЫ ДИНАМИЧНОГО РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ В УСЛОВИЯХ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ

Статья посвящена анализу теоретических и методологических аспектов динамичного развития национальной экономики в условиях участия страны в региональных экономических интеграционных процессах. Особое внимание уделено раскрытию сущностных основ понятий "динамичное развитие" и "динамическая система". Рассматривая понятия статической и динамической стабильности в макроэкономике, доказано, что интеграция в мировую экономику в долгосрочной перспективе должна быть направлена на достижение интересов и целей динамичного развития экономики страны. В этом контексте в статье освещаются цели динамичного развития национальной экономики и показаны основные механизмы и эффекты их реализации путем расширения доступа на рынки, стимулирования конкуренции, притока инвестиций в страну, а также модернизации производства и инфраструктуры в условиях участия страны в региональных интеграционных процессах.

**Ключевые слова:** устойчивый рост, динамичный рост, опережающее развитие, инфраструктура, промышленность, национальная экономика, региональная интеграция.

## PROBLEMS OF DYNAMIC DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY IN THE CONDITIONS OF REGIONAL ECONOMIC INTEGRATION

The article is devoted to the analysis of theoretical and methodological aspects of the dynamic development of the national economy in the context of the country's participation in regional economic integration processes. Special attention is paid to the disclosure of the essential foundations of the concepts of "dynamic development" and "dynamic system". Considering the concepts of static and dynamic stability in macroeconomics, it is proved that integration into the world economy in the long term should be aimed at achieving the interests and goals of the dynamic development of the country's economy. In this context, the article highlights the goals of the dynamic development of the national economy and shows the main mechanisms and effects of their implementation by expanding market access, stimulating competition, inflow of investments into the country and modernization of production and infrastructure in the context of the country's participation in regional integration processes.

**Keywords:** sustainable growth, dynamic growth, advanced development, infrastructure, industry, national economy, regional integration.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирбобоев Раҳматуло Мадюбович*** **-** Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисоди̅, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, ш Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдаки̅, 17. Телефон: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Мирбобоев Рахматуло Мадаюбович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mirboboev Rahmatulo Madaubovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 884-29-07-00.** E-mail: **mirrah56@mail.ru**

ТДУ: 336.648 (575.3)

# БАҲОДИҲИИ ОМОРИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗИИ БАХШИ СУБЪЕКТҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР МИНТАҚАҲО

***Одинаев М.А., Давлатов Н.А., Раҷабов Т.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Низоми самарабахши иқтисодии хоҷагидории хориҷӣ тули даҳсолаҳо ташаккул ёфтааст. Имрӯзҳо раванди пайвастаи васеъ гардидани хоҷагиҳо аз ҳисоби пора шудан ва харобшавии хоҷагиҳои хурду миёна идома дорад. Истеҳсоли маҳсулотҳои калонҳаҷми кишоварзӣ дар хоҷагиҳои хурд бешубҳа бартарӣ дорад, ки ин яке аз қонунҳои асосии иқтисодиёт мебошад. Хоҷагиҳои калон аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахшанд ва аз технологияҳои муосир самаранок истифода мебаранд. Талаботи воқеии хоҷагиҳои фермерии калон ба захираҳо дар як қитъаи замин нисбат ба хоҷагиҳои фермерии хурд ду маротиба камтар аст. «Таҷриба нишон медиҳад, ки дар хоҷагиҳои калон ҳосилнокии меҳнат нисбат ба хоҷагиҳои хурди фермерӣ 1,5-2 маротиба зиёдтар ва арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда хеле кам аст. Дар ИМА, Олмон, Канада ва дигар кишварҳо он хоҷагиҳои калон ва ассотсиатсияҳо амал менамоянд, ки таъминкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд. Ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки алоқаи мутақобиларо байни онҳо ва вазъияти демографӣ тавсиф мекунад, ҳаҷми истеҳсолот, ҳаҷми маҳсулоти хоҷагии қишлок, ҳаҷми музди меҳнат, маблағгузориҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд. Тамоми нишондиҳандаҳои номбаргардида ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи минтақаҳои ҷудогона ҳисоб карда мешаванд [16]. Дар 6 соли охир, маблағи умумии дастгирии мустақим ба фермерони Иёлоти Муттаҳида беш аз 81 миллиард доллар ё дар як сол 13 миллиард долларро ташкил додааст. Мувофиқи қонуни нави кишоварзӣ, ки то соли 2011 мавриди амал қарор мегирад, танҳо пардохтҳои зиддибуҳронӣ дар як сол 35 миллиард доллар ва пардохтҳои мустақим 9,5 миллиард долларро ташкил медиҳанд, хароҷоти умумие, ки қонуни нав пешбинӣ кардааст, 182,8 миллиард долларро ташкил медиҳад, ки ин 78% (80 миллиард доллар) нисбат ба солҳои пеш зиёд аст. Маблағҳое, ки барои дастгирии давлатӣ ҷудо карда мешаванд, беш аз 2 маротиба зиёд гардиданд. Дар 8 соли оянда, даромади софи фермерон ба 4,5 миллиард доллари амрикоӣ афзоиш меёбад ва тақрибан 85%-и он тавассути дастгирии сатҳи оптималии нархҳо ба даст меояд ва боқимонда ба ҳифзи муҳити зист сармоягузорӣ карда мешаванд». Вобаста аз принсипҳои нархгузорӣ, усулҳои гуногуни муайян намудани нархро истифода мебаранд [15].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолона бо ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ, мамлакатҳои хориҷӣ, бонкҳои умумиҷаҳонӣ бо мақсади ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ баҳри амалисозии ҳадафҳои стратегии мамлакат, амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ ҳамкориҳояшро ба роҳ монда истодааст [13]. Дар бист соли охир, яъне аз соли 2001 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба маблағи беш аз 150 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки 59 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад. Дар давраи зикршуда бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба маблағи умумии беш аз 91 миллиард сомонӣ зиёда аз ҳазор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ, бахусус, дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва тандурустӣ, инчунин, энергетика, нақлиёт, обтаъминкунӣ ва дигар бахшҳо амалӣ карда шуд. Ҳоло 74 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии онҳо 40,5 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Тоҷикистон тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ дар даҳ соли охир, чор маротиба ба даҳгонаи кишварҳои пешсафи ислоҳотгари ҷаҳон дар самти пешбурди соҳибкориву сармоягузорӣ дохил гардид [4]. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ доир ба масъалаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби маблағҳои ҷудогонаи ҳукумат гузаронида мешавад. Аз ҳамин ҳисоб, маблағгузории навовариҳои илмие, ки барои татбиқи амалӣ дар ҳар як хоҷагии фермерӣ тавсия дода мешаванд, пешбинӣ мегардад. Татбиқи машваратҳои илмӣ ба фермер ҳуқуқи гирифтани қарзи имтиёзнокро медиҳад.

Дар солҳои 90-ум, дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути сармоягузории буҷетӣ, ҷудо кардани маблағҳои буҷети давлатӣ барои маблағгузории

хароҷот дар соҳаи зироаткорӣ, хоҷагии ҷангал, моҳипарварӣ, чорводорӣ ва обёрӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ ва техникӣ, инчунин, тавассути ташкили фондҳои гуногун барои мусоидат намудан барои инкишофи истеҳсолот амалӣ мегардид. Кӯшишҳои сармоягузорони ҳукумати маҳаллӣ ва хоҷагиҳои коллективии деҳот барои сармоягузорӣ ба пойгоҳҳои моддию техникии минтақавӣ равона карда шудаанд. Тибқи хисобҳои иқтисоддони чинӣ, «бо мақсади таъмин намудани афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба андозаи 4% дар як сол зарур аст, ки ҳиссаи сармоягузорӣ ба сохтмони асосии (капиталии) деҳот на камтар аз 10%-и сармоягузориҳои буҷетӣ, 25% буҷетҳои вилоятӣ бошад».

Инчунин, дар назар аст, ки дар ҳолати пурқувват намудани махсусгардонии минтақавӣ дар ҳамкории тарафайн, дар оянда рушди қувваҳои истеҳсолии вилоят пеш рафта, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд [14].

Ҳамзамон, нақши давлат ҳамчун субъекти идоракунӣ дар амри ба таври возеҳ муқаррар кардани ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти дахлдори иҷроия ва иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад [1].

Дар Англия, хоҷагиҳои деҳқонии миёна дар ҳудуди масоҳати замини мавриди истифода қарордоштаи тақрибан 70 гектар тақсим карда мешаванд. Ҳамзамон, дар ихтиёри шумораи умумии хоҷагиҳо тақрибан 405 қитъаи замин, ки аз 100 га зиёд нест, қарор дорад.

Сарфи назар аз рушди истеҳсоли маҳсулоти асосии зироат ва чорводорӣ, фермерҳои британиёӣ ҳамеша саъй мекунанд, ки пешбурди иқтисодиёти бисёрҷониба ё омӯзиши якчанд намуди фаъолиятро ба роҳ монанд. Ин ба зарурати ноил шудан ба суботи молиявӣ, гардиши ягонаи сармоя ва кам кардани хатари нокомии эҳтимолӣ ҳангоми сарукор доштан бо монополияҳо вобаста аст.

Кишоварзӣ дар Англия ва Шотландия дорои фарҳанги олии кишоварзӣ мебошад, ки дар онҳо технология дар аксари минтақаҳо бартарӣ дошта, имкон медиҳад механизми баланди равандҳо бо миқдори ками хароҷот ва истифодаи сарфакоронаи сӯзишворӣ ба роҳ монда шавад. Дар аксар ҳолатҳо деҳқонон соҳиби замини худ ҳастанд, вале онҳо мудири тиҷорати худ низ мебошанд. Зимнан, онҳо бидуни хизматрасониҳои шумораи зиёди ширкатҳо ва созмонҳои маркетингӣ ва консалтингӣ кор карда наметавонанд.

Аз тамоми маҷмуи ин гуна хизматрасониҳо ҷудо кардани идоракунии берунае, ки ширкати идоракунанда тавассути менеҷерони худ иҷро мекунад, зарур аст.

Ин усули идоракунӣ рӯз аз рӯз васеътар шуда истодааст, зеро ширкати идоракунанда ба деҳқон имкон медиҳад, ки натиҷаҳои нисбатан баландтар ва устувортар ба даст орад, гарчанде хоҷагӣ бояд то 30% фоидаи худро барои ин хизматрасонӣ пардохт намояд.

Ба ғайр аз мудирияти соф, ширкати идоракунӣ метавонад сармояи кории худро истифода барад. Дар ин ҳолат, деҳқон аксар вақт даромади муқарраркардаи шартномаро мегирад, аммо ҳатто дар ин сурат, фермер нисбат ба идоракунии мустақил ва истифодаи танҳо захираҳои худ фоида ба даст меорад.

Ягон ширкати хизматрасонӣ ё хизмартасонии машваратдиҳӣ наметавонад мушкилиҳои ворид шудан ба бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва таъминоти муассири хонаводаҳоро бо сӯзишворӣ, нуриҳо ва ғайра ҳал кунад.

Қарзи кишоварзӣ як омили таъсирбахши рушди соҳаи кишоварзӣ, тағйироти сохтории он ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Он қарздиҳии вазнин ва маблағгузории бебозгашт аст, ки дар кишварҳои саноатӣ ҳамчун роҳи асосии таъсири молиявӣ ба соҳаи кишоварзӣ эътироф карда мешавад.

Вақтҳои охир дар кишварҳои пешрафтаи саноат нисбати қарздиҳӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар марҳилаи ташаккулёбии он таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Қариб дар ҳама ҷо қоидаҳои махсуси қарздиҳӣ ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ вуҷуд доранд ва низомҳои қарздиҳӣ асосан ба муассисаҳои махсуси молиявию қарзии давлатӣ такя мекунанд.

Таҷрибаи дастгирии давлатии молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар кишварҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки новобаста аз сатҳи рушди иқтисодӣ ба бахшҳои гуногуни кишоварзӣ, кумаки молиявии калони давлатӣ ба аҳолӣ расонида мешавад, ки

ҳадафи ниҳоии он таъмин кардани аҳолӣ бо маҳсулоти дорои нархҳои қобили қабул ва то ҳадди имкон фароҳамсозии шароит барои даромаднокии муътадили истеҳсолӣ мебошад [1].

Талабот ба қарзҳои кишоварзӣ дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ хеле баланд аст ва ин имкон медиҳад, ки фоизи қарз барои қарзи ипотека тақрибан 10% нигоҳ дошта шавад. Ҳамзамон, ба бозори сармоягузорӣ рақобати шадид хос мебошад, ки ба зиёд шудани муҳлати қарз оварда мерасонад, аммо дар навбати худ, ташкилотҳои қарзӣ барои истифодаи маблағҳои қарзӣ шароити сахттарро муқаррар мекунанд [1].

Ҳоло бошад, мо таҷрибаи давлатҳои Осиёи Марказиро дар радифи дигар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон низ дида мебароем.

Дар Осиё Марказӣ аслан панҷ давлат: Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон воқеанд. Дар раванди таҳқиқот мо аз сомонаҳои расмии бонкҳои марказӣ ва дигар институтҳои давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ истифода намудем, лекин дар ҷараёни таҳқиқот дарёфти маълумотҳои омории Туркманистон ба мо муяссар нагашт (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2017-2021, млн. долл. ИМА**
**Table 1. Bank financing to the agricultural sector of Central Asian countries in 2017-2021, mln. dollar USA**

| Номи давлатҳо | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017 (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ӯзбекистон | I | 6 100,99 | 12 918,35 | 14 805,31 | 12 141,69 | 15 339,19 | **+ 151,4** |
| | II | 1 655,59 | 2 208,09 | 1 477,95 | 1 791,77 | 1 949,98 | **+ 17,8** |
| Қазоқистон | I | 38 231 | 34 075 | 36 371 | 34 758 | 42 851 | **+ 12,1** |
| | II | 2 092 | 1 275 | 667 | 557 | 788 | **- 62,3** |
| Қирғизистон | I | 1565,6 | 1821,5 | 2091,0 | 1958,2 | 2138,2 | **+ 36,6** |
| | II | 324 | 355 | 371 | 390 | 417 | **+ 28,9** |
| Тоҷикистон | I | 783,9 | 710,6 | 791,2 | 787,9 | 77,1** | **- 90,2** |
| | II | 94,4 | 81,7 | 15,9 | 67,6 | 6,5** | **- 93,2** |
| **Ҳамаи қарзҳои бонкӣ** | **I** | **46681,64** | **49525,84** | **54058,41** | **49645,90** | **60405,89** | **+ 29,4** |
| | **II** | **4 165,71** | **3 919,21** | **2 531,34** | **2 806,44** | **3 161,54** | **- 24,1** |
| **Замима: I**– ҳамагӣ;**II** – аз ҷумла, кишоварзӣ. | | | | | | | |

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки марказии Ӯзбекистон: https://cbu.uz/ru/statistics/; Сомонаи расмии Бонки миллии Қазоқистон: https://www.nationalbank.kz/ru/page/statistika; Сомонаи расмии Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон: https://www.nbkr.kg/index.jsp?lang= RUS; Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/tj/statistics /statisticalbulletin.php.
Маълумоти омории Тоҷикистон дар соли 2021 омори 9-моҳа мебошад.

Ҳаҷми умумии захираҳои ҷалбшудаи бонкӣ аз ҳисоби пасандозҳо дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2021 ба андозаи 369 916,64 млн. долл. ИМА баробар гардид. Аз ин нишондиҳанда 82,0% ба Ӯзбекистон, 17,0% ба Қазоқистон, 0,8% ба Қирғизистон ва 0,2% ба Тоҷикистон рост меояд. Таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ, бозори хизматрасонии пасандозии бонкӣ дар Ӯзбекистон ва Қазоқистон рушд намудааст (ниг. ба расми 1) [1].

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бонкҳои тиҷоратӣ қисми зиёди захираҳои худро ба воситаи пешниҳоди қарз байни субъектони иқтисодӣ тақсим мекунанд. Ҳаҷми гардиши маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2021 ба 60 405,89 млн. долл. ИМА баробар гардид. Аз ин нишондиҳанда 15 339,19 млн. долл. ИМА ё 25,4% ба Ӯзбекистон, 42 851 млн. долл. ИМА ё 70,94% ба Қазоқистон, 2138,2 млн. долл. ИМА ё 3,53% ба Қирғизистон ва 77,1 млн. долл. ИМА ё 0,13% ба Тоҷикистон рост меояд (ниг. ба ҷадвали 2) [1].

**Расми 1. Ҳиссаи захираҳои бонкӣ аз ҳисоби пасандозҳо дар давлатҳои Осиёи Марказӣ барои соли 2021 (бо %)**
**Figure 1. The share of bank reserves due to deposits in Central Asian countries for 2021 (in %)**




Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки марказии Ӯзбекистон: https://cbu.uz/ru/statistics/; Сомонаи расмии Бонки миллии Қазоқистон: https://www.nationalbank.kz/ru/page/statistika; Сомонаи расмии Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон: https://www.nbkr.kg/index.jsp?lang=RUS; Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php.

**Ҷадвали 2. Маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ барои солҳои 2017-2021 (бо млн. долл. ИМА)**
**Table 2. Bank financing for agriculture in Central Asian countries for 2017-2021 (in millions of US dollars)**

| Номи давлатҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017, (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ӯзбекистон** | 6 100,99 | 12 918,35 | 14 805,31 | 12 141,69 | 15 339,19 | **+151,4** |
| *- ба кишоварзӣ* | 1 655,59 | 2 208,09 | 1 477,95 | 1 791,77 | 1 949,98 | **+17,8** |
| **Қазоқистон** | 38 231 | 34 075 | 36 371 | 34 758 | 42 851 | **+12,1** |
| *- ба кишоварзӣ* | 2 092 | 1 275 | 667 | 557 | 788 | **-62,3** |
| **Қирғизистон** | 1565,6 | 1821,5 | 2091,0 | 1958,2 | 2138,2 | **+36,6** |
| *- ба кишоварзӣ* | 324 | 355 | 371 | 390 | 417 | **+28,9** |
| **Тоҷикистон** | 783,9 | 710,6 | 791,2 | 787,9 | 77,1** | **-90,2** |
| *- ба кишоварзӣ* | 94,4 | 81,7 | 15,9 | 67,6 | 6,5** | **-93,2** |
| **Ҳамаи қарзҳои бонкӣ** | **46 681,64** | **49 525,84** | **54 058,41** | **49 645,90** | **60 405,89** | **+29,4** |
| *- аз ҷумла, ба соҳаи кишоварзӣ* | **4 165,71** | **3 919,21** | **2 531,34** | **2 806,44** | **3 161,54** | **-24,1** |

Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки марказии Ӯзбекистон: https://cbu.uz/ru/statistics/; Сомонаи расмии Бонки миллии Қазоқистон: https://www.nationalbank.kz/ru/page/statistika; Сомонаи расмии Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон: https://www.nbkr.kg/index.jsp?lang=RUS; Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://www.nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php.
Маълумоти омории Тоҷикистон дар соли 2021 омори 9-моҳа мебошад.

Аз ҷадвали 2 бармеояд, ки дар соли 2021 дар Осиёи Марказӣ аз 60405,89 млн. долл. ИМА қарзҳои пешниҳодшуда, 3 161,54млн. долл. ИМА ё 5,2%-аш ба соҳаи кишоварзӣ тааллуқ дорад, яъне аз ҳиссагузории мазкур Ӯзбекистон 3,2%, Қазоқистон 1,8%, Қирғизистон 19,5% ва Тоҷикистон 8,4%-и қарзҳои бонкиро ба соҳаи кишоварзӣ равона намудаанд. Тамоюли рушди маблағгузориҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар умум, рӯ ба таназзул аст. Масалан, суръати рушди қарзи бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар соли 2018 ба андозаи 5,9%, соли 2019 - 39,2%, соли 2020 - 32,6% ва соли 2021 - 24,1% нисбати соли 2017 кам шуда истодааст. Таъсири ҷиддиро дар нишондиҳандаҳои тамоюли пешниҳоди қарз ба соҳаи кишоварзӣ дар байни ин давлатҳо Қазоқистон ва Тоҷикистон гузошта истодааст. Бинобар ин, аз натиҷаи ин таҳлилҳо бармеояд, ки таваҷҷуҳи низоми бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар ин ду давлат кам ба назар мерасад. Натиҷаи рӯ ба таназзулёбии ҳаҷми қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзиро дар

ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзии давлатҳои Осиёи Марказӣ дидан мумкин аст [1].

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2021 ба 38 928,9 млн. долл. ИМА баробар гардид, ки аз инҳо 20502,4 млн. долл. ИМА ё 52,7% ба Ӯзбекистон, 12745,8 млн. долл. ИМА ё 32,7% ба Қазоқистон, 2910,5 млн. долл. ИМА ё 7,5% ба Қирғизистон ва 2770,3 млн. долл. ИМА ё 7,1% ба Тоҷикистон рост меояд (ниг. ба ҷадвали 3) [2].

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2017-2021 (бо млн. долл. ИМА)**
**Table 3. The volume of production of agricultural products of Central Asian countries in 2017-2021 (in millions of US dollars)**

| Номи давлатҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021** | 2021/2017, (+/-, %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ӯзбекистон** | 19010,8 | 23394,0 | 23588,2 | 24853,2 | 20502,4 | **+7,8** |
| **Қазоқистон** | 12487,5 | 12979,3 | 13458,3 | 15121,1 | 12745,8 | **+2,1** |
| **Қирғизистон** | 3026,2 | 2971,8 | 3155,8 | 3202,0 | 2910,5 | **-3,8** |
| **Тоҷикистон** | 3064,1 | 2823,1 | 2911,9 | 3257,9 | 2770,3 | **-9,6** |
| **Ҳамагӣ** | **37588,6** | **42168,2** | **43114,2** | **46434,2** | **38928,9** | **+3,6** |

Сарчашма: Сомонаи расмии Кумитаи омори байнидавлатии давлатҳои ИДМ: http://www.cisstat.com/
Маълумотҳои омории соли 2021 омори 9-моҳа мебошанд.

Тибқи нишондоди ҷадвали 3, аз ҳамасуръати рушдёфтаи истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар Ӯзбекистон ва Қазоқистон ба назар мерасад, ки нишондиҳандаи ҳардуи ин давлатҳо дар соли 2021 таносуби 7,8% (Ӯзбекистон) ва 2,1% (Қазоқистон) нисбати соли 2017 мебошад.

Аз рӯйи тамоюли рушди захираҳои молиявии бонкҳо ва истифодаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ ба кор бурдани таҷрибаи Ӯзбекистон ва Қазоқистон барои Тоҷикистон самараи бештар дода метавонад, чунки механизми дастгирии молиявии ин ду давлат ба соҳаи кишоварзӣ назар ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ натиҷаи мусбӣ ва назаррас доранд. Бинобар ин, таҷрибаи ин ду давлатро дар самти дастгирии давлатии молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ дида мебароем.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз механизми дастгирии молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ин додани имтиёзҳои андозӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Албатта, тибқи маълумотҳои сомонаи расмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Ӯзбекистон «... дар Ӯзбекистон барои 22 соҳаи иқтисодиёт имтиёзҳои андоз пешбинӣ шудаанд, ки ин имтиёзҳо дар соҳаи кишоварзӣ низ татбиқ мегарданд. ... имтиёзҳои мазкур барои ҳамаи вилоятҳо татбиқ мегардад, ба ғайр аз шаҳри Тошкант ва вилояти Тошкант», чунки дар ин шаҳру вилоят инфрасохтори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бештар рушд намудааст. Бинобар ин, давлат ҳавасмандии молиявиро бештар ба шаҳру вилоятҳое, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзияш рӯ ба таназзул аст, таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, сармоягузоҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол афзоиш ёфта истодаанд, ки ин то андозае метавонад ба рушди босуботи иқтисодӣ оварда расонад, хусусан ба соҳаҳои ҳақиқии иқтисоди миллӣ [13].

Дар ин давлат, вобаста ба ҳаҷми ҷалби сармояи хориҷӣ ба корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ имтиёзҳои андозии мувофиқ дода шудааст. Масалан, агар ҳаҷми сармояи хориҷии ҷалбшуда ба корхона дар ҳудуди аз 0,3 млн. то 3 млн. доллари ИМА бошад, корхонаи мазкур аз супоридани андоз аз фоида, андоз аз амвол ва андози ягонаи соҳибкорӣ барои корхонаҳои хурд озод карда мешавад. Дигар имтиёзҳои андозӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар ҷадвали 4 оварда шудааст [3].

Кишоварзӣ дар Қазоқистон як бахши хурди иқтисодӣ боқӣ мондааст. Саҳми кишоварзӣ дар ММД камтар аз 10% аст, «яъне солҳои охир дар ҳудуди то 6,7% ба қайд гирифта шуда, аз маҷмуи қувваи кории истифодашуда танҳо 20% қувваи кориро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, зиёда аз 70%-и замини мамлакат дар самти зироаткорӣ ва чорводорӣ банд гардидааст».

Бузургтарин ҳосили зироати кишоварзии Қазоқистон, ин гандум аст, ки онро содирот мекунад. Қазоқистон дар истеҳсоли гандум дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол

мекунад. Ба зироатҳои дорои аҳаммияти камтар ҷав, пахта, лаблабуи қанд, офтобпараст, зағир ва шолӣ дохил мешаванд.

**Ҷадвали 4. Имтиёзҳои андозӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Table 4. Tax incentives for agriculture in the Republic of Uzbekistan**

| Ҳаҷмисармоягузорӣ | Муҳлати имтиёз | Озоднамои аз: |
|---|---|---|
| 0,3 млн – 3 млн | 3 сол | Андоз аз фоида<br>Андоз аз амвол<br>Андози ягонаи соҳибкорӣ барои корхонаҳои хурд |
| 3 млн – 10 млн | 5 сол | барои воридоти молу мулки худӣ ба корхонаҳои дорои сармояи хориҷӣ - на камтар аз 33% |
| Зиёда аз 10 млн | 7 сол | Андоз аз фоида |

Сарчашма: Сомонаи расмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Ӯзбекистон: https://www.agro.uz/ru/imtiyozlar/

Дар доираи Барномаи агробизнес 2020 Ҳукумати Қазоқистон бастаи ҳавасмандкунӣ - қоидаҳои субсидияи кӯшишҳо барои барқарорсозии ширкатҳои кишоварзиро дар моҳи апрели соли 2014 тасдиқ кард. Дар нимсолаи аввали соли 2014 барои ин мақсадҳо «ба бонкҳои сатҳи дуюм 140 миллиард тенге (770 миллион доллар)» ҷудо гардид. Муҳаққиқони ватании ин кишвар бар он ақидаанд, ки «танҳо субсидияҳои сармоя метавонад ба ҳалли мушкилоти рушди кишоварзии Қазоқистон мусоидат кунад. Ба ҷои ин, ислоҳоти густурдаи институтсионалӣ, аз қабили такмили системаи маорифи деҳот ва интиқоли қудрати сиёсӣ ба дасти тасмимгирандагони маҳаллӣ тавсия дода мешавад».

Дар соли 2021 барои татбиқи барномаи субсидияҳои сармоягузорӣ 104,4 миллиард тенге (201,6 млн. долл. ИМА) пешбинӣ гардида буд, вале иҷроиши ин лоиҳаҳо дар сатҳи маҳаллӣ 104,3 миллиард тенге (201,45 млн. долл. ИМА)-ро ташкил дод, ки ин имкон дод, то ба 24 ҳазору 189 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ субсидия дода шуда, 20 ҳазору 183 ҷойи корӣ таъсис гардад.

Рушди қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ дар ҷаҳон на танҳо ба пайдоиши ташкилотҳои маблағгузории соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуд, балки ба ташаккули низоми пурқуввате, ки суръат ва сатҳи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, банақшагирии сармоягузорӣ дар миқёси миллиро муайян менамояд, оварда расонд. Ҳамзамон, аз як тараф, нақши вазоратҳои кишоварзӣ дар кафолати пардохтҳои қарзӣ афзуда, аз ҷониби дигар, кам шудани иштирок дар қарздиҳии кишоварзии фондҳои давлатӣ ба мушоҳида расид.

Ҳамин тавр, таҷрибаи хориҷии соҳаи кишоварзӣ аз ташвиши ҳамешагии мақомоти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити иқтисодӣ ва моддию техникӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки барои аҳолии кишвар заруранд, шаҳодат медиҳад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Боҳирова Х.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Давлатов Н.А. Роҳҳои таъмини субъектҳои соҳаи кишоварзӣ бо захираҳои молиявию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. иқт: 08.00.12 / Н.А. Давлатов. -Душанбе, 2020. -196 с.
2. Давлатов Н.А. Таҳлили вазъи молиявию қарзии таъмини талаботҳои субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон / Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2021. -№4. -С.104-111.
3. Давлатов Н.А. Таҳлили хароҷотҳои буҷети давлатӣ барои соҳаҳои иҷтимоию-иқтисодии кишвар / Н.А. Давлатов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Механизмҳои молиявию қарзии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18-уми феврали соли 2022). - Душанбе, 2022. -С.81-90.
4. Иброҳимзода И.Р. Рушди низоми молиявию бонкии кишвар дар 31-соли истиқлолияти давлатӣ / Иброҳимзода И.Р., А.Б. Мирсаидов, М.А. Одинаев // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№8. -С.82-90. EDN:RTTQMA
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ». –Душанбе, 19.03.2013. -№944.
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ». Душанбе, 15.03. 2016. -№1299.
7. Мирзоев С.С. Тенденция изменения инфляционных процессов в условыях Республики Таджикистан / С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев // Материалы Республиканской научно-практической конференции «Некоторые проблемы моделирования экономических и естественных наук». - 25 мая 2018 года. -С.77-85.
8. Маҷаллаи «Молия ва ҳисобдорӣ» дар 5-соли охир.

9. Одинаев М.А. Ҷалби инвеститсия ҳамчун омили беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ / М.А. Одинаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Баъзе муаммоҳои моделсозӣ дар илмҳои иқтисодӣ ва табиӣ». -25-уми майи соли 2018. -С.45-4-52.
10. Одинаев М.А. Омӯзиши омори сармоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев, А.Ҷ. Ҳайдаров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назарявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байнанмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». –Душанбе, 2018. -С.88-94.
11. Одинаев М.А. Таҳқиқоти иқтисодии устувории рушди сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ / М.А. Одинаев, М.Н. Изатуллоев // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба «30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи «Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар даврони истиқлолият: дастовард ва дурнамо» (10.12.2021). –Ваҳдат, 2021. -С.67-76.
12. Одинаев М.А. Таҳлили омории сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев, Н.А. Давлатов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир». -Душанбе, 25 - ноябри соли 2022. -С.275-282.
13. Одинаев М.А. Таҳлили омории ҳолати сармоягузориҳои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир / М.А. Одинаев, Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№2. -С.129-137. ISSN: 2413-5151. EDN:CZSWYE
14. Одинаев М.А. Таҳлили омории соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Вилояти хатлон барои солҳои 2016-2020 / М.А. Одинаев, Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№3. -С.74-83. ISSN: 2413-5151. EDN:EBRDUN
15. Одинаев М.А. Нархгузории биржавӣ дар системаи савдои электронӣ / М.А. Одинаев, Н.А. Давлатов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи кунунӣ ва дурнамо». –Душанбе, 2023. EDN:JVCXCB.
16. Одинаев М.А. Таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. иқт: 08.00.12 / М.А. Одинаев. -Душанбе, 2020. -196 с.
17. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
18. Хушвахтзода, К.Х. Обеспечение конкурентоспособности отечественных производителей в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 3-2. – С. 77-83.
19. Хушвахтзода, К.Х. Создание регионального агропродовольственного кластера в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 2. – С. 5-12.
20. Хофизов Х.А. Институциональные аспекты страхования инвестиционного риска в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2019. -№8. -С.33-39.

## БАҲОДИҲИИ ОМОРИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗИИ БАХШИ СУБЪЕКТҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР МИНТАҚАҲО

Бояд қайд кард, ки ҳама гуна ислоҳотҳои иқтисодие, ки барои ноилгардии мақсадҳои стратегии рушди иқтисодиёт дар маҷмуъ равона карда шудаанд, дар сурати норасоии воситаҳои молиявии дохилии ҳар як мамлакатро водор месозад, то рӯ ба воситаҳои молиявии ҷалбкардашуда орад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ба сифати яке аз воситаҳои молиявии ҷалбкардашуда, метавонанд сармоягузориҳо, махсусан сармоягузориҳои хориҷӣ баромад намоянд. Сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ саҳми босазо гузошта, рушди натанҳо соҳаҳои алоҳидаи онро таъмин месозанд, балки мусоидат менамоянд, то мамлакат ба андозае рушди устувори иқтисодиро таъмин созад. Ба сифати қувваи такондиҳанди рушди иқтисодиёти миллӣ баромад намуда, сармоягузориҳои хориҷӣ инчунин дар сурати самаранок ва мақсаднок истифода нагардиданашон метавонанд муаммоҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва миллиро ба мамлакати қабулкунанда эҷод намоянд. Яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини рушд, ин сармоягузории дохилӣ ё хориҷӣ мебошад. Барои бардоштани сатҳи иқтисодиёти кишвар ва зиндагии аҳолӣ, сармояи дохилӣ ва сармояи хориҷӣ зарур аст. Аз рӯи назария сармоягузорӣ, ин маҷмуи манбаҳои иқтисодиёт, ки ба такрористеҳсоли воситаҳои асосии истеҳсолот равона карда шудаанд. Ҷараёни ҷалбнамоии сармоягузории хориҷӣ барои баромадан аз буҳрони иқтисодӣ, васеъгардонии истеҳсолот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ҳаётан зарур мебошад.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, буҷети давлатӣ, сармоягузории мустақим, қарзи давлатӣ, дотатсия, субсидия, сармоягузории ғайримустақим.

## СТАТИСТИЧЕСКАЯ ОЦЕНКА ФИНАНСОВО-КРЕДИТНЫХ РЕСУРСОВ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ СУБЪЕКТОВ РЕГИОНОВ

Следует отметить, что любые экономические реформы, направленные на достижение стратегических целей развития экономики в целом, при недостатке внутренних финансовых средств каждая страна намерена обращаться к заемным финансовым средствам. Мировой опыт показывает, что инвестиции, особенно иностранные, могут быть одним из задействованных финансовых инструментов. Иностранные инвестиции вносят значительный вклад в развитие национальной экономики и не только обеспечивают развитие отдельных отраслей, но и способствуют устойчивому экономическому развитию страны. Выступая движущей силой развития национальной экономики,

иностранные инвестиции могут также создавать экономические, политические и национальные проблемы для принимающей страны, если она не использует их эффективно и целенаправленно. Для того чтобы поднять уровень экономики страны и жизни населения, необходимы отечественный капитал и иностранный капитал. Согласно теории, инвестиции представляют собой совокупность экономических ресурсов, направленных на воспроизводство основных производственных средств. Процесс привлечения иностранных инвестиций жизненно необходим для выхода из экономического кризиса, расширения производства и повышения уровня жизни населения республики.

**Ключевые слова:** инвестиции, государственный бюджет, прямые инвестиции, государственный долг, дотация, субсидия, косвенные инвестиции.

## STATISTICAL ASSESSMENT OF FINANCIAL AND CREDIT RESOURCES OF AGRICULTURAL SUBJECTS IN THE REGIONS

It should be noted that any economic reforms aimed at achieving the strategic goals of developing the economy as a whole, with a lack of domestic financial resources, each country intends to turn to borrowed funds. World experience shows that investments, especially foreign ones, can be one of the financial instruments involved. Foreign investments make a significant contribution to the development of the national economy and not only ensure the development of individual industries, but also contribute to the sustainable economic development of the country. As a driving force in the development of the national economy, foreign investment can also create economic, political and national problems for the host country if they do not use it effectively and purposefully. In order to raise the level of the country's economy and the life of the population, domestic capital and foreign capital are needed. According to the theory, investments are a set of economic resources aimed at the reproduction of fixed production assets. The process of attracting foreign investment is vital for overcoming the economic crisis, expanding production and improving the living standards of the population of the republic.

**Keywords:** investments, state budget, direct investments, public debt, subsidies, subsidies, indirect investments.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омор. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон**: (+992) 900-17-17-59**

***Давлатов Навруз Амиршоевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru**. Телефон: **(+992) 987-54-52-53**

***Раҷабов Туймурод Бободавлатович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Radjabov.tb@mail.ru**. Телефон: **(+992) 909-00-26-68**

**Сведения об авторах:** ***Одинаев Мехрубон Абдурахмонович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**

***Давлатов Навруз Амиршоевич*** **-** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru**. Телефон: **(+992) 987-54-52-53**

***Раджабов Туймурод Бободавлатович*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Radjabov.tb@mail.ru**. Телефон: **(+992) 909-00-26-68**

**Information about the authors:** ***Odinaev Mehrubon Abdurakhmonovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Statistics. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Phone**: (+992) 900-17-17-59**

***Davlatov Navruz Amirshoevich*** **-** Tajik National University, assistant at the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Phone**: (+992) 987-54-52-53**

***Rajabov Tuymurod Bobodavlatovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Radjabov.tb@mail.ru.** Phone: (+**992) 909-00-26-68**

ТДУ: 338.24(575.3)

# РАВИШҲОИ МЕТОДИИ БАҲОГУЗОРИИ АРЗИШҲОИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИЁТ

*Искандаров Ҳ.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дигаргуниҳои муосире, ки имрӯз дар саросари ҷаҳон мушоҳида мешавад, талаботҳои навро нисбат ба системаи таҳсилоти олӣ муайян карда истодаанд. Мутахассисоне, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт омода карда мешаванд, пеш аз ҳама, бояд ба талаботҳои бозори меҳнати миллӣ ва байналмилалӣ инчунин, ба динамикаи тағйиротҳои ҷаҳонӣ ба амаломада ҷавобгӯ бошанд. Имрӯз асосҳо ва принсипҳои асосии раванди таълим мавриди тағйиротҳои ҷиддӣ қарор доранд, ки ғояи марказии он омода намудани мутахассисони баландихтисос барои ширкатҳои инноватсионии истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ, рушди неруи касбӣ ва таълимии донишҷӯён бо маълумотҳои муосири ҷаҳонӣ ва такмили ихтисоси кормандон дониста мешавад.

Талаботҳои рӯзафзуни тезтағйирёбандаи истеъмолкунандагон, дараҷаи маълумотнокии мутахассисон, мавқеи муассисаҳои таҳсилотдиҳанда ва, пеш аз ҳама, дар кадом дараҷа омода кардани мутахассисони ояндаро муайян мекунад. Нодида гирифтани аҳаммияти масъалаҳои зикргардида, ба сармояи инсонии кишвар хатари дар як ҳолати номуайянӣ (оқибатҳои беманфиат, заиф шудани рушди иқтисодиёти кишвар, паст гаштани шохиси рушди инсонӣ ва ғайраро) қарор доштанашро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, системаи муосир ва инноваисионии таҳсилот бояд бештар ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти имрӯзаи ширкатҳои баландтехнологии дохилӣ ва берунӣ нигаронида шуда, мувофиқ ба талаботҳои онҳо мутахассисони ояндаро омода намояд.

Баҳодиҳии саривақтӣ ва объективии сармояи инсонӣ метавонад роҳи ҳалли мушкилоти вуҷудоштаро аз байн бурда, роҳҳои муосири расидан ба ҳадафҳои гузошташударо таъмин намояд ва барои роҳбарон дар идоракунандагони муассисаҳои таълимӣ равишҳои навини иловагии замонавӣ гардад. Дар асоси хусусияти номбурдашуда, як қатор меъёрҳо ё принсипҳои асосиро метавон риоя намуд, ки раванди дурустар арзёбии сармояи инсониро дар муассисаҳо таъмин менамояд:

- объективият - дар раванди баҳодиҳӣ субъективият ва ғаразнокӣ нисбат ба объекти таҳқиқотшаванда бояд истисно карда шавад;
- конструктивӣ - ҳар як қарори баровардашуда, дар бораи рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ бояд асоснок ва бо далелҳои шайъӣ тасдиқ карда шавад;
- риояи меъёрҳо - тартиби арзёбии сармояи инсонӣ аз рӯйи як модели ягона, ки пешакӣ барои ҳамаи распандентҳо муайянбуда, гузаронидани шуда, натиҷаи он таҳия ва татбиқ карда шавад;
- махфият - натиҷаҳои арзёбӣ набояд дастраси умум бошад;
- мақсаднокӣ - дурустӣ, пуррагӣ ва эътимоднокии маълумоти гирифташуда бояд таъмин карда шавад.

Риояи ин меъёрҳои номбурдашуда, боиси дуруст баҳогузории сармояи инсонӣ гашта, барои қабули қарорҳои идоракунии ояндаи ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ мегардад. Бахусус дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ таваҷҷуҳнамоӣ ва риояи ин меъёрҳо ҳангоми баҳогузории сармояи инсонӣ бисёр ба манфиати фаъолият хоҳад буд, чунки ягона элементе, ки бузургии сармояи инсониро нишон медиҳад, ин дониш, таҷриба ва ихтисосмандии инсон дониста мешавад ва ин дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба даст оварда мешавад.

Системаи арзёбии сармояи инсонӣ як раванди мураккаб ва бисёрсатҳа дониста мешавад, бинобар ин, он бояд то ҳадди имкон объективӣ ва шаффоф бошад. Муқаррар намудани таърифҳои сармояи инсонӣ мувофиқ ба нишондиҳандаҳои арзишӣ ё сифатӣ (дар расми 1 оварда шудааст), ки онҳоро ҳамчун меъёри инъикоскунандаи ҳадафҳои ниҳоии оъекти истеҳсолӣ қабул кардан мумкин аст, нақши муҳим мебозад.

**Расми 1. Нишондиҳнадаҳои сармояи инсонӣ ва паҳлуҳои арзишӣ ва сифатии он**
**Figure 1. Indicators of human capital and its value and quality aspects**




Аз сабаби гуногун будани усулҳои баҳодиҳӣ дар адабиёти иқтисодии муосир онҳоро одатан ба панҷ гурӯҳ ҷудо мекунанд, ки мо онро дар шакли ҷадвал бо чунин шакл овардаем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Равишҳои муосири методологии баҳогузории сармояи инсонӣ**
**Table 1. Modern methodological approaches to the assessment of human capital**

| Равишҳои методологӣ | Муаллиф (он) | Вижагиҳо |
|---|---|---|
| Ҷамъи арзишҳо | Добринин А.И., Дятлов С.А., Критский М.М., Критон М.М. ва дигарон | Дар ин равиши методологӣ сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар шакли маҷмуавӣ сурат гирифта, дар вақти ҳисоб ҳама паҳлуҳои он ба ҳисоб гирифта мешавад. |
| Даромад аз сармояи инсонӣ | И.Фишер, Журавлев М.В., Сменов И.Н. ва дигарон | Ин равиши методологӣ баҳогузории арзиши сармояи инсониро аз рӯйи даромаднокии сармояи инсонӣ ба ҳисоб мегирад. |
| Хароҷот ба сармояи инсонӣ | Ҷ. Кендрик, Т. Шултс, К.Н. Чигоряев ва дигарон. | Ин равиши методологӣ баҳогузории арзиши сармояи инсониро аз рӯйи хараҷотнамоии сармояи инсонӣ ба ҳисоб мегирад. |
| Нишондиҳандаҳои ягона | Бонки Ҷаҳонӣ, Ҷоргенсон Д.В., Фраумени Б.М. ва дигарон | Имкон медиҳад, ки баҳодиҳии сармояи инсониро аз рӯйи сарвати миллӣ берун намудани сармояи ҷисмонӣ ва табиӣ муайян намоем. |
| Нишондиҳандаҳои интегралӣ | Шохиси рушди инсонии СММ, | Хароҷот ва самаранокии сармояи инсониро дар якҷоягӣ тавсиф мекунад. |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Оид ба мавзуи сармояи инсонӣ ба хусус дараҷаи маълумотгирию маълумотнокии инсон то ба имрӯз методҳо ва методологияҳои маъмултарини арзёбии сармояи инсонӣ, ки аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд. Вале таҳлилҳо нишон дод, ки сарфи назар аз шумораи зиёди равишҳо ба арзёбии сармояи инсонӣ, то ҳол равиши ягонаи муайянкунандаи ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ, ки аз ҷониби умум қабулшуда бошад, таҳия нашудааст.

Методологияи арзёбии самаранокии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар сатҳи донишгоҳ асосан ба принсипҳои идоракунии сармоягузориҳо (давлатӣ, хусусӣ, омехта ва ғайра) ба сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт бо истифода аз маҷмуи муайяни нишондиҳандаҳое, ки равандҳои ташаккулро тавсиф мекунанд, асос ёфтаанд.

Дар адабиёти илмӣ таркиб ва ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ бо равишҳои гуногуни методологӣ пешниҳод шудаанд. Олимони иқтисодон А.И. Добринин, С.А. Дятлов, В.А. Коннов ва С.А. Курганский исбот мекунад, ки аз миқдори умумии маблағгузориҳо ба сармояи инсонӣ маблағҳои асосӣ ба саломатӣ ва дониш (маориф) ба ҳисоб меравад [3]. Саломатии хуб, дараҷаи пасти беморӣ, шароити хуби зиндагӣ довомнокии фаъолияти меҳнатии инсонро дароз мекунад. Илова бар ин, дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ фарсудашавии табиии сармояи инсонӣ ба амал меояд ва сармоягузорӣ ба саломатӣ ва дониши инсон ин равандро аз байн мебарад. Такмили ихтисос, бозомӯзӣ

ва гирифтани донишҳои муосири замонавӣ дар ҷои кор захираи дониши кормандро зиёд намуда, сифат ва дараҷанокии сармояи инсониро афзун мегардонад. Дар аксари мақолаҳои илмии олимони хориҷӣ, эътироф ва нақши назарраси сармоягузорӣ дар низоми маориф ва тандурустӣ низ дастгирӣ ёфтааст. Илова бар ин, сармоягузориҳо барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ, инноватсионӣ ва соҳибкории шахс аҳаммияти назаррасе дар рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ дошта, ҳам ҷанбаи маълумотнокӣ ва ҳам саломатии инсонро хуб мегардонад.

Таҳлили пешниҳодҳо оид ба арзёбии хароҷоти такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар таҳқикоти олимони иқтисодон С.А. Дятлов низ қайд гардидааст. Мувофиқ ба ақидаи ин олим «моделҳои арзёбии сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ бо шабеҳи арзёбии сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузориҳо ба ҷисми инсон ташаккул меёбанд» [4]. С.А. Дятлов дар таҳқиқоти худ як қатор усулҳою омилҳои ислоҳиро ҷорӣ мекунад, ки пурра қобилияти инсонро фаро мегиранд.

Усули боэътимодтар ва дақиқтари арзёбии сармоягузорӣ ба фаъолияти эҷодии сармояи инсониро М.М. Критский пешниҳод намудааст. Методи пешниҳоднамудаи ин олим нишон медиҳад, ки давраи сармоягузорӣ инҳоянд: синни томактабӣ - 7 сол, мактаби миёна - 11 сол, таҳсилоти касбӣ-тахассусӣ дар донишкадаю донишгоҳо аз 4 то 6 сол [10]. Вай хароҷоти миёнаи солонаи ташкили сармояи инсониро бо нархҳои базавӣ муайян карда, қайд намудааст, ки вобаста ба болоравии нархҳо, хароҷотҳо низ барои рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ дигаргун мешавад.

Аммо ин хароҷоти сармоягузорӣ танҳо як ҷанбаи асосиро ифода мекунад, ки омодагии сармояи инсониро ба фаъолият инъикос мекунад. Дар раванди бозгашт сармояи инсонӣ фарсуда мешавад, донишҳо кухна мешавад, қобилиятҳо гум мешаванд, аз ин рӯ, такмил додани он муҳим аст, ки яке аз талаботҳои иқтисоди муосир дониста шуда, бо рушди фаъолияти инноватсионӣ алоқаманд мебошад.

Олими иқтисоддон М.М. Критон консепсияи мукаммалтари молиягузориро дар шакли умумӣ ба ҷамъ кардан ва инкишофу рушд додани сармояи инсонӣ медонад. Ин олим баъди таҳқиқотҳои зиёди илмӣ ба хулосае меояд, ки барои муайян кардани арзиш ва ҳаҷми ҳама он маблағгузориҳое, ки ба сармояи инсонӣ гузошта шудааст, бо чунин роҳ ҳисоб карданашон мумкин аст [9]:

$$I = Ia + Iuc + Ip + Inom + Io, \quad (1)$$

ки дар ин ҷо: *Ia* – сармояи инсонии пешпардохтшуда;

*Iuc* – сармояи инсонии истифодашуда;

*Ip* – сармояи инсонии амалигардида;

*Inom* – иқтидори сармояи инсонӣ;

*Io* – сармояи инсонии боқимонда.

Аз ин бармеояд, ки аз рӯйи равиши методологии ҷамъи арзишҳо, сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ва дар як ҳолати хуб нигоҳ доштани саломатии инсонро дар бар гирифта, дар маҷмуъ рушди сармояи инсониро дар бар мегирад. Дар шакли умум ин равиши методологӣ аз қисматҳои зерини хароҷотҳо иборат мебошад:

– хароҷоти таълим ва нигоҳдории саломатии инсонҳо то синни қобили меҳнат;

– хароҷоти таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ;

– хароҷоти таълими истеҳсолӣ, такмили ихтисос, бозомӯзии касбӣ ва барқароркунии саломатӣ;

– хароҷот барои дарёфти иттилооти иловагии фаъолияти касбӣ;

– хароҷотҳои дигаре, ки дар фаъолияти инсонҳо дида мешавад.

Яке аз методҳои маъмултарини арзёбии сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари даромад аз сармояи инсонӣ, аз ҷониби олими иқтисоддон И. Фишер пешниҳод шудааст. Ба ақидаи И. Фишер «истифодабарии сармояи инсонӣ гирифтани фоизеро мемонад, ки пешакӣ сармоягузорӣ карда шудааст» [14]. Ба ақидаи ин олим сармояи гузошташуда, маблағи тахфифшудаи даромади оянда дониста мешавад ва барои ҳисоб кардани арзиши он формулаи зеринро пешниҳод менамояд:

$$Dc = Dt / (1 + i)t, \quad (2)$$

ки дар ин ҷо: Dc – бузургии даромад дар шароити ҳозира;

Dt – бузургии даромад дар оянда;

i – фоизи ҷорӣ дар шароити ҳозира;

t – вақт, сол.

Дар маҷмуъ Dc маблағест, ки барои t сол бо меъёри фоизии i сармоягузорӣ карда шуда, арзиши Dt меафзояд.

М.В. Журавлев усули асосии арзёбии самаранокии сармоягузорӣ ё самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ (лоиҳаи саҳми инвеститсионӣ ба сармояи инсонӣ)-ро баҳодиҳии дисконтшудаи гардиши маблағҳо медонад [5].

Чун қоида, ҳангоми арзёбии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мисоли сармояи инсонии донишгоҳҳо, самаранокии арзёбии лоиҳа тавассути таносуби самараи иқтисодии сармоягузорӣ ба ҳаҷми хароҷоти сармоявӣ, ки ба сармояи инсонӣ гузошта мешавад, муайян карда мешавад. Яъне хароҷот нисбат ба фоидаи ба даст омада муқоиса карда мешавад. Дар ҳолати натиҷа мусбӣ будан, сармоягузорӣ самаранок дониста мешавад. И.Н. Сменов «лоиҳаи рушди сармоягузориҳо ба сармояи инсонии донишгоҳҳоро дар рушди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва инноватсионии муосир, ки бо донишҳои нав асос ёфтааст маънидод менамояд, натиҷа додани онро дар ихтирои маҳсулоти нави муосир медонад» [12].

Мақсад аз арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сармояи инсонӣ муайян кардани самараи иқтисодии сармоягузорӣ ва сатҳи рушди фаъолияти инноватсионии донишгоҳ дар асоси сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ барои асосноккунии қарорҳои идоракунӣ мебошад.

Объекти арзёбӣ лоиҳаи сармоягузорӣ дар рушди сармояи инсонии ҳам як корманди алоҳида ва ҳам дар маҷмуъ донишгоҳ дониста мешавад.

Воситаҳои методии баҳодиҳии сармоягузорӣ ба сармояи инсонии донишгоҳ ва рушди фаъолияти инноватсионӣ дар асоси донишҳои нав бо дарназардошти технологияҳои иқтисоди инноватсионӣ ба ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат мекунанд:

- рушди фаъолияти инноватсионии донишгоҳ дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои арзёбӣ ва таҳияи чораҳо бахри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта;
- ба даст овардани маълумоти объективӣ дар бораи фаъолияти функсионалии кадрҳо, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, қобилиятҳои эҳтимолӣ, дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳои зарурӣ, инчунин, пешгӯии фаъолияти минбаъдаи инноватсионӣ;
- ташхиси ташкили равандҳои инноватсионии бизнес ва равандҳои сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, таҳияи тадбирҳо оид ба бартараф намудани мушкилотҳои мавҷуда;
–ислоҳот ба шакл ва самтҳои фаъолияти инноватсионии донишгоҳ оид ба ҳифз, истифода ва рушди сармояи инсонӣ.

Т. Шултс дар корҳои илмии худ асоснок менамояд, ки сармояи инсониро бо ёрии хароҷоти давлат ва худи шахсони алоҳида барои нигаҳдории тандурустӣ, маориф ва хароҷоти меҳнати шунавандагон барои такмили тахассус баҳо додан мумкин аст [18].

Асоси усулҳои муосири баҳодиҳии сармояи инсониро дар таҳқиқотҳои Ҷ. Кендрик мушоҳида намудан мумкин аст, ки камбудиҳои коркарди методологии Т. Шултсро ба назар гирифта онро пурра намудааст. Ҷ. Кендрик дар асарҳои худ баҳодиҳии сармояи инсониро дар асоси «усули инвентаризатсияи доимӣ»-и хароҷот барои таҳсили шахсони алоҳида дар давоми сол ва мансубияти онҳо ба аҳолӣ аз рӯйи гурӯҳҳои синну соли муайян пешниҳод кардааст [7]. Формулаи пешниҳоднамудаи Т. Шултс чунин шаклро дорад:

$$\text{ЧК} = \sum_{i=1}^{n} TCi/Ni, \quad (3)$$

ки дар ин ҷо: $TCi$ – хароҷоти умумии солонаи таҳсилот;

$Ni$ – категорияҳои синну соли аҳолӣ.

Дар баробари ин методҳои пешниҳодшуда, методологияи пешниҳоднамудаи муҳаққиқ К.Н. Чигоряев яке аз методҳое мебошад, ки тамоми хароҷотҳои сарфашударо барои рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ муайян намуда, самаранокии натиҷаҳои бадастомадаро муайян менамояд. Мувофиқ ба ақидаи К.Н. Чигоряев «арзиши сармояи инсониро аз рӯйи ҷамъи хароҷотҳои сарфакардашуда ва самаранокии меҳнати бадастомада дидан мумкин аст» [15]. Хароҷоти сармояи инсонӣ бо назардошти омилҳои вазнкунӣ ба 3 гурӯҳ тақсим мешаванд: хароҷот барои сармояи зеҳнӣ; хароҷоти сармояи тиббӣ (нигоҳдории тиббӣ); фонди музди мехнат.

$$\text{ЧК} = \sum_{i=1}^{n} \text{К1х}T\text{Сик} + \text{К2хТСко} + \text{К3хТСфот}, \quad (4)$$

ки дар ин ҷо: *К – коэффитсиентҳои аҳаммиятӣ;*

*ТСик – нишондиҳандаи хароҷот ба сармояи зеҳнӣ;*

*ТСко – нишондиҳандаи хароҷот ба сармояи саломатӣ;*

*ТСфот – нишондиҳандаи хароҷот ба музди меҳнат.*

Дар методологияи баҳодиҳии сармояи инсонӣ, ки К.Н. Чигоряев ғайр аз нишондиҳандаҳои боло нишондиҳандаҳои зеринро низ меомузад:

- хароҷоти бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси корманд дар объекти истеҳсолӣ ва берун аз он;
- хароҷоти ғизо, беҳтар намудани шароити зисти корманд;
- хароҷоти ҳаракати кормандон.

Равиши методологии дигаре, ки баҳодиҳии сармояи инсонии инфиродии кормандро арзёбӣ мекунад, ин моделест, ки дар Донишгоҳи Мичиган таҳия шудааст. Тибқи ин модел арзиши як корманди инфиродӣ аз рӯйи ҳаҷми хизматҳое, ки ӯ ҳангоми иҷрои вазифаҳои меҳнатиаш дар ташкилоти мазкур фурӯхтааст, муайян карда мешавад, яъне ин арзиши шартии пешбинишудаи корманд мебошад, ки дар маҷмуъ ҳама чизро дар бар мегирад. Он аз рӯйи эҳтимолияти кор кардани корманд дар ташкилоти додашуда ва дарк кардани қобилиятҳои меҳнатии худ дар он муайян карда мешавад [15]. Гипотезаи техникии он чунин муайян карда мешавад:

$$РСР = УСР \times Р(Т), \quad (5)$$

$$Р(У) = 1 - Р(Т), \quad (6)$$

$$ИТК = РСР \times Р(У), \quad (7)$$

ки дар ин ҷо: *УСР – арзиши пешбинишудаи шартии корманд;*

*РС – арзиши пешбинишудаи амалишавандаи корманд;*

*Р(Т) – эҳтимолияти кор кардани корманд дар як муддати муайян дар ташкилот;*

*Р(У) – эҳтимолияти аз кор ихроҷ шудани корманд;*

*ИТК – хароҷоти имконпазири ҷойивазкунии кодҳо.*

Аз рӯйи методи мазкур бештар ҷанбаи амалии фаъолияти кормандон муайян карда мешавад, чунки ин ба манфиати ширкатҳо дониста мешавад ва ин метавонад ба рушд ва инкишофёбии равишҳои инноватсионии корхона мусоидат намояд.

Олими иқтисоддон, дорандаи ҷоизаи Нобел Г. Беккер, ки яке аз муҳаққиқон дар ин бахш дониста мешавад, барои арзёбии арзиши инфиродии сармояи инсонӣ таҳқиқотҳои зиёди илмӣ намудааст ва чунин методро барои муайян намудани арзиши сармояи инсониро вобаста ба синну сол пешниҳод кардааст [1]:

$$СЧКа = \sum_{i=1}^{n}(ФОТ - 1)\,(1 - i)^{-t}, \quad (8)$$

ки дар ин ҷо: *СЧКа* – арзиши сармояи инсонии корманд вобаста ба синну сол, *а* сол;

*ФОТ* – фонди музди меҳнат;

*С* – музди меҳнати корманд;

*n* – синну соли қатъшавии фаъолияти меҳнатӣ;

*i* – меъёри тахфиф.

Сарфи назар аз он, ки усули баҳодиҳии арзиши инфиродӣ дар шумораи зиёди корҳои назариявӣ истифода мешавад, он чандон татбиқи амалӣ надорад. Ба гуфтаи олими иқтисоддон И.В. Соболева, «ин усул ба назар намегирад, ки кадом хароҷот ба сармоягузории сармояи инсонӣ ва кадомаш ба хароҷоти истеъмолӣ баҳри таҷдиди қувваи корӣ дахл дорад» [13].

Ҳангоми арзёбии арзиши сармояи инсонии ташкилот ё минтақа, мо мебинем, ки дар сатҳҳои арзёбӣ маҳдудиятҳои муайян мавҷуданд, ки фарқияти вазифаҳои таҳқиқотӣ ва таҳияи воситаҳои мушаххаси арзёбиро талаб мекунанд. Мувофиқи ақидаи олимони иқтисодон А.В. Комарова ва О.В. Пешков, онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст [8]:

– таҳлил ва арзёбии сармояи инсонии кишвар, минтақа, ташкилот;

– дурнамои рушди сармояи инсонӣ;

– арзёбии самаранокӣ ва натиҷаҳои истифодаи сармояи инсонӣ.

Тибқи равиши методологии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба муайяннамоии арзиши сармояи инсонӣ, тамоми сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ дар шакли хароҷот барои соҳаи

тандурустӣ, маориф, таълими технологӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунанд, пешниҳод карда мешаванд.

Олимон Д.В. Ҷоргенсон ва Б.М. Фраумени ин равиши методологии Бонки Ҷаҳониро дастгирӣ намуда, чунин мешуморанд, ки «афзоиши сармояи инсонӣ ҳосилнокии меҳнати кормандро зиёд мекунад ва на танҳо баҳри пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, балки барои пешрафти дигар фаъолиятҳо низ таъсири худро мерасонад» [17]. Муаллифони мазкур арзиши сармояи инсониро дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баҳо дода, арзиши ғайрибозории онро аз рӯйи параметрҳои вақт (одам/соат) ҳангоми машғул шудан ба ин гуна фаъолият, бо назардошти вақти омӯзиши ӯ ҳисоб кардаанд.

Инчунин, Бонки Ҷаҳонӣ истифодаи усули тахфифшударо барои арзёбии арзиши сармояи инсонӣ пешниҳод кард, ки бо фарқияти байни сарвати миллии кишвар ва ифодаи арзиши сармояи ҷисмонӣ ва табиӣ муайян карда мешавад [2]. Дар аксари кишварҳо он нисф ё бештар аз сарвати миллии мавҷударо ташкил медиҳад. Онро дар шакли формула чунин нишон додан мумкин аст:

$$СИ=СМ\text{-}СҶ \text{ ва } Т, \quad (9)$$

ки дар ин ҷо: СМ – сарвати миллии кишвар;

СҶ ва Т - сармояи ҷисмонӣ ва табиии кишвар.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX аз ҷониби коршиносони Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид барои муайян намудани арзиши сармояи инсонӣ шохиси рушди инсонро истифода бурданд, ки дар асоси он консепсияи рушди инсон муайян карда шуд. Дар ин консепсия рушди фард тавассути афзоиши имкониятҳои ӯ барои интихоби таҳсилоти эҳтимолӣ, даромади оянда ва зиёд шудани давомнокии умр сурат мегирад. Дар ин консепсия рушди инсон ҳамчун ҳадаф қарор дода шуда, ҳамчун меъёр тамоми пешрафти иҷтимоиёти ҷомеа пешниҳод карда мешавад. Дар консепсияи мазкур инчунин, инъикос ёфтааст, ки «барои фароҳам овардани шароит, баҳри зиндагии шоиста ва дар як сатҳи хуб зиндагӣ кардани одам даромади доимии калон лозим нест» [16].

Мувофиқи ақидаи О.В. Лосева «байни мафҳумҳои рушди инсон ва шохиси рушди инсон фарқияти куллӣ вуҷуд надорад - онҳо захираи потенсиалии дониш ва саломатиро бидуни ба назар гирифтани иштироки инсон дар фаъолияти иқтисодӣ арзёбӣ мекунанд, ки дар он объекти асосӣ арзёбии неруи инсонӣ дониста мешавад, ки дар раванди иштирок дар ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ ба сармояи инсонӣ табдил меёбад» [11].

Аз ҳама он методҳои овардашуда, методе, ки сатҳи маълумотнокии сармояи инсониро пуратар арзёбӣ менамояд, методи олими амрикоӣ Ҷ. Кендрик дониста мешавад. Методи пешниҳонамудаи Ҷ. Кендрик яке аз роҳҳои содатарини баҳодиҳии сармояи инсонӣ, бахусус бахши маълумотнокии он, ба ҳисоб гирифтани вақти барои омӯзиш гузаронидашуда, ченкунии сармояҳои гузоштташуда ба сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари маълумотгирӣ дар солҳои баҳо доданро дар назар дорад. Қисмати таҳсилоти сармояи инсонӣ, ба ҷуз аз таҳсилоти расмӣ, инчунин: таҳсилоти ғайрирасмӣ (худомӯзӣ, васоити ахбори омма, муассисаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ ва ғайра), маълумотнокии оилавӣ ва дигар инфрасохторҳоеро дар бар мегирад, ки шахс таълиму тарбия мегирад. Мувофиқи ақидаи ин олим «Ҳар қадаре вақти пурарзиши инсон барои таҳсил сарф шавад, ҳамон қадар сатҳи маълумот баланд шуда, сармояи инсонии ӯ ҳамон қадар зиёд мешавад» [7]. Ин олим барои дурусттар муайян намудани арзиши сармояи инсонӣ таҳсилоти инсонро ба давраҳои таҳлилшаванда ҷудо намудааст (масалан, таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ).

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт маҷмуи донишҳои муосир, қобилият, малака ва таҷрибаи андӯхташуда муайян менамояд, ки дар маҷмуи салоҳияти касбӣ, таҳсилоти доимӣ, зеҳнияти воло, фарҳангнокӣ ва тандурустии бардавоми инсонҳо ифода ёфтаанд. Инсон дар фаъолияти меҳнатии худ зеҳният, малака ва истеъдоди худро истифода намуда, кӯшиш менамояд, ки зиндагиашро то дараҷае хуб гузаронад. Ин талаботи табии ҳар як инсон буда, омодагии ҳаматарафаи моро бо дарназардошти талаботи имрӯзаи ҷомеа иникос менамояд. Системаи таҳсилоти олии касбӣ як ҷузъи асосии сармояи инсонӣ ба ҳисоб рафта, дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос аст:

- сармояи инсонӣ дар як низом – низоми таълиму тарбия ташаккул ва инкишоф меёбад;

- номутавозунӣ ва нобаробарӣ дар рушди сармояи инсонӣ, асосан дар ҷузъи сармояи зеҳнии инсон;

- нисбат ба дигар захираҳои иқтисодӣ доим такмилталаб будани сармояи инсонӣ;

- самаранок истифода шудани сармояи инсонӣ аз ҳавасманд будани соҳиби он, яъне инсон вобаста аст;

- ягона сармояест, ки аз соҳибаш ҷудо намешавад, танҳо натиҷаи он истифода мешавад.

Тағйироти ҷидии инноватсионии фазои таълимӣ дигаргуншавии моҳият ва мазмуни таҳсилоти олии касбиро дигаргун намуда, сохторҳои ташкил, идоракунӣ ва азхуднамоии донишҳои муосири замонавиро бо механизмҳои ҷадиди фаъолияти иқтисодӣ муайян мекунад. Ҳамзамон, шаклҳои муосири ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолотро дар якҷоягӣ дар системаи таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳанд.

Баназаргирии талаботи бозори меҳнат, ба мо нишон медиҳад, ки сармояи инсониро ҳамчун асоси рушд ва инкишофёбии иқтисодӣ дар асоси равишҳои зерин омӯзем.

1. Зарурати омода намудани мутахассисони дорои дараҷаи баланди сармояи инсонӣ, ки дар худи ҷомеа чи дар дохил ва берун аз он бошад. Барои чунин мутахассис омода кардан, пеш аз ҳама, талаботи бозори меҳнатӣ дохилӣ ва берунӣ ҳатман бояд ба инобат гирифта шуда, ояндабинӣ карда шавад, чунки агар ин талабот ба инобат гирифта нашавад, мутахассиси омодаменамудаи мо қариб, ки ба ҳеҷ кас лозим намешавад.

2. Зарурати нигоҳ доштани анъанаҳои мувафақи таҳсилоти олии касбӣ ва эҳтиром ба неруи мавҷудаи илмӣ, таълимӣ ва зеҳние, ки сармояи инсониро тавлид, такмил ва густариш мебахшанд. Дар ин ҷо сухан дар бораи элитаи илмӣ, эҷодӣ ва зеҳнӣ меравад, ки аз ҷониби донишмандони донишгоҳҳои бонуфуз тавлид мешаванд. Эҳтиромгузорӣ ба дониш ва донишмандони миллӣ, яъне сармояи инсонӣ боиси аз насл ба насл рушд ва инкишоф ёфтани такрористеҳсолшавии ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ мегардад.

3. Сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии ширкатҳо ва соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ дониста шуда, муаррифгари илму дониш ва аз ҳама муҳим, ба ҳайси даромади миллӣ баромад мекунад.

4. Сармояи инсонӣ ҳамчун манбаи асосии даромаднокии аҳолӣ дониста шуда, таъминкунандаи талаботҳои инсонӣ дониста мешавад. Сармояи инсонӣ ҳарчи қадар дараҷаи баландро соҳиб шавад, қонеънамоии талаботҳои инсонӣ ҳамон қадар хуб мешавад. Яъне, маълумотнокии инсон боиси болоравии сатҳи хуби зиндагӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, мушкилоти рушди сармояи инсонӣ тавассути воситаҳо ва имкониятҳои системаи муосири таълим, ки иқтидори он ба донишҷӯён таъсири мақсаднок ва мунтазамро таъмин мекунад, такмил дода мешавад. Ин тавассути навовариҳо дар раванди таълим ва таҳқиқоти донишгоҳҳои муосир бо мақсади ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ ва ташаккули як қатор сифатҳои инноватсионии он нигаронида шуда, ба даст оварда мешавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Ҳодиев Д.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Беккер Г. Человеческий капитал. Воздействие на заработки инвестиций в человеческий капитал / Г. Беккер // США: ЭПИ. – 1993. -№11.
2. Всемирный экономический форум. [Электронный ресурс]. URL: http://www.weforum.org/issues/global-competitiveness (дата обращения: 05.10.2023).
3. Производительные силы человека: структура и формы проявления / А.И. Добрынин, С.А. Дятлов, В.А. Коннов, С.А. Курганский. -СПб.: Изд-во СПб. ГУЭФ, 1993. -163 с.
4. Дятлов С.А. Основы теории человеческого капитала / С.А. Дятлов. -СПб.: Изд-во Санкт-Петербург. ун-та экономики и финансов, 1994. -160 с.
5. Журавлев М.В. Управление человеческим капиталом в интересах инновационного развития: новый подход к определению / М.В. Журавлев // Теория и практика общественного развития. – 2011. -№2. -С.285-290.
6. Искандаров Ҳ.Ҳ. Ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонии ташкилотҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт / Ҳ.Ҳ. Искандаров // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2024. -№2. -С.202-209.
7. Кендрик Дж. Совокупный капитал США и его формирование / Д. Кендрик. –М.: Прогресс, 1978. -275 с.

8. Комарова А.В. Оценка вклада человеческого капитала в экономический рост регионов России (на основе модели Мэнкью-Ромера-Уэйла) / А.В. Комарова, О.В. Пешков // Вестник НГУ. Серия социально-экономические науки. – 2007. -Т. 7. -Вып. 3.
9. Критский М.М. Развитие человеческого капитала / М.М. Критский. -М.: Кнорус, 2014. -314 с.
10. Критский М.М. Человеческий капитал в информационной рыночной экономике / М.М. Критский // Человеческий капитал в условиях современной трансформации экономики: сб. науч. тр. -СПб.: СПбГИЭУ, 2000. -С.6-46.
11. Лосева О.В. Оценка состояния и динамики развития человеческого капитала региона на основе индексного анализа / О.В. Лосева // Социально-экономическая и финансовая политика России в процессе перехода на инновационный путь развития: материалы междунар. научно-практич. конф. -М.: Изд-во ВЗФЭИ, 2008. -226 с.
12. Семенов И.Н. Творчество и человеческий капитал: рефлексивно-психологические аспекты взаимодействия и развития / И.Н. Семенов // Мир психологии. – 2010. -№2. -С.3.
13. Соболева И.В. Парадоксы измерения человеческого капитала / И.В. Соболева // Научный доклад. -М.: Институт экономики РАН, 2009. -50 с.
14. Фишер С. Экономическая теория / С. Фишер, Р. Дорнбуш, Р. Шмалензи. -М.: Юнити, 2002.
15. Чигоряев К.Н. Оценка стоимости человеческого капитала на основе произведенных затрат / К.Н. Чигоряев // Известия ТПУ. – 2008. -№6.
16. Human Development Statistical Tables. [Electronic resource]. URL: http://hdr.undp.org/en/data (accessed 06.11.2023).
17. Jorgenson D.W. The Output of the Education Sector / D.W. Jorgenson, B.M. Fraumeni // Output Measurement in the Services Sector, Studies in Income and Wealch / ed. by Z. Griliches. -Chicago: University of Chicago Press, 1992. -Vol. 55. -P.303-341.
18. Schultz T. Investment in human capital: the Role of education and of research. –Los Angeles: Free Press, 1971. -272 p.

## РАВИШҲОИ МЕТОДИИ БАҲОГУЗОРИИ АРЗИШҲОИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба равишҳои методии баҳогузории арзишҳои сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт маълумотҳои зарурииеро ҷамъоварӣ намуда, назарияҳои олимони соҳаро нисбати методҳои баҳогузории арзишии сармояи инсонӣ пешниҳод намудааст. Мувофиқи ақидаи муаллиф баҳодиҳии саривақтӣ ва объективии сармояи инсонӣ метавонад роҳи ҳалли мушкилоти вуҷудоштаро аз байн барад ва роҳҳои муосири расидан ба ҳадафҳои гузошташударо таъмин намояд ва барои роҳбарон дар идоракунандагони муассисаҳои таълимӣ равишҳои навини иловагии замонавӣ гардад. Дар асоси хусусияти номбурдашуда, як қатор меъёрҳо ё принсипҳои асосиро метавон риоя намуд, ки раванди дурусттар арзёбии сармояи инсониро дар муассисаҳо таъмин менамояд: объективият - дар раванди баҳодиҳӣ субъективият ва ғаразнокӣ нисбат ба объекти таҳқиқотшаванда бояд истисно карда шавад; конструктивӣ - ҳар як қарори баровардашуда дар бораи рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ, бояд асоснок ва бо далелҳои шайъӣ тасдиқ карда шавад; риояи меъёрҳо - тартиби арзёбии сармояи инсонӣ аз рӯйи як модели ягона, ки пешаки барои ҳамаи распандентҳо муайян буда, гузаронидани шуда, натиҷаи он таҳия ва татбиқ карда шавад; махфият - натиҷаҳои арзёбӣ набояд дастраси умум бошад; мақсаднокӣ - дурустӣ, пуррагӣ ва эътимоднокии маълумоти гирифташуда бояд таъмин карда шавад. Дар охир муаллиф қайд менамояд, ки баназаргирии талаботи бозори меҳнат, нишон медиҳад, сармояи инсониро ҳамчун асоси рушд ва инкишофёбии иқтисодӣ бояд донист ва зарурати омода намудани мутахассисони дорои дараҷаи баланди сармояи инсонӣ, ки дар хурди ҷомеа чи дар дохил ва берун аз он бошад ва инчунин, зарурати нигоҳ доштани анъанаҳои муваффақи таҳсилоти олии касбӣ ва эҳтиром ба неруи мавҷудаи илмӣ, таълимӣ ва зеҳние, ки сармояи инсониро тавлид, такмил ва густариш мебахшанд.

**Калидвожаҳо:** сармояи ионсонӣ, равишҳои методии баҳогузорӣ, арзиши сармояи инсонӣ, маълумотнокӣ, сармояи зеҳнӣ, неруи инсонӣ, иқтисодиёт, меҳнат, бозори меҳнат.

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ОЦЕНКЕ СТОИМОСТИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В СОВРЕМЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

В данной статье автор собрал необходимые данные о методах оценки стоимости человеческого капитала в современных экономических условиях, а также представил теории ученых в данной области относительно методов оценки стоимости человеческого капитала. По мнению автора, своевременная и объективная оценка человеческого капитала способна исключить решение существующих проблем, обеспечить современные пути достижения поставленных целей и стать новыми и современными подходами для руководителей образовательных учреждений. На основании указанных характеристик можно соблюдать ряд основных критериев или принципов, обеспечивающих более корректный процесс оценки человеческого капитала в учреждениях: объективность - в процессе оценки должны быть исключены субъективность и предвзятость в отношении исследуемого объекта; конструктивный – каждое принятое решение по развитию и развитию человеческого капитала должно быть обосновано и подтверждено вещественными доказательствами; соответствие нормам – проводится процедура оценки человеческого капитала по единой модели, которая заранее определена для всех респондентов, разрабатываются и внедряются ее результаты; конфиденциальность – результаты оценки не должны быть общедоступными; целенаправленность – должна быть обеспечена правильность, полнота и достоверность полученных данных. В заключение автор отмечает, что анализ потребностей рынка труда показывает, что человеческий капитал следует рассматривать как основу экономического формирования и развития, а также необходимость подготовки специалистов с высоким уровнем человеческого капитала как внутри общества, так и

за его пределами, а также необходимость сохранения успешных традиций высшего профессионального образования и уважения к существующим научным, образовательным и интеллектуальным силам, генерирующим, совершенствующим и расширяющим человеческий капитал.

**Ключевые слова:** человеческий капитал, методические подходы к оценке, стоимость человеческого капитала, образование, интеллектуальный капитал, человеческая сила, экономика, труд, рынок труда.

## METHODOLOGICAL APPROACHES FOR ESTIMATING THE VALUES OF HUMAN CAPITAL IN CURRENT ECONOMIC CONDITIONS

In this article, the author has collected the necessary data on the methods of estimating the value of human capital in today's economic conditions, and presented the theories of scientists in the field regarding the methods of estimating the value of human capital. According to the author's opinion, a timely and objective evaluation of human capital can eliminate the solution to existing problems, provide modern ways to achieve the set goals, and become new and modern approaches for managers of educational institutions. Based on the mentioned characteristics, a number of basic criteria or principles can be observed, which ensures a more correct process of evaluating human capital in institutions: objectivity - in the evaluation process, subjectivity and bias towards the object under study should be excluded; constructive - every decision made on the development and development of human capital must be justified and confirmed by physical evidence; compliance with norms - the procedure for evaluating human capital according to a single model, which is determined in advance for all respondents, is carried out, and its results are developed and implemented; confidentiality - evaluation results should not be publicly available; purposefulness - correctness, completeness and reliability of the received data should be ensured. In the end, the author notes that the analysis of labor market requirements shows that human capital should be considered as the basis of economic development and development, and the need to prepare specialists with a high level of human capital, both inside and outside the society, as well as the need to preserve the successful traditions of higher professional education and respect for the existing scientific, educational and intellectual forces that generate, improve and expand human capital.

**Keywords:** human capital, methodical approaches to evaluation, value of human capital, education, intellectual capital, human power, economy, labor, labor market.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Искандаров Ҳофиз Ҳакимович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Искандаров Хофиз Хакимович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-28-60-05.** E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**

**Information about author:** ***Iskandarov Khofiz Khakimovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Human Resource Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 17. Phone: **(+992) 988-28-60-05**. E-mail: **hofiz.iskandarov@mail.ru**

ТДУ: 336.581

# ОМИЛҲОИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ

*Аҳмади Зоҳидҷон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳӣ аз имконияти воқеие, ки бо шароити табиию ҷуғрофӣ ва манзараҳои нотакрор, мавҷудияти ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ муайян мегарданд, ба таври назаррас ақиб мондааст. Раванди истифодаи самараноки иқтидори сайёҳии мамлакатро як қатор душвориҳо ва мушкилоти ҳалталаби дорои хусусияти ташкилӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, илмию техникӣ, истеҳсолӣ ва молиявӣ халалдор мекунанд. Имрӯз истифодаи имкониятҳои захиравии мамлакат барои рушди соҳаи сайёҳӣ нокифоя аст, ки сабаби асосии онро мутахассисон ва коршиносон рушди сусти инфрасохтори сайёҳӣ ном мебаранд [9; 10]. Нишонаҳои муҳимми тасдиққунандаи ҳолати номуътадили инфрасохтори сайёҳӣ аз ҷумла инҳо мебошанд: сатҳи нокифояи маҷмааҳои меҳмонхонаҳо ва дигар иншооти ҷойгиркунонии сайёҳон, сатҳи нисбатан сусти хизматрасониҳои нақлиётӣ ба сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ (нисбат ба меъёрҳои ҷаҳонӣ), ҳолати ғайриқаноатбахши шумораи зиёди объектҳое, ки сайёҳон ҳангоми ташриф овардан ба иншооти сайёҳӣ ва ҳангоми дар роҳ будан аз онҳо истифода мебаранд (аз ҷумла, ташнобҳо ва ҳоҷатхонаҳои сароҳӣ).

Бинобар ин, рушди босуботи соҳаи сайёҳӣ бе ҳалли мушкилоти инфрасохтори он ғайриимкон аст. Ҳалли масъалаи мазкур захираҳои молиявии зиёд, аз ҷумла таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузориро талаб мекунад. Ҳамин тариқ, унсури таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, дар раванди ташаккул ва рушди сайёҳии рақобатпазир ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Тавре таҷрибаи хориҷӣ, инчунин таҷрибаи солҳои охири Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, давлат сармоягузориҳои хусусиро дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷиро тавассути таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак, хариди иншооти инфрасохтор ва дигар амволи ғайриманқул аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ҳавасманд мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорон маҷмуи имтиёзҳо ва афзалиятҳоро муқаррар мекунад. Ба онҳо тадбирҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла сода кардани расмиёти раводид, пешниҳоди қарзҳои дастрас, шароити имтиёзнок барои истифодаи замин ва захираҳои табиӣ, имтиёзҳои андоз, таътилҳои андозӣ ва дигар кафолатҳо барои сармоягузорон мансуб мебошанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари кафолатҳо ва тадбирҳои умумии ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон ва дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ кафолат ва тадбирҳои иловагии ҳимоя ва дастгирии сармоягузориро муқаррар кардааст. Аз ҷумла, тибқи муқаррароти моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» [15] ин гуна кафолатҳо ва тадбирҳо ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ҳаҷми умумии маблағгузории онҳо на кам аз маблағи муродифи панҷ миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ҷорӣ карда мешаванд. Кафолат ва тадбирҳои иловагии мазкур дар доираи созишнома ва шартномаҳои дахлдор дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» [14], «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» [16], «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» [17], «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» [18] ва дигар санадҳои меъёрию қонунгузорӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои машваратӣ оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ фаъолият мекунад, ки дар он масъалаҳои муҳимтарини муколаммаи байни давлат ва бахши хусусӣ вобаста ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат, инчунин масъалаҳои бо рушди сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ алоқаманд низ баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, дар ҷаласаи шуро аз 18 декабри соли 2013 таҳти №1С/12.2-8 муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои

сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ баргузор гардида, оид ба масъалаҳои мубрами рушди инфрасохтори сайёҳӣ қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Тадбирҳои минбаъд дар доираи иҷрои қарорҳои мазкур дар мамлакат роҳандозӣ шуда, ба рушди сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат карданд.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, қайд карда шудааст, ки дар мамлакат заминаҳои қонунгузорӣ вобаста ба танзими фаъолияти сайёҳӣ такмил ёфта, инфрасохтори сайёҳӣ ва шароит барои хизматрасонӣ ба сайёҳони дохилию хориҷӣ беҳтар шуда истодааст [1]. Дар доираи иҷрои Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (нақшаи чорабиниҳо барои давраи солҳои 2019-2022), тадбирҳои зиёде, ки самтҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ, чун беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо дар фурудгоҳҳо, додани раводид ва бақайдгирии сайёҳони хориҷӣ, иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар минтақаҳои мамлакат ва дигар масъалаҳои зарурии сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳиро фаро мегиранд, роҳандозӣ шудаанд. Ба хотири рушди соҳаи сайёҳӣ, хусусан инфрасохтори он бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин маврид, вобаста ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ роҳандозӣ намудани чунин тадбирҳо зарур шуморида мешавад:

- ташкили сохтмони иншооти нав ва таҷдиди иншооти мавҷудаи муассисаҳои хӯроки умумӣ, обтаъминкунӣ ва беҳдошт, иншооти нақлиётӣ ва логистикӣ, муассисаҳои фарҳангию варзишӣ, иншооти намоишии сайёҳон;
- дастгирии ташкили инфрасохтори сайёҳии роҳ дар шаҳрҳои калон, иншооти намоишии сайёҳӣ, марказҳои сайёҳӣ ва фароғатӣ (роҳҳо, ишораҳо ва аломатҳо, роҳравҳо, марказҳои санитарию гигиенӣ);
- таъмини барқарорсозии инфрасохтори муҳандисию коммуникатсионӣ дар марказҳои сайёҳӣ, иншоот ва хатсайрҳо.

Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд тадбирҳоро вобаста ба пешниҳод намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ба корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ роҳандозӣ намудааст. Аз ҷумла, субъектҳои иқтисодии дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда тибқи муқаррароти банди 7, қисми 2, моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давоми панҷ сол аз санаи бақайдгирии давлатии худ, дар сурати доштани иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ аз супоридани андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ озод карда шудаанд [11]; инчунин тибқи муқаррароти сархати 8, қисми 4, моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридоти таҷҳизоту техника, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи дигар барои таъмини эҳтиёҷоти иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва иншооти дигари сайёҳӣ), ба истиснои молҳои дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда аз супоридани андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудаанд. Воридоти мазкур ҳамчунин, тибқи муқаррароти қисми 13, моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз супоридани боҷи гумрукӣ низ озод аст [12].

Бояд зикр кард, ки имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат мекунанд, вале онҳо ба ҷалб ва истифодаи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дахолат намекунанд. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои рушди воқеии инфрасохтори сайёҳӣ тадбирҳое зарур мебошанд, ки ба дастгирии молиявии рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат кунанд. Ба андешаи мо, яке аз тадбирҳои зарурӣ ҷорӣ намудани имтиёзҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла барои иштироки бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ дар сармояи субъектҳои иқтисодӣ, инчунин, пешниҳоди имтиёзҳои қарзӣ, ки метавонанд дар доираи ҳам маблағгузории буҷетӣ ва ҳам маблағгузории бонкӣ роҳандозӣ шаванд, мебошад.

Маълумоти омори сармоягузории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он, аз ҷумла дар самти маблағгузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ тавассути иштирок дар сармояи оинномавии субъектҳои иқтисодии дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он фаъолияткунанда, тамоман саҳм намегузоранд. Барои тақвият бахшидани гуфтаҳои худ маълумотро дар бораи сармоягузориҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корхонаҳо ва ташкилотҳо пешниҳод мекунем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Саҳми бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сармояи субъектҳои иқтисодӣ, ба ҳолати 30 июни соли 2023**
**Table 1. Contribution of banks of the Republic of Tajikistan to the capital of economic entities, as of June 30, 2023**

| Бонк | Субъектҳое, ки саҳми бонк дар сармояи онҳо зиёда аз 25% мебошад | Ҳиссаи бонк дар сармояи субъектҳои иқтисодӣ, % | Соҳаи фаъолияти корхона ё ташкилот |
|---|---|---|---|
| ҶСК «Ориёнбонк» | ҶДММ «Ориён-Лизинг» | 100 | Лизинг |
| КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| ҶСК «Бонки эсхата» | ҶДММ «Эсхата Лизинг» | 100 | Лизинг |
| ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| ҶСП «Бонки Рушди Тоҷикистон» | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш. Душанбе | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| ҶСП «Халиқ Бонк Тоҷикистон» | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | ҶДММ «ДС суғурта» | 70 | Суғурта |
| ҶСК «Тавҳидбонк» | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| ҶСП «Спитамен Бонк» | Сармоягузорӣ надорад | - | - |
| ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | ҶСП Ташкилоти иҷораи молиявии хурди «Стандарт-иҷора» | 100 | Лизинг |
| | ҶСП «Халик Бонк Тоҷикистон» | 100 | Фаъолияти бонки |
| | ҶДММ «Суғуртаи асри 21» | 100 | Суғурта |
| | ҶСП «Маркази Технологияҳои Муосир» | 25 | Протсессинг |
| ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» | ҶСП «Маркази Технологияҳои Муосир» | 25 | Протсессинг |
| КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | Сармоягузорӣ надорад | - | - |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [20]

Аз ҷадвали 1 ба назар мерасад, ки бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар самтҳои лизинг ва суғурта фаъолияти сармоягузориро тавассути иштирок дар сармояи субъектҳои иқтисодӣ анҷом медиҳанд.

Самти дигари дастгирии бонкии фаъолияти сармоягузорӣ пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, яъне қарзҳо бо фоизҳои паст ба корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Вале омори қарзҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки дар мамлакат низоми қарзҳои имтиёзнок барои ягон соҳаи афзалиятнок, аз ҷумла барои субъектҳои иқтисодии дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он фаъолияткунанда вуҷуд надорад, меъёрҳои фоизҳои қарзҳои пешниҳодшаванда баланд мебошанд, ки барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат намекунанд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Меъёри фоизҳои қарз дар соли 2023**
**Table 2. Loan interest rate in 2023**

| | янв. | фев. | мар. | апр. | май | июн | июл | авг. | сен. | окт. | ноя. | дек. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳо бо пули миллӣ | 22,33 | 22,71 | 22,93 | 23,13 | 23,29 | 23,10 | 23,23 | 23,22 | 23,27 | 23,35 | 23,29 | |
| Қарзҳо бо асъори хориҷӣ | 12,78 | 11,83 | 11,98 | 12,30 | 12,21 | 12,18 | 12,09 | 12,05 | 12,00 | 11,98 | 11,94 | |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [4,с.71]

Тавре аз ҷадвали 2 дида мешавад, меъёри миёнаи фоизҳо дар соли 2023 барои қарзҳо бо пули миллӣ 23,07% ва барои қарзҳо бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА) 12,12%-ро ташкил додааст. Меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ, ки бо асъори хориҷӣ дода мешаванд,

нисбатан паст аст, лекин бо сабаби сатҳи баланди таваррум на ҳама субъектҳои иқтисодӣ барои гирифтани қарз бо асъори хориҷӣ ҷуръат мекунанд. Инчунин, маблағи қарзҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ бо асъори хориҷӣ медиҳанд, аксаран маҳдуд аст. Тибқи маълумоти омори бонкӣ, субъектҳои иқтисодии дар инфрасохтори сайёҳӣ фаъолияткунанда барои гирифтани қарзҳои бонкӣ муроҷиат намекунанд, ки албатта, сабаби асосии ин баланд будани фоизи қарз аст. Аз ин рӯ, дар омори қарзҳои бонкҳо, ки ба субъектҳои соҳаҳои иқтисодиёт пешниҳод карда шудаанд, ҳиссаи маблағҳои қарзҳои ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он додашуда нишон дода намешавад.

Дар шароити муосир рушди инфрасохтори сайёҳӣ бо ҷустуҷӯ ва дарёфти манбаъҳо, роҳҳо ва усулҳои нави маблағгузорӣ ҳамбастагӣ дорад. Дар ин маврид, барои оқилона ва ба таври муносиб ба роҳ мондани маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ хусусиятҳои фаъолияти ҳар як иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ба инобат гирифта шуда, арзёбӣ карда мешаванд, дурнамои рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар асоси татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ муайян карда мешавад. Корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ барои гирифтани фоида тавассути қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти мизоҷон – аҳолии маҳаллӣ ва сайёҳони хориҷӣ ба саёҳат, сайру тамошо, пешниҳоди намудҳои гуногуни хизматрасонии сайёҳӣ, табобатию солимгардонӣ, фароғатию варзишӣ ва фарҳангӣ, будубош, хӯрок, нақлиёт фаъолият мекунанд. Рушди инфрасохтори сайёҳӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ таъсир расонида, тавассути он ба рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва вазъи умумии иҷтимоию иқтисодии мамлакат таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, дар умум, соҳаи сайёҳӣ якҷоя бо инфрасохтори худ ба фаъолияти наздики 50 соҳаҳои бо ҳам алоқаманд таъсир расонида, дар онҳо ҷойҳои нави корӣ фароҳам меорад. Ба ҳисоби миёна, як сайёҳ тақрибан 10 нафарро бо ҷойи кор таъмин мекунад. Ташкили як ҷойи корӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ бо корхонаҳои инфрасохтори он нисбат ба соҳаи саноат 20 маротиба арзонтар аст [19,с.9].

Дар чунин шароит омили муҳимми рушди инфрасохтори сайёҳӣ, фаъолияти сармоягузорӣ бо роҳи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таъминоти молиявии онҳо ба хотири беҳгардонии шароити хизматрасонӣ ба сайёҳон ва таҷдиди пойгоҳи моддию техникии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ мебошад. Бо назардошти ин, ошкор кардан ва таҳлили омилҳои асосӣ, ки ба воруди сармоягузориҳо ба инфрасохтори сайёҳӣ тавассути татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва барномаҳои ҳадафноки давлатӣ таъсир мерасонанд ва ба беҳсозии ҳам фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳам фаъолияти иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат мекунанд, масъалаи мубрам аст.

Воқеияти иқтисодии имрӯза, ки дар афзоиши бошиддати аҳаммияти омили маблағгузорӣ дар амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дар инфрасохтори сайёҳӣ дар мамлакат ифода меёбад, шарти муҳимтарин ва ҳатмии татбиқи онро ҳамчун муайян намудани эҳтиёҷоти аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ муқаррар мекунад. Бинобар ин, таҳлил ва ҷамъбасткунии таъминоти захиравии дахлдор ва маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дар ин асос таҳия намудани тавсияҳои методӣ ва дастурҳои амалии дахлдор, муайян кардани равишҳо ба беҳгардонии фазои сармоягузорӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ бо назардошти вазъи имрӯза ва пешомадҳои рушди он дар мамлакат вазифаҳои аввалиндараҷа барои рушди муносиби инфрасохтори сайёҳӣ мебошанд.

Равандҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, пеш аз ҳама, муайян кардани иншооти сармоягузорӣ ва лоиҳаи сармоягузории дахлдор, интихоби манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузориро дар корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ пешбинӣ менамоянд. Ҳангоми таҳия ва ташаккули сиёсати сармоягузорӣ дар мамлакат диққати махсус бояд ба ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ равона карда шавад. Ба мусоидии фазои сармоягузорӣ дар мамлакат, омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки онҳоро сармоягузор бояд ба инобат гирад. Дар ин маврид, фазои сармоягузорӣ на чун вазифаи махсуси ҳукумати мамлакат, балки ҳамчун натиҷаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии пешгирифтаи ҳукумат баррасӣ карда мешавад.

Тавре муҳаққиқи украинӣ М.М. Скопен [22,с.279] қайд мекунад, Бонки Ҷаҳонӣ омилҳоеро муайян кардааст, ки ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсир мерасонанд: суст иҷро шудани конунҳо; фасод; пули миллии

ноустувор; дигаргуниҳои бошиддат дар соҳаҳои иҷтимоӣ, вазъи равандҳои сиёсӣ, мунокишаҳои ҳарбӣ. Ҳамчунин, пандемияи ковид-19 собит кард, ки вазъи эпидемологӣ низ яке аз омилҳое мебошад, ки ба маблағгузорӣ дар тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонад, вале таъсири он аз ҷумла дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ манфӣ мебошад.

Фазои сармоягузорӣ аз иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузорӣ вобастагии назаррас дорад. Он бо нишондиҳандаҳои ҳам миқдорӣ (захираҳои табиию рекреатсионӣ дар мамлакат, вазъи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, сатҳи кордонӣ ва тахассуси кормандон ва ғайра) ва ҳам сифатӣ (сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат, суботи сиёсӣ, пойгоҳи қонунгузорӣ ва сатҳи иҷрои он ва ғайра) тавсиф дода мешавад. Вобаста ба ин, муҳаққиқон [2; 13; 21] чунин омилҳои ба фазои сармоягузорӣ таъсиррасонро муайян мекунанд: суботи сиёсӣ; пойгоҳи қонунгузорӣ ва сатҳи риояи меъёрҳои қонунҳо, ки ба фаъолияти пурраи сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунад, ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон, махсусан сармоягузорони хориҷиро ҳифз мекунад, ба ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат мекунад; сатҳи рушди бозори сармоягузорӣ ва инфрасохтори он; мавҷудияти захираҳои худии сармоягузорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ; сатҳи фасод ва расмиётпарастӣ (бюрократия) дар фаъолияти сармоягузорӣ; рақобатпазирии корхонаҳои ватании соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он, пойгоҳи моддию техникии онҳо, ки бояд ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад; низоми андозбандӣ; қобилияти ташкилотҳои сохтмонии мамлакат, ки маҷмааҳои меҳмонхонаҳо ва дигар иншооти инфрасохтори сайёҳиро месозанд, маводу таҷҳизот барои ширкатҳои сайёҳӣ истеҳсол мекунанд.

Фазои сармоягузорӣ аз иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузорӣ вобаста аст. Он ҳам бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ (вазъи инфрасохтори сайёҳӣ, сатҳи тахассуси кормандони корхонаҳои сайёҳӣ ва инфрасохтори он) ва ҳам бо нишондиҳандаҳои сифатӣ (сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, суботи сиёсӣ ва ғайра) тавсиф мешавад. Ташкили фазои мусоид ва устувори сармоягузорӣ дар мамлакат барои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ шарти зарурии коҳиш додани хавфҳо, махсусан хавфҳои молиявӣ мебошад, ки дар навбати худ ба самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсир мерасонад.

Таҳияи механизми самарабахши фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, боиси фароҳам овардани шароити мусоид барои табдили пасандозҳо ба захираҳои сармоягузорӣ, инчунин фаъолгардии ҷалби манбаъҳои берунии сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ мегардад. Дар баробари ин, афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо, ки ба иншооти муҳимми инфрасохтори сайёҳӣ равона карда мешаванд, дар навбати худ, барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки танҳо омода намудани фазои мусоиди сармоягузорӣ бе таъсиси пойгоҳи техникии муносиб барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ натиҷаҳои самарабахш намедиҳад. Бинобар ин, таъсис ва таҷдиди пойгоҳи техникии рушди сайёҳӣ, ки унсури муҳимтарини инфрасохтори он маҳсуб меёбад, истифодаи маблағҳои назарраси сармояро талаб мекунад. Дар ин маврид масъалаҳои ошкор кардан ва таҳқиқи манбаъҳои маблағгузорӣ, ки метавонанд барои ҳадафҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ истифода шаванд, мубрамии хосса пайдо мекунанд.

Гузаронидани таҳқиқоти дахлдори таҳлилӣ бидуни таҳияи равишҳои асосии методологӣ барои таҳлили ҳамаҷонибаи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, ки барои муайян кардани ҷанбаҳои асосии таҳқиқоти таҳлилии дахлдор имкон медиҳад, имконнопазир аст. Бинобар ин, мо кӯшиш менамоем, ки самтҳои асосии истифодабарии манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро дар инфрасохтори сайёҳӣ ва омилҳои мусоидаткунандаи рушди инфрасохтори сайёҳиро таҳлил ва арзёбӣ намоем.

Ба андешаи мо, таҳлили манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бояд ба таври амудӣ гузаронида шавад: аз таҳқиқи иқтидори макроиқтисодии мамлакат барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ то шаклҳои мушаххаси захираҳои сармоягузорӣ, ки метавонанд барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ

истифода шаванд. Ғайр аз ин, ҳангоми таҳияи равишҳои методӣ, бояд чунин самтҳои ҳадафноки таҳлили манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инобат гирифта шаванд [3,с.75]:

- таҳлили умумии таркиби манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ – ҳама манбаъҳои аз ҷиҳати назариявӣ мавҷудаи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- таҳлили манбаъҳои имконпазири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ – ҳиссаи таркиби умумии манбаъҳои маблағгузорӣ, ки воқеан метавонанд барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ истифода шаванд (аз ҷумла, манбаъҳои воқеан истифодашаванда ва ҳам манбаъҳое, ки бо сабабҳои субъективӣ истифода намешаванд);
- таҳлили манбаъҳои маблағгузории воқеан истифодашавандаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ.

Чунин таҳлили бонизоми манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки доираи умумии онҳо муайян ва ҳудудҳои воқеъбинонаи иқтидори мавҷудаи онҳо (ҳам истифодашаванда ва ҳам истифоданашаванда) муқаррар карда шавад. Ғайр аз ин, ошкор кардан, таҳлил ва муқоисакунии ҳиссаҳои истифодашаванда ва истифоданашавандаи иқтидори захиравии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба таҳияи механизми амалисозӣ ва рушди ҳиссаи истифоданашавандаи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард.

Албатта, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ки омили муҳимтарини рушди умумии соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат мебошад, метавонад иқтидори захиравии манбаъҳои маблағгузориро истифода барад. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар мамлакат татбиқи 188 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодию иҷтимоии мамлакат идома дорад, ки аз ин шумора танҳо ду лоиҳа ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он марбут аст: «Рушди иқтисодиёти деҳот» (бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ – 15,7 млн. доллари ИМА) ва «Рушди сайёҳӣ» (бо маблағгузории БОР – 10 млн. доллари ИМА ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 млн. доллари ИМА) [23].

Дар доираи татбиқи лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушди Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ 15,7 млн. доллари ИМА маблағ гирифтааст, ки барои беҳгардонии манбаъҳои даромад ва зиндагии аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Хатлон тавассути рушди соҳаҳои сайёҳӣ ва агробизнес сафарбар карда мешаванд. Лоиҳа аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (гурӯҳи ҳамоҳангсози лоиҳа) татбиқ карда мешавад.

Дар асоси таҳқиқоти худ, мо, муқаррар кардем, ки муҳаққиқони самти таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба масъалаи омӯзиш ва таҳлили омилҳои ба рушди манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасон диққати зарурӣ ҷудо намекунанд, ки ин раванди ҳамкориҳои мунтазами ҳамаи субъектҳои манфиатдори татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро душвор мегардонад. Дар натиҷа, ҷалби маблағҳои сармоягузорон ба иншооти инфрасохтори сайёҳӣ коҳиш мeёбад, ки ин ба рушди самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ монеъ мешавад. Дар баробари ин, мавҷуд набудани рӯйхати ҳамаҷониба ва пурраи омилҳое, ки ба рушди сармоягузориҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсир мерасонанд, барои менеҷерон ва масъулони лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар омода кардани иттилооти саривақтӣ ва боэътимод барои сармоягузорони хусусӣ, аз ҷумла сармоягузорони хориҷӣ мушкилот эҷод мекунад. Бинобар ин, мо рӯйхати омилҳои асосии ба рушди манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасонро тартиб дода, сатҳи таъсири ҳар як омилро муайян мекунем (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасон**
**Table 3. Factors affecting the development of financing of investment projects in tourism infrastructure**

| Омил | Тавсифи мухтасари таъсир | Дараҷаи таъсир |
|---|---|---|
| Хавфи сармоягузорӣ | Сармоягузорон паёмадҳои маблағгузории худро ҳамаҷониба таҳлил ва арзёбӣ мекунанд. Дар ин маврид онҳо бештар ба мавҷудияти хавфҳои сармоягузорӣ аҳаммият медиҳанд. | Баланд |
| Сатҳи таваррум | Таваррум ба сатҳи даромаднокии сармоягузориҳо дар давраи тулонӣ таъсир мерасонад. Вале сатҳи баланди даромаднокии корхона таъсири таваррумро метавонад ҷуброн кунад. | Миёна |
| Иқтидори захиравии сармоягузорӣ | Омили аз ҳама муҳимми ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсиррасон, ки, пеш аз ҳама, таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузориро муайян мекунад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ ташаккул меёбад. | Баланд |
| Вазъи роҳҳои нақлиётӣ | Маҳз ба ҳамин омил дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Зеро ҳолати роҳҳои расидан ба бештари иншооти инфрасохтори сайёҳӣ қаноатбахш нест. | Баланд |
| Вазъи меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои хӯроки ҷамъиятӣ | Меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои хӯроки ҷамъиятӣ аввалин эҳсосоти сайёҳонро аз сафар ба вуҷуд меоранд. Аз сатҳи хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои хӯроки ҷамъиятӣ сатҳи қонеъгардии аксари эҳтиёҷоти сайёҳон, хусусан сайёҳони хориҷӣ вобаста аст. | Баланд |
| Вазъи муассисаҳои табобатию солимгардонӣ | Ҳадафи аксари сайёҳони дохилӣ маҳз хизматрасониҳои табобатию солимгардонӣ мебошад. Бинобар ин, рушди иншооти табобатию солимгардонӣ омили асосии рушди сайёҳии дохилӣ мебошад. | Миёна |
| Вазъи инфрасохтори сайёҳии деҳот, иншооти сарироҳӣ | Аксари иншооти инфрасохтори сайёҳӣ (осоишгоҳҳо, фароғатгоҳҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва ғайра) дар маҳаллҳои деҳот ҷойгир мебошанд. Бинобар ин, рушди инфрасохтори деҳот ва иншооти сарироҳӣ ба рушди умумии инфрасохтори сайёҳӣ таъсири муҳим мерасонад. | Миёна |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [6; 7; 8] ва маълумоти оморӣ

Бояд қайд кард, ки рӯйхати мазкур пурра нест ва вобаста ба шароити ҳар як иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, ки барои рушди фаъолияти он лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳия карда мешаванд, он метавонад пурра карда шавад.

Қобили зикр аст, ки омилҳои мазкур дар асоси омӯзиши адабиёти илмии хориҷӣ ва маълумоти омори расмии аз манбаъҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда, муайян карда шудаанд. Дар раванди таҳқиқ ва ошкоркунии таъсири омилҳо санадҳои меъёрию қонунгузории танзимкунандаи соҳаи сармоягузорӣ ва сайёҳӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ барои солҳои 2021-2025, Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2023-2026 ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

Ҳангоми ташаккули таркиби миқдории рӯйхати омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасон, принсипҳои илмии зерин ба инобат гирифта шудаанд:

- рӯйхат бояд танҳо омилҳои муҳимро дар бар гирифта, вобаста ба шумораи онҳо муносиб бошад, то ки менеҷерони лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва шахсони масъули онҳо вазъ, сатҳи зоҳиршавӣ ва таъсири онҳоро ҳамаҷониба ва дуруст арзёбӣ карда тавонанд;
- рӯйхати ташаккулёфта бояд муҳтаво ва моҳияти омилҳоро пурра ва ҳамаҷониба инъикос кунад;
- дараҷаи таъсири ҳар як омили дар рӯйхат овардашуда ба нишондиҳандаи натиҷавӣ (рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ) ба таври мухтасар дар алоҳидагӣ муайян карда шавад (бо сатҳи таъсири паст, миёна, баланд);
- таркиби омилҳои таъсиррасон бо пайдо шудани шароити нав бозбинӣ карда шуда, омилҳои воқеан таъсиррасон ва қобили таваҷҷуҳ ба хотири баланд бардоштани таъсири мусбати онҳо ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба рӯйхат илова карда шаванд.

Натиҷанокии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ метавонад аз ҳисоби воситаҳои давлатии сармоягузории дастгирии барномаҳои рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он, қарздиҳии имтиёзнок ба субъектҳои иқтисодӣ – истифодабарандагони иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, таъмини сатҳи баланди ҷолибияти сармоягузории онҳо барои сармоягузорони хусусии дохилӣ ва хориҷӣ, мусоидати ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба ҷамъоварии маблағҳои сармоягузорони хурд ва аҳолӣ баланд бардошта шавад. Ҳамчунин, рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ бевосита аз дастгирии давлатии сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ вобаста аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Саидов Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.medt.tj/images/20-07-2022-5.pdf
2. Бланк И.А. Основы инвестиционного менеджмента: в 2-х томах. Т. 1 / И.А. Бланк. -Киев: Ника-Центр: Эльга-Н, 2004. -536 с.; Ковалев В.В. Методы оценки инвестиционных проектов / В.В. Ковалев. -М.: Финансы и статистика, 2008. -144 с.
1. 3 Булгакова Л.Г. Методический подход к анализу источников финансирования инвестиционных проектов / Л.Г. Булгакова // Российское предпринимательство. – 2013. -№22(244). -С.73-86.
3. Бюллетени омори бонкӣ // Бонки миллии Тоҷикистон. – 2023. -№12. -101 с.
4. Воробей Е.К. Влияние мер государственной поддержки на сферу рекреации и туризма региона / Е.К. Воробей // Проблемы прогнозирования. – 2021. -№6(189). -С.72-83.
5. Джабборова, З.М. Активизация инвестиционной поддержки развития мясопродуктового подкомплекса региона / З.М. Джабборова, Р.Б. Махмадизод // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 11. – С. 181-185.
6. Деньги, кредит, банки: Учебник / Под ред. О.И. Лаврушина. -М.: Финансы и статистика, 2004. -464 с.
7. Казанцева Н.В. Проблемы финансирования инновационных проектов малого и среднего предпринимательства / Н.В. Казанцева, К.Н. Сергеева // Вестник евразийской науки. – 2022. -Т. 14. -№3. -С.1-9.

8. Каримов Б.Ҳ. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. -№3(42). -С.180-188.
9. Каримов Б.Ҳ. Асосҳои идоракунии стратегии рушди сайёҳӣ / Б.Ҳ. Каримов, Ҳ.С. Аҳтамов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№11. -С.144-151.
10. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf
11. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content.
12. Колмыкова Т.С. Инвестиционный анализ: учебное пособие / Т.С. Колмыкова. -М.: ИНФРА-М, 2009. -204 с.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо». [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ». [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ». [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content.
16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот». [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/
17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ». [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/
18. Мальская М.П. Основы туристического бизнеса / М.П. Мальская, В.В. Худо, В.И. Чубук. -Киев: Центр учебной литературы, 2004. -272 с.
19. Рӯйхати сармоягузории бонкҳо. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/banking_system/investments_of banks.php
20. Свиридова, Н.Д. Инвестиционная деятельность как форма развития регионального туризма / Н.Д. Свиридова // Научный результат. Технологии бизнеса и сервиса. – 2020. -Т.6. -№1. -С.22-29.
21. Скопень М.М. Усовершенствования управления вложением инвестиций в предприятия туристической отрасли с использованием компьютерных технологий / М.М. Скопень // Научные записки КУТЕП. -Киев: Знания страны, 2002. Выпуск 2. -С.274-292.
22. Феҳристи лоиҳаҳои ШДБХ. [Манбаи электронӣ]. URL: http://ppp.tj/loihahoi-amalishuda/
23. Хофизов Х.А. Институциональные аспекты страхования инвестиционного риска в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№8. -С.33-39.

## ОМИЛҲОИ РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ

Табиати зебои кӯҳистон, олами наботот ва ҳайвоноти нодир, дарёҳо, кӯлҳо, пиряххо, чашмаҳои обҳои шифобахш имкон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳии табобатию солимгардонӣ, экологӣ, сайёҳати сайругаштӣ, кӯҳнавардӣ, шикор ва дигар намудҳои фаъоли сайёҳӣ рушд ёбанд. Тавассути ташаккули инфрасохтори муносиб ва роҳандозӣ намудани фаъолияти дурусти корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ метавон ба сайёҳони дохилию хориҷӣ маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳиро бо сифати баланд ва нархи дастрас пешниҳод карда, рақобатпазирии онҳоро баланд бардошт. Барои ин, пеш аз ҳама, манбаъҳои муносиб барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории сершумор дар инфрасохтори сайёҳӣ зарур аст. Дар мақолаи мазкур омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба таҳқиқ фаро гирифта мешаванд. Қайд карда шудааст, ки дар мамлакат солҳои охир тадбирҳои зиёд барои дастгирии рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он андешида мешаванд, имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои субъектҳои иқтисодии дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он фаъолияткунанда пешниҳод карда шудаанд. Албатта, имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат мекунанд, вале онҳо ба масъалаҳои ҷалб ва истифодаи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дахолат намекунанд. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои рушди воқеии инфрасохтори сайёҳӣ тадбирҳое зарур мебошанд, ки ба дастгирии молиявии рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат кунанд. Тасдиқ карда шудааст, ки омили муҳимми рушди инфрасохтори сайёҳӣ, фаъолияти сармоягузорӣ бо роҳи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таъминоти молиявии онҳо ба хотири беҳгардонии шароити хизматрасонӣ ба сайёҳон ва таҷдиди пойгоҳи моддию техникии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, иқтидори сайёҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, имтиёзҳои андозию гумрукӣ, дастгирии бонкии фаъолияти сармоягузорӣ.

## ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ФИНАНСИРОВАНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ В ТУРИСТИЧЕСКОЙ ИНФРАСТРУКТУРЕ

Прекрасная природа гор, редкая флора и фауна, реки, озера, ледники, источники целебной воды позволяют Республике Таджикистан развивать лечебно-оздоровительный, экологический, пеший туризм, альпинизм, охоту и другие активные виды туризма. Путем формирования соответствующей инфраструктуры и правильной организации работы предприятий туристической инфраструктуры можно предложить отечественным и зарубежным туристам туристические продукты и услуги высокого качества и по доступным ценам, повысить их конкурентоспособность. Для этого, прежде всего, необходимы адекватные источники для финансирования многочисленных инвестиционных проектов в туристической инфраструктуре. В данной статье исследуются

факторы развития финансирования инвестиционных проектов в туристической инфраструктуре. Отмечается, что за последние годы реализовано множество мер по поддержке развития туристической отрасли и ее инфраструктуры, предоставлены налоговые и таможенные льготы для хозяйствующих субъектов, функционирующих в сфере туризма, и ее инфраструктуры. Конечно, налоговые и таможенные льготы способствуют развитию туристической инфраструктуры, но не затрагивают вопросы привлечения и использования источников финансирования инвестиционных проектов. Поэтому в Республике Таджикистан для реального развития туристской инфраструктуры необходимы меры по содействию финансовой поддержке развития объектов туристической инфраструктуры. Подтверждено, что важным фактором развития туристской инфраструктуры является инвестиционная деятельность посредством реализации инвестиционных проектов и их финансовое обеспечение в целях улучшения условий обслуживания туристов и обновления материально-технической базы туристических предприятий.

**Ключевые слова:** туризм, туристический потенциал, туристическая инфраструктура, инвестиции в туристическую инфраструктуру, финансирование инвестиционных проектов, налоговые и таможенные льготы, банковская поддержка инвестиционной деятельности.

## DEVELOPMENT FACTORS OF FINANCING INVESTMENT PROJECTS IN TOURIST INFRASTRUCTURE

The beautiful nature of the mountains, rare flora and fauna, rivers, lakes, glaciers, sources of healing water allow the Republic of Tajikistan to develop medical and health, environmental, hiking, mountaineering, hunting and other active types of tourism. By creating the appropriate infrastructure and proper organization of the work of tourism infrastructure enterprises, it is possible to offer domestic and foreign tourists tourist products and services of high quality and at affordable prices, and increase their competitiveness. For this, first of all, adequate sources are needed to finance numerous investment projects in tourism infrastructure. This article examines factors in the development of financing investment projects in tourism infrastructure. It is noted that in recent years, many measures have been implemented to support the development of the tourism industry and its infrastructure, tax and customs benefits have been provided for business entities operating in the field of tourism and its infrastructure. Of course, tax and customs benefits contribute to the development of tourism infrastructure, but do not address the issues of attracting and using sources of financing for investment projects. Therefore, in the Republic of Tajikistan, for the real development of tourism infrastructure, measures are needed to promote financial support for the development of tourism infrastructure. It has been confirmed that an important factor in the development of tourism infrastructure is investment activity through the implementation of investment projects and their financial support in order to improve the conditions of service for tourists and update the material and technical base of tourism enterprises.

**Keywords:** tourism, tourism potential, tourism infrastructure, investments in tourism infrastructure, financing of investment projects, tax and customs benefits, banking support for investment activities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аҳмади Зоҳидҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ahmadizohir@mail.ru**. Телефон: (**+992) 553-05-05-57**

**Сведения об авторе:** ***Ахмад Зохиджон*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **ahmadizohir@mail.ru.** Телефон: (**+992) 553-05-05-57**

**Information about the author:** ***Ahmad Zohidjon*** - Tajik National University, Ph.D student of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. E-mail: **ahmadizohir@mail.ru.** Phone: (**+992) 553-05-05-57**

ТДУ: 336.2(575.3)

# ТАДБИРҲОИ ВУСЪАТ БАХШИДАНИ РУШДИ АМАЛИЁТҲОИ РАҚАМИИ БОНКӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

***Исхаков Д.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зарурати рушди рақамикунонӣ, бешубҳа, яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ҳам барои давлат, ҳам барои ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар бораи муҳиммияти рақамикунонии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, дар Паёмҳои солҳои охир, аз тарафи Роҳбари давлат махсус таъкид гардидааст. Дар Паёми соли 2023, аз ҷумла омадааст: «...Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, самаранокии хароҷоти он ва фарогирии пурраи сарчашмаҳои имконпазири даромади буҷет раванди рақамикунонии молияву андозро густариш бахшида, дар мӯҳлатҳои наздиктарин низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ намояд» [16]. Ҳамчунин, поёнтар қайд гаштааст: «....бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад» [16].

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»-и соли 2021 қайд шудааст, ки «....ҷиҳати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он ба ислоҳоти соҳаи алоқа тақвият бахшида, гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди рақамӣ ва амалиётҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда шавад» ва дар идома омадааст, ки «....ҷиҳати гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ба таври пурра татбиқ намудани барномаҳои муосири баҳисобгирии амалиёти молиявӣ ва васеъ ҷорӣ кардани рақамикунонӣ дар соҳа чораҳои судманд андешад» [15].

Таваҷҷуҳи баланди Призеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи рақамикунонии тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва дар ин замима, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, масъалаи стратегӣ ба шумор меравад. Ба ғайр аз ин, дар ҷумҳурӣ дар давоми солҳои охир як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба рушди равандҳои рақамикунонӣ таъсир мерасонанд, қабул гардиданд [17$; 13; 11; 20; 18; 8; 7; 14; 6].

Низоми бонкӣ яке аз аввалинҳо шуда, дар амал ба рақамикунӣ шурӯъ намуд ва ин раванд идома доранд. Ба камбудиҳои ҷойдошта нигоҳ накарда, ташкилотҳои қарзӣ рӯз то рӯз намуд ва шумораи амалиётҳои рақамии бонкиро зиёд карда истодаанд. Аммо, бояд қайд намуд, ки рақамикунонии иқтисодиёт танҳо ба низоми бонкӣ вобаста нест, бояд ҳама соҳаҳо дар ин раванд фаъол бошанд, ки дар аксарият ҳолатҳо аз давлат вобастагии калон дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки бе дастгирӣ ва иштироки фаъоли давлат ва мақомотҳои он расидан ба ҳадафи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ғайриимкон аст.

Дар идома аз тарафи мо тадбирҳои вусъат бахшидани рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ оварда шудаанд.

Пешниҳодҳо барои такмили дастгирии давлатӣ:

**Мукаммалгардонии базаи меъёрию ҳуқуқии рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ.** Ба рушди замимаи меъёрию ҳуқуқӣ рушди минъбаъдаи амалиётҳои рақамии бонкӣ вобастагии калон дорад. Гуфтан бамаврид аст, ки талаботҳои минималӣ барои амалӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст. Аммо барои рушди босуръат замимаи боқуввати меъёрию ҳуқуқӣ лозим аст. Қонунгузории амалкунанда дар соҳаи бонкдорӣ ва дар умум, аксаран ба бонкдории анъанавӣ (бо дарназардошти бонкдории исломӣ) мутобиқ буда, амалиётҳои рақамии бонкӣ дар он

қисман ҷойгир шудааст. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ принсипҳои умумиро ба танзим дароварда ҷиҳати амалисозии равандҳо аз мадди назар берун мондаанд. Аз ин хотир, қонунгузории ҷорӣ бояд бо назардошти равандҳои рақамикунонии низоми бонкӣ таҷдиди назар карда шавад. Пеш аз ҳама, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» [12] тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, аз ҷумла мафҳумҳои зерин бо шарҳ ва татбиқи амалии онҳо ҳамроҳ карда шаванд: «бонкӣ рақамӣ», «амалиётҳои рақамии бонкӣ», «необонк», «пулҳои рақамӣ», «сомонии рақамӣ».

Номукаммалӣ ва дар баъзе ҳолатҳо набудани қонунгузорӣ, ки рушди технологияҳо ва амалиётҳои рақамиро ба танзим медарорад, ба тез ва сари вақт коркард ва ворид намудани ин хизматрасониҳо монеаи калон мебошад. Бо базаи меъёрию ҳуқуқии мукаммал иҷро намудани вазифаи назоратии Бонки миллии Тоҷикистон мушкил мегардад. Ба андешаи мо, бояд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дороиҳои рақамии молиявӣ», ки мақсади асосиаш ин – танзими дороиҳои рақамии молиявӣ, пайдоиш, истифодабарӣ ва намуди баҳисобгирии он мебошад, қабул гардад.

Дигар намудҳои ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқие, ки бояд таҳия ва қабул гарданд, инҳоянд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкдории кушода (Open banking)», ки муносибатҳои байни мизоҷ ва тарафҳои сеюм оид ба дастрасии маълумотҳои бонкӣ ва пардохтии мизоҷ аз тарафи пешниҳодкунандагони хизматрасониҳо ва инчунин, амалӣ намудани амалиётҳои бонкӣ бо супориши мизоҷро муқаррар менамояд. Ҳалли ин масъала ба ширкатҳои молиявӣ-технологӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷон, барои амалӣ намудани амалиётҳои рақамӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.
- Қоидаҳои танзими API кушода – API (application programming interfaces – англ.) ё барномаҳои интерфейсии кушода, ки барои ҳамгироии байни ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои барномасоз ёрӣ мерасонад. API воситаест барои додугирифти бехатари иттилоот байни ташкилотҳои қарзӣ ва дигар иштирокчиён-таъминкунандагони барномаҳои иттилоотӣ.
- Танзими зеҳни сунъӣ дар ташкилотҳои қарзӣ. Зеҳни сунъӣ – низом ё таҷҳизоти компютерие, ки қодир аст қобилияти зеҳнӣ ва таҳлилии инсонро барои иҷрои вазифаҳои муайян такрор намояд. Рушди соҳаи технологияҳои зеҳни сунъӣ ва истифодаи амалии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз такмилдиҳии низоми ҳуқуқӣ ва дар ин замина таъсиси инфрасохтори соҳавӣ, бахусус паркҳои технологӣ ва марказҳои инноватсионӣ сарчашма мегирад. Танзим ва назорати ин соҳа дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба роҳ монда шудааст [18]. Бояд қайд намоем, ки ташкилотҳои қарзӣ барномаҳо ва амалиётҳои рақамии бонкиеро, ки дар асоси зеҳни сунъӣ сохта шудаанд, истифода мебаранд, аммо қонунгузории дахлдор то ҳол таҳия ва тасдиқ нашудааст.

Ҳамин тариқ, дастгирии давлатии рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ, дар қисмати мукаммалгардонии базаи меъёрию ҳуқуқӣ бояд самтҳои зеринро дар бар гирад:

- коркарди базаи меъёрию ҳуқуқии танзими хизматрасонии рақамии инноватсионии бонкӣ;

- мукаммалгардонии қонунгузории амалкунанда дар қисмати андозбандӣ бо мақсади ҳавасмандкунии иштирокчиёни бозор барои васеъ ва зиёд намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ.

**Беҳтар намудани инфрасохтори зарурӣ барои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ.** Пеш аз ҳама, сухан дар бораи инфрасохтори фундаменталӣ – рушди интернет меравад. Бояд гуфт, ки рушди ин нишондиҳанда яке аз пастарин дар Осиё Марказӣ мебошад. Тибқи таҳдқиқоти [9] Созмони Милали Мутаҳид дар соли 2022 Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи индекси инфрасохтори телекоммуникатсионӣ байни 5 давлат ҷойи 4-умро ишғол намуд (ниг. ба ҷадвали 1).

Натиҷаҳои ҷадвали 1, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳамагӣ қариб 22% аҳолӣ ба шабакаи интернет дастрасӣ доранд. Дар муқоиса бо Ҷумҳурии Қазоқистон қариб 4 маротиба, бо Ҷумҳурии Қирғизистон зиёда аз 2 маротиба ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз 3 маротиба

нишондиҳандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пастар мебошад. Ҳамзамон, дигар бандҳои ҷадвали мазкур дар ҷойи паст қарор доштани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 1. Индекси инфрасохтори телекоммуникатсионӣ**
**Table 1. Telecommunications Infrastructure Index**

| | Шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ ба ҳар 100 нафар аҳолӣ | Истифодабаран-дагони интернет, % | Шумораи муштариёни дорои интернети хатти васеи симин (собит) ба ҳар 100 нафар аҳолӣ | Шумораи муштариёни фаъоли дорои интернети хатти васеи мобилӣ ба ҳар 100 нафар аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Тоҷикистон** | **120** | **21,96** | **0,06** | **24,86** |
| Қазоқистон | 120 | 85,94 | 13,96 | 94,9 |
| Қирғизистон | 120 | 51,0 | 4,43 | 119,33 |
| Туркманистон | 120 | 21,25 | 0,17 | 14,61 |
| Ӯзбекистон | 99,75 | 71,1 | 14,4 | 93,71 |

Сарчаша: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст, дар асоси: [9,с.236-243].

Дар чунин ҳолат, ҳангоме ки қисми зиёди аҳолӣ аз шабакаи интернет берунанд, оид ба рушди босуръати хизматрсониҳои рақамии бонкӣ сухан рондан ниҳоят мушкил аст. Давлат бояд оид ба беҳтар намудани дастрасӣ ба интернет, инчунин нарх ва сифати он чораҷӯйӣ намояд. Бе ҳалли ин мушкилот ба дараҷаи сифатан баланд бардоштани сатҳи рақамикунонии иқтисодиёт дар умум ва хоссатан низоми бонкӣ ғайриимкон аст.

Пешниҳодҳои мо дар самти мавриди назар инҳоянд: якум, аз нав дида баромадани сиёсати андозбандӣ нисбати таъминкунандагони интернет. Баланд будани меъёрҳои андозбандӣ ба гаронӣ ва паст шудани суръати интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда расонид. Пешниҳод менамоем, ки меъёри андози аксизӣ барои хизматрсониҳои ширкатҳои мобилӣ ва интренет-провайдерҳо аз 7%-и амалкунанда ба меъёри соли 2014, яъне ба 5% баргардонида шавад. Ба ғайр аз андози аксизӣ, боз андозҳои дигар, аз қабили андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромад ва дигар намуди андозҳое, ки тибқи қонунгузории амалкунада муайян шудаанд, бояд таҷдиди назар карда шаванд.

Дуюм, бояд монополияи интернет аз байн бурда шавад. Бояд гуфт, ки то соли 2018 рақобат дар бозори хизматрасонии интернет вуҷуд дошт ва чун натиҷа нархи он пасттар ва сифаташ беҳтар буд. Баъди соли 2018, ки Маркази ягонаи коммутаторӣ дар назди интрент-провайдери миллии «Тоҷиктелеком» таъсис ёфт, рақобат дар ин бозор аз байн рафт, чунки тибқи талаботҳои нав ҳамаи интрет-провайдерҳои боқимонда ва ширкатҳои мобилӣ бояд интернетро маҳз аз ин Марказ харидорӣ намоянд. Пешниҳоди мо оид ба беҳтар намудани ҳолати кунунӣ – ин баргардонидани рақобат дар бозори хариду фурӯши интернет, озодӣ дар масъалаи интихоби таъминкунандаҳо (фурӯшандаҳо) -и интернет аз хориҷи кишвар мебошад. Мо боварӣ дорем, ки ҳангоми пурра ва озод кор кардани қонунҳои бозорӣ мушкилотҳои номбурда аз байн мераванд.

Дигар нишондиҳандаи рушди технологияҳои рақамӣ, ин индекси иштироки электронӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳисоби ин индекс ниҳоят паст мебошанд (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Индекси иштироки электронӣ**
**Table 2. E-participation index**

| | Ҷой | Хабардорнамоии электронӣ | Машварати электронӣ | Қабули қарор тариқи электронӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Тоҷикистон** | **135** | **0,3818** | **0** | **0,05** |
| Қазоқистон | 15 | 0,9273 | 0,9286 | 0,3 |
| Қирғизистон | 79 | 0,6182 | 0,6429 | 0,05 |
| Туркманистон | 180 | 0,1636 | 0 | 0 |
| Ӯзбекистон | 55 | 0,7636 | 0,5 | 0,25 |

Боз як нишондиҳандаи муҳим, ки сатҳи рақамикунонии давлатро нишон медиҳад, ин Индекси (рейтинги) рушди ҳукумати электронӣ мебошад. Рейтинги ҳукумати электронии СММ (e-Government Development Index, EGDI)* яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Он андозаи ба амалисозӣ ва истифодабарии хизмтарсониҳои ҳукумати электронӣ тайёр будани мамлакатро нишон медиҳад. Индекси мазкур аз тарафи Департаменти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ (United Nations Department of Economic and Social Affairs, UN DESA) як маротиба дар ду сол ҳисоб карда мешавад [1,с.7].

Тибқи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи 129-умро байни 193 мамлакат ишғол менамояд. Байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ низ нишондиҳандаҳои кишвари мо, яке аз пасттаринҳо мебошад (ниг. ба расми 1).

**Расми 1. Индекси рушди ҳукумати электронӣ (соли 2022)**
**Chart 1. E-Government Development Index (2022)**




Сарчаша: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст, дар асоси: [8,с.250-254].

Барои беҳтар намудани индекси рушди ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

1. Ташкили ҳукумати электронӣ ҳамчун фазои ягонаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки дар он низоми коркард ва пешниҳоди тамоми амалиётҳои давлатӣ тариқи технологияҳои рақамӣ ба аҳолӣ ва субъектони хоҷагидорӣ фаъолият менамояд.
2. Ташаккули инфрасохтори махсуси ҳамгироии электронӣ байни ҳамаи ташкилот, идора ва мақомотҳои давлатӣ.
3. Коркард ва пешниҳоди низоми содакардашудаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар ҳолатҳои махсус ҳангоми ғайриимкон будани дастрасӣ ба хизматрасонӣ тариқи онлайн.
4. Гузоштани заминаи устувори базаи ҳуқуқию меъёрии ташаккул ва рушди амалиётҳои электронӣ аз тарафи мақомотҳои давлатӣ.
5. Таъмин намудани инфрасохтори техникӣ (компютерҳо, серверҳо ва барномаҳои махсус) -и ҳамаи мақомотҳои давлатии барномаи ҳукумати электронӣ.

---

* Нишондиҳандаи EDGI, аз рӯйи методикаи СММ ҳисоб карда мешавад, ва аз 3 субиндекс иборат аст: - субиндекси рушди онлайн-хизматрасониҳои давлатӣ (Online Service Index, OSI), ки дар худ нишондиҳандаҳое, ки дар бораи ҳаҷм ва сифати пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва инчунин, сатҳи пешниҳоди техникии онҳоро дар бар мегирад; - субиндекси инфрасохтори телекоммуникатсионӣ (Telecommunication Infrastructure Index, TII), ки аз рӯйи таъминнокии аҳолӣ бо алоқаи телефонӣ ва дастрасӣ ба интернет баҳо дода мешавад; - субиндекси неруи инсонӣ (Human Capital Component, HCI), ки саводнокӣ, дастрасӣ ва давомнокии таҳсилотро дар мамлакат баҳогузорӣ менамояд. Ҳар як субиндекс дар асоси нишондиҳандаҳои меъёршуда, ки ба таркиби он дохил мешаванд, ташаккул меёбад. Низомномаи меъёркунӣ чунин тартиб дода шудааст, ки нишондиҳандаи максималии субиндекс, яъне индекси интегралӣ ба – 1 баробар бошад ва минималӣ ба – 0. Бо назардошти он, ки субиндексҳо вазни якхела доранд, индекси интегралии EGDI ҳамчун миёнавазни арифметикии ҳар се субиндексҳо: EGDI = (OSI + TII + HCI) / 3 ҳисоб карда мешавад.

6. Коркард ва ба низом даровардани қоидаҳои коркард ва пешниҳоди амалиётҳои давлатӣ ба истифобарандагон. Муайян намудани талаботҳои идентификатсия истифодабарангони барнома ва хизматрасониҳо.

7. Ташкили омӯзишҳои махсус ба кормандони мақомотҳои давлатӣ оид ба кор ва истифодабарии барнома.

8. Таъмини бехатарии иттилоотии нигоҳубин ва истифодабарии маълумотҳо. Истифодабарии барномаҳо ва технологияҳои махсус барои таъмини бехатарии иттилоотии маълумот.

9. Ба аҳолӣ омӯзонидани истифодабарӣ аз амалиётҳои ҳукумати электронӣ.

**Бо мутахассисони соҳаи IT таъмин намудани низоми бонкӣ.** Бояд гуфт, ки рақамикунонӣ дар низоми бонкӣ ва дигар соҳаҳо бе мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла, барномасозон, муҳандисони омӯзиши мошинӣ ва дигар мутахассисони соҳа ғайриимкон аст. Онҳо низ бо навиштани барномаҳои махсус барои амалиётҳои рақамии бонкӣ заруранд.

Бо рушди рақамикунонии ҷомеа ниёз ба коргароне пайдо мешавад, ки дорои малакаҳои хуби рақамӣ ва салоҳиятҳои баланди касбӣ баланданд [10,с.262].

Рақамикунонӣ раванди объективии тағйирёбии муосири тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ мебошад. Иқтисодиёти рақамӣ шаклҳои нави шуғл ва намудҳои фаъолияти меҳнатиро ташаккул медиҳад, хусусияти инноватсионии муносибатҳои меҳнатиро ба вуҷуд меорад, мундариҷа ва сохтори тайёр кардани кадрҳоро тағйир медиҳад. Ҳама унсурҳои ташкили меҳнат – аз тақсимот ва ҳамкорӣ то интихоб, омодагӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо – тағйироти сифатиро аз сар мегузаронанд. Маҷмуи ин равандҳо ба зарурати аз нав дида баромадани равандҳои ташкили омодасозии кадрҳо барои иқтисоди рақамӣ оварда мерасонад [2,с.4].

Ҳамин тариқ, сиёсати давлат дар масъалаҳои таъмини иқтисодиёт бо мутахассисони соҳаи IT, бояд дар ду самти асосӣ равона карда шавад:

- Тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар дохили ҷумҳурӣ – дар ин самт бояд муносибат ба тайёр намудани кадрҳо куллан иваз карда шавад. Имрӯз мактабҳои олӣ мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ тайёр мекунанд, аммо сифати онҳо талаботи бозорро қонеъ гардонида наметавонад. Барномаҳои таълимӣ бе назардошти талаботҳои корфармоҳо тартиб дода шуда, омӯзиш бо усулҳои пештара гузаронида мешавад. Ҳамзамон, сатҳи дониши муаллимон низ бояд ба сатҳи сифатан баландтар бурда шавад.
- Ҷалби мутахассисон аз хориҷи кишвар барои фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – барои ин ташкил намудани муҳити мусоид барои фаъолияти IT ширкатҳо зарур аст.

**Муҳити мусоид барои IT ширкатҳо.** Қайд намудан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳити махсус барои ҷалби мутахассисони соҳаи IT аз хориҷи кишвар барои кору фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Дар шароити мавҷуда ҷалби онҳо ба ҷумҳурии мо дар он шумора ва сифати лозима ғайриимкон аст.

Барои мисол, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон IT-Парк ташкил шудааст, ки он минтақаи махсуси иқтисодӣ ба шумор меравад ва ба IT ширкатҳо як қатор имтиёзҳои назаррас, аз қабили андоз аз даромади шахсони воқеӣ – 7,5%, ки ин андоз берун аз ин минтақа баробари 12% мебошад, пешниҳод месозад. Ҳамзамон, меъёри пасти андоз аз дивидентҳо ва озод будан аз андози корпоративӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ ва боҷ ҳангоми воридоти маҳсулот барои эҳтиёҷоти худӣ. Ба ғайр аз ин, имконияти ба даст овардани IT-Visa вуҷуд дорад, ки он ба муддати то 3 сол пешниҳод карда мешавад.

Чунин минтақаҳои махсус дар Қазоқистон, Қирғизистон ва дигар мамлакатҳои дуру наздик таъсис шудаанд, ки барои ҳалли мушкилоти норасоии кадрҳо дар соҳаи IT мусоидат мекунанд.

**Баландбардории сатҳи саводнокии молиявӣ ва васеъ истифодабарии амалиётҳои рақамии бонкӣ байни аҳолӣ зимни шартҳои зерин амалишавандаанд:**

- фоиданок будани амалиётҳои рақамии бонкӣ барои аҳолӣ. Ин намуди хизматрасониҳо, чун қоида, ба сарфаи вақт ва маблағҳои пулии аҳолӣ мусоидат менамояд;

- зиёд намудани маълумотнокии аҳолӣ дар хусуси бехатарии амалиётҳои рақамии бонкӣ, инчунин оид ба дастрасӣ ва қулай будани онҳо;
- гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба аҳаммияти стратегӣ доштани амалиётҳои рақамии бонкӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ;
- ҷалби воситаҳои ахбори омма барои паҳн намудани иттилооти дастрас ва фаҳмо оид ба бартариҳои амалиётҳои рақамии бонкӣ. Тайёр намудани барномаҳои махсус бо ҷалби мутахассисон, гузаронидани озмоиш ва ғайра барои ҷалби таваҷҷуҳи аҳолӣ ба зарурати истифодабарии амалиётҳои рақамии бонкӣ;
- ташкили конкурсҳои «Мақолаи беҳтарин» байни журналистон доир ба мавзуи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ нисбати амалиётҳои рақамии бонкӣ, истифодабарии дуруст ва бартариҳои онҳо;
- дастгирӣ ва ҷалби ташкилотҳои қарзӣ барои ташкил ва гузаронидани тренингҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба амалиётҳои рақамии бонкӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ;
- коркард ва паҳннамоии маҳсулотҳои таблиғотӣ дар мавзуи амалиётҳои рақамии бонкӣ байни аҳолӣ;
- ташкили озмун аз тарафи Бонки милии Тоҷикистон байни ташкилотҳои қарзӣ бахшида ба фаъолияти онҳо дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ва сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ.

**Роҳҳои таъмини бехатарии амалӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ инҳоянд:**

- пурзӯр намудани назорати давлатӣ ба масъалаҳои таъмини бехатарӣ ва риояи талаботҳо оид ба коҳиш додани хафвҳои мизоҷон ҳангоми амалӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ;
- вусъат додани чорабиниҳо оид ба рух надодани дуздии маълумотҳои мизоҷон аз тарафи хакерон;
- гузаронидани корҳои таблиғотӣ ва омӯзишӣ нисбат ба бехатар истифода бурдани хизматрсониҳои рақамии бонкӣ;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарони амалиётҳои рақамии бонкӣ аз тарафи давлат.

Ғайр аз роҳҳои зикршуда, ба шумораи мушкилоти рақамикунонии бахши бонкӣ, хавфҳои амнияти иттилоотӣ шомиланд. Масалан, онлайн-бонкдорӣ хеле осебпазир аст, агар онро аз нуқтаи назари бехатар анҷом додани амалиётҳо ва ҳифзи маълумоти гуногуни шахсӣ дида бароем [4,с.35]. Гузашта аз ин, афзудани шумораи ҳамлаҳои DDoS ҳангоми рушди шабакаи интернет мушоҳида мешавад. Вазъияти мазкурро метавон тариқи татбиқи зеҳни сунъӣ тағйир дод, зеро ин имкон намедиҳад, то амалҳои ҳамлагарон ба нокомиҳои гуногуни ҷиддӣ, талафот дар бахши бонкӣ ва соҳаҳои фаъолияти ҳаётии аҳолӣ боис шаванд [19,с.67].

**Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар самти амалиётҳои рақамии бонкӣ.** Тавре маълум аст, амалиётҳои рақамии бонкӣ, ин на танҳо анҷомдиҳии амалиётҳои бо маҳсулоту амалиётҳои бонкӣ алоқаманд мебошанд. Ҳамзамон, фаъолиятҳои берун аз низоми бонкӣ, алалхусус соҳибкорӣ бо амалиётҳои рақамии бонкӣ зич алоқаманд мебошанд. Дар бораи дастгирии давлатии ташкилотҳои қарзӣ мо дар боло гуфта гузаштем, дар идомаи мавзуъ мехостем оид ба дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо амалисозии амалиётҳои рақамии бонкӣ алоқаманд мебошанд, пешниҳодҳои худро иброз намоем.

1. Дастгирии давлатии соҳибкорон ҷиҳати қабули пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои бонкӣ, QR, ҳамёнҳои электронӣ ва ғайра – дастгирии андозӣ. Бояд чунин шароит ташкил карда шавад, ки қабули пардохтҳои ғайринақдӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ нисбати қабули пардохтҳои нақдӣ ба маротиб фоидаовар бошад.
2. Дастгирии давлатии ташкилотҳои қарзие, ки барои зиёд намудани ҳаҷми амалиётҳои рақамии бонкӣ аз ҳисоби худ ба мизоҷ ҳамчун бонус, маблағ сарф мекунанд.

Пешниҳод менамоем, ки чунин хароҷотҳо ҳангоми андозбандӣ ҳамчун «тарҳи андозӣ» эътироф шаванд.

3. Пешниҳоди субсидияҳо ба субъектони соҳибкорӣ барои барпо намудани инфрасохтори қабули амалиётҳои рақамии бонкӣ.

4. Дастгирии соҳибкорӣ дар фазои электронӣ – интернет-мағозаҳо, маркет-плейсҳо ва ғайра.

Лоиҳаҳое, ки дарояндаи наздик, бояд амалӣ шаванд инҳоянд:

1. Лоиҳаи «Сомонии рақамӣ» – яке аз лоиҳаҳои стратегӣ ба шумор рафта, амалӣ намудани он ниҳоят муҳим мебошад. Пеш аз ҳама, бояд қайд намоем, ки сомонии рақамӣ намуди нави пули миллӣ ба ҳисоб меравад, яъне ба ғайр аз пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ, сомонии рақамӣ илова мешавад. Амалӣ намудани ин лоиҳа бояд ба зиммаи Бонки милии Тоҷикистон гузошта шуда, амалиётҳо бо сомонии рақамӣ тавассути платформаи махсуси Бонки миллии Тоҷикистон ба анҷом расанд. Сомонии рақамӣ аз пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ ягон фарқият надошта, бояд дорои имкониятҳои васеъ гардад, аз ҷумла:

- Дастрасӣ ба суратҳисоби рақамии худ тавассути дилхоҳ барномаи мобилии ташкилоти қарзие, ки ба ӯ дар он ҷо хизмат расонда мешавад. Яъне, ин маънои онро дорад, ки ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ ба платформаи махсуси БМТ пайваст шуда, дар фазои рақамии ягона фаъолият мекунанд.
- Имконияти анҷом додани амалиётҳо дар ҳолати дастрас набудани интернет (технологияи USSD-фармон).
- Сатҳи баланди бехатарӣ ва имкониятҳои васеи зиёд намудани амалиётҳои нави рақамӣ.
- Паст кардани хароҷоти давлат барои чопи пулҳои қоғазӣ.

Ҳамчун пешниҳод рамзи сомонии рақамиро коркард намудем (ниг. ба расми 2).

**Расми 2. Рамзҳои пулҳои рақамии баъзе давлатҳои ИДМ*ва лоиҳаи рамзи сомонии рақамӣ**
**Chart 2. Symbols of digital currencies of some CIS countries* and the draft symbol of the digital somoni**

| Ҷумҳурии Қазоқистон | Федератсияи Россия | Ҷумҳурии Қирғизистон | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
|---|---|---|---|
| **Тенгии рақамӣ** | **Рубли рақамӣ** | **Соми рақамӣ** | **Сомонии рақамӣ** |
|  |  |  |  |

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф дар асоси маводҳои интернетӣ ҳамчун пешниҳод, тартиб дода шудааст.

2. Коркарди қоидаҳои танзими бозори «криптоасъор» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пеш аз ҳама, бояд ёдрас намоем, ки «Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ эълон кардааст, то ҳол танзимгар омода нест, ки амалиёти бонкиро бо асъори рақамӣ ё криптоасъор танзим кунад» [3]. Аммо набояд инкор намуд, ки чунин воситаи пулии рақамӣ рушд ёфта истодааст ва баъзе давлатҳои пешрафта дунё [12], ба монанди Британияи Кабир, ИМА, Канада, Япония, Австралия ва ИА, онро расман эътироф намуда, ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо истифода мебаранд. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки дар бисёр мамлакатҳо криптоасъор расман эътироф нашудааст. Аз ин хотир, БМТ бояд дар ин самт таҳқиқотҳо гузаронида, дар лоиҳаи шарикӣ бо мамлкакатҳое, ки аллакай таҷриба доранд, иштирок намояд.

Ҳамин тариқ, мақсад аз тадбирҳои вусъат бахшидани рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, ки аз тарафи мо оварда шудаанд, ин вусъатдиҳии раванди рушди низоми бонкии ватанист, то ки сатҳ ва сифати амалиётҳои рақамӣ боло рафта, ташкилотҳои қарзӣ аз нигоҳи технологӣ пешрафта гарданд.

Аксарияти пешниҳодҳо ба дастгирии давлатӣ алоқаманд буда, бори дигар нақши калидии давлатро дар рушди амалиётҳои рақамӣ исбот намуд.

Қайд гардидааст, ки маҳз ҳамгироӣ ва ҳамкории зичи мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ шарти асосии рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ ва рушди низоми бонкӣ мебошанд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Ҳикматов У.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Азоева О.В. Индекс развития электронного правительства (EGDI) и его связь с уровнем экономического развития в странах ЕАЭС / О.В. Азоева, К.К. Нурашева, Г.А. Шим // Вестник университета. - 2022. -№4. -С.5-12.
2. Анисимова Н.Ю. Организация подготовки кадров в цифровой экономике: методология трансформации и реализация: диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / Н.Ю. Анисимова. - Симферополь, 2023. -167 с.
3. Бонки миллӣ омода нест амалиёти бонкиро бо асъори рақамӣ ё криптоасъор танзим кунад (03.02.2022). [Электронный ресурс]. URL: https://sputnik.tj/ 20220203 /bonki-milli-amaliyoti-bonki-asori-raqami-kriptoasor-tanzim-1045446665.html (дата обращения: 02.03.2024).
4. Васильева И.А. Актуальные тенденции развития систем Интернет-банкинга / И.А. Васильева // Экономика и современный менеджмент: теория и практика: сб. ст. по матер. XLVI междунар. науч.-практ. конф. - Новосибирск: СибАК, 2015. -№2(46). -С.32-37.
5. Закон Республики Таджикистан «О банковской деятельности». №524, от 19.05.2009.
6. Закон Республики Таджикистан «О платёжных услугах и платёжной системе». №1397, от 24.02.2017.
7. Инструкция №201. «О дистанционных банковских услугах». №235, аз 26.09.2013.
8. Инструкция №257 "О надлежащей проверке клиента". №85, от 02.08.2023.
9. Исследование ООН: Электронное правительство 2022 Будущее цифрового правительства. -Нью-Йорк, 2022. - 311 с.
10. Кауфман Н.Ю. Трансформация управления знаниями в условиях развития цифровой экономики / Н.Ю. Кауфман // Креативная экономика. - 2018. -Т. 12. -№3. -С.261-270.
11. Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан. №642, аз 30.12.2019. -С.33.
12. Легализация биткоина: список стран, где разрешена криптовалюта. [Электронный ресурс]. URL: https://cryptocloud.plus/blog/strany-razreshivshie-bitkoin (дата обращения: 02.03.2024).
13. Национальная стратегия финансовой инклюзивности Республики Таджикистан на 2022-2026 годы. №314, от 01.07.2022. -72 с.
14. Порядок привлечения банковских платежных агентов и осуществления контроля за соблюдением условий их привлечения. №51, от 12.04.2018.
15. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» 28.12.2023. [Электронный ресурс]. URL: http://president.tj/ru/node/32195 (дата обращения: 22.02.2024).
16. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» 21.12.2021. [Электронный ресурс]. URL: http://president.tj/ru/node /27418 (дата обращения: 22.02.2024).
17. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021–2025 годы. №460, от 26.10.2021. -309 с.
18. Стратегия развития искусственного интеллекта в Республике Таджикистан на период до 2040 года. №483, от 30.09.2022. -64 с.
19. Сурова Е.Ю. Перспективы развития цифровых технологий в сфере банковских услуг: социально-экономические проблемы развития нового общества / Е.Ю. Сурова, А.С. Ветров. - 2020. -№4(31). -С.68-77.
20. Указ Президента Республики Таджикистан "О мерах по расширению безналичных расчётов". №586, аз 22.06.2023.


## ТАДБИРҲОИ ВУСЪАТ БАХШИДАНИ РУШДИ АМАЛИЁТҲОИ РАҚАМИИ БОНКӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ


Дар мақола масъалаҳои марбут ба амалиётҳоиҳои рақамии бонкӣ аз нуқтаи назари беҳтар намудани шароит ва истифодаи имкониятҳои мавҷуда баҳри вусъат додани рушди он баррасӣ карда мешаванд. Муайян карда шуд, ки номукаммалӣ ва дар баъзе ҳолатҳо набудани қонунгузорӣ, ки рушди технологияҳо ва амалиётҳои рақамиро ба танзим медарорад, ба тез ва сари вақт коркард ва ворид намудани ин хизматрасониҳо монеаи калон мебошад. Дар асоси таҳлили гузаронида шуда имконияти пешниҳоди амалҳои мушахас оид ба мукаммалгардонии базаи меъёрию ҳуқуқии рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ, ба вуҷуд омад. Инчунин, пешниҳодҳо баҳри беҳтар намудани инфрасохтори зарурӣ барои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ; зарурати бо мутахассисони соҳаи IT таъмин намудани низоми бонкӣ; баландбардории сатҳи саводнокии молиявӣ бо мақсади васеъ истифодабарии амалиётҳои рақамии бонкӣ; роҳҳои таъмини бехатарии амалӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар самти амалиётҳои рақамии бонкӣ оварда шудаанд. Зарурати ба муомилот баровардани «сомонии рақамӣ» –

намуди нави пули миллӣ, ки аз пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ ягон фарқият надоранд аммо дорои имкониятҳои васеъ мебошанд, аз қабили: дастрасӣ ба суратҳисоби рақамии худ тавассути дилхоҳ барномаи мобилии ташкилоти қарзие, ки ба ӯ дар он ҷо хизмат расонида мешавад; имконияти анҷом додани амалиётҳо дар ҳолати дастрас набудани интернет (технологияи USSD-фармон); сатҳи баланди бехатарӣ ва имкониятҳои васеи зиёд намудани амалиётҳои нави рақамӣ; паст кардани хароҷоти давлат барои чопи пулҳои қоғазӣ асоснок карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ, дастгририи давлатӣ, саводнокии молиявии аҳолӣ, инфрасохтори зарурӣ, сомонии рақамӣ, ҳукумати электронӣ.

## МЕРЫ ПО УСИЛЕНИЮ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВЫХ БАНКОВСКИХ ОПЕРАЦИЙ В КРЕДИТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЯХ

В статье рассматриваются вопросы, связанные с цифровыми банковскими операциями, с точки зрения улучшения действующих условий и использования имеющихся возможностей для расширения их дальнейшего развития. Было выявлено, что несовершенство, а в некоторых случаях и отсутствие законодательной базы, регулирующей развития цифровых технологий и операций, является большим препятствием для быстрого, своевременного внедрения этих операций. На основе проведенного анализа предложены конкретные меры по совершенствованию нормативно-правовой базы развития цифровых банковских операций. Также разработаны конкретные предложения по улучшению инфраструктуры, необходимой для развития цифровых банковских операций; обеспечению банковской системы ИТ-специалистами; повышению уровня финансовой грамотности населения с целью широкого использования цифровых банковских операций; обеспечения безопасной реализации цифровых банковских операций и государственной поддержки предпринимательской деятельности в сфере цифровых банковских операций. Обоснована необходимость введения в обращение «цифрового сомони" - нового вида национальной валюты, который ничем не отличается от наличных и безналичных денег, но обладает широкими возможностями, такими как: доступ к ускоренному цифровому счету через любое мобильное приложение кредитной организации, где обслуживается клиент; возможность совершения операций при отсутствии интернета (технология USSD); высокий уровень безопасности и широкие возможности расширения новых цифровых операций; снижение государственных расходов на печать бумажных денег.

**Ключевые слова:** банковская система, кредитные организации, развитие цифровых банковских операций; государственная поддержка; финансовая грамотность населения, необходимая инфраструктура, цифровой сомони, электронное правительство.

## MEASURES TO EXPAND THE DEVELOPMENT OF DIGITAL BANKING TRANSACTIONS IN CREDIT INSTITUTIONS

The article discusses issues related to digital banking transactions from the point of view of improving conditions and using available opportunities to expand its development. It was revealed that the imperfection, and in some cases the lack of legislation regulating the development of digital technologies and transactions, is a major obstacle to the rapid and timely processing and implementation of these transactions. Based on the analysis, it became possible to propose specific actions to improve the regulatory framework for the development of digital banking transactions. In addition, proposals to improve the infrastructure necessary for the development of digital banking transactions; the need to provide IT specialists to the banking system; increasing the level of financial literacy in order to make widespread use of digital banking transactions. The ways of ensuring the safe implementation of digital banking transactions and government support for entrepreneurial activity in the field of digital banking transactions are presented. The necessity of introducing the "digital somoni" into circulation is justified - a new type of national currency that does not differ in any way from cash and non-cash money, but has wide possibilities, such as: access to an accelerated digital account through any mobile application of the credit institution where it is serviced; the ability to perform transactions in the absence of the Internet (USSD-Command technology); high level of security and ample opportunities to expand new digital transactions; reduction of government spending on printing paper money.

**Keywords:** banking system, credit organizations, Development of digital banking transactions; government support; financial literacy of the population, necessary infrastructure, digital website, e-government.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исхаков Дилшод Илҳомович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи кори бонкӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **di780-85@mail.ru.** Телефон: **(+992) 887-71-88-88**

**Сведения об авторе:** ***Исхаков Дилшод Ильхомович*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры банковского дела. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 887-71-88-88.** E-mail: **di780-85@mail.ru**

**Information about the author:** ***Iskhakov Dilshod Ilkhomovich*** – Tajik National University, applicant for the Department of Banking. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 887-71-88-88.** E-mail: **di780-85@mail.ru**

ТДУ: 331 (575.3)

# ДАРОМАДИ АҲОЛӢ ҲАМЧУН НИШОНДИҲАНДАИ САТҲИ ЗИНДАГӢ

*Алимардонов Т.А., Набиев Б.А., Шоймардонов Ҳ.Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сатҳи некуаҳволии тамоми маҷмуи шароити ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро фаро гирифа, бо системаи нишондиҳандаҳои оморӣ, ки аз фаслҳои зерин иборатанд, хос аст: хусусиятҳои демографии аҳолӣ, шуғл ва шароити меҳнат, даромад ва хароҷоти аҳолӣ, истеъмоли мол ва хизматрасонӣ, шароити зист (манзил, тозагӣ, санитарию гигиенӣ, амнияти шахсӣ, сиёсӣ ва ғ.); инкишофи маориф, маданият, нигаҳдории тандурустӣ, амнияти иҷтимоӣ. Нишондиҳандаҳои умумие, ки сатҳи зиндагии аҳолиро муайян мекунанд, нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсолот ва тақсимоти онҳо ба ҳар сари аҳолӣ, давомнокии умр, зичӣ ва тозагиии маҳалли истиқомат, бехатарии шахс ва сатҳи истеъмоли молу хизматҳо ба ҳар сари аҳоли мебошанд, ки аз даромади аҳолӣ вобаста аст [3,с.176-188].

Даромади аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини сатҳи зиндагӣ дар кишвар мебошад. Даромади аҳолӣ маблағҳое мебошад, ки аз ҷамъият ва муассисаҳои он аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти омилҳои истеҳсолоти онҳо: меҳнат, сармоя, замин ва соҳибкорӣ ба ихтиёри одамон меоянд. Даромадро аз фаъолияти истеҳсолӣ, аз моликият, инчунин дар натиҷаи амалиёти аз нав тақсимкунӣ ба даст овардан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Таҳлили даромади пулии аҳолӣ (млн. сомонӣ) дар соли 2023 нисбат ба соли 2016**
**Table 1. Analysis of monetary income of the population (million somoni) in 2023 compared to 2016**

| Солҳо | Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | Муқоиса аз соли 2023 нисбат ба соли 2016 |
|---|---|---|
| 2016 | 31373,0 | 3 маротиба нисбат ба соли 2016 |
| 2017 | 37247,5 | |
| 2018 | 41083,9 | |
| 2019 | 47986,3 | |
| 2020 | 65347,0 | |
| 2021 | 80508,8 | |
| 2022 | 95124,6 | |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. -С.419

Барои таҳлил намудани нишондиҳандаи даромади пулии аҳолӣ ҷадвали электронии MS Excel истифода бурда шуд. Ҳангоми таҳлили муқоисанамоии ин нишондиҳанда натиҷаи назаррас ба даст оварда шуд. Қайд намудан мумкин аст, ки нишондиҳандаи даромади пулии аҳолӣ нисбат ба соли 2016 дида, ин нишондиҳанда дар соли 2023 афзоиш ёфтааст, яъне 3 маротиба ин нишондиҳанда рушд намудааст. Барои пешраваии аҳолии кишвар нишондиҳандаи муқоисанамуда басо муҳим мебошад. Агар даромади аҳолии кишвар зиёд гардад, пас сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ беҳтар мегардад. Барои бештар гардидани сатҳу сифати зисти аҳолӣ ин нишондиҳандаро дар солҳои минбаъда, яъне то соли 2026 пешгӯӣ менамоем. Ҳангоми пешгӯӣ аз маълумотҳои оморӣ истифода намуданамон мумкин аст.

**Ҷадвали 2. Пешгӯии нишондиҳандаи даромади пулии аҳолӣ то соли 2026** [2,с.38-44]
**Table 2. Forecast of the monetary income of the population until 2026**

| Солҳо | Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | Пешгӯӣ |
|---|---|---|
| 2016 | 31373 | |
| 2017 | 37247,5 | |
| 2018 | 41083,9 | |
| 2019 | 47986,3 | |
| 2020 | 65347 | |
| 2021 | 80508,8 | |

| | | |
|---|---|---|
| 2022 | 95124,6 | |
| 2023 | | 100101,6571 |
| 2024 | | 110888,8179 |
| 2025 | | 121675,9786 |
| 2026 | | 132463,1393 |
| 2027 | | 143250,3 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Аз маълумотҳои омории дастрасшуда дар ҷадвали электронии MS Excel таҳлилҳо гузаронида шуд. Дар сутуни пешгӯӣ натиҷаҳои таҳлилкардашуда оварда шудааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар солҳои минбада ин нишондиҳанда рушд менамояд. Ҳангоми таҳлил намудан функсияи оморӣ (Статистические) ва функсияи (Линейн) истифода бурда шуданд.

Барои дақиқтар гардидани таҳлилҳо вобаста ба ин нишондиҳанда майдони коррелятсионӣ сохта мешавад.

**Расми 1. Даромади пулии аҳолӣ ва натиҷаҳои пешгӯии он**
**Figure 1. Monetary income of the population and its forecast results**




Аз расми 1 дида мешавад, ки ҳақиқатан нишондиҳандаи даромади пулии аҳолӣ дар солҳои минбаъда афзоиш меёбад. Мо метавонем дар диаграммаи сохташуда модели хаттии ин нишондиҳандаро барои иқтисодиёт пешниҳод намоем. Модели хаттӣ чунин мешавад:

**Y = 10787x - 2E+07**

Аз модел бар меояд, ки коэффитсиенти детерминатсия $R^2$ = 0,9424 мебошад, ин маънои онро дорад, ки агар ҳар чи қадар ин нишондиҳанда ба 1 наздик бошад, ҳамон қадар зичии алоқамандӣ дида мешавад.

Даромади аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз методологияи низоми ҳисобҳои миллӣ, тавозуни даромадҳои пулию хароҷоти аҳолӣ ва таҳқиқоти интихобӣ оид ба хонавода ҳисоб карда мешавад. Даромади шахсӣ ин маблағи ҳақиқӣ ва пулӣ мебошад. Даромади пулӣ аз рӯи шакл хеле гуногун аст ба ин дохил мешавад: музди меҳнат, даромади соҳибкорӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла нафақа, мукофотпулӣ, кумакпулиҳо), даромад аз фурӯши амволи шахсӣ ва хонагӣ, даромад аз иҷора ё фурӯши амволи ғайриманқул, аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, дивидендҳо. Даромади ҳақиқӣ аз чиҳати арзиш ба даромади ҳақиқӣ аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, молу хизматрасониҳое, ки бе хеҷ як ҷуброн истеъмол карда мешаванд ва аз музди меҳнати ҳақиқӣ вобаста мебошад.

Даромади ҳақиқии аҳолӣ, ин миқдори молҳои истеъмолӣ (мол ва хизматрасонӣ) мебошад, ки шахс дар асл бо даромади худ харида метавонад. Ҳамин тавр, даромади ҳақиқии аҳолӣ бо ҳаҷми даромади номиналӣ, сатҳи нархи молу хизматрасониҳо ва андозҳо муайян карда мешавад.

Дар низоми ҳисобҳои миллӣ, дар асоси ҳисобҳои ҷорӣ барои бахши хонавода даромадҳои зерин муайян карда мешаванд:

- даромади ибтидоӣ, ки аз музди меҳнати кормандон, даромади соф аз молу мулк, фоида ва даромади умумии омехтаи эквиваленти он иборат аст;

- даромади дар ихтиёрдошта, аз ҷумла даромади ибтидоӣ ва трансфертҳои ҷорӣ гирифташуда (нафақа, кумакпулиҳо, стипендияҳо, ҷуброни суғуртавӣ ва ғ.), бе интиқоли ҷорӣ, ки аз ҷониби хонаводаҳо ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт гузаронида мешаванд (ҳиссаҳои суғуртаи иҷтимоӣ, андозҳо, ҷаримаҳо ва ғ.); яъне даромаде, ки аҳолӣ бо дасти худ гирифтааст;

- даромади тасҳеҳшуда, аз ҷумла даромади ихтиёрӣ ва трансфертҳои иҷтимоӣ дар шакли ҳақиқӣ, ки аҳолӣ аз мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки ба хонаводаҳо хизмат мерасонанд, дар шакли хизматрасонии ройгон ё имтиёзноки инфиродӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг, таъмини иҷтимоӣ, дин ва ғ.

Манбаи навбатии маълумот дар бораи даромади аҳолии ҷумҳурӣ ҳангоми таҳлили сатҳи зиндагии мардум тавозуни даромад ва хароҷоти пулии аҳолӣ мебошад, ки дар асоси консепсия тартиб дода шудааст. Қисмҳои даромад ва хароҷоти баланс аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин муайян карда мешаванд:

- даромади пулии аҳолӣ, даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, даромадҳо аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ: даромад аз молу мулк, аз ҷумла даромад аз иҷораи амвол ё амволи ғайриманқул ва трансфертҳои иҷтимоӣ гирифташуда, дигар даромадҳое, ки аксар вақт аз нуқтаи назари консепсия даромад нест (масалан, квитансияҳо аз фурӯши асъор ё мол тавассути мағозаҳо дар асоси комиссия ва ғайра).

**Ҷадвали 3. Таҳлили муқоисаи нишондиҳандаи хароҷот ва пасандози аҳолӣ дар солҳои 2021-2016**
**Table 3. Analysis of the comparison of the indicator of expenditure and savings of the population in 2021-2016**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | Муқоиса аз соли 2021 нисбат ба соли 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Хароҷот ва пасандоз - ҳамагӣ, миллион сомонӣ | 38430,6 | 42346,4 | 48857,2 | 72555,7 | 91885,0 | 110606,2 | 2,9 маротиба нисбат ба соли 2017 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Ҳангоми муқоиса намудан муайян карда шуд, ки нишондиҳандаи хароҷот ва пасандози аҳолӣ дар соли 2022, нисбат ба соли 2017 дида 2,9 маротиба афзоиш намудааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки бе хароҷот ва пасандози аҳолӣ мо ба пеш амал карда наметавонем. Барои мо зарур аст то ки пасандози худро зиёд намоем.

**Ҷадвали 4. Пешгӯии нишондиҳандаи хароҷот ва пасандози аҳолӣ дар солҳои 2022-2016**
**Table 4. Forecast of population expenditure and savings indicators in 2022-2016**

| Солҳо | Хароҷот ва пасандоз - ҳамагӣ, миллион сомонӣ | Пешгӯӣ |
|---|---|---|
| 2017 | 38430,6 | |
| 2018 | 42346,4 | |
| 2019 | 48857,2 | |
| 2020 | 72555,7 | |
| 2021 | 91885 | |
| 2022 | 110606,2 | |
| 2023 | | 120766,1 |
| 2024 | | 136000,1 |
| 2025 | | 151234,2 |
| 2026 | | 166468,3 |
| 2027 | | 181702,3 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои дигар моро лозим аст аз маълумотҳои бадастомада истифода намуда, онро дар барномаи ҷадвали электронии MS Excel таҳлил ва пешгӯӣ намоем. Барои пешгӯи намудан аз функсияҳои оморӣ (Статистичкские) ва ё Линейн истифода менамоем.

Аз ҷадвали 4 дида мешавад, ки ишондиҳандаи хароҷот ва пасандози аҳолӣ дар солҳои минбаъда рушд менамояд. Барои бадастовардани чунин натиҷа, функсияи (Линейн) истифода бурда шуд. Мавриди зикр аст, ки натиҷаҳое, ки ҳангоми пешгӯӣ намудан муайян карда шуд, ки нисбат ба соли 2022 дида ин нишондиҳанда дар соли 2027 рушд менамояд, ки натиҷаи он ба 181702,3 миллион сомонӣ баробар мегардад.

Нисбат ба нишондиҳандаи хароҷот ва пасандози аҳолӣ модели регрессияи хаттии онро месозем. Ҳангоми сохтани модели хаттӣ таҳлили диаграммавии онро омода месозем [8,с.94-102].

**Расми 2. Натиҷаҳои пешгӯии хароҷот ва пасандози аҳолӣ**
**Figure 2. The results of the forecast of the expenditure and savings of the population**




Оид ба нишондиҳандаи хароҷот ва пасандози аҳолӣ модели он чунин мешавад:

$$Y = 15234x - 3E+07 \qquad R^2 = 0,9437$$

Ҳангоми таҳлил намудан диаграмма бо коэффитсиенти детерминатсия баҳо дода шудааст. Қайд менамоем, ки коэффитсиенти детерминатсия ин баҳои коэффитсиенти коррелятсияро муайян менамояд ва коэффитсиенти коррелятсия бошад, зичии алоқамандии нишондиҳандаҳоро муайян менамояд. Яъне, коэффитсиенти детерминатсия зичии алоқамандии коррелятсияро баҳо медиҳад. Аз таҳлилҳо дида мешавад, ки коэффитсиенти детерминатсия ба 1 наздик аст, ин маънои онро дорад, ки агар ҳар қадар ин нишондиҳанда ба 1 наздик бошад, ҳамон қадар алоқамандӣ дида мешавад.

- хароҷоти пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ (хароҷоти истеъмолӣ барои харидани молу хизматрасониҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ва саҳмҳои ихтиёрӣ, андозу хироҷҳо, пардохтҳои сугуртавӣ, ҳиссаҷудокунӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва корҳонаҳо, баргардонидани карзҳои банк, фоизи карзи тиҷоратӣ ва ғайра, хароҷот барои хариди асъори хориҷӣ, ҷамъ кардани пасандозҳо дар пасандозҳо ва коғазҳои қиматнок);

-даромади пулии ихтиёрии аҳолӣ, ки аз даромади пулии пардохтҳои ҳатмӣ ва саҳмгузорӣ камтар аст.

Дар асоси таҳқиқоти интихобшудаи хонаводаҳо инҳо муайян карда мешаванд:

- даромади пулии аҳолӣ, ки аз инҳо иборат аст: музди мехнат, нафақа, кумакпулӣ, мукофотпулӣ ва дигар трансфертҳои иҷтимоӣ, даромад аз фуруши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, даромад аз амвол дар шакли фоизҳо аз рӯи пасандозҳо ва коғазҳои қиматнок, инчунин дивидендҳо, даромади шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, қарзҳо, даромад аз фурӯши асъори хориҷӣ, алимент, тухфаҳо, тарҷумаҳо ва ғайра;

- даромади пулии ихтиёрӣ: даромади пулӣ бо тарси пардохтҳои ҳатмӣ ва саҳмҳое, ки аҳолӣ мустақилона мепардозанд;

– захираҳои дар ихтиёри аҳолӣ, ки аз даромади пулии ихтиёрии аҳолӣ барои даромаде, ки аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба шакли ҳақиқӣ барои истеъмоли онҳо гирифта шудаанд ва барои неъматҳои иҷтимоии ҳақиқӣ зиёдтаранд.

Ҳамаи нишондиҳандаҳои даромади дар боло зикршударо ҳам бо нархҳои ҳақиқӣ, хам бо даромади номиналӣ ва ҳам бо нархҳои муқоисашаванда ва ё ба таври ҳақиқӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Сабаб он аст, ки тағйирёбии нарх ба ҳаҷми молу хизматрасониҳое, ки аҳолӣ бо даромади гирифтааш харида метавонад, хеле таъсир мерасонад. Яке аз масъалаҳои муҳим оид ба даромади аҳолӣ ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи зиндагӣ вобаста аст, ин индекси нархҳои истеъмолӣ мебошад.

Индекси нархҳои истеъмолӣ нишондиҳандае мебошад, ки бо мурури вақт тағйир ёфтани дараҷаи умумии нархи молҳо ва хизматгузориро, ки аҳолӣ барои истифодаи ғайриистеҳсолӣ ба даст меорад, нишон медиҳад.

**Ҷадвали 5. Индекси нархҳои истеъмолии молҳо ва хизматгузориҳо ба аҳолӣ (ба ҳисоби фоиз, декабр нисбат ба декабри соли гузашта)**
**Table 5. Index of consumer prices of goods and services to the population (percentage, December compared to December last year)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | Муқоиса аз соли 2021 нисбат ба соли 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Ҷамъи намуди молҳо ва хизматрасонӣ | 107,3 | 103,8 | 107,9 | 108,6 | 109 | 106,6 | 1,0 |
| Молҳои озуқа | 109,1 | 102,4 | 111,4 | 112,5 | 110,6 | 107,2 | 1,0 |
| Молҳои ғайриозуқа | 104,3 | 105,2 | 105,1 | 105 | 107,8 | 105,7 | 1,0 |
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | 106 | 105,9 | 102,6 | 104,7 | 106,7 | 106,7 | 1,0 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. -С.419

Қайд менамоем, ки нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 5, овардашуда қариб, ки баробар афзоиш ёфтанд. Дар натиҷаи таҳлил муайян гардид, ки нишондиҳандаи хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 1 маротиба нисбат ба соли 2017 дида дар соли 2022 зиёд шудааст.

Индекси нархҳои истеъмолӣ, нишондиҳандаи таваррум дар даромади пулии аҳолӣ мебошад. Он бо мурури замон тағйир ёфтани арзиши маҷмуи устувори мол ва хизматрасониро дар сабади истеъмолӣ, ки одатан аҳолӣ истеъмол мекунад, тавсиф менамояд. Индекси қобилияти харидории пул тағйирёбии ҳаҷми молҳо ва хизматрасониҳоеро тавсиф мекунад, ки дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба давраи базавӣ бо ҳамон маблағи пул харидорӣ кардан мумкин аст.

Таъмини даромади аҳолӣ аз рӯи меъёрҳои қабулшуда: музди меҳнат, нафақа, кумакпулӣ, стипендия ва даромад ба ҳар сари аҳолӣ омӯхта мешавад. Якрангии тақсимоти даромад дар байни аҳолӣ бо истифода аз коэффитсиентҳои фондӣ ва тафриқа (таносуб ба ҳар сари аҳолӣ) омӯхта мешавад [1,с.57-65].

Фондҳо ва коэффитсиентҳои дифференсиалӣ нишон медиҳанд, ки даромади одамони сарватманд аз даромади одамони камбағалон чанд маротиба зиёд аст ва дараҷаи зиндагонӣ дар мамлакат ҳар қадар паст бошад, ин нишондиҳандаҳо ҳамон қадар зиёд мешавад. Таносуби миқдории майдони сегменти байни диагонали мураббаъ ва каҷхаттаи Лоренс ба нисфи майдони мураббаъ коэффитсиенти Джинни номида мешавад. Он аз 0 то 1 фарқ мекунад ва ҳар қадаре ки арзиши он ба 1 наздик бошад, ҳамон қадар сатҳи нобаробарии тақсимоти даромад дар байни аҳолӣ баланд мешавад.

Коэффитсиенти Лоренс ҳамчун хусусияти нисбии нобаробарӣ дар тақсимоти даромад мебошад. Дар сурати баробарии комил дар тақсимоти даромад коэффитсиенти Лоренс баробари нул (0), дар сурати нобаробарии комил ба 1 баробар аст [7,с.2-5].

Қисми таркибии системаи нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагонии аҳолӣ истеъмоли мол ва хизматрасонӣ мебошад. Он бо нишондиҳандаҳои ҳаҷм, таркиб, динамикаи истеъмол аз

рӯи ҷисмонӣ ва арзишии тамоми аҳолӣ, аз ҷумла аз рӯи табақаҳои алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳудудҳо, соҳаҳо, намудҳои истеъмол ва ғайра тавсиф мешавад. Дар ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои истеъмоли маҳсулоти озуқа ва ғайриозуқа хусусиятҳои муайян мавҷуданд. Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳои истеъмоли озуқаворӣ, чун қоида, барои як сол барои аҳолӣ, инчунин ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи арзиш, табиӣ ва шартии табиӣ ҳисоб карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои истеъмоли молҳои ғайриозуқаворӣ (либос, пойафзол ва ғайра) аз рӯи ҳисоби ҳар сари аҳолӣ муайян карда мешаванд.

Мо метавонем барои дар алоҳидагӣ пешгӯӣ намудани нишондиҳандаҳои индекси нархҳои истеъмолӣ таҳлилҳо гузаронем.

Ҳангоми гузаронидани таҳлилҳо аз маълумотҳои ҷадвали 5 истифода менамоем.

**Ҷадвали 6. Пешгӯии индекси нархҳои истеъмолии молҳо ва хизматгузориҳо ба аҳолӣ (бо ҳисоби фоиз)** [5,с.162-173]

**Table 6. Forecast of consumer price index of goods and services to the population (in percentage)**

| Солҳо | Ҷамъи намуди молҳо ва хизматрасонӣ | Молҳои озуқа | Молҳои ғайриозуқа | Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|
| 2017 | 107,3 | 109,1 | 104,3 | 106 |
| 2018 | 103,8 | 102,4 | 105,2 | 105,9 |
| 2019 | 107,9 | 111,4 | 105,1 | 102,6 |
| 2020 | 108,6 | 112,5 | 105 | 104,7 |
| 2021 | 109 | 110,6 | 107,8 | 106,7 |
| 2022 | 106,6 | 107,2 | 105,7 | 106,7 |
| 2023 | 108,5 | 110,5 | 107,0 | 106,2 |
| 2024 | 108,8 | 110,9 | 107,4 | 106,5 |
| 2025 | 109,2 | 111,4 | 107,8 | 106,7 |
| 2026 | 109,6 | 111,9 | 108,2 | 106,9 |
| 2027 | 109,9 | 112,3 | 108,7 | 107,1 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Аз ҷадвали 6 дида мешавад, ки нишондиҳандаҳои индекси нархҳои истеъмолии молҳо ва хизматгузориҳо ба аҳолӣ дар солҳои минбаъда рушд менамоянд. Ҳангоми таҳлил намудан, натиҷаҳои муҳим ба даст оварда шудаанд, ки онҳо дар ҷадвал нишон дода шудааст. Масалан, дар соли 2027 ҷамъи намуди молҳо ва хизматрасонӣ 109,9 молҳои озуқа 112,3 молҳои ғайриозуқа 108,7 хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 107,1% зиёд мегарданд.

**Расми 3. Таҳлили диаграммавии нишондиҳандаи индекси нархҳои истеъмолии молҳо ва хизматгузориҳо ба аҳолӣ**

**Figure 3. Diagrammatic analysis of the index of consumer prices of goods and services to the population**



Ҳангоми таҳлил намудан муайян гардид, ки индекси нархҳои истеъмолӣ дар солҳои минбаъда афзоиш меёбад. Моро лозим меояд, ки истеҳсоли маҳсулоти ватании худро зиёд намоем. Дар ҷумҳурӣ бояд корхонаҳои нави замонавӣ сохта шуда, бо технологияҳои нав муҷаҳҳаз гардонида шавад ва ҷойҳои кории нав зиёд карда шавад. Дар ин маврид, метавонем нархҳои маҳсулоти озуқаро каме коҳиш диҳем.

**Ҷадвали 7. Индекси нархҳои истеъмолӣ (бо фоиз нисбат ба соли гузашта)**
**Table 7. Consumer price index (in percentage compared to last year)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | Муқоиса аз соли 2021 нисбат ба соли 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Маҷмуи индекси нархҳои истемолӣ | 107,3 | 103,8 | 107,9 | 108,6 | 109,0 | 106,6 | 1,0 |
| -гӯшти гов | 111,3 | 107,4 | 120,4 | 113,6 | 114,1 | 98,0 | 0,9 |
| -гӯшти гӯсфанд | 109,1 | 108,7 | 118,3 | 116,4 | 120,4 | 104,5 | 1,0 |
| -колбаса | 104,6 | 105,3 | 104,7 | 103,3 | 101,3 | 109,0 | 1,0 |
| -шир ва маҳсулоти ширӣ | 103,9 | 104,0 | 104,0 | 106,5 | 107,6 | 121,7 | 1,2 |
| -равғани чорво | 109,1 | 124,9 | 104,6 | 111,0 | 106,4 | 108,3 | 1,0 |
| -равғани растанӣ | 105,1 | 98,6 | 99,8 | 109,8 | 156,0 | 101,3 | 1,0 |
| -тухм | 103,9 | 102,6 | 104,0 | 108,8 | 113,3 | 99,0 | 1,0 |
| -қанд | 103,0 | 88,7 | 103,4 | 108,9 | 129,7 | 111,1 | 1,1 |
| -нони гандум | 99,7 | 96,5 | 110,0 | 124,1 | 105,1 | 107,2 | 1,1 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон.

Дар ҷадвал индекси нархҳои истеъмолӣ нисбат ба солҳои 2016 муқоиса карда шуданд. Натиҷаҳои бадастомада дар сутуни охир оварда шудааст. Нишондиҳандаҳое, ки барои таҳлил намудан дар ҷадвал оварда шудааст, нисбат ба соли 2017 дида дар соли 2022 рӯ ба афзоиш қарор дорад. Ҳангоми гузаронидани таҳлилҳо муайян карда шуд, ки нишондиҳандаи гӯшти гӯсфанд 1, гӯшти гов 0,9, равғани ратанӣ 1, шир ва маҳсулоти ширӣ 1,2 маротиба нисбат ба соли 2017 афзоиш намудааст, ки он барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зисти аҳолӣ хело хуб мебошад.

Камбизоатӣ ҳамчун мушкилот дар нобаробарии даромад ба ҳисоб меравад [6,с.28-36].

Нобаробарии аз ҳад зиёди даромад метавонад ба суботи сиёсии кишвар таҳдид кунад. Вақте шумораи зиёди одамон аз мавқеи худ дар ҷомеа норозӣ ҳастанд, ба созиши сиёсӣ байни сарватмандон ва камбағалон ноил шудан душвор аст. Ноустувории сиёсӣ ба дурнамои рушди иқтисодии кишвар зарари калон расонида, хатари сармоягузорӣ ба иқтисоди кишварро афзоиш дода, сармоягузорони эҳтимолиро метарсонад. Дараҷаи баланди нобаробарии даромад имконияти татбиқи усулҳои муҳимтарини бозории танзими иқтисодиёт, ба монанди баланд бардоштани нарх ва ё ситонидани андозу ҷаримаҳоро маҳдуд мекунад. Масалан, хеле зиёд кардани маблағи хизмати коммуналӣ метавонист роҳи ҳалкунандаи баланд бардоштани самаранокии хизмати манзилию коммуналӣ бошад, вале дар шароити нобаробарии шадиди даромад, ин гуна тадбирҳо боиси маҳрумияти ғайриқобили қабул дар байни табақаҳои камбизоаттарини аҳолӣ мегардад.

Нобаробарии аз ҳад зиёди даромад, метавонад ба меъёрҳои ахлоқии рафтори иштирокчиёни равандҳои иқтисодӣ таъсири манфӣ расонида, ба пайдоиши муносибатҳои боварӣ ва саъю талош барои иҷрои уҳдадориҳояшон халал расонад. Дар натиҷа, ҳама гуна фаъолияти тиҷоратӣ ба таври назаррас мушкилтар мешавад.

Аз тарафи дигар, аз ҳад зиёд баробар тақсим кардани даромад ба самаранокии иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад. Тафовути минималии даромад (бо дараҷаи ба таври сунъӣ баробар карда шудани музди меҳнат барои кори мураккабиашон гуногун) барои иштироки фаъолона дар фаъолияти хоҷагӣ ва софдилона меҳнат кардани одамон ҳавасмандии кофии моддиро ба вуҷуд намеоварад. Нобаробарии аз ҳад зиёди даромад,

инчунин ба сифати зиндагии мардум таъсири манфӣ мерасонад ва боиси афзоиши нисбатан зиёди одамони камбизоат дар аҳолии кишвар мегардад.

**Камбизоатӣ -** аз неъматҳои моддии зарурӣ аз сабаби паст будани даромад маҳрум мондани ғайриқобили қабул аст [13,с.28-41].

Идеяи сатҳи даромаде, ки камбизоатӣ аз он сар мешавад, дар ҳар як кишвар хеле фарқ мекунад. Одатан, кишвар дар маҷмӯъ сарватмандтар бошад, ҳамон қадар хатти камбизоатии миллии он ё ҳадди ниҳоии камбизоатӣ баландтар аст. Барои муқоисаи байналмилалӣ хатти ба истилоҳ байналхалқии камбизоатии даромад истифода мешавад, ки онро Бонки ҷаҳонӣ дар сатҳи даромади воқеии каме бештар аз як доллар барои як нафар дар як рӯз муқаррар кардааст.

**Камбизоатии мутлақ** - ин сатҳи зиндагии оила, гурӯҳ ё шаҳрвандон мебошад, ки даромади онҳо бадастовардани молҳои зарурӣ (мол, хизматрасонӣ)-ро мувофиқи меъёрҳои муайяни ҷомеа таъмин намекунад. Он чизе, ки дар як кишвар зарур дониста мешавад, метавонад дар дигар кишвар муҳим набошад ва ё баръакс, моли бонуфуз ҳисобида шавад. Аз ин рӯ, ягон ченаки ягонаи умумии камбизоатии мутлақ вуҷуд дошта наметавонад.

**Камбизоатии нисбӣ** - ин набудани даромади кофӣ дар муқоиса бо дигар аъзоёни ҷомеа мебошад, масалан, дар муқоиса бо сатҳи миёнаи даромади кишвар ё сатҳи некуаҳволии оила, гурӯҳ ё шаҳрванд дар гузашта.

**Камбизоатии субъективӣ** - баҳодиҳии шахс ба некуаҳволии ӯ аз рӯи он аст, ки то кадом андоза даромади мавҷудааш ба ӯ ва оилааш барои бошарафона зиндагӣ кардан имкон медиҳад.

Дар амалия якчанд усулҳои муайян кардани камбизоатӣ мавҷуд аст:

- меъёрӣ (дар асоси стандартҳои ғизоӣ ва дигар стандартҳои маҷмуи ҳадди ақали истеъмолӣ, масалан, сабади ҳадди ақали истеъмолӣ);
- оморӣ, вақте ки як қисми аҳолӣ (масалан, 10-15%-и аввал) дар силсилаи умумии тақсимоти он аз рӯи андозаи даромади ба ҳар сари аҳолӣ гирифташуда камбизоат ҳисобида мешавад;
- табақабандӣ, вақте ки ба камбизоатон одамоне дохил мешаванд, ки қобилияти худтаъминкуниро маҳдуд мекунанд (пиронсолон, маъюбон, оилаҳои серфарзанд ва кӯдакон, кӯдакони бе падару модар, бекорон, муҳоҷирон ва ғ.);
- эвристикӣ, ки дар асоси баҳодиҳии афкори ҷамъиятӣ ё аз мавқеи худи мусоҳиб сатҳи кофӣ ё нокифояи зиндагиро муайян мекунад;
- иқтисодӣ, муайян кардани категорияи камбизоатон дар асоси имкониятҳои давлат дар таъмини амнияти моддии онҳо.

Барои мақсадҳои сиёсати иҷтимоӣ аксаран меъёри эҳтиёҷот муқаррар карда мешавад, ки он ҳамчун сатҳи ҳадди ақали даромад, ки ҳуқуқи гирифтани ин ё он шакли дастгирии давлатӣ (имтиёзҳо, кумаки натуралӣ ва ғайра) медиҳад, мефаҳмад. Ҳадди расмии камбизоатӣ ва меъёри эҳтиёҷот, чун қоида мувофиқат намекунанд. Меъёри эҳтиёҷот бояд нишондиҳандаи чандир бошад ва ҳам бо мақсади пешгирии пастшавии ҳавасмандии меҳнатӣ ва ҳам дар асоси имкониятҳои воқеии молиявии кишвар мунтазам баррасӣ карда шавад. Аз ҷиҳати сиёсӣ пурзур кардани меъёри эҳтиёҷот яке аз тадбирҳои номаълум аст.

Дар баробари беҳтар шудани вазъи иқтисодӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва тағйир ёфтани намуди камбизоатӣ, арзиши меъёри эҳтиёҷот бояд аз нав дида шавад [10,с.1-12].

Сатҳи зиндагӣ бо чунин нишондиҳандаҳо тавсиф карда мешавад:

1. Музди миёнаи якмоҳаи ҳисобшудаи коргарони соҳаи иқтисодиёт.
2. Даромади пулӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар як моҳ.
3. Маблағи миёнаи нафақаҳои таъиншуда.
4. Маоши миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар як моҳ.
5. Шумораи одамоне, ки даромадашон аз меъёри зиндагӣ камтар аст.
6. Таносуби сатҳи зиндагонии даромади миёнаи ҳар сари аҳолӣ, музди миёнаи меҳнати ҳисобшуда, маблағи миёнаи нафақаи таъиншуда.

7. Таносуби даромади пулии аҳолӣ.

Сарчашмаҳои маълумот оид ба нишондиҳандаҳои молу мулки ҷамъшуда ва бо манзил таъмин намудани аҳолӣ: аз рӯи ҳаҷми моликияти хоҷагӣ, таҳқиқоти намунавии буҷет, омори савдо оид ба шароити зисту зиндагонии аҳолӣ, омори хоҷагии манзилию коммуналӣ, барӯихатгирии аҳолӣ, таҳқиқоти интихобӣ, дар мамлакат аз рӯйи индекси нархҳои истеъмолӣ ҳисоб карда мешавад. Арзиши сатҳу сифати зиндагӣ аз динамикаи нархҳои истеъмолӣ ва шакли истеъмол вобаста аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Тоҳирова Р.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Алимардонов Т.А. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва баландбардории сатҳу сифати зисти аҳолӣ / Т.А. Алимардонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2024. -№1. -С.57-65. (0,56 ҷч)
2. Алимардонов Т.А. Анализ средней месячной заработной платы / Т.А. Алимардонов, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2018. -№5. -С.38-44.
3. Алимардонов Т.А. Баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар шароити муосири иқтисодӣ / Т.А. Алимардонов, Д.Т. Расулов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -№4/1(49). -С.176-188. Ҷч.0,81
4. Джабборова, З.М. Активизация инвестиционной поддержки развития мясопродуктового подкомплекса региона / З.М. Джабборова, Махмадизод Р.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. -№11. -С.181-185.
5. Комилов С.Дж. Моделирование параметров качества жизни населения в территориальных образованиях / С.Дж. Комилов, Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2020. -№2. -С.162-173.
6. Комилов С.Дж. Основы повышения качества жизни населения и формирование среднего класса / С.Дж. Комилов, Г.Ш. Алиева, Т.А. Алимардонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе 2020. -№1. -С. 28-36. (0,56 пл.).
7. Одинаев М.А. Арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолӣ / М.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. -№6. - Қ. 2. – 0,4 ҷ.ч.
8. Расулов Д.Т. Модели иқтисодӣ-риёзии таҳлил ва баҳодиҳии сифати зиндагии аҳолӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Т. Расулов, Т.А. Алимардонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№10. -қисми 1. -С.94-102. (0,5 ҷч)
9. Расулов Д.Т. Мониторинги ташаккулёбии сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ / Д.Т. Расулов, Т.А. Алимардонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2023. -№11. -С.30-39. (0,63 ҷч)
10. Таҳлили омории инкишофи равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Хушвахтзода Қ.Х., М.А. Одинаев, Ф.С. Обидов, И.С. Шамсов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№2. -С.1-12– 0,5 ҷ.ч.
11. Ходиев Д.А. Моделирование и прогнозирование привлечения инвестиций для освоения природно-ресурсного потенциала региона / Д.А. Ходиев, Х.А. Хофизов, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№6. -С.30-36.
12. Хофизов Х.А. Институциональные аспекты страхования инвестиционного риска в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№8. -С.33-39.
13. Шоймардонов Ҳ.Қ. Баҳодиҳии меъёри арзёбии сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ / Ҳ.Қ. Шоймардонов, Т.А. Алимардонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе, 2024. -№4/1(49). -С.28-41. (0,81 ҷч)


**ДАРОМАДИ АҲОЛӢ ҲАМЧУН НИШОНДИҲАНДАИ САТҲИ ЗИНДАГӢ**


Дар мақола мафҳумҳои асосӣ доир ба даромади аҳолӣ ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи зиндагӣ оварда шудааст. Ҳангоми навиштани мақола пешниҳод карда шудааст, ки мафҳуми сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ ва роҳҳои беҳтар кардани он тавассути фаъолияти иҷтимоӣ ва худшиносии шахсӣ баррасӣ карда шудааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки "сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ" ҳамчун нишондиҳандаи ҷудонашавандаи ҳолати шахс таваҷҷуҳи афзояндаи таҳқиқотчиёнро ҷалб мекунад. Ин мафҳум ҳамчунин фаъолияти ҷисмонӣ, эҷодӣ, иҷтимоӣ, эҳсосӣ ва сиёсии шахсро дар бар мегирад. Масъалаи сифати зиндагонӣ дар илмҳои ҷамъиятӣ ба туфайли майлу хохиши дарк ва омӯзиши яктарафаи инсон фаъолона инкишоф мёбад. Сатҳу сифати зисти аҳолӣ, пеш аз ҳама, бо сифати муҳити зист, нишондиҳандаҳои динамикаи даромади аҳолӣ ва миқёси азхудкунии неъматҳои моддии онҳо алоқаманд буда, бо мафҳумҳои сатҳи зиндагонӣ, дараҷаи зиндагонӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми навиштани мақола доир ба даромади пулии аҳолӣ, пешгӯии нишондиҳандаи даромади пулии аҳолӣ, таҳлили муқоисаи нишондиҳандаи хароҷот ва пасандози аҳолӣ, пешгӯии нишондиҳандаи хароҷот ва пасандози аҳолӣ дар солҳои 2022-2017, индекси нархҳои истеъмолии

молҳо ва хизматгузориҳо ба аҳолӣ, пешгӯии индекси нархҳои истеъмолии молҳо ва хизматгузориҳо ба аҳолӣ (бо ҳисоби фоиз) маълумотҳо оварда таҳлил ва пешгӯӣ карда шудааст. Албатта, сатҳу сифати зисти аҳолӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар иқтисодиёт ба шумор меравад, ки доир ба он ҳам маълумот оварда шудааст. Инчунин, дар мақола мафҳумҳо оид ба индекси нархҳои истеъмолӣ, камбизоатӣ, камбизоатии мутлақ, камбизоатии нисбӣ, камбизоатии субъективӣ маълумотҳои муҳим оварда шудааст. Сифати зиндагӣ маҷмуи нишондиҳандаҳои некуаҳволии умумии одамон мебошад, ки сатҳи истеъмоли моддӣ (сатҳи зиндагӣ), инчунин истеъмоли неъматҳои бевосита пардохтнашавандаро тавсиф мекунад. Сатҳу сифати зисти аҳолӣ чунин мафҳумҳоро дар бар мегирад: муҳити тоза, амнияти шахсӣ ва миллӣ, озодиҳои сиёсию иқтисодӣ ва дигар шароитҳои некуаҳволии инсон, ки миқдораш душвор аст. Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ мақсади афзалиятноки рушди ҷамъият, муҳимтарин самти сиёсати даромад ва музди кори давлат мебошад, ки оид ба ин мафҳум ҳам дар мақола маълумотҳо оварда шудааст.
**Калидвожаҳо:** даромади аҳолӣ, сатҳу сифати зиндагонии аҳолӣ, хароҷот, пасандози аҳолӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ, камбизоатӣ, камбизоатии мутлақ, камбизоатии нисбӣ, камбизоатии субъективӣ.

## ДОХОДЫ НАСЕЛЕНИЯ КАК ПОКАЗАТЕЛЬ УРОВНЯ ЖИЗНИ

В статье представлены основные понятия доходов населения как показателя уровня жизни. В ходе написания статьи было предложено обсудить понятие уровня и качества жизни населения и пути его улучшения посредством социальной активности и личностного самосознания. Стоит отметить, что «уровень и качество жизни населения» как интегральный показатель состояния человека привлекает все большее внимание исследователей. В это понятие входит также физическая, творческая, социальная, эмоциональная и политическая деятельность человека. Проблема качества жизни в социальных науках активно развивается в связи со стремлением одностороннего понимания и познания человека. Уровень и качество жизни населения связаны, прежде всего, с качеством окружающей среды, показателями динамики доходов населения и степенью поглощения его материальных благ и определяются понятиями уровня жизни и уровня жизни населения. При написании статьи о денежных доходах населения необходимо учитывать прогноз показателя денежных доходов населения, анализ сравнения показателя расходов и сбережений населения, прогноз показателя расходов и сбережений населения в 2022-2017 годах, индекс потребительских цен на товары и услуги для населения, прогноз индекса потребительских цен на товары и услуги для населения (в процентах). Конечно, уровень и качество жизни населения – один из важнейших вопросов экономики, о котором также представлена информация. В статье также представлена важная информация о понятиях индекса потребительских цен, бедности, абсолютной бедности, относительной бедности и субъективной бедности. Качество жизни – совокупность показателей общего благосостояния людей, характеризующая уровень материального потребления (уровень жизни), а также потребление товаров, которые непосредственно не оплачиваются. Уровень и качество жизни населения включает в себя следующие понятия: чистая окружающая среда, личная и национальная безопасность, политические и экономические свободы и другие условия благосостояния человека, которые трудно измерить количественно. Повышение уровня благосостояния населения является приоритетной целью развития общества, важнейшим направлением политики доходов и заработной платы государства, информация об этом понятии также представлена в статье.
**Ключевые слова:** доходы населения, уровень и качество жизни населения, расходы, сбережения населения, индекс потребительских цен, бедность, абсолютная бедность, относительная бедность, субъективная бедность.

## POPULATION INCOME AS AN INDICATOR OF LIVING STANDARD

The article presents the basic concepts of population income as an indicator of living standards. During the writing of the article, it was proposed to discuss the concept of the level and quality of life of the population and ways to improve it through social activity and personal identity. It is worth noting that the “level and quality of life of the population” as an integral indicator of the human condition is attracting increasing attention from researchers. This concept also includes the physical, creative, social, emotional and political activities of a person. The problem of quality of life in social sciences is actively developing in connection with the desire for one-sided understanding and knowledge of man. The level and quality of life of the population are associated, first of all, with the quality of the environment, indicators of the dynamics of the population's income and the degree of absorption of its material goods and are determined by the concepts of the standard of living and standard of living of the population. standard of living. When writing an article on the monetary income of the population, a forecast of the indicator of the monetary income of the population, an analysis of the comparison of the indicator of expenses and savings of the population, a forecast of the indicator of expenses and savings of the population in 2022-2017, the consumer price index for goods and services for the population, a forecast of the consumer price index for goods and services for the population (in percent). Of course, the level and quality of life of the population is one of the most important issues of the economy, about which information is also presented. The article also provides important information about the concepts of consumer price index, poverty, absolute poverty, relative poverty and subjective poverty. Quality of life is a set of indicators of the general well-being of people, characterizing the level of material consumption (standard of living), as well as the consumption of goods that are not directly paid for. The level and quality of life of the population includes the following concepts: a clean environment, personal and national security, political and economic freedoms and other conditions of human well-being that are difficult to quantify. Increasing the level of well-being of the population is a priority goal for the development of society, the most important direction of the state’s income and wage policy; information about this concept is also presented in the article.

**Keywords:** income of the population, level and quality of life of the population, expenses, savings of the population, consumer price index, poverty, absolute poverty, relative poverty, subjective poverty.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru.** Телефон: **207-56-56-44**
***Набиев Баҳодур Аҳмадович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-67-50-65**
***Шоймардонов Ҳабибулло Қурбоналиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58.** E-mail: **habib26_01@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Алимардонов Тохирджон Ашуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономический наук, старший преподаватели кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru.** Телефон: **207-56-56-44**
**Набиев Баходур Ахмадович -** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-67-50-65**
***Шоймардонов Хабибулло Курбоналиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-38-38-58**. E-mail: **habib26_01@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Alimardonov Tokhirjon Ashuralievich* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, senior lecturer at the Department of Cybernetics and Digital Economics**. Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Alimardonov.86@bk.ru.** Phone: **207-56-56-44**
***Nabiev Bakhodur Akhmadovich* -** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting**. Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-67-50-65**
***Shoimardonov Habibullo Kurbonalievich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Audit. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-38-38-58.** E-mail: **habib26_01@mail.ru**

ТДУ: 336.2.02 (575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВИИ АҲОЛИИ КИШВАР ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДӢ

*Ҳикматов С.Ҳ., Амонова Д.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳадафҳои олитарини давлат – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ба ҳисоб меравад, амалӣ гардида истодааст. Дар Паёми навбатии худ (26.12.2022) Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки дар чанд соли охир дар сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷанд баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018, ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 баробар шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи меҳнат 1,3 баробар афзоиш ёфт. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4%-и соли 2018 то 22,5% дар соли 2022 коҳиш дода шуд. Инчунин, ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62% зиёд гардид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар 5-соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44%-ро ташкил дод, ки дар соли 2023 ин рақам ба 48% хоҳад расид [10,с.1].

Ногуфата намонад, ки дар ҳалли ин масъалаҳои муҳимми давлатӣ, бо баробари афзоиш ёфтани маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан соҳаҳои иҷтимоии кишвар, аз ҷумла барои баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ аз аҳаммияти хосса холӣ нест.

Афзоиши саводнокии молиявии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимест, ки барои пешрафти иқтисодиёт ва рушди низоми молиявӣ, махсусан рушди низоми ташкилотҳои молиявию қарзӣ боис мешавад. Рушди саводнокии молиявии аҳолии кишвар дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Точикистон барои солҳои 2030» қайд гардидааст ва дар асоси он вазорату идораҳои дахлдори давлат бояд тадбирҳои муҳимеро барои баланд бардоштанӣ сатҳи саводнокии мардуми кишвар амалӣ намоянд [6,с.10]. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар доираи ин стратегия бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагӣ ба шаҳрвандон идоракунии маблағҳо самаранок истифодабарӣ аз хизматрасониҳои низоми молиявӣ, махсусан хизматрасониҳои бонкӣ ва пайдо кардани иттилоот оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои муосири молиявиро омӯзонидан ба мақсад мувофиқ мебошад. Бояд гуфт, ки бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Призиденти кишвар ва татбиқи стратегияҳои миллии рушд то соли 2030 ҷиҳати амалисозии татбирҳои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдори ин соҳа дар солҳои охир ба ин масъала диққати хосса дода истодаанд. Вале ба ақидаи мо, чорабиниҳое, ки онҳо андешида истодаанд, барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ басанда нестанд, чунки дар ин саф, пеш аз ҳама, вазоратҳои соҳавӣ, махсусан Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои идоракунии молиявии давлатӣ бояд пешсаф бошанд, яъне баҳри маърифатнокии аҳолии кишвар ҳиссагузор бошанд.

Бояд фарқ намуд, мафҳуми маърифатнокии молиявиро аз саводнокии молиявӣ, ки маърифати молиявӣ тамоми намудҳои рафтор ва қарорҳои молиявии шахсро дар бар мегирад. Маърифати молиявӣ, мустақиман аз сатҳи огоҳии ҷомеа, маърифати иқтисодӣ ва сифати қонунгузории амалкунанда вобаста аст [10,с.20]. Саводнокии молиявӣ дар ин ҷо шарти асосии ташаккули маърифати молиявӣ мебошад. Бинобар ин, маърифати молиявӣ

ба шахсоне хос аст, ки тафаккури иқтисодӣ доранд, яъне ҳисоби маълумоти миёнаи махсуси иқтисодӣ мебошанд ё дар соҳаи молия таҷрибаи бисёрсола доранд.

Аз ин лиҳоз, саводнокии молиявиро дар навбати худ, бояд қисми асосии аҳолии мамлакат доро бошад.

Бояд қайд кард, ки маърифати молиявӣ метавонад дар натиҷаи амалисозии барномаи мукаммал, афзоиши салоҳият ва саводнокии молиявӣ, ба даст овардани маҳорати касбии молиявӣ ва ҷорӣ намудани маърифати оммавии молиявӣ ташаккул ёбад. Дар айни замон, ченаки асосии маърифати молиявӣ – саводнокии молиявии аҳолӣ мебошад.

Бинобар ин, баланд шудани саводнокии молиявии аҳолии кишвар, таъминкунандаи рушди иҷтимоию-иқтисодӣ ва баланд шудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи мо, дар ҳалли ин масъалаи муҳим баланд бардоштанӣ маърифату саводнокии молиявии аҳолии кишвар, пеш аз ҳама, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳнамо бошанд. Вале то ҳол дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фанни саводнокии молиявӣ ҳамчун фанни таълимӣ пешбинӣ нагардидааст, ё ба пуррагӣ амалӣ нагаштааст. Дар бисёр кишварҳои хориҷӣ дониши саводнокии молиявӣ аз синни хурдӣ дар боғчаҳо, дар мактабҳои ҳамагонӣ ва баъдан дар мактабҳои олӣ бо барномаҳои таълимии махсус омӯхта мешаванд. Вале дар ҷумҳурии мо, то ҳол ин масъала ба пуррагӣ ҳаллу фасли худро наёфтааст.

Ба ақидаи мо, ин фан бояд барои ҳамаи ихтисосҳои мактабҳои олӣ ҳамчун фанни махсуси таълимӣ ҷорӣ карда шавад ва он гоҳ шароити зарурӣ барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии мутахассисон ва аҳолии кишвар хоҳад ба миён омад.

Қайд кардан зарур аст, ки маводҳои лозими барои омӯхтан ва ташкили ҷараёни таълим аз фанни мазкур, алоқаи мавҷуд, ки ба монанди васоити таълимӣ, китоби дарсӣ аз фанни саводнокии молиявӣ бо иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаи таълимии он ба таъб расидааст. Ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ба стандартҳои таълимии мактабҳои олии кишвар ин фанро ворид намуда, ҳамчун фанни таълимӣ барои ҳамаи мактабҳои олӣ ва дигар низоми таълимии кишвари сатҳи поёнӣ, бояд ташкил ва амалӣ намуд ва дар ҳамин ҳолат мумкин аст, ки муаммои саводнокии молиявии аҳолии кишвар давра ба давра ҳаллу фасли худро хоҳад ёфт.

Гумон мекунам, ки агар кӯдак аз хурдсолӣ ба фоида ё зарари худ, ё дар оила оқилона сарф намудани маблағи худ ва ё оила, даромаду зарарро аз ҳамдигар фарқ карда тавонад, он гоҳ барои баланд гаштани саводнокии молиявии онҳо хеле кумак мерасонад. Вале ин масъала то ҳол дар кишвари мо ҳаллу фасли худро бо пуррагӣ наёфтааст ва ё қисман ёфтааст, ки зарурати андешидани чорабиниҳо доир ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар ба миён омадааст.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳоиАсосгузори сулҳув ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи босамари Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, ҷиҳати амалисозии татбиқи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ, нақши низоми бонкии кишвар, махсусан Бонки миллии Тоҷикистон хеле назаррас мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои рушди низоми бонкии кишвар аз аҳаммият холӣ нест. Чунки он ба коҳиши хафҳои қарзӣ ва пешгирии мушкилотҳои саривақтӣ, бознагардонидани қарзҳо мусоидат мекунад. Зеро таҷрибаи низоми бонкии кишвар нишон медиҳад, ки баланд набудани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ боиси ғайримақсаднок истифода бурдани қарзҳо аз ҷониби баъзе муштариёни каммасъул мешавад ва дар навбати худ, ин барои ташкилотҳои молиявию қарзӣ муаммоҳои дар вақташ пардохт накардани қарзро ба миён меорад. Бинобар ин, татбиқи барномаҳо афзоиши саводнокии молиявӣ ба коҳиши хавфҳои қарзӣ ва беҳтар шудани идораи маблағҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Қайд кардан лозим аст, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар дар соли 2022 ба маблағи 14,4 миллиард сомонӣ қарзҳо пешниҳод шуданд, ки нисбат ба соли қаблӣ 700,0 миллион сомонӣ ё 5,1% зиёд мебошанд. Бақияи қарзҳо бошад ба санаи 31.12.2022 маблағи 13,7 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 13,3% ё 1,6 миллиард сомонӣ афзоиш ёфт [2,с.13].

Аз маълумотҳои болои маълум гардид, ки бақияи қарзи дар низоми бонкии кишвар то ҳол назаррас мебошад. Аз ин сабаб, баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва масъулияти қарзгирандагон, инчунин баланд бардоштани маърифати молиявии онҳо ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Ба ин хотир, солҳои охир Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ, фаъолияти густурдаеро ба роҳ монда, дар ҳамкории ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ тадбирҳоеро амалӣ карда истодааст. Зеро афзоиши маърифати молиявии аҳолии кишвар, пеш аз ҳама, барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолот ва афзоиши сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар мусоидат менамояд.

Ба ақидаи мо, баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар аз аҳаммият холӣ нест, махсусан дар рушди низоми бонкии кишвар. Рушди низоми бонкии кишвар, дар навбати худ барои рушди иқтисодиёти кишвар ҳамчун базаи молиявӣ хизмат мекунад, чунки дар лаҳзаҳои мушкилоти молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, низоми бонкӣ мушкилотҳои молиявии онҳоро (бо роҳи додани қарз) сабук хоҳад кард. Дар коҳиш додани хавфҳои қарзӣ ва пешгирии мушкилоти саривақт бознагардонидани қарзҳо мусоидат мекунад.

Аз таҳқиқоти анҷомдодаи гурӯҳи бонки ҷаҳонӣ оиди муайян намудани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар маълум гардид, ки қисми зиёди мардуми кишвар маълумоти кофии молиявӣ дар бораи фаъолияти бонкҳо ва идоракунии даромаду хароҷоти оилаи худро надорад. Тибқи маълумот Бонкӣ Ҷаҳонӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида, ки беш аз 40%-и иштирокчиёни пурсиш даромади худро (даромади умумии худро) пурра истифода мекунад ва танҳо нисфи онҳо як қисми даромади худро пасандоз менамоянд. Инчунин, тибқи ин таҳқиқот 83%-и иштирокчиён дар вақти пурсиш маълум гашт, ки ислоҳоти асосии бонкдории кишварро намедонанд, яъне оиди ислоҳот маълумот дода наметавонанд. Ба ғайр аз ин, 90%-и иштирокчиёни таҳқиқот умуман дар бораи бюрои қарзӣ тасавурот надоранд ва фақат 40%-и онҳо хоҳиш пайдо карданд, ки дар бораи бюрои қарзӣ ва таърихи қарзӣ маълумот дода шавад [7,с.43].

Аз маълумотҳои таҳқиқот маълум гашт, ки кулли аҳолии кишвар ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии иқтисодию молиявӣ ниёз доранд. Яъне, аҳолии кишвар, бояд ҳадди ақали фаъолияту амалиётҳои бонкҳо ва ҳисоб намудани даромаду хароҷоти хонаводаи худро омӯзанд ва дошта бошанд.

Бояд гуфт, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии мардуми кишвар дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагонии онҳо хеле зарур ва мувофиқи мақсад мебошад.

Баланд шудани сатҳи саводнокии молиявӣ ва маърифатнокии аҳолии кишвар боиси он мешавад, ки шаҳрвандон, пеш аз ҳама, молияи хонаводаи худро дуруст ба роҳ монда, маблағҳои буҷети оиларо самарабахш ва мақсаднок истифода менамоянд ва ба ҳамин роҳ устувории молияи оила таъмин карда мешавад.

Қайд кардан ба мавридаст, ки аксари шаҳрвандон маълумоти кофӣ доир ба фаъолияти низоми молиявию қарзӣ ва қоидаҳои дурусти қарзгирӣ ва истифодаи онро намедонанд, агар дошта бошанд ҳам қисми ками аҳолии кишварро ташкил медиҳанд, яъне аксарияти онҳо қоидаҳои қарзгирӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявию қарзӣ ва ҳатто интихоби ташкилотҳои самарабахши қарзиро дарк карда наметавонанд. Бинобар ин, зарурати баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии шаҳрвандон аз аҳаммият холӣ нест.

Аз ин лиҳоз, гумон мекунем, ки ташкилотҳои молиявию қарзӣ чорабиниҳои гуногунро ба монанди гузаронидани вохӯриҳои ташкиливу ташвиқотию тарғиботи доир

ба саводнокии молиявӣ дар байни мардуми кишвар, ба саволу ҷавобҳо ва иттилоотҳо доир ба амалиётҳои қарзгирӣ, қарздиҳӣ, интихоби ташкилотҳои қарзӣ ба этибор гирифтани %-и қарз, муҳлати пардохти он, имтиёзҳои молиявию қарзӣ огоҳ бояд бошанд, ки он яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Бояд мақомоти молиявию қарзӣ ва дигар ташкилотҳои ваколатдори давлатӣ ин гуна вохӯриҳоро мунтазам амалӣ хоҳад кард, ки ба мақсад мувофиқ хоҳад буд.

Бинобар ин, баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ барои роҳандозӣ намудани принсипҳои маблағгузории бо масъулият ва таъмини устувории бозори молиявӣ мусоидат мекунад.

Бояд қайд кард, ки оиди ин масъалаи муҳимми мазкур, аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон корҳои назаррасро барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар самти худрогузошта истодаанд, пайваста пеш мебарад.

Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои охир бо мақсади амалӣ намудан ва татбиқи босамари Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, ҷиҳати амалисозии тадбирҳои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ, санаи 13 майи соли 2023 дар шаҳри Душанбе бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон ва иштироки ташкилотҳои қарзии молиявию суғуртавӣ ва шарикони рушд, аз ҷумла шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ нахустин Фестивали «Саводнокии молиявӣ» доир гардид.

Иштирокчиёни фестивали мазкур асосан барои ҷалби таваҷҷуҳи наврасон ва ҷавонон равона шуд, зеро неруи созандаи ҷавонон дар рушду ташаккули иқтисоди рақамӣ саҳми назаррас дорад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар Форуми мазкур беш аз 150 нафар, аз ҷумла роҳбарият ва намояндагони воҳидҳои сохтории БМТ, шуъбаҳои минтақавӣ, роҳбарияти ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар ва кормандони ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок намуданд.

Ҳадаф аз баргузории чунин чорабиниҳо, васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ, муаррифии хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва дигар институтҳои молиявию қарзӣ, ба мақсади баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ мусоидат мекунад, ки он дар навбати худ барои рушди иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ ва кишвар ҳиссаи худро хоҳад гузошт.

Иннак, маълумотҳои омории БМТ, ММД дар нимсолаи 1-уми соли 2022 бо арзиши номиналӣ ба 46,2 миллиард сомонӣ баробар гардида, афзоиши воқеии он 7,4%-ро ташкил дод.

Афзоиши ММД аз ҳисоби истеҳсоли саноатӣ 17,3%, хизматрасонии пулӣ 12,8%, гардиши саводои чакана 9,3%, кишоварзӣ 7,2% ва соҳаи сохтмон 2,5% таъмин гардид.

Инчунин, гардиши савдои хориҷӣ бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,6% ё 448,4 миллион доллари ИМА зиёд мебошад. Сатҳи таваррум дар моҳҳои январ-июни соли 2022, бинобар нисбатан қиматшавии нархи маҳсулотҳои воридотӣ ва мавсимӣ 4,1%-ро намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 0,2 банди фоизӣ зиёд мебошад [3,с.3].

Баланд шудани саводнокии молиявии аҳолии кишвар нафақат ба сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ самаранок истифодабарии даромади оила (буҷети оила), аҳолӣ, балки ба афзоиши дастрастрасии онҳо ба маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявию қарзӣ мусоидат мекунад.

Мавриди қайд аст, ки афзоиши дастрасӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳои босифати молиявӣ, ҳамчунин, истифодаи пурсамари онҳо, яке аз шартҳои муҳимми рушди иқтисодию молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии мардуми кишвар ба ҳисоб меравад.

Пайваста аз ин, дар шароити имрӯзаи рушди босуръати технологияҳои инноватсионӣ, фарогирии молиявӣ, воситаи самараноки бехатар намудани дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои босифати молиявӣ маҳсуб ёфта, дар таъмини рушди устувори низоми молиявӣ таҳкими бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, ҳифзи

иҷтимоии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳолӣ дар кишвар нақши муҳим мебозад.

Фарогирии молиявӣ кафили рушди ичтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Стратегияи миллии рушд амалӣ карда мешавад.

Бояд гуфт, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати мақоми татбиқкунандаи сиёсати пулию қарзӣ дар самти васеъ намудани доираи фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии онҳо ҳиссаи арзанда гузашта истодааст ва хоҳад гузашт.

Бо ин мақсад, раванди татбиқи нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми июли соли 2022 тасдиқ гардид, ки иҷрои он зина ба зина аз тарафи БМТ таъмин карда истодааст ва онҳо ҳиссагузор мебошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз сатҳи муҳимми таъмини фарогирии молиявӣ, саводнокии молиявии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он мардуми кишвар дорои фаҳмишу дониши молиявӣ гардида, усулу услубҳои истифодаи самараноки захираҳои молиявиро аз худ менамоянд. Дар баробари ин, ин иқдом дар навбати худ ба рушди соҳибкории хурду миёна, дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ, афзоиши суратҳисобҳои ташкилотҳои қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳо тавассути низомҳои пардохтии электронӣ, интиқоли маблағҳои пулӣ, афзоиши пасандозҳои аҳолӣ ва қарзҳо мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки мувофиқи муқаррароти Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраҳои то соли 2030, бо мақсади таҳкими иқтидори захираҳои инсонии ташкилотҳои молиявии ҳамаи сатҳи низоми бонкӣ, таҳия намудани Барномаҳои давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он давра ба давра амалӣ гашта истодааст.

Гумон мекунем, ки амалишавии ин иқдоми нек саҳми худро дар баланд бардоштани сатҳу сифати саводнокии аҳолии кишвар хоҳад гузашт.

БМТ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ таҳқиқоти «Арзёбии сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро анҷом додаанд, ки рафти он 1500 нафар шаҳрвандони синни 18 сола ва болотар аз он, аз тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва пурсиш гузаронида шуд, ки аз онҳо 49,3%-ро занҳо ва 50,7%-ро мардҳо ташкил намудаанд [3,с.33].

Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи ташкилотҳои қарзию молиявии кишвар, барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ корҳои назаррасро анҷом дода истодаанд, ин албатта, иқдоми хуб арзёбӣ мешавад, вале аз таҳқиқотҳое, ки аз тарафи БМТ бо иштироки намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ таҳқиқоти «Арзёбии сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тариқи пурсиш гузаронида ва натиҷаҳои он ҷамъбаст гардид, маълум гашт, ки қисми зиёди аҳолии кишвар, ки саводнокии молиявии онҳо дар сатҳи паст қарор дорад, чораҳои заруриро пурзур кардан лозим.

Бинобар ин, ба ақидаи мо, на фақат БМТ ва низоми ташкилотҳои қарзию молиявии он ба ин масъала диққати ҷиддӣ диҳанд, балки тамоми сохторҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, пеш аз ҳама, Вазорату идораҳои соҳавии кишвар, махсусан Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин масъала бояд пешсаф бошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки то ҳол дар мактабҳои олии кишвар саводнокии молиявӣ ҳамчун фанни махсус ҷорӣ нагаштааст. Аз ин лиҳоз, мутахассисоне, ки мактабҳои олии кишварро тайёр мекунанд, қисми зиёди онҳо аз маълумоти саводнокии молиявӣ хабар надоранд ва ҳатто онҳо барои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ниёз доранд.

Дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон саводнокии молиявӣ ҳамчун фанни махсус эътироф гардидааст, ки аз мактабҳои миёнаи ҳамагонӣ, коллеҷҳо, литсейҳо, гимназяҳо ва дар мактабҳои олӣ ҳамчун фанни махсус бо барномаҳои таълимии махсус вобаста аз типи мактабҳо ба стандартҳои таълимии низоми маорифи онҳо дохил карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаи тамоми шароитҳои таълимӣ мавҷуд аст, ба монанди барномаи таълимии саводнокии молиявӣ, воситаи таълимӣ ва китоби дарсӣ аз фанни махсус, ки аз тарафи Вазорати Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ин иқдомро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама тарафа дастгирӣ намуда, барои амалӣ гаштани он вазорату идораҳо ва ташкилотҳои молиявии кишвар чораҳои заруририро бояд андешад ва такмил диҳанд, ба мақсад мувофиқ хоҳад буд.

Агар аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз хурдсолӣ (мактабҳои миёна, мактабҳои миёнаи касбӣ ва олӣ) фанни саводнокии молиявиро ҳамчун фанни таълимӣ омӯзонанд, он гоҳ шароит барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолии кишвар бамиён меояд ва ҳаллу фасли худро меёбад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тавре аллакай дар боло қайд кардем, дар баробари Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми қарзию молиявии кишвар дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ чорабиниҳои зиёдеро андешида истодаанд, ки дар он аз БМТ сар карда, тамоми бонкҳои хурду калони молиявию қарзии мамлакат ширкат варзида истодаанд. Ба монанди ташкили семинарҳо ва озмунҳои фестивали саводнокии молиявӣ дар миқёси ҷумҳуриявӣ дар байни ҷавонон оиди фаҳмиши саводнокии молиявӣ, семинарҳои иттилоотӣ доир ба саводнокии молиявӣ ва дигар чорабиниҳо доир ба он, амалӣ шуда истодааст, бояд ташкил дод.

Аз таҳлили маълумотҳои омории БМТ ва ташкилотҳои молиявию қарзӣ бо фарогирии бештари аҳолӣ ба семинарҳои омӯзишии саводнокии молиявӣ дар моҳҳои апрел-июни соли 2023 маълум гашт, ки онро аз ҷадвали зерин дидан мумкин аст.

(нафар)

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶСК «Бонки Эсхата» | | | | | | | 1500 |
| ҶСК «Бонки Арванд» | | | | | | 1250 | |
| ҶСА «Спитаменбонк» | | | | | 1000 | | |
| ҶСК «Алифбонк» | | | | 800 | | | |
| Ҷ ҶСК «Тақх Матин» | | | 750 | | | | |
| ҶСП «Душанбе Сити бонк» | | 500 | | | | | |
| ФҚХ «Имдоди Хута» ва ғайра | 250 | | | | | | |

Сарчашма: Маҷаллаи БМТ, апрел-июни соли 2023. -№2. –С.43.

Дар семинари мазкур пешсаф ҶСК «Бонки Эсхата» - 1250, ҶСК «Бонки Арванд» - зиёда аз ҳазор нафар ва ҶСА «Спитаменбонк» зиёда аз 800 нафарро аҳолии кишвар фаро гирифта, дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолии кишвар ҳиссаи худро гузаронида истодааст. Ба ақидаи мо, ин иқдоми нек қадамҳои аввалини ташкилотҳои қарзӣ буда, ҳоло онҳо имкониятҳои хуберо доранд, ки дар ҷалб ва фарогирии семинарҳои омӯзиши саводнокии молиявӣ бояд истифода кард.

Маврид ба зикр аст, ки ҳамаи чорабиниҳои дар боло зикршуда аз тарафи БМТ ва низоми ташкилотҳои қарзӣ-молиявии кишвар бо мақсади баланд бардоштани саводнокии молиявии ҷавонону наврасон ва дигар иштирокчиёни аҳолии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Дар ҳақиқатан таҳлилҳо доир ба сатҳи саводнокии аҳолии кишвар нишон медиҳад, ки саводнокии молиявии қисми зиёди онҳо дар сатҳи паст қарор дошта, аз одитарин фаҳмишҳои (маълумотҳои) молиявӣ бехабар ҳастанд. Бинобар ин, ба ақидаи мо, барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолии кишвар анҷом додан ва амалӣ намудани чорабиниҳои давлатии зерин зарур мебошад, ки онҳо:

1. Раванди омӯзиши дониши молиявӣ бояд дар синни хурдсолӣ, яъне аз муассисаҳои мактабӣ оғоз гардида ва баъдан дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ новобаста аз факултет ва аз ихтисосҳо ҷорӣ, бояд кард.

2. Ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ба нақшаи таълимии мактабҳои олию миёна ва миёнаи махсус (литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо ва ғайра) ҳамчун фанни таълимӣ ворид ва ҷорӣ карда шавад.

3. Такмил додани чорабиниҳо доир ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар ба монанди ташкили озмунҳо, гузаронидани семинари иттилоотӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар доир ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии мардуми кишвар.

4. Назорати қатъӣ аз тарафи мақолаҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба амалӣ гаштан ва ҷорӣ намудани фанни саводнокии молиявӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар тамоми низоми таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Ба ақидаи мо, аҳолии кишвар, ақалан саводнокии молиявии минималӣ дошта бошанд, яъне даромад ва хароҷоти худро ба нақша гирифта тавонанд, захиракунии маблағҳои худ ё оиларо таъмин карда тавонанд, оқилона қарз гиранд, хавфҳои молиявиро баҳогузорӣ карда тавонанд ва ин нишондиҳандаҳоро таҳлил намуда, аз он хулосаи даркорӣ бароварда тавонанд, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки шаҳрванд аз донишу саводнокии молиявӣ огоҳ буда ва ба маълумоти минималии саводнокии молиявӣ мансуб мебошад.

Ба ақидаи мо, агар чорабиниҳо ва пешниҳодҳои дар боло зикршуда татбиқ гардад, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки саводнокии молиявии аҳолии кишвар баланд хоҳад шуд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Икромӣ Ф.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Аҳаммият ва зарурати саводнокии молиявӣ // Маҷаллаи БМТ. – 2023. -№3(102).-С.33.
2. Аҳаммият ва зарурати саводнокии молиявӣ // Маҷаллаи БМТ. Ҷаҳонишавӣ рушди бонкдорӣ. - 2023. -№2. –С.43.
3. Дастурамали №197, «Дар бораи тартиби танзими ташкилотҳои қарзии хурд», аз 28.05.2015.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», аз 16.04.2021.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», аз 19.05.2009.
6. Маҷаллаи БМТ №1 (100) январ-марти соли 2023. –С.13.
7. Маҷаллаи БМТ. – 2022. –С.21.
8. Ҳикматов У.С. Саводнокии молиявӣ. Воситаи таълимӣ / У.С. Ҳикматов. -Душанбе, 2021. -С.27-47.
9. Оуэн Д. Финансовое воспитание детей / Д. Оуэн. -Минск: Попурри, 2013. -240 с.
10. Пайёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2022. –С.1-5.
11. Рубцов Е.Г. Финансовая грарамотность населения как элемент финансового поведения / Е.Г. Рубцов // Международный журнал экспериментального образования. –М., 20115. -№3. –С.255-256.
12. Стратегия повышения финансовой грамотнасти в РФ на 2017-2023 годы от 25.09.2017г., №2039-р.
13. Стратегияи миллии рушди иқтисодиёт барои давраи то соли 2030.


## МАСЪАЛАИ ТАШКИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВИИ АҲОЛИИ КИШВАР ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ИҚТИСОДӢ


Дар ҳар як Паёмҳои худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо қайд карда гузаштанд, ки ҳадафи олитарини давлат, ин баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагонии сокинони кишвар мебошад. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри амалишавии он чораҳои зарурӣ меандешанд ва андешида истодаанд. Инак, дар панҷ соли охир музди меҳнати аҳолӣ 1,5 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфта, дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ аз 27,4%-и соли 2018, то 22,5% дар соли 2022 коҳиш дода шуд. Инчунин, ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 1,9 миллиард сомонӣ соли 2018, то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62% зиёд гардид. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳалли ин масъалаи муҳимми давлатӣ бо баробари афзоиш ёфтани ҳаҷми маблағгузории давлатӣ, инчунин, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар ба мақсад мувофиқ ва мусоид мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки дар айни ҳол масъалаи баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолии кишвар масъалаи муҳимми ҷомеа ва давлат буда, то ҳол дар самти иқтисодию иҷтимоии мамлакат муаммоҳои муайян низ ҷой дорад. Аз ин лиҳоз, мақолаи мазкур маҳз барои бартараф намудани муаммоҳои ҷойдоштаи бахши саводнокии молиявӣ бахшида шудааст.



**Калидвожаҳо:** саводнокӣ, молия, маърифат, рушд, стратегия, бонк, ташкилот, пасандоз, соҳа, иқтисодиёт, қарз, маҳсулот, хизматрасонӣ, чорабиниҳо, вазорат, идораҳо.


## ВОПРОС ПОВЫШЕНИЯ ФИНАНСОВОЙ ГРАМОТНОСТИ НАСЕЛЕНИЯ СТРАНЫ В СОВРЕМЕННЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ


В каждом своем очередном послании лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон отмечал, что высшей целью государства является повышение уровня и качества жизни жителей страны. Поэтому Правительством Республики Таджикистан приняты и принимаются необходимые меры для его реализации. Так, за

последние пять лет зарплата населения выросла в 1,5 раза, размер финальной пенсии увеличился в 1,3 раза. В результате уровень бедности сократился с 27,4% в 2018 году до 22,5% в 2022 году. Также общий объем расходов государственного бюджета на социальную сферу увеличился с 1,9 млрд сомони в 2018 году до 14,7 млрд сомони в 2022 году, или на 62%. Стоит отметить, что в решении этого важного государственного вопроса увеличение объемов государственного финансирования, а также повышение уровня финансовой грамотности населения страны является целесообразным. Необходимо отметить, что в настоящее время вопрос повышения уровня грамотности населения страны является важным вопросом общества и государства, и в этом экономическом и социальном направлении страны все еще существуют определенные проблемы. С этой точки зрения, данная статья посвящена решению существующих проблем в сфере финансовой грамотности.

**Ключевые слова:** грамотность, финансы, образование, развитие, стратегия, банк, организация, сбережения, сектор, экономика, кредит, продукты, услуги, события, министерство, офисы.

**THE ISSUE OF INCREASING THE FINANCIAL LITERACY OF THE COUNTRY'S POPULATION IN MODERN ECONOMIC CONDITIONS**

In each of his next messages, the leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahman noted that the highest goal of the state is to improve the level and quality of life of the country's residents. Therefore, the Government of the Republic of Tajikistan has taken and is taking the necessary measures for its implementation. Thus, over the past five years, the population's salary has increased by 1.5 times, the size of the final pension has increased by 1.3 times. As a result, the poverty rate fell from 27.4% in 2018 to 22.5% in 2022. Also, the total volume of state budget expenditures on the social sector increased from 1.9 billion somoni in 2018 to 14.7 billion somoni in 2022, or by 62%. It is worth noting that in solving this important government issue, increasing the volume of government funding, as well as increasing the level of financial literacy of the country's population, is appropriate and helps. It should be noted that at present, the issue of increasing the literacy level of the country's population is an important issue for society and the state, and there are still certain problems in this economic and social area of the country. From this point of view, this article is devoted to solving existing problems in the field of financial literacy.

**Keywords:** literacy, finance, education, development, strategy, bank, organization, savings, sector, economy, credit, products, services, events, ministry, offices.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳикматов Сафаралӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93-505-55-99**
***Амонова Дилором Абдувахидовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 985399999.** E-mail: **damonova-2020@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хикматов Сафарали*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93-505-55-99**
***Амонова Дилором Абдувахидовна*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры таможенной деятельности. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985399999.** E-mail: **damonova-2020@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Khikmatov Safarali*** **–** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Customs Activities. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93-505-55-99**
***Amonova Dilorom Abduvahidovna*** - Tajik National University, senior lecturer at the department of customs activities. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 985399999.** E-mail: **damonova-2020@mail.ru**

ТДУ: 575.3

# АВТОМАТИКУНОНИИ КОРКАРДИ ҲУҶҶАТҲО БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

*Рустамова Х.Р., Комилов О.О.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳукумати электронӣ як ҷузъи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад, ки ҳоло дар арафаи шаклгирии умумиҷаҳонӣ қарор дорад. Дар шароите, ки интернет ҳамчун воситаи муҳимми алтернативии пахши иттилоот зуҳур намудааст, ин масъала аз ҳар ҷиҳат аҳаммиятнок менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба ҳукумати электронӣ бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003 таҳти №1174 ва барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 таҳти №468† тасдиқ шуда, замина гузошта шуда, барои омӯзонидани хизматчиёни давлатӣ дар ин самт тасмими ҷиддӣ гирифта шудааст. Айни ҳол шабакаи ягонаи давлатии байни мақомоти идоракунӣ таъсис ёфта, ба он 48 мақомот пайваст гардидаанд.

Мисоли равшани он Фармони Президенти мамлакат «Дар бораи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон»», ки соли 2003 ба тасвиб расида буд, инчунин таҳияи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шумор меравад.

Имрӯз барои ташаккули низоми мукаммали ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси технологияҳои иттилоотии муосир боэътимод ва бехатар марҳила ба марҳила гузаштан ба шаклҳои электронии мубодилаи маълумот, рушди соҳаи хизматрасониҳои иттилоотӣ ҳалли масъалаҳои ҳамкории низоми иттилоотии мақомоти давлатӣ, татбиқи лоиҳаҳо оид ба таъсиси марказҳо оид ба пешкаш намудани хизматрасониҳои давлатӣ аз рӯи усули “равзанаи ягона” дар тамоми минтақаҳои кишвар бо роҳи баланд бардоштани ихтисоси кормандон, истифодаи имзои рақамии электронӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ барои аҳоли хеле муҳим мебошад.

Дар шароити имрӯза мутахассисони соҳаҳои гуногун истифода аз техникаю технологияи электрониро ҷиҳати расидан ба ҳадаф хеле муҳим мешуморанд. Техникаи муосир имкон медиҳад, ки коркарди босифати иттилоот бо суръати баланд анҷом ёфта, ба ин васила муштариён ба ахбори лозим дар кӯтоҳтарин муддат даст ёбанд, яъне худкорсозии ҳуҷҷатҳои лозимаро. Дар ҳамаи корхона, маъориф, завод, фабрика ва донишгоҳҳо бо коргарон дар қадами аввал шартнома месозан.

Бо ворид шудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаҳои гуногун тарзи идора кардан ва муносибат ба иҷрои корҳо дар ин соҳаҳо низ куллан тағйир ёфта, доираи равишу методҳои анъанавӣ ё суннатӣ маҳдуд гардид. Яке аз барномаҳое, ки пайдоиши он боиси маҳдуд шудани истифодаи равишу методҳои анъанавӣ ё суннатӣ дар иҷрои амалиёти муҳосиботӣ гардид, ин барномаи Ms Excel аст.

Масъалаи худкорсозии ҳуҷҷатҳо яке аз масъалаи муҳим арзёбӣ гардида, ҳалли он бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ вобаста мебошад ва яке аз воситаҳое, ки барои худкорсозии ҳуҷҷатҳо самаранок истифода карда мешавад, забони барномасозии дохилии Ms Excel, VBA – Visual Basic for Application мебошад. Лозим ба таъкид аст, ки забони барномасозии дохилии Ms Excel (VBA) худкорсозии корҳо ва дигар имкониятҳои ин барномаро чандин маротиба афзоиш медиҳад. Масалан, бо истифода аз барномаи Ms Excel метавон додаҳоро пайгирӣ кард, тарҳ (модел)-и таҳлили додаҳоро таҳия намуд, барои анҷом додани муҳосиба бо ин додаҳо формулаҳоро сохт, додаҳоро бо равишҳои зиёде ҷамъу хулосабандӣ кард, инчунин онҳоро дар намудор (диаграмма)-ҳо намоиш дод.

† Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.pdf (khadamotialoqa.tj)

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки барномаи Ms Excel дар ҳақиқат як барномаи қудратманд барои таҳлили додаҳои ҳаҷман зиёд аст, вале аз он метавон барои анҷом додани муҳосибаҳои сода ва пайгирӣ кардани ҳар маълумоте истифода кард [4]. Содатарин корбурди барномаи Ms Excel, захирасозии маълумот ва қобилияти муназзаму мураттаб кардани он аст. Ҳамин тариқ, ин барнома аз як тараф, як барномаи умумитарин ва аз тарафи дигар, як барномаи тахассуситарин ба шумор меравад, зеро он тавоноии анҷом додани корҳои содатарин то мураккабу печидатарини тахассусиро бо суръати баланд ва дақиқии зиёд дорад.

Содатарин коре, ки дар барномаи Ms Excel метавон худкор намуд, иҷрои амалиётест, ки чанд маротиба ба такрор бояд анҷом дод. Ин кор бо истифода аз забони барномасозии дохилии барнома анҷом дода мешавад.

Истифодаи макросҳо дар Ms Excel иҷрои вазифаҳои якхелаи заҳматталабро худкор карда, иштироки корбарро ба ҳадди ақал мерасонад. Макрос пайдарпайии фармонҳост, ки корбар онҳоро дар кори худ бояд анҷом диҳад.

Қайд намудан зарур аст, ки солҳои охир дар самти коргузории кормандон, ки иҷрои як амал нисбат ба якчанд нафар кормандон такрор меёбад ва ба он бастани шартнома бо кормандон, рақами шартнома, шакли пурраи ному насаби шаҳрванде, ки бо ӯ шартнома баста мешавад, шакли кӯтоҳи ному насаби шаҳрванде, ки бо ӯ шартнома баста мешавад, таърихи бастани шартнома ва ғайраҳо мансуб меёбад, ки ҳар яки онро дар ҳуҷҷати алоҳида тайёр намудан зарур аст, ки барои ҳалли вай масъалаи худкорсозии ҳуҷҷатҳо пайдо мегардад.

Дар ин кор аз имкониятҳои барномасозии дохилии Ms Excel барои сохтани шартномаҳо бо шахсоне, ки иҷрои кори муайян ба онҳо супорида мешавад, истифода карда мешавад. Лозим ба зикр аст, ки фаъолияти ҳар муассисаю ширкате бо кори шартномавӣ алоқаманд аст. Аз ин лиҳоз, оқилона ба роҳ мондани раванди таҳияи шартномаҳо бо мақсади сари вақт оғоз кардан ва ба анҷом расонидани корҳои нақшавӣ бо дарназардошти афзоиши ҳам ҳаҷми корҳо ва ҳам теъдоди кормандоне, ки ба кор ҷалб карда мешаванд, хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Мо метавонем, ки ин гуна технологияро дар корхонаҳо барои худкорсозии ҳуҷҷатҳои болозикр истифода намоем. Масъалагузорӣ карда шуд, ки барои ширкати “Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Сохтмони нав” (минбаъд – ҶММ “Сохтмони нав”) зарурати бастани шартнома бо теъдоди зиёди шаҳвардон барои иҷрои корҳои гуногун пеш омадааст. Вобаста ба ин, бо пешниҳоди ҶММ “Сохтмони нав” дар вараќи алоҳидаи китоби Ms Excel қолаби шартнома таҳия карда шуд (ниг. ба расмҳои 1 ва 2). Пас аз омода гардидани қолаби шартнома ва омӯзиши матни он маълум карда шуд, ки бо дарназардошти талаботи пешниҳодкардаи ҶММ “Сохтмони нав” дар қолаби шартнома бояд маълумоти зерин вобаста ба ҳар як шаҳрванде, ки бо ӯ шартнома баста мешавад, пур карда шавад:

1) рақами шартнома;
2) шакли пурраи ному насаби шаҳрванде, ки бо ӯ шартнома баста мешавад;
3) шакли кӯтоҳи ному насаби шаҳрванде, ки бо ӯ шартнома баста мешавад;
4) таърихи бастани шартнома;
5) коре, ки иҷрои он ба шаҳрванд супорида мешавад;
6) маблаѓи шартнома;
7) муҳлати пардохти ҳаққи кор баъди иҷро;
8) муҳлати иҷрои корҳо;
9) андозаи ҷарима барои таъхири иҷрои кор;
10) андозаи ҷарима барои таъхири пардохти ҳаққи кор аз ҷониби ширкат;
11) муҳлати эътибори шартнома;
12) муҳлати оғози корҳо аз ҷониби шаҳрванд;
13) рақами шиносномаи шаҳрванд;
14) мақоме, ки шиносномаи шаҳрвандро додааст;
15) таърихи додани шиносномаи шаҳрванд;

16) суроғаи шаҳрванд;

17) РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда)-и шаҳрванд.

Маълумоти зикргардида вобаста аз шарту талаботе, ки барои шартнома муайян карда мешавад, метавонад тағйир, аз ҷумла кам ё зиёд гардад.

Лозим ба зикр аст, ки истифодаи барномасозии дохилии Ms Excel солҳои охир дар коргузории самти кадрҳо ва бахши умумӣ, ки гоҳе вақтҳо иҷрои як амалро нисбат ба якчанд нафар, масалан, бастани шартнома бо теъдоди зиёди кормандон ё ҷавоб ба мурочиати шаҳрвандони зиёд, васеъ гардидааст.

Дар варақи қолаби шартнома ҳамчунин ду хоначае муайян карда шуд, ки маълумоти дар онҳо воридшаванда барои кори макрос (барнома) лозим аст. Хоначаи 1-ум (“V1”) “Аввалин рақами тартибие, ки маълумоти шахси дахлдор аз варақи "Додаҳо" гирифта мешавад” номгузорӣ шудааст. Дар ин хонача, масалан, агар корбар хоҳиши сохтани шартномаҳоро барои шаҳрвандони таҳти рақамҳои аз 15 то 50 дошта бошад, адади 15-ро дохил мекунад. Ба таври пешфарз адади дар ин хонача воридшуда 1 ҳаст. Қимати ин хонача ҳамчунин барои аз пойгоҳи додаҳо пайдо кардани маълумоти шаҳрванд, ки таҳти рақами мазкур ҷой дода шудааст, истифода карда мешавад.

Хоначаи 2-юм (“V2”) “Охирин рақами тартибие, ки маълумоти шахси дахлдор аз варақи "Додаҳо" гирифта мешавад”, номгузорӣ шудааст. Дар ин хонача, масалан, агар корбар хоҳиши сохтани шартномаҳоро барои шаҳрвандони таҳти рақамҳои аз 1 то 35 дошта бошад, адади 35-ро дохил мекунад. Ба таври пешфарз адади дар ин хонача воридшуда 10 мебошад.

Яъне, бо истифода аз ин маълумот корбар муйян мекунад, ки шартномаҳо барои шаҳрвандони таҳти кадом рақамҳо (аз чанд то чанд) сабтгардида сохта шаванд.

Азбаски маълумоти мазкур ҳангоми чоп набояд дар варақ чоп карда шавад, зеро он маълумоти ёрирасон аст, барои чопи танҳо шартнома бо истифода аз менюи “Намуд” (“Вид”) маҳдудаи чопро муайян кардан лозим аст. Ин корро бо интихоби маҳдуда (диапазон)-и “A4:W58” ва интихоби менюи “Муқаррар кардан” (“Задать”) аз менюи “Соҳаи чоп” (“Область печати”)-и забона (вкладка)-и “Нишонагузории саҳифа” (“Разметка страницы”) низ анҷом додан мумкин аст.

Барномаи Ms Excel-ро танҳо гурӯҳи муайяни одамон барои иҷрои корҳои муайяни печидаю мураккаб истифода менамоянд, вале дар асл, барномаи мазкур аз муҳосибаи хароҷоти шахсӣ то муҳосиботи ҳисобдории корхонаю ширкатҳои бузургтарин мавриди истифода қарор мегирад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши барномаи Ms Excel барои ҳар як нафар, аз донишҷӯён сар карда, то кормандони ширкату муассисаҳо ба як кори ҳатмӣ табдил ёфтааст. Дар аксарияти мавридҳо донистани ин барнома барои ишғоли ҳатто вазифаҳое, ки бевосита ба муҳосибот алоқаманд нест, як навъ бартарӣ ё имтиёз дониста мешавад.

**Расми 1. Қолаби шартнома (саҳ.1)**
**Figure 1. Contract template (page 1)**



Аввалин рақами тартибие, ки маълумоти шахси дахлдор аз варақи "Додаҳо" гирифта мешавад | 1

Охирин рақами тартибие, ки маълумоти шахси дахлдор аз варақи "Додаҳо" гирифта мешавад | 10

ШАРТНОМАИ № 555

барои хизматрасонии пулакӣ

шаҳри Душанбе — 21-уми майи соли 2023

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди ‘‘Сохтмони нав” дар шахси директор Ализода Салим Шокир, ки минбаъд ‘‘Фармоишгар” номида мешавад ва дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як тараф ва аз тарафи дигар шаҳрванд Мирзоев Соҳиб Акрамович, ки минбаъд ‘‘Иҷрокунанда” номида мешавад, ин шартномаро дар ин хусус ба имзо расониданд:

1. МАВЗУИ ШАРТНОМА

1.1. Тибқи шартномаи мазкур Иҷрокунанда уҳдадор мешавад, ки тибқи супориши Фармоишгар корҳои дар банди 1.2 нишондодашударо анҷом диҳад ва Фармоишгар уҳдадор мешавад, ки корҳои анҷомдодаи Иҷрокунандаро қабул ва ҳаққи кори ӯро пардохт кунад.

1.2. Иҷрокунанда уҳдадор мешавад, ки корҳои зеринро иҷро кунад:

- андова кардани 580 м2 деворҳои 8 ҳуҷра ва рангубор кардани он.

2. МАБЛАҒИ ШАРТНОМА ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ОН

2.1. Маблағи шартномаи мазкур 8400 (ҳашт ҳазору чорсад) сомониро ташкил медиҳад, ки андозҳои тибқи қонунгузорӣ муқарраргардида дар он дохил аст.

2.2. Фармоишгар ҳаққи корро тибқи ин шартнома дар давоми на дертар аз 10 рӯзи корӣ баъди ба имзо расидани санад дар бораи иҷрои корҳо ба таври нақдӣ ба Иҷрокунанда пардохта мекунад.

3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

3.1. Иҷрокунанда уҳдадор аст:

3.1.1) корҳои Фармоишгарро баъд аз ба имзо расидани ин шартнома дар давоми 60 рӯзи тақвимӣ босифат иҷро кунад;

3.1.2) камбудиҳоеро, ки Фармоишгар ошкор мекунад, дар муҳлати муқарраркардаи Фармоишгар бидуни пардохти иловагӣ ислоҳ кунад.

3.2. Фармоишгар уҳдадор аст:

3.2.1) пас аз анҷом корҳоро тибқи санад қабул кунад;

3.2.2) ҳаққи кори Иҷрокунандаро ба андозаи дар банди 2.1 муқарраршуда пардохт

3.3. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад, ки:

3.3.1) барои босифат анҷом додани корҳо аз Иҷрокунанда дастрас кардани мавод ё ашёи дигари заруриро талаб кунад;

3.3.2) барои босифаттар ва сари вақт анҷом ёфтани корҳо ба Иҷрокунанда пешниҳод кунад.

3.4. Фармоишгар ҳуқуқ дорад, ки:

3.4.1) ҳар вақти барояш муносиб раванди корҳои анҷоммедодаи Иҷрокунандаро бе халал расонидан ё мудохила кардан санҷад;

3.4.2) ислоҳи камбудиҳоро аз Иҷрокунанда талаб кунад.

**Расми 2. Қолаби шартнома (саҳ.2)**
**Figure 2. Contract template (page 2)**

4. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

4.1. Барои риоя накардани мӯҳлати дар банди 3.1.1-и ин шартнома вобаста ба мӯҳлати иҷрои корҳо муқарраргардида Иҷрокунанда ба Фармоишгар ҷаримаро ба андозаи 0,01 % аз маблағи шартнома барои ҳар як рӯзи таъхиршуда пардохт мекунад.

4.2. Барои риоя накардани мӯҳлати дар банди 2.2-и ин шартнома вобаста ба пардохти ҳаққи кор муқарраргардида Фармоишгар ба Иҷрокунанда ҷаримаро ба андозаи 0,02 % аз маблағи шартнома барои ҳар як рӯзи таъхиршуда пардохт мекунад.

5. МӮҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

5.1. Шартномаи мазкур аз рӯзи ба имзо расиданаш эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда, то 15-уми сентябри соли 2023 амал мекунад. Иҷрокунанда бояд на дертар аз 5 рӯз рӯз баъди ба имзо расидани ин шартнома ба иҷрои корҳои ба ӯ супоридашуда шурӯъ кунад.

5. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

5.1. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаи мазкур бо розигии тарафҳо тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

5.2. Баҳсу ихтилофоте, ки дар заминаи иҷрои талаботи шартномаи мазкур ба амал меоянд, аз рӯйи имкон бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

Страница 2

5.3. Дар сурати имконнопазир будани ҳалли баҳсҳо бо роҳи гуфтушунид тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи судӣ ҳал карда мешаванд.

5.4. Шартномаи мазкур дар 2 (ду) нусхаи дорои эътибори ҳуқуқии баробар таҳия гардида, якнусхагӣ ба ҳар яке аз тарафҳо дода шудааст.

6. СУРОҒА ВА ИМЗОИ ТАРАФҲО

| ФАРМОИШГАР | ИҶРОКУНАНДА |
|---|---|
| Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Сохтмони нав” | Мирзоев Соҳиб Акрамович Шиносномa: АХХХХХХ , аз тарафи ШВКД дар ноҳияи Сино аз 10-уми октябри соли 2005 дода шудааст. |
| Суроға: ХХХХХХ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, ХХ | Суроға: н. Сино, к. Маяковский, х. 555 |
| РМА: ХХХХХХХХХ | РМА: ХХХХХХХХХ |
| Директор_______________С. Алиизода | _______________С. Мирзоев |
| имзо | имзо |

Бо дарназардошти талаботи пешниҳодкардаи ҶММ “Сохтмони нав”, дар вараqи алоҳидаи дигари китоби Ms Excel сохтори пойгоҳи додаҳои шаҳрвандон, ки бо онҳо шартнома баста мешавад, муайян карда шуд (ниг. ба расми 3).

**Расми 3. Сохтори пойгоҳи додаҳои шаҳрвандон, ки бо онҳо шартнома баста мешавад**
**Figure 3. The structure of the database of citizens with whom the contract is concluded**



Маълумоти сутунҳои ҳамин диапазон бояд ворид карда шавад

| Номи файл барои сабт | Р/т | Рақами шартнома | Ному насаб (шакли пурра) | Ному насаб (шакли кӯтоҳ) | Таърихи бастани шартнома | Коре, ки иҷрокунанда бояд анҷом диҳад | Маблағи шартнома | Муҳлати пар-дохти ҳаққи кор баъди иҷро | Муҳлати иҷрои корҳо | Андозаи ҷарима барои таъхири иҷрои кор | Андозаи ҷарима барои таъхири пар-дохти ҳаққи кор | Муҳлати эътибори шартнома | Муҳлати оғози корҳо | Рақами шиноснома | Мақоме, ки шиносномаро додааст | Таърихи додани шиноснома | Суроға | РМА |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1_Шартномаи 555_Мирзоев Соҳиб Акрамович | 1 | 555 | Мирзоев Соҳиб Акрамович | С. Мирзоев | 21-уми майи соли 2023 | андова кардани 580 м2 деворҳои 8 ҳуҷра ва рангубор кардани он | 8400 (ҳашт ҳазору чорсад) сомонӣ | 10 рӯзи корӣ | 60 рӯзи тақвимӣ | 0,01 % | 0,02 % | 15-уми сентябри соли 2023 | 5 рӯз | АХХХХХХ | ШВКД дар ноҳияи Сино | 10-уми октябри соли 2005 | н. Сино, к. Маяковский, х. 555 | XXXXXXXXX |
| 2_Шартномаи 556_Абдуллоев Карим Мащмудович | 2 | 556 | Абдуллоев Карим Мащмудович | К. Абдуллоев | 24-уми майи соли 2024 | часпонидани коғаздеворӣ дар 580 м2 деворҳои 7 ҳуҷра | 5200 (панҷ ҳазору дусад) сомонӣ | 6 рӯзи корӣ | 40 рӯзи тақвимӣ | 0,01 % | 0,02 % | 15-уми августи соли 2023 | 4 рӯз | АХХХХХХ | ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ | 15-уми ноябри соли 2006 | н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ, х. 423 | XXXXXXXXX |
| 3_Шартномаи 557_Зарифов Анвар Исоевич | 3 | 557 | Зарифов Анвар Исоевич | А. Зарифов | 25-уми майи соли 2025 | насби дарҳо 20 ҳуҷра ва насби қулф дар ҳар яке аз онҳо | 3000 (се ҳазор) сомонӣ | 7 рӯзи корӣ | 4 рӯзи тақвимӣ | 0,01 % | 0,02 % | 10-уми июни соли 2025 | 5 рӯз | АХХХХХХ | ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансур | 5-уми январи соли 2000 | н. Шоҳмансур, к. Мастогулов, х. 888 | XXXXXXXXX |

Дар ин ҷадвал маълумоти шахсии одамони воқеӣ истифода нашудааст ва маълумоти воридшуда ба воқеият ҳеҷ алоқае надорад.

Дар қадами баъдӣ, аз пойгоҳи додаҳо пайдо кардани ҳар яке аз бахшҳои маълумоти шаҳрванди дахлдор ва дар ҷойҳои дахлдори матни қолаби шартнома гузоштани он меистад. Тавре зикр гардид, қимати хоначаи “V1”-и вараќи “Қолаби Шартнома” – “Аввалин рақами тартибие, ки маълумоти шахси дахлдор аз варақи "Додаҳо" гирифта мешавад” – ҳамчунин, барои аз пойгоҳи додаҳо пайдо кардани маълумоти шаҳрванд, ки таҳти рақами мазкур ҷой дода шудааст, истифода карда мешавад.

Барои кори мазкур дар Ms Excel аз функсияи “ВПР” истифода кардан лозим аст. Ин функсия барои пайдо кардани додаҳо аз рӯйи сатрҳо дар ҷадвал ё маҳдудаи дахлдор ба кор бурда мешавад. Ҳангоми истифодаи ин функсия маълумоти ҷустуҷӯшаванда бояд беҳамто бошад. Аз ин лиҳоз, дар пойгоҳи додаҳо дар сутуни “B” рақами тартибии ҳар яке аз сабтҳои марбут ба маълумоти шаҳрвандон гузошта мешавад, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо такроршаванда нест.

Барои сохтани синтаксиси функсияи “ВПР” 4 маълумоти зерин лозим аст:

1. қимате, ки бояд ёфта шавад, яъне қимати мавриди ҷустуҷӯ;
2. маҳдуда (диапазон)-е, ки қимати мавриди ҷустуҷӯ дар он ҷой дорад. Бояд дар хотир дошт, ки барои кори дурусти функсияи “ВПР” қимати мавриди ҷустуҷӯ бояд дар сутуни якуми маҳдуда бошад. Тавре ки аз сохтори пойгоҳи додаҳои шаҳрвандон мушоҳида кардан мумкин аст, қимати мавриди ҷустуҷӯ, яъне рақами тартибии ҳар як шаҳрванд дар сутуни “B” ҷой дорад, аз ин лиҳоз, маҳдуда (диапазон)-и мо аз “B3” оғоз мешавад;
3. рақами сутуне, ки қимати баргардонидашаванда дар он аст. Масалан, агар мо аз пойгоҳи додаҳои шаҳрвандон маблағи шартномаро, ки бо шаҳрванди дахлдор баста мешавад, пайдо кардан хоҳем, рақами сутуни он (“H”) 7 мешавад;
4. агар мақсад ёфтани қимати тахминӣ бошад, калимаи “Истина” ё адади 1-ро нишон додан мумкин аст ва агар мақсад ёфтани қимати дақиқ бошад, бояд калимаи “Ложь” ё адади 0-ро нишон дода шавад.

Ҳамин тариқ, синтаксиси функсияи “ВПР” чунин аст:

= ВПР (қимати ҷустуҷӯшаванда; ҷой (ҷадвал) барои ҷустуҷӯи қимати мазкур; рақами сутун дар маҳдуда, ки қимати он баргардонида мешавад; баргардонидани қимати тақрибӣ ё дақиқ) [4].

Масалан, барои пайдо кардани таърихи бастани шартнома (хоначаи “M7” дар варақи қолаби шартнома “Колаби Шартнома”) “ВПР” намуди зеринро мегирад:

=ВПР ($V$1; Додахо!$B$3:$S$501;5;0), ки дар он “$V$1” – қимати ҷустуҷӯшаванда, “Додахо!$B$3:$S$501” – ҷой (ҷадвал) барои ҷустуҷӯи қимати ҷустуҷӯшаванда, 5 – рақами сутун дар маҳдуда, ки қимати он баргардонида мешавад ва 0 – шарт барои баргардонидани қимати дақиқ аст.

Дар натиҷаи ворид кардани формулаи боло, матни зерин ҳосил мешавад:

“21-уми майи соли 2023”, яъне аз хоначаи “F3”-и варақи “Додаҳо” маълумоти дахлдор ба хоначаи “M7”-и варақи “Колаби Шартнома” баргардонида шудааст.

Агар дар хонача дар баробари қиматҳои тағйирёбанда (қиматҳое, ки бо истифода аз функсияи ВПР аз пойгоҳи додаҳо баргардонида мешаванд) қиматҳои собит (тағйирнаёбанда) истифода шаванд, дар ин сурат барои пайваст кардани қисматҳои як ё якчанд сатрҳои матнӣ бояд қиматҳои тағйирнаёбанда дар дохили аломати нохунак ("") ҷой дода ва аз амалгар (оператор)-и “&” (амперсанд) истифода карда шавад.

Масалан, барои сохтани матни муқаддамотии шартнома формула намуди зеринро мегирад:

="Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Сохтмони нав” дар шахси директор Ализода Салим Шокир, ки минбаъд “Фармоишгар” номида мешавад ва дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як тараф ва аз тарафи дигар шаҳрванд " &ВПР($V$1;Додахо!$B$3:$S$501;3;0) & ", ки минбаъд “Иҷрокунанда” номида мешавад, ин шартномаро дар ин хусус ба имзо расониданд:"

Дар натиҷаи ворид кардани формулаи боло, матни зерин ҳосил мешавад:

“Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Сохтмони нав” дар шахси директор Ализода Салим Шокир, ки минбаъд “Фармоишгар” номида мешавад ва дар асоси Оиннома амал мекунад, аз як тараф ва аз тарафи дигар, шаҳрванд Мирзоев Соҳиб Акрамович, ки

минбаъд “Иҷрокунанда” номида мешавад, ин шартномаро дар ин хусус ба имзо расониданд:”

Ба ҳамин тартиби бахшҳои дигари қолаби шартнома бо формулаҳои мувофиқи иборат аз қиматҳои тағйирёбанда ифода карда мешавад.

Пас аз ворид кардани фомулаҳои дахлдор, дурустии онҳо санҷида мешавад. Барои ин кофист, ки дар хоначаи “V1”-и вараќи “Қолаби Шартнома” қимати дигар ворид карда шавад. Масалан, баъд аз ворид кардани адади 2 дар ин хонача ҳамаи маълумоти зарурии шаҳрванд – Абдуллоев Карим Маҳмудович, ки дар маҳдудаи *“!$B$3:$S$501”*-и вараќи “Додаҳо” таҳти рақами 2 ҷой дорад, ба ҷойҳои дахлдори қолаби шартнома, яъне дар вараќи “Колаби Шартнома” гузаронида мешавад. Ва ба ҳамин тартиб, агар дар хоначаи “V1”-и вараќи “Колаби Шартнома” адади 3 ворид карда шавад,

Баъди бовар ҳосил кардан ба дурустии формулаҳо қадами навбатӣ худкорсозии сохтани шартномаҳо барои ҳамаи шаҳрвадони дар пойгоҳи додаҳо воридшуда ва сабти ҳар яке аз ин шартномаҳо дар қолаби ҳуҷҷатҳои интиқолпазир – “.pdf” (Portable Document Format) аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Қурбонов К.Ю.**

**АДАБИЁТ**


1. Excel: Профессиональные диаграммы. [Электронный ресурс]. URL: http://excel2.ru/gruppy-statey/professionalnye-diagrammy, свободный.
2. Microsoft Excel – Профессиональное использование MS EXCEL 2003, 2007, 2010, 2013. [Электронный ресурс]. URL: http://excel2.ru/, свободный.
3. MS EXCEL: практикум / О. А. Новицкий [и др.]. -Минск:БГУФК, 2016. -59 с.
4. Гарнаев А.Ю. Excel, VBA, Internet в экономике и финансах / А.Ю. Гарнаев. -СПб.: БХВ-Петербург, 2005. -796 с.
5. Гарнаев, А.Ю. Microsoft Office Excel 2010: разработка приложений / А.Ю. Гарнаев, Л.В. Рудикова. -СПб.: БХВ-Петербург, 2011. –528 с.
6. Джураева, А. Совершенствование системы оплаты труда преподавателей высшей школы (на примере вузов Республики Таджикистан): монография / А. Джураева, Г.А. Ходжабекова. -Екатеринбург: УрГЭУ, 2008. -132 с.
7. Имена в MS EXCEL [Электронный ресурс]. URL: http://excel2.ru/articles/imena-v-ms-excel, свободный.
8. Карлберг К. Бизнес-анализ с помощью Microsoft Excel / К. Карлберг. -2-е изд. -М.: Вильямс, 2003. -446 с.
9. Левин, А.Ш. Word и Excel / А.Ш. Левин. – 3-е изд. -СПб.:Питер, 2015. -191 с.
10. Пикуза В. Экономические расчеты и бизнес-моделированиев Excel / В. Пикуза. -СПб.: Питер, 2012. -400 с.
11. Пикуза, В. Автоматизация и моделирование бизнеспроцессов в Excel. [Электронный ресурс]. URL: http://www.cfin.ru/itm/excel/pikuza/index.shtml, свободный.
12. Рустамова, Х.Р. Модернизация системы высшего образования Республики Таджикистан / Х.Р. Рустамова // Международная конференция по компьютерному анализу проблем науки и технологии. -Душанбе, 2015. -С.221-226.
13. Сингаевская Г.И. Функции в Microsoft Office Excel 2010 / Г.И. Сингаевская. -М.: ООО «ИД Вильямс», 2011. -672 с.
14. Уокенбах, Дж. Excel 2010: лучшие трюки Джона Уокенбаха /Дж. Уокенбах; пер. И. Дубенок. -СПб.: Питер, 2011. -464 с.
15. Хитрости: Excel для всех [Электронный ресурс]. URL: http://www.excel-vba.ru/chto-umeet-excel/, свободный.
16. Шакель, Е.В. Табличный процессор Microsoft Excel 2010:учебно-методическое пособие / Е.В. Шакель; под ред. С.И. Максимова. -Минск: РИВШ, 2013. -131 с.


## ХУДКОРСОЗИИ ҲУҶҶАТҲО БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ


Дар мақолаи илмӣ худкорсозии (автоматикунонии) ҳуҷҷатҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ мешавад, ки ин барои соҳаи байниидоравӣ, мубодилаи фаврии иттилоотӣ ва ҳуҷҷатгузории байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар муассисаҳои таълим муҳим аст. Дар замони имрӯза худкорсозии ҳуҷҷатҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, вай имконият медиҳад, ки иттилоот оид ба кормандон дар вақти зарурӣ дастрас карда шавад. Ҳалли ин масъала бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ вобаста мебошад. Дар мақолаи мазкур оиди худкорсозии ҳуҷҷатҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ гардида, худкорсозии шартномаи коргарон дар барномаи Ms Excel, дида баромада шудааст. Дар шароити кунунӣ, ки ҳама гуна иттилоот дорои мавқеъ ва қимати хос мебошад ва барои мутахассисони соҳаҳои гуногун дар вақти зарури дастрас намудани он мувофиқи мақсад буда, амалишавии вай бо масъалаи худкорсозии ҳуҷҷатҳо вобаста аст. Худкорсозии ҳуҷҷатҳо имкон медиҳад, ки тарзи идора кардан ва муносибат ба иҷрои ҳуҷҷатҳоро куллан тағйир дода, коркарди босифати иттилоот бо суръати баланд анҷом дода шуда, дар муддати кӯтоҳ иттилооти даркорӣ оид ба кормандони соҳаҳои гуногун дастрас карда шавад.



**Калидвожаҳо**: худкорсозии иттилоот, иттилоот, корхона, кормандон, ҷадвали электронӣ, компютер, барнома, шартнома, системаи худкоргардонидашуда.

## АВТОМАТИЗАЦИЯ ОБРАБОТКИ ДОКУМЕНТОВ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

В научной статье рассматривается важность автоматизации документооборота с использованием информационных технологий в межведомственной сфере. Эта сфера представляет собой непосредственный обмен информацией и документацией между Правительством Республики Таджикистан, органами исполнительной власти и другими образовательными учреждениями. В настоящее время автоматизация документооборота является одним из важнейших вопросов, она позволяет получить информацию о сотрудниках в нужный момент. Решение этой проблемы тесно связано с применением информационных технологий. В данной статье освещается вопрос автоматизации документооборота с использованием информационных технологий, а также рассматривается процесс автоматизации трудовых договоров с помощью MS Excel. В современных условиях, когда каждая информация имеет свою значимость и специалистам из различных областей важно иметь к ней доступ в нужный момент, реализация этого требования тесно связана с вопросом автоматизации обработки документов. Автоматизация документооборота позволяет определить методы управления и подход к оформлению документов. Качественная обработка информации происходит с высокой скоростью, а необходимая информация о сотрудниках из различных сфер доступна в электронном виде в короткие сроки.

**Ключевые слова**: информационная автоматизация, информация, предприятие, сотрудники, электронная таблица, компьютер, программное обеспеченit, автоматизированная система

## AUTOMATION OF DOCUMENT PROCESSING USING INFORMATION TECHNOLOGY

The scientific article discusses the importance of automating document management using information technology in the interdepartmental sphere. This sphere represents a direct exchange of information and documentation between the Government of the Republic of Tajikistan, executive authorities, and other educational institutions. At present, the automation of document management is one of the most important issues, it allows obtaining information about employees at the right time. The solution to this problem is closely related to the use of information technology. This article covers the issue of automating document management using information technology, and also considers the process of automating labor contracts using MS Excel. In modern conditions, when every piece of information has its significance and specialists from various fields need to have access to it at the right time, the implementation of this requirement is closely related to the issue of automating document processing. Document management automation allows defining management methods and an approach to document design. High-quality information processing takes place at high speed, and the necessary information about employees from various spheres is available in electronic form in a short time.

**Keywords**: information automation, information, enterprise, employees, spreadsheet, computer, software, automated system.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Рустамова Хуршедабону Раҳимовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93-575-44-77.** E-mail: **hursheda_2317@mail.ru**

***Комилов Окил Одилович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физика-математика, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **(+992) 928281221.** E-mail: **okil.komilov@yandex.ru**

**Сведения об авторах:** ***Рустамова Хуршедабону Рахимовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующая кафедрой информационной и комуникационной технологии. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93-575-44-77.** E-mail: **hursheda_2317@mail.ru**

***Комилов Окил Одилович*** - Таджикский национальный университет, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры информационной и комуникационной технологии. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 928281221.** E-mail: **okil.komilov@yandex.ru**

**Information about the authors:** ***Rustamova Khurshedabonu Rakhimovna*** **–** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Information and Communication Technology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93-575-44-77.** E-mail: **hursheda_2317@mail.ru**

***Komilov Okil Odilovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of Information and Communication Technology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 928281221.** E-mail: **okil.komilov@yandex.ru**

ТДУ: 36.1/.5(575.3)

# НИЗОМИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ВА ДУРНАМОСОЗИИ ДАВЛАТӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Ҷалолзода Муҳаммад Шарафҷон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити вазъи зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳон дар пасманзари таҳдидҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ташкили низоми дурусти банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳар як кишвар нақши асосӣ мебозад. Зеро, низоми дурусти банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ имконият медиҳад, ки иқтидору имкониятҳои воқеии бахшу соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба нақша гирифа шуда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ истифода карда шаванд.

Таҷрибаи як қатор кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас дар иқтисодиёт, асоси муваффақияти онҳо ҷорӣ намудани низоми дурусти банақшагирии стратегии рушди иқтисоди миллӣ ва роҳандозии нақшаҳои индикативӣ ҳамчун модели асосии идоракунии рушди иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад [1].

Банақшагирии стратегӣ барои иҷрои вазифаҳои муҳимми давлатӣ хизмат менамояд, аз қабили муайян намудани ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, афзалиятҳои миллию минтақавӣ, муайян ва ҷалби захираву сарчашмаҳо, муайян намудани механизми фаъолсозии фаъолияти ҳамаи соҳаҳо ва қишрҳои ҷомеа [13].

Низоми дурнамосозии давлатӣ дар давраи начандон тулонии истиқлолият марҳила ба марҳила ба яке аз низомҳои инкишофёбанда ва ба рушди иқтисодиёт мусоидаткунанда табдил ёфта истодааст. Ташкили низоми миллии банақшагирии стратегӣ таърихи начандон тулонӣ дошта, аз соли 2017 оғоз гардидааст.

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи ташкили низоми банақшагирии стратегӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ соли 2017 Ҳукумати мамлакатро барои идомаи корҳо дар самти такмили низоми идоракунии давлатӣ, бахусус тарҳрезӣ ва амалӣ намудани асосҳои банақшагирии стратегӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллии идоракунӣ вазифадор намуда буданд [10].

Бунёди низоми миллии дурнамосозии давлатӣ, ки яке аз ҷузъҳои муҳим ва ҷудонашавандаи низоми иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, дар фазои мураккаби иқтисодиёти кишвар солҳои 1991-2000 (марҳилаи якум) дар шароити низоъҳои сиёсӣ ва номуйяниҳо дар низоми иқтисодӣ оғоз гардид. Дар ин давра, ба ғайр аз мушкилиҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, коста гардидани робитаҳои иқтисодию молиявӣ бо кишварҳои хориҷӣ, мавҷуд набудани қонунгузории миллӣ ба раванди рушди устувори низоми иқтисодӣ монеа эҷод менамуд.

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдами миллӣ (солҳои 2001-2005) марҳилаи ибтидоии амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ, асосан ба ташаккули асосҳои ҳуқуқии низоми нави иқтисодӣ равона гардида буд. Дар ҳамин марҳила бо мақсади ба танзим даровардани низоми дурнамосозӣ аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ» қабул карда шуд.

Қонуни мазкур мақсаду мазмуни дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақҳои онро муайян карда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии тартиби таҳия, баррасӣ ва тасдиқи онҳоро муқаррар намуд [6].

Тибқи талаботи қонуни мазкур, дурнамои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи кӯтоҳмуддат ҳар сол ва дар таркиби дурнамои миёнамуҳлат барои се соли минбаъда дар асоси муқаррароти барномаи инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи миёнамуҳлат (барои давраи панҷсола) таҳия карда мешуд.

Вазифаҳои асоси Шуро таҳияи масъалаҳои методологӣ, илмию техникии ояндабинӣ, таҳияи пешниҳод оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои ояндабинӣ, инчунин таҳлилу таҳқиқи илмиии дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, лоиҳаи мақсадноки давлатӣ, минтақавӣ ва байниминтақавӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар марҳилаи навбатӣ, яъне солҳои 2006-2015 дурнамосозии рушди иқтисодию иҷтимоӣ бо шаклу воситаҳои дар ҳамон замон дастрас таҳия карда мешуд, ки аз нигоҳи муаллиф на ҳамаи паҳлуҳо ва нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоиро дар бар мегирифт. Бо назардошти тағйирёбии вазъ ва талабот оид ба мукаммалгардонии раванди таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба қонуни асосии танзимкунандаи раванди таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ» се маротиба, аз ҷумла солҳои 2009, 2011 ва 2017 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Дар асоси муқаррароти қонуни болоқайдшуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007 таҳти №649 Тартиби таҳияи дурнамоҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд [5].

Нақши дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ маҳз дар марҳилаи сеюм, яъне солҳои 2006-2015 дар таъмини рушди иқтисодии кишвар, ҳамоҳангсозии сиёсати буҷетӣ, монетарӣ ва макроиқтисодӣ бараъло мушоҳида мешуд, зеро марҳилаи сеюми ташаккулёбии низоми дурнамосозӣ ба марҳилаи барқароршавӣ ва вусъат ёфтани пояҳои низоми иқтисоди миллӣ рост меояд. Дар ин давра зарур буд, ки иқтидорҳои воқеии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ муайян шуда, дар асоси иқтидорҳои мавҷуда самтҳои стратегии рушди кишвар тарҳрезӣ карда шаванд. Маҳз дар ҳамин давра Ҳукумати кишвар аввалин маротиба Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015-умро қабул кард. Дар баробари ин, ду Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012 таҳия ва амалӣ шуд. Ин санадҳои муҳимми стратегӣ бо назардошти дурнамои рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иқтидорҳои мавҷудаи дохилӣ таҳия ва амалӣ карда шудаанд.

Дар ин давра дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоӣ бо усулҳои математикӣ ҳисоб ва таҳия карда мешуд, ки меҳнат ва вақти зиёдро талаб мекард. Дар баробари ин, ҳамбастагии соҳаҳо, яъне муайян намудани тағйирёбии нишондиҳандаҳои як соҳа ё бахш ҳангоми тағйирёбии соҳа ё бахши дигар ба таври пурра ба инобат гирифта намешуд.

Гарчанде дар ин давра низоми дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба пешрафтҳои назаррас ноил гардида бошад ҳам, масъалаи баланд бардоштани дақиқияту ба воқеият наздик будани дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин ҷорӣ намудани механизмҳои наву муосири дурнамосозӣ фаъолсозии фаъолияти минбаъдаро дар ин самт тақозо менамуд.

Барои ҳамқадами замон будан ва истифодаи механизмҳои наву муосир барои таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ҳамкориҳо бо шарикони рушд дар ин самт тақвият дода шуд. Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта муайян карда шуд, ки аксари кишварҳо дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро ба воситаи моделҳои макроиқтисодӣ ё худ эконометрикӣ таҳия менамояд, ки дақиқият ва воқеияти баланд дошта, ҳамбастагии соҳаҳоро ба таври худкор муайян менамояд.

Вобаста ба ин, ҷиҳати ҷорӣ намудани механизм ва воситаи дурнамосозии мазкур коршиносони сатҳи байналмилалӣ даъват карда шуда, раванди таҳияи модели дурнамосозии макроиқтисодии мутобиқ ба шароити Тоҷикистонро оғоз намуданд.

Дар марҳилаи чорум, шуруъ аз соли 2016 то инҷониб дурнамосозии давлатӣ тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ба воситаҳои муосири дурнамосозӣ, яъне моделҳои макроиқтисодӣ ба роҳ монда шудааст, ки аз ҷиҳати техникию технологӣ ва ҳамоҳангии нишондиҳандаҳои соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ самаранок мебошад.

Модели макроиқтисодӣ нақшаи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои миқдориро иҷро намуда, имкон медиҳад, ки динамикаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ вобаста

ба вариантҳои сенариявии рушди вазъи иқтисодии хориҷӣ дар асоси алоқамандии сохтори муайяншудаи параметрҳои гуногун ба роҳ монда шавад.

Натиҷаҳои ҳисобкунӣ ҳамчун арзишҳои эҳтимолӣ баррасӣ карда мешаванд, зеро модел маҷмуи тахминҳоро (аз ҷумла ташаккули қурби асъор, таваррум, сармоягузориҳо) ба назар мегирад. Барои ба даст овардани сенарияҳои алтернативӣ, тағйир додани тахминҳои аввалия кофӣ хоҳад буд. Аз ин рӯ, истифода аз моделҳои макроиқтисодӣ метавонад воситаи муосири арзёбии мувофиқати вариантҳои гуногуни сиёсати макроиқтисодӣ бошад.

Бояд қайд намуд, ки аз сабабе ки тамоми ҳуҷҷатҳои стратегӣ, аз ҷумла дурнамоҳои давлатӣ, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иҷтисодии ҷумҳурӣ дар асоси қонуни мазкур таҳия ва ба тасвиб расидаанд, ҳуҷҷатҳои мазкур самтҳои ояндаи рушди иқтисодиётро бо дарҷи роҳҳои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии давлатӣ муайян менамоянд, зарурати такмили қонуни зикршуда ба миён омад.

Дар ин росто бо мақсади гузарониданиислоҳот дар қонунгузории кишвар, бахусус дар самти такмили низоми дурнамосозӣ ва таҳияи сифатноки ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав 3 августи соли 2018 таҳти №1544 қабул карда шуд [7].

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ дурнамоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон тавассути моделҳои иқтисодӣ таҳия карда мешаванд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин усули муосири дурнамосозӣ истифода намуда истодааст.

Аз ин лиҳоз, дар қонун мафҳуми моделҳои дурнамосозии давлатӣ дарҷ гардид. Ҳадаф аз таҳияи қонун дар таҳрири нав ин, пеш аз ҳама, ба талаботи равандҳои муосир ва ба таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи минтақа ва ҷаҳон мутобиқ намудани қонунгузории кишвар дар ин самт ба ҳисоб мерафт.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» раванди таҳия ва муҳлати дурнамоҳои давлатӣ, Консепсияи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро муқаррар менамояд. Дар таҳрири нави қонун муҳлат ва пайдарҳамии таҳияи ҳуҷҷатҳои болоқайдшуда мушаххас карда шуд.

Аз ҷумла, дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва таъмини амнияти иқтисодӣ барои ояндаи кӯтоҳмуҳлат (як сол), миёнамуҳлат (то 5 сол) ва дарозмуҳлат (на кам аз 10 сол) таҳия мегардад.

Консепсияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади муайян кардани самтҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ояндаи дарозмуҳлат ба муҳлати на кам аз 20 сол таҳия карда мешавад.

Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муайян кардани ҳадафҳои стратегӣ, афзалиятҳо ва принсипҳои рушди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум бо муҳлати на кам аз 15 сол таҳия мегардад.

Моҳияти батанзимдарории идоракунии ҷараёнҳои иқтисодӣ тавассути амали қонуни мазкур дар он буд, ки дар асоси дурнамои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ таҳия гардида, ҳамчунин, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ ва нишондиҳандаҳои он барои ду соли минбаъда» ташаккул меёбад.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ таҳия ва пешниҳод намудани нишондиҳандаҳои дақиқу босифати дурнамоҳои давлатӣ Тартиби таҳияи дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ояндаи кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат (тибқи моддаи 4 қонун), Тартиби таҳияи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тибқи моддаи 5 қонун) ва Тартиби таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳал (тибқи моддаи 13 қонун) пешбинӣ шуда буд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо оид ба таҳияи дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудани дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, аз ҷумла

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо дар қонуни мазкур аввалин шуда дар таҷрибаи ҷумҳурӣ ташкили Шурои методӣ оид ба дурнамосозӣ пешбинӣ гардида буд.

Шурои мазкур мақоми машваратии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо буда, бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо дар самти таҳияи дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудани онҳо таъсис дода шуда буд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷараёни таҳияи якчанд ҳуҷҷатҳои стратегиро танзим намуда, мақсад ва мазмуни онро муайян намекард.

Ҳамзамон, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда масъалаҳои ҳамоҳангсозии банақшагирии стратегӣ, салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи банақшагирии стратегӣ, масъалаҳои мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва баҳогузорӣ ба таври кофӣ ба низом даровarda нашудаанд. Ҳамчунин, дар қонунгузории амалкунанда меъёрҳои баҳодиҳии самаранокии буҷетии банақшагирии стратегӣ мушаххас нагардида буд.

Вобаста ба ин, бо мақсади такмил додани раванди банақшагирии ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва муқаррар намудани низоми ягона ва умумии банақшагирии стратегӣ аз 19 июли соли 2022 таҳти №1894 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» қабул гардид. Қонуни мазкур аз 7 боб ва 23 модда иборат мебошад [8].

Тибқи муқаррароти дар он муайянгардида, рӯйхати ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва ба ҳам тобеию алоқамандии онҳо, таъмини ҳамгироии банақшагирии стратегӣ бо раванди буҷетӣ, ҷорӣ намудани низоми назорати сифат, таҳияи низомҳои ба натиҷа асосёфтаи мониторинг, ҳисоботдиҳӣ, баҳогузорӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд муайян карда мешаванд.

Аз ин рӯ, ҳадафи асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ташаккули чаҳорчӯбаи меъёрии ягона ва муназзами низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд мебошад, ки тибқи он меъёрҳои зарурии идоракунии банақшагирии стратегӣ дар қонуни мазкур муқаррар гардида, раванди банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушд аз давраи банақшагирию таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ то амалисозии онҳо ба низом даровarda мешавад.

Меъёрҳои қонуни мазкур мафҳумҳои навро оид ба низоми иттилоотӣ пешниҳод намуда, салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи банақшагирии стратегӣ, сохтор ва мазмуни ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва ба ҳам вобастагию тобеияти онҳо, банақшагирии таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ, арзиши хароҷот барои амалишавии чорабиниҳои пешбининамудаи ҳуҷҷати стратегӣ, ҳаҷм ва манбаи маблағгузории чорабиниҳои банақшагирифташудаи ҳуҷҷатҳои стратегии таҳияшаванда, назорати сифати ҳуҷҷатҳои стратегӣ, дурнамосозии давлатии рушд, модели дурнамосозии рушд, ҳисоботдиҳӣ ва арзёбии ин ҳуҷҷатҳоро ба таври мушаххас пешбинӣ менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси муқаррароти банди 7 моддаҳои 4 ва 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» санади зерқонунӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таҳияи дурнамоҳои давлатӣ» аз 28 апрели соли 2023 таҳти №168 қабул карда шуд.

Тартиби таҳияи дурнамоҳои давлатӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои муваффақ омода гардида, раванди таҳияи дурнамоҳои давлатӣ барои давраҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлатро муайян ва ба танзим медарорад.

Тибқи тартиби мазкур, дурнамоҳои давлатӣ фарогири соҳаҳои демографӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ, илмию техникӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва мудофиа буда, аз рӯи сенарияҳои бухронӣ, заминавӣ ва некбинона таҳия карда мешаванд.

Қарори мазкур имкон дод, ки раванди банақшагирии стратегӣ, низоми дурнамосозӣ дар кишвар, тартиби таҳияи дурнамоҳои давлатии нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру

ноҳияҳои ҷумҳурӣ мукаммал гардида, дақиқияти нишондиҳандаҳои пешбинишаванда баланд бардошта шавад [4].

Дар марҳилаи ниҳоӣ, низоми дурнамосозии давлатӣ ва банақшагирии стратегӣ бо ҳам пайваст гардида, пояҳои асосии низоми банақшагирии стратегӣ гузошта шуда истодааст. Аз рӯи таҳлилҳои мо дар самти низоми банақшагирии стратегӣ, ки низоми нав дар шароити имрӯзаи кишвар мебошад, таҳқиқотҳои илмӣ қариб, ки вуҷуд надоранд.

Дар ин ҷо зарур мешуморем, ки таҷрибаи кишварҳои минтақа ва шарикони асосии тиҷоратиро дар самти низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Омӯзиши пайдоиши заминаи меъёриии ҳуқуқии низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар бештари кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ заминаи қонунгузорию институтсионалии низоми банақшагирии стратегӣ тақрибан аз солҳои 2010 оғоз гардида, марҳила ба марҳила бо назардошти пойдо шудани корҳои амалӣ такмил ёфта истодааст.

Пайдоиши заминаҳои меъёрии ҳуқуқии низоми банақшагирӣ ва дурнамосозӣ дар кишварҳои шарикони тиҷоратию иқтисодии кишвар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки низоми банақшагирии стратегӣ, низом ё худ механизми муосир буда, тамоми кишварҳо марҳила ба марҳила ба низоми мазкур мегузаранд.

Дар шароити имрӯзаи иқтисоди ҷаҳон, маҳз тавассути банақшагирии стратегӣ ва дунамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ имкониятҳои ноилгардӣ ба мақсадҳои стратегии гузошташудаи кишвар ва вариантҳои эҳтимолии тағйирёбии иқтисодиёт муайян карда мешавад.

Зеро Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар асоси муқарраroти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, индикаторҳои асосии мақсадноки Стратегия барои давраи то соли 2030, дар асоси нишондиҳандаҳои дурнамои вазорату идораҳои соҳавӣ ҳисоб карда шудаанд [11].

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, самтҳои рушди кишвар мушаххас карда шуданд, ки ба консепсияи гузариши иқтисоди миллӣ ба рушди устувор асос ёфтааст. Ин ҳуҷҷат уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Рӯзномаи асри XXI ва Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)-ро, ки дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудаанд, ба инобат мегирад.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, тавассути се давраи миёнамуҳлат амалӣ мегардад:

- марҳилаи гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ (солҳои 2016-2020);
- марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст (солҳои 2021-2025);
- марҳилаи ба анҷом расонидани саноатикунонии босуръат ва баланд бардоштани иқтидорҳо дар асоси дониш ва навовариҳо (солҳои 2026-2030).

Амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дар се марҳила тавассути барномаҳои миёнамуҳлати рушд пешбинӣ шудааст. Бо ин мақсад бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 тасдиқ шуда, босамар амалӣ гардид [2].

Дар марҳилаи аввали татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар равона гардид.

Дар кишвар ислоҳоти мушаххаси иқтисодӣ ва идоракунӣ роҳандозӣ гардида, ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳаҳо ва истифодаи оқилонаи захираҳои дохилӣ аз рӯи имконият ва иқтидорҳои мавҷуда таъмин карда шуд. Идомаи бунёд ва азнавсозии инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими низоми молиявӣ дар давраи амалишавии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 имкон дод, ки суръати рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7% таъмин гардад.

Бояд қайд кард, ки марҳилаи дигари татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст), дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, бо муайян намудани дурнамои индикаторҳои асосӣ бо маром идома дорад [3].

Қайд бояд кард, ки дурнамосозӣ яке аз омилҳои ҳалкунандаи илмии таҳия намудани стратегия ва муайян намудани самтҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад.

Вобаста ба ин, дар замони муосир ба таври васеъ истифода бурдани ҷанбаҳои дурнамосозию банақшагирии стартегӣ ва мунтазам такмил додани методология ва методикаи дурнамосозӣ зарур мебошад, зеро аз раванди таҳия ва сифати дурнамо дуруст пешгӯйӣ кардани рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ вобастагии амиқ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолияти давалтӣ низоми дурнамосозӣ ва банақшагирии стратегиро такмил дода, дар раванди таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ барои пешгӯии фарзияҳои гуногун муайян намудани дурнамои минбаъдаи соҳаҳо истифода намуда истодааст.

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушди устувор қарор дорад ва дар ояндаи дарозмуҳлат бояд механизми амалигардонии низоми банақшагирии стратегӣ барои муайян намудани тамоми захираю имкониятҳои мавҷуда комилан ба роҳ монда шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои стратегӣ на бояд зиёд бошанд, балки нишондиҳандаҳои он иҷрошаванда бошад. Дар ин ҷо роҳандозии низому механизмҳои муосиру самаранок барои иҷрои вазифаҳои стратегии гузошташуда зурур мебошад. Таҷрибаи Олмон дар ин самт бисёр қобили қабул мебошад, зеро дар ин кишвар низоми доимим мониторинги пешрафт, ки бо назорати доимии амалишавии тадбирҳои дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ дарҷшуда машғул аст, амал менамояд [9].

Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили доимии низоми мазкур, бахусус қабули санадҳои зерқонунии Қонуни Ҷумҳурии Точикистон дар бораи банақшагирии старетегӣ ва дурнамосозии давлатӣ, такмили сохтори амалкунандаи вазорату идораҳо ва иқтидори кадрии онҳо дар самти банақшагирии стратегӣ ва бо назардошти ҳадафу афзалиятҳои муайянгардида, таҷдиди назар намудани муқаррароти стратегияву барномаҳои амалкунанда ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Табарзода О.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Государственное стратегическое планирование: перспективы и пути развития, издание Государственной думы. - 2022. -81 с.
2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» аз 28 декабри соли 2016, №678.
3. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 16 июни соли 2021, №441.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таҳияи дурнамоҳои давлатӣ» аз 28 апрели соли 2023, №168.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таҳияи дурнамоҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2007, №649.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ» аз 8 декабри соли 2003, №53.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2018, №1544.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» аз 19 июли соли соли 2022, №1894.
9. Мироненко, В.О. Стратегическое планирование, его значение и этапы // Молодой ученый. - 2017. -№12(146). - С.331-333. [Электронный ресурс]. URL: https://moluch.ru/archive/146/40933/ (дата обращения: 13.10.2023).
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 22.12.2017.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 декабри соли 2016, №636.

12. Ходиев Д.А. Приоритетные направления привлечения прямых инвестиций в освоение природно-ресурсного потенциала региона / Д.А. Ходиев, Х.Р. Исайнов, Х.А. Хофизов // Аудит и финансовый анализ. -М., 2018. -№2. -С.270-274.
13. Шумаева Е.А. Стратегическое планирование социально-экономического развития стран ЕАЭС / Е.А. Шумаева // Вестник института экономических исследований. – 2021. -№4(24). –С.10.

## НИЗОМИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ВА ДУРНАМОСОЗИИ ДАВЛАТӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми миллии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз нишон дода шуда, дастовардҳои муҳиме, ки ба ташаккул ва рушди низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ мусоидат намудаанд, ҷамъоварӣ шудааст. Инчунин, дар мақола вобаста ба марҳилаҳои ташаккули низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ, бахусус таҳияи санадҳоди меъёриву ҳуқуқии батанзимдароварандаи ин соҳа маълумоти мушахас пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, дар мақола қайд гардидааст, ки дар шароити вазъи зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳон дар пасманзари таҳдидҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ташкили низоми дурусти банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ дар ҳар як кишвар нақши асосӣ мебозад. Зеро, низоми дурусти банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ имконият медиҳад, ки иқтидору имкониятҳои воқеии бахшу соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба нақша гирифа шуда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ истифода карда шаванд. Хулоса карда шудааст, ки гузариш ба низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ талаботи замони муосир буда, истифодаи васеи воситаҳои муосир (моделҳои макроиқтисодӣ) ҳангоми таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва дурнамоҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар баробари ин аз ниҳодҳои кишвар амалигардонии марҳилаи нави ислоҳоти рушди низоми банақшагирии стртаегӣ ва дурнамосозии давлатӣ талаб карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** дурнамосозӣ, стратегия, барнома, консепсия, рушди иқтисодӣ, низом, низоми банақшагирии стратегӣ, дурнамоҳои давлатӣ, дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, моделҳои макроиқтисодӣ, ташаккул.

## СИСТЕМА СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПЛАНИРОВАНИЯ И ГОСУДАРСТВЕННОГО ПРОГНОЗИРОВАНИЯ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье показаны этапы становления и развития национальной системы стратегического планирования и государственного прогнозирования Республики Таджикистан с первых лет независимости до наших дней, а также собраны важные достижения, которые способствовали становлению и развитию системы стратегического планирования и государственного прогнозирования . Также в статье приведены конкретные сведения об этапах развития системы стратегического планирования и государственного прогнозирования, особенности разработки нормативно-правовых документов, регулирующих эту сферу. При этом в статье отмечается, что в условиях быстроменяющегося состояния мировой экономики на фоне геополитических и экономических угроз в каждой стране большую роль играет организация правильной системы стратегического планирования и государственного прогнозирования. Потому что правильная система стратегического планирования и государственного прогнозирования позволяет планировать и использовать реальные возможности секторов экономики и социальной сферы для достижения стратегических целей. Сделан вывод о том, что переход на систему стратегического планирования и государственного прогнозирования является требованием современности и целесообразно широкое использование современных инструментов (макроэкономических моделей) при разработке и реализации стратегических документов и прогнозов. Наряду с этим от институтов страны требуется реализация нового этапа реформ по развитию системы стратегического планирования и государственного прогнозирования.

**Ключевые слова:** прогнозирование, стратегия, программа, концепция, экономическое развитие, система, система стратегического планирования, государственное прогнозирование, прогнозирование социально-экономического развития, макроэкономические модели, формирование.

## THE SYSTEM OF STRATEGIC PLANNING AND STATE FORECASTING DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article shows the stages of formation and development of the national system of strategic planning and state forecasting of the Republic of Tajikistan from the first years of independence to the present day, as well as collects important achievements that contributed to the formation and development of the system of strategic planning and state forecasting. The article also provides specific information about the stages of development of the strategic planning and state forecasting system, the specifics of the development of regulatory documents regulating this area. At the same time, the article notes that in the context of the rapidly changing state of the world economy against the background of geopolitical and economic threats, the organization of a proper system of strategic planning and state forecasting plays an important role in each country. Because the correct system of strategic planning and government forecasting allows you to plan and use the real opportunities of the economic and social sectors to achieve strategic goals. It is concluded that the transition to a system of strategic planning and state forecasting is a requirement of modernity and it is advisable to widely use modern tools (macroeconomic models) in the development and implementation of strategic documents and forecasts. At the same time, the country's institutions are required to implement a new stage of reforms to develop the system of strategic planning and state forecasting.

**Keywords:** forecasting, strategy, program, concept, economic development, system, strategic planning system, state forecasting, forecasting of socio-economic development, macroeconomic models, formation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷалолзода Муҳаммад Шарафҷон –*** Донишогоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900-10-70-70.** E-mail: **mjalolzoda1@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Джалолзода Мухаммад Шарафджон –*** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-10-70-70.** E-mail: **mjalolzoda1@gmail.com**

**Information about the author:** ***Jalolzoda Muhammad Sharafjon*** - Tajik National University, Ph.D of The Department of Cybernetics and Digital Economy. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 900-10-70-70.** E-mail: **mjalolzoda1@gmail.com**

ТДУ: 336.027

# МАСОИЛИ МОНЕТИЗАТСИЯКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ

*Одинаев Э.С.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодӣ, мувозинати иқтисодӣ, равандҳои таваррум, бекорӣ ва азнавтақсими даромади механимҳои сиёсати пулию қарзӣ нақши хосса доранд. Барои амалисозии рушди иқтисодӣ ва мубориза бо буҳрони иқтисодӣ, давлат маҷбур аст ҷараёни даромад ва хароҷотро ба танзим дарорад. Хусусан, дар давраҳои фишори шадиди таваррумӣ барои муътадил сохтани иқтисодиёт, тақсимоти даромади миллӣ аз ҳама фишангҳои дигари таъсиррасони ҳукумат механизмҳои сиёсати пулию қарзӣ самарабахш мебошад.

Сиёсати монетарӣ сиёсати устувори зиддидаврӣ буда, дар баробари сиёсати фискалӣ, савдои берунӣ ва асъорӣ ба самти бартараф кардани ноустувории иқтисодӣ равона карда мешавад. Тартиб додани барномаи пулию қарзӣ барои муайян намудани мақсадҳои умумии сиёсати пулию қарзӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Бинобар ин, Бонки марказӣ ба таври доимӣ барномаи пулию қарзиро тартиб дода, аз рӯи иҷроиши он назорат мебарад ва нишондодҳои онро таҳлил намуда, мақсадҳои ояндаро муайян менамояд. Аз ин рӯ, ин барнома асос ва таҳкурсии тартиб додани сиёсати пулию қарзии давлат ба шумор меравад. Бонки марказӣ вобаста ба мақсадҳои дарпешистода, дар давраи тартиб додани сиёсати пулию қарзии мамлакат, истифодаи фишангҳои ин сиёсатро интихоб ва амалӣ менамояд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Бонки миллии Тоҷикистон мақоме мебошад, ки сиёсати давлатии пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистонро такмил дода, амалӣ менамояд. Мақсади сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Бонки миллии Тоҷикистон таъмини устувории асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қобилияти харидории он нисбати асъорҳои серталаби хориҷӣ мебошад.

Ташкил ва тартиб додани сиёсати пулию қарзӣ истифодаи фишангҳоест, ки бо ёрии онҳо мақсади дар ин сиёсат пешбинишуда дар амал татбиқ гардад. Сиёсати пулию қарзӣ бо сиёсати андозию буҷетии давлат алоқамандии зич дорад, зеро дар вақтҳои муайяншуда ва пурра ба буҷети давлатӣ дохил шудани андозҳо ва сатҳи хароҷоти он ба сиёсати пулию қарзӣ таъсир мерасонад. Ба ин сиёсат тавозуни воридотӣ ва содиротӣ низ алоқаманд аст. Сиёсати пулию қарзӣ бо дигар сиёсату чораҷӯиҳои давлат низ алоқаманд аст.

Дар сиёсати монетарии Бонки марказӣ, масъалаи таъмини талабот бо пули барои муомилот зарурбуда пешбинӣ мешавад, то ин ки баробарии мубодилавӣ дар иқтисодиёти мамлакат риоя гардад.

Ҳаҷми дар муомилот будаи пул бо агрегатҳои он муайян карда мешавад, ки имрӯз дар тамоми ҷаҳон истифода мегарданд ва онҳо иборатанд аз: M0, M1, M2, M3, M4.

Агрегати M0 – пули берун аз бонкҳоро дар бар мегирад: яъне, пулҳои нақд.

Агрегати M1 – аз M0 ҷамъ маблағи пули дар суратҳисоб ва ҳисобҳои ҷории субъектҳои хоҷагидории дар бонкҳо буда иборат аст.

Агрегати M2 – аз агрегати M1, амонатҳои муҳлатнок ва пасандозҳои дар бонкҳои тиҷоратӣ буда, инчунин, аз векселҳои кӯтоҳмуддати давлатӣ иборат аст. Векселҳои кӯтоҳмуддати давлатӣ чун воситаи муомилот амал намекунанд, аммо эҳтимолияти ба пули нақд ва чекҳои ҳисоббаробаркунӣ табдил ёфтани онҳо вуҷуд дорад.

Агрегати M3 – аз агрегати M2 ва коғазҳои қиматноки дар бозори пулӣ амалкунанда, аз ҷумла векселҳои тиҷоратие, ки корхонаҳо мебароранд, иборат мебошад.

Агрегати M4 – аз агрегати M3 ва амонатҳои дар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ буда иборат аст.

Дар амалияи Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми муайян намудани ҳаҷми пул таркиби агрегатҳои пулӣ ба таври зайл қабул гардидааст: M0 – пулҳои нақд, ки берун аз бонкҳо мавҷуд мебошад; M1= M0 + пасандозҳо ва амонотҳои дархостшаванда; M2 = M1+

пасандозҳо ва амонотҳои мухлатнок; M3 = M2 + коғазҳои қиматнок (вомбаргҳо); M4 = M3 + пасандозҳо ва амонотҳо дар асъори хориҷӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки то тартиб додани сиёсати пулию қарзӣ талабот ба пул ҳаматарафа таҳлил карда мешавад. Дар ҷараёни ин таҳлил муайян мегардад, ки ба кадом андоза ҷамъият пулро дар дасти худ ва дар бонкҳо дар шакли амонат нигоҳ медорад ва инчунин, дар ҳисоби муросилотии бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ чӣ қадар маблағ бояд нигоҳ дошта шавад.

Дар ҳолати афзудани миқдори пул дар муомилот, Бонки марказӣ фишангҳои сиёсати пулию қарзиро истифода намуда, ҳаҷми пули дар муомилот бударо танзим менамояд.

Сиёсати монетарӣ ба вазъи иқтисодӣ ва маҷмуи тақозо таъсири зиёд расонида, объекти танзими сиёсати монетарӣ, пеш аз ҳама, бозори пул ва ҳаҷми пул мебошад. Дар як вақт тағйирдиҳии пешниҳоди пул дар иқтисодиёт на танҳо аз ҷониби Бонки марказӣ, балки аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва бахши ғайрибонкӣ ба амал бароварда мешавад.

Мақсади сиёсати монетарии Бонки марказӣ аз инҳо иборат аст:

> назорати пешниҳоди пул ё ҳаҷми пул;

> назорат ба сатҳи меъёри фоиз;

> назорат ба қурби мубодилавии воҳиди пули миллӣ;

Тағйирдиҳии пешниҳоди пулро Бонки марказӣ ба воситаи таъсир ба пойгоҳи пул (Money base) ва ба мултипликатори пулӣ амалӣ менамояд. Дар сатҳи низоми бонкӣ, ин таъсир ба воситаи танзими бузургии имконияти қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва мултипликатори бонкӣ амалӣ карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони ҳозира ба пойгоҳи (базаи) пул аҳаммияти зиёд дода мешавад, зеро пойгоҳи пул барои танзими муомилоти пул дар мамлакат омили аз ҳама муҳимтарин аст. Ҳукумат ва Бонки миллии Тоҷикистон дар вақти тартиб додани сиёсати пулию қарзии мамлакат маълумоти пойгоҳи пулро истифода намуда, ба сатҳи таварруми пул ва пулҳои берун аз бонкҳо буда, таъсир мерасонанд.

Пойгоҳи пул (захираҳои пулӣ) чунин унсурҳоро дар бар мегирад:

- маблағи пули дар муомилот ва хазинаи бонкҳои тиҷоратӣ буда;
- маблағи захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ;
- бақияи маблағҳои ҳисоби муросилотии бонкҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон.

Таъсири пойгоҳи пулро ба ҳаҷми пул бо формулаи зерин ҳисоб мекунанд:

$M = m \cdot H$, дар ин ҷо

M - ҳаҷми пули дар муомилот буда;

M - Мултипликатори пулӣ

H - пойгоҳи пул.

Мултипликатор - ин нишондиҳандаи миқдори воҳидҳои пулиест, ки аз тарафи ҳар воҳиди пойгоҳи пулӣ сохта мешавад, яъне M: H.

Ду намуди сиёсати монетариро фарқ мекунанд:

> сиёсати монетарии ҳавасмандӣ;

> сиёсати монетарии боздоранда.

Сиёсати монетарии ҳавасмандӣ дар давраи таназзули иқтисодӣ бо мақсади инкишофи истеҳсолот, ҳавасмандии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва кам кардани бекорӣ гузаронида мешавад. Сиёсати монетарии боздоранда бошад, дар давраи равнақи иқтисодӣ ва таваррум бо мақсади паст кардани рушди фаъолияти корӣ ва кам кардани сатҳи таваррум гузаронида мешавад.

Сиёсати монетарии ҳавасмандиро бонкҳои марказӣ бо мақсади зиёд намудани пешниҳоди пул мегузаронанд. Фишангҳои асосии гузаронидани ин сиёсат чунинанд:

> паст кардани меъёри захираҳои ҳатмӣ;

> паст кардани меъёри бозтамвил;

> аз тарафи Бонки марказӣ харидани коғазҳои қиматноки давлатӣ.

Сиёсати монетарии боздорандаро бонки марказӣ бо мақсади кам кардани пешниҳоди пул мегузаронад. Барои гузаронидани сиёсати боздоранда, Бонки марказӣ чунин фишангҳоро истифода мебаранд:

> баланд кардани меъёри захираҳои ҳатмӣ;

> баланд кардани меъёри бозтамвил;

> аз ҷониби Бонки марказӣ фурӯхтани коғазҳои қиматноки давлатӣ.

Механизми таъсири тағйирёбии пешниҳоди пул дар иқтисодиёт ба худ номи «Механизми трансмиссияи пул» ё ин ки гузаронидани механизми пулӣ (Money transmission mechanism)-ро гирифтааст. Механизми трансмиссияи пул нишон медиҳад, ки чи тавр тағйирёбии пешниҳоди пул ба тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот таъсир мерасонад.

Тағйирёбии меъёри фоиз ҳаҷми хароҷоти сармоягузориро тағйир медиҳад. Хоҷагиҳои хонавода, ки қарзи истеъмолӣ мегиранд, ҳангоми арзоншавии он, хароҷотҳои истеъмолии онҳо зиёд мешавад. Инчунин, харочотҳо ба содироти соф меафзояд, ки ин ҳангоми пастшавии меъёри фоиз, ки ба пастшавии қурби пули миллӣ боис мегардад, ба вуҷуд меояд. Молҳои мамлакати содиркунанда дар ин ҳолат барои хориҷиҳо арзон мешавад. Ин сиёсат, ки дар давраи таназзули иқтисодӣ истифода мешавад, сиёсати монетарии ҳавасмандӣ ном дорад.

Дар ҳолати татбиқи сиёсати монетарии боздоранда, бонкҳои марказӣ коғазҳои қиматноки давлатиро ба бонкҳои тиҷоратӣ ва ба аҳолӣ мефурӯшад, ки таъсири он ба иқтисолиёт ба тавре зайл зоҳир мегардад:

- имконияти қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ ба аҳолӣ кам мешавад;
- пешниҳоди пул дар муомилот кам мешавад;
- меъёри фоиз меафзояд;
- тақозо ба қарзи қимат аз тарафи корхонаҳо кам мешавад;
- хароҷоти сармоягузорӣ кам мешавад;
- маҷмуи тақозо кам мешавад;
- ҳаҷми истеҳсолот кам мешавад.

Бонкҳои марказӣ бо мақсади танзими иқтисодиёт сиёсати пулҳои арзон ва сиёсати пулҳои қиматро мегузаронанд. Сиёсати пулҳои арзон дар ҳолате гузаронида мешавад, ки дар иқтисодиёт пастравӣ мушоҳида шуда, бо мақсади инкишофи истеҳсолот, талаботи харидорон ба воситаи зиёд намудани пешниҳоди пул амалӣ карда мешавад.

Нишондиҳандаи асосӣ, ки ба гардиши ҳаҷми пул алоқамандии зич дорад, сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт мебошад. Дар натиҷаи муайян кардани ин нишондиҳанда, сатҳи таъминоти пулро дар иқтисодиёт то андозае тасвир кардан мумкин мегардад.

Раванди монетизатсиякунонии иқтисодиёт падидаи мураккаби иқтисодӣ буда, бо таъминнокии равандҳои истеҳсолӣ ва мубодила бо ҳаҷми пул, ки барои амалигардонии ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳо, ташаккули таносубҳо дар соҳаи сармоягузориҳо ва истеъмол, рушди бахши молия, бозори пулӣ ва кулли низоми молиявии давлат зарур мебошад, ифода мекунад. Бинобар ин, таҳлили раванди монетизатсиякунонии иқтисодиёт аҳаммияти басо амалӣ дошта, онро бо дарназардошти маҷмуи нишондиҳандаҳое, ки на танҳо сатҳи таъмини иқтисодиёт бо пул, балки ҳаҷм, сохтор ва динамикаи онро ифода мекунад, гузаронидан лозим аст. Дар ниҳояти кор, раванди монетизатсиякунонии иқтисодиёт тамоми низоми муносибатҳои пулӣ-қарзиро тавсиф дода, характер ва динамикаи рушди низоми пули давлат ва таъсири онро инъикос менамояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «монетизатсия»-ро ҳамчун кофӣ будани бароришн пул барои муомилоти молҳо [2], раванди таъмини иқтисодиёт бо пул, ки барои амалигардонии ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳо зарур мебошад [6], сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо воситаҳои пулӣ [7] ва ҳамчун нишондиҳандаи макроиқтисодӣ, ки сатҳи таъминнокии иқтисодиётро бо воситаҳои пулӣ ифода менамояд [1] ва ғайра, муайян мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар давлатҳои мутараққӣ сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт ҳамчун нисбати М2 ба ММД ҳисоб карда мешавад. Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт бо истифодаи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул (М4) муайян карда мешавад, яъне:

М4 / ММД* 100 фоиз = сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт

Усулҳои гуногуни ҳисоб кардани сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт дар давлатҳои пешрафта ва рӯ ба рушд сабабҳои объективӣ дорад.

Дар бозорҳои молиявии давлатҳои пешрафта асъори миллӣ ва асъорҳои хориҷӣ хусусиятҳои умумӣ дошта, дар алоҳидагӣ танзим намудани онҳо зарурат надорад. Ғайр аз

ин, дар баробари асъори миллӣ, дар гардиш маблағҳои пулӣ ва дигар фишангҳои молиявӣ, аз ҷумла асъори озод гардишкунанда (СКВ) мавҷуд мебошад, ки онҳоро зуд ва бо хароҷоти ками молиявӣ метавон бо ҳамдигар иваз намуд. Инчунин, ба бозорҳои рушдкардаи молиявӣ, ҳаҷми калони бозори асъорӣ, нархгузори рақобатпазирии бозорӣ, тағйирёбии бешадиди курсҳои мубодилавии асъорҳо хос мебошад. Зерсохтори тараққикардаи бозори молиявӣ дар давлатҳои мутараққӣ ба ҳамаи иштироккунандагони ватанию хориҷӣ дастрас будани бозорро бо усулҳои фосилавӣ таъмин мекунад.

Аз сабаби мавҷуд набудани имкониятҳои дар боло номбаршуда оиди истифодаи асъорҳои миллию хориҷӣ дар давлатҳои рӯ ба рушд, зарурати истифодаи унсурии пулӣ М4 ҳангоми ҳисоб намудани сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт ба миён омадааст.

Бояд қайд кард, ки то соли 2012 Бонки миллии Тоҷикистон бо дастурҳои ХБА сиёсати пулҳои қиматро пеш гирифта, ҳаҷми пулро дар муомилот маҳдуд мекард, ки боиси долларизатсияи иқтисодиёт, болоравии фоизи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва паст шудани нақши пули миллӣ гардид.

Махсусан баъди ислоҳоти пулӣ соли 1995, ки сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ якуякбора аз 80% то 4,5% коҳиш дода шуда буд, ки ин ба иқтисодиёт мушкилиҳои зиёдро эҷод намуд: аксарияти корхонаҳо бе воситаҳои гардон монда, фаъолияти худро қатъ карданд, сатҳи бекорӣ боло рафта, ҳаҷми истеҳсоли ММД то 50% коҳиш ёфт [10].

Аз тарафи дигар, ақидаи олимон, ки болоравии сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидот мекунад, на ҳама вақт дуруст мебошад, зеро таҷрибаи солҳои аввали истиқлолияти давлати мо, ин ақидаро тасдиқ накард.

Бинобар ин, на ҳама давру замон болоравии сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт ба рушди иқтисодӣ мусоидот мекунад, баръакс дар ҳолатҳои муайян болоравии сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт ба рушди иқтисодӣ таъсири манфӣ расонида, онро боз медорад ва омили болоравии сатҳи таваррум мегардад. Ин ҳолат дар рисолаи доктории Шарипов Б.М. мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф вобаста ба ин масъала қайд мекунад, ки «сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт дар аввали солҳои истиқлолият баланд буд. Дар солҳои 1992-1994 сатҳи он то 80%-и ММД расид. Сарфи назар аз он, ки аксарияти иқтисодчиён болоравии сатҳи монетизатсияи иқтисодиётро ҳамчун омили мусбат арзёбӣ мекунанд, вале дар шароити солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон, сатҳи баландии монетизатсиякунонӣ ба рушди иқтисодиёт таъсири манфӣ расонид. Дар ин давра болоравии сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт натиҷаи баръакс дода, то 50% коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли ММД оварда расонид.

**Ҷадвали 1. Унсурҳои пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005-2022, млн. сомонӣ**
**Table 1. Monetary elements of the Republic of Tajikistan in 2005-2022, mln. Somoni**

| Номгӯйи унсурҳои пулӣ | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2021/2005 (бо мар.) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Унсури пулии М0 | 537 | 2 003 | 4 591 | 7 588 | 10 950 | 12 196 | 15 332 | 18 058 | 20 874 | 29 632 | **55,2** |
| Унсури пулии М1 | 669 | 3 214 | 5 403 | 8 728 | 12 258 | 13 495 | 16 697 | 20 010 | 22 215 | 31 765 | **47,5** |
| Унсури пулии М2 | 669 | 3 214 | 6 535 | 10 238 | 13 982 | 15 387 | 18 937 | 22 504 | 25 266 | 36 224 | **54,1** |
| Ҳаҷми пулии М3 | 807' | 2 972' | 6 535 | 10 238 | 13 982 | 15 387 | 18 937 | 22 504 | 25 266 | 36 224 | **44,9** |
| Нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул М4 | 1041' | 4 458' | 10 790 | 14 788 | 18 018 | 18 949 | 22 155 | 26 140 | 28 400 | 39 884 | **38,3** |

Эзоҳ: Нишондиҳандаҳои М3 ва М4 дар солҳои 2005-2010 аз сомонаи расмии БМТ: https://www.nbt.tj/tj/statistics/monetary_sector.php гирифта шудааст.

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ. -Душанбе, 2011. -№12(197). -С.22.; 2018. -№12(281). -С.18.; 2019. -№12(293). -С.19.; 2020. -№12(305). -С.22-23.; 2021. -№12(316). -С.16.; 2022. -№12(329). -С.17.

Бинобар ин, сиёсати аз ҷиҳати илмӣ асоснокро нисбат ба боздоштан ва ё паст намудани монетизатсиякунонии иқтисодиёт (демонетизатсия), инчунин, нисбат ба болоравии он (ремонетизатсия), бо дарназардошти оқибатҳои эҳтимолии он ба рушди иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ татбиқ намудан зарур мебошад» [11].

Аз соли 2013 Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати монетариро ба таври куллӣ тағйир дода, чорабиниҳоро оиди дедолларизатсияи иқтисодиёт, табдил додани сомонӣ ба ягонаи воситаи пардохт дар қаламрави мамлакат ва пурра қонеъ гардонидани талабот ба сомонӣ, ҳаҷми пулро дар муомилот зиёд кард (ниг. ба ҷадвали 1). Дар натиҷа, дар солҳои 2005-2022 ҳаҷми пули дар муомилотбуда ҳамасола бемайлон афзудааст. Дар соли 2022 нисбат ба соли 2005 ҳаҷми пули дар муомилотбуда аз рӯйи унсури пулии М0 55,2 маротиб ва аз рӯйи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул М4 38,3 маротиб зиёд гардидааст. Сабаби асоси зиёдшавии ҳаҷми пул дар ин давра аз муомилот бардоштани асъорҳои хориҷӣ мебошад ва бинобар ин, вай ба сатҳи таваррум он қадар таъсири ҷиддӣ нарасонидааст.

Дар давраи таҳлилшаванда (солҳои 2005-2022) ҳаҷми ММД-и мамлакат аз 7206,6 млн.сомонӣ, то 115 739,4 млн.сомонӣ ва ё 16,1 маротиб [9] ва нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул М4 аз 1041 млн.сомонӣ, то 39 884 млн.сомонӣ ва ё 38,3 афзоиш ёфтааст. Дар ин давра, тавре мебинем, нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул М4 нисбат ба ҳаҷми ММД-и мамлакат бо суръати баланд афзудааст, ки ин ба болоравии сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти Тоҷикистон аз 14,25%, то 34,5% ва ё 2,4 маротиб овардааст (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Динамикаи сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои 2005-2022**
**Table 2. Dynamics of the level of monetization of the economy of Tajikistan in 2005-2022**

| Солҳо | ММД (млн. сомонӣ) | ММД нисбат ба соли гузашта, % | Ҳаҷми васеи пул М4 (млн. сомони) | М4 нисбат ба соли гузашта, % | Сатҳи монетизатсия аз рӯйи ҳаҷми васеи пул М4, % | Сатҳи монетизатсия нисбат ба соли гузашта |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2005 | 7206,6 | 100,0 | 1027 | 100,0 | 14,25 | - |
| 2006 | 9335,2 | 129,5 | 1864 | 181,5 | 19,97 | 5,72 |
| 2007 | 12804,4 | 137,2 | 3327 | 178,5 | 25,98 | 6,01 |
| 2008 | 17609,0 | 137,5 | 3176 | 95,4 | 18,04 | -7,4 |
| 2009 | 20628,2 | 117,1 | 4275 | 134,6 | 20,73 | 2,69 |
| 2010 | 24707,1 | 119,8 | 4458 | 104,3 | 18,0 | -2,73 |
| 2011 | 30071,1 | 121,7 | 7131 | 160,0 | 23,72 | 5,72 |
| 2012 | 36161,2 | 120,3 | 7 093 | 99,5 | 19,62 | -4,10 |
| 2013 | 40 524,5 | 112,1 | 8 491 | 119,7 | 20,96 | 1,34 |
| 2014 | 45605,4 | 112,5 | 9 091 | 107,1 | 19,94 | -1,02 |
| 2015 | 50977,8 | 111,8 | 10790 | 118,7 | 21,16 | 1,22 |
| 2016 | 54790,3 | 107,5 | 14 788 | 137,1 | 26,99 | 5,83 |
| 2017 | 64434,3 | 117,6 | 18 018 | 121,8 | 27,96 | 0,97 |
| 2018 | 71059,2 | 110,3 | 18 949 | 105,2 | 26,67 | -1,29 |
| 2019 | 79109,8 | 111,3 | 22 155 | 116,9 | 28,00 | 1,33 |
| 2020 | 82543,0 | 104,3 | 26 140 | 118,0 | 31,66 | 3,66 |
| 2021 | 98 910,7 | 119,8 | 28 400 | 108,6 | 28,71 | -2,95 |
| 2022 | 115739,4 | 117,0 | 39 884 | 140,4 | 34,5 | +5,79 |

Сарчашма: Омори Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2021. -С.334-335.; Бюллетени омори бонкӣ. -Душанбе, 2011. -№12(197). -С.22.; 2018. -№12(281). -С.18.; 2019. -№12(293). -С.19.; 2020. -№12(305). -С.22-23.; 2021. -№12(316). -С.8,16.; 2022. -№12(329). -С.17.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. -С.214.

Аз маълумотҳои ҷадвали 2 бармеояд, ки дар ин давра вобаста ба сиёсати монетарии Бонки миллии Тоҷикистон сатҳи таъминоти пул дар иқтисодиёт томоюли афзоишӣ дорад. Динамикаи сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти Тоҷикистонро дар солҳои 2005 – 2022 таҳлил намуда, бояд қайд кард, ки томоюли афзоишии он устувор намебошад. Дар баъзе солҳо сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ то 6% зиёд ва дар баъзе солҳо то 3% кам мешавад. Тибқи таҳлилҳои мо, ноустувории сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ аз омилҳои зиёди дохилӣ ва беруна вобаста мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон аз меъёрии ҳадди ақал, ки 30% дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ муқаррар шудааст (ба ҷуз аз солҳои 2020, 2022) дар дигар солҳо паст мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар сатҳи зиёда аз 30% будани монетизатсиякунонии иқтисодиёт, сиёсати монетарӣ метавонад ба рушди иқтисодӣ мусоидот намояд. Барои муқоиса сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳонро меоварем (ниг. ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои монетизатсиякунонӣ, таваррум ва қарзҳои давлатии давлатҳои пешрафта, рӯ ба рушд ва иқтисодиёти гузаришдошта дар соли 2022**
**Table 3. Indicators of monetization, inflation and public debt of developed, developing and transitional economies in 2022**

| Гурӯҳи мамлакатҳо | Мамлакат | Сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт,% | Қарзҳои берунаи давлатӣ нисбат ба ММД, % | ММД ба ҳар сари аҳолӣ, долл. ИМА | Сатҳи таваррум, % |
|---|---|---|---|---|---|
| Давлатҳои пешрфта | ИМА | 81,6 | 121,7 | 76399 | 8,00 |
| | Ҷопон | 144,7 | 261,3 | 33815 | 2,50 |
| | Британияи Кабир | 93,4 | 102,6 | 4585 | 7,92 |
| | Фаронса | 83,0 | 111,1 | 40964 | 5,22 |
| | Олмон | 74,1 | 66,5 | 48433 | 6,87 |
| | Австралия | - | 55,7 | 64491 | 6,59 |
| | Швейтсария | 130,9 | 39,1 | 92102 | 2,84 |
| | Италия | 63,5 | 144,7 | 34158 | 8,20 |
| Давлатҳои минтақаи Осиё-Уқёнусии Ором | Таиланд | 43,3 | 60,5 | 6909 | 6,08 |
| | Малайзия | 48,1 | 66,3 | 11972 | 3,38 |
| | Кореяи Ҷанубӣ | 117,3 | 54,3 | 32255 | 5,09 |
| | Сингапур | 757,4 | 134,2 | 82808 | 6,12 |
| | Хитой | 146,7 | 77,1 | 1272 | 1,97 |
| Давлатҳои рӯ ба рушд | Ҳиндустон | 6,5 | 83,1 | 2,389 | 6,70 |
| | ҶАҶ (ЮАР) | 26,9 | 71 | 6,777 | 7,04 |
| | Бразилия | 29,6 | 85,9 | 9,46 | 9,28 |
| | Туркия | 23,3 | 31,2 | 10616 | 72,31 |
| Давлатҳои собиқ «лагери Шуравӣ» | Чехия | 9,5 | 42,3 | 27638 | 15,10 |
| | Руминия | 0,1 | 48,7 | 15892 | 13,80 |
| | Венгрия | 26,7 | 76,4 | 18463 | 14,53 |
| | Полша | 31,0 | 49,6 | 18321 | 14,43 |
| | Болгария | 45,1 | 21,8 | 13773 | 13,02 |
| Давлатҳои ИДМ | Россия | 28,1 | 19,6 | 15345 | 13,77 |
| | Беларусия | 6,9 | 39,8 | 7905 | 15,21 |
| | Қозоқистон | 36,0 | 23,5 | 11243 | 19,60 |
| | Украина | 15,7 | 81,7 | 4534 | 20,18 |
| | Тоҷикистон | 34,5 | 34,6 | 1054 | 6,64 |

Сарчашма: Муаллиф ҷадвалро дар асоси сарчашмаҳои зерин таҳия намудааст: Статистика стран мира: https://svspb.net/danmark/gosudarstvennyj-dolg-stran.php, Список стран по уровню инфляции: https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.aadddd11-65fd447c-232490fb74722d776562/ https/en.wikipedia.org/wiki/List_of_countries_by_inflation_ rate, Список стран по ВВП (номинальному): https://translated.turbopages.org/proxy_u/en-ru.ru.ebd33c2a-65fd44cb-a4d824d6-74722d776562/https/en.wikipedia.org/wiki/List_of_countries_by_GDP_ (nominal)

Аз маълумотҳои ҷадвали 3, мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар байни давлатҳои оварда шуда аз рӯйи сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт дар мавқеи аввал - Сингапур (757,4%), дуюм - Хитой (146,7%), сеюм - Ҷопон (144,7%), чорум - Швейтсария (130,9%), панҷум - Кореяи Ҷанубӣ (117,3%), шашум - Британияи Кабир (93,4%), ҳафтум - Фаронса (83,0%), ҳаштум - ИМА (81,6%), нуҳум – Олмон (74,1%) ва даҳум - Италия (63,5%) мебошад. Дар давлатҳои Таиланд, Малайзия, ҶАҶ (ЮАР), Бразилия, Туркия, Венгрия, Болгария, Россия, Қозоқистон ва Тоҷикистон дар ҳудуди 23,3-45,1% қарор дорад. Ҳиндустон, Чехия, Руминия, Полша, Беларусия ва Украина дар байни давлатҳои

баррасишаванда аз рӯйи монетизатсиякунонии иқтисодиёт мавқеи охиринро ишғол мекунанд, ки сатҳи онҳо ҳудуди 0,1-16% ташкил медиҳад.

Хулоса, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёт нисбат ба давлатҳои Ҳиндустон, Чехия, Руминия, Полша, Беларусия ва Украина дар стаҳи хуби баррасишаванда қарор дорад. Ин вазъият моро водор месозад, ки омилҳо ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллиро таҳлил намуда, ба зинаи болотар қадам намудан лозим меояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Бегматов А.**

**АДАБИЁТ**


1. Арбузов, С.Г. Банківська енциклопедія / С.Г. Арбузов, Ю.В. Колобов, В.І. Міщенко, С.В. Науменкова. -К.: Центр наукових досліджень Національного банку України: Знання, 2011. -504 с. [Электронный ресурс]. URL: http://www.bank.gov.ua/doccatalog/document? id=112997 (дата обращения: 10.01.2014). -С.286-287.
2. Деньги. Кредит. Банки: учеб. пос. - 2–е изд., перераб. и доп. / под ред. В.В. Иванова, Б.И. Соколова. -М.: ТК Велби, Изд–во Проспект, 2009. -С.167.
3. Икромов Н.К. Основные направления и перспективы развития банковской системы Республики Таджикистан / Н.К. Икромов // Russian Economic Bulletin. - 2019. -Т.2. -№6. -С.127-131.
4. Икромов Н.Қ. Асосҳои базавии назарияи қарз ва захираҳои қарзӣ / Н.К. Икромов, Ф.С. Обидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. -№10. –қиси 1. - С.9-14.
5. Икромов Ф.Н. Обзор эффективности применения многосторонних санкций на примере санкционных мер по отношению к Ирану / Содикзода П., Ф.Н. Икромов, М.Д. Кишваров // Вестник Технологического университета Таджикистана. - 2023. -№1(52). -С.170-179.
6. Кравцова, Г.И. Деньги, кредит, банки / Г.И. Кравцова. -Минск: БГЭУ, 2007. -С.88.
7. Лопатников, Л.И. Экономико–математический словарь: Словарь современной экономической науки / Л.И. Лопатников. -5–е изд., перераб. и доп. -М.: Дело, 2003. -С.94.
8. Икромов Ф.Н. Таҳлили вазъи қарзҳои бонкӣ ва чараёни идоракунии хавфҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Н. Икромов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. -№4-1(43). -С.85-95.
9. Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2011. -С.357.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. -С.214.
10. Умаров Х. Денежно-кредитные проблемы развития национальной экономики / Х. Умаров, З. Зарифова. - Душанбе: Ирфон, 2005. -121 с.
11. Шарипов Б.М. Теоретико-методологические аспекты формирования и развития финансового рынка в переходной экономике (на примере Республики Таджикистан): дисс.на соиск.уч. степ.д.э.н. по спец. 08.00.01 - экономическая теория / Б.М. Шарипов. -Душанбе, 2019. -219 с.


## МАСОИЛИ МОНЕТИЗАТСИЯКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ


Дар мақола масоили монетизатсиякунонии иқтисодиёт дар меҳвари сиёсати монетарӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар бобати сиёсати монетарӣ муаллиф қайд менамояд, ки сиёсати монетарӣ - сиёсати устувори зиддидаврӣ буда, дар баробари сиёсати фискалӣ, савдои берунӣ ва асъорӣ ба самти бартараф кардани ноустувории иқтисодӣ равона карда мешавад. Тартиб додани барномаи пулию қарзӣ, барои муайян намудани мақсадҳои умумии сиёсати пулию қарзӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Инчунин, дар таҳқиқот ақидаи олимоне мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки гӯё болоравии сатҳи монетизатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ ба рушди иқтисодӣ мусбӣ мусоидот мекунад. Албатта, натиҷаи таҳлилҳои мо дар мисоли Тоҷикистон собит намуд, ки на ҳама вақт ин нуқтаи назар дуруст мебошад, зеро таҷрибаи солҳои аввали истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ин ақидаро тасдиқ накард.



**Калидвожаҳо:** пул, унсурҳои пулӣ, ҳаҷми пул, муомилот, бонк, қарз, сиёсат, монетарӣ, монетизатсия, иқтисод, рушд, сиёсати монетарӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, рушди иқтисодӣ, суръат.


## ВОПРОСЫ МОНЕТИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ В РУСЛЕ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ


В статье рассматриваются вопросы монетизации экономики в контексте денежно-кредитной политики. Автор отмечает, что монетарная политика является устойчивой антициклической политикой, наряду с фискальной политикой, внешней торговлей и валютой, она направлена на устранение экономической нестабильности. Подготовка денежно-кредитной программы создает благоприятные условия для определения общих целей денежно-кредитной политики. Также в исследовании рассматривается мнение ученых о том, что повышение уровня монетизации национальной экономики положительно способствует экономическому развитию. Конечно, результат нашего анализа на примере Таджикистана доказал, что эта точка зрения не всегда верна, поскольку опыт первых лет независимости государства Таджикистан не подтвердил это мнение.



**Ключевые слова:** деньги, монетарные элементы, объем денег, обращение, банк, кредит, политика, денежная, монетизация, экономика, развитие, денежно-кредитная политика, коммерческие банки, экономическое развитие, скорость.

**ISSUES OF MONETIZATION OF THE ECONOMY IN THE AXIS OF MONETARY POLICY**

The article discusses the issues of monetization of the economy in the context of monetary policy. The author notes that monetary policy is a stable countercyclical policy, along with fiscal policy, foreign trade and currency, it is aimed at eliminating economic instability. The preparation of the monetary program creates favorable conditions for determining the general goals of monetary policy. The study also considers the opinion of scientists that increasing the level of monetization of the national economy positively contributes to economic development. Of course, the result of our analysis on the example of Tajikistan proved that this point of view is not always true, since the experience of the first years of independence of the state of Tajikistan did not confirm this opinion.

**Keywords:** money, monetary elements, amount of money, circulation, bank, credit, politics, monetary, monetization, economy, development, monetary policy, commercial banks, economic development, speed.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Эраҷ Сарахонович*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон**: 918-81-42-40**

**Сведения об авторе:** ***Одинаев Эрадж Сарахонович*** **–** Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель. **Адрес:** 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон**: 918-81-42-40**

**Information about the author:** ***Odinaev Eraj Sarahonovich*** – Tajik State University of Finance and Economics, applicant. **Address**: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **918-81-42-40**

ТДУ: 334.71,334.7

# ТАҲЛИЛИ РАВАНДИ ИСТЕҲСОЛОТИ ВОРИДОТИВАЗКУНАНДА ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРИИ ТОҶИКИСТОН


***Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Яке аз омилҳои асосии пайдошавии тамоюлҳои буҳронии бозори ҷаҳонии озуқаворӣ, бахусус афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ, сиёсати таҳримонаи мамлакатҳои рушди иқтисодидошта, монеаҳои гуногун дар амалиётҳои молиявии ҷаҳонӣ, маҳдудиятҳои ҳамли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, инчунин дастгоҳу таҷҳизотҳои технологӣ барои корхонаҳои саноати хӯрокорворӣ маҳсуб меёбад. Афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ва маҳсулоти озуқаворӣи соҳаи кишоварзӣ, афзоиши ҳаҷми норасогии ашёи хоми саноати хӯрокворӣ, фарсудашавии объектҳои инфрасохторӣ ва технологии корхонаҳои соҳа, инчунин канда шудани робитаҳои истеҳсолии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо соҳаҳои кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ тамоюлҳои афзоиши воридоти маҳсулоти хӯроквориро ба бозорҳои ватанӣ дар Тоҷикистон бештар намуд.

Ҳар як кишвари соҳибистиқлол кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бехатарии кишварро аз ҳама ҷиҳат таъмин намояд. Яке аз мушкилоти кишварҳои ҷаҳони муосир, ин таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад, ки он аз сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣи пешгирифтаи давлат вобастагии зиёд дорад [1,с.177].

Қобили қайд аст, ки дар сохтори молу маҳсулоти воридотшавандаи мамлакат бештар феҳристи маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дида мешавад, ки албатта, барои татбиқи мақсадҳои олии рушди мамлакат метавонад монеаҳо эҷод намояд. Вобаста ба ин, таҳқиқ ва таҳлили мунтазами вазъи муосири саноати хӯрокворӣи мамлакат, ҷиҳати пайдо намудани механизмҳои гуногуни ташкилӣ-институтсионалӣ ва молиявӣ, ҳамзамон, таҳияи роҳу усулҳои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мубрам гардида истодааст.

Дар шароити муосир тамоюлҳои гуногуни истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноатии мамлакатҳои ҷаҳон мушоҳида гардида истодааст. Аз ҷумла, мамлакатҳое, ки қобилияти худтаъминкунии хӯроквориро доранд, тамоюлҳои буҳронии маҳсулоти хӯрокворӣ танҳо дар афзоиши нархи онҳо, инчунин тағйирёбии таркиби меъёрии хӯрока мушоҳида мегардад. Ҳамзамон, ҳангоми барзиёд будани захираҳои хӯрокворӣ, онро ба содирот равона намуда, бо ҳамин васила мавқеи худро дар бозори ҷаҳонии хӯрокворӣ ва муносибатҳои тиҷоратии байналхалқӣ устувор менамояд. Маҳсулоти хӯрокворӣи содиротиро ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ истифода менамоянд. Гузашта аз ин, чунин мамлакатҳо барои худтаъминкунӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ ҳаҷми содиротро маҳдуд намуда, вазъи мамлакатҳои аз воридот вобаста бударо нигарон менамоянд.

Бахусус, соли 2022 таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ вусъат гирифта, занҷираҳои мавҷудаи таъминоти молу маҳсулот канда шуданд, истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфт ва нархҳо, махсусан, нархи маводи ғизоӣ ба таври бесобиқа боло рафтанд [10].

Дар адабиёти муосири иқтисодии ватаниву хориҷӣ, ҳалли маъсалаҳои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда мафҳумҳои «воридотивазкунӣ», «содиротнигаронӣ», «худтаъминкунӣ» ва «бехатарии озуқаворӣ» бештар баҳсҳои гуногуни илмиро пайдо намудаанд. Гарчанде, фарзияи илмии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар маҳсулоти хӯрокворӣ аз сиёсати протексионистӣ оғоз шуда бошад ҳам, то имрӯз иқтисоддонон ҳамаи ин мафҳумро дар доираи ҳамин сиёсати протектисонистӣ баррасӣ менамояд. Масалан, муҳақиқи аргентинӣ Раул Пребиш истифодабарии истилоҳи «воридотивазкунанда»-ро ҷонибдорӣ намуда, дар ақидаи назариявии худ, чунин маънидод намуда буд «воридотивазкунӣ – ин иваз намудани маҳсулоти воридотшаванда бо маҳсулоти дар дохили кишвар истеҳсолмешуда мебошад ва барои иваз намудани воридоти маҳсулоти ватанӣ, усулҳои протексиониро истифода намудан мумкин аст» [13]. Албатта, чунин ақида фаҳмиши илмии воридотивазкунандаро барои корхонаҳои саноати хӯрокворӣ возеҳтар маънидод менамояд. Зеро дар чунин тафсилот таваҷҷуҳи асосӣ на ба маҳдудсозии молу

маҳсулоти беруна, балки ба иваз намудани ҳаҷм ё шаклҳои дилхоҳи маҳсулоти аз берун воридшаванда бо маҳсулоти ватанӣ равона карда мешавад.

Дар доираҳои илмиву таҳқиқотии Федератсияи Россия муҳаққиқони зиёд атрофи мафҳуми илмӣ ва сиёсати воридотивазкунанда таҳқиқот намудаанд. Аз ҷумла, ба ақидаи Коновалов Ю.В. «воридотивазкунанда, ин иваз намудани дастгоҳу таҷҳизоти воридшаванда бо истеҳсолоти ватанӣ буда, набояд тавсифи нархи таҷҳизотро маҳдуд намояд, балки бояд масъалаҳои самаранокии сармоягузориро ҳангоми воридотивазкунӣ фарогир бошад» [6,с.960]. Чунин тафсилот ба таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ рабт дошта, муаллиф иваз намудани дастгоҳу таҷҳизоти корхонаҳоро бо назардошти нигоҳдории нархи дастгоҳҳои аз бозори беруна ворид мешуда таҳқиқ намудааст. Албатта, яке аз талаботҳои асосии рақобатпазирии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ин таъмин ва таҷдиди технологии мунтазами олоти меҳнат мебошад. Зеро ҳамарӯза чӣ истеҳслокунандагони ватанӣ ва чӣ воридоткунандагони хориҷӣ ба истеҳсолоти инноватсионии маҳсулоти хӯрокворӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда истодаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи мавзуи таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда масъалаи нав набуда, солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватаниро бештар ҷалб намуда истодааст. Бахусус масъалаи мазкурро муҳаққиқони ватанӣ Низомова Т.Д., Ризоқулов Т.Р., Алиҷонов Д.А. ва Раҳмонов Ҷ.Р. ба таври таҳлили гуногунпаҳлу, чӣ ҷанбаҳои рушди истеҳсолоти инноватсионӣ, ҳам дар сатҳи минтақавӣ таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шуда истодааст. Аз ҷумла, ба ақидаи Т.Р. Ризоқулов, «воридотивазкунӣ – ин ҳамчун унсури инъикоскунандаи стратегияи миллии рушди иқтисодие мебошад, ки барои устувор гардонидани истеҳсолоти дохилаи ҳамон маҳсулоте, ки метавонад маҳсулоти воридотиро бомуваффақият иваз кунад, равона карда мешавад» [12,с.132]. Гарчанде, доираи таҳқиқоти Ризоқулов Т.Р. сатҳи иқтисодиёти минтақавӣ дошта бошад ҳам, лекин муаллиф дақиқ маънидод менамояд, ки истеҳсолоти воридотивазкунанда ҳамон вақт муваффақ мегардад, агар раванди иваз намудани маҳсулоти воридотшаванда бе тағйирдиҳии сохтори истеҳсолии молу маҳсулоти истеъмолӣ гузаронида шавад. Гузашта аз ин, заминаҳои асосии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда маҳз аз иқтисодиёти сатҳи минтақавӣ оғоз мегардад. Ҳамзамон, Алиҷонов Д.А. дар таҳқиқотҳои худ қайд менамояд, ки «воридотивазкунӣ дар ҳама гуна ҳолат ташкили шароитҳои алоҳидаро пешбинӣ менамояд, ки самаранокии истифодаи ҳамаи иқтидори иқтисодиёти миллиро таъмин карда тавонад» [4,с.125].

Таҳқиқи тафсилоти илмии воридотивазкунӣ, бахусус таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати мамлакат муайян менамояд, ки худи истеҳсолоти воридотивазкунӣ набояд дар фаҳмиши маҳдудсозии ин ва он маҳсулоти саноати хӯрока фаҳмида шавад, балки ҳамчун мафҳуми илиме, ки дорои фарзияи асосии фарогирандаи таҳқиқи ҳадафҳои стратегии иқтисодиёти мамлакат - саноатикунонии иқтисодиёт, ҳифзи манфиатҳои молистеҳсокунандагони ватанӣ, рафъ намудани вобастагии бозори хӯрокаи дохилӣ аз бозорҳои беруна, инчунин таъмини ғановати маҳсулот ва танзими нарх бошад. Ҳамзамон, маълум мегардад, ки ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворechoии мамлакат, талаботҳои асосии бозор-рақобатпазирӣ, маркетинг ва қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва рушди истеҳсолоти инноватсионӣ бояд дар назар гирифта шавад. «… фаъолнокии нисбатан баланди корхонаҳо дар саноати хӯрока мушоҳида мегардад, ки он ба афзоиши татбиқи шаклҳои гуногуни номгӯи маҳсулот ва равандҳои инноватсионӣ алоқамандӣ дорад» [11,с.191].

Қобили қайд аст, ки тамоюлҳои таҳлили равандҳои истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ тавассути таҳлили вазъи воқеӣ ва истифодаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ муайян карда мешавад. Мусаллам аст, ки таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо назардошти нишондиҳандаҳои иқтисодии худи соҳаи саноат тасаввурнопазир аст. Амнияти озуқаворӣ на танҳо бехавф гардонидани таҳдидҳои мавҷуд буда, балки таҳдидҳои пайдошавандаро, ки метавонанд боиси бад шудани дастрасии аҳолӣ ба навъҳои

ҳаётан муҳимми маҳсулоти озуқаворӣ ё кам шудани истеҳсолоти он гарданд, дар бар мегирад. Муносибати такрористеҳсолӣ ба омӯзиши моҳияти амнияти озуқаворӣ имконият медиҳад, ки он ҳамчун хусусияти рушди низоми комплекси агросаноатӣ баррасӣ карда шавад, ки он ҳадди ақал се ҷанбаро дар бар мегирад: мавҷудият, дастрас ва бехатар [2,с.156].

Таҳлилу таҳқиқ, инчунин муайянсозии раванди истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои санотаи хӯрокворӣ бо истеҳсолоти соҳаҳои кишоварзӣ, ки нисбатан маҳсулоти таёри хӯрокворӣ истеҳсол менамояд, корхонаҳои соҳаи коркарди маҳсулот, ташкилотҳои хизматрасониҳои маркетингӣ, бахусус логистика ва низоми нигоҳдориву фурӯши маҳсулоти хӯрока алоқамандии зич дорад. Зеро бисёр мамлакатҳои рушди иқтисодидошта таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи худро дар ҳошияи сиёсати бехатарии озуқаворӣ, сиёсати воридоту содирот, ҳамзамон, тиҷорати берунмарзӣ ноил гардидаанд.

**Ҷадвали 1. Сохтори таркибии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (%)** [9,с.143]
**Table 1. Composite structure of the industry of the Republic of Tajikistan (%)**

| | Соҳаҳо | солҳо | | | | | 2022/2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| 1 | **Ҳамагӣ саноат** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **-** |
| 2 | Саноати истихроҷи маъдан | 19,6 | 17,6 | 13,9 | 21,6 | 20,7 | **1,1** |
| 3 | Саноати коркард | 56,6 | 57,8 | 61,7 | 57,5 | 61,6 | **5** |
| 4 | Аз ҷумла: Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 20,5 | 19,6 | 22,9 | 19,6 | 24,1 | **3,6** |
| 5 | Истеҳсоли металлургӣ | 11,3 | 14,0 | 16,1 | 15,4 | 14,2 | **2,9** |
| 6 | Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об | 23,8 | 24,6 | 24,4 | 20,9 | 17,7 | **-6,1** |

Сарчашма: Омори солонаи АОПҶТ. –Душанбе, 2023. -С.253

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 исбот менамоянд, ки дар сохтори соҳавии саноати ҷумҳурӣ ҳамаи соҳаҳои асосӣ, ғайр аз истеҳсолу тақсимоти неруи барқ, газ ва об тамоюли мусбии афзоиш доранд. Аз ҷумла, дар соли таҳлилӣ ҳиссаи саноати коркард дар сохтори соҳавӣ 61,6%-ро ташкил дода, дар маҷмуъ 5% зиёд гардидааст. Соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрока бошад, дар соли 2022 24,1% ҳиссаи истеҳсолии маҳсулоти саноати мамлакатро ташкил намуда, бо ҳисоби истеҳсоли нӯшокиҳо ва тамоку ҳамагӣ 3,6% зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли маҳсулоти муҳимтарини саноати коркард**
**Table 2. Production of the most important products of the processing industry**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | 2022 | **2022 нисбат ба соли 2018** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, адад | 468 | 462 | 501 | 515 | 634 | +166 |
| Гӯшт ҳаз.т | 59,0 | 65,1 | 69,5 | 67,6 | 70,7 | +11,7 |
| Гӯшти мурғ тон | 2,1 | 6,5 | 10,3 | 12,2 | 14,1 | +12 |
| Маҳсулоти ҳасибӣ тон. | 4629 | 5039 | 7057 | 5952 | 4543 | -86 |
| Маҳсулоти шири холис | 14,6 | 15,2 | 15,4 | 16,4 | 17,3 | +2,7 |
| Равғани растанӣ ҳаз.т. | 16,3 | 21,6 | 23,9 | 23,6 | 24,8 | +8,5 |
| Консерва млн. қут. | 23,6 | 27,1 | 62,4 | 66,5 | 66,4 | +42,8 |
| Меваи хушк тон. | 2929 | 3707 | 5303 | 6664 | 6520 | +3591 |
| Маҳсулоти қаннодӣ ҳаз.т. | 13,9 | 15,3 | 17,4 | 31,3 | 25,8 | +11,9 |
| Маҳсулоти макаронӣ | 4,4 | 3,4 | 6,0 | 9,5 | 10,0 | +5,6 |

Сарчашма: Омори солонаи АОПҶТ. –Душанбе, 2023. -С.262.

Дар қатори нишондиҳандаҳои иқтисодии истеҳсолии маҳсулотҳои асосии саноати хӯрокворӣ, шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нақши калидӣ доранд. Вобаста ба шумораи корхонаҳо мумкин аст, ки иқтидори истеҳсолӣ, ҳамзамон, иқтидори худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти саноати хӯроквориро муайян намуда, инчунин тамоюлҳоиояндаи вазъи истеҳсолоти воридотивазкунандаи соҳаро дақиқ намоем. Тавре

маълум мегардад, дар соли 2022 шумораи корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат зиёда аз 634 адад расидааст, ки ин шумора нисбат ба соли 2018 қариб 116 адад зиёд мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар Тоҷикистон, дар солҳои таҳлилӣ дар маҷмуъ, тамоюли афзоишёбӣ доранд. Аз ҷумла, истеҳсоли гӯшти ватанӣ дар соли 2022 ҳамагӣ 70,7 ҳаз. тонна истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли таҳлилӣ 11,7 ҳаз. тонна зиёд мебошад, бахусус истеҳсоли гӯшти мурғи ватанӣ дар ин солҳо ба миқдори 12 тонна зиёд гардидааст. Дар баробари нишондиҳандаҳои афзоишёбандаи маҳсулотҳои муҳимтарини соҳа, истеҳсоли консерва ва меваи хушк тамоюли нисбатан зиёд доранд, ки дар давраи таҳлилӣ мутаносибан 42,8 млн.дона қуттӣ ва 3591 ҳаз. тонна зиёд шудааст. Инчунин, дар қатори маҳсулоти муҳимтарини соҳаи хӯрокворӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсолии маҳсулоти ҳасибӣ тамоюлҳои камшавӣ доранд, ки дар соли 2022 нисбат ба 2018 86 тонна кам истеҳсол шудааст.

**Ҷадвали 3. Динамики афзоиши нархи маҳсулоти асосии соҳаи хӯрокворӣ дар Тоҷикистон (2019-2022)**

**Table 3. Dynamics of price growth of the main food products in Tajikistan (2019-2022)**

| **Номгӯи озуқа** | **Нархҳо мувофиқи солҳо (сомонӣ)** | | | | **2022 нисбат ба соли 2019** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2019** | **2020** | **2021** | 2022 | |
| Картошка | 2,78 | 3,5 | 3,9 | 6,3 | **+3,5** |
| Шир | 3,89 | 4,46 | 4,9 | 9 | +4,9 |
| Гандум | 2,86 | 4,27 | 4,58 | 6,2 | +3,3 |
| Орди якум | 3,88 | 5 | 5,58 | 7,2 | +34,3 |
| Шакар | 6,77 | 9,09 | 9,56 | 11 | +4,2 |
| Равғани растанӣ | 11,98 | 16,29 | 22,14 | 23,7 | +11,8 |
| Гӯшти гов | 43,06 | 50,88 | 61,9 | 68 | +25,3 |
| Гӯшти мурғ | 24,81 | 25,04 | 28,17 | 31,1 | +6,3 |
| Тухм, 10 дона | 8,52 | 10,86 | 10,1 | 9,4 | +0,5 |

Сарчашма: Омори солонаи АОПҶТ. –Душанбе, 2023. -С.143-147.

Барои муайян намудани раванди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати мамлакат, нархи бозории онҳо низ аҳаммияти иқтисодӣ дорад. Маълумотҳои ҷадвали 3, собит менамоянд, ки нархи маҳсулоти хӯрокворӣ дар солҳои 2019-2022 дар ҳамаи намудҳои маҳсулот тамоюли болоравӣ доранд. Чунончи нархи картошка дар ин давра 3,5 сомонӣ, нархи шир қариб 5 сомонӣ, нархи гандум 3,3 сомонӣ ва нархи орди навъи якум бошад 34,3 сомонӣ, нархи шакар 4,2 сомонӣ, нархи равғани растанӣ 11,8 сомонӣ, гӯшти гов ва гӯшти мурғ мутаносибан 25,3 сомонӣ ва 6,3 сомонӣ боло рафтааст. Ҳамзамон, дар раванди таҳлил мушоҳида мегардад, ки дар бозорҳои ватанӣ нархи биринҷ 2,5%, картошка 2,8%, қанди сафед 4,5% ва гӯшти мурғ 1,2%, коҳиш ёфта, ҳамзамон, як халта орди навъи якум ба 2,2%, шакар 1,8%, равғани офтобпараст 3,1%, равғани пахта 1,6%, шир 7,6%, гӯшти гов 0,2%, гӯшти гӯсфанд 0,8% ва тухми мурғ 2,5% афзоиш ёфтааст.

Муҳаққиқони соҳа ҷиҳати муайянсозии раванди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, инчунин нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ба сари ҳар як нафар аҳолии мамлакат, ҷиҳати ошкорсозии ҳаҷми норасогии маҳсулоти хӯрокворӣ бештар мавриди исифода қарор медиҳанд. Соҳаи кишоварзии мамлакат, ҳамчун соҳаи калидии иқтисоди миллӣ дониста шуда, ҳукумати мамлакат ҳамасола ба рушди ин соҳаи муҳим таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Дар сохтори истеҳсолии ММД ҳиссаи истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар соли 2022 ба 24,6% расида буд, ки он баробари 19% ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзии мамлакат мебошад [5,с.8].

Тибқи маълумотҳои расми 1, Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 50% маҳсулоти кишоварзии худро, бахусус нуриҳои минералӣ ва техникаи кишоварзиро аз хориҷи кишвар ворид менамояд. Аз рӯи маълумотҳои таҳлилӣ муайян мегардад, ки ҷиҳати қонеъгардонии талаботи аҳолӣ, ҳамасола ба бозори ҷумҳурӣ тахмин 1 млн. тонна ғалла ворид карда мешавад. Ҳаҷми умумии воридоти орди гандум дар маҷмуъ 40% талаботи дохилиро ташкил медиҳад, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои расми 1, талаботи аҳолии

мамлакат аз рӯи маҳсулотҳои хӯрокворӣ-картоша, сабзавот, шир (90%), гӯшт (85%) ва тухм аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ пурра қонеъ карда мешавад.

**Расми 1. Истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба сари аҳолӣ, кг/одам/сол**
**Figure 1. Food production per capita, kg/person/year**




Сарчашма: Таҳлили муаллиф аз рӯи сарчашмаи: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. -С.8-9.

Албатта, сабабҳои чунин тамоюли нигаронкунандаи истеҳсолоти корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакатро дар як чанд омилҳо шарҳ додан мумкин аст. Агар ҳамасола вобаста ба болоравии қурби асъори хориҷӣ, бекурбшавии асъори миллӣ, истеҳсолоти нокифоя ба сари ҳар як нафар аҳолӣ тавсиф дода шавад ҳам, дар ин маврид омили беруна низ таъсири манфии худро ба нархҳои бозории маҳсулоти хӯрокворӣ расонидааст. Ҳамзамон, чунин тамоюлҳо зарурати таъмини саривақтии истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулотҳои корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакатро асоснок менамояд.

Қобили қайд аст, ки дар раванди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, нишондиҳандаҳои савдои хориҷӣ, бахусус мувозинати ҳаҷми содирот ва воридоти молу маҳсулот нақши калидӣ дорад.

**Расми 2. Тавозуни ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ва мувозинати ҳаҷми содирот ва воридот**
**Figure 2. Balance of foreign trade volume and balance of export and import volumes**




Сарчашма: Таҳлили муаллиф аз рӯи: Омори солонаи АОПҶТ. –Душанбе, 2023. -С.308. [7,с.143]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои муайянсозии раванди истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат, дар қатори нишондиҳандаҳои дигари иқтисодӣ, таҳқиқу таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ, саноати коркард, мувозинати ҳаҷми содирот ва воридоти

маҳсулот муҳимтар мебошанд. Зеро, маҳз тавассути ҳамин нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ масъалаҳои муҳимми таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрока, инчунин раванди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дақиқтар муайян карда мешавад. Дар ин маврид, қабули қарорҳои дахлдори сохторҳои идоракунандаи давлатӣ, соҳавӣ ва ҳатто корпоративӣ осонтар мегардад.

Норасогии савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати моҳи январи соли 2023 ҳамагӣ 265,1 млн. долл.ИМА ташкил дода буд, ки ин нишондиҳанда дар ҳаҷми 43,4 млн.долл.ИМА нисбат ба соли 2022, ки 308,5 млн. долл.ИМА буд, кам аст. Коҳишёбии мувозинати савдои берунаи Тоҷикистон ба коҳишёбии сатҳи воридотӣ мусоидат намудааст, ки ин вазъиятро дар боздории афзоиши талаботи истеъмолии бозори дохилӣ шарҳ додан мумкин аст. Ҳиссаи зиёди ҳаҷми воридотиро маҳсулоти хӯрокворӣ ташкил медиҳад, ки дар ҳамин сол воридоти чунин намудҳои хӯрокворӣ-биринҷ, чойи хушк, қаҳва, ғалладонагӣ ва дигарҳо ба бозори дохилӣ бештар мушоҳида гардида буд. Воридоти ин намуд маҳсулоти хӯрокворӣ дар сохтори умумии воридоти мамлакат ҳамагӣ 9,3% ташкил медиҳад. Қобили қайд аст, ки зиёда аз 60% гирдгардиши маҳсулоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се давлат - Федератсияи Россия - 22%, Ҷумҳурии Чин - 21% ва Ҷумҳурии Қазоқистон - 20% рост меояд.

Ҳамин тариқ, аз рӯи натиҷаҳои таҳлил маълум мегардад, ки танҳо тавассути таҳлилу таҳқиқи мунтазами нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, аз ҷумла шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣи соҳаи кишоварзӣ, савдои хориҷӣ ва мувозинати ҳаҷми воридоту содирот раванди таъмингардонии истеҳсолоти воридотивазкуниро ошкор намудан имконпазир аст. Зеро вобаста ба ҳадафҳои олии мамлакат, бахусус таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо ғизои хушсифат меҳвари асосии онро маҳз фаъолгардонии равандҳои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ташкил медиҳад.

«…барои корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи асосӣ, ин ба даст овардани амнияти озуқаворӣ, беҳтар намудани заминаи моддию техникии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, тадбирҳои комплексӣ, мустаҳкам намудани марказҳои таҳқиқотӣ-илмӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ зарур мебошад» [3,с.97].

Аз ин рӯ, зарур меояд, ки ҷиҳати таъмини сатҳи лозимаи истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти саноати хӯрокворӣи мамлакат бештар ба ҳамоҳангсозии давраҳои истеҳсолии соҳаҳои саноати хӯрока, саноати коркарди маҳсулот, соҳаи кишоварзӣ, савдо ва инчунин логистикаву хизматрасонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд. Ба назари мо, асоси ҳамоҳангии давраҳои истеҳсолии соҳаҳои хӯроквориро таъмини механизмҳои молиявии онҳо, чи аз тарафи мабалғгузориҳои мақомотҳои давлатӣ ва чи аз тарафи сармоягузорони ватаниву хориҷӣ таъмин карда метавонанд. Ҳамзамон, такмили давра ба давраи механизми молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ имкон фароҳам меоварад, ки ба таъмини занҷираи истеҳсолии бетаъхири маҳсулоти хӯрокворӣ, беҳтаргардонии заминаҳои ашёи хом, объектҳои инфрасохторӣ ва таҷдиди технологии муосири корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат заминаҳои асосӣ гузошта шавад. Бахусус, ҷиҳати баланд намудани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат, содагардонии таъмини онҳо бо стандартҳои сифатии сатҳи байналмилалӣ, ҳамзамон, таъмини ҳифзи манфиатҳои молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Раҳмонов Ҷ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Алиев О.М. Сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣ: мафҳум, моҳият ва арзёбии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№2. -С.177.
2. Алиев О.М. Арзёбии таҳдидҳо ва хавфҳои асосӣ ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи давлатии ба номи Носири Хисрав. Бахши илмҳои гуманитари ва иқтисодӣ. - 2023. -№1-7(116). -С.158.
3. Алиев О.М. Пищевая промышленность Республики Таджикистан и ее роль в обеспечении продовольственной безопасности: современное состояние и приоритетные направления развития / О.М. Алиев, Г.А. Курбонов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства:

Сборник научных трудов, Симферополь, 02 апреля 2021 года; под общей редакцией З.О. Адамановой. Том Выпуск 7. -Симферополь: «АРИАЛ», 2021. -С.97.
4. Алиджанов Д.А. Модернизация национальной экономики Республики Таджикистан как условие реализации программы импортозамещения / Д.А. Алиджанов // Экономический журнал. -М.: Смелый дизайн, 2015. -№4. -С.25-35.
5. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. -С.8-9.
6. Коновалов Ю.В. Механизмы промышленной политики, влияющие на импортозамещение и инновационную стратегию предприятий / Ю.В. Коновалов // Российское предпринимательство. -Нижний Новгород, 2017. -№5. -том.18. -С.960.
7. Махмадизода, Ф.Б. Импортозамещение сельскохозяйственной продукции региона в контексте обеспечения продовольственной безопасности страны / Ф.Б. Махмадизода // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 182-189.
8. Махмадизода, Ф.Б. Пути устойчивого развития сельхозтоваропроизводителей регионов в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б., Наджбудинзода Х.Ш., Махмадизода С.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 5. – С. 138-145.
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. -С.143-147.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе, 2022 (23.12.2022). Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат 14.04.2024).
11. Рахмонов Дж.Р. Оценка современного состояния инновационной активности предприятий пищевой промышленности Республики Таджикистан / Дж.Р. Рахмонов // Научный журнал ТНУ. Таджикистан: экономика и управление. - 2020. -№1. -С.91.
12. Ризокулов Т.Р. Управление ресурсным потенциалом региона в условиях реализации импортозамещающей политики (на примере Согдийской области Республики Таджикистан) Спец: 08.00.05 - экономика и управление народным хозяйством (региональная экономика): дисс. на соис. ученой степени канд. экон.наук / Т.Р. Ризокулов. –Худжанд, 2020. -С.132.
13. Смит А. (3 мая 2023 г.). Импортозамещение, индустриализация | История и примеры. Исследование.com. [Электронный ресурс]. URL: https://study.com/academy/lesson/import-substitution-industrialization-history-policies-examples.html.

## ТАҲЛИЛИ РАВАНДИ ИСТЕҲСОЛОТИ ВОРИДОТИВАЗКУНАНДА ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРИИ ТОҶИКИСТОН

Паҳлуҳои илмиву назариявии мақолаи илмӣ дар таҳлили ақидаҳои назариявии муҳаққиқон, иқтисоддонҳо ва мутахассисони соҳаи саноат возеҳ дарҷ гардидааст. Мавқеи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар сохтори соҳавии саноати Тоҷикистон нишон дода шуда, мубраммияти таҳлили равандҳои истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Муайян карда шудааст, ки таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо рушди дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддии иқтисодиёти миллӣ дар талъам мебошад. Вобаста ба омилҳои мавҷуда, хусусиятҳои соҳавӣ, инчунин алоқамандии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворecho мамлакат таҳлил карда шудааст. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили вазъи кунунии соҳаи саноати хӯрокворӣ, мушкилоти соҳаи хӯроквории мамлакат ошкор карда шуда, ҳамзамон, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шудааст. Равандҳои таъминшавии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар асоси ҳамоҳангии соҳаҳои кишоварзӣ, саноати коркарди маҳсулот, маркетинг ва логистика, инчунин хизматрасониҳои гуногун муайян карда шудааст. Пешниҳод гардидааст, ки такмили давра ба давраи механизми молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ метавонад занҷираи истеҳсолии бетаъхири маҳсулоти хӯроквориро ташкил намуда, ба таҷдиди технологии муосири корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат заминаҳои асосӣ гузорад.

**Калидвожаҳо:** саноат, корхона, хӯрокворӣ, истеҳсолот, воридотивазкунанда, содирот, маҳсулот, озуқаворӣ, бозор, ашёи хоми саноатӣ, талабот, истеъмолот.

## АНАЛИЗ ПРОЦЕССА ИМПОРТОЗАМЕЩАЮЩЕГО ПРОИЗВОДСТВА В ПРЕДПРИЯТИЯХ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

Научно-теоретические аспекты научной статьи четко изложены при анализе теоретических мнений исследователей, экономистов и специалистов отрасли. Показаны место и роль предприятий пищевой промышленности в отраслевой структуре промышленности Таджикистана, а также обоснована проблема анализа импортозамещающих производственных процессов промышленных предприятий Таджикистана. Определено, что обеспечение импортозамещающей продукции на предприятиях пищевой промышленности соответствует развитию других сфер материального производства национальной экономики. В зависимости от существующих факторов проанализированы особенности отрасли, а также актуальность импортозамещающего производства на предприятиях пищевой промышленности в целях обеспечения продовольственной безопасности страны. По результатам анализа современного состояния пищевой промышленности выявлены проблемы пищевой промышленности страны и одновременно предложены пути их решения. Процессы поставок импортозамещающей

продукции на предприятиях пищевой промышленности определены на основе координации отраслей сельского хозяйства, перерабатывающей промышленности, маркетинга и логистики, а также различных услуг. Предлагается, что поэтапное совершенствование финансового механизма обеспечения импортозамещающего производства предприятий пищевой промышленности позволит организовать непрерывную производственную цепочку пищевой продукции и заложить базовые основы современного технологического обновления предприятий пищевой промышленности страны.

**Ключевые слова:** промышленность, предприятие, продукты питания, производство, импорт и обмен, экспорт, продукция, продукты питания, рынок, промышленное сырье, спрос, потребление.

## ANALYSIS OF THE PROCESS OF IMPORT SUBSTITUTION PRODUCTION IN FOOD INDUSTRY ENTERPRISES OF TAJIKISTAN

The scientific and theoretical aspects of the scientific article are clearly stated by analyzing the theoretical opinions of researchers, economists and industry specialists. The place and role of food industry enterprises in the sectoral structure of industry in Tajikistan is shown, and the problem of analyzing import-substituting production processes of industrial enterprises in Tajikistan is substantiated. It has been determined that the provision of import-substituting products at food industry enterprises corresponds to the development of other areas of material production of the national economy. Depending on existing factors, the characteristics of the industry are analyzed, as well as the relevance of import-substituting production at food industry enterprises in order to ensure the country's food security. Based on the results of an analysis of the current state of the food industry, problems of the country's food industry were identified and at the same time ways to solve them were proposed. The processes for supplying import-substituting products at food industry enterprises are determined on the basis of coordination of agricultural sectors, processing industries, marketing and logistics, as well as various services. It is proposed that the gradual improvement of the financial mechanism for ensuring import-substituting production of food industry enterprises will make it possible to organize a continuous production chain of food products and lay the basic foundations for modern technological renewal of the country's food industry enterprises.

**Keywords:** industry, enterprise, food, production, import and exchange, export, products, food, market, industrial raw materials, demand, consumption.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонозода Абдулло Абдуҷаллол*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 981-18-17-77**. E-mail: **gulbidink@bk.ru**

Мақсади ташкили системаи маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ дар ташкилоти кишоварзӣ, пешниҳоди маълумоти саривақтӣ, пурра ва боэътимод дар бораи фаъолияти корхона ба менеҷерон барои қабули қарорҳои асоснок ва самарабахш мебошад [6]. Ин имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти воҳидҳои алоҳидаи корхона дар маҷмуъ оптимизатсия карда шаванд ва аз ин рӯ, натиҷаи молиявиро ба ҳадди аксар беҳтар кунанд.

Қобили зикр аст, ки шартҳои зарурии ташкили системаи самарабахши таъминоти иттилоотӣ дар ташкилот муайян кардани марказҳои масъулияти корхона, ҷойҳои пайдоиш, марказҳои хароҷот ва ташаккули сохтори ташкилии ғайримарказонидашудаи корхона мебошанд. Ҳамин тариқ, баҳисобгирии марказҳои хароҷот дар бораи сохтори уфуқии корхона ҳангоми ҳалли масъалаҳои назорати дохилӣ дар самтҳои асосии ташаккули хароҷот ва фоида тасаввурот медиҳад. Илова бар ин, хароҷотро метавон аз рӯйи марказҳои хароҷот – аз рӯйи соҳаҳои алоҳидаи фаъолият, инчунин аз рӯйи соҳаҳои масъулият гурӯҳбандӣ кард.

Ташкили чунин баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона имкон медиҳад, ки назорат аз болои ташаккули хароҷот, баланд бардоштани масъулият барои ба мақсад мувофиқ будани онҳо ва на камтар аз муҳим, ба таври оқилона тақсим кардани хароҷоти ғайримустақим байни интиқолдиҳандагони хароҷот ва ба ин васила бехатарии тиҷорат таъмин карда шавад.

Барои муайян кардани дараҷаи ягонагӣ ва фарқи байни маҳалҳои пайдоиш ва марказҳои хароҷот, марказҳои масъулият мақсадҳои гурӯҳҳои дахлдори хароҷотро муайян кардан ва инкишофи онҳоро дар системаи иттилоотии идоракунӣ ба назар гирифтан лозим аст.

Аксари муаллифон қайд мекунанд, ки хароҷоти истеҳсолот ҳангоми истеъмоли истеҳсолии захираҳо, яъне дар он ҷое, ки раванди истеҳсолот ё нигоҳдории он сурат мегирад, беҳтар назорат карда мешавад. Аз ин рӯ, барои тафсилоти таҳлилӣ ва гурӯҳбандии хароҷот объектҳои баҳисобгирии онҳо, ба монанди ҷойҳои пайдоиши хароҷот, марказҳои хароҷот, марказҳои масъулият аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Ин мафҳумҳо, ки аз қадим ба мутахассисон маълум буданд, дар даҳсолаҳои охир ба таври ҷиддӣ таҳқиқ карда мешаванд, аммо то имрӯз таърифҳо ва фаҳмиши якхела дар таҷрибаи ватанӣ ва хориҷии баҳисобгирӣ, дар адабиёти махсус, алалхусус бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ мавҷуд нестанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Шоймардонов Ҳ.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Ёров М.Р. Информационное обеспечение менеджмента дехканских (фемерских) хозяйств в РТ: дис. канд. экон. наук:08.00.05 / М.Р. Ёров. -Душанбе, 2009.
2. Макаров Т.В. Когерентные волоконно-оптические системы передачи / Т.В. Макаров. -Одесса: ОНАС им. А.С. Попова, 2009. -218 с.
3. Мартынюк П.М. Теория систем и математическое моделирование / П.М. Мартынюк, Н.А. Федорчук. -Ровно: НУВХП, 2010. -225 с.
4. Махмадизода, Ф.Б. Формирование и развитие региональных агропродовольственных кластеров в условиях ВТО / Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 8. – С. 36-43.
5. Махмадиев, Ф.Б. Формирование региональных отраслевых кластеров, важнейший этап создания инновационной экономики / Ф.Б. Махмадиев, Н.С. Холова // Peasant. – 2015. – № 2. – С. 84-85.
6. Одинаев Ш.Т. Развитие информационной и коммуникационной технологии в АПК Таджикистана / Ш.Т. Одинаев, М.М. Алибаева // Известия вузов Кыргызстана. Республиканский научно-теоретический журнал. – Бишкек, 2017. -№3. -С.102-106.
7. Основы теории коммуникации / под ред. проф. М.А. Василик. -М.: Гардарики, 2003. -615 с.
8. Основы теории коммуникации / под ред. проф. М.А. Васылыка. -М.: Гардарики, 2003. -615 с.
9. Фролов И.Т. Философский словарь / И.Т. Фролов. -М.: Республика, 2001. -719 с.

## ХУСУСИЯТҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ ИТТИЛООТИИ ИДОРАКУНИИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ АГРАРӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои назариявии таъмини иттилоотии идоракунии амнияти иқтисодӣ дар иқтисодиёти аграрӣ, вазъи иқтисодиёт, талаботи бо меъёрҳо ва параметрҳои муайяни сифатӣ, устувории вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, таъсири таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, таҳияи қарорҳои самараноки идоракунӣ, инчунин, ақидаи олимон нисбати таъмини идоракунии иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд кардан зарур аст, ки идоракунии ҳама гуна раванд, ҳама гуна ташкилот ва дар ҳама гуна низом бидуни иттилоот ғайриимкон аст. Бе маълумот банақшагирии фаъолият, бо ягон захира таъмин кардани нақшаҳо, равандҳои ҷараёнро зуд идора кардан, баҳисобгирӣ ва таҳлил комилан ғайриимкон аст. Ин ба идоракунии бехатарӣ дар истеҳсолот комилан дахл дорад. Маълумот манбаи тағйирёбии ҷомеа бо мақсади мутобиқсозии оптималӣ ба шароити ҷаҳони беруна тавассути афзоиши некуаҳволии олии ҷамъиятӣ дониш ва моддии минбаъдаи он мебошад. Инчунин, маълумот метавонад ҳолати агрегатии худро тағйир диҳад ва ҳаҷм пайдо кунад: афзоиш ё паҳншавӣ ва дар сифати нав ба вуҷуд меояд. Муаллифон чунин шаҳр медиҳанд, чунин равиш имкон медиҳад, ки равандҳое, ки дар давраи тавсеаи доимии ҷараёни иттилоот дар иқтисодиёти муосир ба амал меоянд, ошкор ва моделиронӣ карда шаванд. Қобили зикр аст, ки шартҳои зарурии ташкили системаи самарабахши таъминоти иттилоотӣ дар ташкилот муайян кардани марказҳои масъулияти корхона, ҷойҳои пайдоиш, марказҳои хароҷот ва ташаккули сохтори ташкилии ғайримарказонидашудаи корхона мебошанд.

**Калидвожаҳо:** амнияти иқтисодӣ, идоракунӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, устуворӣ, иқтисодиёт, менеҷер, стратегия, сиёсат, нарх, таҳдидҳо, қарорҳо, самаранокӣ, рушд, корхона, иттилоот, маълумот, фаъолияти молиявӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ УПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТЬЮ В АГРАРНОЙ ЭКОНОМИКЕ

В данной статье рассматриваются теоретические особенности информационного обеспечения управления экономической безопасностью в аграрной экономике, состояние экономики, требования, предъявляемые к определенным качественным нормам и параметрам, устойчивость социально-экономического положения, влияние внутренних и внешних угроз, разработка эффективных управленческих решений, а также мнение ученых о обеспечении информационного управления. Важно отметить, что управление любым процессом, любой организацией и в любой системе невозможно без информации. Без данных планирование деятельности, обеспечение каких-либо резервов планов, быстрое управление потоковыми процессами, учет и анализ абсолютно невозможны. Это полностью относится к управлению безопасностью на производстве. Информация является источником изменений в обществе с целью оптимальной адаптации к условиям внешнего мира за счет повышения высшего общественного благосостояния его дальнейших знаний и материальных ценностей. Кроме того, данные могут изменить свое агрегатное состояние и найти объем: увеличение или распространение и появление в новом качестве. Такой подход позволяет выявить и смоделировать процессы, происходящие в период постоянного расширения информационных потоков в современной экономике. Стоит отметить, что необходимыми условиями создания эффективной системы информационного обеспечения в организации являются определение центров ответственности предприятия, мест происхождения, центров затрат и формирование децентрализованной организационной структуры предприятия.

**Ключевые слова:** экономическая безопасность, управление, социально-экономические положения, устойчивость, экономика, менеджер, стратегия, политика, цены, угрозы, решения, эффективность, развитие, предприятие, информация, данные, финансовая деятельность.

## THEORETICAL FEATURES OF INFORMATION SUPPORT FOR ECONOMIC SECURITY MANAGEMENT IN THE AGRIAN ECONOMY

This article discusses the theoretical features of information support for economic security management in an agricultural economy, the state of the economy, the requirements for certain quality standards and parameters, the stability of the socio-economic situation, the influence of internal and external threats, the development of effective management decisions, as well as the opinion of scientists about ensuring information management. It is important to note that managing any process, any organization and in any system is impossible without information. Without data, planning activities, providing any reserve plans, quickly managing flow processes, accounting and analysis are absolutely impossible. This applies entirely to safety management at work. Information is a source of change in society for the purpose of optimal adaptation to the conditions of the outside world by increasing the highest social welfare of its further knowledge and material values. In addition, data can change its state of aggregation and find volume: increase or distribution and appear in a new quality. The authors give such a city, this approach allows us to identify and model the processes occurring during the period of constant expansion of information flows in the modern economy. It is worth noting that the necessary conditions for creating an effective information support system in an organization are the determination of the enterprise's centers of responsibility, places of origin, cost centers and the formation of a decentralized organizational structure of the enterprise.

**Keywords:** economic security, management, socio-economic conditions, sustainability, economics, manager, strategy, policy, prices, threats, decisions, efficiency, development, enterprise, information, data, financial activity.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Одинаев Шоҳин Талбакович*** – Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ. **Суроға**: 7340498, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Ҳаёти-Нав, 306. Телефон: **(+992 37) 2-36-88-61; 918-42-57-57**. E-mail: **economic64@mail.ru**
***Аюбҷони Саломудин*** - Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, унвонҷӯй. **Суроға**: 734049, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Ҳаёти-Нав, 306. Телефон: **(+992) 985 58 48 18**

**Сведения об авторах:** ***Одинаев Шохин Талбакович*** - Институт экономики и системных анализа развития сельского хозяйства АИКТ, кандидат экономических наук, доцент, заместитель директора по науке, образованию и подготовке научных кадров. **Адрес:** 7340498, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Хаёти-Нав, 306. Телефон: **(+992 37) 2-36-88-61; 918-42-57-57.** E-mail: **economic64@mail.ru**
***Аюбжон Саломудин*** – Институт экономики и систематических анализа развития сельского хозяйства АИКТ, соискатель**. Адрес:** 734049, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Хаяти-Нав, 306. Телефон: **(+992) 985 58 48 18**

**Information about the authors:** ***Odinaev Shokhin Talbakovich*** - Institute of Economics and System Analysis of Agricultural Development, AIKT, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Deputy Director for Science, Education and Training of Scientific Personnel. **Address**: 7340498, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Khayoti-Nav street, 306. Phone: **(+992 37) 2-36-88-61; 918-42-57-57.** E-mail: **economic64@mail.ru**
***Ayubjon Salomudin*** – Institute of Economics and Systematic Analysis of Agricultural Development, AIKT, applicant. **Address**: 734049, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Hayati-Nav street, 306. Phone: **(+992) 985 58 48 18**

ТДУ: 336.76

# ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН МОДЕЛИ НАВИ ИҚТИСОДӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ РУШД

*Имомов М.Қ.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Ҷаҳони имрӯзаро давраи нави рушди иқтисодиёт - иқтисодиёти рақамӣ фаро гирифтааст, ки бевосита ба инкишофи техникаю технология ва интернет алоқаманд мебошад. Иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун модели нави иқтисодӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ-молиявӣ мавриди омӯзиш ва инкишоф қарор гирифта, аз ташкили механизм ва амалигардонии чораҳои зиёд вобастагии калон дорад.

Новобаста аз маҳдудияти захираҳои иқтисодӣ, иқтисодиёти ҷаҳон дар ҳоли рушд қарор дорад. Рушди иқтисодиёти ҷаҳони муосир аз рушди техникаю технология ва интернет вобастагии калон пайдо намуда, иқтисодиёт ва субъектҳои хоҷагидориро маҷбур намудааст, ки навъҳои нави техникаю технология ва воситаҳои истифодаи интернетиро рӯйи кор оранд. Ҳамин аст, ки имрӯзҳо доираи истифодабарандагони техникаю технология ва расонаҳои интернетӣ зиёд гардида, талаботро ба онҳо дучанд намудааст. Дилхоҳ шахс метавонад дар дилхоҳ вақт тавассути расонаҳои интернетӣ ва технологияҳои замонавӣ дар бораи маълумоти барояш лозим мавод пайдо намояд. Барои тоб овардан дар чунин шароити рушди босуръати муносибатҳо, зарур аст, ки ба таркиби низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ тағйиротҳои нав вобаста ба рушди техникаю технология ва интернет ворид карда шавад. Дар сатҳи зарурӣ истифода ва идоракунии техникаю технологияҳои нав ва барномаҳое, ки тавассути интернет амалӣ карда мешаванд, имконият медиҳанд, ки рушди босуръати соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таъмин карда шаванд.

Агар, ба давраҳои аввали пайдоиши техникаю технология назар намоем, маълум мегардад, ки онҳо маҳз бо мақсади осонгардонии раванди истеҳсолот нигаронида шуда буданд. Ҳоло бошад, техникаю технология дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо мақсади боз ҳам рушд додани иқтисодиёти мамлакат мавриди истифода қарор доранд.

Ҷиҳати мутобиқ гардонидани муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо муносибатҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷавобгӯи бозорҳои ҷаҳонӣ гардонидани сатҳу сифати молу хизматҳои ватанӣ, вусъат бахшидани рушди иқтисодиёти кишвар ва хубтару беҳтар гардонидани шароити зиндагии шаҳрвандон бо истифода аз технологияҳои рақамӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри ҳарчӣ зудтар гузаштан ба иқтисоди рақамӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Рақамикунонии иқтисодиёт бо автоматикунонии амалиётҳои иқтисодӣ-молиявӣ ва истеҳсолот алоқамандии зич дошта, тавассути барномасозиҳои компютерӣ ва расонаҳои интернетӣ амалӣ карда шуда, имкон медиҳад, ки арзиши аслии молу маҳсулотҳо паст ва мониторингҳои арзёбии сатҳ ва сифати онҳо гузаронида шаванд. Инчунин, самаранокии онҳо таъмин ва таҳлилу муқоисаҳои саривақтӣ амалӣ карда шуда, хулосаю пешниҳодҳо баровarda шаванд.

Амалисозии иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, даромади буҷет, шаффофият, содагардонии расмиёт, омода кардани мутахассисони лаёқатноки соҳаҳои гуногун, ҷалби технологияҳои муосир ва дар маҷмуъ, сатҳи зиндагии аҳолии кишвар беҳтар гардад.

Иқтисоди рақамӣ як низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва технологии байни давлат, фаъолияти соҳибкорӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ тавассути истифодаи васеи технологияҳои рақамии шабакавӣ, тавлиди намудҳо ва шаклҳои истеҳсолот ва пешбурди рақамӣ амал мекунад [2,с.13].

Иқтисоди шабакавӣ ин фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, ки тавассути телекоммуникатсияҳои рақамӣ (шабакаҳои глобалӣ ва маҳаллӣ) амалӣ карда мешаванд. Консепсияи иқтисодиёти шабакавӣ фазои иттилоотие мебошад, ки дар он субъектҳои гуногуни соҳибкорӣ, истеҳсолкунандагон, миёнаравҳо, харидорон, фурӯшандагон ва мақомоти танзимкунандаи давлатӣ метавонанд бо ҳам тамос гиранд, аз ҷумла имконоти

гуногуни фаъолияти муштараки тиҷоратӣ. Иқтисоди шабакавӣ бо пайвастагиҳои уфуқӣ, мустақим ва дарозмуддат байни ҳамаи гиреҳҳои шабакаи тиҷоратӣ, ки якҷоя занҷирҳои арзиши электрониро ташкил медиҳанд, тавсиф мешавад. Илова бар ин, худи фаъолияти иқтисодӣ ва табодули тиҷоратӣ асосан тавассути воситаҳо ва хизматрасониҳои интернетӣ амалӣ карда мешавад [6,с.8].

Дар солҳои хело қадим мутаффакир ва файласуфи барҷастаи Юнони Қадим, Пифагор (570-490 пеш аз милод) қайд намуда буд, ки "дунёро рақамҳо идора менамоянд". Аз ин гуфтаҳои ӯ бармеояд, ки тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ бо рақамҳо идора карда мешаванд. Пас, дар замони муосир рақамикунонии иқтисодиёт имкониятҳои васеъ ва афзалиятҳои зиёдро дар идоракунии муносибатҳои иқтисодӣ ва, пеш аз ҳама, истеҳсолоти саноатӣ ба миён меорад.

Аксарияти давлатҳои рушдкардаи дунё аллакай ба иқтисодиёти рақамӣ гузаштаанд. Моро низ зарур меояд, ки ҳарчи зудтар муносибатҳои худро мутобиқ ба ин шакли иқтисодиёт ба роҳ монда, заминаҳои устувори ташаккули онро таъмин намоем.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 доир ба "Иқтисодиёти рақамӣ" чунин омадааст: "Иқтисодиёти рақамӣ ин рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ тавассути истифодаи васеи технологияҳои рақамии компютерӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани маҳсулнокии истеҳсолот, таҷҳизот, нигоҳ доштан, фурӯш ва дастрас намудани молу хизматрасониҳо мусоидат мекунад" [1,с.5]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҷиҳати расидан ба иқтисоди рақамӣ таъмини сатҳи баланди истифодаи дурусти техологияҳои рақамӣ, истеҳсол ва дастрасии нархҳои онҳо, ташкили интернети суръати баланддошта дар корхонаю ташкилотҳо, бо қувваи барқ таъмин будан ва назорати дурустии иттилоотҳои воридшуда ба барномаҳои рақамикунонидашуда зарур мебошанд. Бо амалисозии онҳо метавон сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва хусусӣ, шаффофияти буҷети давлатӣ, низоми андозбандӣ ва даромадҳои андозӣ, идоракунии фаъолияти корхонаю ташкилотҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, барасмиятдарории низоми ҳуҷҷатгузорӣ ва содагардонии онҳо ва дар маҷмуъ рушди иқтисодиёти кишварро таъмин намуд.

Ҳамин тавр, зери мафҳуми "Иқтисоди рақамӣ" электроникунонии нишондиҳандаҳои иқтисодиёти кишвар дар ҳамаи самтҳо тавассути истифодаи технологияҳои компютерӣ фаҳмида мешавад, ки барои кам кардани хароҷоти дастрасии молу маҳсулот ва кору хизматрасониҳо мусоидат менамояд.

Равандҳои ҷаҳонии табдилёбии рақамӣ пайваста суръат гирифта, соҳаҳои ҳарчи бештари нави фаъолияти инсониро фаро мегиранд. Технологияҳои нави «рахнашаванда» низ бо суръати тез инкишоф меёбанд, ки истифодаи дурусти онҳо рақобатпазирии миллиро дар асри XXI муайян мекунад. Тағйири парадигма дар трансформатсияи рақамӣ ба назар мерасад: агар қаблан кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон трансформатсияи рақамиро дар доираи соҳаҳои алоҳида баррасӣ мекарданд, имрӯз иқтисодиёти миллии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон комилан ба релсҳои рақамӣ мегузаранд. Ин парадигмаи нав заминаи раванди рақамисозии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил хоҳад дод [3,с.2].

Ҷиҳати ташаккули иқтисоди рақамӣ нақши илму техника хеле зиёд аст, зеро ин модели иқтисодӣ маҳз бо техникаю технология ва интернет алоқамандии зич дорад. Дар натиҷаи ташаккули иқтисоди рақамӣ дар солҳои наздик дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омада, боиси истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ, зеҳнҳои сунъӣ, пайдоиши нақлиётҳои бесарнишин, таҷҳизотҳои парвозкунанда, барномаҳои гуногуни интернетӣ, нанатехнологияҳо, техникаҳои роботӣ, биотехнология, системаи нигоҳдории неруи барқ, ҳисоборобаркуниҳои квантӣ, низомҳои ҷалби сармоягузорӣ ва ғайраҳо рӯи кор меоянд. Омили асосии ин тағйирот, рушди технологияҳои рақамӣ ба ҳисоб меравад.

Технологияҳои рақамӣ экосистемаҳои тиҷоратиро ташкил медиҳанд ва имкон медиҳанд, ки тақрибан дар вақти воқеӣ миқдори зиёди маълумот дар бораи истеъмолкунандагон ва кори таҷҳизот ҷамъоварӣ карда шаванд [4,с.3].

Дар шароити иқтисоди рақамӣ муаммои асосӣ на ташкилу истифодаи самараноки технологияҳои муосир дар раванди иҷрои амалиётҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, балки истеҳсол ва дастрасии онҳо низ мебошад. Ҷиҳати таъмини рушди иқтисоди рақамӣ зарурати

ташкили истеҳсолоти технологияи муосир ба миён меояд. Аз ин хотир, таълими мутахассисон дар самти истеҳсоли технологияҳои рақамӣ масъалаи муҳимми таъмини рушди иқтисоди рақамӣ мебошад.

Барои дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама, зарурати ташкили заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташкили фаъолиятҳои электронӣ, ифрасохтори электронӣ, ҳукумати электронӣ, имкониятҳои истифодаи сатҳи баланди интернетӣ, имкониятҳои истифодаи технологияҳои навтарини муосир, идоракунии сатҳи баланди пойгоҳи маълумотҳо, таъмини сатҳи дурустии маълумотҳо, доштани маърифати истифодабарии иттилооти электронии шахс ва ғайраҳо ба миён меояд.

Имрӯзҳо, ҳукумати кишвар тасмим гирифтааст, ки иқтисодиёти рақамиро дар кишвар ҷорӣ намуда, рушди босуботи онро таъмин созад. Барои ин, аллакай тамоми заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст.

Бояд ба эътибор гирифт, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ шумораи молҳои электронӣ зиёд гардида, бозорҳои электронӣ, рақобати электронии молу маҳсулот, нархҳои электронӣ, пулҳои электронӣ, миёнаравҳои электронӣ ва дигар шаклҳои электронии кору хизматрасониҳо зиёд гардида, табодули муносибатҳои иқтисодиро (дар олами маҷозӣ) метезонад. Аз ин хотир, талабот ба низомҳои нави идоракунии муносибатҳои электронии иқтисодӣ (иқтисодиёти рақамӣ) ба миён меояд.

Электроникунонии нишондиҳандаҳо ва татбиқи зеҳни сунъӣ дар корхонаву ташкилотҳо ва муассисаҳо заминаи асосӣ барои расидан ба ҳадафҳои иқтисодиёти рақамӣ ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки бо мақсади рушди иқтисодиёти рақамӣ ва ташкили шароити мусоид ҷиҳати татбиқи амалии он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаю стратегия ва консепсияҳои зарурӣ таҳия карда шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи иқтисодиёти рақамӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, таҳти №642 Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ки тибқи он рушди иқтисоди рақамӣ марҳила ба марҳила таъмин карда мешавад. Он аз 3 марҳила иборат буда, то соли 2040 ба нақша гирифта шудааст. Марҳилаи якум то соли 2025, марҳилаи дуюм то соли 2030 ва марҳилаи сеюм бошад, то соли 2040-ро дар бар мегирад.

Ҳамчунин, дар кишвар Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳия карда шудааст, ки амалисозии марҳилаи якуми Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, ҳадафҳо ва вазифаҳоро дар доираи 8 самти асосии рушди иқтисоди рақамӣ барои давраи то соли 2025 муайян менамояд [1,с.4].

Вақти он расидааст, ки барои рақобатпазир будан дар сатҳи байналмилалӣ ҳарчӣ бештар фаъолият ва кору хизматрасониҳои худро тариқи барномаҳои рақамикунонидашуда дар шаклҳои электронӣ ба роҳ монем, зеро аллакай аксарияти давлатҳои пешрафтаи дунё бо шаклҳои электронӣ чунин хизматрасониҳоро - имзои рақамӣ (e-signature), қонунгузориии электронӣ (e-Law), мактаби электронӣ (e-School), бақайдгирии электронии тиҷорат (eBusiness Register), шиносномаи мобилӣ (Mobile-ID), идораи электронӣ (e-Cabinet), пардохти мобилӣ (Mobile Payment), сабти электронии вазъи тандурустӣ (e-Health Record), зерсохтори бетугмаи тасдиқи имзоҳо (Keyless Signature Infrastructure), ҳуҷҷатгузории электронӣ (Digi Doc), суди электронӣ (e-Court), манзили электронӣ (e-Residency), корти электронии муаррификунандаи шахсият (E-ID Card), бақайдгирии электронии замин (E-Land Register), таваққуфгоҳи мобилӣ (m-Parking), андози электронӣ (eTax), овоздиҳии электронӣ (e-Voting), дорухати электронӣ (e-Prescription), сиёсати электронӣ (e-Policy) ва хизматрасонии муқарраркунандаи минтақаи шахс (Location-Based (Services) ба шаҳрвандони худ ба роҳ монда, рушди иқтисодиёташонро таъмин намуда истодаанд [1,с.4].

Яке аз имкониятҳои расидан ба иқтисодиёти рақамӣ ва пайдо намудани ҷойгоҳи махсус дар низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ташкили бештари сармоягузориҳо ба истеҳсолу истифодаи технологияҳои муосир ва таълими мутахассисони баландихтисос дар ин самт ба ҳисоб мераванд. Зеро, бо пайдо намудани захираҳои молиявӣ имконияти таълими мутахассисони баландихтисос ва истеҳсоли технологияҳои навтарини муосир бештар

мегардад. Маҳз, мутахассисони соҳибкасб метавонанд, чунин модели тиҷоратиро бунёд созанд ва хизматрасониҳоро мутобиқ ба он пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, бояд донист, ки дар ҷараёти амалисозии иқтисоди рақамӣ талабот ба мутахассисони технологияҳои иттилоотии компютерӣ дар соҳаҳои гуногун афзуда, ҷойҳои корӣ дар ин самт зиёд мегарданд.

Технологияҳои зеҳни сунъӣ шакли нави рақамикунонӣ ба ҳисоб рафта, аз интернети истеъмолӣ (тиҷорати электронӣ, алоқаи иҷтимоию фарҳангӣ) ва интернети саноатӣ (молия, истеҳсолот, энергетика, нафт ва газ, нақлиёт) иборат мебошад, ки Индекси ҷаҳонии ҳамгирой (GCI)-ро ташкил медиҳад [1,с.4].

Тибқи баҳодиҳии Ширкати технологии HUAWEI дар давоми 15 соли охир, суръати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон бо назардошти Индекси GCI 2,5 маротиба нисбат ба рушди иқтисоди ҷаҳонӣ пешсаф мебошад. Ширкати мазкур пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми пурра амалӣ гардидани Индекси GCI дар давлатҳои рушдкарда иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон то 23 трлн. доллари ИМА дар соли 2025 афзоиш меёбад [1,с.5-6].

Бо ташаккул ва инкишофи иқтисодиёти рақамӣ дар ҷаҳон аллакай шакли нави ҳамкориҳо байни таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон “бизнес-моделҳои платформавӣ” рӯйи кор омадаанд, ки имкониятҳои зиёдро дар ташкилу расонидани хизматҳо фароҳам сохтаанд.

Бизнес-моделҳои платформавӣ ин яке аз шаклҳои ҳамкории дуҷониба байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон ё худ таъминкунандагон ба ҳисоб рафта, бо мақсади кам кардани хароҷот барои дастрас кардани молу маҳсулот ва хизматрасониҳо истифода мегарданд. Ин шакли пешниҳод ва фурӯши молу маҳсулот низ дар рушди рақамикунони иқтисодиёт таъсири калон мегузорад.

**Ҷадвали 1. Сохтори платформаи рақамӣ**
**Table 1. Structure of the digital platform**




Сарчашма: Маълумотҳои Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

Татбиқи платформаи пешниҳодгардида, имкониятҳои фарохи дастрасии молу маҳсулот ва кору хизматрасониҳо, ҳамзамон, сарфаи хароҷотҳо мегардад. Платформаҳои рақамӣ, хизматрасонӣ ва барномаҳои гуногуни шабакавии унсурҳои дутарафаи иқтисодӣ барои такрористеҳсоли маҳсулоти иҷтимоӣ мебошанд [7,с.39].

Дар рушди иқтисоди рақамӣ интернет нақши калидӣ дорад. Зеро, тамоми кор ва хизматрасониҳо тариқи интернет дастраси муштариён гардида, хариду фурӯши онҳо низ бо истифода аз интернет амалӣ карда мешаванд. Ҷараёни амалисозии платфораи мазкур низ аз интернет вобастааст. Интернет аз қувваи барқ вобаста бошад ҳам, дар коммуникатсияи молу хизматҳои электронӣ нақши аввалиндараҷаро мебозад. Аз ин хотир, корхонаю ташкилотҳоро зарур аст, ки ҳарчи бештар ҷараёни фаъолияти худро бо интернети баландсуръат таъмин намоянд. Ширкатҳои интернетиро зарур аст, ки дар паст намудани арзиши хизматрасониҳои интернетӣ ва шартномаҳои ҳамкорӣ бо корхонаву ташкилотҳои ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Тибқи таҳлили коршиносон бо назардошти истифодаи платформаҳои рақамӣ андозаи иқтисоди рақамӣ аз 4,0% то 15,5%-и ММД-ро дар ҷаҳон ташкил дода, тақрибан

40,0%-и арзиши иловашуда, ки бахши ТИК-ро дар ҷаҳон ташкил медиҳад, ба ИМА ва Ҷумҳурии Халқии Хитой рост меояд [1,с.8].

Кишвари мо марҳилаҳои аввали иқтисодиёти рақамиро тай намуда истодааст. Дар ин марҳила аллакай корҳои зиёде бо истифода аз технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногун амалӣ гардидааст, ба монандӣ: барномаи «Гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ SITI-DOC», низоми пардохти электронии ҳаққи хизмати мусофиркашонӣ дар шаҳри Душанбе «City Card», маркази тасдиққунандаи имзои электронии рақамӣ ва низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ «TFMIS», дар соҳаи молия «Портали корпоративӣ – утоқи шахсии электронӣ», дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Портали савдои Тоҷикистон», дар ҷумҳури «Портали маълумотии инноватсионӣ», «Шаҳри бехатар», дар соҳаи маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шабакаи локалии «FTP», барномаи «Низоми иттилоотии идоракунии маориф» низоми назоратии GPS-Мониторинг, дар самти хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон «Тоҷик-эйр» www.tajikair.tj ва «Сомон-эйр» www.somonair.com, дар соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ «Низоми ягонаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ», дар соҳаҳои меҳнат ва шуғли аҳолӣ махзани ягонаи маълумот вобаста ба ҷойҳои нави корӣ дар сомонаи www.kor.tj дар сомонаи www.migration.tj, дар мақомоти андоз «Портали электронии хизматрасониҳо барои андозсупорандагон» ва пардохти андозҳо бо истифодаи кортҳои бонкии низоми пардохти миллӣ «Корти миллӣ» ва низомҳои пардохтии байналмилалии «Mastercard» ва «Visa» ва хизматрасониҳои зиёди дигар ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шудаанд.

Дар баробари рушди низоми рақамикунонии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, бехатарии иттиоот масъалаи зарурӣ ба шумор меравад. Ҳифзи иттилоот имкон медиҳад, ки корхонаву ташкилот ва субъектҳои хоҷагидорӣ озодона молу маҳсулот ва кору хизматрасониҳои худро тариқи электронӣ пешниҳод намоянд.

Бо мақсади амалисозии талаботи иқтисоди рақамӣ қабул ва такмил додани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла инфрасохтори ТИК, хизматрасониҳои электронӣ дар соҳаҳо ба миён меояд. Зеро такмил додани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои рушди устувори фаъолияти мақомоти давлатӣ тавассути иттилоотоникунонии ҳукумати электронӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар давлатҳо тамоми тадбирҳоро ҷиҳати таъмини бехатарии иттилоот ва ҳифзи маълумотҳои электронии корхонаву ташкилотҳо амалӣ намуда истодааст. Ҳамзамон, пойгоҳи модди техникӣ ва ташкилию ҳуқуқии электронии фаъолиятҳо фароҳам оварда шуда, ҷиҳати таъмини бехатарии иттилоотӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зиёде ба мисли қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ», «Дар бораи имзои электронӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи криптография», «Дар бораи ҳифзи иттилоотӣ» ва «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» қабул гардидааст.

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бо мақсади ба танзим даровардани рушди иқтисоди рақамӣ қабул карда шудаанд. Вале қонунгузориҳои амалкунанда муносибатҳои низомиро ба таври пурра таъмин карда наметавонанд. Зеро муносибатҳои иҷтимоие, ки вобаста ба рушди иқтисоди рақамӣ ба миён меоянд, қабул ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунадаро тақозо мекунанд [1,с.21].

Ҳамин тавр, мутобиқгардонии иқтисодиёт ба иқтисоди рақамӣ имкониятҳои рушди босуръати илму техника ва истеҳсолоти саноатиро таъмин намуда, боиси пайдо намудани мавқеи устувор дар сатҳи байналмилалӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати расидан ба иқтисодиёти рақамии комил, истифодаи тамоми имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳо хеле зарур мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., професссори ДБССТ – Шаропов Ф.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. – Душанбе, 2021. (Замимаи 1 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, №460).
2. Головенчик, Г.Г. Цифровая экономика: учеб.-метод. комплекс / Г.Г. Головенчик. -Минск: БГУ, 2020. [Электронный ресурс]. URL: 1 электрон. опт. диск (CD-ROM).

3. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, таҳти №642.
4. Маркова В.Д. Цифровая экономика: учебник / В.Д. Маркова. -М.: ИНФРА-М, 2020. -186 с.
5. Музаффаров, Б.С. Методические основы расчёта стоимости перехода на двенадцатилетнюю систему образования: опыт Республики Таджикистан / Б.С. Музаффаров, Ф.Б. Махмадиев // Российский экономический интернет-журнал. – 2020. -№3. -С.22.
6. Сковиков А.Г. Цифровая экономика. Электронный бизнес и электронная коммерция: учебное пособие для вузов / А.Г. Сковиков. -2е изд., стер. -Санкт Петербург: Лань, 2021. -260 с.
7. Сергеев Л.И. Цифравая экономика: учебник для вузов / Л.И. Сергеев, Д.Л. Сергеев, А.Л. Юданова. -2-е изд. Перераб.и дот. -М.: Издательство Юрайт, 2023. -437 с.
8. Сулейманов М.Д. Цифровизация: угроза или прорывная трансформация экономики? [Электронный ресурс]. URL: http://www.rosnou.ru/ni/news_271218
9. Совещание по проекту Декрета «О развитии цифровой экономики» // Официальный интернет-портал Президента Республики Беларусь. [Электронный ресурс]. URL: http://president.gov.by/ru/ news_ru/view/soveschanie-po-proektu-dekreta-o-razvitii-tsifrovoj-ekonomiki17630/. (дата обращения: 16.12.2018).
10. Шмелев, П. Цифровая трансформация: время первых // Газпром нефть. [Электронный ресурс]. URL: https://www.gazprom-neft.ru/press-center/sibneft-online/archive/2018-may/1589540/. (дата обращения: 16.12.2018).
11. Цифровая экономика: как специалисты понимают этот термин // РИА Новости. – 2017. [Электронный ресурс]. URL: https://ria.ru/science/20170616/1496663946.html] (дата обращения 02.04.2018).
12. Цифровая повестка Евразийского Экономического Союза до 2025 года: перспективы и рекомендации. Обзор. – Группа Всемирного Банка. - 2017. -30 с.
13. Цифровая экономика – различные пути к эффективному применению технологий (BIM, PLM, CAD, IOT, Smart City, BIG DATA и другие) / А.П. Добрынин [и др.] // International Journal of Open Information Technologies. – 2016. -Т. 4. -№1. -С.4-11.
14. Юдина Т.Н. Осмысление цифровой экономики / Т.Н. Юдина // Теоретическая экономика. - 2016. -№3. -С.12-16.

## ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН МОДЕЛИ НАВИ ИҚТИСОДӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ РУШД

Дар мақола зарурат ва моҳияти иқтисоди рақамӣ ҳамчун модели нави иқтисодӣ муайян карда шуда, фикру андешаҳои олимон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Доир ба нақши технологияҳои иттилоотӣ дар рушди иқтисоди рақамӣ андешаҳои муфид пешниҳод гардида, муҳиммияти онҳо нишон дода шудааст. Дар мақола оид ба ҷанбаҳои меъёрию ҳуқуқии рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаю консепсияҳои қабулгардида маълумотҳо оварда шудааст. Инчунин, доир ба нақши бизнес-моделҳои плтформагӣ ва интернет дар таъминсозии коммуникатсияи молу хизматрасониҳо маълумот дода шудааст. Дар мақола мафҳуми иқтисоди рақамӣ шарҳ дода шуда, баъзе ҷанбаҳои назариявии вобастагии рушди иқтисодиёт аз рушди технологияҳои муосир ва омилҳои таъсиррасони онҳо қайд гардидааст. Ҳамчунин, доир ба технологияҳои зеҳни сунъӣ маълумот оварда шуда, баъзе нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ дар ҷаҳон ва шакли нави ҳамкориҳо байни таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон "бизнес-моделҳои платформавӣ" маълумот дода шудааст. Ҳамин тавр, ҷиҳати рушди иқтисоди рақамӣ пешниҳод карда шуда, доир ба қадамҳои нахустини татбиқи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** технология, технологияи иттилоотӣ, технологияи рақамӣ, интернет, модел, иқтисоди рақамӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, зеҳни сунъӣ, рақобати электронии молу маҳсулот, нархҳо ва пулҳои электронӣ.

## ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА КАК НОВАЯ ЭКОНОМИЧЕСКАЯ МОДЕЛЬ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И ВОЗМОЖНОСТИ РАЗВИТИЯ

В статье определена необходимость и сущность цифровой экономики как новой экономической модели, на базе научных исследований видных светил научной деятельности. Нами представлены полезные идеи о роли информационных технологий в развитии цифровой экономики, а также показана их значимость. В статье представлена информация о нормативно-правовых аспектах развития цифровой экономики в Республике Таджикистан и принятых на базе ее концепции программ. Также представлена информация о роли платформенных бизнес-моделей и интернета в обеспечении коммуникации товаров и услуг. В статье раскрыто понятие цифровой экономики, а также отмечены некоторые теоретические аспекты зависимости экономического развития от развития современных технологий и факторов, влияющих на них. Также дана информация о технологиях искусственного интеллекта, некоторых показателях развития цифровой экономики в мире и новой форме сотрудничества поставщиков и потребителей - «платформенных бизнес-моделях». При этом были высказаны предложения по развитию цифровой экономики, а также предоставлена информация о первых шагах внедрения цифровой экономики в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** технология, информационные технологии, цифровые технологии, интернет, модель, цифровая экономика, цифровизация экономики, искусственный интеллект, электронная конкуренция товаров и продуктов, цены и электронные деньги.

**PUBLIC SERVICE IN THE MARKET ECONOMY: PRINCIPLES, CLASSIFICATION, KHARACTERISTICS AND THEIR REGULATIONS**

The article defines the need and essence of the digital economy as a new economic model, based on scientific research by prominent luminaries of scientific activity. We have presented useful ideas about the role of information technology in the development of the digital economy and also shown their importance. The article provides information on the regulatory and legal aspects of the development of the digital economy in the Republic of Tajikistan and the programs adopted on the basis of the concept. Information is also provided on the role of platform business models and the Internet in ensuring the communication of goods and services. The article reveals the concept of the digital economy, and also notes some theoretical aspects of the dependence of economic development on the development of modern technologies and the factors influencing them. Information is also provided on artificial intelligence technologies, some indicators of the development of the digital economy in the world and a new form of cooperation between suppliers and consumers - “platform business models”.At the same time, proposals were made for the development of the digital economy, and information was also provided on the first steps in introducing the digital economy in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** technology, information technology, digital technology, Internet, model, digital economy, digitalization of the economy, artificial intelligence, electronic competition of goods and products, prices and electronic money.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Имомов Муродалӣ Қурбонмаҳмадович*** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи молия ва андозбандӣ. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 880-80-13-55**

**Сведения об авторе:** ***Имомов Муродали Курбонмахмадович*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, и.о. доцента кафедры финансов и налогообложения. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru.** Телефон: **(+992) 880-80-13-55**

**Information about the author:** ***Imomov Murodali Kurbonmakhmadovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, acting. Associate Professor of the Department of Finance and Taxation. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru.** Phone: **(+992) 880-80-13-55**

ТДУ: 338.42

# БУНЁДИ МИЛЛАТИ МУТАМАДДИН АЗ МАОРИФ ОҒОЗ МЕЁБАД

*Усмонзода Ф.Б.*
**Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2022 дар Паёми худ бори дигар таъкид доштанд, ки «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем» [8]. Ин ба он вобаста аст, ки агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Бинобар ин Роҳбари давлат изҳор доштанд, ки «бори дигар таъкид менамоям-бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад» [8].

Маҳз ҳамин дастгириҳои Пешвои муаззами миллат аст, ки дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб мешавад.

Агар ба баландшавии музди меҳнати кормандони соҳаи маориф назар андозем, мебинем, ки дар панҷ соли охир-аз соли 2018 то 2023 ҷиҳати баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла кормандони соҳаи маориф фармонҳои зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонида шудаанд:

1. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2018, №1084 – тибқи он маоши вазифавии, аз ҷумла кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои маориф ва илм, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, инчунин, андозаи стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ба андозаи 15 фоиз зиёд карда шуд;
2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 2020, №1580 - тибқи он аз ҷумла маоши вазифавии кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои маориф ва илм, андозаи стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд ба андозаи 15 фоиз зиёд карда шуд;
3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312 – тибқи он маоши вазифавии муассисаҳои маориф, илм (ба истисноии кормандони раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он) ва стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ 20 фоиз зиёд карда шавад;
4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2023, №526- тибқи он, аз ҷумла маоши вазифавии кормандони ташкилотҳои соҳаи маориф, илм ва стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия 20 фоиз зиёд карда шуд.

Дар давоми солҳои 2019-2023 андозаи базавии музди меҳнати кормандони соҳаи маориф ва стипедияи амалкунандаи донишҷӯён ба таври номиналӣ 65,6 фоиз зиёд шудааст. Агар омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо таҳсилоти олии касбӣ соли 2019 барои 1 воҳиди корӣ (синфҳои 1-4) 660 сомонӣ маош мегирифт (бе назардошти иловапулиҳо ва пардохтҳои дигар), аз 1 июли соли 2023 ин нишондиҳанда ба 1093 сомонӣ (бе назардошти иловапулиҳо ва пардохтҳои дигар) баробар шуд (расми 1).

Ба ҳамагон маълум аст, ки рушди дурнамои рушди соҳаи маориф тибқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда мешавад. Ҳуҷҷати мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ карда шудааст ва ба самтҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ки тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян шудаанд мувофиқат мекунад.

**Расми 1. Динамикаи афзоиши музди меҳнати базавии мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, солҳои 2019-2023**
**Figure 1. The dynamics of the increase in the basic salary of coaches and teachers of preschool and secondary education institutions, primary vocational education, 2019-2023 (created according to the Ministry of Education)**




| | Синфҳои 1-4, томактабӣ, мураббиёни мактаб-интернатҳ | | | | | Синфҳои 5-11, ибтидоии касбӣ, устоҳои таълимӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 564 | 649 | 649 | 779 | 935 | 531 | 611 | 611 | 733 | 880 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дараҷаи 2 | 598 | 688 | 688 | 826 | 991 | 568 | 653 | 653 | 784 | 941 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дараҷаи 1 | 627 | 721 | 721 | 864 | 1037 | 598 | 688 | 688 | 826 | 991 |
| Таҳсилоти олии касбӣ | 660 | 759 | 759 | 911 | 1093 | 627 | 721 | 721 | 865 | 1036 |
| Таҳсилоти олии касбӣ ва дараҷаи 2 | 729 | 838 | 838 | 1006 | 1207 | 695 | 799 | 799 | 959 | 1151 |
| Таҳсилоти олии касбӣ ва дарҷаи 1 | 794 | 913 | 913 | 1096 | 1315 | 729 | 838 | 838 | 1006 | 1207 |
| Таҳсилоти олии касбӣ ва дарҷаи олӣ | 896 | 1030 | 1030 | 1236 | 1483 | 823 | 946 | 946 | 1135 | 1362 |

Сарчашма: Тибқи маълумоти ВМҶТ сохта шудааст

Тибқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бандҳои 108, 109), таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам норасоии ҳайати омӯзгорони касбиро ҳис мекунад. Чораҳои андешидаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзоиши бемайлон ва тадриҷии шумораи омӯзгорон ва баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ мусоидат намуд. Новобаста ба ин ҳоло ҳам масъалаи бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ҳал нашудааст. Ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки ба кори таълим ба сифати омӯзгор мутахассисоне ҷалб мешаванд, ки таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ надоранд. Таъмин набудани муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ ва дар сатҳи зарурӣ набудани музди меҳнат, коҳиши ҳавасмандии омӯзгорон (маоши кам барои роҳбари синф, тафтиши дафтарҳо ва роҳбарии иттиҳодияҳои методӣ), тақсимоти нобаробари соатҳо ба омӯзгорон (кор дар ду баст) ва талаботи беасоси директорони муассисаҳои таълимӣ, ки омӯзгорон маҷбуранд пас аз анҷоми соатҳои таълимӣ низ дар муассиса бимонанд, вобаста аст.

Чи тавре дар боло қайд намудем, танҳо дар панҷ соли охир музди миёнаи кормандони соҳаи маориф 65,6 фоиз зиёд шудааст. Дар баробари ин, бо мақсади арзёбии сифати таҷрибаи омӯзгорӣ, махсусан, омӯзгорони ҷавон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасмандии онҳоро бо роҳи мукофотонидан ва пешниҳоди

ҳавасмандиҳои дигар, аз ҷумла мукофот барои дастовардҳои баланд дар бахши таҳсилот (масалан, мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ, нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва ғ.) ба роҳ мондааст. Дар соли таҳсили 2018-2019 41883 нафар омӯзгори муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (аз онҳо 50,4% занон) соҳиби мукофотҳои давлатӣ, нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон», ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он ва намудҳои дигари ҳавасмандсозӣ гаштанд. 280 нафар омӯзгор (31,4% занон) соҳиби мукофоти давлатӣ дар соҳаи маориф шуданд. Барои мутахассисони ҷавон,ки дар деҳот фаъолият менамоянд, 10% иловапулӣ ба музди кор, инчунин, ба омӯзгорони ҷавони дорои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар давраи се соли аввали фаъолият додани қарзҳои пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки мақоми омӯзгор ва сабукию ҳавасмадӣ нисбат ба кормандони соҳаи маориф тибқи қонунгузорӣ муайян карда шудааст. Тибқи моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, ки мазмуни мақоми омӯзгорро тасвир мекунад, “Мазмуни мақоми омӯзгор вобаста ба хусусиятҳои касбӣ маҷмуи омилҳои зеринро, ки мақоми омӯзгорро дар ҷамъият муайян менамоянд, дар бар мегирад”:

– қадру қимати касби омӯзгорӣ;

– талабот ба меъёрҳои тайёрии касбӣ ва маҳсули меҳнати омӯзгор;

– дараҷаи эътироф ва дастгирии омӯзгор аз тарафи давлат;

– ҳурмату эҳтироми омӯзгор дар ҷамъият, муассисаи таълимӣ, оила ва байни таълимгирандагон;

– шароити таъминоти моддии омӯзгор;

– ҳолати ҳифзи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии омӯзгор.

Ҳадафи дар моддаи алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” муайян карда шудани мақоми омӯзгор баланд бардоштани мақому обурӯи омӯзгор, ҳамчун шахсии калидии раванди низоми таълиму тарбия дар ҷамъият мебошад.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзгор шахсест, ки дорои таҳсилоти касбӣ буда, ба таълиму тарбия машғул мебошад. Шаъну шарафи омӯзгор таҳти муҳофизати давлат қарор дорад. Дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба фаъолияти омӯзгор манъ аст. Бисёр муҳим аст, ки санҷиши фаъолияти омӯзгор ва баҳогузорӣ ба кори ӯ танҳо ба мақомот ва шахсони ваколатдор, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян шудаанд, иҷозат дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки тибқи моддаи 53 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” барои омӯзгорон 16 намуд имтиёз пешбинӣ шудааст

То чӣ андоза амалӣ шудани ҳар як имтиёзи пешбинишударо алоҳида таҳлил менамоем.

1. “Муҳлати даъвати омӯзгорон ба хизмати ҳарбӣ ба таъхир гузошта шавад”- имтиёзи мазкур нисбат ба омӯзгороне, муайян карда шудааст, ки **таҳсилоти олии омӯзгорӣ** доранд ва доимӣ дар вазифаи омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимоти умумӣ кор мекунанд, дар давраи иҷроиши кор (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ”);

2. «Ба рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат бароянд»- барои анҷоми рисолаи илмии дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм ба кормандони корхона ва муассисаю ташкилотҳо аз ҷои корашон ба муҳлатҳои се ва шаш моҳ, бо нигоҳ доштани музди меҳнат, рухсатии эҷодӣ дода мешавад (ҚҶТ “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”);

3. “Ҳангоми беморӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон бо доруворӣ ва табобати ройгон таъмин гарданд”- Номгӯи хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандуруст бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 тасдиқ шудааст.

4. “Аз хизматрасонии коммуналӣ ройгон ё имтиёзнок истифода баранд, ки тартиби онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд”- тартиби он муайян карда нашудааст;

5. “Барои дастовардҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи насли наврас бо мукофотҳои соҳавӣ, давлатӣ ва унвонҳои фахрӣ сарфароз гардонида шаванд”- Тартиби

пешниҳод намудан ба мукофотҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори мушовараи якҷояи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.07.2014, №14/3 тасдиқ карда шудааст;

6. "Барои меҳнати шоиста ва дастовардҳои педагогию илмӣ ба ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ сарфароз гардонида шаванд"- Дастур амал оид ба сазовор донистан ба унвони "Аълочии маориф";

7. "Омӯзгороне, ки бори аввал аз фонди давлатӣ бо манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд ё ба беҳтар намудани шароити манзилиашон эҳтиёҷ доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал бо хонаи истиқоматӣ ё қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд"- тибқи Кодекси мазкур (Моддаи 34. Дар навбати аввал додани хонаи истиқоматӣ) кормандони тиб ва омӯзгорон дар рӯйхат дар навбати 10 (ҳамагӣ 14) оварда шудаанд;

8. "Ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки бори аввал хонаи истиқоматӣ месозанд, тибқи қонунгузорӣ аз ҳисоби маблағи ғайрибуҷетӣ ё ташкилотҳои қарздиҳанда қарзҳои бефоиз ё имтиёзноки барои омӯзгор қобили қабул муқаррар карда мешаванд"- тартиби он муайян карда нашудааст;

5. Создание ценностного предложения для клиентов: Инновации и развитие продуктов могут помочь горному предприятию создать ценностное предложение для клиентов, которое включает в себя не только качественную продукцию, но и устойчивость и ответственность перед окружающей средой и обществом.

*V. Управление репутацией и брендом:* Маркетинг помогает формировать и поддерживать положительную репутацию компании и ее бренда. Это важно для привлечения инвестиций, приверженности клиентов и создания доверия среди заинтересованных сторон.

Управление репутацией и брендом играют ключевую роль как маркетинговое направление устойчивого развития горного предприятия. Эти аспекты помогают формировать образ компании в глазах заинтересованных сторон и клиентов, подчеркивая ее приверженность устойчивым практикам и социальной ответственности:

1. Создание позитивного образа компании: Эффективное управление репутацией и брендингом позволяет горному предприятию создать позитивный образ среди заинтересованных сторон, включая местное сообщество, правительственные органы, инвесторов и клиентов. Это может быть достигнуто через активное участие в устойчивых и социальных инициативах, прозрачное общение и подчеркивание ценностей компании.

2. Демонстрация социальной ответственности: Управление репутацией и брендингом позволяет горному предприятию акцентировать внимание на его социальной ответственности и вкладе в общество. Это может включать в себя участие в программах по охране окружающей среды, поддержку местных сообществ, обеспечение безопасных и здоровых условий труда для сотрудников и другие социальные инициативы.

3. Привлечение инвесторов и партнеров: Эффективное управление репутацией и брендингом способствует привлечению инвесторов и партнеров, которые разделяют ценности компании и интересуются ее устойчивым развитием. Позитивная репутация и сильный бренд могут увеличить привлекательность горного предприятия для потенциальных инвесторов и деловых партнеров.

4. Повышение конкурентоспособности: Управление репутацией и брендингом помогает горному предприятию выделиться среди конкурентов, создавая уникальное и запоминающееся впечатление на рынке. Позитивный образ компании и ее приверженность устойчивым практикам могут стать ключевыми факторами в принятии решения клиентами и партнерами.

5. Создание долгосрочной стабильности: Эффективное управление репутацией и брендом способствует созданию долгосрочной стабильности и процветания для горного предприятия. Позитивный образ и сильный бренд помогают компании преодолевать кризисы и вызовы, сохраняя доверие заинтересованных сторон и клиентов.

В целом, маркетинг играет ключевую роль в устойчивом развитии горного предприятия, помогая компании привлекать инвестиции, укреплять отношения с заинтересованными сторонами, стимулировать спрос на устойчивые продукты и создавать конкурентные преимущества на рынке.

**Рецензент: к.э.н., доцент ТНУ – Маджидзода Д.М.**

## ЛИТЕРАТУРА

1. Алексунина В.А. Маркетинг в отраслях и сферах деятельности. Учебник / В.А. Алексунина. – 2-е изд. перераб. и доп. -М.: Издательство- торговая корпорация «Дашков и К», 2003. -614 с.
2. Березин И.С. Маркетинг и исследования рынков / И.С. Березин. -М.: Русская Деловая Литература, 2003. -416 с.
3. Глотов В.В. Систематизация техногенных минеральных образований как основа их эколого-экономической оценки / В.В. Глотов, О.В. Постникова // Вестн. ЗабГУ. - 2015. -№4. -С.13-18.
4. Диксон П.Р. Управление маркетингом / П.Р. Диксон. -М.: БИНОМ, 1998.
5. Каплан А.В. Концепция устойчивого социально-экономического развития горнодобывающего предприятия / А.В. Каплан, И.А. Баев, М.А. Терешина // Вестник ЮУрГУ. Серия «Экономика и менеджмент». - 2018. -Т. 12. -№3. -С.76-82.
6. Кеннет Дж. Кук. Малый бизнес: маркетинг / Кеннет Дж. Кук; пер. с англ. -М.: Довгань, 1998. -168 с.
7. Крошилин С. Очень «личная» продажа / С. Крошилин // Маркетолог. - 2000. -№6. -С.38-43.
8. Мязин В.П. Маркетинг минеральной продукции / В.П. Мязин, Л.Д. Казаченко, М.А. Свирский. -Чита: Поиск, 2001. -127 с.
9. Наркелюн Л.Ф. Геолого-технологическая оценка минерального сырья: учеб. пособие / Л.Ф. Наркелюн. -Чита: ЧитГУ, 2003. -336 с.
10. Нестеров П.М. Экономика природопользования и рынок / П.М. Нестеров, А.П. Нестеров. -М., 2017.
11. Пичурин И.И. Основы маркетинга // Теория и практика: учебное пособие для студентов вузов, обучающихся по специальностям «Коммерция (торговое дело)», «Маркетинг» / И.И. Пичурин, О.В. Обухов, Н.Д. Эриашвили. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012. -383 с.
12. Романов С.М. Основы маркетинга в горной промышленности / С.М. Романов. -М.: МГГУ, 2003. -154 с.
13. Руденская В.В. Моделирование процесса стратегического управления металлургическим предприятием / В.В. Руденская, Д.С. Бойко // Модели управления в рыночной экономике: сборник научных трудов под общ. ред. Ю.Г. Лысенко; Донецкий национальный ун-т. -Д: ДонНУ, 2011. -Вып. 14. -330 с.
14. Синяева И.М. Маркетинг в коммерции: Учебник / И.М. Синяева, С.В. Земляк, В.В. Синяев; под ред. Л.П. Дашкова. -3-е изд. -М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2011. -548 с. -ISBN 978-5-394-01242-6.
15. Черникова О.П. Реинжиниринг бизнес-процессов угледобывающего предприятия. [Электоронный ресурс]. URL: novainfo.ru/article/7163/pdf.
16. Шишкова В.С. Современные маркетинговые стратегии развития предприятий ТЭК Донбасса / В.С. Шишкова, Н.В. Близкая // ГОУ ВПО «ДонАУиГС». Предпринимательство, менеджмент, маркетинг. -Донецк, 2017. -№2(80). -С.220-223.

## НАҚШИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТИ ИСТИХРОҶИ МАЪДАН

Пурзӯр гаштани мубориза рақобатӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, самаранок амалӣ намудани фаъолияти маркетингро талаб менамояд. Дар асоси ташкил ва амалигардонии фаъолияти маркетингӣ ҳам дар давраи кӯтоҳмуддат ва ҳам дар давраи дарозмуддат суръати баланди рушди устувори субъекти хоҷагидориро, аз ҷумла, дар корхонаҳои истихроҷи маъдан, ки локомотиви рушди дигар соҳаҳо маҳсуб меёбад, таъмин месозад. Бинобар ин, омӯзиши нақш ва аҳаммияти маркетинг дар рушди устувори корхонаҳои истихроҷи маъдан самти муҳимтарини илми иқтисоди муосир маҳсуб меёбад. Дар мақолаи мазкур як қатор самтҳое, тавассути онҳо фаъолияти маркетингӣ ба рушди устувори корхонаҳои истихроҷи маъдан таъсир мерасонанд, баррасӣ карда мешаванд. Ҳар яке аз самтҳои мазкур силсилабандӣ карда мешавад ва таъсири онҳо ба таъмини рушди устувори корхонаҳои истихроҷи маъдан арзёбии карда мешавад. Ин ба таҳлил, арзёбӣ ва интихоби вариантҳои алтернативии таъмини рушди устувор ва интихоби самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти маркетингӣ, инчунин, таҳияи стратегияи маркетингии корхонаҳои истихроҷи маъдан мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои кӯҳӣ ба рушди устувори корхонаҳои истихроҷи маъдан мусоидат намуда, дар сатҳи муайян имконияти рушди корхонаро аз рӯи нуқтаи назари иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ медиҳад.

**Калидвожаҳо**: маркетинг, рушди устувор, саноати истихроҷи маъдан, рақобатпазирӣ, бозор, истеъмолкунандагон, захираҳо, омилҳо.

## РОЛЬ МАРКЕТИНГОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ГОРНОРУДНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

Усиление конкурентной борьбы во всех отраслях экономики требует эффективного осуществления маркетинговой деятельности. На основе организации и осуществления маркетинговой деятельности как в краткосрочном, так и в долгосрочном периоде можно обеспечить высокие темпы устойчивого развития хозяйствующего субъекта, в том числе и горнорудных предприятий, которые являются локомотивом развития других отраслей. Поэтому изучение роли и значения маркетинга в устойчивом развитии горнорудных предприятий считается весьма важным направлением современной экономической науки. В данной статье рассматриваются несколько направлений, через которые маркетинговая деятельность оказывает воздействие на устойчивое развитие горнорудных предприятий. Каждое из этих направлений систематизируется и дается классификационная оценка их влияния на обеспечение устойчивого развития горнорудных предприятий. Это способствует анализу, оценке и выбору альтернативных вариантов обеспечения устойчивого развития и выбору перспективных направлений развития маркетинговой деятельности, а также разработке маркетинговой стратегии горнорудных предприятий.

Таким образом, маркетинговая деятельность на горных предприятиях, способствуя устойчивому развитию горнорудных предприятий, дает возможность в определенной степени развивать предприятия с экономической, экологической и социальной точки зрения.
**Ключевые слова:** маркетинг, устойчивое развитие, горнорудная промышленность, конкурентоспособность, рынок, потребители, ресурсы, факторы.

## THE ROLE OF MARKETING ACTIVITIES IN ENSURING SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE MINING INDUSTRY

Increasing competition in all sectors of the economy requires the effective implementation of marketing activities. Based on the organization and implementation of marketing activities, both in the short and long term, it is possible to ensure high rates of sustainable development of an economic entity, including mining enterprises, which are the engine of development of other industries. Therefore, the study of the role and importance of marketing in the sustainable development of mining enterprises is considered a very important area of modern economic science. This article examines several areas through which marketing activities have an impact on the sustainable development of mining enterprises. Each of these areas is systematized and a classification assessment of their impact on ensuring the sustainable development of mining enterprises is given. This contributes to the analysis, assessment and selection of alternative options for ensuring sustainable development and the selection of promising directions for the development of marketing activities, as well as the development of a marketing strategy for mining enterprises. Thus, marketing activities at mining enterprises, contributing to the sustainable development of mining enterprises, make it possible to develop enterprises to a certain extent from an economic, environmental and social point of view.
**Keywords:** marketing, sustainable development, mining industry, competitiveness, market, consumers, resources, factors.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Собирова Шукринисо Раҳимовна*** **-** Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға**: 735730, ш.Бӯстон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, кӯчаи А. Баротов, 6. Телефон: **(+992) 927-57-08-02.** E-mail: **Sobirova_777@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Собирова Шукринисо Рахимовна*** - Горно-металлургический институт Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес**: 735730, г.Бустон, Республика Таджикистан, Согдийская область, улица А. Баротова, 6. Телефон: **(+992) 927-57-08-02.** E-mail: **Sobirova_777@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sobirova Shukriniso Rakhimovna*** - Mining and Metallurgical Institute of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor. **Address**: 735730, Buston city, Republic of Tajikistan, Sughd region, A. Barotov street, 6. Phone: **(+992) 927-57-08-02.** E-mail: **Sobirova_777@mail.ru**

# ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**ТДУ: 343.9(575.3)**

## ОИД БА КРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ҚОНУНИГАРДОНИИ (РАСМИКУНОНИИ) ДАРОМАДҲОЕ, КИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БА ДАСТ ОВАРДА ШУДААНД

*Идрисзода Илёс Мумин*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тавре дар адабиёти ҳуқуқи дуруст қайд мегардад, «таълимоти ҳуқуқӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки манъкунии ҳуқуқии ҷиноятӣ аз талаботи объективии ҷомеа баҳри ҳимояи муносибатҳои муайян ба миён меояд. Дар иртибот бо ин аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок пурра коркард нашудани меъёрҳои қонун хусусан қонунгузории ҷиноятӣ метавонад ба ду оқибати таъхирнопазир оварда расонад: холигии қонуни ҷиноятӣ ва манъкуниҳои барзиёд» [31,с.96]. Мушкилоти қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд дар солҳои охир ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ба яке аз мушкилоти асосӣ табдил ёфтааст. Ин мушкилот барои Тоҷикистон аҳаммияти хосса дорад, зеро криминализатсияи иқтисод яке аз таҳдидҳои асосии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Миқёс ва паҳншавии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва дигар фаъолиятҳои ғайриқонунӣ ба раванди рушди муътадили иқтисодиёти миллӣ халал расонда, нобоварии ҷамъиятро нисбат ба ниҳодҳои давлатӣ ба вуҷуд меорад.

Дар натиҷаи қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои ҷиноятӣ принсипҳои асосии конститутсионие, ки ягонагии фазои иқтисодӣ, ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ ва дороиҳои молиявиро ва озодии фаъолияти иқтисодӣ муқаррар мекунанд, вайрон ва маҳдуд гардида, ҷалби маблағҳо аз манбаъҳои ҷиноятӣ, дар навбати худ, боиси ноором гардидани муносибатҳои молиявӣ гардида, ин кирдор ба суботи низоми иқтисодӣ дар маҷмуъ таҳдид мекунад.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ, Тоҷикистон роҳи ташаккули иқтисоди бозаргониро бо назардошти анъанаҳои миллӣ, хусусиятхои фарҳангӣ ва таърихӣ ва сохти иқтисодӣ пеша намудааст. Тибқи муқаррароти моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [12].

Аммо таҳлили вазъи иқтисодиёти кишвар дар охири солҳои 90-уми асри XX ва дар ибтидои асри XXI гувоҳӣ медиҳад, ки сарфи назар аз тадбирҳои андешидаи Ҳукумат, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ки бо омилҳои сирф сиёсӣ тезутунд шудаанд, норасоиҳои қонунгузории иқтисодӣ ва ҷиноятӣ рушди минбаъдаи равандҳои ҷиноятиро муайян кардаанд [21,с.9]. Таҳлили муқоисавии вазъи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои иқтисодӣ яке аз омилҳое мебошанд, ки ба тағйиротҳои дар ин кишварҳо ҷараёндошта мухолифат мекунанд. Бо дарназардошти он ки ҷинояти иқтисодӣ, воқеан, ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунад, Ҳукумат маҷбур шуд, ки як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул намояд [28], ки ба муқовимат ба ин намуди ҷиноят нигаронида шудаанд, ки дар натиҷа мубориза бар зидди он оғоз гардид, ки ҳамчун соҳаи муҳимтарини фаъолияти тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти назоратӣ ба ҳисоб мерафт.

Имрӯз, ба эътиқоди бархе аз коршиносон, бинобар ба эътидол омадани вазъи иҷтимоиву сиёсии ҷумҳурӣ, афзоиши нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ кӯшишҳои фаъоли ба соҳаи иқтисодӣ ворид шудани ҷинояткории муташаккил ба назар мерасанд. Дар натиҷаи чунин кирдорҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт, ки барои давлат ва ҷомеа ҳаётан муҳим мебошанд, фаъолияти ҷинояткории муташаккил ворид мегарданд, ки барои ба даст овардани даромадҳои ҷиноятӣ ва васеъ кардани самтҳои фаъолияти ҷиноятӣ имкон медиҳад. Тавре дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд мегардад, «афзоиши бахши ғайрирасмӣ ва шуғли ғайрирасмӣ, ки ба сармоягузориҳо монеагӣ мекунад, сатҳи маҳсулнокиро коҳиш дода, заминаи даромадҳои буҷетӣ, самаранокии танзими давлатиро маҳдуд месозад ва ба коррупсия мусоидат мекунад. Бахши ғайрирасмӣ дар иқтисодиёти

Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳиссаи назаррасро ташкил медиҳад. Аз рӯйи баҳодиҳии ХБА, ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ (бе назардошти иқтисодиёти ҷиноятӣ) соли 2008 беш аз 30 фоиз ҳиссаи ММД-и Тоҷикистонро ташкил дод. Тибқи тадқиқоти охирин, соли 2014 арзиши миёнаи пардохтҳои ғайрирасмӣ 7,9 фоиз фурӯши солонаи ширкатҳоро ташкил медиҳад. Дар сохтори иқтисодиёти ғайрирасмӣ ҳиссаи андозҳои пардохтнашуда 17 фоиз ҳиссаи ММД-ро ташкил медиҳад» [25].

Бо қабули Кодекси ҷиноятӣ дар соли 1998 бори аввал дар таърихи қонунгузории Тоҷикистон, м. 262 барои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намуд. Дар ҳоли ҳозир аз рӯйи ин модда (то соли 2023) ҳамагӣ 45 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятии баррасишуда мутобиқи м. 262-и КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки асосан маблағҳое, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба даст оварда шудаанд, қонунӣ гардонида мешаванд. Дар байни ҷиноятҳое, ки даромади онҳо мавзуи татбиқи м. 262-и КҶ ҶТ 55% ҷиноятҳои иқтисодӣ, 22% дуздӣ ва 23% дигар ҷиноятҳоро ташкил медиҳад.

Маълумоти оморӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки низоми қарз ва молия ҳамчунон бахши осебпазири иқтисод боқӣ мемонад. Ҷинояткорӣ дар низоми кредитӣ ва молия барои ҷомеа хатарноктарин аст, зеро он боиси дар шудани тамоми дигар қисмҳои иқтисодиёт мегардад. Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда дар ин самт меафзояд.

Мавриди зикр аст, ки то ҳол ба қонунигардонии даромадҳо аз ҷиноятҳои зидди саломатии аҳолӣ, аз қабили муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади фурӯш ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ таваҷҷуҳи зарурӣ дода нашудааст (моддаи 200-201 КҶ ҶТ). Ҳарчанд маълум аст, ки онҳо дар робита бо ҷиноятҳои муташаккил ва соҳаи даромаднокӣ хатарноктарин мебошанд. То имрӯз гардиши солонаи афюни афғон дар ҷаҳон ба рақами астрономӣ - ба 25-30 миллиард доллари амрикоӣ расидааст. Даромад аз тавлиди афюн дар Афғонистон дар соли 2008 3,4 миллиард долларро ташкил дод, ки 33 дарсади ММД-и Афғонистонро ташкил медиҳад. Тайи 10 соли ахир дар Тоҷикистон беш аз 60 тонна маводи мухаддир мусодира шудааст, ки беш аз 28 тоннаашро ҳероин ташкил медиҳад [20]. Ҳамин тавр, дар давраи таҳлилшуда ягон парвандаи ҷиноятӣ марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар оғоз нашудааст, ки даромади онҳо предмети м. 262 КҶ ҶТ мазкур гардида бошад.

Зарар аз қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шуда на танҳо ба манфиатҳои давлат дар соҳаи иқтисодӣ нигаронида шудааст, балки ба манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ низ расонида мешавад. Таҳлили амалияи судӣ мутобиқи м. 262-и КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки онҳо ба миқдори калон содир карда мешаванд. Барои исботи гуфтаҳои боло, метавон барои мисол парвандаи ҷиноятӣ ба муқобили Д.Н. 104 қ. 2, 187 қ. 3, 245 қ.4, 262 қ. 3 КҶ ҶТ (Оид ба далелҳои дуздӣ, суиистифода аз мақоми хизматӣ, пинҳон кардани даромад аз андоз ва дигар ҷиноятҳои вазнини коррупсионӣ), ки дар натиҷа беш аз 38 миллион сомонӣ (11 176 000 доллар) дуздии маблағҳои давлатӣ ошкор шудааст. Бо ин маблағ Д.Н дар шаҳри Маскав манзил ва анбор дар Новосибирск харида, даромадҳои ҷиноятиро қонунӣ мегардонид [2].

Ҳамин тавр ба иқтисодиёти қонунӣ ворид шудани маблағҳои калони ҷиноятӣ боиси як қатор оқибатҳои манфӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ мегардад, аз қабили афзоиши хавфҳои молиявӣ, пеш аз ҳама, дар бахши бонкии иқтисодиёт, оқибатҳои манфии вобаста ба ситонидани андозҳо ва хароҷоти давлат бинобар сабаби нодуруст ҳисобот додани даромад, берун баромадани сармоя аз иқтисодиёти миллӣ. Дар ҳолати аз ҷинояткорон мусодира нагардидани сармояҳои бо роҳи ҷиноятӣ ба даст овардашуда, ба туфайли даромади зиёди гуруҳҳо ва иттиҳодҳои ҷиноятӣ танҳо самтҳои алоҳида, балки тамоми соҳаҳои иктисодиётро дар зери назорати худ хоҳанд қарор дод. Ба сифтаи намунаи оқибатҳои манфии қонунигардонии беназорати даромадҳои ҷиноятӣ дар иқтисоди Тоҷикистонро дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX қайд намудан мумкин аст. Маҳз дар натиҷаи амалҳои густурдаи қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷинноят бадастварда имконият пайдо шуд, самтҳои зиёди иқтисодиёт зери назорати гурӯҳҳои ҷиноӣ қарор

гиранд. Илова бар ин, мавҷудияти робитаи мустақими байни қонунигардонии пулҳои «сиёҳ» ва берун рафтани он ба хориҷа низ ба назар мерасад.

Мавриди зикр аст, ки муқовимат ба қонунигардонии молу мулки ҷиноятӣ боиси кам шудани ҷиноят дар маҷмуъ намегардад. Ба андешаи мо, барои рушди фаъолияти ҷиноятии худ, ҷиноятконронро зарур нест, ки даромадҳои худро конунӣ гардонанд, зеро худи хусусияти ин фаъолият маблағи начандон калони нақдро талаб мекунад, ки аксар вақт сармояи «ифлос» аз ҷиноятҳо гирифта мешавад. Ҳамин тавр, ҳадафи асосии муқаррароти мубориза бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, на ин ки «бардоштани заминаи иқтисодӣ»-и эълоншуда аз ҷиноятҳои муташаккил, балки эҷоди монеаҳо байни пули ҷиноятӣ ва иқтисоди қонунӣ хоҳад буд.

Ҳамин тавр, дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятии кирдори дар м. 262 КҶ ҶТ пешбинӣ гардида, маҳз дар зараре зоҳир мегардад, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти муътадили молиявии давлат ва умуман иқтисодиёт расонида мешавад. Ба ибораи дигар, зарари аз қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ расонидашударо дар сатҳи макроиқтисодӣ бештар мушоҳида кардан мумкин аст.

Дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, бештар на дар он аст, ки сармояи ҷиноятро гурӯҳҳои ҷиноятӣ баъдан барои густариши фаъолияти ҷиноятии худ истифода мекунанд, балки дар таъсири манфии он ба вазъи макроиқтисодӣ дар маҷмуъ мебошад, ки дар натиҷа ворид шудани дороиҳои ҷиноятӣ ба муомилоти қонунӣ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, мақсади мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, ҳифзи иқтисодёти қонунӣ аз ворид шудани сармояи ҷиноӣ ба он мебошад.

Бояд гуфт, ки сарфи назар аз он ки дар ҳама давру замонҳо падидаи қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, дар байни олимон оид ба пайдоиши худи истилоҳ, ки моҳияти онро ифода мекунад – «расмикунонӣ», ақидаи ягона ҷой надорад. Тавре Б.С. Бейсенов қайд мекунад, мафҳуми «расмикунонӣ» бори аввал дар солҳои 20-уми асри 20 дар ИМА, дар даврае ки Конгресси ИМА дар соли 1917 дар шакли ислоҳи 18-уми Конститутсияи ИМА қабул намуд, ки тибқи он «истеҳсол, фурӯш ва интиқол, инчунин воридот ва содироти ҳама гуна нӯшокиҳои спиртӣ ба Иёлоти Муттаҳида» манъ гардид. Ин қонун ба гурӯҳҳои ҷиноятӣ зарари калони моддӣ расонид. Истеҳсоли пинҳонӣ ва қочоқ, инчунин, фурӯши машрубот ба вуҷуд омада, васеъ паҳн гардид. Дар натиҷаи истеҳсоли махфӣ, қочоқи нӯшокиҳои спиртӣ ва фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ иттиҳодҳои муташаккил ва созмонҳои ҷиноӣ маблағи хело зиёд ба даст овардаанд [3]. Ҳамон давра раҳбарони иттиҳодҳои ҷиноятӣ як шабакаи автоматҳои ҷомашӯӣ таъсис дода, даромадҳои ҷиноятии худро бо даромаде, ки аз ин шабакаи махсус таъсисёфтаи ҷомашӯӣ ба даст овардаанд, «омехта» карда, онҳоро қонунӣ эълон менамуданд, ки ин раванд «шустушӯй» номида мешавад» [1].

Тавре маълум аст, асоси ҳар як илм ҷамъиятӣ дастгоҳи консептуалӣ (истилоҳот) мебошад, ки таърифи онҳо барои омӯзиши ҳодисаҳои ҷамъиятӣ аҳаммияти зиёд дорад. Аз ин рӯ, зарурати муайян кардани истилоҳот вобаста ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, ба миён меояд, ки барои ифодаи аломатҳои асосии он истифода мешавад, зеро ҳар як истилоҳ мазмуни муайян ва таърифи дақиқи истилоҳотро дар қонуни ҷиноятӣ ва криминалистӣ ифода намуда, шарти ҳатмии ҳалли масъалаи мубориза бо ҷиноятқорӣ мебошад [24].

Таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ нишон медиҳад, ки барои ифодаи моҳияти раванди табдили даромадҳои бо роҳи ҷинотӣ бадастовардашуда мафҳумҳои «расмикунонии пул» ё «қонунгардонӣ» истифода мешаванд. Мутаносибан, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология истифодаи мафҳумҳои «қонунигардонӣ» ва «расмикунонӣ» дар қонунгузории миллӣ баҳсҳоро ба миён овардааст. Вобаста ба ин масъала дар адабиёти муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ асосан ду нуқтаи назар ҷой дорад.

Як гурӯҳ муҳақиқон [5,с.37] бар он назаранд, ки истилоҳи «расмикунонӣ» истилоҳи махсуси ҳуқуқӣ набуда, он неологизм, як ибораи кӯчагиест, ки бо истилоҳоти илмӣ онро якҷоя кардан душвор аст. Бо чунин ивазнамоии истилоҳот метавон қарорҳои бемаънӣ

қабул карда шаванд, қонунгузор бояд дар мавриди баррасишаванда танҳо истилоҳи «қонунигардонӣ»-ро истифода барад.

Барои тасдиқи ин ақида муаллифон далелҳои гуногун пешниҳод мекунанд. Ҳамин тавр, баъзе муаллифон ҳангоми баррасии унсурҳои таркибии ҷинояти қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ба хулосае меоянд, ки мафҳуми «расмикунонӣ» ҳуқуқӣ намебошад, бинобар ин он наметавонад бо истилоҳи «қонунигардонӣ» синоним бошад. Бинобар ин, онҳо пешниҳод мекунанд, ки аз номи меъёр истилоҳи «расмикунонӣ» хориҷ карда шавад [8,с.83]

Дар навбати худ, В.В. Лавров муътақид аст, ки қонунгузор ин неологизмро мутобиқ карда, онро ҳангоми сохтани меъёрҳои қонуни ҷиноӣ истифода бурда, онро «қонунигардонии (рамикунонии) маблағ ё дигар амволи ғайриқонунӣ ба даст овардашуда» номидааст [17,с.13]. Ҳамзамон, ӯ қайд мекунад, ки дар матнҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи чунин ибора, ба мисли «расмикунонӣ» ҳатто аз сабаби истифодаи умумӣ ва возеҳи он набояд маънои истилоҳи анъанавии қонунгузории «қонунигардонӣ»-ро иваз намояд. Дар навбати худ, Н.Ивакина қайд менамояд, ки неологизми «расмикунонӣ» дар услуби расмӣ-корӣ номувофиқ аст, беҳтар аст, ки калимаи «қонунигардонӣ» истифода шавад.

Гурӯҳи дуюми олимон [26,с.26] қайд мекунанд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ истифодаи истилоҳи «қонунигурдонӣ» аз ҷиҳати ҳуқуқӣ нодуруст аст, зеро танҳо мақомоти олии қонунгузории кишвар метавонад бо баровардани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор чизеро қонунӣ ё қонунӣ гардонад. Аз ин рӯ, барои истинод ба ҷинояти мавриди назар истилоҳи «расмикунонӣ»-ро истифода бурдан зарур аст, зеро ин истилоҳ аз норавшание, ки нисбати истилоҳи «қонунигардонӣ» ҷой доранд, холӣ аст.

Ҳамин тавр, В.А.Тагирова таъкид мекунад, ки истилоҳи «расмикунонӣ» бояд дар қонунгузорӣ истифода шавад, зеро он «мафҳуми устуворест, ки дар қонунгузории ҷиноятии бештари кишварҳои хориҷӣ ва дар тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ истифода мегардад. О.Ю. Якимов бар он назар аст, ки истилоҳи «расмикунонӣ» барои ҷинояти баррасишаванда хеле мувофиқ аст. Дар ҳар сурат, он аз норасоиҳое, ки ҳоло ба истилоҳи «қонунигардонӣ» хос аст, холӣ мебошад. Бинобар ин, ба назари муаллиф иваз кардани он бо истилоҳи «қонунигурдонӣ» (ки мазмуни тамоман дигар дорад) зарур нест». Ба андешаи М.Б. Кострова, имрӯз истилоҳи «расмикунонӣ»-ро жаргон ҳисобидан дуруст нест. Он аллакай ба истилоҳи расмӣ табдил ёфтааст, зеро он дар ҳама санадҳои ҳуқуқии байналмилалие истифода мегардад, ки ҷанбаҳои гуногуни мубориза бар зидди истифодаи даромадҳо аз ҷиноятро танзим мекунанд. Масалан, дар Конвенсияи Страсбурги Шурои Аврупо дар соли 1990 «Дар бораи қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, муайян кардан, мусодира намудан ва мусодираи даромадҳои аз фаъолияти ҷиноятӣ бадастоварда» ин истилоҳ, ҳатто бе тавзеҳи қавси синонимии он ба истилоҳи «легализатсия» ҳамчун истилоҳи асосӣ истифода мегардад. Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми «расмикунонӣ» дар м. КҶ ҶТ барои риояи меъёрҳои истилоҳоти ҳуқуқии байналмилалӣ асоснок карда шудаанд.

Тибқи андешаи В.А. Бодрова, дар ҳуқуқи байналмилалӣ истилоҳи «расмикунонӣ» дар робита ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, бо мақсади мутобиқати дақиқи қонунгузории дохилӣ оид ба мубориза бар зидди расмикунонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ба муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи мушкилоти мавриди баррасӣ қарордошта танҳо истилоҳи “расмикунонӣ” истифода шавад [4,с.6].

Профессор Сафарзода А.И. бо мавқеи ҳарду гурӯҳи олимон розӣ нашуда, қайд менамояд, ки истилоҳоти «қонунигардонӣ» ва «расмикунонӣ» синоним буда, метавонанд ҳамчун истилоҳоти ивазшаванда, пурракунанда истифода шаванд. Тафриқаи ин истилоҳот метавонад ҳамкории байналмилалиро дар мубориза бар зидди расмикунонии аз даромадҳои ҷиноятӣ бо сабаби номувофиқ будани қонунгузорие, ки чораҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро муқаррар мекунад, хеле душвор гардонад. Истилоҳоти якхела ба муътадил шудан ва амиқтар шудани ҳамкориҳо

дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Дар асоси ин, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд истилоҳоти муштараки «қонунигардонӣ» ва «расмикунонӣ» истифода шаванд, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нишон дода шудаанд. Ҳамин тавр, таҳлили як қатор санадҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки онҳо асосан мафҳуми «расмикунонӣ»-ро истифода мебаранд, аммо дигар санадҳои минтақавӣ низ мавҷуданд, ки дар баробари ин истилоҳ истилоҳи «қонунигардонӣ»-ро истифода мебаранд. Дар баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (масалан, Конвенсияи СММ ба муқобили ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, Конвенсияи Страсбург оид ба расмикунонии даромадҳо, кофтуков, мусодира ва мусодираи даромадҳо аз ҷиноятҳо) истилоҳи «расмикунонӣ» истифода шудааст, дар ҳоле ки дар дигар санадҳо (масалан, Намунаи) Қонуни ИДМ «Дар бораи мубориза бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноятҳо» 1998, Шартномаи Душанбегии давлатҳои аъзои ИДМ «Дар бораи мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ё дигар молу мулки аз ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» аз соли 2007, тавсияҳо оид ба истифодаи истилоҳи «қонунигардонӣ» дар баробари истилоҳи «расмикунонӣ» дар қонунгузории миллӣ мавҷуд мебошанд.

Афзалиятҳо ва камбудиҳои истифодаи ин истилоҳотро баррасӣ намуда, профессор Сафарзода А.И. қайд менамояд, ки барои дар баробари истилоҳи «қонунигардонӣ» истифодаи истилоҳи «расмикунонӣ» ҳамчун истилоҳоти ҳуқуқӣ ягон монеае вуҷуд надорад. Айни замон дар м. 262 КҶ ҶТ ҳамчун роҳи ҳалли вазъият ҳарду истилоҳ – «қонунигардонӣ» ва «расмикунонӣ» истифода гардидаанд [24,с.37].

Мушкилоти мубориза бар зидди “расмикунонӣ” даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, дар саросари ҷаҳон вақтҳои охир аҳаммияти хосса пайдо кардааст, ки он диққати доираи васеи мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаро ба худ ҷалб мекунад. Сабаб он аст, ки мафҳуми таҳлилшаванда хеле гуногунҷанба буда, омӯзиши он равишҳои гуногунро тақозо мекунад.

Мафҳумҳои баррасишаванда дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15.03.2011, №687 [17] ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 мавҷуданд, ки айнан якхела мебошанд.

Тибқи банди 12 Қонуни мазкур, қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда - анҷом додани амалиёти молиявӣ ё аҳдҳои дигар бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё молу мулки дигар, ки баръало даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда мебошанд, бо мақсади рӯйпӯш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардани ин молу мулк ё бо мақсади мусоидат намудан ба шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, то ки ӯ тавонад аз ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содирнамудааш саркашӣ намояд, инчунин рӯйпӯш ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ё мансубияти он, инчунин ба даст овардан, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ё ихтиёрдории чунин молу мулк мебошад [13].

Афзалияти мафҳуми овардашуда дар он аст, ки қонунигардонӣ (расмикунонӣ) ҳамчун фаъолияте муайян карда мешавад, ки ҳадафи он мақоми ҳуқуқӣ додан ба даромадҳои ҷиноятӣ мебошад. Ин мавқеъ пурра моҳияти падидаи баррасишавандаро инъикос мекунад. Қонунигардонӣ дар ҳаёти воқеӣ тавассути муомилоти амволӣ ё дигар амалиёт ё бо роҳи истифодаи даромадҳои ҷиноятӣ дар тиҷорат ё дигар фаъолияти иқтисодӣ ба амал меояд. Рӯйпӯш ва пинҳон намудан ё дидаю دониста таҳриф кардани маълумот дар бораи пайдоиш, сарчашма, маҳалли ҷойгиршавӣ ё тағйир додани ҳуқуқ ба онҳо, бояд дар натиҷаи истифодаи даромади ҷиноятӣ бо мақсади қонунӣ гардонидани онҳо ҷиноят дониста шавад.

Бартарии дигари таърифи мазкур дар он аст, ки он манбаи даромади ғайриқонунии бадастомадаро, ки қонунӣ гардонида шуда истодааст, ҳамчун ҷиноят муайян менамояд. Мафҳуми «бо роҳи ҷиноят», ки дар м. 262-и КҶ ҶТ истифода мегардад, метавонад ба таври васеъ шарҳ дода шавад ва барои муайян кардани кирдори дахлдори ғайриқонунӣ ба қадри кофӣ дақиқ нест. Истифодаи ин истилоҳ метавонад ба вазъияте оварда расонад, ки

дар бораи содир намудани на танҳо ҷиноят, балки ҳамчунин вайрон кардани ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории граждани ва маъмурӣ сухан равад. Бинобар ин, кирдори барои ҷамъият хавфнок бояд ба таври дақиқ муайян карда шавад, то ки кирдор дуруст бандубаст карда шавад.

Дар адабиёт оид ба мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, андешаҳои гуногун баён шудаанд. Ҳамин тавр, Ю.В. Бистрова қайд мекунад, ки бо мақсадҳои илмӣ машкилоти мафҳуми қонунигардонии даромадҳо аз ҷиноят бояд аз ду ҷиҳати илмӣ баррасӣ карда шавад: ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминология, то ки ин масъала ҳамарафа ошкор гардад [6]. Дар асоси ин ақидаҳои олимонро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба гурӯҳи аввал бояд он олимоне дохил карда шаванд, ки мафҳуми ҳуқуқии-ҷиноятии «қонунӣ гардонидани даромадҳо аз ҷиноят»-ро медиҳанд ё дастгирӣ мекунанд. Ба гурӯҳи дуюм он олимоне дохил карда мешаванд, ки таърифи криминологии «қонунигардонии даромадҳо аз ҷиноят»-ро медиҳанд. Тарафдорони нуқтаи назари якум мафҳуми қонунигардонии даромадҳои, бо роҳи ҷиноятӣ бадастовардашударо дар асоси муқаррароти қонуни ҷиноятӣ, ки ҷазоро барои ин кирдор пешбинӣ менамояд, шарҳ медиҳанд.

Тибқи ин модда, зери мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, анҷом додани амалиёти молиявӣ ё аҳдҳои дигар бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё молу мулки дигар, ки баръало даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда мебошанд, бо мақсади рӯйпӯш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардани ин молу мулк ва ё мусоидат намудан ба ҳар гуна шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, то ки ӯ тавонад аз ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содирнамудааш саркашӣ намояд, инчунин рӯйпӯш ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ё мансубияти он, ҳамчунин ба даст овардан, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ё ихтиёрдории чунин молу мулк» фаҳмида мешавад [3,с.10-11].

Бояд қайд намуд, ки мафҳум афзалиятҳо ва нуқсонҳои худро дорад. Афзалияти мафҳуми таҳлилшуда дар он аст, ки қонунигардонӣ ҳамчун фаъолияте муайян карда мешавад, ки ба додани мақоми ҳуқуқӣ ба даромадҳои ҷиноятӣ нигаронида шудааст, ки ин моҳияти падидаи баррасишавандаро инъикос менамояд. Қонунигардонӣ дар ҳаёти воқеӣ тавассути аҳдҳои молумулкӣ ё дигар амалиёт ё бо роҳи истифодаи даромадҳои ҷиноятӣ дар тиҷорат ё дигар фаъолияти иқтисодӣ ба амал меояд. Вобаста ба пинҳон кардан ё дидаву дониста таҳриф кардани маълумот дар бораи пайдоиш, манбаъ, ҷойгиршавӣ ё тағйир додани ҳуқуқ ба онҳо, бояд қайд намуд, ки онҳо бояд ҳамчун натиҷаи истифодаи даромадҳои ҷиноятӣ зери ниқоби қонунӣ ҳисоб карда шаванд [22,с.49].

Қонунигардонӣ дар ҳаёти воқеӣ тавассути муомилоти амволӣ ё дигар амалиёт ё бо роҳи истифодаи даромадҳои ҷиноятӣ дар тиҷорат ё дигар фаъолияти иқтисодӣ ба амал меояд. Дар мавриди пинҳон кардан ё дидаву дониста таҳриф кардани маълумот дар бораи пайдоиш, манбаъ, ҷойгиршавӣ ё тағйир додани ҳуқуқ ба онҳо, онҳо бояд натиҷаи истифодаи даромади ҷиноятӣ таҳти ниқоби қонунӣ дониста шаванд. Дар адабиёт оид ба мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, андешаҳои гуногун баён шудаанд. Ҳамин тавр, тибқи андешаи Б.В.Волженкин, зери мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) пул ё дигар молу мулки ғайриқонунӣ бадастомадаро бояд амалҳои гуногун (муомилоти молиявӣ, дигар амалиётҳо), ки бо мақсади пинҳон кардани мавҷудият ва (ё) заминаи пайдоиши амволе, ки бо ин роҳ, бо мақсади минбаъд аз он даромад гирифтан, ба даст оварда шудаанд, фаҳмида мешавад. Бо ин ақида розӣ нашуда, Ю.В. Бистрова қайд мекунад, ки «гирифтани даромади мунтазам барои ҷинояткоре, ки чунин даромадро қонунӣ гардонида истодааст, шарти ҳатмӣ намебошад. Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ нишон медиҳад, ки ҳадафи ҷинояткор ҳангоми қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ ба таври қонунӣ истифода бурдани онҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ бошад» [26,с.26].

Таъриферо, ки хусусиятҳои асосии қонунигардонии даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят бадастовардашударо қариб пурра ифода мекунад, А.М. Кочерян пешниҳод намудааст. Ба андешаи муҳаққиқ, қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ «иҷрои муомилоти иқтисодӣ ва молиявие мебошад, ки бо ду ҳадаф анҷом дода мешавад: аввалан, рӯйпӯш ва пинҳон

намудани сарчашмаи ба даст овардан ё хусусияти аслӣ ва баъзан таъиноти пешбинишудаи молу мулк ва пуле, ки пайдоиши ҷиноятӣ доранд; дувум аз ин молу мулк даромад гирифтан, чун қоида, бо роҳи ба тиҷорати қонунӣ ворид намудани чунин даромадҳо. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки воқеан ҷинояткор ду мақсад дорад, аммо дар як вақт амалӣ гардидани ин маққадҳо хеле кам мушоҳида мешавад.

Ҷонибдорони нуқтаи назари дувум [1,с.19] мафҳуми криминологии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашударо дастгирӣ намуда, онро асосан тавассути мазмун ва сохтори ҷараёни қонунигардонӣ ошкор сохта, ин мафҳумро бо мақсади ҷиноякор пурра менамоянд.

Ҳамин тавр, Д.Р. Кузахметов ба хулосае меояд, ки «қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, падидаи иҷтимоӣ буда, сабабҳои муайяни пайдоиш ва рушди минбаъдаи худро дорад, ки ба он дараҷаи баланди хавфи иҷтимоӣ хос аст, аз ҷумла: ворид шудани сармояи бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда ба иқтисодиёти қонунӣ, криминализатсияи хоҷагии халқ, мутамарказ гардондани ҳокимияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданию иҷтимоӣ дар дасти иттиҳодҳои ҷиноятӣ ва ғ. Қонунигардонии маблағ ё дигар молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба даст оварда мешавад, қисми ҷудонашавандаи фаъолияти ҷиноятҳои муташаккил буда, ба афзоиши коррупсия мусоидат мекунад. Хусусияти хосси ин падида, фаромиллӣ будани он мебошад. Ҷиҳатҳои мусбии таърифи мазкур, яке аз намудҳои ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ эътироф намудани он мебошад, ки ҳамчун пайванди байни иқтисодиёти қонунӣ ва ғайриқонунӣ баромад мекунад, ҳамзамон худи раванди қонунигардонӣ аз доираи ин мафҳум берун мондааст.

В.М. Алиев қонунигардонии даромадҳои ҷиноятиро ҳамчун падидаи манфии иҷтимоӣ муайян мекунад, ки ба раванди пинҳон кардани пайдоиши ғайриқонунии даромад, таҳрифи маълумот дар бораи хусусияти пайдоиш, ҷойгиршавӣ, маҳал, ҳаракат ва тааллуқдории воқеии сарватҳои моддӣ (ҳуқуқи моликият) ё ҳуқуқҳои ба онҳо алоқаманд, ҳамчунин ба онҳо додани шакли ҳуқуқӣ, агар шахс донад, ки ин неъматҳои моддӣ бо даромади ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, инчунин дигар амалҳое, ки бевосита ё бавосита ба барасмият даровардани муносибатҳо вобаста ба моликият алоқаманданд, - истифода бурдан, ихтиёрдории даромад ё пинҳон доштани пайдоиши ғайриқонунии онҳо».

Ба андешаи муаллифони дигар, расмикунонӣ равандест, ки тавассути он ҷинояткорон воқеияти пайдоиши даромадҳои ҷиноятиро пинҳон мекунанд [18,с.100]. В.Д. Ларичева беасос танҳо пули нақдро объекти қонунигардонии даромадхои ҷиноятӣ мешуморад. Тавре И.А Киселева дуруст қайд менамояд, айни замон як қисми зиёди ҷиноятҳои марбут ба коррупсия, қаллобӣ, дуздӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ берун аз доираи муомилоти пули нақд содир карда мешаванд ва доираи шаклу усулҳои қонунигардонии пулҳои аз ҷониби ҷинояткорон истифодашаванда танҳо бо муомилот дар бахши бонкӣ маҳдуд намешавад [10,с.10].

Дар натиҷаи ҷамъбасти хулосаҳое, ки дар адабиёти илмӣ оид ба мафҳуми қонунигардонии даромадҳо оварда шудаанд, ду хусусияти асосиро муайян намудан мумкин аст: якум, содир намудани амалҳо (муомилоти амвол ё дигар амалиёт) бо маблағ ё дигар молу мулки ғайриқонуни бадастовардашуда; дуюм - мақсади содир намудани амалҳо – табдил додани амволи ғайриқонунӣ бадастовардашуда ба амволи дигар барои ба он шакли қонунии соҳибият, истифода ё ихтиёрдории даромади зикршуда мебошад.

Ҳамин тавр, қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳоеро, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, метавон ҳамчун раванде муайян кард, ки аз аҳди муайяни ҳуқуқӣ-гражданӣ иборат буда, мақсади рӯйпӯш ё пинҳон кардани сарчашмаҳои пайдоиш, мавҷудият, тақсимот, азнавтақсимкунӣ ва истеъмоли молу мулке, ки дар натиҷаи ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ба даст оварда шудааст ё ба амвол хусусияти расмӣ додан, пайдоиши ғайриқонунии онро рӯйпӯш намудан [19,с.56].

***Ҳамин тавр андешаҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, метавон чунин хулоса баровард:***

1.Дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, бештар на дар он аст, ки сармояи ҷиноят аз

ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятӣ баъдан барои густариши фаъолияти ҷиноии онҳо истифода мегардад, балки хафви асосӣ дар таъсири манфӣ ба вазъи макроиқтисодии кишвар дар маҷмуъ мебошад, ки дар натиҷаи ба муомилоти қонунӣ ворида гаштани дороиҳои ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, мақсади асосии мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, ҳифзи иқтисодёти қонунӣ аз ворид шудани сармояи ҷиноӣ ба он мебошад.

2. Истифодаи истилоҳи қонунигардонӣ (расмикунонӣ) дар қонуни ҷиноӣ барои ифодаи ҷинояти баррасишаванда, дуруст аст, вақте ки дар забони тоҷикӣ истилоҳи мувофиқ мавҷуд нест. Агар дар қонунгузорӣ яке аз ин истилоҳот истифода шавад, пас барои тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ мушкилоти иловагӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, эътироф накардани истилоҳи қонунигардонӣ (расмикунонӣ) аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ нодуруст мебуд. Ҳамин тариқ, роҳи раҳоӣ аз ин вазъият истифодаи ҳарду истилоҳ буд, ки дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ расмикунонӣ ҳамчун синоними истилоҳи «қонунигардонӣ» истифода мешавад.

3. Мафҳуми қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ бояд дар ду ҷиҳат баррасӣ карда шавад: ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологӣ.

Қонунигардонии даромадҳои ҷиноятиро ҳамчун мушкилоти ҳуқуқии ҷиноятӣ метавон ҳамчун амали қасдона муайян кард, ки барои ба дигар амвол табдил додани мулки ғайриқонунӣ бадастовардашуда равона гардидааст, ки мақсади он додани шакли ҳуқуқии соҳибият, истифода ё ихтиёрдорӣ ба ин даромад мебошад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ – Сафарзода А.**

**АДАБИЁТ**


1. Алиев В.М. Указ. работа. -С.37-38; Кузахметов Д.Р.Указ. работа. -С.9-10.
2. Архив Верховного суда Республика Таджикистан. Уголовное дело №1752.
3. Бейсенов Б.С. Алкоголизм: Уголовно-правовые и криминологические проблемы / Б.С. Бейсенов. -М., 1981. -С.10-11.
4. Босхолов А.С. Уголовная ответственность за легализацию денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: дис. … канд. юрид. наук / Б.С. Бейсенов -М., 2005.-С. 37; Лавров В.В. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств или иного имущества, приобретенных незаконным путем: дис. … канд. юрид. наук. - Нижний Новгород, 2000. -С.16; Ивакина Н. Русский язык российского права // Российская юстиция. -2000. -№7.
5. Быстрова Ю.В. Легализация денежных средств или иного имущества, приобретенных преступным путем: уголовно-правовая и криминологическая характеристики / Ю.В.Быстрова // Вестник ОрелГИЭТ, 2009, №4(10). http://orelgiet.ru/310bistrova. pdf.
6. Виноградова Л.К., Гаража Н.А. Указ. работа. -С. 83.
7. Киселев И.А. Грязные деньги. Уголовная ответственность за отмывание преступных доходов и ее применение в борьбе с преступностью и коррупцией / И.А. Киселев. -М.: Юриспруденция. 2009. -С.10.
8. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Қонуният, 2020. – 488 с.
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. -137 с.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15.03.2011, № 687.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15.03.2011, № 687.
12. Лавров В.В. Юридическая ответственность за легализацию доходов, полученных преступным путем, по российскому законодательству / В.В.Лавров, Д.В. Степанков. -Н. Новгород, 2003. -С. 13.
3. Ларичев В.Д. Совершенствование законодательства о борьбе с «отмыванием» денег, полученных преступным путем / В.Д. Ларичев // Государство и право. -1992. - №4. -С 100.
13. Лопашенко Н.А. Вопросы квалификации преступлений в сфере экономической деятельности / Н.А. Лопашенко. - Саратов, 1997. -С. 56.
14. Обзор о наркоситуации в Республике Таджикистан за 2008 год. -Душанбе, 2009. - С.33.
15. Рахимов Р.Х. Организация и тактика оперативно-розыскной деятельности по борьбе с экономическими преступлениями в кредитно-финансовой системе / Р.Х. Рахимов. –Душанбе, 2006. -С.9.
16. Сафаров А.И. Некоторые противоречия в новом законодательстве Республики Таджикистан о борьбе против легализации преступных доходов / А.И. Сафаров // Законодательства. -Душанбе, 2011. -№4. -С. 49.
17. Сафаров А.И. Проблемы использования термина «легализация» и «отмывание» в уголовном законодательстве Республики Таджикистан / А.И. Сафаров //Законодательство. №1, январь-март. -Душанбе, 2011.
18. Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного

имущества, полученных противозаконным путем / А. И. Сафаров. – Душанбе, 2012. -С.13.
19. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
20. Тагирова В.А. Уголовная ответственность за отмывание доходов от преступной деятельности и его предупреждение в США и России: вопросы теории и законодательной регламентации: дис. … канд. юрид. наук. -Казань, 2005. -С.33; Якимов О.Ю. Легализация доходов, приобретенных преступным путем: Уголовно-правовые и уголовно-политические проблемы / Под ред. докт. юрид. наук, проф. Н.А. Лопашенко. -СПб.: Юридический центр Пресс, 2005. -С.142-146; Кострова М.Б.Особенности реализации языковых правил законодательной техники в уголовном законе// Уголовное право. №2.2002. С.39; Букарев В.Б. Легализация (отмывание) доходов, приобретенных преступным путем: общественная опасность и вопросы квалификации: Автореф. дисс. канд. юрид. наук. -М., 2006. - С.26; Бодров В.А. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с легализацией преступных доходов: автореф. дис. канд. юрид. наук.- М., 2008. С.6.
21. Указ Президента Республики Таджикистан «О мерах по усилению борьбы с преступностью, укреплению законности и правопорядка» от 25 сентября 1995 г. №341; Указ Президента Республики Таджикистан «О дополнительных мерах по усилению борьбы с преступностью в области экономики и коррупции» от 21 июля 1999 г. №1262; Указ Президента Республики Таджикистан «О мерах по дальнейшему развитию и повышению эффективности экономических реформ» от 1 декабря 1999 г. №3.

## ОИД БА КРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ҚОНУНИГАРДОНИИ (РАСМИКУНОНИИ) ДАРОМАДҲОЕ, КИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БА ДАСТ ОВАРДА ШУДААНД

Дар мақола мушкилоти криминализатсияи қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноятҳо таҳлил карда шудааст. Қайд карда мешавад, ки қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноятҳо раванди ворид намудани даромадҳои аз фаъолияти ғайриқонунӣ ба даст омада, бидуни ҷалби таваҷҷуҳи мақомот ба низоми молиявӣ мебошад. Сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва бюрократӣ метавонанд ҷиноятркоронро ба ин ҷиноят ташвиқ кунанд. Усулҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз ҷиноятҳо вобаста ба тахайюлоти чунин ҷинояткорон, гуногунии воситаҳо дар низоми молиявӣ ва сохтори иқтисодӣ ва низоми ҳуқуқии кишварҳо тафовут мекунанд. Расмикунонии даромади ҷиноятӣ ба ҷинояткорон имкон медиҳад, ки маблағҳои аз фаъолиятҳои ҷиноятии гуногуни худ, аз қабили қочоқи моводи мухаддир, фасод, терроризм ва ҷиноятҳои муташаккил бадаствардаро қонунӣ кунанд. Дар маҷмуъ, криминализатсияи қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ барои ҳифзи якпорчагии низоми молиявӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва терроризм, мусоидат ба риояи андозҳо ва мусоидат ба ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди фаъолиятҳои молиявии ғайриқонунӣ зарур аст.

**Калидвожаҳо:** хавфи ҷамъиятӣ, криминализатсия, ҷинояткорӣ, қонунигардонӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодӣ, қонунигардонии даромадҳои ҷиноятӣ, гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир, коррупсия, терроризм, кримонология.

## О КРИМИНАЛИЗАЦИИ ЛЕГАЛИЗАЦИИ (ОТМЫВАНИИ) ДОХОДОВ, ПОЛУЧЕННЫХ ПРЕСТУПНЫМ ПУТЕМ

В статье анализируется проблема криминализации легализации (отмывании) доходов, полученных преступным путем. Отмечается, что отмывание денег -это процесс внедрения доходов, полученных от незаконной деятельности, в финансовую систему без привлечения внимания властей. Экономические, социальные, юридические, политические и бюрократические причины могут подтолкнуть лиц, отмывающих деньги, к этому преступлению. Методы отмывания денег различаются в зависимости от фантазии отмывателей, разнообразия инструментов финансовой системы, а также экономической и правовой структуры страны. Отмывание денег позволяет преступникам легализовать доходы от своей незаконной деятельности, такой как незаконный оборот наркотиков, коррупция, терроризм и организованная преступность. В целом, криминализация отмывания денег необходима для защиты целостности финансовой системы, борьбы с преступностью и терроризмом, содействия соблюдению налогового законодательства и развития международного сотрудничества в борьбе с незаконной финансовой деятельностью.

**Ключевые слова:** общественная опасность, криминализация, преступление, легализация, отмывание, преступления в сфере экономической деятельности, легализация преступных доходов, незаконный оборот наркотиков, коррупция, терроризм, кримонология.

## ON THE CRIMINALIZATION OF LEGALIZATION (LAUNDERING) OF PROCEEDS FROM CRIME

The article analyzes the problem of criminalization of legalization (laundering) of proceeds from crime. It is noted that money laundering is the process of introducing proceeds derived from illegal activities into the financial system without attracting the attention of the authorities. Economic, social, legal, political and bureaucratic reasons may encourage money launderers to commit this crime. Money laundering methods vary depending on the imagination of the launderers, the variety of instruments in the financial system, and the economic and legal structure of the country. Money laundering allows criminals to legalize proceeds from their illegal activities, such as drug trafficking, corruption, terrorism and organized crime. Overall, criminalizing money laundering is necessary to protect the integrity of the financial system, combat crime and terrorism, promote tax compliance, and promote international cooperation in the fight against illicit financial activities.

**Keywords:** public danger, criminalization, crime, legalization, laundering, crimes in the sphere of economic activity, legalization of criminal proceeds, drug trafficking, corruption, terrorism, crimonology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Идрисзода Илёс Мумин* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Идрисзода Илёс Мумин* –** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Idriszoda Ilyos Mumin* -** Tajik National University, applicant for the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17

ТДУ: 343.9(575.3)

# ОМӮЗИШ ВА ТАСНИФИ ХУСУСИЯТҲОИ КРИМИНАЛИСТИИ ОДАМКУШӢ

*Сафаров З.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Усули тафтиши намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо, фарогири маҷмуи муқаррарот ва тавсияҳои илмӣ мебошад, ки дар асоси онҳо барои ташкил ва гузаронидани тафтиши намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд.

Методикаи криминалистии тафтиши ҷиноят як бахши илми криминалистӣ буда, он аз муқаррароти умумӣ, асосҳои илмӣ ва усулҳои мушаххаси тафтиши ҷиноятҳо иборат аст.

Ҳар як ҷузъи методикаи криминалистӣ унсури нисбатан мустақил буда, вазифаҳои махсуси худро дорост. Дар баробари ин, ин бахшҳо ба равандҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо таъсири гуногун доранд.

Агар усулҳои алоҳида бевосита ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муфаттиш нигаронида шуда бошанд, пас муқаррароти умумии методики криминалистӣ ба раванди мубориза бо ҷинояткорӣ тавассути роҳандозии тавсияҳои методии хусусии криминалистӣ ва дар ин замина ба амалияи тафтишотии судӣ таъсир мерасонанд.

Умуман дар бораи мафҳуми илмии ин истилоҳ андешаҳои гуногунро метавон дарёфт: «методика – ин усули ягона набуда, балки дар доираи низоми хосса амал кардани усулҳоро ифода менамояд, ки ҳар яки онҳо роҳҳои татбиқи худро дорад. Ҳар як усул тавсифи инфиродӣ низ дошта, дар амалия онро метавон муайян кард» [11,с.347-348].

Бо вуҷуди фарқиятҳои инфиродӣ дар таърифҳои муайяни аломатҳои криминалистии ҷиноят, ки аз ҷониби муаллифони сершумор дода шудаанд, ҳамаи онҳо мафҳуми асосии онро инъикос мекунанд: тавсифи криминалистӣ доштан, яъне он аввалан низоми фарогири маълумотҳои умумӣ мебошад, дуюм, чунин хусусиятҳое, ки барои муайян кардани ҷиноят мусоидат мекунанд [13,с.862].

Барои равшанӣ андохтан ба ифодаи илмии ин раванди ҳуқуқӣ зарурати баррасии андешаи олимони соҳа пеш меояд. Ба таври мисол, чанд таърифи тавсифи криминалистии ҷиноятҳоро, ки муаллифони гуногун ва криминалистҳои машҳур додаанд, метавон мисол овард:

«Таснифи криминалистии як намуди ҷиноят бояд тавсифи маълумоти ибтидоӣ, маълумотҳои системавӣ оид ба усули содир кардан ва пинҳон кардани ҷиноят ва оқибатҳои хосси татбиқи он, шахсияти ҷинояти эҳтимолӣ ва ангезаҳо ва мақсадҳои эҳтимолиро дар бораи ҷиноят, шахсияти ҷабрдидаи эҳтимолии ҷиноят ва баъзе ҳолатҳои ҷинояти содиршуда бояд фаро гирад (макон, вақт, ҳолат)» [3,с.572].

Дар ин хусус андешаронии олимон В.А. Образсов ва В.Г. Танасевич ҷолиб аст, ки дар як мақолаи илмӣ мафҳуми умумии хусусиятҳои криминалистиро чунин тавсиф намудаанд: «Маҷмуи маълумот дар бораи механизми ҷиноят, восита ва объектҳои инъикос, ки ба ҳамдигар таъсир мерасонанд, хусусият ва манбаъҳои иттилооти воқеии дар ин замина бавуҷудоянда мебошанд. Ин омилҳо барои кушодани категорияҳои алоҳидаи ҷиноятҳо бо истифода аз баррасии усулҳои криминалистии онҳо, инчунин коркарди тавсияҳои илмӣ барои ҳалли муносиби ин масъала аҳаммияти муҳим доранд» [17,с.107].

В.Г. Танасевич дар мавриди аломатҳои криминалистӣ ба ин омилҳо бештар диққат додааст: «он фарогири чунин унсурҳои ба ҳам алоқаманд аст: усули содир кардани ҷиноят; вазъияте, ки дар он ҷиноят содир шудааст, субъекти бевоситаи ҷиноят, шартҳои ҳифзи он аз ҳамла, шахсияти объекти ҷиноят; рӯйпӯш кардани он, ки ин амал ба пинҳон нигоҳ доштани кирдори ҷиноятӣ ва ҷинояткорон ҳангоми содир кардани ҷиноят ва ё баъд аз он нигаронида шудааст» [21,с.92].

Дар адабиёти илмиву методӣ олимон бештар ба таърифи И.А. Возгрин такя менамоянд, ки ӯ тавсифи криминалистии ҷиноятро ба таври зерин арзёбӣ мекунад: «Системаи маълумотҳои умумиятдошта оид ба ҷиноятҳои тафтишшаванда, ки дорои аҳаммияти криминалистӣ мебошанд. Ин маҷмуи тасодуфии унсурҳо набуда, сохтори ягона дорад.

Инҳо маълумоти умумии воқеие мебошанд, ки табиатан аломатҳои аз ҷиҳати судӣ муҳимми ҷиноятро инъикос мекунанд; маълумот ва хулосаҳои илмӣ дар асоси онҳо, ки ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо мусоидат мекунанд; маълумоте, ки дар раванди умумигардонии амалияи тафтишот ва мурофиаи судӣ муайян карда мешавад, системаи иттилооте, ки барои муфаттишҳо барои бомуваффақият ҳал ва тафтиш кардани парвандаи ҷиноятӣ заруранд» [8,с.73].

Дар адабиёти илмии соҳаи криминалистика мафҳуми тавсифи криминалистии ҷиноятҳо гуногун маънидод карда мешавад.

Бо дарназардошти ин, А.С. Князков ин масъаларо ба таври васеъ таҳлил намуда, чунин мешуморад, ки «таърифҳои хусусиятҳои криминалистиро, ки дар адабиёти илмӣ мавҷуданд, аз рӯйи се асос метавон гурӯҳбандӣ кард:

–вобаста ба манбаи пайдоиш аломатҳои криминалистии ҷиноят; аввалан, онҳо ҳамчун тавсиф ва баъдан ҳамчун мавҷудияти мафҳуми илмӣ бояд муайян карда шаванд;

–вобаста ба усули ифодаи моҳияти мазмуни он, аломати криминалистии ҷиноят ё ҳамчун системаи маълумоти воқеии дорои аҳаммияти криминалистӣ (бе зикри унсурҳои мушаххас дар худи таъриф) ё ҳамчун системаи унсурҳои номбаршудаи дорои тавсифи махсус;

–вобаста ба принсипи якҷояи донишҳои ибтидоии криминалистӣ, аломатҳои криминалистии ҷиноят, пеш аз ҳама, ҳамчун маҷмуи муайяни муносибатҳои устувори байни унсурҳои он баррасӣ карда мешаванд, ки робита ва таъсири мутақобилаи онҳо сохтори ҷиноятро ташкил дода, дар воқеият дар шакли моддӣ ва маънавӣ инъикос меёбанд» [13,с.865].

Бо дарназардошти чунин гуфтаҳо метавон хулоса баровард, ки «хусусиятҳои криминалистии ҷиноят ҳамчун модели маъмулии иттилоотӣ, маҷмуи маълумот ё иттилооте амал мекунанд, ки дар натиҷаи тадқиқоти махсус ба даст оварда шудаанд» [7,с.3-4].

А.Г. Филиппов чунин мешуморад, ки «тавсифи криминалистии ҷиноят категорияи хосси он, яъне мафҳуми умумӣ ва асосии он мебошад” [23,с.443].

Дар ин таъриф тавсифи криминалистии ҷиноят ҳамчун асоси назариявӣ барои таҳияи усулҳои мушаххас ва гурӯҳи хусусии криминалистӣ амал мекунад. Ин олим барои пурра гаштани андешаи худ чунин менигорад: «Донистани хусусиятҳои хосси криминалистии намуд ва гурӯҳҳои ҷиноятҳо имкон медиҳад, ки вариантҳои маъмултарини ин навъи ҷиноят бо дарназардошти гурӯҳҳои он пешниҳод карда шаванд» [23].

Аз ин рӯ, аломатҳои криминалистии ҷиноят асоси назариявии пешниҳоди вариантҳои тафтишотӣ мебошанд. Р.С Белкин низ ин андешаро тарафдорӣ менамояд, «ба назар чунин мерасад, ки тавсифи криминалистӣ, дар маҷмуъ, ҳамчун як унсури ягона танҳо дар ҳолатҳое аҳаммияти амалӣ дорад, ки таносуб ва вобастагии байни унсурҳои он муқаррар карда шуда, онҳо тавсифи табиӣ доранд ва дар нишондиҳандаҳои миқдорӣ ифодаи худро пайдо мекунанд. Маълумот дар бораи ин вобастагӣ метавонад ҳамчун асос барои барқарор сохтани фарзияҳои ҳолатҳои мушаххас хизмат кунад. Ин омилро ба инобат гирифтан дар таснифоти мукаммали аломатҳои криминалистӣ аҳаммияти амалии муҳимро касб менамояд» [6].

Бояд дар назар дошт, дар ки ҷараёни содир намудани ҷиноят байни унсурҳои алоҳида робита ба вуҷуд меояд, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ зуҳуроти онҳоро ҷустуҷӯ бояд кард. Дар ин маврид тавсифи криминалистии ҷиноят воқеан характери унсури тафтишотро мегирад.

Ин нуктаро ба инобат гирифта, О.Я. Баев чунин қайд менамояд: «Мақсад ва моҳияти аломатҳои криминалистии ҷиноятро ҳамчун категорияи алоҳида, пеш аз ҳама, дар фаҳмиши мавҷудияти таносуби байни онҳо метавон дарёфт ва ин вобастагӣ ҳангоми баррасии аломатҳои криминалистии як намуди ҷиноят муқаррар карда мешавад» [2,с.20].

А.С. Князков моҳияти аломатҳои криминалистии ҷиноят ва аҳаммияти амалии онро муайян намуда, чунин мешуморад, ки «ин мафҳуми илмӣ фарогири на ҳамаи ҳолатҳое мебошад, ки ба пурра ошкор ва тафтиш кардани ҷиноят мусоидат мекунанд, балки танҳо ҳамон ҳолатҳое мебошад, ки барои бомуваффақият ошкор ва тафтиш намудани ҷиноят мусоидат мекунанд.

Бо дарназардошти ин нукта, тавсифи хосси он дар тайёрӣ, содир намудан ва пинҳон кардани ҷиноят дар дигар ҷузъҳои ин раванд инъикос ёфта, дар шакли маълумот дар бораи ин ё он ҳолатҳои аз ҷиҳати судӣ муҳим бояд шакл гиранд.

Аз ин рӯ, дар раванди тафтишоти пешакӣ, аз нуқтаи назари судӣ на танҳо шахсияти ҷабрдида омӯхта мешавад, балки он объектест, ки метавонад аломатҳои усул, механизми ҷиноят, ҳолати ҷиноят, шахсияти ҷинояткорро инъикос намояд» [13,с.906].

Андешаи олими соҳа Игнашин В.И. дар ин хусус қобили қабул мебошад: «Хусусиятҳои криминалистии ҷиноятҳо маҷмуи иттилооти аз ҷиҳати судӣ муҳим дар бораи унсурҳои хос ва табиатан бо ҳам алоқаманди категорияҳои алоҳидаи ҷиноятҳо ва шартҳои содир намудани онҳо мебошад» [11,с.351].

Муқаррароти умумии аломатҳои криминалистӣ ва аломатҳои криминалистии ҷиноятҳои категорияҳои алоҳидаро бояд фарқ кард.

Хусусиятҳои криминалистии ҷиноятҳо ҳамчун системаи муқаррароти умумӣ маҷмуи донишҳоро дар бораи мафҳум, мазмун, маъно ва принсипҳои сохтани ин низом ифода мекунанд. Ин асоси ибтидоии назариявии инкишофи характеристикаҳои криминалистии ҷиноятҳои категорияҳои алоҳида мебошад.

Масъалаи баррасии аломатҳои криминалистии ҷиноятҳо ва ногузории онҳо низ баҳсталаб мебошад. Барои равшанӣ андохтан ба ин масъалаҳои баҳсталаб ба андешаронихои олимони соҳа А.С. Князкова [13,с.868-869] (2008) ва В.Е. Корноухова [15,с.23] (1986) метавон такя намуд.

Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки «номгузории ҳолатҳои гуногун аз ҷониби ин ё он муаллиф ҳамчун унсурҳои тавсифи судии ҷиноятҳо бештар дар робита ба баррасии масъалаҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳо сурат мегирифт» [13,с.869].

Аз таҳлили ин гуфтаҳо метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки шумораи унсурҳои аломатҳои криминалистии ҷиноятҳо афзудааст, номгузории унсурҳои нави аломатҳои криминалистии ҷиноятҳо то ба имрӯз идома дорад, (шояд минбаъд низ чунин номгузориҳо зиёд шавад).

Бо дарназардошти ин омилҳо ҳангоми таҳқиқи характеристикаи криминалистии ҷиноятҳои соҳаи андоз В.А. Козлов чунин мешуморад, ки «унсурҳои асосии характеристикаи криминалистии ҷиноятҳои андоз инҳо мебошанд: заминаи қонунгузорӣ, андозсупоранда, андоз ва унсурҳои андозбандӣ, санаднигорӣ, усули содир намудан ва пинҳон доштани ҷиноят, механизми тафтиш, шахсияти ҷинояткори андоз, ҳолати хосси тафтишотӣ, ҳолатҳои ҷиноят, ки ба содир намудани ҷиноят дар соҳаи андоз мусоидат кардааст» [14,с.10-11].

Маҳз баррасии сохтори аломатҳои криминалистии ҷиноятҳо омили муайян намудани шумораи зиёди унсурҳо буда, баъзе хусусиятҳои криминалистии ҷиноятҳо ҳамчун категорияи илмӣ аҳаммияти худро гум кардаанд.

Аз ин рӯ, «зиёд будани ҳолатҳое, ки ҳамчун унсурҳои аломатҳои криминалистии ҷиноятҳо муайян карда мешаванд, боиси баррасии ғайрисистемавӣ гардида, дар илми муосири криминалистика назарияи тавсифи шумораи камтарини ҳолатҳо – унсурҳои ҷиноят мавқеи устувор пайдо кардааст, яъне хусусиятҳои криминалистии ҷиноят моҳиятан тавсифи зикршударо метавонанд инъикос кунанд» [1,с.43-45].

Бо дарназардошти таҳлилҳо оид ба мафҳуми аломатҳои криминалистии ҷиноятҳо ва мазмуни сохтории он метавон муайян кард, ки унсурҳои умумии аломатҳои криминалистии ҷиноятҳо фарогири усули тайёр кардан, содир намудан, пинҳон доштани ҷиноят, механизми ҷиноят, шахсияти ҷинояткор, шахсияти ҷабрдида ва баррасии ҳолати ҷиноят мебошад.

Пешгирӣ, ошкор ва таҳқиқи ҳодисаҳои одамкушӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Бояд зикр кард, ки теъдоди ин ҷиноятҳо дар кишвар хеле зиёд боқӣ монда, тамоюли афзоиши бештарро дорад.

Хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ ҳамчун системаи маълумоти умумии ба ҳам алоқаманд дар бораи аломатҳои маъмултарини усул ва механизми одамкушӣ, муқаррароти содир намудани он, шахсияти қотил ва макони содир шудани ҷиноят, маълумот дар бораи ҳалли амалии масъалаҳо аҳаммияти зиёд доранд.

Хусусиятҳои криминалистии ҷиноят маънои бевоситаи методологӣ (усули тадқиқоти илмии коркардшуда дар асоси тавсифи далелҳо) ва тарбиявӣ (пешниҳоди ҳолати воқеии фаъолияти ҷиноятӣ, усулҳои пинҳон кардани он, инчунин усулҳои тафтиши ин навъи ҷиноятҳо) доранд [20,с.92-115].

Аз ин рӯ, дар ин самт ошкор сохтани сабабҳои асосии одамкушӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, он метавонад ифодагари манфиати бевосита ё иродаи ноаён дар ошкорсозии қурбонии эҳтимолӣ бошад. Ба ин омилҳо метавон кӯшиши бартараф кардани норасоиҳои мавҷуда, пешгирии мушкилоти оянда молиявӣ, қатъи ҳолати майзадагӣ ва ғайраро ворид сохт [19,с.234].

Дар ин самт чор унсури бо ҳам алоқамандро метавон тасниф кард:

а) ҷинояткорон;

б) ҷабрдидагон;

в) силоҳ(ҳо)-и ҷиноят;

г) ҷойи ҷиноят.

Дар натиҷаи ин таъсири мутақобила алоқамандиҳои мураккаб ба амал омада, он ҳар як ҷузъи ҷиноят акси худро пайдо мекунад, ки аз мутахассисони соҳа омӯзиши амиқи назариявӣ ва амалиро талаб мекунад.

Аломатҳои криминалистии ин унсурҳои ҷиноят ва худи таркиби ҷиноят бо ҳамдигар алоқаи муайян доранд. Пас аз гирифтани маълумоти муайян дар бораи яке аз элементҳо метавон дар бораи хусусиятҳои хосси элементҳои дигар маълумоти мувофиқ пайдо кард.

Макони содир шудани ҷиноят ба хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ дахл дорад. Асосан ҷойи содир шудани ҷиноят ва ҷойи пайдо шудани ҷасад аксар дар як макон амалӣ мегардад. Ҳолатҳои дигар имкони зуд муайян кардани ҳолатҳои парвандаро мураккаб мегардонад.

Шумораи зиёди одамкушиҳо дар шаҳрҳо рух медиҳанд ва ҷойи маъмултарини одамкушӣ дохили биноҳо мебошад. Биноҳо аз сабаби маҳдуд будани ҳудуди худ шумораи бештари осори ҳодисаи рухдодаро дар бар мегиранд ва дар ин замина дар ҷараёни санҷиш ҳолатҳои ҳодиса пурра равшан карда мешаванд. Муносибати ҳодисаи ҷиноятӣ ба бинои мушаххас зарурати ҷустуҷӯи шоҳидон ва шахсони иштирокчии ҳодисаи тафтишшавандаро хеле кам мекунад.

Ҳангоми одамкушиҳое, ки дар шаҳрҳои хурд ба таври пинҳонӣ содир мешаванд, муайян мегардад, ки қотил дар наздикии ҷойи ҷиноят зиндагӣ мекунад. Ҷасадҳои порашуда, ки дар берун аз манзили истиқоматӣ ёфт шудаанд, тасдиқ мекунанд, ки одамкушӣ дар маҳаллаи истиқоматӣ аз ҷониби шахсе содир шудааст, ки ҷабрдидаро мешиносад ва одатан аз хешовандони ӯ мебошад [22,с.159].

Макони ҳодиса дорои хусусиятҳои асосии зерин аст:

а) ҷойгиршавӣ: дар дохили маҳаллаи аҳолинишин ё берун аз он, наздик ё дур аз роҳҳои нақлиётӣ, ҳузури одамон (камӣ ва ё зиёдии онҳо);

б) таснифот, яъне дохили бино, мошин ва ё майдони кушод;

г) мавҷуд будани осори таъсири мутақобилаи ҷабрдида ва қотил.

Дар аксари мавридҳо ҷинояткор ва қурбонии эҳтимолии одамкушӣ бо маҳалли ҷойгиршавии ҷиноят алоқаманданд. Онҳо ё дар наздикӣ зиндагӣ ва ё кор мекарданд. Дар баъзе мавридҳо дар байни қотилон ва қурбониёни онҳо шахсоне низ ҳастанд, ки ҷойи истиқомат надоранд, зеро ин тоифа шахсони одатан дар минтақаи зикршуда истиқомат менамоянд. Дар аксари мавридҳо одамкушӣ дар ҷойи истиқомати доимии ҷабрдида, инчунин дар маҳалли истиқомати якҷояи шахси қотил ва кушташуда содир мешавад.

Дар ҷойи истиқоматии ҷинояткор бисёр одамкушӣ содир мешавад. Одамкушиҳо дар манзилҳое сурат мегиранд, ки ба фоҳишахонаҳо мубаддал карда шудаанд ва дар ин макон қабл аз содир кардани ҷиноят ҷабрдида ва ҷинояткор якҷоя машрубот менӯшиданд. Дар даромадгоҳи хонаҳо ва ҳавлии хонаҳои шахсӣ одамкушӣ камтар рух медиҳад. Дар биёбон ва ҷойҳои серодами ҷамъиятӣ одамкушӣ хеле кам сурат мегирад.

Аз ин таҳлили ҳамаҷониба метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки, дар маҷмуъ, ҳамаи одамкушиҳои зикршуда асосан дар биноҳои гуногун содир карда шуда, танҳо 30 фоизи ин навъи ҷиноятҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (берун аз биноҳои истиқоматӣ) содир мешаванд [5,с.198].

Методикаи тафтиши одамкушӣ маҷмуи усулҳо ва воситаҳоест, ки бо истифодаи маҷмуи амалҳои пешакӣ банақшагирифташуда дар содир кардан ва пинҳон кардани одамкушӣ анҷом дода мешавад. Ин омилҳо тавсифи криминалистии одамкушӣ мебошанд.

Ба андешаи В.А. Образсов, олоти ҷиноятро ҳама гуна унсури муҳити моддии дорои тавсифи табиӣ ё сунъӣ ташкил медиҳанд, ки қотил барои таъсири ғайриқонунии ҷиноятӣ ва анҷоми кирдорҳои ғайриқонунӣ нисбат ба субъекти ҷиноят аз онҳо истифода мебарад [17].

Амали одамкушӣ расонидани зарари ҷисмониро дар худ инъикос менамояд. Онҳо метавонанд тавсифи ашёӣ дошта бошанд ва ин кирдорҳоро бо ашёҳои тез, сӯрохкунанда, сахт, силоҳи оташфишон ва навъҳои дигари яроқ, воситаҳои нақлиёт анҷом диҳанд. Ин кирдор баъзан бо роҳҳои дигар, масалан, нафасгир кардан, дор кашидан, ғарқшавӣ, заҳролудсозӣ, сӯзондан, гипотермия, маҳрумият аз обу ғизо, аз баландӣ партофтан иҷро карда мешаванд.

Аксарияти одамкушиҳо бо истифода аз корд содир карда мешаванд. Дар ин маврид қотилон аз корди ошхона ё мизи корӣ, корди ёрирасон ё махсус, инчунин корди худсохт истифода менамоянд.

Ба андешаи Грибулин В.В., амалияи тибби судӣ нишон медиҳад, ки зарбаҳо бо асбобҳои сӯрохкунанда ва бурранда, ки боиси марг мегарданд, ба дил хеле кам (камтар аз 10%) расонида мешаванд ва қисми асосии ин зарбаҳо ба меъда ва гардан рост меоянд. Аз ин рӯ, барои ин намуди одамкушӣ кордҳои дарози дорои теғи кӯтоҳ бештар истифода мешаванд [9,с.31-33].

Инчунин, ҳангоми содир намудани одамкушӣ ашёи гуногуни рӯзгор, ки бевосита пеш аз содир намудани одамкушӣ ба дасти ҷинояткор афтодаанд, метавонанд ҳамчун силоҳ истифода гарданд, ки ба воситаи онҳо бо қувваи ҷисмонӣ ба ҷабрдида ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ расонида шуда, дар ин асос боиси марги ӯ шаванд.

Ҳангоми содир намудани одамкушӣ ҷинояткор метавонад нисбати қурбониён аз зарбаҳои такрории пой, сар ва қисмҳои гуногуни бадан истифода барад. Инчунин, силоҳи оташфишон, ба мисли милтиқ, барои одамкушӣ истифода мешавад [12,с.168-170].

Дар баробари ин, бисёр одамкушиҳоро метавон бидуни истифодаи ягон асбобу силоҳ анҷом дод. Тавсифи хосси ин одамкушиҳо расонидани ҷароҳатҳои марговар бо пой ва даст буда, дар ин маврид қотил пойафзолҳои сахту махсус дар пой дорад.

Аввалин тадқиқи ҳамаҷонибаи замони одамкушӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ аз ҷониби В.М. Мешков сурат гирифт, ки он дар таҳкими «назарияи криминалистии робитаҳои муваққатӣ» заминаи илмиву амалӣ гузошт [16, с.145].

Таснифоти замони содиршавии ҷиноят дар соҳаи криминалистика дорои як қатор хусусиятҳост. Ҷинояткорӣ бештар пеш аз фаворасии рӯзҳои истироҳатӣ, дигар рӯзҳои ғайрикорӣ ва ё бевосита баъди ба охир расидани онҳо ҳангоми истеъмоли машрубот аз ҷониби шахсе, ки дорои мушкилоти моддиву маънавӣ мебошад, ба амал меояд. Дар байни ҷинояткорон инчунин шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок низ ҳастанд, ки ба содиршавии ин навъи ҷиноятҳо боис мегарданд [4,с.145].

Ба назар гирифтани вақти содир намудани ҷиноятҳо, инчунин роҳҳои амалӣ кардани онҳо боис мегарданд, ки самаранокии чорабиниҳои пешгирикунанда баланд бардошта шавад, ки ин омил ба коҳиши чунин навъи ҷиноятҳо оварда мерасонад.

Ҳангоми тафтиши одамкушиҳо таснифи онҳо вобаста ба усулҳои пинҳон кардани ин навъи ҷииноятҳо нақши муҳим дорад. Бо дарназардошти он ки ин кирдор дар асоси робитаи мутақобилаи амалиёти пешакӣ ва роҳандозии кирдорҳои ғайриқонунӣ анҷом дода мешаванд, пас онҳо бояд ҳамчун унсури усули содир намудани ҷинояти одамкушӣ баррасӣ шаванд.

Тадбирҳои пинҳон кардани одамкушӣ усулҳои нест кардани чунин далелҳои шайъиро дар бар мегиранд: ҷасад, изи одамкушӣ ва аслиҳаи одамкушӣ дар ҷойи ҷиноят, либос, ҷасади қотил, инчунин тасаввурот дар бораи симои эҳтимолии қотил ва ғ.

Аз таҷрибаи судӣ бармеояд, ки дар одамкушиҳои ошкорношуда дараҷаи касбияти қотил баланд аст. Осори пинҳонкунӣ ҷузъи муҳимми исботи тарафи субъективии ҷиноят мебошад. Ҳолатҳое, ки дар онҳо амали пинҳон кардани осори ҷиноят аз ҷониби қотил бо

дарназардошти амалиёти омодагӣ ва усулҳои одамкушӣ пешакӣ пешбинӣ шудаанд, инҳоянд:

а) ҷинояткорон пешакӣ ҷамъ шуда, ҷабрдидаро берун аз шаҳр мебаранд ва дар он ҷой баъди зарбаи зиёд ба дасту по ба ҳавз мепартоянд, ки дар натиҷа ҷабрдида ҳалок мешавад;

б) ҷинояткороне, ки пешакӣ ҷамъ омадаанд, аз ҷабрдидаи эҳтимолӣ хоҳиш мекунанд, ки онҳоро аз шаҳр берун барад. Дар роҳ яке аз ҷинояткорон бо ҷабрдида муноқиша оғоз мекунад, ки дар натиҷа ҷабрдида дар мошини шахсии худ бо милтиқи милбурида кушта мешавад. Баъд аз ин ҷасад ҳамроҳи мошин дар ҷангал сӯзонда мешавад;

в) ҷинояткор ҷабрдидаи эҳтимолиро, ки дар вокзали роҳи оҳан ба гадоӣ машғул буд, барои ба деҳа рафтан ва нӯшидани машрубот дар ҷангал даъват менамояд. Дар натиҷаи ин навъи одамкушӣ ӯ ҷасадро ба хок месупорад;

г) ҷинояткор занашро ба бӯстонсарои беруназшаҳриаш даъват карда, дар он ҷой баъди якҷоя нӯшидани машрубот мунокиша мекунанд. Дар натиҷа ҷинояткор бо болға ба сари ҳамсараш зада, боиси марги ӯ мегардад. Ҷинояткор дар ин маврид ҷасадро ба макони дигар бурда, дафн мекунад.

Амалҳои пӯшонидани одамкушӣ порасозии ҷасад ва сӯзондани онро низ фаро мегиранд. Тавре аз амалия бармеояд, порасозии ҷасадро аксаран қотилони наздик ба қурбонӣ анҷом медиҳанд. Ин амалро бештар шахсони бо марҳум якҷоя зиндагидошта содир мекунанд. Порасозии ҷасади ҷабрдида бештар хосси қотили мард аст, сӯзондани ҷасад бештар барои зани қотил хос аст.

Нишонаи пинҳон кардани одамкушӣ ин аст, ки ҷойи одамкушӣ бо ҷойи пайдо шудани ҷасад мувофиқат намекунад [24,с.234].

Дар тавсифи криминалистии одамкушӣ муайян кардани шахсияти ҷабрдида ва қотили эҳтимолӣ нақши муҳим мебозад. Дар парвандаҳои одамкушӣ махсусан мардон қурбонӣ мешаванд. Дар ҳолатҳое, ки ҷабрдида зан аст, ангезаҳо аксаран дорои тавсифи шаҳвонӣ ё зархаридӣ ва инчунин рашк мебошанд.

Дар ин маврид байни қотил ва кушташуда робитаи муайяне вуҷуд дорад. Омӯзиши шахсияти ҷабрдида ва амалҳои ӯро бояд пеш аз одамкушӣ нишон дод, ки рафтори ҷабрдида аксар тавсифи иғвоангезӣ, саркашӣ ё сабукфикронаву беэҳтиётиро доро мебошад. Он метавонад дар муқовимати фаъол ба қотил ифода карда шавад ва ба рафтори ҷинояткор ва дар ин замина ба механизми ҷиноят таъсир расонад. Бо муайян кардани шахсияти кушташуда, рафтори ӯ пеш аз одамкушӣ ва ҳангоми одамкушӣ имкон фароҳам меояд, ки ҳадафи тафтишот дақиқтар муайян карда шавад.

Категорияҳои одамоне ҳастанд, ки бештар аз дигарон ба ҳолатҳои хатарнок дучор мешаванд ва қурбонии одамкушӣ мешаванд. Аксаран инҳо шахсоне мебошанд, ки масъулияти онҳо ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва сарватҳои моддиро дар бар мегирад. Инҳо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти амният, хадамоти муҳофиза, посбонҳо, муҳофизон ва дигарон мебошанд. Ба категорияи дигари он одамоне дохил мешаванд, ки рафтори дағалона ва саркашӣ доранд, онҳо дар мунокишаҳо зиёд иштирок мекунанд, майл ба шаробнӯшиву айш ва истеъмоли маводи мухаддир доранд. Ин категория одамкушиҳо асосан тавсифи тасодуфӣ доранд.

Категорияи дигарро рафтори одамоне ташкил медиҳад, ки дар муносибатҳои хонаводагӣ (издивоҷ) ё изҳори муҳаббат ихтилоф доранд. Дар ин тоифа ангезаҳои интиқом, рашк, ҳоҳиши аз одами озордиҳанда халос шудан ва ғ. ташаккул ёфта, оқибат нобасомониҳоро ба миён меорад.

Яке аз категорияҳои қурбониён ашхоси аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ камтар ҳифзшаванда – наврасон, духтарони ҷавон, инчунин кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони навзод ва пиронсолон мебошанд. Сабабҳои одамкушӣ дар ин тоифа метавонанд озори шаҳвонӣ, ғаразҳои худхоҳона, авбошӣ бошанд ва дар робита ба афроди калонсол сабаби маъмултарини одамкушӣ гирифтани молу мулк ё қасос аз онҳост [19,с.149].

Дар ин маврид симои умумии қотилро чунин тасвир кардан мумкин аст: марди аз 18 то 50-сола, ки машрубот ё маводи мухаддир истифода мекунад. Ба рафтори ғайриҷамъиятӣ, дағалӣ, бераҳмӣ, аксаран баланд шудани эҳсоси шаҳвонӣ ва муносибати беэҳтиромона ба занон хос аст.

Дар байни қотилон, инчунин, одамони гирифтори бемориҳои руҳӣ низ мавҷуд мебошанд. Ҳангоми тафтишот маълум мешавад, ки онҳо аз майзадагӣ ё нашъамандӣ ба табобат ниёз доранд. Ин хусусият ба аксари ҳолатҳои одамкушиҳои хонаводагӣ ва баъзе ҳолатҳои одамкушии зархаридони кӯчагӣ дахл дорад [18,с.237].

Аксари одамкушиҳоро одамоне содир мекунанд, ки ҷабрдидаро хуб мешиносанд. Одамкушии шахсоне, ки тарзи ҳаёти зиддиҷамъиятиро пеш мебаранд, аз тарафи як тоифаи одамон содир карда мешаванд. Одамкушии ашхоси низоъҷӯй бештар ба назар мерасад. Истифодаи асбобҳои гуногуни ҷиноят аз мавҷудияти якчанд ҷинояткорон шаҳодат медиҳад, аммо аз ҷониби як ҷинояткор метавонад якчанд олот истифода шавад. Қотилони зан хеле кам ба рӯй мезананд, наврасон аксар вақт бо чӯбдаст, санг, ашёи рӯзгор ва аслиҳаи худсохт ба ҷабрдида осеб мерасонанд.

Маълумоте, ки ҳангоми азназаргузаронии маҳалли ҷиноят ё ҷойи пайдо шудани ҷасад дар бораи усули содир намудани ҷиноят ба даст омадааст, имкон баррасии шахсияти қотил ва тавсифи ӯро фароҳам меорад.

Ба ҷойи дигар интиқол додани ҷасад, бо хоку барг, алаф, шоха ва ғайра пӯшонидани он, ғарқ кардан, гӯр кардани мурда, осеби зиёд дидани рӯйи мурда аксаран воқеиятро аён месозад.

Баровардан ва пинҳон кардани либос, кӯшиши оташ задани ҷасад, ба қисмҳои хеле хурд тақсим кардани ҷасад ва ё ҷароҳатҳои зиёд ба қисмҳои гуногуни бадан хосси беморони рӯҳӣ мебошад.

Амалиёти қотилони соҳибтаҷрибаро, ки дар давраи хидмати ҳарбӣ ва ё дигар хидматҳои махсус, аз ҷумла дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз омӯзиши махсус гузаштаанд, тафтиш кардан махсусан душвор мебошад. Ин категорияи қотилон тамоми осори ҷиноятро ба таври махсус рӯйпӯш месозанд. Аммо набояд фаромӯш сохт, ки дар ҳамаи навъҳои ҷиноят осоре гузошта мешавад [10,с.24-26].

Ҳамин тариқ, баррасии хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ дар илми ҳуқуқшиносии муосир мавқеи муҳимро касб намуда, таҳқиқи омилҳои сар задани он, мафҳумии ҳуқуқии истилоҳи мазкур, аломатҳои ин мафҳуми ҳуқуқӣ, иштирокчиёни ин раванди ҳуқуқӣ, пешгирии хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ ҳамоно таҳқиқталаб боқӣ монда, дар асоси дастовардҳои кишварҳои пешрафтаи олам ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявию амалии ин соҳа метавон хулосагирии дақиқи илмӣ баровард.

**Муқарриз: д.и.х, профессори ДМТ – Назаров А.Қ.**

## АДАБИЁТ


1. Ахмедшин Р.Л. Криминалистическая характеристика личности преступника: Монография / Р.Л. Ахмедшин. - Томск, 2005. – С.43-45.
2. Баев О.Я. И все же: реальность или иллюзия (еще раз о криминалистической характеристике преступления) / О.Я. Баев // Вестник криминалистики. Отв. А.Г. Филиппов. - М., 2002. -Вып. I (з) -С.20.
3. Белкин Р.С. Избранные труды / Р.С. Белкин. – М., 2008. -С.572.
4. Белкин Р.С. Криминалистика: проблемы сегодняшнего дня / Р.С. Белкин. – М.: Юрист, 2001. – 145 с.
5. Белкин Р.С. Криминалистическая энциклопедия / Р.С. Белкин. – М.: Мегатрон, 2000. – 198 с.
6. Белкин Р.С. Модное увлечение или новое слово в науке? / Р.С.Белкин, И.Е.Быховский, А.В. Дулов // Социалистическая законность. -1987. -№9.
7. Бурданова В.С. Криминалистическая характеристика преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков / В.С. Бурданова и др. -Спб, 1998 -С. 3-4.
8. Возгрин И.А. Основные положения учения о криминалистической характеристике преступлений / И.А. Возгрин // Криминалистика. Учебник под ред. Т.А. Седовой. –Спб, 2001. -С.73.
9. Грибулин В.В. Раскрытие умышленных убийств / В.В. Грибулин // Законность. – 2002. -№4. -С.31-33.
10. Игнатьев И.К. Расследование по горячим следам / И.К. Игнатьев // Судный день. – 2006. -№6. -С.24-26.
11. Игнашин В.И. Криминалистика. Уч.пос. / В.И. Игнашин. – Ростов н/Д Феникс, 2006. - С.351.
12. Казанцев С.Я. Проблема обеспечения общественной безопасности в связи со свободным оборотом холодного оружия и «опасных предметов» // Актуальные проблемы раскрытия и расследования преступлений по горячим следам: вопросы взаимодействия и применения современных технических средств / С.Я.Казанцев // Материалы Всероссийской научно–практической конференции. – Калининград: ОН и РИО КИЮ МВД России, 2004. – С.168 – 170.
13. Князьков А.С. Криминалистика. Курс лекций / А.С. Князьков. Под ред. проф. Н.Г.Ведерникова. - Томск, 2008. - С.868–869.
14. Козлов В.А. Научные основы криминалистической характеристики налоговых преступлений»: Автореф.дисс. д.ю.н./ В.А. Козлов. - Владимир, 2006. – С.10–11.

15.Корноухов В.Е. Предмет раздела науки «Методика расследования отдельных видов преступлений / В.Е. Корноухов. - Красноярск, 2007. -С.23.
16. Мешков В.М. Основы криминалистической теории о временных связях / В.М. Мешков. – Калининград: КЮИ МВД РФ, 1999. – 145с.
17.Образцов В.А. Проблемы раскрытия преступлений против здоровья населения, связанных с пищевыми отравлениями: Автореф.дис.к.ю.н./ В.А.Образцов. -М., 1976 с.8; Он же. К вопросу о методике раскрытия преступлений//Вопросы борьбы с преступностью. -М., 1977. -Вып. 27. - С.107.
18. Петров С.В. Способы саморегуляции сотрудниками ОВД эмоциональных состояний в экстремальных условиях деятельности / С.В.Петров. – Калининград: КЮИ МВД России, 2005. – 237 с.
19. Поврезнюк Г.И. Формы и стадии собирания и исследования личностной информации / Г.И. Поврезнюк. – М.: МГЮА, 2005. – 149с.
20. Полстовалова О.В. Кризис концепции криминалистической характеристики и современные тенденции персонификации в криминалистической тактике // Современные проблемы публичного-прававого и частно–правового регулирования / О.В. Полстовалова. – Уфа: РИО БашГУ, 2005. – С. 92 – 115.
21. Танасевич В.Г. Указ. соч. С.92.
22. Теория оперативно – розыскной деятельности. – М.: ИНФРА-М, 2006. – 159 с.
23.Филиппов А.Г. Общие положения методики расследования отдельных видов и групп преступлений //Криминалистика. Учебник / А.Г. Филиппов. Под ред. А.Г. Филиппова. – М., 2004. -С.443.
24. Шошин С.В. Расследование умышленных убийств, совершенных на бытовой почве / С.В. Шошин. – Саратов: СГАП, 2000. -234 с.

## ОМӮЗИШ ВА ТАСНИФИ ХУСУСИЯТҲОИ КРИМИНАЛИСТИИ ОДАМКУШӢ

Дар замони муосир усули тафтиши намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо яке мазуъҳои таҳқиқталаби илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт ҳар як ҷузъи методологияи криминалистӣ унсури нисбатан мустақил буда, вазифаҳои махсуси худро дорост. Дар мақола ба таври мухтасар хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ, омилҳои сар задани он, мафҳуми ҳуқуқии истилоҳи мазкур, аломатҳои ин мафҳуми ҳуқуқӣ, макон ва замони содир шудани ҷиноят, иштирокчиёни ин раванди ҳуқуқӣ, пешгирии хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, оид ба ҷанбаҳои назариявию амалии ин соҳа хулосаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Дар ҷараёни содир намудани ҷиноят байни унсурҳои алоҳида робита ба вуҷуд омада, дар рафти тафтишоти пешакӣ зуҳуроти онҳоро ҷустуҷӯ бояд кард. Бо дарназардошти таҳлилҳо оид ба мафҳуми аломатҳои криминалистии ҷиноятҳо ва мазмуни сохтории он метавон муайян кард, ки унсурҳои умумии аломатҳои криминалистии ҷиноятҳо фарогири усули тайёр кардан, содир намудан, пинҳон доштани ҷиноят, механизми ҷиноят, шахсияти ҷиноятkор, шахсияти ҷабрдида ва баррасии ҳолати ҷиноят мебошад. Пешгирӣ, ошкор ва таҳқиқи ҳодисаҳои одамкушӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ ҳамчун системаи маълумоти умумии ба ҳам алоқаманд дар бораи аломатҳои маъмултарини усул ва механизми одамкушӣ, муқаррароти содир намудани он, шахсияти қотил ва макони содир шудани ҷиноят, маълумот дар бораи ҳалли амалии масъалаҳо аҳаммияти зиёд дорад. Аломатҳои криминалистии ин унсурҳои ҷиноят ва худи таркиби ҷиноят бо ҳамдигар алоқаи муайян доранд. Пас аз гирифтани маълумоти муайян дар бораи яке аз элементҳо метавон дар бораи хусусиятҳои хосси элементҳои дигар маълумоти мувофиқ пайдо кард. Макон ва замони содир шудани ҷиноят ба хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ дахл дорад. Асосан ҷойи содир шудани ҷиноят ва ҷойи пайдо шудани ҷасад аксар дар як макон амалӣ мегардад. Ҳолатҳои дигар имкони зуд муайян кардани ҳолатҳои парвандаро мураккаб мегардонад. Ҳамзамон, ҳангоми тафтиши одамкушиҳо таснифи онҳо вобаста ба усулҳои пинҳон кардани ин навъи одамкушиҳо нақши муҳим дорад. Ҳамин тариқ, баррасии хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ дар илми ҳуқуқшиносии муосир мавқеи муҳимро касб намуда, таҳқиқи омилҳои сар задани он, мафҳуми ҳуқуқии истилоҳи мазкур, аломатҳои ин мафҳуми ҳуқуқӣ, макон ва замони содир шудани ҷиноят иштирокчиёни ин раванди ҳуқуқӣ, пешгирии хусусиятҳои криминалистии одамкушӣ ҳамоно таҳқиқталаб боқӣ монда, дар асоси дастовардҳои кишварҳои пешрафтаи олам ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявию амалии ин соҳа метавон хулосаҳои дақиқи илмӣ баровард.

**Калидвожаҳо:** муфаттиш, коршинос (эксперт), мутахассис, ҷабрдида, қотил, шахсияти ҷиноятkор, ҷиноят, одамкушӣ, авбошӣ, таркиби ҷиноят, парвандаи ҷиноятӣ, тафтиши ҷиноят, амалҳои тафтишӣ.

## ИЗУЧЕНИЕ И КЛАССИФИКАЦИЯ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИХ ХАРАКТЕРИСТИК УБИЙСТВ

В современное время метод расследования отдельных видов преступлений считается предметом исследования юридической науки, и в этом направлении каждый элемент криминалистической методологии является относительно самостоятельным элементом и имеет свои особые задачи. В статье кратко рассматриваются криминалистические особенности убийства, факторы, его вызывающие, юридическое значение этого термина, признаки этого правового понятия, место и время совершения преступления, участники этого юридического процесса, предупреждение криминалистической особенности убийства, теоретические и практические аспекты этой области, представлены научные выводы по данному понятию. В процессе совершения преступления существует связь между отдельными элементами, и в ходе предварительного следствия следует добиваться их появления. С учетом анализа понятия криминалистических признаков преступлений и его структурного содержания можно определить, что к общим элементам криминалистических признаков преступлений относятся: способ приготовления, совершения, сокрытие преступления, механизм преступления, характер преступления, личность преступника, личность жертвы и изучение состояния преступления. Предотвращение, раскрытие и

расследование убийств является одной из важнейших задач правоохранительных органов. Имеют большое значение судебно–медицинские особенности убийства как системы общих взаимосвязанных сведений о наиболее общих признаках способа и механизма убийства, правилах его совершения, личности убийцы и месте совершения преступления, о практическом разрешении преступления. Судебно–медицинские признаки этих элементов преступления и состав самого преступления находятся в определенной взаимосвязи друг с другом. Получив определенную информацию об одном из элементов, можно найти соответствующую информацию о характеристиках других элементов. Место и время совершения преступления связаны с криминалистической характеристикой убийства. В основном место совершения преступления и место обнаружения тела зачастую находятся в одном и том же месте. Другие обстоятельства затрудняют быстрое определение обстоятельств дела. При этом при расследовании убийств важную роль играет их классификация в зависимости от способов сокрытия данного вида убийств.Таким образом, рассмотрение криминалистических особенностей убийства в современной юриспруденции приобрело важное положение, а исследование его причин, юридического значения этого термина, признаков этого юридического понятия, места и времени совершения процесса предупреждения криминалистических особенностей убийства, все еще нуждаются в исследовании. На основе достижений развитых стран мира и изучения теоретических и практических аспектов в этой области можно сделать точные научные выводы.

**Ключевые слова:** следователь, эксперт, специалист, потерпевший, убийца, личность преступника, преступление, убийство, хулиганство, состав преступления, уголовное дело, расследование преступления, следственные действия.

**THE STUDY AND CLASSIFICATION OF THE FORENSIC CHARACTERISTICS OF MURDERS**

In modern times, the method of investigation of certain types of crimes is considered to be a subject of research in legal science, and in this direction, each element of forensic methodology is a relatively independent element and has its own special tasks. The article briefly examines the criminalistic features of murder, the factors that cause it, the legal meaning of this term, the signs of this legal concept, the place and time of the crime, the participants in this legal process, the prevention of the criminalistic features of murder, and the theoretical and practical aspects of this field. scientific conclusions on this concept are presented. In the process of committing a crime, there is a connection between individual elements, and during the preliminary investigation, their appearance should be sought. Taking into account the analysis of the concept of forensic signs of crimes and its structural content, it can be determined that the general elements of forensic signs of crimes include the method of preparing, committing, concealing the crime, the mechanism of the crime, the identity of the criminal, the identity of the victim, and examining the state of the crime. Prevention, detection and investigation of murder incidents is one of the most important tasks of law enforcement agencies. Forensic features of murder as a system of general interrelated information about the most common signs of the method and mechanism of murder, regulations for its commission, the identity of the killer and the place where the crime was committed, information about the practical solution of the issues are of great importance. The forensic signs of these elements of the crime and the composition of the crime itself have a certain relationship with each other. After obtaining certain information about one of the elements, it is possible to find relevant information about the characteristics of other elements. The place and time of the crime are related to the forensic characteristics of murder. Basically, the place where the crime was committed and the place where the body was found are often in the same place. Other circumstances make it difficult to quickly determine the circumstances of a case. At the same time, during the investigation of murders, their classification plays an important role depending on the methods of concealment of this type of murders. Thus, the examination of the criminalistic features of murder in modern jurisprudence has gained an important position, and the investigation of its causes, the legal meaning of this term, the signs of this legal concept, the place and time of the perpetrators of this legal process, the prevention of the criminalistic features of murder, are still in need of research, on the basis of the achievements of the developed countries of the world and the study of theoretical and practical aspects of this field, it is possible to draw accurate scientific conclusions.

**Keywords:** investigator, expert, specialist, victim, murderer, identity of the criminal, crime, murder, hooliganism, composition of the crime, criminal case, investigation of crime, investigative actions.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Зеваршо Сафарович –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **szevarsho96@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Зеваршо Сафарович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **szevarsho96@mail.ru**

**Information about the author:** ***Safarov Zevarsho Safarovich*** – Tajik national University, Ph.D doctoral student of the Department of Criminalistics and Forensic Expertise. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. E-mail: **szevarsho96@mail.ru**

ТДУ: 347.61/.64(575.3)

# НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ МОЛУ МУЛКИ ҲАМСАРОН

*Аминжонов А.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Муносибатҳои молумулкии ҳамсарон асосан бо қонунгузории оилавӣ ба танзим дароварда мешаванд, ки солҳои охир ба худ бештар хусусияти диспозитивӣ (иродавӣ)-ро касб намуда истодаанд. Муқаррар гардидани аҳдномаи никоҳ дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон далели ин гуфтаҳост, зеро он ба ҳамсарон имконият фароҳам овардааст, ки бо ихтиёри худ вазъи ҳуқуқии молу мулкашонро муайян намоянд. М.В. Антаколская муносибатҳои молумулкии ҳамсаронро, ки бо қонунгузории оилавӣ ба танзим дароварда мешаванд, ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо менамояд: а) муносибатҳои марбут ба молу мулки якҷояи умумии ҳамсарон (молу мулке, ки дар давраи ҳамзистии якҷоя ба даст овардаанд); б) муносибатҳои марбут ба таъминоти моддии ҳамсарон (уҳдадориҳои алиментӣ) [1,с.4]. Ба назари мо, ин муносибатҳо асосан аз се гурӯҳ иборат буда, илова ба ду гурӯҳи зикршуда, инчунин муносибатҳо вобаста ба молу мулки шахсии ҳамсаронро низ ворид намудан зарур аст, ҳамсарон тибқи аҳдномаи никоҳ тақдири молу мулки шахсии худро низ ҳал карда метавонанд.

Азбаски қонунгузории оилавӣ дар асоси шартнома (созишнома-аҳдномаи никоҳ) низ танзим намудани муносибатҳои молумулкии ҳамсаронро муқаррар намудааст, дар асоси он муҳаққиқон ду намуди асосии низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон (низоми қонунӣ ва низоми шартномавӣ)-ро фарқ менамоянд [6,с.32; 3;4]. Онҳо чунин мешуморанд, ки агар муносибатҳои молумулкии ҳамсарон дар асоси меъёрҳои қонунгузории оилавӣ танзим карда шаванд, низоми қонунии молу мулки ҳамсарон دониста шуда, дар асоси шартнома (созишнома)-и тарафҳо танзим шудани муносибатҳои молумулкии ҳамсарон низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқони ватанӣ (Маҳмудзода М.А. Худоёрзода Б.) чунин меҳисобанд, ки асоси ба ду гурӯҳ тасниф гардидани низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон ин пешбинии имконияти ҳам бо қонун ва ҳам бо шартнома танзим гардидани муносибатҳои молумулкии ҳамсарон дар қонунгузории оилавӣ мебошад. Онҳо аз ҷумла чунин қайд менамоянд: “Барои ба ду гурӯҳ тасниф гардидани низоми ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон он чиз асос мегардад, ки қонунгузории оилавӣ ҳолатҳои алоҳидаву мушаххаси татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ва ҳолатҳои алоҳидаву мушаххаси татбиқи муқаррароти шартномаро пешбинӣ менамояд. Масалан, дар мавриди тақсимоти молу мулки якҷояи умумии ҳамсарон муқаррароти қонунгузории оилавӣ татбиқ карда мешавад, агар дар ин хусус байни ҳамсарон созишнома дар бораи тақсимоти молу мулки якҷоя вуҷуд надошта бошад” [7,с.203]. Мавҷуд будани ин ду низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсаронро ин муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ пешбинӣ намудаанд. Мо низ ин андешаро ҷонибдорӣ намуда, илова менамоем, ки нисбат ба молу мулки ҳамсарон (махсусан ҳангоми тақсими он) ҳам меъёрҳои қонунгузории оилавӣ ва ҳам муқаррароти шартнома (созишнома)-и тарафҳо татбиқ шуданаш мумкин аст. Чунин ҳолат асосан вақте рух дода метавонад, ки ҳамсарон аҳдномаи никоҳ бастаанд, вале дар он вазъи ҳуқуқии як қисми молу мулкашонро муқаррар намуда, нисбат ба қисми дигар чизе пешбинӣ накардаанд. Масалан, ҳамсарон аҳдномаи никоҳ баста, дар он муқаррар менамоянд, ки тамоми молу мулке, ки онҳо минбаъд бас даст меоранд, чи бо роҳи туҳфа ё мерос ва чи бо роҳи дигар моликияти муштараки онҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми тақсими молу мулк суд муайян менамояд, ки ҳамсарон тақдири ҳуқуқии моликияти то никоҳ бадастовардаи худро дар аҳдномаи никоҳ муайян накардаанд. Пас моликияти то никоҳ бадастовардаи ҳамсаронро суд мувофиқи меъёрҳои қонунгузории оилавӣ ва маданӣ (низоми қонунӣ) ва дигар моликияти онҳоро мувофиқи муқаррароти шартнома – аҳдномаи никоҳ (низоми шартномавӣ) тақсим менамояд. Ҳамчунин, бо сабаби дар аҳдномаи никоҳ пешбинӣ нагардидани ҳиссаи тарафҳо нисбат ба молу мулки муштарак суд тамоми моликияти бадастовардаи ҳамсаронро бо назардошти аҳдномаи никоҳ муштарак ҳисоб намуда (низоми шартномавӣ), ҳиссаи тарафҳоро мувофиқи қонунгузории оилавӣ муайян менамояд (низоми қонунӣ).

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо чунин меҳисобем, ки ҳуқуқи молумулкии ҳамсарон дар асоси низоми омехта низ ба танзим даровarда мешавад. Аз ин рӯ, дар баробари низоми ҳуқуқии қонунӣ ва шартномавии молу мулки ҳамсарон, низоми ҳуқуқии омехтаи онро низ эътироф намуда, паҳлуҳои ҷудогонаи онро таҳқиқу таҳлил намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон аз низоми қонунӣ, шартномавӣ ва омехта иборат мебошад. Азбаски низоми қонунии молу мулки ҳамсарон дар боби 7 ва низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон дар боби 8 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим гаштаанд, Ҳиматов Ҳ.Н. пешниҳод менамояд, ки барои ба ҳам мутобиқат намудани бобҳои 7 ва 8 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номи боби 7-ро аз "Ҳуқуқи амволии зану шавҳар" ба "Низоми қонунии молу мулки ҳамсарон" иваз намудан лозим аст [12,с.52]. Мо ба андешаи Ҳиматов Ҳ.Н. дар ин масъала қисман розӣ шуда метавонем. Дар масъалаи он ки боби 7 ва 8-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳам мутобиқат намекунанд бо Ҳиматов Ҳ.Н. ҳамфикрем, зеро дар боби 7 (ҳуқуқи амволии зану шавҳар) ва боби 8 (аҳдномаи никоҳ) як навъ пайдарҳамӣ вайрон гардидааст. Аммо оиди ба "Низоми қонунии молу мулки ҳамсарон" иваз намудани номи боби 7 бо Ҳиматов Ҳ.Н. розӣ шуда наметавонем. Аввалан, агар чунин бошад, бояд боби 8 на аҳдномаи никоҳ, балки "Низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон" номгузорӣ карда шавад, ки дар натиҷа зарурати тағйири номи фасли бобҳои мазкурро дарбаргиранда (фасли 3 "Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои зану шавҳар") ба вуҷуд меояд. Сониян, мо пайиҳам омадани истилоҳи "ҳуқуқ" ва "ӯҳдадори"-ро қабул медонем, паҳлуи дигари ҳамаи ҳуқуқ ӯҳдадорист ва дар фасли 3 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин пайдарҳамӣ риоя гардидааст. Аҳдномаи никоҳ ном гирифтани боби 8 ин пайдарҳамиро вайрон намуда, ба номи фасли 3 (Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои зану шавҳар) мутобиқат намекунад. Солисан, ҳуқуқи амволии зану шавҳар (боби 7) мафҳуми васеъ буда, муносибатҳои бо аҳдномаи никоҳ танзимшавандаро низ фаро мегирад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мо чунин мешуморем, ки ба аҳдномаи никоҳ боби алоҳида бахшида нашуда, он дар доираи боби 7- "Ҳуқуқи амволии зану шавҳар" муқаррар гардад. Зеро, агар фасли 3 ("Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои зану шавҳар") ва бобҳои онро (боби 6 "Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсии зану шавҳар", боби 7 "Ҳуқуқи амволии зану шавҳар", боби 8 "Аҳдномаи никоҳ", боби 9 "Масъулияти зану шавҳар аз рӯйи ӯҳдадориҳо") пайи ҳам гузорем, зиёдатӣ будани номи боби 8 баръало мушоҳида мегардад.

Доир ба он ки зери мафҳуми низоми қонунии молу мулки ҳамсарон кадом молу мулки онҳо: 1) молу мулки муштарак; 2) молу мулки шахсӣ; 3) ҳам молу мулки муштарак ва ҳам молу мулки шахсӣ фаҳмида мешавад, олимон андешаҳои гуногун доранд. Як гурӯҳи олимон бар он назаранд, ки низоми қонунии молу мулки ҳамсарон танҳо молу мулки муштараки онҳоро фаро мегирад (Кетско Е.В.) гурӯҳи дигари олимон ба мафҳуми низоми қонунии молу мулки ҳамсарон молу мулки муштарак ва шахсии онҳоро дохил менамоянд (Маҳмудзода М.А., Пчелинсева Л.М.). Масалан, Маҳмудзода М. қайд менамояд, ки ҳамчун низоми молу мулки муштараки ҳамсарон муайян карда шудани низоми қонунии молу мулки ҳамсарон қобили қабул набуда, таҳрири иловагӣ ва ҷиддиро талаб менамояд. Зеро ҳамсарон дар давраи ҳамзистии якҷоя ва пешбурди хоҷагии умумӣ на танҳо молу мулки муштарак, ҳамчунин молу мулки шахсиро низ ба даст меоранд, ки ин ҳангоми муайян намудани мафҳуми низоми қонунии молу мулки ҳамсарон ба инобат гирифта нашудааст.

Дар баробари молу мулки муштараки ҳамсарон, молу мулки алоҳидаи онҳо низ метавонад дар як вақт предмети низоми қонунии молу мулки онҳоро ташкил намояд. Аз ин хотир, дуруст мешавад, агар мо мафҳуми низоми қонунии молу мулки ҳамсаронро ба таври зерин муқаррар намоем: низоми қонунии молу мулки ҳамсарон гуфта, низоми молу мулки умумии якҷоя ва шахсии ҳамсаронро меноманд, ки тибқи қонунгузории оилавӣ муқаррар гардида, ҳангоми мавҷуд набудани аҳдномаи никоҳ татбиқ гардида, тақдири ҳуқуқии молу мулки ҳамсаронро муайян менамояд [8,с.123-124]. Ҳамсарон ҳуқуқ доранд, ки мувофиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон созишнома оид ба тақсими молу мулки муштарак (моддаи 38), аҳдномаи никоҳ (моддаи 40), созишнома оид ба таъминоти моддии ҳамдигар (моддаҳои 90, 100), созишномаи пардохти алимент (100) ва созишномаҳои дигари бо қонунгузории амалкунанда муқарраргардидаро банданд. Ин

маънои онро дорад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ низоми шартномавии молу мулки ҳамсаронро пешбинӣ намудааст. Яъне, ҳамсарон метавонанд дар асоси низоми шартномавии молу мулк вазъи ҳуқуқии молу мулки муштарак, молу мулки шахсӣ, тартиби таъминоти моддии ҳамдигарро бо ихтиёри худ, мустақилона ва албатта, бо риояи қонунгузории амалкунанда муайян ва ҳал намоянд. Қайд кардан бамаврид аст, ки институти аҳдномаи никоҳ дар қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ мавҷуд набуд ва созишномаи пардохти алимент бошад ҳам, суд метавонист онро ба эътибор нагирад, аз ин рӯ ҳамсарон муносибатҳои молумулкии худро тибқи шартнома дар сатҳ ва шакли имрӯза танзим карда наметавонистанд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав мебошад.

Муҳаққиқони ватанӣ дуруст қайд намудаанд, ки падидаи низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон дар қонунгузории оилавӣ мафҳуми нав буда, ба ҳамсарон ҳуқуқи озодона муқаррар намудани тартиби ихтиёрдорӣ ва ҳал кардани тақдири ҳуқуқии молу мулки оилавиро медиҳад [7,с.205]. Табиист, ки агар созишномаҳои зану шавҳар меъёрҳои қонунро вайрон намуда бошанд, беэътибор диниста шуда, оқибати ҳуқуқиро ба вуҷуд намеоранд. Ҳарчанд тақсими моликияти муштараки ҳамсарон дар суд бештар баҳсҳоро ба вуҷуд меоранд ва аҳдномаи никоҳ имконияти фарохи танзими муносибатҳои молумулкии ҳамсаронро пешбинӣ менамояд, ба аҳдномаи никоҳ ва доираи моликияти муштараки ҳамсарон маҳдуд намудани мафҳуми низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон чандон дуруст нест. Зеро, аз як тараф, ҳамсарон дар давраи зиндагии якҷоя метавонанд соҳиби моликияти шахсӣ низ гашта бошанд ва аз тарафи дигар, созишномаҳо дар бораи тақсимоти молу мулки муштарак, таъминоти моддии ҳамдигар, пардохти алимент низ ба мафҳуми низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон дохил мешавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, мафҳуми зерини пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ менамоем: низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон гуфта, низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсаронро меноманд, ки дар асоси хоҳиш ва иродаи тарафҳо бо мақсади муайян намудани тақдири ҳуқуқии молу мулки оилавӣ ва ихтиёрдорӣ намудани он муқаррар карда шуда (бо аҳдномаи никоҳ, созишнома дар бораи тақсимоти молу мулки муштараки ҳамсарон, созишнома дар бораи таъминоти моддии ҳамдигар, созишномаи пардохти алимент ба манфиати фарзандон ва ғ. А.А.Х.), метавонад ҳам молу мулки умумии якҷоя ва ҳам молу мулки шахсии ҳамсаронро фаро гирад ва ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсаронро дар нисбати ин молу мулк муқаррар намояд [8,с.126]. Азбаски молу мулки муштарак ва молу мулки шахсии ҳамсарон дар низоми қонунӣ хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошанд мо дар алоҳидагӣ омӯхтани низоми қонунии молу мулки муштарак ва низоми қонунии молу мулки шахсии ҳамсаронро зарур мешуморем.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ – Холиқзода А.Г.**

**АДАБИЁТ**


1. Антакольская М.В. Семейное право. Учебник / М.В. Антакольская. -М.: Юрист, 2006. -С. 4.
2. Елисеева А.А. К вопросу о конституционных основах защиты семьи в Российской Федерации / А.А. Елисеева // Семейное и жилищное право. -2014. -№ 3. -С. 21 - 24.
3. Комментарий Семейного кодекса Российской федерации. Под. Ред. Борисова А.Б. -М.: Книжный мир, 2010. - 416 с.
4. Кецко Е.В. Правовое регулирование института собственности супругов: дис. кан. юрид. наук / Е.В. Кецко. - Москва, 2006. –С. 174.
5. Косова О.Ю. Семейный кодекс РФ и развитие семейного законодательства / О.Ю. Косова // Вест. Тв Гу. Сер. Право. -2014. -№ 2. -С. 135–136.
6. Максимович Л.Б. Брачный договор (контракт): правовые режимы имущества супругов. Понятие и сущность брачного договора. Порядок заключения, изменения и расторжения брачного договора / Л.Б. Максимович. –М.: Издательство Ось-89, 2001. –С.32.
7. Маҳкам Маҳмудзода, Бахтиёр Худоёрзода. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. –С. 203.
8. Маҳкам Маҳмудзода. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмуи мақолаю маърузаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. –С. 123-124.
9. Нижник Н.С. Правовое регулирование брачно-семейных отношений в контексте эволюции государственно-правовой системы России, IX-XX вв. Дисс. ... доктора юрид. наук / Н.С. Нижник. - СПб.: Санкт-Петербургский ун-т МВД России. -2003. -492 с.

10. Низамиева О.Н. Договорное регулирование имущественных отношений в семье. Учебное пособие / О.Н. Низамиева. - М., 2003. - 264 с
11. Низамиева О.Н. Правовое регулирование брачного договора и межотраслевое взаимодействие // Правовое регулирование экономических отношений / О.Н. Низамиева. Под ред. З.М. Фаткудинова, Н.Е. Карягина. Казань: Изд-во Институт экономики, управления права "Таглимат", 2000. С.83-112 (коллективная монография).
12. Химатов Х.Н. Проблемы правового регулирования имущественных отношений супругов (по материалом Республики Таджикистан): Дис. канд. юрид. наук / Х.Н. Химатов. – Д., 2008. –С.52.
13. Рудык О.И. Эволюция института брака в советском семейном праве (1917–1996 гг.): дис. ... канд. юрид. наук / О.И. Рудык. - Нижний Новгород, 2015. С. 51.
14. Тагаева С.Н. Коллизионные вопросы недействительности брака (на примере Республики Таджикистан) / С.Н.Тагаева // Международное публичное и частное право. -2014. -№ 3. -С. 45 - 48.
15. Хидая: Комментарии мусульманского права Т. 1. Перевод с английского. Отв. ред. Н.И. Гродеков, С.И. Лахтина. -Ташкент, 1893. -535 с.

## НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ МОЛУ МУЛКИ ҲАМСАРОН

Мақола ба баррасии мавзуи низоми ҳуқуқи молу мулки ҳамсарон бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳамсарон ҳуқуқ доранд, ки мувофиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон созишнома оид ба тақсими молу мулки муштарак (моддаи 38), аҳдномаи никоҳ (моддаи 40), созишнома оид ба таъминоти моддии ҳамдигар (моддаҳои 90, 100), созишномаи пардохти алимент (100) ва созишномаҳои дигари бо қонунгузории амалкунанда муқarrаргардидаро банданд. Ин маънои онро дорад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ низоми шартномавии молу мулки ҳамсаронро пешбинӣ намудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки институти аҳдномаи никоҳ дар қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ мавҷуд набуд ва созишномаи пардохти алимент бошад ҳам, суд метавонист онро ба эътибор нагирад, аз ин рӯ, ҳамсарон муносибатҳои молумулкии худро тибқи шартнома дар сатҳ ва шакли имрӯза танзим карда наметавонистанд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки низоми шартномавии молу мулки ҳамсарон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав мебошад.

**Калидвожаҳо:** қонун, молу мулк, амвол, ҳамсарон, никоҳ, талоқ, моликият, зан, шавҳар, қонунгузории оилавӣ, моликияти шахсии ҳамсарон, моликияти муштараки ҳамсарон, Кодекси оила.

## ПРАВОВОЙ РЕЖИМ ИМУЩЕСТВА СУПРУГОВ

В статье автором подвергнут рассмотрению правовой режим имущества супругов. Автор отмечает, что в соответствии с Семейным кодексом Республики Таджикистан супруги имеют право на соглашение о разделе совместного имущества (статья 38), брачный договор (статья 40), соглашение о взаимном материальном обеспечении (статьи 90, 100), соглашение об уплате алиментов (100) и другие соглашения, установленные действующим законодательством. Это означает, что законодательством Республики Таджикистан в сфере семейного права предусмотрена договорная система имущества супругов. Следует отметить, что института брачного договора в законодательстве Советского Таджикистана не существовало, и даже при наличии соглашения об уплате алиментов суд мог его проигнорировать, поэтому супруги не могли урегулировать свои имущественные отношения согласно договору на современном уровне и форме. Таким образом, можно сказать, что договорная система имущества супругов является новым явлением в законодательстве Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** закон, имущество, супруги, брак, развод, жена, муж, семейное законодательство, личное имущество супругов, совместное имущество супругов, Семейный кодекс.

## LEGAL REGIME OF SPOUSES' PROPERTY

In the article, the author examines the legal regime of the property of spouses. The author notes that, in accordance with the Family Code of the Republic of Tajikistan, spouses have the right to an agreement on the division of joint property (Article 38), a marriage contract (Article 40), and an agreement on mutual material support (Articles 90, 100), agreement on the payment of alimony (100) and agreements on close others established by current legislation. This means that the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of family law provides for a contractual system of property of spouses. It should be noted that the institution of a marriage contract did not exist in the legislation of Soviet Tajikistan, and even if there was an agreement on the payment of alimony, the court could ignore it, so the spouses could not regulate their property relations in accordance with the contract at the modern level and form. Thus, we can say that the contractual system of property of spouses is a new phenomenon in the legislation of the Republic of Tajikistan.

**Key words**: law, property, property, spouses, marriage, divorce, property, wife, husband, family law, personal property of spouses, joint property of spouses, Family Code.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аминжонов Абдураззок Худойшукурович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. E-mail: **aabdurazzok@list.ru.** Телефон: **(+992) 93-379-83-84**

**Сведения об авторе:** ***Аминжонов Абдураззок Худойшукурович*** **–** Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, кандидат юридических наук, доцент кафедры право и государственного управления. **Адрес**: 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни 67. E-mail: **aabdurazzok@list.ru.** Телефон: **(+992) 93-379-83-84**

**Information about the author:** ***Aminjonov Abdurazzok Khudoishukurovich*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Law and Public Administration. **Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street 67. E-mail: **aabdurazzok@list.ru.** Phone: **(+992) 93-379-83-84**

ТДУ: 343.346

# МАСОИЛИ ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

*Нарзуллозода С.С., Сулаймонзода Р.Н.*
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ зери мафҳуми «тарафи субъективии ҷиноят» фаъолияти руҳии шахс, ки бевосита ба содир намудани ҷиноят алоқамандӣ дорад, фаҳмида мешавад [8,с.191-195; 17,с.88].

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ миёни олимон доир ба масоили тарафи субъективии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт (м. 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – минбаъд КҶ ҶТ) андешаи ягона ҷой надорад. Масалан, С.А. Комарикова, қайд менамояд, ки тарафи субъективии ҷинояти мазкурро гуноҳ дар шакли қасдона дар бар мегирад [6,с.141-144].

Ба андешаи Е.С. Стешич, Л.А. Прохоров, Э.А. Саркисова, М.М. Нафиков, дар баъзе ҳолат ҷинояти баррасишаванда бо тарзҳое содир мегардад, ки он ба ҳеҷ ваҷҳ ба мазмуни мафҳуми «ҷиноятҳои беэҳтиётӣ» мутобиқ наомада, ҳамчун қасдан расонидани зарар ба саломатӣ ё одамкушӣ бо қасди бавосита маҳсуб меёбад [18,с.19-21; 15,с.33-35; 16; 12].

Собин Д.В., Коробеев А.И. ва Якушин В.А. бар он назаранд, ки тарафи субъективии ҷинояти таҳлилшаванда бо ду шакли гуноҳ содир мегардад [17,с.67; 6,с.135; 21,с.138].

Қонунгузории ҷиноятӣ бошад, вобаста ба ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт (м. 212 КҶ ҶТ) танҳо гуноҳро дар шакли беэҳтиётӣ муқаррар намудааст.

Ба андешаи мо, мазмуни тарафи субъективии ҷинояти пешбининамудаи м. 212 КҶ ҶТ сохти мураккаб дорад, чунки муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдор ва оқибати он хусусияти омехтагиро дорост. Аз ин лиҳоз, мо ҷонибдори он назарем, ки ҳангоми дар ҳолати мастӣ содир намудани ҷинояти тадқиқшаванда он сарҳаде, ки қасди бавоситаро аз беэҳтиётӣ дар намуди худбоварӣ ҷудо менамояд, аз байн меравад. Зеро дар ҳолати мастӣ содир намудани ҷинояти мазкур муносибати руҳии шахсро ба таври ҷиддӣ иваз намуда, далели муносибати беэътиноёнаи шахс нисбат ба фаророрасии оқибати ҷиноят мебошад.

Ба фикри мо, тарафи субъективии ҷинояти тадқиқшавандаро гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ дар намуди худбоварӣ ё бепарвоӣ ташкил медиҳад.

Мутобиқи қ. 2 м. 29 КҶ ҶТ, ҷиноят ҳангоме аз худбоварӣ содиршуда эътироф мешавад, ки агар шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ карда, вале бе асосҳои ба он кофӣ, худбоварона ҳисоб карда бошад, ки он оқибатҳоро бартараф мекунад.

Мутобиқи қ. 3 м. 29 КҶ ҶТ бошад, ҷиноят ҳангоме аз бепарвоӣ содиршуда эътироф мешавад, ки агар шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ накарда бошад, ҳол он ки дар сурати бодиққатӣ ва дурандешии зарурӣ мебоист ва метавонист он оқибатҳоро пешбинӣ кунад» [3].

Тавре қаблан матраҳ намудем, тарафи субъективии ҷинояти тадқиқшаванда бо назардошти м. 212 КҶ ҶТ дар беэҳтиётӣ ифода мегардад. Аксари муҳаққиқон низ ин муқаррароти қонунро ҷонибдорӣ менамоянд. Аммо бояд зикр намуд, ки миёни онҳо доир ба масъалаи он ки ҷинояти баррасишаванда маҳз бо кадом намудҳои беэҳтиётӣ – худбоварӣ ё бепарвоӣ, содир мегардад, баҳсҳо мавҷуд аст. Масалан, ба фикри Б.А. Куринов ва П.С. Матишевский, ҷинояти мазкур дар намуди худбоварӣ [9; 11] ва ба андешаи Ф.Б. Мелников ва Е.В. Кичигина, дар намуди бепарвоӣ содир мегардад [12; 5]. Омӯзиши корҳои олимони номбурда нишон медиҳанд, ки сабаби чунин гуногунфаҳмии олимон дар муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдор ва оқибатҳои он ифода мегардад. Ба назари А.С. Кузмин, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ танҳо дар намуди беэҳтиётии бепарвоёна содир мегардад. Назари худро ӯ бо он асоснок менамояд, ки ронанда наметавонад ба бартараф намудани вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ эътимод намояд, дар ҳоле ки ӯ аллакай ин қоидаҳоро вайрон кард, чунки худи қоидавайронунӣ

зуҳуроти бебозгашт мебошад. Бинобар ин, муносибати худбоварона мумкин аст, танҳо нисбат ба оқибати ҷиноят ҷой дошта бошад [1,с.76]. Ба фикри мо, андешаи А.С. Кузминро ҷонибдорӣ намудан танҳо ба шарте мумкин аст, ки агар сухан аз рӯйи фаҳмиши ҳуқуқӣ-маъмурии мафҳуми гуноҳ нисбати вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт равад.

Бархе аз олимон бар он назаранд, ки ҷинояти баррасишаванда аз беэҳтиётӣ дар намуди худбоварӣ содир мегардад. Мувофиқи мазмуни моддаҳои 29 ва 212 КҶ ҶТ, ҷинояти тадқиқшаванда дар намуди худбоварӣ дар ҳоле содир мегардад, ки агар шахс имконияти бавуҷудоии оқибати ба ҷамъият хавфноки дар натиҷаи вайронкунии қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиётро пешбинӣ намуда, лекин бе асосҳои кофӣ худбоварона ҳисоб карда бошад, ки он оқибатҳоро бартараф мекунад. Аз мафҳуми додашуда бармеояд, ки дар он лаҳзаи иродавӣ ва зеҳнии гуноҳи ҷинояти тадқиқшаванда муайян гардидааст. Лаҳзаи зеҳнии худбоварӣ дар ҷинояти мазкур он аст, ки шахс имконияти бавуҷудоии оқибати ба ҷамъият хавфноки кирдори худро пешбинӣ менамояд. Лаҳзаи иродавӣ бошад, бе асосҳои кофӣ худбоварона ҳисоб мекунад, ки он оқибатҳоро бартараф менамояд. Дар ҳолати худбоварӣ шахс мумкин аст ба таҷрибаи худ, собиқаи кории бисёр, боэътимодии техника ва дигар ҳолатҳои ҷойдоштаи объективӣ боварӣ кунад, дар ҳоле ки уҳдадор буд, оқибати ба ҷамъият хавфнокро пешбинӣ намояд ва чунин қоидавайронкуниҳоро пешгирӣ кунад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки қонунгузории ҷиноятӣ дар мафҳуми «беэҳтиётӣ» аломатҳои зеҳнӣ ва иродавиро дарҷ намудааст. Аммо қайд кардан бамаврид аст, ки дар мафҳумҳои «худбоварӣ» ва «бепарвоӣ»-и пешбининамудаи КҶ ҶТ қонунгузор аломатҳои зеҳнию иродавии шахсро танҳо дар муносибат ба оқибатҳои ҷиноят нишон дода, дарк намудани кирдори худро дарҷ накардааст. Чунин танзимнамоӣ замина фароҳам овард, ки имрӯз дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ саволе ба миён омадааст, ки оё дар ҳолати худбоварӣ шахс метавонад ба ҷамъият хавфнокии ҳаракат ва беҳаракатии худро дарк намояд, ё ин ки не? Доир ба ин масъала назари олимонро ба се гурӯҳи алоҳида ҷудо намудан мумкин аст.

Ба ақидаи гурӯҳи якуми муҳаққиқон, шахс наметавонад кирдори ба ҷамъият хавфноки худро дарк намояд [19,с.37; 3,с.117]. Тарафдорони ин мавқеъ назари худро бо он асоснок менамоянд, ки шахс эътимод дорад, ки оқибати ба ҷамъият хавфнок фаро намерасад. Нуқтаи назари мазкурро ҷонибдорӣ намудан мушкил аст. Чунки, ба андешаи мо, дар ин маврид фаъолияти дарккунии инсон вобаста ба кирдор ва аҳаммияти воқеии он истисно гардидааст. Дар баробари ин, шахс оқибатҳои хавфноки эҳтимолиро пешбинӣ намуда, кӯшиши бартараф намудани фарорасии онҳоро менамояд, ки ин аллакай пай дар пай наменамояд.

Гурӯҳи дуюми олимон бар он назаранд, ки шахси дар ҳолати худбоварӣ ҷиноят содирнамуда ҳама вақт кирдори ба ҷамъият хавфноки худро дарк менамояд [21,с.144-145; 20,с.64-65]. Асоси исботкунии ин назарро олимон дар он мебинанд, ки шахс ҳангоми худбоварӣ оқибати ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро пешбинӣ намуда, кӯшиш менамояд, ки онҳоро бартараф созад ё эътимод ба он ҳолатҳои муҳимме дорад, ки онҳо фарорасии оқибатҳоро бартараф мекунанд. Яъне, пешбинии оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок танҳо дар ҳолати дарки кирдори худ имкон дорад. Вобаста ба ин, В.В. Лунеев қайд менамояд, ки бисёр вақт ҳуқуқшиносон хулосаҳои худро на бо асосҳои воқеияти иҷтимоӣ ё натиҷаҳои тадқиқоти психологӣ мебароранд, балки онҳо ба меъёрҳои КҶ такя мекунанд. Дар навбати худ, КҶ хусусиятҳои мухтасар дарҷ намудан ва ҳатто ба таври императивӣ маънидод кардани зуҳуроти психологиро доро мебошад. Ин ҳамон воқеияти ҳақиқие мебошад, ки ба ҳуқуқӣ-маҷозие, ки айни ҳол ба воқеият умумияти кам дорад, иваз шудааст. Чунончи, меъёрҳои КҶ вобаста ба гуноҳ аз пешравиҳо дар самти худмушоҳидакунӣ ва психологияи иҷтимоӣ ба таври назаррас ақиб мондаанд [2,с.348-387].

Сеюм гурӯҳ мепиндоранд, ки қонунгузор ҳангоми муайян намудани гуноҳи худбоварӣ диққати худро танҳо ба ҳолатҳои руҳии муносибати шахс нисбат ба оқибати ҷиноят равона карда, муносибати руҳии шахс нисбат ба ҳаракат ё беҳаркатии ба ҷамъият хавфнокро ба эътибор нагирифтааст [10,с.323]. Мо фикри гурӯҳи сеюмро ҷонидорӣ намуда, ҳамзамон, ба монанди А.И. Рарог [17,с.70] сабабҳои онро чунин меҳисобем:

- якум, ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда танҳо ҳангоми фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок ба вуҷуд меоянд. Аз ин бармеояд, ки муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдор на он қадар аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамзамон, кирдор он нақшеро ҳангоми таҷовузи қасдона, ки ҷавобгарӣ барои онҳо бе фаросиси оқибатҳои пешбининамудаи қонун фаро мерасад, бозида метавонад;

- дуюм, маҳз оқибати ҷиноят чун аломати объективӣ хусусиятҳои ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршударо муайян менамояд. Аз ин бармеояд, ки муносибат ба оқибат, ин дар асл муносибати шахси гунаҳгор ба кирдори ба ҷамъият хавфноки содиршуда мебошад.

Он тавр ки болотар қайд намуда будем, ҷинояти мазкур аз бепарвоӣ низ содир мегардад. Дар ҳолати бепарвоӣ шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ накарда, ҳол он ки дар сурати бодиққатӣ ва дурандешии зарурӣ мебоист ва метавонист он оқибатҳоро пешбинӣ кунад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мазмуни аломатҳои зеҳнии бепарвоиро бо ду аломат – манфӣ ва мусбӣ тавсиф менамоянд.

Аломати манфии зеҳнии бепарвоӣ дар мавҷуд набудани пешбининамоии шахс нисбат ба фаросиси оқибати ба ҷамъият хавфнок зоҳир мегардад. Инчунин, он набудани дарки ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва набудани пешбинии оқибати ҷиноятро дар бар мегирад.

Аломати мусбати зеҳнии бепарвоӣ дар он зоҳир мегардад, ки ронанда мебоист ва ё метавонист оқибатҳои ҷиноятии зарароварро пешбинӣ намояд. Барои ин шахс мебоист бодиққатӣ ва эҳтиёткории заруриро зоҳир менамуд. Дар ин радиф дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ барои ҳал намудани масъалаи он ки шахс мебоист ё метавонист фаро расидани оқибати ҷиноятро пешбинӣ намояд, ду меъёри зерин истифода бурда мешавад:

- якум, объективӣ – шахс мебоист пешбинӣ намояд;

- дуюм, субъективӣ – шахс метавонист пешбинӣ намояд.

Масъалаи дигаре, ки бевосита ба он бояд равшанӣ андохт, ҳолате мебошад, ки шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро вобаста ба ҳолатҳои кор намебоист ё наметавонист пешбинӣ намояд. Дар ин раванд бояд зикр намуд, ки тибқи қ. 2 м. 7 КҶ ҶТ (Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахс танҳо барои он кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибати бавуҷудомадаи он, ки гуноҳи ӯ нисбати он исбот гардидааст, кашида мешавад. Ин муқаррарот ба принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ асос меёбад, ки он яке аз принсипҳои муҳимми қонуни ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, қ. 3 моддаи болозикр истифодаи гунаҳгоркунии объективиро қатъиян манъ менамояд. Мақсади он пешгирии ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани шахс ҳангоми бегуноҳона расонидани зарар аст. Лозим ба ёдоварист, ки натиҷаи тадқиқоти баъзе мутахассисон нишон медиҳад, ки дар амалияи судӣ ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки ҳангоми бегуноҳона расонидани зарар шахсро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудаанд. Масалан, Б., ки ҳамчун ронандаи нақлиёти боркаш кор ва фаъолият менамуд, ҳангоми дар шаҳр ҳаракат намуданаш автомобилашро дар пиёдароҳа манъ намуд, то ин ки аз он одамонро фарорад. Мусофир Р. аз дохили автомобил фаромада, дари онро пӯшид ва садо зад, ки ронанда ҳаракат намояд. Б. 10 метр мошинро ронда ҳаракат намуд, ки овози «Исто» баланд шуд. Муайян гардид, ки Р. бо қисмати рости чархи автомобил пахш гардидааст. Дар вақти тафтишот муайян карда шуд, ки ҳангоми Р. аз автомобил фаромадан ва дарро пӯшидан аз борхалтаи ӯ картошкаҳо ба замин пош хӯрданд. Р. ба зери автомобил даромад, то ин ки онҳоро ҷамъ намояд ва дар ин замон автомобил ҳаракат намуда, ӯро пахш намуд.

Ҳамин тавр, бо назардошти муқаррароти болозикр ҳангоми мавҷуд набудани уҳдадорӣ ва ё имконияти пешбинӣ намудани оқибатҳои ҷиноят гуноҳи шахс истисно гардида, сарфи назар аз фаросиси оқибат, шахс на бояд аз рӯйи м. 212 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Аломатҳои иловагии тарафи субъективии ҷиноят (мақсад, ангеза, эҳсосот) аз рӯйи қоидаҳои умумӣ дар бандубасти ҷинояти мазкур таъсир намерасонад. Онҳо ҳангоми

таъини ҷазо метавонанд ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷазо ба инобат гирифта шаванд [2,с.350-351].

Ҳамин тариқ, дар асоси тадқиқоти тарафи субъективии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт чунин хулосаҳо пешниҳод намудан мумкин аст:

1) тарафи субъективии ҷинояти пешбининамудаи м. 212 КҶ ҶТ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Зеро дуруст муайян намудани он асоси ҷалб намудан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё озод кардан аз онро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, ҳангоми квалификатсияи ҷиноят мавҷудияти аломатҳои тарафи суъективии ҷиноят ҳатмӣ буда, он барои фарқ гузоштани ҷинояти мазкур аз дигар ҷиноятҳои ба ин монанд нақши калидиро мебозад. Илова бар ин, ҷиҳати муайян намудани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор заминаи муҳимро ташкил дода, ҳангоми фардикунонии ҷазо нақши ҳалкунанда мебозад;

2) тарафи субъективии ҷинояти тадқиқшавандаро гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ дар намуди худбоварӣ ё бепарвоӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ҷонибдорӣ намудани нуқтаи назари олимонеро, ки шакли гуноҳи ҷинояти мазкурро дар қасди бавосита низ эътироф намудаанд, бо асосҳои зерин мушкил мешуморем:

- тавре аз диспозитсия ва қисмҳои алоҳидаи м. 212 КҶ ҶТ бармеояд, дар он муносибати руҳии ронанда нисбат ба кирдори зиддиҳуқуқии худ ва оқибати фаворасии ин ҷиноят бояд дар беэҳтиётӣ зоҳир гардад;

- аз мазмуни Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №28, аз 18-уми декабри соли 2009 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин, ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» бармеояд, ки дар он шакли гуноҳи ҷинояти м. 212 КҶ ҶТ танҳо беэҳтиётӣ тавсиф ёфтааст;

- агар вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар шакли гуноҳи қасдона содир гардад, пас, кирдори шахс мутобиқи моддаҳои дахлдоре, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои қасдонаи муқобили ҳаёт, саломатӣ ё дигар арзишҳо муқаррар намудааст, бандубаст карда мешавад;

- қасдан содир намудани кирдори мазкур танҳо дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аст, аммо оқибати ҷиноят, ки қонунгузор ба он такя менамояд, дар шакли беэҳтиётӣ содир мегардад;

3) шакли гуноҳи ҷинояти таҳқиқшаванда беэҳтиётӣ буда, қонунгузор аломатҳои зеҳнию иродавии шахсро танҳо дар муносибат ба оқибатҳои ҷиноят нишон дода, аммо дарк намудани кирдори худро пешбинӣ накардааст. Назари олимонро вобаста ба он ки оё дар ҳолати худбоварӣ шахс метавонад ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк намояд ё ин ки не, ба се гурӯҳи алоҳида ҷудо намудан мумкин аст: 1) шахс наметавонад кирдори ба ҷамъият хавфноки худро дарк намояд; 2) шахси дар ҳолати худбоварӣ ҷиноят содирнамуда ҳама вақт кирдори ба ҷамъият хавфноки худро дарк менамояд; 3) қонунгузор ҳангоми муайян намудани гуноҳи худбоварӣ диққати худро танҳо ба ҳолатҳои руҳии муносибати шахс нисбат ба оқибати ҷиноят равона карда, муносибати руҳии шахс нисбат ба ҳаракат ё беҳаркатии ба ҷамъият хавфнокро ба эътибор нагирифтааст;

4) омӯзиши нуқтаи назари олимон ва таҳлили меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ нишон медиҳанд, ки дар КҶ ҶТ амалкунанда муносибати руҳии шахс танҳо нисбат ба оқибати ҷинояти м. 212 КҶ ҶТ муайян шуда, аммо муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдори ба ҷамъият хавфнок сарфи назар гардидааст. Инро метавон чунин шарҳ дод, ки ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда танҳо ҳангоми фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок ба вуҷуд меояд. Аз ин бармеояд, ки муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдор на он қадар аҳаммият дорад. Ҳамзамон, кирдор он нақшеро, ки ҳангоми таҷовузи қасдона, ки ҷавобгарӣ барои онҳо бе фаворасии оқибатҳои пешбининамудаи қонун фаро мерасад, бозида метавонад. Илова бар ин, маҳз оқибати ҷиноят, чун аломати объективӣ, хусусиятҳои ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршударо муайян менамояд. Аз ин бармеояд, ки муносибат ба оқибат дар асл муносибати шахси гунаҳгор ба кирдори ба ҷамъият хавфноки содиршуда мебошад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ – Раҳмонзода М.Ҷ.**

**АДАБИЁТ**

1. Бохан А.П. Уголовная ответственность за нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств: дис. … канд. юрид. наук / А.П. Бохан. – М., 2003. – 211 с.
2. Кравцов А.Ю. Дорожно-транспортная преступность: закономерности, причины, социальный контроль / А.Ю. Кравцов, А.И. Сирохин, Р.В. Скоморохов, В.Н. Шиханов. Под ред. д-ра юрид. наук, проф. В.В. Лунеева. – СПб.: Издательство «Юридический центр-Пресс», 2011. – 474 с.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, №574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306.
4. Келина С.Г. Принципы советского уголовного права / С.Г.Келина, В.Н. Кудрявцев. -М.: Наука, 1988. -176 с.
5. Кичигина Е.В. Ответственность за нарушение безопасности движения городского транспорта / Е.В. Кичигина. - М., 1966.
6. Комарикова С.А. Уголовно-правовая оценка нарушения правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств (статья 264 УК РФ): дис. ... канд. юрид. наук / С.А. Комарикова. -Омск, 2018. -213 с.
7. Коробеев А.И. Транспортные преступления и транспортная преступность / А.И. Коробеев. -М., 2015. -488 с.
8. Кудратов Н.А. Квалификация «посягательство на жизнь государственного или общественного деятеля» Республики Таджикистан по субъективным признакам / Н.А. Кудратов // Вестник Таджикского национального университета. - 2019. -№3. -Ч. I. -С.191-195.
9. Куринов Б.А. Ответственность за преступные нарушения правил безопасности движения и эксплуатации автомототранспорта / Б.А. Куринов // Советская юстиция. -1983. -№24.
10. Курс уголовного права: В 2 т. Т. 1: Учение о преступлении. -М., 1999.
11. Матышевский П.С. Ответственность за преступления против общественной безопасности, общественного порядка и здоровья населения / П.С. Матышевский. -М.: Юрид. лит., 1964. -233 с.
12. Мельников Ф.Б. Уголовно-правовая охрана безопасности движения на улицах и дорогах: дис. ... канд. юрид. наук / Ф.Б. Мельников // РГУ. – Ростов-на-Дону, 1964.
13. Нафиков М.М. Проблемы определения субъективной стороны преступления, предусмотренного ст. 264 УК РФ (вопросы теории и практики) // Мировой судья. - 2010. -№5. [Электронный ресурс]. URL: http://www.justicemaker.ru/view-article.php?id=21&art=60 (дата обращения: 16.01.2024 г.).
14. Прохоров Л.А. Актуальные вопросы противодействия преступным нарушениям правил дорожного движения в России / Л.А. Прохоров // Рос. Следователь. - 2012. -№23.
15. Саркисова Э.А. Нарушение правил безопасности движения и эксплуатации транспортных средств. [Электронный ресурс] URL: http://www.kaznachey.com/doc/7h30Dq Vea9A/text/ (дата обращения: 08.01.2024 г.).
16. Семернёва Н.К. Квалификация преступлений (части Общая и Особенная): Научно-практическое пособие / Н.К. Семернёва. -М.: Проспект: Екатеринбург: Издательский дом «Уральская государственная юридическая академия», 2017. -296 с.
17. Собин Д.В. Противодействие нарушениям правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств (ст. 264, $264^1$ УК РФ): проблемы построения составов преступлений, пенализации и предупреждения: дис. … канд. юрид. наук / Д.В. Собин. -Краснодар, 2019. -187 с.
18. Стешич Е.С. Ответственность за «опасное вождение»: нужны ли реформы? / Е.С. Стешич // Актуальные вопросы права и отраслевых наук. - 2015. -№1(1).
19. Тихонов К.Ф. К вопросу о разграничении форм виновности в советском уголовном праве / К.Ф.Тихонов // Правоведение. -1963. -№3.
20. Уголовное право (общая часть) в вопросах и ответах: Учеб. Пособие / Г.С. Гаверов, В.А. Авдеев, В.Г. Татарников и др. -2-изд., испр. и доп. Иркутск: Издание ГП «Иркутская областная типография №1», 2000.
21. Якушин В.А. Субъективное вменение и его значение в уголовном праве / В.А. Якушин. -Тольятти, 1998. -267 с.


## МАСОИЛИ ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ


Мақола ба масоили баҳсталаби тарафи субъективии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт (моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои олимони ҳуқуқшиноси хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин дар асоси муқаррароти қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷинояти таҳқиқшаванда муаллифон ба хулосае омадаанд, ки тарафи субъективии ҷинояти мазкурро гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ ташкил медиҳад. Хулосаҳои асосноки муаллифон дар ин соҳа манзур карда мешаванд. Чунин хулосабарорӣ мешавад, ки муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдор на он қадар аҳаммият дорад. Ҳамзамон, кирдор он нақшеро, ки ҳангоми таҷовузи қасдона, ки ҷавобгарӣ барои онҳо бе фаровасии оқибатҳои пешбининамудаи қонун фаро мерасад, бозида метавонад. Илова бар ин, маҳз оқибати ҷиноят, чун аломати объективӣ, хусусиятҳои ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршударо муайян менамояд. Аз ин бармеояд, ки муносибат ба оқибат дар асл муносибати шахси гунаҳгор ба кирдори ба ҷамъият хавфноки содиршуда мебошад.



**Калидвожаҳо:** тарафи субъективии ҷиноят, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, истифодаи воситаҳои нақлиёт, муносибатҳои руҳии шахс, гуноҳ, қасдона, беэҳтиётӣ, худбоварӣ, бепарвоӣ.

## ПРОБЛЕМЫ СУБЪЕКТИВНОЙ СТОРОНЫ ПРЕСТУПЛЕНИЯ НАРУШЕНИЯ ПРАВИЛ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ И ЭКСПЛУАТАЦИИ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

В статье рассматриваются спорные вопросы субъективной стороны преступления, предусмотренного статьей 212 Уголовного кодекса Республики Таджикистан (Нарушение правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств). На основе комплексного анализа взглядов ведущих зарубежных и отечественных ученых-правоведов, а также положений уголовного законодательства Республики Таджикистан в области исследуемого преступления, авторы делают вывод о том, что субъективной стороной преступления является вина в форме неосторожности. Авторами представлены обоснованные выводы в этой области. Делается вывод, что психическое отношение человека к действию не столь важно. При этом деяние может играть ту роль, которую оно играет в случае умышленной агрессии, ответственность за которую наступает без последствий, предусмотренных законом. Кроме того, последствие преступления как объективный признак определяет особенности опасности для общества преступлений, совершенных по неосторожности. Из этого следует, что отношение к последствиям – это фактически отношение виновного к опасному для общества деянию.

**Ключевые слова:** субъективная сторона преступления, правила дорожного движения, эксплуатация транспортных средств, психическое отношение лица, вина, умысел, неосторожность, самонадеянность, небрежность.

## PROBLEMS OF THE SUBJECTIVE SIDE OF CRIME VIOLATION OF TRAFFIC RULES AND OPERATION OF VEHICLES

The article discusses controversial issues of the subjective side of the crime provided for in Article 212 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan (Violation of traffic rules and operation of vehicles). Based on a comprehensive analysis of the views of leading foreign and domestic legal scholars, as well as the provisions of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan in the field of the crime under study, the authors conclude that the subjective side of the crime is guilt in the form of negligence. The authors present substantiated conclusions in this area. It is concluded that a person’s mental attitude to action is not so important. In this case, the act can play the role that it plays in the case of deliberate aggression, responsibility for which occurs without consequences provided for by law. In addition, the consequence of a crime, as an objective sign, determines the characteristics of the danger to society of crimes committed through negligence. It follows from this that the attitude towards the consequences is actually the attitude of the perpetrator towards an act dangerous to society.

**Keywords:** subjective side of the crime, traffic rules, operation of vehicles, mental attitude of a person, guilt, intent, carelessness, arrogance, negligence.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад –*** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2, майори милитсия. **Суроға:** 734012, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. Телефон: **(+992) 918-18-68-63**. E-mail: **n.suhrob-92@mail.ru**

***Сулаймонзода Рустам Неъматулло –*** Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2, лейтенанти калони милитсия. **Суроға:** 734012, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. Телефон: **(+992) 939-96-75-62**

**Сведения об авторах:** ***Нарзуллозода Сухроб Саидахмад –*** Академия МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, начальник кафедры уголовного процесса факультета №2, майор милиции. **Адрес:** 734012, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица М.Мастонгулова, 3. Телефон: **(+992) 918-18-68-63**. E-mail: **n.suhrob-92@mail.ru**

***Сулаймонзода Рустам Неъматулло –*** Академия МВД Республики Таджикистан, старший преподаватель кафедры уголовного процесса факультета №2, майор милиции. **Адрес:** 734012, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица М.Мастонгулова, 3. Телефон: **(+992) 939-96-75-62**

**Information about the authors:** ***Narzullozoda Sukhrob Saidakhmad –*** Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Head of the Department of Criminal Procedure, Faculty No. 2, Police Major. **Address:** 734012, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Mastongulov street, 3. Phone: **(+992) 918-18-68-63.** E-mail: **n.suhrob-92@mail.ru**

***Sulaimonzoda Rustam Nematullo –*** Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, senior lecturer of the Department of Criminal Procedure, Faculty No. 2, police major. **Address:** 734012, Dushanbe, Republic of Tajikistan, M. Mastongulov street, 3. Phone: **(+992) 939-96-75-62**

ТДУ: 343.1(575.3)

# ШАКЛИ ОМЕХТАИ ГУНОҲ

*Сабуров А.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ғояи асосии консепсияи шакли омехтаи гуноҳ (баъзан омехта ё мураккаб низ номида мешавад) дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асри XIX пайдо шудааст. Он аввалин маротиба аз ҷониби криминалисти маъруфи олмонӣ А.Фейербах таҳқиқ карда шудааст, ки диққати худро ба қобилияти ҳаракати ҷиноятии инсон равона сохтааст, ки боиси оқибатҳои муайян ва баъзан боиси расонидани ин ё он зарар мегардад. Олим навишта буд, ки “ҳолате мешавад, ки нияти бад ва бепарвоӣ ба ҳам мепайванданд: вақте ки шахс дар назди худ мақсади муайяни дорои оқибати ғайриқонунӣ мегузорад, вале аз кирдоре, ки ба воситаи он ин мақсад бояд ба даст оварда мешуд, оқибати дигари ғайриқонунӣ ба миён меояд, ки шахс оқибати кирдори худро пешбинӣ мекард ё метавонист пешбинӣ намояд. Дар ин ҷо нияти нопок дар асоснок кардани он мақсаде, ки воқеан шахс ба он ноил шудан мехост ва бепарвоӣ оид ба оқибатҳои бавуҷудомада аз кирдоре, ки ба мақсади дигари ғайриқонунӣ нигаронида шудааст, ифода меёбад. Аз ин рӯ, иродаи шахс, ки асоси чунин вайронкунӣ мебошад, метавонад нияти бад, бепарвоӣ номида шавад” [19,с.56-57].

Имконияти дар якҷоягӣ мавҷуд будани ду шакли гуноҳ дар таркиби вазнинкунандаи ҷиноятҳо мафҳуми “шакли омехтаи гуноҳ”-ро ба вуҷуд овард. А.А. Пионтковский ҳанӯз соли 1925 навишта буд, ки мувофиқи м. 11 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Русия аз соли 1922, ки гунаҳгоркунии объективиро истисно мекунад, вазнин кардани ҷазо барои ба вуҷуд омадани оқибатҳои кирдори қасдона “бо шарти муайян кардани муносибати руҳии субъекти ҷиноят ба ҷинояти бандубастшаванда ва ба оқибати объективии ҷиноят дар шакли беэҳтиётӣ имконпазир аст” [12,с.138; 13,с.398]. Хеле дертар, вақте қонунгузории ҷиноятӣ шакли муосири худро соҳиб шуд, А.А. Пионтковский андешаи худро такмил дода, чунин навиштааст: “Дар қонун як қатор таркибҳои ҷиноятҳо тавре нишон дода шудаанд, ки ба аломатҳои тарафи объективии таркиб бевосита хосиятҳои муайяни ҳаракат (ё беҳаракатӣ) ва оқибати муайяни ҷиноятӣ дохил карда шудаанд. Вобаста ба ин, ҳангоми баррасии тарафи субъективии онҳо муносибати руҳии шахсро нисбат ба ҳаракат ё беҳаракатии содиршуда ва муносибати руҳии шахсро ба оқибатҳои ҷиноятии бавуҷудомада фарқ кардан лозим меояд. Дар чунин таркиби ҷиноятҳо мо ба истилоҳи гуноҳи омехта дучор мешавем”.

Ногуфта намонад, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1961 меъёрҳо дар бораи бо ду шакл содиршавии гуноҳ мавҷуд набуд, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои ба вуҷуд омадани ақидаҳое, ки мавҷудияти онро тамоман рад мекунанд, мусоидат кард. Масалан, Н.Ф. Кузнетсова ақидаи худро чунин баён кардааст: “...ба кирдор ва оқибати ҷиноят муносибати дигари субъективӣ вуҷуд дошта наметавонад. Агар шахс хусусияти ба ҷамъият хавфнок будани кирдорашро пешбинӣ карда бошад, пас ӯ оқибатҳои зарарнокеро, ки ин кирдор ба он оварда метавонад, низ пешбинӣ мекунад. Фаъолияти ҷиноятӣ ҳамчун яке аз шаклҳои фаъолияти бошууронаи инсон, чун қоида, бо он фарқ мекунад, ки субъект пеш аз содир кардани баъзе кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок аллакай аҳаммият ва натиҷаи онҳоро дар шакли идеалӣ ифода мекунад” [8,с.139]. Воқеияти объективӣ хеле мураккаб аст, аммо муносибати руҳии субъект ба кирдори содиршаванда боз ҳам мураккабтар аст. На ҳама вақт чунин аст, ки шахси гунаҳгор ҷиноятро танҳо қасдан ё танҳо аз беэҳтиётӣ содир мекунад. Ғайр аз ин, дар як қатор ҷиноятҳо инкишофи робитаи сабабӣ ба андозае мураккаб ва мушаххас аст, ки гунаҳгор оқибатҳои наздикро пешбинӣ карда истода, оқибатҳои нисбатан дуртар (аз рӯйи замон)-ро пешбинӣ карда наметавонад.

Г.А. Кригер хусусияти мураккаби омилҳои зеҳнӣ - иродавии фаъолияти руҳии шахсро қайд карда, вале дар айни замон ҷонибдори инкор кардани имконияти баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорҳое, ки бо ду шакли гуноҳ содир шудаанд, боқӣ мемонад. Г.А. Кригер чунин қайд мекунад: «Шаклҳои гуноҳ ҳангоми мавҷуд будани оқибатҳои бевосита ва дигар оқибатҳои вазнин омехта нестанд, балки мустақилона муқаррар карда мешаванд.

Аз ин рӯ, дар бораи ягон шакли “омехта”-и гуноҳ сухан рондан мумкин нест. Мавҷудияти робитаи сабабӣ байни кирдор, оқибатҳои бевосита ва дигар оқибатҳо асос медиҳад, ки кирдори содиршуда ҳамчун як ҷинояти дорои тарафҳои мураккаби объективӣ ва субъективӣ баррасӣ карда шавад. Чунин ҳолате, ки тарафи субъективиро тавсиф мекунад, бояд гуноҳи мураккаб ё гуноҳи омехта (на шакли гуноҳ) номида шавад, дар ҳоле ки оқибати аз беэҳтиётӣ бавуҷудомада ба сифати аломат ё ҳолати вазнинкунанда ҳисоб карда мешавад” [7,с.4]. Барои чунин мавқеъ Г.А. Кригерро ба номувофиқатӣ танқид мекунанд, зеро вай ба тарафдорони шакли омехтаи гуноҳ на аз рӯйи моҳият эътироз мекунад, балки баҳсро ба соҳаи истилоҳот табдил медиҳад. Дар ин бора В. Григорев навиштааст [2,с.29], ки чунин танқидро дар мақолаи П.С. Дагел дидан мумкин аст [3,с.29]. Аммо ин тавр нест. Баҳс дар ин ҷо на дар бораи истилоҳот, балки дар бораи моҳият аст. Г.А. Кригер чунин мешуморад, ки гуноҳи омехта маҳз чунин робитаи қасд ва беэҳтиётӣ аст, ки ба пайдоиши шакли нави сеюми гуноҳ оварда намерасонад. Шаклҳои гуноҳ, ба ақидаи ӯ, дар сурати мавҷуд будани оқибатҳои вазнини бевосита ва дигар оқибатҳо омехта нестанд, балки мустақилона муқаррар карда мешаванд ва гуноҳи мураккаб ё омехта шакли махсуси гуноҳ нест.

Инкишофи назарияи гунаҳгоркунии субъективӣ боиси дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ пайдо шудани мафҳуми шакли омехтаи гуноҳ гардид. Ба назар чунин мерасад, ки шартҳои таҳиякардаи П.С. Дагел ва Д.П. Котов оид ба мавҷудияти шакли омехтаи гуноҳ асоснок ба ҳисоб мераванд. Онҳо чунинанд: а) дар як қатор таркиби мураккаби ҷиноятҳо раванди руҳие, ки мазмуни гуноҳро ташкил медиҳад, нисбат ба кирдор ва оқибатҳои он метавонад гуногунранг бошад; б) чунин тарафи субъективии гуногун аз ҷониби қонунгузор дар як қатор таркиби ҷиноятҳо муайян карда мешавад; в) шакли нави гуноҳ дараҷаи муайяни ба ҷамъият хавфнокии ин гурӯҳи ҷиноятҳоро инъикос менамояд. Аммо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба моҳияти намуди гуноҳи таҳқиқшаванда ақидаи ягона вуҷуд надорад [4,с.160].

Дар замони худ, А.Я. Эстрин навиштааст, ки дар ҷиноятҳои мансабӣ аз ҷониби шахси мансабдор вайрон кардани уҳдадориҳояш танҳо дар шакли қасд содир карда мешавад ва муносибати ӯ ба оқибатҳо ҳамеша дар шакли беэҳтиётӣ зоҳир мегардад. Олим чунин ҷиноятҳоро “қасдона - беэътиноёна муносибат кардан ба хизмат” номид ва бар ин назар аст, ки онҳоро шакли қасдонаи гуноҳ эътироф кардан мумкин нест [25,с.46-48]. В.Ф. Кириченко, ки пайваста ҳуқуқи мавҷудиятро барои консепсияи шакли омехтаи гуноҳ ҳимоя мекард, ҳангоми омӯзиши сохтори ҷиноятҳои расмӣ аз нуқтаи назари муносибати руҳии шахси гунаҳгор чунин навиштааст: “Муносибати руҳӣ нисбат ба истифодабарии мавқеи хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор хилофи манфиатҳои хизматӣ аз ҷониби қонун ҳамчун муносибати руҳии қасдона ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки баамаломада муайян карда мешавад, ки - расонидани зарари ҷиддӣ ба манфиатҳо ва ҳуқуқҳои дар боло зикргардида дар қонун муайян карда нашудааст. Назария ва амалияи судӣ аз он бармеояд, ки он метавонад қасдан ё аз беэҳтиётӣ бошад. Гузашта аз ин, қасди бавосита ва беэҳтиётӣ шаклҳои омехтаи гуноҳ мебошанд” [6,с.13-14]. Чунон ки дар адабиётҳо зикр шудааст, содир намудани кирдори бошуурона қасдан эътироф шуда, муносибат ба оқибаташ беэҳтиётӣ ҳисобида мешавад. Дар ин бобат андешаи А.Я. Светлов одилона ба назар мерасад, ки чунин аст: “Тарафдорони шакли омехтаи гуноҳ байни мафҳумҳое, ки ба ҳам зич алоқамананд, вале якхела нестанд - мафҳуми дидаю дониста (яъне дарки руҳии ҳаракатҳои худ, фаҳмиши паҳлуи воқеии онҳо) ва қасд (танҳо мафҳуми ҳуқуқӣ, ки дарки ба ҷамъият хавфнокии кирдор, пешгӯии оқибатҳои зарарноки он ва хоҳиш ё роҳ додан ба фаро расидани ин оқибатҳоро дар бар мегирад). Шахс метавонад дидаю дониста ҳаракатҳои муайянеро анҷом диҳад, ки аз рӯйи аҳаммияти ҳуқуқӣ мафҳуми қасдро фаро намегирад” [15,с.65-66]. Бо хулосаи оқилонаи В.А. Ширяев метавон розӣ шуд: “Вақте ки гуногунии муносибати руҳӣ ба кирдор ва оқибат ё оқибатҳои гуногуне, ки дар натиҷаи содир кардани як ҳаракати ҷиноятӣ ба вуҷуд омадааст, метавон дар бораи шакли омехтаи (мураккаб) гуноҳ сухан ронд, ки он на дар бораи «омехтани» шаклҳои гуногуни гуноҳ нисбат ба унсурҳои гуногуни таркиб, балки ҳамчун тавсифкунандаи ҳамаи кирдори ба ҷамъият хавфнок мебошад” [22,с.18].

Як қатор муаллифон чунин ибораҳоеро истифода мебаранд, ки имкон медиҳанд, то оид ба омезиши механикӣ дар доираи ҳамон як кирдори қасдона ва беэҳтиётӣ суҳбат кард. Н.А. Беляев ва М.П. Шаргородский формулаи зеринро пешниҳод мекунанд: «Шакли мураккаби гуноҳ ин дар як таркиб ҷамъ шудани ду шакли гуногуни гуноҳ мебошад, ки яке аз онҳо муносибати руҳӣ ба ҳодисаи бевосита ва дигаре ба натиҷаи дуюми ҷиноятро тавсиф мекунад» [11,с.436]. Т.С. Рашковская ба ин масъала низ ҳамин тавр муносибат мекунад. Ӯ пешниҳод менамояд, ки шакли омехтаи гуноҳ бояд ҳамчун «якҷоягии гуногуни шаклҳои гуноҳ нисбат ба кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки он» фаҳмида шавад [16,с.148]. В.Ф. Демин оид ба категорияи қасд ва беэҳтиётӣ чунин мафҳумро пешниҳод менамояд: «Гуноҳ ҳамеша ягона аст ва дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ зоҳир мешавад. Аммо ҳолатҳое ҳастанд, ки дар моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ки фарорасии оқибатҳо ҷиноятро вазнин мекунанд ва намуди вазнинкунандаи ин ҷиноятро ташкил медиҳанд. Илова бар ин, агар таркиби асосии ҷиноят ба гуноҳи қасдона хос бошад, муносибат нисбат ба оқибатҳои вазнини дар таркиби вазнинкунандаи ин ҷиноят пешбинишуда беэҳтиётӣ мебошад. Дар чунин ҳолатҳо сухан дар бораи ҷиноятҳое меравад, ки бо ду шакли гуноҳ содир карда мешаванд” [5,с.3]. Бе инкор кардани имкониятҳои муносибатҳои алтернативии назариявӣ барои дарки моҳияти шакли гуноҳи баррасишаванда, бояд қайд кард, ки нуқсони асосии ҳамаи ин таърифҳо дар он аст, ки шакли омехтаи гуноҳ дар онҳо ҳамчун омезиши одии механикии шаклҳои гуноҳ дар доираи як таркиби ҷиноят баррасӣ карда мешавад.

Ақидаи алтернативӣ аз ҷониби В.А. Ширяев пешниҳод карда шудааст, ки чунин аст: “Ба андешаи мо, м. 27 КҶ ФР бе дастгирии консепсияи шакли омехтаи гуноҳ танҳо ҳудуди гунаҳгоркунии субъективии оқибатҳои ҷиноятиро ҳангоми содир кардани як ҷиноят муайян мекунад. Қонун ҳолатҳоеро танзим мекунад, ки ҳангоми содир намудани ҷинояти қасдона дар баробари оқибатҳои бевосита, инчунин, оқибатҳои вазнинтаре ба вуҷуд меоянд, ки қасди гунаҳгорро дар бар намегиранд. Мутобиқи принсипи гунаҳгорӣ, ки гунаҳгоркунии объективиро истисно мекунад, ҷавобгарӣ барои чунин оқибатҳо метавонад дар ҳолате ба миён ояд, ки агар дар кирдори шахс ҳадди ақал шакли беэҳтиётии гуноҳ мавҷуд бошад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ мавҷуд набудани мафҳуми бо ду шакл содир шудани гуноҳ, албатта, онро аз имкони мавҷудияти он дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳрум намекунад” [23,с.5-6]. Ва боз як мавқеи муаллиф оид ба ин масъала чунин аст: “Бо ду шакл содир шудани гуноҳ ин муносибати (омезиши) муайяни унсурҳои шуур ва иродаи шахси содиркунандаи ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки тавсифкунандаи муносибати руҳии ӯ нисбат ба кирдоре мебошад, ки боиси дидаю дониста роҳ додан ба фаро расидани оқибат, ки шахс интизори он буд, ки ин оқибатҳоро метавонист пешбинӣ намояд ва ё мебоист пешбинӣ кунад. Умуман, кирдори асосӣ ҳангоми фаро расидани оқибатҳои вазнини ғайричашмдошт хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиро тағйир дода, мазмуни дигар пайдо мекунад. Сухан аллакай дар бораи як ҷузъи дигари таркиби ҷиноят меравад ва мувофиқан, гуноҳ мазмуни дигар пайдо мекунад, ки аз таърифи қонунгузории қасд фарқ мекунад, вале ба мафҳуми беэҳтиётӣ низ мувофиқат намекунад” [24,с.6]. Ба назари мо дар ин ҷо В.А. Ширяев равишеро пешниҳод кардааст, ки «омезиши» одии шаклҳои қасд ва беэҳтиётиро дар як кирдор инкор намуда, таъсири мутақобилаи мураккаби унсурҳои зеҳнӣ ва иродавии шахсро дар фаъолияти руҳии ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои мураккаб дар назар дорад. Чунин ба назар мерасад, ки ин равиш бештар ба назарияи психологии гуноҳ мувофиқат мекунад.

А.В. Куликов дар асоси назарияи психологии гуноҳ ба хусусиятҳои конструксияи таркиби ҷиноятҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо ду шакл содиршавии гуноҳро чунин муайян мекунад: “Бо ду шакл содиршавии гуноҳ - ин маҷмуи сифатан муайяншуда дар доираи як раванди руҳии муносибати қасдона нисбат ба таркибҳои асосии ҷиноят ва муносибати беэҳтиётона нисбат ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфноке мебошад, ки аз он ба вуҷуд меоянд” [10,с.20-21]. В.И. Ткаченко бо ду шакл содиршавии гуноҳро ба таркиби моддии конструктивӣ вобаста медонад [18,с.60-62].

Гурӯҳи дигари муаллифон мавқеи то андозае дигарро доир ба масъалаи шакли омехтаи гуноҳ ишғол мекунанд. П.С. Дагел ва Д.П. Котов, бо ду шакл содир шудани гуноҳро мустақил ном набурда, барои муқаррар кардани мавқеи он дар якҷоягӣ бо қасд ва

беэҳтиётӣ тавассути истилоҳи «мавқеи мобайнӣ» муроҷиат намуда, чунин менависанд: “Дар шакли омехтаи гуноҳ муносибати субъект ба манфиатҳои ҷамъият, ки тавассути ҷиноят вайрон шудааст, дорои аломатҳои умумии ҳам қасд ва ҳам беэҳтиётӣ мебошанд: дидаю дониста содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, ки субъект ба ҷамъият хавфнокии онро дарк намуда, рафтори худро бевосита ба манфиатҳои ҷамъияти сотсиалистӣ муқобил мегузорад ва дар баробари ин ба он манфиатҳои ҷамъиятие, ки бо оқибатҳои ин кирдор бевосита вайрон карда мешаванд, ба қадри нокифоя бодиққат муносибат мекунанд. Бо ҳамин, мавқеи мобайнии шакли омехтаи гуноҳ ба вуҷуд меояд” [4,с.160]. Бо назардошти ҳамин мантиқ, А.Д. Горбуза чунин таърифро пешниҳод мекунад: “Шакли омехтаи гуноҳ дар ҷиноятҳои мураккаб шакли мустақили ифодаи муносибати манфии шахс ба манфиатҳои ҷамъият мебошад, ки аз ҷиҳати дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ мавқеи мобайниро дар байни қасд ва беэҳтиётӣ ишғол мекунад ва дараҷаи муайяни хавфи ҷинояти мураккабро тавсиф мекунад. Ин сеюмин шакли мустақили гуноҳ аст” [1,с.12]. Воқеан, А.Д. Горбуза шакли дугонаро (ба истилоҳи муаллиф омехта) ба дараҷаи шакли мустақил мерасонад, ки бевосита дар бораи он менависад. Ин мавқеъ, ҳам аз доираи равиши қонунгузорӣ, ҳам дар маънои Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) ва ҳам Кодекси ҷиноятии ҶТ (соли 1998) берун аст, зеро дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, умуман, бо ду шакл содиршавии гуноҳ зикр нашудааст ва гарчанде ки қонунгузори муосир кирдорҳои бо ду шакл содиршударо эътироф намояд ҳам, дар умум онҳоро қасдан тасниф мекунад. Аммо, сарфи назар аз вазъияти охирин, бешубҳа, ҳақ бар ҷониби А.Д. Горбуза аст, ки бо ду шакл содиршавии гуноҳ омехтагии одии қасд ва беэҳтиётӣ набуда, балки синтези ба қадри кофӣ мураккаби онҳоро ифода мекунад, ки ин имкон медиҳад, то аз нуқтаи назари расмӣ – ҳуқуқӣ аз нав ба шакли омехтаи гуноҳ баҳо дода шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар адабиётҳо нуқтаи назари пешниҳодкардаи П.С. Дагел, Д.П. Котов, А.Д. Горбуза дар бораи хусусияти хосси бо ду шакл содиршавии гуноҳ дар як қатор мавридҳо бо баҳои танқидӣ вомехӯрд. А.И. Рарог беасос будани кӯшишҳои тавсиф кардани ин падидаро ҳамчун як шакли мустақили гуноҳ, ки гӯё дар байни қасд ва беэҳтиётӣ мавқеи мобайниро ишғол мекунад, исбот мекунад. Ба ақидаи ӯ, омезиши ду шакли гуноҳ, ки ҳеҷ кадоми онҳо мазмуни мустақили худро гум намекунад, танҳо дар таркибҳои вазнинкунандаи ҷиноятҳо имконпазир аст ва аз хусусияти тарафи объективии чунин таркибҳо вобаста аст. Дар баробари ин, қасд дар таҷовуз ба объекти асосӣ зоҳир мешавад, ки он хусусияти қасдонаи ҷиноятро дар маҷмуъ муайян мекунад ва танҳо муносибат ба оқибатҳои вазнинкунанда метавонад беэҳтиётӣ бошад [14,с.284]. А.В. Куликов инчунин қайд мекунад, ки бо ду шакл содиршавии гуноҳро ҳамчун шакли мустақил ҷудо кардан лозим нест: “Кӯшиши исботи мустақилияти шакли омехтаи гуноҳ дар баробари қасд ва беэҳтиётӣ бо сабабҳои зерин комилан муваффақ ба назар намерасад: якум, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҳар гуна ҷиноят, пеш аз ҳама, на аз рӯйи гунаҳгории шахс дар содир намудани он, гарчанде ки ин ҳам нишондиҳандаи муҳим аст, балки аз рӯйи аҳаммияти он муносибатҳои ҷамъиятие, ки мавриди таҷовуз қарор гирифтаанд ва ҳаҷми зарар муайян карда мешавад. Дуюм, гуноҳ ва шаклҳои он дар алоҳидагӣ аз воситаи моддӣ, ки кирдори ҷиноятӣ мебошад, умуман ягон хавфи ҷамъиятӣ надоранд. Ба ҷамъият хавфнокӣ - хусусияти умумии кирдорест, ки бо назардошти тамоми аломатҳои объективӣ ва субъективии он муайян карда мешавад. Ин аз мазмуни моддаи 7 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС бармеояд (мувофиқан м. 17 КҶ ҶТ), ки мафҳуми ҷиноятеро муайян мекунад, ки дар он ба ҷамъият хавфнокӣ ҳамчун яке аз аломатҳои он баромад мекунад. Гузашта аз ин, мафҳуми ба ҷамъият хавфнокӣ дар қонуни ҷиноятӣ ба ҷуз дар робита бо ҷиноят истифода намешавад. Сеюм, қасд ва беэҳтиётӣ мафҳумҳои универсалии ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ мебошанд, ки мазмуни он дар моддаҳои 8 ва 9 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (мутаносибан – бо моддаҳои 28, 29 Кодекси ҷиноятии ҶТ) сабт шудааст.

Бо вуҷуди ин, танҳо А.В. Куликов ҳуқуқи шакли омехтаи гуноҳро ба мавҷудияти мустақил асоснок мекунад. Мавқеи мухолифи муаллиф, бо истифода аз дастовардҳои муосири психология, аз ҷумла, назарияи тафаккури мукаммал дар заминаи мавҷуд набудани танзими қонунгузории бо ду шакл содиршавии гуноҳ (дар Кодекси ҷиноятии

ҶШС Тоҷикистон соли 1961) шарҳ дода мешавад. Агар ба фаҳмиши бо ду шакл содиршавии гуноҳ дар чунин шакле, ки П.С. Дагел, Д.П. Котов ва А.Д. Горбуза пешниҳод мекунанд, муносибат кунем, пас бартарият ба муҳокимаронии А.В. Куликов дар бораи аломатҳои асосии он (омилҳо) дода мешавад. Муаллиф навиштааст: "Дар асоси омилҳои сохтори тарафи объективии таркиби ҷиноятҳо, бо назардошти динамикаи тарафи субъективӣ хусусиятҳои тавсифкунандаи ҷиноятҳоро бо ду шакли гуноҳ, ки мазмуни онро ифода мекунанд, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мураттаб кардан мумкин аст. Онҳо чунинанд:

1) бо ду шакл содиршавии гуноҳ, танҳо дар таркиби моддии ҷиноятҳо мавҷуд аст, ки тарафи объективии он аз таркиби асосии ҷиноятҳо ва оқибатҳои хавфноки он бармеоянд;

2) бо ду шакл содиршавии гуноҳ маҷмуи унсурҳои сохторӣ, ки дар доираи як раванди руҳӣ омезиши сифатан муайяншудаи муносибати қасдонаи гунаҳгорро ба таркибҳои асосии ҷиноят ва муносибати беэҳтиётона нисбат ба оқибатҳои аз он бавуҷудомадаро инъикос менамояд;

3) оқибатҳои фаророасидаи барои ҷамъият хавфнок хавфи ҷамъиятии кирдорро зиёд мекунанд, барои фаро расидани онҳо ҷавобгарии вазнини ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст;

4) ин оқибатҳо ҳолатҳои вазнинкунанда мебошанд ва барои фарқ кардани ҷиноятҳо бо ду шакли гуноҳ аз ҷиноятҳои ҳаммонанд хизмат мекунанд" [9,с.12-13].

Мавқее, ки оид ба ин масъала, аз ҷониби В.А. Ширяев пешниҳод карда шудааст, ихтилофнок аст. Аз як тараф, муаллиф чунин мешуморад, ки ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо "муқаррар намудани муносибати гуногуни руҳии шахс ба таркиби асосии ҷиноят ва ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки аз он бармеояд, муносибати руҳӣ дар таркиби асосии он дар шакли қасд ва вазнинкунанда - дар шакли беэҳтиётӣ ифода меёбад. Ин омезиши қасд ва беэҳтиётӣ шакли мустақили бо ду шакл содиршавии (мураккаб) гуноҳ ҳисобида мешавад" [21,с.17]. Баъдан, мавқеи муаллиф "дар муайян кардани бо ду шакл содиршавии гуноҳ аз муқаррар кардани муносибати дигар дар доираи як раванди руҳӣ ба оқибатҳои иловагии ҷиноят ва оқибати ғайричашмдошт, ки як ҷиноятро ташкил медиҳанд, бармеояд. Дар ин маврид, қасд ва беэҳтиётӣ ҳамчун шаклҳои мустақили гуноҳ амал намекунанд, вале дар бораи онҳо ҳангоми тавсифи шакли омехтаи гуноҳ танҳо шартан сухан рондан мумкин аст, то нишон диҳад, ки муносибат ба оқибати асосӣ хосси қасд ва муносибат ба оқибати иловагии ғайричашмдошт барои беэҳтиётӣ хос мебошад. Ин аниқ аз мавҷудияти шакли омехтаи гуноҳ далолат мекунад, ки он ба қасд ва беэҳтиётӣ мубаддал нашуда, дар сатҳи субъективӣ падидаи воқеиро инъикос менамояд, ки дар баробари хоҳони фаро расидани оқибат нахостани фаро расидани оқибатро ҷалб менамояд, ки ҷинояткор мебоист ва метавонист онро пешбинӣ намояд". Аммо шакли омехтаи гуноҳро ҳамчун падидаи воқеие, ки онро ба қасд ва беэҳтиётӣ табдил додан мумкин нест, муҳокима намуда, мавқеи қонунгузорро зери шубҳа гузоштан мумкин нест, ки тибқи он ҷинояти бо ду шакли гуноҳ содиршаванда одатан қасдан содиршуда эътироф карда мешавад. Бо камоли боварӣ гуфтан мумкин аст, ки содир шудани як ҷиноят бо як гуноҳ мувофиқ аст. Дар акси ҳол ба принсипи адолат мухолифат мекунад: ҳеҷ кас наметавонад барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад – қоидае, ки аллакай ба ҳуқуқи Римӣ маълум аст (non biz in idem). Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маҳз шакли омехтаи гуноҳ ягонагии гунаҳгориро дар ҷинояти содиршуда нишон медиҳад, ки хусусияти он тарафи объективӣ мебошад, ки бо фарорасии оқибати иловагӣ, вазнинтар, мураккаб мегардад. Чунин ба назар мерасад, ки қонунгузории муосири ҷиноятӣ (Кодекси ҷиноятӣ) дар боби 5 «Гуноҳ» м. 30 ҷавобгариро барои ҷинояте, ки бо ду шакли гуноҳ содир шудааст, пешбинӣ кардааст: «Ҷавобгарӣ барои ҷинояте, ки бо ду шакли гуноҳ содир шудааст» чунин пешбинӣ менамояд: «Агар шахс дар натиҷаи қасдан содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ дигар оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро расонад, ки мувофиқи ҳамин Кодекс боиси таъини ҷазои сахттар мегардад, чунин ҷиноят қасдан содиршуда эътироф мешавад». Бештари ҷиноятҳои бо қонун пешбинишуда ё қасдона ва ё аз беэҳтиётӣ содир мешаванд. Вале баъзан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои қасдан содиршаванда пурзӯр карда мешавад, агар аз беэҳтиётӣ зараре ворид шуда бошад, ки қонун он зарарро ҳамчун аломати вазнинкунандаи таркиби ҷиноят донистааст. Дар чунин маврид дар як ҷиноят мумкин аст, ду шакли гуноҳ вуҷуд дошта бошад. Ду шакли гуноҳ

танҳо метавонад, дар таркибҳои вазнинкунандаи ҷиноят баробар бо ҳам вуҷуд дошта бошанд; қасд чун аломати конструктивии таркиби асосӣ ва беэҳтиётӣ нисбати оқибати вазнинкунанда.

Вобаста ба оқибати содиршавии ҷиноятҳо бо ду шакли гуноҳ профессор Шарипов Т.Ш. ақидаи худро чунин пешниҳод намудааст: "Ҷиноятҳо бо ду шакли гуноҳ дар қонуни ҷиноятӣ башуморанд ва тамоми онҳо ба яке аз ду типҳои мавҷуда сохта шудаанд:

Типи аввалро ҷиноятҳое ташкил медиҳанд, ки бо ду оқибати дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда ва ҳар яке аз ин оқибатҳо аҳаммияти гуногуни ҳуқуқиро соҳиб мебошанд. Дар ин ҷо, сухан дар бораи намудҳои вазниннашудаи ҷиноятҳое меравад, ки таркиби асосии онҳо моддӣ буда, аммо ба сифати аломати вазнинкунанда оқибати бештар вазнин, нисбати оқибате, ки аломати ҳатмии таркиби асосист, баромад менамояд. Ҳамчун қоида, оқибати вазнинкунанда дар расонидани зарар ба объекти дигар, на ба он объекти бевоситае, ки намуди асосии ҷинояти мазкур таҷовуз меоварад, таҷассум меёбад. Чунончи, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (қ. 1 м. 110 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба саломатии инсон таҷовуз меоварад, ки таркиби асосии он расмӣ буда, лекин агар қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гашта бошад, ба сифати объекти чунин ҷинояти беэҳтиётона ҳаёт баромад мекунад.

Типи дуюми ҷиноят бо ду шакли гуноҳ бо муносибати гуногунхели руҳӣ ба ҳаракат ё беҳаракатӣ, ки новобаста аз оқибат ҷиноят маҳсуб мешаванд ва ба оқибатҳои вазнинкунанда тавсиф меёбад. Дар ин ҳолат, оқибати вазнинкунанда, чун қоида, аз расонидани зарар ба объекти иловагӣ, на ба оне, ки ҳамчун таркиби асосии ҷинояти мазкур бо меъёри расмикунонидашуда ҳифз карда мешавад, иборат аст. Ба ин тип намудҳои вазнинкунандаи ҷиноятҳое мансубанд, лекин таркибҳои вазнинкунанда оқибатҳои вазнини муайянро дар бар мегиранд. Онҳо метавонанд, дар диспозитсияҳои моддаҳо дар шакли мушаххас нишон дода шуда (марги инсон ҳангоми исқоти ғайриқонунии ҳамл (аборт) – қ. 3 м. 123 КҶ ҶТ, ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби киштии ҳавоӣ, обӣ ё қатораи роҳи оҳан б. «б» қ. 3 м. 184 КҶ ҶТ ё аз нуқтаи назари вазнинии оқибати вазнин баҳо дода шаванд. Дар таркибҳои типи дуюм қасдона содиршавии ҳаракати (беҳаракат) ҷинояти бо муносибати беэҳтиётона ба оқибатҳои вазнинкунанда вобастаанд [20,с.145-147].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ гипотеза оид ба шакли омехтаи гуноҳ пешниҳод карда шудааст, ки мазмуни хосро доро буда, синтези мураккаби қасд ва беэҳтиётӣ мебошад ва метавонад иддао кунад, ки дар низоми дигар шаклҳои гуноҳ (қасд ва беэҳтиётӣ) ҷудо карда шудааст. Маҳз ҳамин гипотеза ба назари мо дуруст менамояд. Чунин ба назар мерасад, ки далелҳои асосие, ки пешниҳод карда мешавад, бояд ба хусусиятҳои тарафи объективии таркиби ҷиноятҳои дахлдор, хусусиятҳои гузоштани мақсади шахси гунаҳгор, низомнок будани таркиби шакли омехтаи гуноҳ алоқаманд бошанд.

Дар робита ба ин, талаб карда мешавад, ки барои кадом таркиби ҷиноятҳои мушаххас дар бораи шакли омехтаи гуноҳ сухан гуфтан лозим меояд? Чунин ба назар мерасад, ки он дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки таркиби асосии ҷинояти қасдан содиршуда оқибатҳои иловагиро ба вуҷуд меорад ва муносибати шахси содиркунандаи он нисбат ба оқибатҳои он аз беэҳтиётӣ буда, барои содир шудани онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзӯр карда шудааст. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таркибҳои ҷиноятҳо вобаста ба шумораи аломатҳо одатан ба сода ва мураккаб тақсим мешаванд. Ба таркиби сода онҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо як объект, як кирдор, як оқибат ном бурда мешавад ва як шакли гуноҳ дар назар дошта шудааст. Таркибҳои мураккаб онҳое мебошанд, ки ду объект, ду кирдор, ду оқибат ва инчунин ду гуноҳро дар бар мегиранд. Таркибҳои мураккабе, ки аз рӯйи аломат ба ду оқибат асос ёфтаанд, дар як қатор муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ номбар шудаанд. Дар асоси муқаррароти бевоситаи қонунгузорӣ, меъёрҳои зерин муайян карда шуданд: қ. 3 м. 110; қ. 3 м. 123; б. «д», қ. 3, м. 130; б. "в" қ. 3 м. 131; б. «а», қ. 3, м. 138; б. «а», қ. 4, м. 139; б. "б", қ. 2 м. 255; б. "б" қ. 3 м. 181; б. "б" қ. 4 м. 184; қ.қ. 2,3 м. 226; қ.қ. 2,3 м. 227 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. "Ин ҷиноятҳо ба саломатӣ зарар мерасонанд; аз озодӣ маҳрум мекунанд; ба молу мулк ва дар айни замон ба ҳаёт зарар мерасонанд - менависад В.И. Ткаченко. - Ва азбаски гуноҳ як ҷараёни руҳӣ аст, сухан дар

бораи ба вуҷуд омадани ду оқибати барои ҷамъият хавфнок ҳангоми содир намудани ин ҷиноятҳо меравад ва бояд таъкид кард, ки ду гуноҳ - яктогӣ барои ҳар оқибат мавҷуд аст. Қонунгузор барои он ки ҳангоми муайян кардани гуноҳ ба нофаҳмӣ роҳ надиҳад, ҳангоми тавсифи чунин таркибҳои мураккаб шакли онро равшан мекунад: қасд дар ҳолати оқибати якум, беэҳтиётӣ дар оқибати дуюм”. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо дар назди мо таркибҳои ба ном вазнинкунандаи ҷиноятҳо истодаанд. Аз ин рӯ, аломати вазнинкунанда оқибатҳои вазнинтареро нисбат ба оне, ки дар таркиби ҷиноятҳои дахлдор пешбинӣ шудаанд, фаро мегирад. Аз ин воқеан, ба хулосае омадан лозим аст, ки ҷиноятҳои дорои гуноҳи бо ду шакл содиршаванда танҳо аз пайвастагиҳои дорои сохти моддӣ ташаккул мeёбанд. Хусусияти хосси ин ҷиноятҳо дар он аст, ки тарафи объективии онҳо бо мураккаб гардонидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок мураккаб мегардад. Аммо оё ин чунин маъно дорад, ки ҷиноятҳои бо ду шакли гуноҳ содиршуда аз ҷиҳати сохти таркиб танҳо бо оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ ва хусусияти сершумори онҳо мураккаб мешаванд? Ба гуфтаи В.И. Ткаченко, “маҳз ҳамин ҳолат имкон медиҳад, ки ҷиноятҳои дорои оқибатҳои мураккаб ва шакли мувофиқи омехтаи гуноҳ аз ҷиноятҳои мураккаби дорои объектҳои сершумори таҷовуз фарқ карда шаванд” [18,с.60-62]. Чунин андеша нодуруст ба назар мерасад. Оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок бо объекти кирдори ҷиноятӣ зич алоқаманданд, аслан онҳо бе он вуҷуд дошта наметавонанд. Ва агар оқибатҳои ҷиноят хусусияти чандинкаратаи мураккаб дошта бошанд, пас ин танҳо як чизро ифода мекунад - объекти ин ҷиноят низ хусусияти чандинкаратаи мураккаб дорад. Чунин муҳокимарониро иброз намуда, ба муқаррароти асосии назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бораи оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок такя намудан лозим меояд. Ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки ҷиноятҳое, ки бо ду шакли гуноҳ содир шудаанд, на танҳо бо мавҷудияти оқибатҳои мураккаби барои ҷамъият хавфнок, балки бо сохтори мураккаби объект низ тавсиф мешаванд ва аз ин рӯ, зарар ба объекти асосӣ ва ҳадди ақал ба яке аз объектҳои иловагӣ ё факултативӣ расонида мешавад. Аслан, ин ҳолат бори дигар дар бораи хусусияти хеле мустаҳками муносибатҳои байниҳамдигарии аломатҳои таркиби ҷиноят шаҳодат медиҳад, ки ба тарафи объективӣ ва субъективии он дахл доранд.

Метавон тахмин кард, ки тарафи объективии ҷиноятҳои дорои ду шакли гуноҳ низ аз ҳисоби робитаи сабабӣ, ки хусусияти «пурзӯркунанда» - ро ба даст меорад, мураккаб аст. Ташаккули робитаи сабабӣ ҳангоми расонидани як зарар ба ду объект, дар баробарӣ пеш меравад.

Дар таркиби ҷиноятҳои дорои ду шакли гуноҳ фарорасии дигар оқибати вазнин дар натиҷаи инкишофи робитаи сабабӣ ба амал меояд, ки дар он таркиби асосии ҷиноят сабаби оқибати иловагӣ мебошад. Робитаи сабабӣ дар таркиби ҷиноятҳо бо ду шакли гуноҳ мураккаб аст. Он аз якчанд марҳила иборат аст, ки аксар вақт бо мурури замон дароз карда мешаванд. Дигар оқибатҳо метавонанд, пас аз муддати тулонӣ пас аз содир кардани таркиби ҷинояти асосӣ аз ҷониби гунаҳгор ба амал оянд.

Ғайр аз ин, мавқеи А.В. Куликов ва Е.Сухарев оид ба арзёбии бо ду шакл содиршавии гуноҳ ҳамчун низом вобаста ба хусусиятҳои робитаи сабабӣ дар кирдорҳои навъи мувофиқ чунин аст: “Таъсири мутақобила ва вобастагии унсурҳои низом ҳамчун шарти дигари ҳатмӣ барои мавҷудияти он, ҳамчунин дар ҷиноятҳои дорои ду шакли гуноҳ дида мешавад. Гузашта аз ин, ин гурӯҳи таркибҳо ба маҷмуи пурраи алоқаҳои бевосита ва бавосита хос аст, ки дар сатҳҳои гуногун - объективӣ ва субъективӣ, инчунин, байни онҳо зуҳур мекунанд. Яке аз нишондиҳандаҳои равшани ин алоқаҳои тартиби объективӣ, ки дар рӯйи замин хобидааст, робитаи сабабии байни таркиби асосӣ ва дигар оқибатҳо буда метавонад”. Албатта, дар чунин ҳолатҳо зарур аст, ки дигар оқибатҳо дар робитаи сабабӣ бо ҳаракати гунаҳгор бошад, на натиҷаи дахолати ҳар гуна ҳолатҳое, ки дар ин вазъият тасодуфӣ бошад. Талаботи робитаи сабабӣ байни таркиби асосӣ ва дигар оқибатҳои бавуҷудомадае, ки дар натиҷаи иҷрои он фаро расидааст, ба он ҷиноятҳое, ки дорои ду шакли гуноҳ мебошанд ва таркиби асосии қасдонаи онҳо, ки дар шакли расмӣ ифода ёфтааст, пурра татбиқ мешавад [17,с.22].

Вобаста ба гуфтаҳои боло, дар бораи хусусияти хосси робитаи сабабӣ дар кирдорҳои дорои ду шакли гуноҳ сухан рондан бамаврид аст. Агар ҷинояти одие, ки як оқибати ба ҷамъият хавфнокиро дошта бошад, кирдор - сабаб ва натиҷаи кирдор - оқибати он бошад,

пас дар гурӯҳи кирдорҳое, ки мавриди таҳқиқ қарор доранд, манзара то андозае дигар аст. Кирдор, пеш аз ҳама, ҳамчун сабаби тамоми дигаргуниҳои минбаъдаи манфии воқеияти объективӣ амал мекунад. Аммо он аввал, боиси оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокӣ мегардад, ки бо мурури замон зуд ба амал меоянд ва баъд, чун қоида, бо фосилаи назарраси вақт боиси оқибатҳои дуртар мегардад. Бо вуҷуди ин, ин оқибатҳои "дур" нисбат ба оқибатҳои "наздик" вазнинтар мешаванд. Пас, чӣ такони афзоиши оқибатҳои "дур" аст, ки зарари он дар муддати нисбатан тулонӣ ба амал меояд? Агар ба талаботҳои классикии назарияи робитаи сабабӣ такя кунем, пас сарчашмаи сабаби ба вуҷуд омадани ҳама гуна оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок танҳо кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнок буда метавонад, ки бешубҳа, ин ба кирдорҳое, ки бо ду шакл содиршавии гуноҳ ва хусусияти мураккаби оқибат доранд, низ дахл дорад. Вале чунин ба назар мерасад, ки ин гурӯҳи кирдорҳо аломатҳои хосе доранд ва хусусияти онҳо дар он ифода меёбад, ки робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибатҳои "дур" тавассути оқибатҳои "наздик" ба амал меояд. Оқибатҳои «бетаъхир» пайванди байни унсурҳои баррасишавандаи тарафи объективии таркиб мегарданд ва ҳамзамон инкишофи робитаи сабабӣ, ки боиси натиҷаи вазнинтар мегардад, дар қонунгузории ҷиноятӣ бо истифода аз категорияҳои «марги ҷабрдида» баҳо дода мешаванд ( б. "в", қ. 3, м. 110; қ. 3 м. 123; б. «д» қ. 3 м. 130; б. "б", қ. 2 м. 255 КҶ ҶТ ва ғайра), «дигар оқибатҳои вазнин» (б. «в» қ. 3 м. 216; б. "в" қ. 3 м. 131; б. "б" қ. 2 м. 255; б. "б" қ. 2 м. 183 КҶ ҶТ ва ғ.), «оқибатҳои вазнин» (қ. 2 м. 303; қ. 3 м. 304 КҶ ҶТ). Ҳамин тариқ, робитаи сабабӣ дар ҷиноятҳои бо ду шакли гуноҳ содиршаванда бо нигоҳ доштани тамоми хусусиятҳои умумии худ, аломатҳои муайян дорад: оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки аз рӯйи вақт ба кирдори содиршуда наздиктаранд ва бо қасди шахси гунаҳгор фаро гирифта шудаанд, зинаи пайвасткунандаи байни кирдор ва оқибатҳои ба ҷамъият хавфноке мегарданд, ки аз рӯйи вақт дуранд ва бо қасди шахси гунаҳгор фаро гирифта нашудаанд ва ба инкишофи робитаи сабабӣ такони нав бахшида, онро мустаҳкам менамоянд.

Як далели дигарро ба манфиати қарор дар бораи зарурати ҷудо кардани шакли омехтаи гуноҳ баррасӣ намуда, онро ҳамчун шакли мустақил нишон медиҳем. Дар сатҳи субъективӣ қасд ва беэҳтиётиро ҳамчун лаҳзаҳои ба ҳам алоқаманди афзоиши фаъолияти зеҳнӣ ҳисоб кардан комилан қонунист. Тағйир додани яке аз онҳо барои вайрон шудани тамоми низом кифоя аст. Коэффитсиенти инъикоси пешакии воқеияти объективӣ дар шуури шахс дар муқоиса бо кирдори аз беэҳтиётӣ содиршаванда ҳангоми содир кардани кирдори қасдона ба андозаи баландтар аст.

Кирдори шахсе, ки боиси расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ба ҷабрдида гардида, боиси марг шуда бошад, мутобиқи б. "в" қ. 3 м. 110 КҶ ҶТ танҳо вақте баҳо дода мешавад, ки дар сатҳи субъективӣ омезиши қасд нисбат ба расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва беэҳтиётӣ – ба дигар оқибатҳои вазнин (дар шакли маҳрум кардан аз ҳаёт) вуҷуд дошта бошад. Агар гунаҳгор ба таври объективӣ ҳамин гуна кирдорҳоро содир намуда, аз беэҳтиётӣ ба саломатӣ зарари вазнин расонида бошад, мақомоти тафтишотии судӣ бояд ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршударо дар асоси м. 108 КҶ ҶТ муқаррар намоянд. Ҳамин кирдорҳо метавонанд ҳамчун куштор (м. 104 КҶ ҶТ) эътироф карда шаванд, агар муқаррар карда шавад, ки шахс қасдан на танҳо барои расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, балки барои марг низ гунаҳгор аст. Бо вуҷуди ин, бандубасти ҷиноят тибқи қ. 3 м. 110 КҶ ҶТ танҳо вақте имконпазир аст, ки субъекти ҳуқуқтатбиқкунанда дар бораи мақсади шахси гунаҳгор фаҳмиши муайян (ва исботшуда) дошта бошад. Мақсад дар тарҳрезӣ ба қисми қасдан содир намудани кирдор метавонад, танҳо расонидани зарари вазнин ба саломатӣ бошад. Ба марг расонидан як мақсади барзиёди фаъолияти гунаҳгор мебошад.

**Муқарриз: д.и.х., профессори ДМТ – Шарипов Т.Ш.**


### АДАБИЁТ

1. Горбуза А.Д. Смешанная форма вины по советскому уголовному праву: автореф. дис... канд. юрид. наук / А.Д. Горбуза. -М., 1972. -С. 12.
2. Григорьев В. С точки зрения практики / В. Григорьев // Советская юстиция. -1980. -№ 22. -С. 29.
3. Дагель П.С. Дискуссия не закончена / П.С. Дагель // Советская юстиция. -1980. -№ 22. -С. 29.
4. Дагель П.С. Субъективная сторона преступления и ее установление / П.С.Дагель, Д.П. Котов. -Воронеж, 1974. -

С. 160.
5. Демин В.Ф. Социальная обусловленность законодательного конструирования единого сложного преступления и его квалификация: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / В.Ф. Демин. - М., 1989. -С. 3.
6. Кириченко В.Ф. Смешанные формы вины / В.Ф. Кириченко // Советская юстиция. -1966. -№ 19. -С. 13-14.
7. Кригер Г.А. Определение формы вины / Г.А. Кригер // Советская юстиция. -1979. -№ 20. -С. 4.
8. Кузнецова Н.Ф. Ответственность за приготовление к преступлению и покушение на преступление по советскому уголовному праву / Н.Ф. Кузнецова. - М.: МГУ, 1958. -С. 139.
9. Куликов А.В. К понятию двойной формы вины / А.В. Куликов. - Свердловск, 1990. -С. 12-13.
10. Куликов А.В. Указ. соч. -С. 20-21.
11. Курс советского уголовного права. -Л., 1968. -Т. 1. -С. 436.
12. Пионтковский А.А. Уголовное право РСФСР. Общая часть/ А.А. Пионтковский. - М., 1925. -С. 138.
13. Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву / А.А. Пионтковский. - М., 1961. - С. 398.
14. Рарог А.И. Теория вины в советском уголовном праве: дис. ... докт. юрид. наук / А.И. Рарог. - М., 1987. -С. 284.
15. Светлов А.Я. Ответственность за должностные преступления / А.Я. Светлов. - Киев, 1978. -С. 65-66.
16. Советское уголовное право. Часть общая. -М., 1982. -С. 148.
17. Сухарев Е. О двойной форме вины / Е. Сухарев, А.Куликов // Советская юстиция. -1990. -№18. -С. 22.
18. Ткаченко В.И. Преступления с двойной формой вины / В.И. Ткаченко // Законодательство. - 1998. -№5. -С.60-62.
19. Уголовное право. Сочинения доктора Павла Ансельма Фейербаха. -СПб., 1810. С.56-57. Цит.: Куликов А.В. К понятию двойной формы вины / А.В. Куликов. - Свердловск, 1990. -С. 1.
20. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Ҳ. С. Салимов, Н.А. Ғаффорова.-Душанбе, 2010. -С. 145-147.
21. Ширяев В.А. Двойная форма вины: за и против / В.А. Ширяев // Следователь. - 1998. -№ 7. -С.17.
22. Ширяев В.А. Двойная форма вины: за и против / В.А. Ширяев // Следователь. -1998. -№ 7. -С. 18.
23. Ширяев В.А. Преступление с двумя формами вины - фикция в уголовном праве России / В.А. Ширяев // Следователь. -1997. -№ 6. -С. 5-6.
24. Ширяев В.А. Указ. раб. - С. 6.
25. Эстрин А.Я. Должностные преступления / А.Я. Эстрин. – М., 1928. -С. 46-48.

## ШАКЛИ ОМЕХТАИ ГУНОҲ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таърихи пайдоиши шакли омехтаи гуноҳ, ақидаҳои олимон ҷиҳати муайян намудани мафҳум ва моҳияти он ва инчунин, танзими муосири қонунгузории мустаҳкам намудани падидаи мазкур баррасӣ карда шудаанд. Бештари ҷиноятҳои бо қонун пешбинишуда ё қасдона ва ё аз беэҳтиётӣ содир мешаванд. Вале баъзан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои қасдан содиршаванда пурзӯр карда мешаванд, агар аз беэҳтиётӣ зараре ворид шуда бошад, ки қонун он зарарро ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷиноят донистааст. Дар чунин маврид дар як ҷиноят мумкин аст, ду шакли гуноҳ вуҷуд дошта бошад. Ду шакли гуноҳ танҳо метавонад, дар таркибҳои вазнинкунандаи ҷиноят баробар бо ҳам вуҷуд дошта бошанд; қасд чун аломати конструктивии таркиби асосӣ ва беэҳтиётӣ нисбати оқибати вазнинкунанда. Имконияти воқеӣ барои мавҷудияти ҷиноят бо ду шакли гуноҳ дар гуногунхелии конструксияи баъзе таркибҳои ҷиноят гузошта шудааст: қонунгузор гӯё ду ҷинояти мустақилро, ки яке аз онҳо қасдона ва дигаре аз беэҳтиётист, муттаҳид менамояд. Ҳар яке аз онҳо мустақилона вуҷуд дошта метавонанд, вале дар пайвастагӣ бо якдигар онҳо ҷинояти сифати навро бо мазмуни субъективии махсус доштаро ташкил медиҳанд. Одатан чунин ҷиноят ба объектҳои бевоситаи гуногун таҷовуз меоварад, вале мумкин аст, ба як объект низ таҷовуз оварад. Як далели дигарро ба манфиати қарор дар бораи зарурати ҷудо кардани шакли омехтаи гуноҳ баррасӣ намуда, онро ҳамчун шакли мустақил нишон медиҳем. Дар сатҳи субъективӣ қасд ва беэҳтиётиро ҳамчун лаҳзаҳои ба ҳам алоқаманди афзоиши фаъолияти бошууронаи дохилӣ ва зеҳнӣ ҳисоб кардан комилан қонунист. Тағйир додани яке аз онҳо барои вайрон шудани тамоми система кифоя аст. Мо тавассути таҳлили мазмуни ҷанбаи зеҳнии фаъолияти равонии субъект дар доираи шаклҳои қасд ва беэҳтиётии гуноҳ ба ин хулоса меоем. Коэффитсиенти инъикоси пешакии воқеияти объективӣ дар шуури шахс дар муқоиса бо кирдори аз беэҳтиётӣ содиршаванда ҳангоми содир кардани кирдори қасдона ба андозаи баландтар аст. Фаъолияти қасдона ҳамеша бо гузоштан ва ноил шудан ба ҳадафҳои муайян алоқаманд аст. Чизи дигар ин аст, ки гузоштани мақсад на ҳамеша барои баҳодиҳии ҳуқуқии ҷиноятии кирдори содиршуда аҳаммият пайдо мекунад.

**Калидвожаҳо:** шакли омехтаи гуноҳ, қасд, беэҳтиётӣ, кирдор, оқибат, объект, субъект, гунаҳгоркунии объективӣ, гунаҳгоркунии субъективӣ, робитаи сабабӣ, ба ҷамъият хавфнок, ҳолат ва аломати вазнинкунанда, фаъолияти рӯҳӣ, шуур ва ирода.

## СМЕШАННАЯ ФОРМА ВИНЫ

В данной статье рассматриваются вопросы истории возникновения смешанной формы вины, мнения ученых по определению ее значения и сущности, а также современное регулирование законодательства по закреплению этого явления. Большинство преступлений, совершаемых по закону, совершаются либо умышленно, либо по неосторожности. Однако иногда уголовная ответственность увеличивается за умышленные преступления, если ущерб причинен по неосторожности, что закон рассматривает как отягчающее обстоятельство преступления. В таком случае в одном преступлении могут быть две формы вины. Две формы вины могут существовать в равной

степени только в отягчающих элементах преступления; умысел как конструктивный признак основного состава и неосторожность как отягчающее обстоятельство. Реальная возможность существования преступления с двумя формами вины заложена в многообразии конструкции некоторых составов преступления: законодатель объединяет два самостоятельных преступления, одно из которых является умышленным, а другое - по неосторожности. Каждый из них может существовать независимо, но в связи друг с другом образует преступление нового качества с особым субъективным содержанием. Обычно такое преступление вызывает агрессию к разным непосредственным объектам, но возможно вызвать агрессию и к одному объекту. Рассмотрим еще один довод в пользу решения о необходимости выделения смешанной формы вины и показать ее как самостоятельную форму. На субъективном уровне вполне правомерно рассматривать умысел и неосторожность как взаимосвязанные моменты повышенной внутренней сознательной и интеллектуальной активности. Изменения одного из них достаточно, чтобы разрушить всю систему. К такому выводу мы приходим, анализируя содержание психической стороны психической деятельности субъекта в рамках умышленных и неосторожных форм вины. Коэффициент опережающего отражения объективной реальности в сознании человека выше по сравнению с поступком, совершенным по неосторожности при совершении умышленного поступка. Умышленная деятельность всегда связана с постановкой и достижением определенных целей, которых хочет достичь человек. Другое дело, что постановка цели не всегда важна для правовой оценки совершенного преступления.

**Ключевые слова:** смешанная форма вины, умысел, неосторожность, деяние, последствие, объект, субъект, объективная сторона, субъективная сторона, причинная связь, общественная опасность, обстоятельство и квалифицированный признак, психическая деятельность, сознание и воля.

**MIXED FORM OF GUILT**

This article examines the history of the emergence of a mixed form of guilt, the opinions of scientists on determining its meaning and essence, as well as modern regulation of legislation to consolidate this phenomenon. Most crimes committed under the law are committed either intentionally or through negligence. However, sometimes criminal liability increases for intentional crimes if the damage is caused by negligence, which the law considers as an aggravating circumstance of the crime. In this case, there can be two forms of guilt in one crime. The two forms of guilt can exist equally only in the aggravating elements of the crime; intent as a constructive feature of the main composition and negligence as an aggravating circumstance. Much later, when criminal legislation acquired its modern form. The real possibility of the existence of a crime with two forms of guilt lies in the diversity of the design of some elements of the crime: the legislator combines two independent crimes, one of which is intentional, and the other through negligence. Each of them can exist independently, but in connection with each other they form a crime of a new quality with a special subjective content. Typically, such a crime causes aggression towards different immediate objects, but it is possible to cause aggression towards one object. Let's consider another argument in favor of the decision on the need to isolate the mixed form of guilt and show it as an independent form. At the subjective level, it is quite legitimate to consider intent and negligence as interconnected moments of increased internal conscious and intellectual activity. A change in one of them is enough to destroy the entire system. We come to this conclusion by analyzing the content of the mental side of the subject’s mental activity within the framework of intentional and careless forms of guilt. The coefficient of advanced reflection of objective reality in the human mind is higher compared to an act committed through negligence when committing an intentional act. Deliberate activity is always associated with setting and achieving certain goals that a person wants. Another thing is that setting a goal is not always important for the legal assessment of the crime committed.

**Keywords:** mixed form of guilt, intent, negligence, act, consequence, object, subject, objective side, subjective side, causal connection, social danger, circumstance and qualified attribute, mental activity, consciousness and will.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сабуров Абдузуҳур Азизмуродович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **lawyer290798@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сабуров Абдузухур Азизмуродович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **lawyer290798@mail.ru**

**Information about the author:** ***Saburov Abduzuhur Azizmurodovich*** – Tajik national University, Ph.D doctoral student of the Department of Criminal law and Combating corruption. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **lawyer290798@mail.ru**

ТДУ:349.3(575.3)

# ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ФУНКСИЯИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ

*Шарипов А.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар назди давлат вазифаҳо ва ҳадафҳое меистанд, ки амалӣ намудани онҳо заминаи рушди босуботи ҷомеа ва боиси баланд шудани сатҳи зиндагонии мардум мегардад. Аммо давлат на ҳама вақт чунин вазифа ва ҳадафҳо дошт. Дар аввали пайдоишаш давлат танҳо таъмини ҳифзи манфиатҳои синфи ҳукмронро иҷро мекард. Дар он замонҳо дар давраи қаҳтӣ ва хушксолӣ дастгирии табақаҳои камбизоат ва дармондагон тавассути тақсимоти ғалла, нон ва дигар фаъолияти иҷтимоӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои динӣ амалӣ карда мешуд.

Вобаста ба масъалаи пайдоиши функсияи иҷтимоии давлат зикр намудан лозим аст, ки пеш аз пайдоиши давлат шаклҳои фаъолияти иҷтимоӣ вуҷуд доштанд. Онҳо дар заминаи ду омили асосӣ вуҷуд доштанд. Якум, зарурияти воқеӣ, ки бо ҳаёти инсонӣ алоқаманд буда, аз ду ҷанба иборат аст: а) ҷанбаи беруна, ки бо ҳимояи авлод аз ҳуҷумҳои бегона ва офатҳои табиӣ алоқаманд аст; б) ҷанбаи дохилӣ, ки ҳифз ва кумаки аъзоёни авлодро дар назар дорад. Дуюм, омили равонӣ-иҷтимоӣ, ба мисли ҳамдардӣ, дилсӯзӣ ва ахлоқ.

Дар натиҷаи рушди давлатдорӣ омили якум боиси ташаккули функсияи иҷтимоӣ давлат мегардад. Омили дуюм бошад, бо давлат алоқамандӣ надошта, муддати зиёд бетағйир мемонад ва ба фаъолияти иҷтимоӣ дар ҷомеа таъсир мерасонад. Унсури асосии он ангезаи дилсӯзӣ мебошад. Функсияи иҷтимоии ҷамъият тавассути хайрия ба беморхонаҳо ва кумак ба бевазанон, камбизоатон ва барҷомондагон дар ҷамъият аз ҷониби сохторҳои динӣ амалӣ карда мешуд. Кумакҳое, ки ба ниёзмандон расонида мешуд, бо вазифаҳои давлат алоқаманд набуда, аз ангезаи ахлоқӣ ва динӣ маншаъ гирифта, хусусияти ихтиёрӣ доштанд.

Аввалин давлатҳое, ки дар ҷаҳон пайдо шудаанд, вобаста ба марҳилаҳои таърихӣ манфиатҳои гурӯҳи махсусро ҳимоя менамуданд. Масалан, дар давраи ғуломдорӣ моҳияти давлат барои ҳимояи синфи ғуломдорон нигаронида шуда буд. Дар ҷомеаи феодалӣ бошад, ҳуқуқҳои синфӣ мутеъ, яъне деҳқонон поймол карда шуда, ҳуқуқҳои синфи ҳоким – феодалон ҳимоя мегардид. Олимон ва донишмандон дар бораи давлате, ки барои ҳамаи шаҳрвандон принсипҳои адолат ва хайри умумро татбиқ менамояд, ибрози ақида менамуданд. Аз ҷумла мутафаккири Юнони қадим Афлотун назарияи давлати идеалиро пешкаш менамояд, ки ин аввалин кӯшиши бунёди сохтори идеалии иҷтимоӣ буд ва нақши асосии давлатро дар ҷомеа баланд мебардорад. Ӯ пешниҳод мекунад, ки роҳбари ин сохтори давлатӣ бояд инсони шарифу накукор бошад. Накукории вай дар ҳисси ҳамдардӣ ва ҳалли мушкилот ҳангоми ихтилофот байни гурӯҳҳои ҷомеа зоҳир мешавад. Мутафаккир аз сарватмандон умед дошт, ки онҳо бо камбизоатон муносибати хуб намуда, қисми молу мулкашонро байни онҳо тақсим менамоянд. Тибқи ақидаи Афлотун, сабаби камбизоатии одамон на дар кам кардани молу мулки сарватмандон, балки дар баднафсии худи сарватмандон аст [15,с.187-189].

Арасту ҳангоми муайян намудани мафҳуми давлат зикр намудааст, ки “беҳтарин давлат ҳамон давлатест, ки барои ҳар як шахс шароит барои ободӣ ва зиндагии хушбахтона фароҳам меорад” [2,с.830]. Инчунин, қайд менамояд, ки “ҳар як давлат ҳамчун як навъи муносибат барои ягон навъи неъмат (фоида) ташкил карда мешаванд (чунки, ҳар як фаъолият ба хотири расидан ба фоидае амалӣ мешавад), пас равшан аст, ки ҳамаи муносибатҳо барои ин ё он неъмат амалӣ мешавад ва бештар аз дигарон барои расидан ба неъматҳои олитарин ҳамон муносибате афзалият дорад, ки аз ҳама муҳимтар ва фарогирандаи дигар муносибатҳо мебошад. Ин навъи муносибат моҳияти давлатро муайян намуда, сиёсӣ номида мешавад”.

Дар марҳалаи ибтидоии инкишофи ҷомеа давлат танҳо вазифаи таъмини ҳадди минималии зиндагиро иҷро менамуд. Давлат барои истеҳсоли неъматҳо масъул набуд. Ҳамин тавр, ақидаҳои файласуфони Юнони қадим дар бораи давлат бо таъсири ҷомеаи

кадим ба вуҷуд омадаанд. Аз як тараф, манфиати одамон ба инобат гирифта мешуд, аз тарафи дигар, сиёсатмадорон уҳдадор буданд, ки санъати идоракунӣ дошта бошанд. Субъекти комилҳуқуқ на ҳамаи одамон, балки танҳо одамони озод буданд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки Арасту тарафдори сохти ғуломдорӣ буд, ҳуқуқи ғуломонро ба таҳсил ва зиндагии босаодатона рад менамуд. Ҳуқуқҳои мазкур танҳо барои одамони озод дастрас буданд. Барои ғуломон бошад, имконияти омӯхтани касбҳое, ки барои хизматрасонӣ ба хоҷагонашон лозим буданд, фароҳам оварда шуда буд.

Донишмандони асри миёна бо ақидаҳои олимони давраи қадим шинос буда, ақадаҳои мутафаккирони аҳди қадимро дар робита бо нуфузи дин қисман дигаргун карда, ақидаҳои худро пешкаш мекарданд. Масалан, яке аз онҳо донишманди асри миёнаи Аврупо Фомаи Аквинӣ буд, ки консепсияи Афлотунро дар бораи рухи инсон пазируфта, ба он мутобиқ будани сохти нави синфиро таъкид мекард. Тибқи ақидаи ӯ, монархияи теократӣ (динӣ) бо дарназардошти нуфузи ҳокимияти калисо нисбат ба дигар шаклҳои идоракунӣ афзалият дорад. “Монарх дар давлати худ ба мисли мақоме, ки Худо дар замин ва руҳ дар бадан дорад, бояд нақш дошта бошад” [3,с.33] Ба андешаи ӯ, давлат барои расидан ба хушбахтии шаҳрвандони худ бояд мусоидат намояд. Фаъолият ва вазифаҳои давлат бояд тобеи ҳокимияти руҳониён бошад, чунки танҳо калисо салоҳияти ҷустуҷӯи ҳақро дошта, роҳҳои наҷотро муайян мекунад. Ӯ қонунҳои муқаррарнамудаи давлатро (ҳуқуқи позитивиро) эътироф менамуд, агар онҳо ба меъёрҳои илоҳӣ мухолиф набошанд [1,с.440].

Аврелий Августин бар ин назар буд, ки сохти иҷтимоии ҷомеаи инсониро Худо пешакӣ муайян кардааст ва аз ин рӯ, он комил ва ҳамоҳанг аст. Ин ҳамоҳангиро нобаробарии байни одамон халалдор намекунад, баробарӣ бошад, баръакс боиси бесарусомонӣ мегардад. Августин мавҷудияти нобаробарии иҷтимоиро дар ҷомеа эътироф карда, қашшоқӣ ва ғуломиро маҳкум намуд. Аз нуқтаи назари ӯ, нобаробарии иҷтимоӣ, ҷомеа ё давлат аз ҷониби Худо офарида нашуда, аз табиати гунаҳкоронаи худи инсон сарчашма мегиранд [14,с.8].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар меъёрҳои динӣ арзишҳои ахлоқӣ ва гуманитарӣ бо функсияи иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад. Аз ҷумла, дар китоби муқаддаси зардуштиён Авасто як навъи ниёше ҳаст бо номи Ята аху Ваирию. Олимон ниёиши мазкурро ба таври гуногун тарҷума мекунанд. Дар тарҷумаи Чарлз Дармстетер он ба таври чунин дарҷ гардидааст: “Ирода ва хоҳиши Худо некӣ ва беҳбудӣ мебошад”. Кӯшишҳои Ваҳоман барои корҳои хайр дар ҷаҳон бо номи Маздо анҷом дода шудааст. Шахсе, ки ниёзманд ва камбизоатонро дар вақтҳои муқарраршуда дастгирӣ менамояд, афзуншавии ҳокимияти Аҳуроро дар ҷаҳон таъмин менамояд. Ин ниёш шаҳодат аз он медиҳад, ки дар дини зардуштия ба саховатмандӣ, дасткушоӣ ва ёрӣ расонидан ба ниёзамандон диққати ҷиддӣ медиҳанд. Маздояснои хуб на онест, ки маъбадро зиёрат мекунад, балки шахсест, ки ҳамеша барои кумак ба камбағалон тайёр аст [11,с.231-242]. Шиори асосии зардуштиён ин пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек аст. Бояд қайд намуд, ки дар Авасто ба шахсияти ҳоким ва шоҳ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Шоҳон бояд ба талаботҳои дахлдор ҷавобгӯ бошанд. Яке аз онҳо ин ғамхорӣ дар ҳаққи халқи худ мебошад. Шоҳ уҳдадор буд, ки барои раияти худ шароит барои зиндагии хуб фароҳам созад [17,с.36-37]. Ҳамин тавр, дар Авасто принсипҳои асосии функсияи иҷтимоии давлат ифода ёфтаанд.

Сарчашмаи аввалиндараҷаи фиқҳи исломӣ Қуръони карим арзишҳои инсондӯтӣ ва ахлоқиро ифода мекунад. Тибқи ин арзишҳо, ба шахсони азияткашу ниёзманд кӯмаки ҳамаҷониба бояд расонида шавад. Меъёрҳо ва арзишҳои давлатдории иҷтимоӣ дар ҳадисҳои паёмбар Муҳаммад (с.а.в) низ ифода ёфтаанд. Яке аз онҳо закот мебошад [18,с.108-109].

Закот андозест, ки аз молу мулк ва ҳайвоноти мусалмонони сарватманд ба фоидаи камбизоатону ниёзмандон гирифта мешавад. Андози мазкур ба ҳамаи мусулмонони бабалоғатрасида ҳатмӣ мебошад. Паёмбари ислом фармудаанд: “Аллоҳ бе ибодат имонро ва бе закот ибодатро қабул намекунад. Пас, шахсоне, ки ба супоридани андози мазкур одат накардаанд, беимонанд”; “Дар молу мулке, ки закоташ супорида нашудааст, хайре нест” [12,с.32-37]. Дар ҳадисҳо зарурати супоридани закот ба таври равшан баён карда шудааст. Ҷамъоварӣ ва тақсимнамоии закот аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад.

Мутафаккирони форсу тоҷик, аз қабили Абунасри Форобӣ ва Абуали ибни Сино низ дар фаҳмиши давлат ва функсияи иҷтимоии он дар асрҳои миёна саҳми худро гузоштаанд [13,с.251].

«Ба қавли Ал-Форобӣ, хушбахтӣ - ин мақсадест, ки ҳар кас ба он кӯшиш мекунад, зеро он як навъи камолот аст. Ин сухан шарҳро талаб намекунад, зеро он падидаи аён аст» [13,с.251]. Ал-Форобӣ ҳадафи фаъолияти давлатро маҳз бо таъмини хушбахтии ҳар як инсон алоқаманд мекунад. Ӯ барои ифодаи сохтори давлати ормонӣ мафҳуми «шаҳр-давлат»-ро истифода мебарад. Шаҳр-давлат ба фозила ва ҷоҳилӣ ҷудо мешавад. Дар шаҳр-давлати фозила ҳокимятдорон баҳри манфиатҳои умум ва хушбахтии одамон амал мекунанд, дар шаҳр-давлати ҷоҳилӣ бошад, манфиатҳои шахсӣ афзалият доранд [16,с.135].

Мутафаккири дигари форсу тоҷик Абуалӣ ибни Сино оид ба нақши асосӣ доштани намояндагони тиб дар “шаҳр-давлати фозила” ибрози ақида мекунад [12,с.453]. Тибқи андешаи ӯ, дар шаҳри зикршуда бояд фонди махсусе таъсис дода шавад ва аз ҳисоби он барои ҳифзи саломатии аҳолӣ, хусусан шахсоне, ки аз бемории гуногун азият мекашанд, маблағ ҷудо карда шавад.

Мутафаккир ва сиёсатмадори намоёни форсу тоҷик Низомулмулк вазифаи асосии салтанатро дар ғамхорӣ ба раият, беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва амнияти онҳо дарк менамояд. Адолатро ҳамчун аломати асосии давлат эътироф карда, аз ғояҳои “шоҳи одил” ва “давлати адолатпеша” пуштибонӣ мекунад, таъминоти иҷтимоии давлатро дар таъмини некуаҳволии ҷомеа мебинад [16,с.135].

Дар асрҳои миёна, аз як тараф, хайрияи ҷамъиятӣ инкишоф ёфта, аз тарафи дигар, давлат камбизоатӣ ва гадоиро ҳамчун манбаи бесарусомонӣ дар ҷамъият эътироф намуда, бо усулҳои маъмурӣ бо он мубориза мебурд. Масалан, дар кодексҳои Феодесия аз соли 438 ва Юстиниан аз соли 529 гадоӣ аз ҷониби одамони солим манъ карда шуда буд. Дар Англия бошад, аз соли 1531 сар карда, танҳо маъюбон ва пиронсолон ҳуқуқи гадоӣ карданро доштанд, пас аз соли 1536 барои камбизоатӣ ҷавобгарӣ муқаррар карда мешавад [6,с.53].

Дар замони нав нақши афкори фалсафии Аврупои Ғарбӣ дар инкишофи илм назаррас буд. Дар ин давраи таърихӣ масъалаҳои гносеологӣ ба миён меоянд, мутафаккирон масъалаҳои роҳ, усул ва шаклҳои донишро меомӯзанд. Ақли хирад меъёри волои арзишӣ ва сабаби ҳар кори инсонӣ мегардад. Ҳодисаҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар асоси принсипи хираднокӣ ва таъсири он ба ҷомеа шарҳ дода мешаванд. Пешравии иҷтимоӣ ва таърихӣ ҳамчун натиҷаи инкишофи қобилияти интеллектуалии одамон шарҳ дода мешавад. Муносибат ба давлат, ба мақсад ва функсияҳои иҷтимоии давлат тағйир меёбад. Мухолифат байни мақомоти давлат ва калисо тадриҷан аҳаммияти худро гум мекунад.

Аз асри XVII ва аввали асри XVIII сар карда, фаъолияти иҷтимоии давлат дар заминаи на танҳо арзишҳои ахлоқӣ ва динӣ, балки дар доираи ҷаҳонбинии нав, фалсафаи замони нав, назарияҳои ҳуқуқи фитрӣ, шартномаи ҷамъиятӣ, дар иртибот бо эҳсоси якдилӣ ва адолат вусъат меёбад.

Дарки нави моҳияти инсон боиси тағйири функсияҳои давлат гардид. Гегел моҳияти марҳалаи нави рушди инсонро дар робита бо тағйир ёфтани ҷаҳонбинӣ муайян мекунад. Аз нигоҳи файласуфи олмонӣ руҳи инсони нав дар ӯ ҳисси шаъну шарафро бедор мекунад. Тавре Гегел менависад: «Ҳаваси тобут, беҷонии руҳ ва дунёи дигар қатъ мегардад» [4,с.418].

Асари асосии Н. Макиавелли (1469-1527) «Ҳоким» аксаран хусусияти амалӣ дорад. Дар он ба функсияҳои махсуси ҳоким ва давлат, ки муносибатро бо аҳолӣ тағйир медиҳанд, таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Макиавелли қайд менамояд, ки роҳбари давлат бояд «халқро зери ҳимояи худ қарор диҳад», «дӯстии халқҳоро нигоҳ дорад» [10,с.328-331]. Ба фикри ӯ, иҷрои ин вазифа душвор нест, «...чунки халқ талаб мекунад, ки нисбати одамон зулм карда нашавад». Вале, агар ҳоким инро нафаҳмад ва дарк накунад, сарнагун карда мешавад. Давлат ва роҳбари он бояд ба аҳолӣ ҳамеша ғамхорӣ намояд. Аз ҳамин лиҳоз аҳолӣ бояд ба давлат ниёз ва эҳтиёҷ дошта бошад.

Асосгузори назарияи пайдоиши шартномавии давлат олими замони нав Ҷ. Локк чунин мешуморид, ки одамон бояд на дар байни худ, балки бо ҳокиме, ки қудраташ аз ҷониби қонуни табиӣ маҳдуд карда мешавад, муносибати судмандро ба роҳ монанд. Ин

қонун, ки тамоми одамон ба он итоат мекунанд, чаҳорчӯбаи ҳуқуқ, озодиҳо ва имкониятҳои ҳар як шахсро барои ихтиёрдории молу мулк муқаррар мекунад. Ҷомеае пароканда мегардад, ки дар он ҳар як шахс аз шахси дигар бо ҳуқуқ ва манфиатҳои худ, ки ба ҳуқуқи моликияти хусусӣ асос ёфтааст, ҷудо карда мешавад. Татбиқи ҳуқуқи фитрӣ аз ҷониби давлат ва муассисаҳои он ҳатмист. Конститутсия ифодаи расмии ин маҳдудият мебошад. Ӯ муътақид буд, ки одамон новобаста аз мавҷудияти ҳукумат, ҳуқуқҳо доранд. Вазифаи ҳукумат аз ҳифзи "ҳаёт, озодӣ ва моликияти" одамон иборат аст" [8,с.7-8].

Дар назарияи шартномаи ҷамъиятӣ давлат маҳсули оқилонаи фаъолияти бошуурона ва мақсадноки инсон мебошад. Барои намояндагони ин назария (Гоббс, Локк, Руссо) давлат ҳамчун маҳсули табиӣ ва таърихӣ ба вуҷуд наомада, натиҷаи созиши байни одамон дар бораи манфиати умум ва адолат мебошад. Ба даст овардани манфиати умум (хушбахтӣ) на танҳо мақсади давлат, балки муҳимтарин шарти шартномаи байни давлат ва халқ мебошад. Дар муносибатҳои шартномавӣ ҳарду тараф (аҳолӣ ва давлат) ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро доранд. Дар замони муосир вазифаи таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва маърифатнокии аҳолӣ дар конститутсияҳои давлатҳо муқаррар карда шудааст.

Лоренс фон Штейн аввалин бор соли 1870 истилоҳи "давлати иҷтимоӣ"-ро ба илм ворид намуд. Андешаҳои ӯ дар бораи моҳияти давлати иҷтимоӣ дар асари «Таърихи ҳаракати ҷамъиятии Фаросса аз соли 1789» пурратар ифода ёфтааст. Ба андешаи Лоренс фон Штейн, зиддияти синфӣ, ки дар ҷомеаи буржуазӣ ногузир буд, бо истифода аз воситаҳои давлат бартараф карда мешавад [7,с.69-79]. Олими олмонӣ чунин ақида дошт, ки зиддиятҳои синфиро бе зӯроварӣ, хунрезӣ ва инқилоб ҳал кардан мумкин аст. Давлат бояд нақши маркази як навъ «муросокунанда»-ро бозад. Давлати иҷтимоӣ бояд барои таъмини некуаҳволии ҳар як инсон шароит фароҳам оварад. Ғояи давлат бо тавозуни манфиатҳо, ҳамзистии созгор, муколамаи байнисинфӣ, ҳаракати амудии иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ ва ғайра алоқаманд аст.

Сарфи назар аз он ки ғояҳои болозикр барои инкишофи шуури ҷомеа, арзишҳои иҷтимоӣ нақши босазое гузоштанд, дар ягон давлати ҷаҳон то солҳои 70-уми асри XVIII функсияи махсуси иҷтимоӣ пурра ташаккул наёфт.

Танҳо дар охирҳои асри XVIII қонеъ кардани талаботи иҷтимоии ҳар як фарди ҷомеаро давлат ба ӯҳдаи худ мегирад. Дар ҳамин давра дар давлатҳо функсияи иҷтимоӣ нуфуз пайдо мекунад. Низоми давлатии хайрияи ҷамъиятӣ ташаккул меёбад, ки он дорои махзани қонунгузории худ буд. Тарзи идоракунии он маъмурӣ буд ва қисман он аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ карда мешуд. Гарчанде, ки давлат сиёсати иҷтимоиро бар дӯш мегирад, кӯшиши амалӣ намудани функсияи иҷтимоиро ба харҷ намедиҳад. Давлат барои амалӣ намудани функсияи мазкур ба фаъолияти ниҳодҳои дигар, ба мисли ташкилоти ҷамъиятии хайриявӣ, ташкилотҳои динӣ, суғуртаи корпоротивии иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Барои кормандони сехҳо ва иттиҳодияҳои соҳибкорон механизми рафъкунандаи ҳолатҳои форс-мажорӣ ташкил мешавад. Маблағи он барои бевазанон ва ятимони аъзои сех сарфа мешуд. Ғояи суғуртаи иҷтимоӣ дар асри XVIII инкишоф мёбад. Дар 15 шаҳр-давлатҳои олмонӣ ташкилотҳои рафоқатӣ амал менамуданд. Аввалин маротиба соли 1765 дар Англия ташкилоти суғуртаи ҳаёт таъсис дода мешавад. Пиярон де Шамусси "Нақшаи хонаи ассотсиатсияҳо"-ро соли 1754 чоп намуда, дар асари мазкур ақида пешниҳод мекунад, ки ҳар шахсе, ки маблағи муайяншудаи дахлдор ба фонд таҳвил додааст, ҳангоми беморӣ ҳуқуқи гирифтани кумакро дорад.

Дар марҳилаи мазкур функсияи махсуси иҷтимоӣ дар давлат ва нигаронии сиёсати иҷтимоӣ ба ҳар як фарди ҷомеа бо мақсади таъмини муттаҳидӣ ташаккул меёбад.

Нимаи дуюми асри XIX давраи таҳаввули фаъолияти иҷтимоии давлат гардид, чунки маҳз дар ҳамин давра тағйироти дахлдор дар муносибати давлат ва ҷомеа, давлат ва шахсият ба вуқуъ пайваст. Дар натиҷаи алоқамандии ҳадафҳои давлат ва принсипҳои ахлоқии ҷомеаи инсонӣ аввалин маротиба ҳадафҳои шахсӣ бо ҳадафҳои ҷомеа мувофиқ омада, боиси гузариши функсияи иҷтимоӣ аз ҷамъият ба давлат гардид. Олимони англис Иеремии Бентам ва шогирдаш Эдвин Чедвик ақидаҳои хаёлпарастонро дигаргун намуда, тезиси мақоларо бо номи "Дар бораи баҳогузории ҳамаи қонунҳо ва институтҳо аз нигоҳи принсипи "хушбахтии бештари одамони зиёд" нашр мекунанд [9, с.18]. Э. Чедвик аввалин

шуда зарурати тағйир додани муҳити иҷтимоиро бо ёрии фаъолияти давлат асоснок мекунад. Ба андешаи ӯ давлат “на танҳо функсияи расонидани кумак ба ниёзмандонро иҷро мекунад, балки барои инкишофи шаҳрвандонаш шароит фароҳам месозад” [9,с.23]

Давлат худро масъули шароити зиндагии мардум эълон мекунад, хайрия ҳамчун амали дилсӯзӣ ба функсияи иҷтимоии давлат табдил меёбад. Доираи кафолатҳои иҷтимоӣ ва шумораи гирандагони онҳо дар ҷамъият хеле зиёд мешавад. Ҳамаи ин боиси тағйироти ҷиддӣ дар нақши давлат гардид. Нуфузи ҳуқуқу манфиатҳои инсон баланд мешавад.

Ҳанӯз дар асри XIX аввалин маротиба ислоҳоти иҷтимоӣ дар империяи Олмон гузаронида мешавад. Дар Конститутсияи соли 1871 меъёрҳо оид ба ғамхории давлат “дар соҳаи накуаҳволии халқи Олмон” пешбинӣ мешаванд. Дар соли 1878 Канслери Олмон Отто фон Бисмарк ислоҳоти қонунгузориро оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ бо мақсади кам кардани шиддати зиддияти иҷтимоӣ ва заиф намудани ҳаракатҳои иҷтимоӣ оғоз намуд. Дар ин давра кумакпулӣ барои беморӣ (соли 1883), суғурта дар ҳолатҳои садамавӣ дар истеҳсолот (соли 1884) ва низоми таъмини нафақавӣ (соли 1889) ҷорӣ гардид.

Дар ин давра ду раванди объективии бо ҳамдигар алоқаманд инкишоф меёбад. Якум, ташаккулёбии функсияи иҷтимоии давлат дар асоси инкишофи қувваи истеҳсолӣ. Дуюм, тағйирёбии нақши фард дар истеҳсолот ва ҷамъият.

Кафолатҳои иҷтимоии ҷамъиятӣ, ки дар шакли кумак расонидан ба шахсони камбизоат дар ҳама давра мавҷуд буданд, танҳо баъди инкишофи давлати муосири иҷтимоӣ таъмини накуаҳволии ҳар як инсон ҳадафи асосии давлат гардид.

Дар натиҷаи таҳлили суханҳои болозикр қайд намудан зарур аст, ки дар марҳалаҳои аввали инкишофи таърихӣ фаъолияти иҷтимоии давлат ҳадафи асосӣ ва афзалиятноки давлатӣ набуд. Дар натиҷаи инкишофи давлатдорӣ ҳадафҳои иҷтимоӣ муайян ва дар соҳаҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. Ҳадафҳои иҷтимоӣ тавассути ҳавасмандгардонии фаъолияти иҷтимоии ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Танҳо дар миёнаи асри XIX дар давлатҳои мутараққӣ фаъолияти иҷтимоии давлат хусусияти мақсаднок ва устувор пайдо намуда, дар низоми функсияи давлат ифодаи расмӣ пайдо мекунад. Функсияҳои дигари давлатӣ, ба мисли функсияҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳоказо хусусияти иҷтимоӣ пайдо мекунанд. Илм, экология, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, шароити зист, қонеъ намудани талабот ба кор, манзил, амният ва ҳоказо ҳам бо функсияи иҷтимоӣ ва ҳам бо функсияи иқтисодии давлат робита доранд.

Ҳамин тариқ, функсияи иҷтимоии давлат дар шароити муайяни таърихӣ пурра ташаккул меёбад. Давлат дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ вазифаҳои ҷамъиятиро якҷоя бо вазифаҳои дигар иҷро намудааст. Дар ҷомеаи қаблии синфӣ низ давлат якҷоя бо функсияҳои синфӣ, ки ҳукмронии синфиро таъмин менамуданд, ҳамчунин, функсияҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро амалӣ намудааст. Амалӣ намудани функсияҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ омилҳои объективӣ дорад. Бе иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ (дар соҳаи нақлиёт, алоқа, маориф, тандурустӣ ва ғайра) ягон давлат инкишоф ёфта наметавонад. Аммо моҳияти вазифаҳои чамъиятӣ ва функсияҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо пешрафти ҷомеа тағйир меёбад. Чунончи, дар давлатҳои ғуломдории Юнон ва Рим вазифаҳо ва функсияҳои мазкур бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои синфи ҳоким иҷро карда мешуданд. Танҳо дар замони нав, алалхусус, дар марҳилаи рушди босуръати ҳаёти иқтисодӣ барои амалӣ намудани функсияи иҷтимоии давлат шароит фароҳам оварда мешавад.

Амалӣ намудани функсияи иҷтимоии давлат захираҳои молиявӣ, моддӣ, энергетикӣ ва дигарро талаб мекунад. Дар ҳаёти имрӯза сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои амалӣ намудани функсияи иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Чунончи, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳаҷми маблағҳои буҷети давлатӣ барои соҳаи иҷтимоӣ сол аз сол зиёд мешавад.

Айни замон мебояд таъкид намуд, ки функсияи иҷтимоии давлат бо дарназардошти шароии таърихӣ дар ин ё он кишвар, сатҳи фарҳанг ва тамаддун ташаккул меёбад. Моҳияти функсияи иҷтимоии давлат дар минтақаи Ғарб ва Шарқ аз ҳамдигар фарк дорад. Шароитҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тамаддунӣ, ки ба ташаккули функсияи иҷтимоии давлат мусоидат мекунанд, дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон аз ҳамдигар фарқи куллӣ

доранд. Таҳлили илмӣ, ки дар мақолаи мазкур гузаронида шуд, бори дигар ин нуктаи муҳимро собит менамояд. Чунончи, ақидаҳо ва ғояҳои мутафаккирони форсу тоҷик аз андешаҳои мутафаккирони Ғарб фарқ доранд. Илова бар ин, дар тамаддун ва фарҳанги миллии тоҷикон таърихан ғояҳои алоқию маънавӣ оид ба инсондӯстӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи ятимон, дастгирии аҳолии камбизоат ва дигар инкишоф ёфтаанд. Ҳамин арзишҳои ахлоқию маънавӣ ҳоло дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, аз ҷумла дар фаъолияти ҳамарӯза ва иқдомоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зоҳир мешаванд.

Асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик аз асарҳои мутафаккирони Ғарб фарқ доранд. Назарияҳои зиёд ва гуногуни давлати иҷтимоӣ вуҷуд доранд. Таҷрибаи давлатдории иҷтимоӣ дар кишварҳои ҷаҳон хусусиятҳои худро дорад. Таҷрибаи давлатдории иҷтимоӣ дар заминаи анъанаҳои давлатдории миллӣ, арзишҳои тамаддун ва фарҳанги миллӣ ташаккул ёфта, мунтазам инкишоф меёбад.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти Академияи ВКД ҶТ – Рустамзода А.К.**

**АДАБИЁТ**


4. Аквинский Фома. Сумма против язычников. Книга первая / Ф. Аквинский. Перевод и примечания Т.Ю. Бородай. -М.: Институт философии, теологии и истории св. Фомы, 2004. - 440 с.
5. Аристотель. Сочинения.В 4 т. Т. 4/ Аристотель. –М.: Мысль, 1983. -830 с.
6. Васильева Т.С. Социальная философия: Учеб. пособие. - 4-е изд., перераб. и доп./ Т.С. Васильева, В.В. Орлов. Перм. гос. ун-т. - Пермь, 2007. с. 33
7. Гегель Г.В.Ф. Лекции по философии истории / Г.В.Ф. Гегель. Пер. А.М. Водена. -СПб.: Наука, серия "Слово о сущем", 2000. -С. 418.
8. Ибн-Сина. Исцеление / Ибрагим Т.К., Ефремова Н.В. // Мусульманская философия. -С. 453.
9. Калашников С.В. Функциональая теория социального государства / С.В. Калашников. - М., 2002.-С.53.
10. Кочеткова Л.Н. Теория социального государства Лоренца фон Штейна / Л.Н. Кочеткова // Философия и общество. -№ 3, июль - сентябрь 2008. - С. 69-79.
11. Локк Дж. Два трактата о правлении / Джон Локк. Пер. с англ. Е. С. Лагутина и Ю. В. Семенова. –М.; Челябинск: Социум, 2014. -С. 7-8.
12. Македонская Ж.Х. Правовая природа Российской Федерации как социального государства: дис…канд.юрид.наук / Ж.Х. Македонская. -М., 1997. -С.18-23.
13. Макиавелли Н. Избранные сочинения / Н.Макиавелли; пер. Г.Д. Муравьевой. -М., 1982. -С.328-331.
14. Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма / Х.Х. Муминджанов. -Душанбе, 2000. -С.231-242.
15. Мухтар С.А. Даконе ал-ахбор ва манокиб ал-аброр / С.А. Мухтар. -Бомбай, 1304. -ГЛ.16. -С32-37.
16. Об интеллектуальном счастье, о счастье гражданском и о счастье согласно «россказням и бредням старух» // Исследования по арабо-мусульманской культуре и философии. Избранные статьи А.В. Сагадеева. -М., 2009. -С. 251.
17. Олейникова, Е.Г. О-53 Основы социального государства [Электронный ресурс]: учебно-методическое пособие / Е.Г. Олейникова; Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО «Российская академия народного хозяйства и государственной службы при Президенте РФ». – 1 электрон. опт. диск (CD-ROM). – Систем. требования: IBM PC с процессором 486; ОЗУ 64 Мб; CD-ROM дисковод; Adobe Reader 6.0. – Загл. с экрана.
18. Платон. Собр. соч.: В 4 т. Пер. А.Н. Егунова. -Т. 4. -М.: Мысль, 1994. -С. 187-189.
19. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. -Душанбе: Империал Групп, 2014. -С.135.
20. Халиков А.Г. Государственно-правовые идеи зороастризма / А.Г. Халиков. -М., 2004. -С.36-37.
21. Халиков А.Г. Хадис как источник мусльманского права(суннитское направление) / А.Г. Халиков. -Душанбе, 1998. -С.108-109.


## ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ФУНКСИЯИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТ


Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи пайдоиш ва инкишофи функсияи иҷтимоии давлатро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки дар давраи пайдоиши давлат функсияи мазкур аз ҷониби давлат амалӣ карда намешуд ва ягона кумак аз ҷониби институтҳои ҷамъиятӣ барои шахсони ниёзманд расонида мешуд. Дар натиҷаи инкишофи ғояҳои инсондӯстӣ ва ҷаҳонбинии фардони ҷомеа ва рушди давлатдорӣ давлатҳои муосир барои қонеъ намудани талаботи иҷтимоии шаҳрвандони худ тамоми чораҳоро меандешанд. Аз он ҷумла, барои ҳар фарди ҷомеа шароити зиндагии арзанда ва барои рушди шахсияти онҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи давлатҳое мебошад, ки худро давлати иҷтимоӣ эълон намуда, ҷиҳати амалӣ намудани он якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул кардааст.



**Калидвожаҳо**: давлат, давлати муосир, давлати иҷтимоӣ, функсияи давлат, функсияи иҷтимоии давлат, амалишавии функсияи иҷтимоии давлат, қонунгузори иҷтимоии давлат.

## СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ФУНКЦИИ ГОСУДАРСТВА

В данной статье автор рассматривает вопрос возникновения и развития социальной функции государства и отмечает, что в период возникновения государства эта функция не реализовывалась государством, а единственная помощь оказывалась со стороны государства общественным институтам для нуждающихся. В результате развития гуманитарных идей и мировоззрения людей, общества и развития государственности современные государства принимают все меры для удовлетворения социальных потребностей своих граждан. В том числе обеспечивают благоприятные условия для достойной жизни и развития личности для каждого члена общества, объявившего себя социальным государством и принявшего для его реализации ряд правовых актов.

**Ключевые слова:** государство, современное государство, социальное государство, функция государства, социальная функция государства, реализация социальной функции государства, социальное законодательство государства.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE SOCIAL FUNCTION OF THE STATE

In this article, the author examines the issue of the emergence and development of the social function of the state and notes that during the period of the emergence of the state, this function was not implemented by the state, and the only assistance was provided by the state. public institutions for those in need. As a result of the development of humanitarian ideas and worldviews of the people of society and the development of statehood, modern states are taking all measures to meet the social needs of their citizens, including providing favorable conditions for a decent life and personal development for each member of society who has declared itself a social state and adopted a number of legal acts for its implementation.

**Keywords:** state, modern state, social state, function of the state, social function of the state, implementation of the social function of the state, social legislation of the state.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Амирсаид Беҳрӯзович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 888999400.** G-mail: **sa4790783@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Амирсаид Бехрузович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 888999400.** G-mail: **sa4790783@gmail.com**

**Information about the author:** ***Sharipov Amirsaid Behruzovich*** - Tajik National University, Ph.D. doctoral student of the department of theory and history of Government and Law. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue. Phone: **(+992) 888999400.** G-mail**: sa4790783@gmail.com**

ТДУ: 342.4(575.3)

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ДАР БОРАИ МАВЗУИ ШАРТНОМАИ ТАЪМИНОТИ ЯКУМРА БО САРОБОНӢ

*Амонзода Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мавзуъ яке аз шартҳои муҳимми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ маҳсуб мешавад. Номгӯйи шартҳои муҳимми шартнома ва аҳаммияти ҳуқуқии онҳо дар қисми 3 моддаи 498 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 [1] муқаррар гардидааст. Дар қисми 3 моддаи зикршуда оварда шудааст, ки "шартҳо оид ба мавзуи шартнома, шартҳое, ки дар қонунгузорӣ барои шартномаи намуди мазкур муҳим номбар шудаанд ё заруранд, инчунин, ҳамаи он шартҳое, ки нисбат ба онҳо тибқи аризаи яке аз тарафҳо бояд созиш ба даст ояд, шартҳои муҳим ба ҳисоб меравindependent. Агар тарафҳо доир ба шартҳои муҳимми шартнома ба созиш наоянд, шартнома бастанашуда ҳисоб мегардад". Аз меъёри мазкур маълум мегардад, ки барои тамоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул мавзуъ шарти муҳим ба ҳисоб меравад.

Тибқи андешаи муҳаққиқони ватанӣ ба шартҳои муҳими шартнома инҳо дохил мешаванд: 1) шарт нисбат ба мавзуъ (предмет)-и шартнома. Бе муайян кардани он ки предмети шартномаро чӣ ташкил медиҳад, ягон шартномаро бастан мумкин нест; 2) он шарте, ки бо қонун ва ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти муҳим эътироф шудааст; 3) шарте, ки барои шартномаи намуди додашуда зарур аст; 4) шарте, ки бо аризаи яке аз тарафҳо нисбати онҳо тарафҳо ба созиш омадаанд [13,с.40].

Мазмуни шартномаи таъминоти якумра бо саробониро шартҳои шартнома ташкил медиҳанд, ки тарафҳо вобаста ба онҳо ба созиш омадаанд. Дар шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ мавзуъ ва пардохти рентавӣ шарти муҳим ба ҳисоб мераванд.

Мустақилияти ҳама гуна шартномаҳо дар ҳуқуқи граждании пеш аз ҳама аз мавзуи он вобаста аст. Илова бар ин, мавзуи шартнома ифодагари мустақилияти он аст. Бинобар ин, муқаррар гардидани мавзуи шартнома дар ин соҳа аҳамияти муҳим дорад.

Бояд қайд намуд, ки сабаби шарти муҳим барои ҳамаи шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ эътироф намудани мавзуъ дар он мебошад, ки танҳо ҳангоми дар шартнома пешбинӣ шудани шарти мазкур хоҳишу иродаи тарафҳо мушаххас мегардад. Шартнома ҳамчун намуди аҳд амали ҳуқуқии мақсаднок мебошад ва танҳо дар сурати дақиқ будани мавзуи шартнома мақсади ояндаи онҳо муайян карда мешавад.

Дар қонунгузории маданӣ дар баъзе ҳолатҳо мавзуъ ва объекти шартнома истифода карда мешавад.

Дар адабиёти илмӣ низ тафовути категорияҳои зикршуда ба роҳ монда мешавад. Масалан, М.М. Соҳибзода ва Б.С. Шерзода қайд менамоянд, ки объект ва мавзуи шартномаи консессионӣ тафовут доранд. Объекти шартномаи консессионӣ молу мулки давлатӣ ва захираҳои табиие мебошанд, ки дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи шартнома консессиядор нисбати онҳо ҳуқуқи анҷом додани амалҳои муайян (ба монанди бунёд ё таҷдид намудан, истифода кардан)-ро соҳиб мебошад. Мавзуи шартномаи консессионӣ бошад, пешниҳоди объекти шартнома аз тарафи консецедент ва анҷом додани амалҳои муайян нисбат ба ин объектҳо аз тарафи консессиядор маҳсуб меёбад [12,с.384].

Мавзуи шартнома ин объекти олами моддӣ мебошад, ки иродаи тарафҳои шартномавӣ бевосита ба он равона карда шудааст ё бевосита бо он алоқаманд аст ва барои ҷудо кардани он аз дигар объектҳо ба қадри кофӣ фардӣ карда шудааст. Хусусияти мавзуи шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ дар он аст, ки он аз ду унсур иборат аст. Барои пардохткунандаи рента, унсури ашё бешубҳа молу мулки ғайриманқул мебошад, ки бо шарти таъмини нигоҳдорӣ бегона карда мешавад. Барои гирандаи рента, унсури шабеҳи мавзуи шартнома пардохтҳои рентавӣ мебошад, ки дар шартномаи мазкур шакли таъминоти якумра бо саробонӣ доранд, ки ба гирандаи рента дода мешавад. Ҳангоми баррасии молу мулки ғайриманқул ҳамчун мавзуи шартнома, пардохтҳои рентавӣ бояд ҳамчун муодили хос баррасӣ карда шаванд. Ҳангоми баррасии пардохтҳои

рентавӣ ҳамчун мавзуи шартнома, молу мулки ғайриманқул бояд ба он баробар ҳисобида шавад.

Ҳамин тариқ, объект ва мавзуи шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ категорияҳои алоҳида буда, тафовут доранд. Объекти шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ тибқи муқаррароти моддаи 661 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон манзили истиқоматӣ ва молу мулки ғайриманқули дигар шуда метавонад. Мавзуи шартнома бошад, ин амалҳои тарафҳо мебошад, ки дар доираи объекти шартнома анҷом дода мешавад. Аз ҷумла аз ҷониби гирандаи рента ба ҳуқуқи моликияти пардохткунандаи рента додани молу мулк.

Тибқи моддаи 138 Кодекси мадании ҶТ ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул, ғайриманқула) инҳо дохил мешаванд: қитъаи замин, бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамом, дарахтҳои бисёрсола ва молу мулки дигар, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки ҷойивазкуниашон бе расондани хисороти воқеии номутаносиб ба таъиноташон имконнопазир аст. Инчунин ба ашёи ғайриманқул инчунин киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, киштиҳои кайҳонӣ, истгоҳҳои кайҳонӣ, радифҳои маснуъ ва объектҳои дигари кайҳонӣ, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, баробар эътироф карда мешаванд. Мувофиқи қонун, ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки дар низоми молу мулки ғайриманқул объектҳое ҷой дорад, ки объекти шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ эътироф намудани онҳо баҳснок мебошад. Бояд қайд кард, ки объекти шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ наметавонад ашёи ғайриманқул бошад, ки аз муомилоти озоди молумулкӣ гирифта шудааст ё дар чунин муомилот маҳдуд карда шудааст. Аз ҷумла қитъаи қитъаи замин тибқи талаботи Кодекси маданӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриманқул мебошад. Дар қисми 1, моддаи 661 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон “молу мулки дигари ғайриманқул” пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он дилхоҳ молу мулк ҳамчун объекти шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ шуда метавонанд.

Қитъаҳои замин, биноҳо, ҷангал, ниҳолу дарахтони бисёрсола ва ба таври умум тамоми чизе, ки ба замин алоқаманду ғайриинтиқол аст, ба ашёи ғайриманқул дохил мешаванд. Илова бар ин, муассисаву корхона, объектҳои фазоӣ, киштиҳои фазоиву дарёии дорои сабти давлатӣ низ ҳамчун комплекси молумулкӣ ба ашёи ғайриманқул дохил мегарданд. Ашёи ғайриманқул дорои қобилият ва хусусияти мураккаби мубодидавӣ мебошанд, зеро анҷоми ҳар гуна муомилаи вобаста ба истифодаи амволи ғайриманқул ба танзими нотариалӣ ва сабти давлатӣ ниёз дорад [17,с.43-44].

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 138) қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул муаяйян шудааст. Аммо, муомилоти объекти мазкур дар шароити Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро дорад. Пеш аз ҳама, дар асоси моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замин моликияти истисноии давлат мебошад. Дар ин замина, ҳуқуқи моликият ба қитъаи замин танҳо ба давлат тааллуқ дошта, танҳо бо ҳуқуқи истифодабарӣ ва иҷора ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад.

Ф.С. Сулаймонов қайд менамояд, ки “вақтҳои охир ба баъзе қонунгузории соҳавӣ як қатор тағйироту иловаҳо дохил карда шуданд, ки бо вуҷуди ҳамаи баҳсу мунозира ва беасос будани худ, мутаассифона, ба баъзе падидаҳои ҳуқуқи гражданӣ дахл мекунанд.... Ҳамин тариқ, аз 1 августи соли 2012 тағйироту иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор пайдо карданд, ки аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи заминро ҳамчун объекти «махсус»-и ҳуқуқи гражданӣ пешбинӣ менамояд (моддаи 2.1). Аз ин рӯ, дар айни замон ҳуқуқи истифодаи замин объекти махсуси ҳуқуқи гражданӣ буда, он метавонад аз рӯйи муомилоти гуногун, аз ҷумла, фурӯш, ба иҷора, туҳфа ва ғайра дода шавад. Мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи истифодаи замин ҳамчун ҳуқуқи субъективии маҳдуди ашёӣ эътироф карда мешавад (моддаи 241). Сарфи назар аз ҳама шартӣ будани ин ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат молики (ба маънои ҳуқуқии гражданӣ) замин нест ва замин моликияти истисноии давлат мебошад (моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки аҳамияти ҳуқуқии байналмилалии

онро тавсиф мекунад, яъне хамчун ҳуддуди Тоҷикистон. Қонунгузор ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро объекти объекти ҳуқуқ эътироф намуда, онро объекти чунин аҳдҳое эълон намуд, ки онҳо ба чунин объект моҳиятан бегона мебошанд. Аз ҷумла, объекти шартномаи иҷора ҳуқуқи истифодаи замин буда метавонад, дар ҳоле ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ашёи инфиродиро ҳамчун объекти шартномаи зикршуда пешбинӣ намудааст (моддаи 626)” [15].

Ба андешаи А.Ш. Азимзода, “мутаассифона, то ҳол механизми амалишавии аҳдҳо вобаста ба бегона кардани ҳуқуқ ба замин ҳамчун объекти махсуси ҳуқуқҳои маданӣ коркард нашудааст ва дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ вобаста ба объекти мазкур муносибатҳои замин ягон аҳд амалӣ карда нашудааст. Маврид ба зикр аст, ки ҳуқуқи истифодаи замин объекти ҳуқуқҳои маданӣ буда, дар як вақт таҳти моликияти субъектони муносибатҳо оид ба замин қарор дорад. Дар ин замина, дар бозор фарқ намудани арзиши ибтидоии як қитъаи замин ва арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ғайриимкон аст, дар натиҷаи фурӯхтан ё харидани на ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, балки мавзуи аҳд қитъаи замин мешавад. Ғайриимкон будани муайян кардани сарҳади байни ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва худи қитъаи замин ба қоидаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси замини Ҷумуҳурии Тоҷикистон, ки замин дар он моликияти истисноии давлат муайян шудааст, мухолифат менамояд” [4,с.22-23].

Дар робита бо ин, қитъаи замин объекти шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ баромад накарда, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини бо ҳуқуқи бегона намудани он ҳамчун объекти шартномаи мазкур метавонад бошад. Чунин кафолатро моддаи $2^2$ Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки тибқи он ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ буда, метавонад предмети хариду фурӯш, тӯҳфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо бошад ва инчунин ба тариқи мерос ва бо тартиби умумии ба даст овардани ҳуқуқ, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории гражданӣ муқаррар намудааст, ба дигар шахс гузарад.

Бо ворид шудани моддаи мазкур ба Кодекси замин муомилоти ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин иҷозат дода шуд. Аммо то ҳол механизми амалишавии муомилоти мадани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар мамлакат қабул нашудааст. Аз ҷумла зарур аст, ки қоидаҳои пайдо кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар бозори ҳуқуқи истифодаи замин, тартиби бемузд ё музднок додани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он, масъалаи баҳои ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, муомилоти мадании ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он танзим карда шавад.

Дар Кодекси мадании мамлакат низ, ки аз 1 июли соли 2023 амал карда истодааст, дар низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин муайян нагардидааст. Аммо, дар баъзе санадҳои қонунгузорӣ он ҳамчун объект муқаррар шудааст. Дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ” аз 7 августи соли 2020, №1720 [2] ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти баҳодиҳӣ мебошад. Моддаи 1 Қонуни мазкур бошад, пешбинӣ менамояд, ки **объектҳои баҳодиҳӣ** ин объектҳои ҳуқуқи гражданӣ аст, ки нисбат ба онҳо фаъолияти баҳодиҳӣ амалӣ карда мешавад. Аммо, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 136) дар низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро муқаррар накардааст. Ҳамзамон, дар асоси қисми 2 моддаи 136 Кодекси мазкур номгӯйи неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ (ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба ин гуруҳ дохил мешавад) пӯшида мебошад, яъне дигар санадҳои қонунгузорӣ неъмату ҳуқуқҳои нави молумулкиро ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ муайян карда наметавонанд.

Бояд қайд кард, ки таҳия ва ҷорӣ намудани пурраи механизмҳои муомилоти ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар шароити муосири мамлакат ба манфиати шаҳрвандон ва давлат буда, ба истифодаи пурра, оқилона ва самараноки замин метавонад мусоидат намояд [14,с.195].

Бо сабаби дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набудани ягон маҳдудият, бастани шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ на танҳо нисбати объекти молу мулки ғайриманқул ҳамчун як воҳид, балки қисми он, масалан, яке аз ҳуҷраҳо

имконпазир аст. О.С. Иоффе чунин мешуморад, ки бояд як қисми хонаи истиқоматӣ танҳо дар сурате ҳамчун мавзуи эҳтимолии шартнома эътироф карда шавад, ки худи бегона на дар маҷмӯъ, балки танҳо як қисми он дошта бошад, ё як қисми хона тибқи шартномаҳои дигар ва қисми дигар тибқи шартномаи таъминоти якумра бегона карда шавад. Зеро агар ба харидор як қисми хонаро дода шуда бошад ва қисме аз онро барои худ нигоҳ дошта бошад, дар ҳоле ки зарурати қонеъ кардани талаботи манзилро эҳсос накунад, ӯ метавонад ин қисми хонаро барои иҷора истифода барад, "бар хилофи таъиноти истеъмолии моликияти шахсӣ" мебошад [6,с.297].

Инчунин, шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ метавонад нисбат ба корхона ҳамчун маҷмааи молумулкӣ баста шавад, ки бо назардошти қисми 1 моддаи 142 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешавад. Хусусияти корхона дар он ифода меебад, ки он як маҷмааи молу мулкӣ мебошад, ки на танҳо молу мулки гуногун, балки ҳуқуқҳои ҳатмии талабкунӣ ва қарзҳо, инчунин ҳуқуқҳои истисноиро дар бар мегирад. Корхона молу мулки ғайриманқул аст, на аз сабаби робитаи ногусастании он бо замин, балки бо қарори қонунгузор ба ин объекти мушаххас хусусиятҳои реҷаи ҳуқуқии барои молу мулки ғайриманқул муқарраршударо паҳн мекунад. Ин гуна молу мулки ғайриманқул дар адабиёти илмӣ ҳамчун молу мулки ғайриманқул аз рӯйи таъинот [16,с.92], молу мулки ғайриманқул аз рӯйи қонун баррасӣ карда мешавад [7,с.19].

Тибқи қисми 2 моддаи 138 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои шиноварӣ-дохилӣ, объектҳои кайҳонӣ ҳамчун объекти ғайриманқул муайян карда шудаанд. Барои ба ғайриманқул дохил кардани ин гуна объектҳо алоқа бо қитъаи замини мушаххас талаб карда мешавад, ба ғайр аз ин, он ғайриимкон аст. Умумияти навъии киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои ҳаракаткунанда ва объектҳои кайҳонӣ бо молу мулки ғайриманқул бо арзиши назарраси "амволи ғайриманқули ҳаракаткунанда" ва зарурати баҳисобгирии давлатӣ, ки фардикунонии онро таъмин мекунад, вобаста аст. Ба андешаи андешаи Г.Б. Леонова [8,с.2], имкони бастани шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ нисбат ба киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар ҳаракаткунанда ва объектҳои кайҳонӣ дар робита ба набудани онҳо дар моликияти гирандагони эҳтимолии рента тибқи шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ хеле шубҳанок аст.

Қонунгузории мадании Тоҷикистон имконияти додани ашёи манқул, кор, хизмат ва дигар амалҳо таҳти пардохти рентавиро бо шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ пешбинӣ намекунад. Баръакс, дар Британияи Кабир, масалан, рента метавонад на танҳо ба ивази интиқоли ашё (ҳам манқул ва ҳам ғайриманқул), балки ба ивази амалҳои муайян пардохт карда шавад. Бо қатъи шартномаи шартномаи фаъолияти якҷоя, шарикони боқимонда бо узви ширкат, ки аз шартнома баромада буд, мувофиқа карданд, ки дар сурати вафоти ӯ онҳо ба зану фарзандони ӯ рентаи муайян пардохт мекунанд (парвандаи Miller's Agreement, соли 1947) [5,с.287]. Худи рента ва андозаи он метавонад бо ягон маҳдудият алоқаманд бошад. Масалан, бастани шартномае имконпазир аст, ки тибқи он ба зани танҳо то лаҳзаи издивоҷ рентаи солонаи андозаи муайян пардохт карда мешавад ва пас аз издивоҷ андозаи рента кам карда мешавад [11,с.429].

Қисми дуюми мавзуи шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ пардохтҳои рентавӣ мебошад, ки ба гирандаи рента дар шакли таъминот бо саробонӣ дода мешавад.

Дар банди 1 моддаи 661 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории асосии пардохткунандаи рента ба таври васеъ ҳамчун таъминот бо саробонӣ баён карда шудааст. Уҳдадории зикршуда метавонад таъмини эҳтиёҷоти гирандаи рента ба манзил, хӯрок ва либосро дар бар гирад ва агар вазъи саломатии шаҳрванд талаб кунад, инчунин нигоҳубини онҳоро дар бар гирад. Илова бар ин, дар шартнома пардохти рентаи хизматрасониҳои расмӣ аз ҷониби пардохткунанда пешбинӣ шуда метавонад. Ин номгӯ намунавӣ аст ва бояд дар шартнома мушаххас карда шавад. Қонунгузор вобаста ба вазъият ба ихтиёри тарафҳо вобаста намудааст, ки уҳдадориҳои пардохткунанда дар шартнома мушаххас карда шавад. Тарафҳо ҳуқуқ доранд дар бораи ба шартнома дохил кардани шартҳои дигар ё баръакс, баъзе шартҳои дар қонун зикршударо истисно кунанд.

Азбаски дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории пешниҳоди таъминот ба таври кофӣ нақшавӣ навишта шудааст, теъдоди зиёди шартномаҳо таъминоти якумра бо саробонӣ бо шароити хеле номуайян баста мешаванд, ки баъдтар боиси ихтилофоти байни тарафҳо ва афзоиши шумораи баҳсҳои судӣ мегардад. Аксари даъвоҳои гирандагони рента дар бораи бекор кардани шартнома бо он асос меебанд, ки гирандаи рента дар лаҳзаи бастани шартнома ба ҳаҷм ва хусусияти хизматҳое, ки баъдтар ба ӯ пардохткунандаи рента расонида мешуд, умед мебандад. Аксар вақт чунин ба назар мерасад, ки дар шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ ҳадди ақали уҳдадориҳо пешбинӣ шудааст, ки дар маҷмуъ талаботи гирандаи рентаро таъмин намекунанд. Аксар вақт дар чунин ҳолатҳо байни тарафҳо созишномаҳои шифоҳӣ ва уҳдадориҳо мавҷуд буданд, ки дар асоси онҳо шартномаи хаттӣ тартиб дода мешуд. Гирандаи рента чунин мешуморид, ки шартҳои шартнома бояд дар ҳаҷми пурратар амалӣ карда шаванд. Дар чунин ҳолатҳо, виҷдони пардохткунандаи рента ҳангоми бастан ва иҷрои шартнома зери суол гузошта мешавад. Барои роҳ надодан ба чунин бархӯрдҳо, бояд ба шартнома тамоми шартҳои муҳими таъминот ворид карда шаванд ва тартиби пешниҳоди он хеле муфассал шарҳ дода шавад. Ҳам хизматрасонии тиббӣ, ҳам реҷаи хариди маҳсулот, ҳам ассортименти тахминии маҳсулоти харидашуда ва ҳолатҳои таъминоти хонагӣ, бистарӣ шудан ва ғайра бояд дар шартнома муфассал танзим карда шаванд [10,с.120]. Шартномае, ки муфассал муносибатҳои байни тарафҳоро ба тартиб медарорад, минбаъд баҳсҳоро дар бораи ҳаҷми пешбинишудаи таъминот истисно мекунад.

Аммо, хоҳиши бастани шартномаи ба қадри имкон муфассал комилан аз виҷдони пардохткунандаи рента ва салоҳият ва виҷдони нотариуси тасдиққунандаи шартнома вобаста аст. Аз ин рӯ, қабули Низомнома дар бораи шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ зарур аст, ки номгӯйи пурраи уҳдадориҳои пардохткунандаи рентаро муқаррар мекунад, ки мушаххасоти он аз ҷониби тарафҳо дар шартнома бо назардошти ниёзҳои қабулкунандаи рента анҷом дода мешавад.

Ба манфиати пардохткунандаи рента, баҳисобгирии муқарраршудаи хизматрасониҳое, ки тибқи шартнома пешниҳод шудаанд, ки далели он аст, ки ҳаҷми таъминготи дар шартнома пешбинишуда воқеан пешниҳод карда мешавад. Баҳисобгирӣ метавонад бо якчанд роҳ анҷом дода шавад. Якум, тавре ки А.Пахомов [10,с.120] пешниҳод мекунад, бо роҳи таҳияи санадҳои дуҷониба дар бораи таъминоти пешниҳодшуда, ки аз ҷониби тарафҳо имзо шудаанд. Дуюм, бо навиштани рента аз ҷониби қабулкунанда дар бораи он, ки кадом хизматҳо ва чӣ қадар ба ӯ аз ҷониби пардохткунандаи рента дода шудаанд. Сеюм, агар тарафҳои шартнома якҷоя зиндагӣ кунанд ва хоҷагии умумиро пеш баранд, тавсия дода мешавад, ки китоби хароҷот оғоз карда шавад, ки дар он пардохткунанда бояд тамоми хароҷотро пардохт кунад, ҳамаи ҳисобҳо ва чекҳоро часпонад. Дар ин ҳолат ҳамаи хароҷотҳо бояд бо имзои ҳарду ҷониб тасдиқ карда шаванд. Чорум, агар муодили пулии таъминот пардохта шавад, пардохткунанда метавонад пулро ба суратҳисоби қабулкунанда интиқол диҳад ё тавассути почта фиристад.

Ҳамин тавр, тибқи қоидаи умумӣ, иҷрои уҳдадорӣ оид ба таъминоти якумра бо саробонӣ бояд дар шакли таъмини эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи ҳаёти гирандаи рента сурат гирад. Ин хусусияти шартномаи баррасишаванда мебошад. Бо вуҷуди ин, таъминот, новобаста аз он ки дар кадом шакл пешниҳод карда мешавад, бояд дар шартнома ба миқдори муайяни пул, ки ба арзиши ҳаҷми умумии таъминот баробар аст, ифода карда шавад. Ҳангоми муайян кардани ҳаҷми умумии таъминот бо вобастагӣ бояд на танҳо хароҷоти воқеан бадастомада барои хариди ашё ва маҳсулоти зарурӣ ба назар гирифта шавад, балки хизматрасониҳои ба қабулкунанда расонидашуда, иҷрои корҳои муайян ва ғайра баҳо дода шаванд. Ва банди 3 моддаи 663 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад: арзиши ҳаҷми умумии таъминот дар як моҳ наметавонад аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар бошад. Аз сатҳи зикршуда, тарафҳо ҳуқуқ надоранд арзиши таъминотро муайян кунанд. Агар дар шартнома пардохти рентавии камтар нишон дода шуда бошад, он ба таври худкор ба бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар карда мешавад. Сабаби муқаррар кардани сатҳи ҳадди ақали таъминот дар он аст, ки барои гирандаи рента, таъминоти якумра манбаи асосии мавҷудият мегардад. Чунин танзими

императивӣ ба он равона карда шудааст, ки таъминоти якумра барои тарафҳо аҳаммияти воқеии иқтисодӣ дошта бошад ва ба мубодилаи арзишҳои ночиз байни онҳо табдил наёбад. Аён аст, ки ҳаҷми камтари таъминот ҳадафҳои шартномаро таъмин намекунад, онро ё ба қалбакӣ табдил медиҳад, ки созишномаи дигарро (масалан, ҳадия) ё шартномаи маҳдудкунанда барои қабулкунанда ҳисобида мешавад.

Дар қонунгузории ҶТ нисбат ба ҳолатҳои зикршуда муқаррароти моддаи 367 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шавад. Тибқи меъёри мазкур маблағе, ки аз рӯйи уҳдадории пулӣ бевосита барои таъмини шахсони воқеӣ пардохт карда мешавад (ҷиҳати ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расида, тибҳи шартномаи таъминоти якумрӣ бо саробонӣ ва ҳолатҳои дигари бо қонун пешбинишуда), бо зиёд шудани андозаи маоши ҳадди ақал мутаносибан меафзояд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинҳ нашуда бошад.

Пайваст кардани андозаи таъминот ба ҳадди ақалли нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки давра ба давра зиёд карда мешавад, шакли махсуси индексатсия мебошад. Мақсади истифодаи чунин пайвастшавӣ аз он иборат аст, ки новобаста аз тағйирёбии сомонӣ ба уҳдадорӣ устуворӣ дода шавад. Афзоиши ҳадди ақали нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо тартиби муқарраршуда боиси афзоиши мутаносиби андозаи таъминот дар шартнома мегардад. Ин қоида бо созишномаи тарафҳо тағйир ё бекор шуда наметавонад.

Аммо бояд ҳангоми муайян кардани андозаи таъминоти якумра аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда шавад. Чунин муносибати қонунгузор шубҳаҳои ҷиддиро ба бор меорад. Маълум аст, ки нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам аст, гарчанде ки вақтҳои охир кӯшишҳо барои зиёд кардани он сурат мегиранд. Масалан, тибқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024” ва дурномаи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026” [3] аз 1 январи соли 2024 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, пардохтҳои дигари ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин, барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, ба андозаи 72 сомонӣ муқаррар карда шуд. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз афзоиши таваррум, андозаи маблағи таъминот бо саронӣ хеле паст аст.

Моддаи 663 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондоди махсусро дар бар мегирад, ки дар шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ имконияти иваз кардани таъминот бо таъминоти эҳтиёҷоти воқеии шахс бо пешниҳоди пардохтҳои даврӣ дар давоми ҳаёти шахс бо пул пешбинӣ карда мешавад. Дар чунин ҳолат, шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ амалан ба шартномаи рентаи якумра табдил меебад. Ворид кардани чунин банд ба шартнома имкон медиҳад, ки дар сурати ба миён омадани баҳсҳо байни тарафҳо дар асоси муносибатҳои шахсӣ, ки баъдан ба ихтилофҳо дар бораи ҳаҷми хизматрасониҳо табдил меёбанд, аз вазъияти номусоид пешгирӣ карда шавад. Талаботи муқобили пардохткунандаи рента дар бораи иваз кардани таъминои якумра ба пардохтҳои даврӣ аз ҷониби суд аксар вақт бо як қатор сабабҳо қонеъ карда намешавад. Пеш аз ҳама, ин ба хусусияти шартнома вобаста аст.

Барои пардохткунандаи рента, унсури ашё бешубҳа молу мулки ғайриманқул мебошад, ки бо шарти таъмини якумра бегона карда мешавад. Барои гирандаи рента, унсури шабеҳи мавзуи шартнома пардохтҳои рентавӣ мебошад, ки дар шартномаи мазкур шакли таъминот бо саробонӣ доранд, ки ба гирандаи рента дода мешавад. Ҳангоми баррасии молу мулки ғайриманқул ҳамчун объекти шартнома, пардохтҳои рентавӣ бояд ҳамчун муодили хос баррасӣ карда шаванд. Ҳангоми баррасии пардохтҳои рентавӣ ҳамчун мавзуи шартнома, молу мулки ғайриманқул бояд ба он баробар ҳисобида шавад.

Имрӯзҳо теъдоди зиёди шартномаҳои таъминоти якумра бо саробонӣ дар бораи манзилҳои истиқоматӣ ва хонаҳои истиқоматӣ мебошанд. Пешниҳод карда мешавад, ки бо сабаби дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набудани ягон маҳдудият дар бастани шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ на танҳо нисбати объекти молу мулки ғайриманқул ҳамчун як воҳид, балки қисми он, масалан, яке аз ҳуҷраҳо имконпазир аст. Дар ин ҳолат бояд аз меъёрҳои шартномаи кироя манзили истиқоматӣ истифода бурда шавад, ки мувофиқи он объекти шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ танҳо

бинои истиқоматии ҷудошуда буда метавонад. Ҳамин тариқ, ба назар мерасад, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардани меъёре, ки бастани шартномаҳо оид ба додани қисми бинои истиқоматӣ ба моликият нисбат ба бинои истиқоматии ҷудогона иҷозат дода мешавад, мақсаднок аст. Дар акси ҳол, шартнома бояд танҳо нисбати молу мулки ғайриманқул ҳамчун як воҳид баста шавад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ - Ғаффорзода И.Ғ.**

### АДАБИЁТ


1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 18.02.2024).
2. Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ” // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.02.2024).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024” ва дурнамаи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026” // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.02.2024).
4. Азимзода А.Ш. Правовое регулирование предоставления и изъятия земельных участков в Республике Таджикистан: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук / А.Ш. Азимзода.– М., 2017. – 195 с.
5. Ансон В. Договорное право/ В.Ансон. – М., 1984. – 287 с.
6. Иоффе О.С. Обязательственное право / О.С.Иоффе. – М.: «Юрид., лит.», 1975. – 880 с.
7. Козырь О. Понятие недвижимого имущества в российском гражданском праве. Сделки с недвижимостью // Закон. 1999. – № 4. – С. 17-20.
8. Леонова Г.Б. Договор пожизненного содержания с иждивением // Законодательство. - 1999. -№8. -С.2-8.
9. Морандьер Л.Ж. Гражданское право Франции: Книга 3/ Л.Ж.Морандьер. – М.: 1961. – 338 с.
10. Пахомов А. Купля-продажа с условием пожизненного содержания // Закон. 1998. -№7. -С.118-121.
11. Самонд и Вильяме. Основы договорного права. – М., 1955. – 704 с.
12. Соҳибзода М.М. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / М.М.Соҳибзода, Б.С. Шерзода. -Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. – 448 с..
13. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи шартномавӣ / М.М.Соҳибов, Ҳ.М.Саидов, Д.Г.Хоҷамуродов, Ҳ.З. Бобохонов. – Душанбе: Андалеб Р, 2015. – 245 с.
14. Соҳибзода М.М. Кафолатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии амалишавии моликияти истисноии давлат ба замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: шаклгирӣ, вазъ ва дурнамои рушд / М.М.Соҳибзода, Б.С. Шерзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ. – Душанбе: ВатанПринт, 2023. – С. 190-197.
15. Сулаймонов Ф.С. Проблемы цивилистической науки в Республике Таджикистан. [Электронный ресурс].URL: https://law.tnu.tj/index. php/ ru/nauka-top/39-stati/74 (дата обращения: 17.10.2023).
16. Сыродоев Н.А. Регистрация прав на землю и другое недвижимое имущество // Государство и право. 1998. – №8. – С. 90-97
17. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ/ Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: Ашуриён, 2022. – 260 с.


## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ДАР БОРАИ МАВЗУИ ШАРТНОМАИ ТАЪМИНОТИ ЯКУМРА БО САРОБОНӢ


Тибқи қоидаи умумӣ, шартҳои шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ ба шартҳои муҳим, муқаррарӣ ва тасодуфӣ ҷудо карда мешавад. Шартҳои муҳим барои шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ аҳаммияти асосӣ дошта, аз риояи ин гурӯҳ шартҳо оқибатҳои ҳуқуқии оянда шартнома вобастагии зич дорад. Сабаби шарти муҳим барои ҳамаи шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ эътироф намудани мавзуъ дар он мебошад, ки танҳо ҳангоми дар шартномаи пешбинӣ шудани шарти мазкур хоҳишу иродаи тарафҳо мушаххас мегардад. Шартнома ҳамчун намуди аҳд амали ҳуқуқии мақсаднок мебошад ва танҳо дар сурати дақиқ будани мавзуи шартнома мақсади ояндаи онҳо муайян карда мешавад. Дар ҳуқуқи гражданӣ объект ва мавзуи шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ ҷудо карда мешавад. Хусусияти хоси шартномаи мазкур дар он аст, ки ҳамчун объекти он танҳо молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла манззили истиқоматӣ баромад карда метавонад. Мавзуи шартномаи таъминоти якумра ба саробонӣ ин аз ҷониби гирандаи рента ба ҳуқуқи моликияти пардохткунандаи рента пешниҳод намудани объекти шартнома ва аз ҷониби охирин пешниҳод намудани пардохти рентавӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои алоҳидаи мавзуи шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ бо истифода аз маводи илмӣ ва қонунгузорӣ таҳқиқ карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** шартнома, шартномаи рента, шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ, мазмуни шартнома, шартҳои шартнома, мавзуи шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ, объекти шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ, молу мулки ғайриманқул, қитъаи замин, корхона, манзили истиқоматӣ, пардохти рентавӣ, унсурҳои шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ, пардохткунандаи рента, гирандаи рента.

**НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ О ПРЕДМЕТЕ ДОГОВОРА ПОЖИЗНЕННОГО СОДЕРЖАНИЯ С ИЖДИВЕНИЕМ**

По общему правилу условия договоров гражданских прав подразделяются на существенные, обычные и случайные. Существенное значение для договоров гражданского права имеют существенные условия, от соблюдения данной группы условий во многом зависят будущие правовые последствия договора. Следует отметить, что причина признания предмета важным условием для всех гражданских правоотношений заключается в том, что только тогда, когда в договоре предусмотрено это условие, воля сторон становится конкретной. Договор как вид сделки является целевым правовым актом, и только при точном понимании предмета договора определяется их будущая цель. В гражданском праве объект и предмет договора пожизненного содержания подразделяются на иждивенцев. Характерной особенностью настоящего Договора является то, что его объектом может выступать только недвижимое имущество, в том числе жилое помещение. Предметом договора пожизненного содержания на иждивении считается предоставление объекта договора получателем ренты на право собственности плательщиком ренты и предоставление последним рентной выплаты. В данной статье исследуются отдельные вопросы темы договора пожизненного содержания с иждивением с использованием научных материалов и законодательства.

**Ключевые слова:** договор, договор ренты, договор пожизненного содержания с иждивением, содержание договора, условия договора, предмет договора пожизненного содержания с иждивением, объект договора пожизненного содержания с иждивением, недвижимость, земельный участок, предприятие, жилое помещение, выплата ренты, элементы договора пожизненного содержания с иждивением, плательщик ренты, получатель ренты.

**SOME QUESTIONS ON THE TOPIC OF A LIFETIME MAINTENANCE AGREEMENT WITH A DEPENDENT**

As a general rule, the terms of civil rights contracts are divided into essential, ordinary and accidental. Essential conditions are essential for civil law contracts, and the future legal consequences of the contract largely depend on compliance with this group of conditions. It should be noted that the reason for recognizing the subject as an important condition for all civil relations is that only when this condition is provided for in the contract, the will of the parties becomes concrete. A contract as a type of transaction is a targeted legal act, and only with an accurate understanding of the subject matter of the contract is their future purpose determined. In civil law, the object and subject of a lifelong maintenance contract are divided into dependents. A characteristic feature of this Agreement is that its object can only be real estate, including residential premises. The subject of the contract of lifelong maintenance on a dependent is considered to be the provision of the object of the contract by the recipient of the rent to the right of ownership by the payer of the rent and the provision of rent payments to the latter. This article examines some issues of the topic of a lifelong maintenance contract with a dependent using scientific materials and legislation.

**Keywords**: contract, rent agreement, contract of lifelong maintenance with a dependent, the content of the contract, the terms of the contract, the subject of the contract of lifelong maintenance with a dependent, the object of the contract of lifelong maintenance with a dependent, real estate, land, enterprise, residential premises, rent payment, elements of the contract of lifelong maintenance with a dependent, the payer of rent, the recipient of rent.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амонзода Баҳодур*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900-93-33-33**

Дар Тоҷикистони муосир экстремизми динӣ як мушкили мубрами рӯз маҳсуб меравад. Мақолаи мазкур баррасии мафҳуми экстремизми динӣ, шароити пайдоиш ва робитаи он бо дигар шаклҳои ифротгароиро дар бар мегирад. Мафҳуми экстремизм аз лотинии «extremus» гирифта шуда, маънои аслиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштан аст. Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон – дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд. Ин метавонад ҳам дар муносибатҳои байни одамон ва ҳам дар муносибат бо муҳити зист, сиёсат, дин ва дигар соҳаҳо зоҳир шавад. Экстремизм бар хилофи таҷовуз ё ҷиноят ҳамеша ангеза ва идеологияи худро дорад. Ин як падидаи хосси инсон буда, ҳамеша табиати консептуалӣ дорад. Вайрон кардани меъёру қоидаҳои муқарраршуда боиси пайдо шудани зухуроти ифротгароӣ дар ҷамъият мегардад. Экстремизми динӣ дар рафтори одамон бештар аз тарбияи нодуруст, гароиш ба парастиши зӯроварӣ ва таъсири омилҳои беруна ба шахсият вобаста аст. Илми муосир се гурӯҳи асосии омилҳоро муайян мекунад: иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ.

**Калидвожаҳо:** радикализатсия, экстремизми динӣ, ваҳҳобизм, радикализми сиёсӣ, суботи сиёсӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бо терроризм ва ифротгарой, дин, идеология, эътиқоди динӣ, самти фундаменталистии дини ислом.

## ПОНЯТИЕ РЕЛИГИОЗНОГО ЭКСТРЕМИЗМА И ЕГО ПРОЯВЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В современном Таджикистане актуальной проблемой является религиозный экстремизм. Данная статья освещает понятие религиозного экстремизма, его условия возникновения и связь с другими формами экстремизма. В переводе с латыни «extremus» обозначает крайний, выходящий за пределы границ, т.е. в социальном контексте поведение физического лица, группы лиц, сообщества, противоречащее установленным в данной парадигме нормам морали, традициям, обычаям либо правоохраняемым отношениям. Это может проявляться как в отношениях между людьми, так и в отношении к окружающей среде, политике, религии и других областях. Экстремизм, в отличие от агрессии или преступности, всегда имеет свою мотивацию и идеологию. Он является явлением, присущим только людям, и всегда имеет концептуальный характер. Нарушение установленных норм и правил ведет к возникновению экстремистских проявлений в обществе. Экстремизм в поведении людей чаще всего обусловлен неправильным воспитанием, ориентацией на культ насилия и воздействием внешних факторов на личность. Современная наука выделяет три основные группы факторов: социально-экономические, культурно-образовательные и политико-правовые.

**Ключевые слова:** радикализация, религиозный экстремизм, ваххабизм, политический радикализм, политическая стабильность, правопорядка, религиозного экстремизма, борьба с терроризмом и экстремизмом, религия, идеология, религиозные убеждения, религиозно-фундаменталистское направление ислама.

## THE CONCEPT OF RELIGIOUS EXTREMISM AND ITS MANIFESTATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In modern Tajikistan, religious extremism is an urgent problem. This article covers the concept of religious extremism, its conditions of emergence and connection with other forms of extremism. Translated from Latin, “extremus” means extreme, going beyond boundaries, i.e. in a social context, the behavior of an individual, group of persons, community, contrary to the moral norms, traditions, customs or legally protected relations established in a given paradigm. This can manifest itself both in relationships between people and in relation to the environment, politics, religion and other areas. Extremism, unlike aggression or crime, always has its own motivation and ideology. It is a phenomenon unique to humans and is always conceptual in nature. Violation of established norms and rules leads to the emergence of extremist manifestations in society. Extremism in people's behavior is most often due to improper upbringing, orientation towards the cult of violence and the influence of external factors on the individual. Modern science identifies three main groups of factors: socio-economic, cultural-educational and political-legal.

**Keywords:** radicalization, religious extremism, Wahhabism, political radicalism, political stability, law and order, religious extremism, the fight against terrorism and extremism, religion, ideology, religious beliefs, religious fundamentalist direction of Islam.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасанзода Парвиз Ҳасан*** – Академияи идоракунии ВКД Россия, адъюнкти кафедраи назария ва методологияи идоракунии давлатӣ, капитани милитсия. **Суроға:** Федератсияи Россия, ш. Москва, кӯчаи Зоя ва Александр Космодемянскийҳо, хонаи №8. Телефон**: (+992) 909-93-99-99.** E-mail: **parviz_sobirov@internet.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хасанзода Парвиз Хасан*** – Академия управления МВД России, адъюнкт кафедры теории и методологии государственного управления, капитан милиции. **Адрес:** Российская Федерация, г. Москва, улица Зои и Александра Космодемьянских, дом №8. Телефон**: (+992) 909-93-99-99.** E-mail: **parviz_sobirov@internet.ru**

**Information about the author:** ***Khasanzoda Parviz Hasan*** – Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia, adjunct of the department of theory and methodology of public administration, police captain. **Address**: Russian Federation, Moscow, Zoya and Alexandra Kosmodemyanskikh Street, building No. 8. Phone**: (+992) 909-93-99-99.** E-mail: **parviz_sobirov@internet.ru**

ТДУ: 342.4(575.3)

# ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯ – АСОСИ ТАҲКИМ ВА РУШДИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Шарифзода Л.Ш., Сафаров Ф.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода**

Бояд зикр кард, ки баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар аксари ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна равандҳои сиёсӣ мураккаб гардиданд. Дар ин давра таназзули истеҳсолот, паст шудани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ, ихтилофҳои байни гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ ба рушди ҷамъиятию сиёсии ҷомеа таъсири бевосита расонданд. Дар баробари ин, бухрони умумии сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки дар солҳои 90-ум ҷомеаро фаро гирифта. Ин давраи бухрони ҳамаҷониба мебошад, ки дар сарнавишти кишварҳои Осиёи Миёна нақши ҳалкунанда бозид. Пеш аз ҳама, он ба сарнавишти 15 ҷумҳурии собиқ шуравиро, ки субъектҳои нави мустақили раванди сиёсии ҷаҳон гардиданд, тағйир дод. Дар натиҷа зарурати ба эътидол овардани вазъияти мураккаб ба миён омад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ роҳи бебозгашти эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарварро интихоб намуд ва дар ин роҳ пайваста қадамҳои ҷиддӣ ва устувор гузошт. Барои ноил гардидан ба ин мақсад дар фазои ҳуқуқии кишвар аз рӯзҳои аввал тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) гувоҳи ин гуфтаҳост. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баёнгари иродаи халқи Тоҷикистон мебошад, дар ин самт беандоза муҳим аст. Дар он заминаҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкил намудану фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, аз қабили институти президентӣ, парламент, суди мустақил ва дар маҷмуъ таъмини амнияту оромӣ ва ташаккули ҷомеаи адолатпарвар таҷассум ёфтаанд [1].

Ин давраи дигаргунсозии куллии ҷамъият ва давлат, гузаштан аз низоми ҷамъиятию сиёсии шуравӣ ба шаклҳои муосири ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ мебошад, ки дар асоси он принсиипҳои сифатан нав: иқтисоди бозорӣ, демократия, плюрализми сиёсӣ, масъалаҳои озодӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Ин дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, ки бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ алоқаманданд, дар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ ин равандҳои мураккаби сиёсиро ба амал оварданд [2].

Вобаста ба ин масъалаи муҳим қайд намудан зарур аст, ки ягона воситаи муҳим дар он давра барои мусоидат ва устувор сохтани асосҳои сохтори конститутсионӣ дар раванди муосири давлатдории Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз рушди конститутсионӣ, ислоҳоти конститутсионӣ, дар низоми давлатдорӣ вобаста буд. Вобаста ба ин масъалаи муҳим муҳаққиқ Ш.В. Жамалдаев чунин иброз намудааст: "Бояд қайд намуд, ки яке аз муваффақиятҳои муҳимтарини сиёсии давраи дигаргунсозиҳои демократӣ, ба вуҷуд омадани ислоҳоти конститутсионӣ мебошад. Таъсиси парламент ҳамчун институти муҳимми сиёсӣ, ки дар асоси принсипҳои воқеан демократӣ амал мекунад, дар шаклгирии рушди парламентаризм мусоидат кард. Муҳимтарин вазифа ин аст, ки парламентаризм ҳамчун як меъёр дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дар устуворсозии низоми сиёсии ҷомеа нақши муҳим дорад" [3].

Бояд гуфт, ки бо қабули Конститутсия асосҳои сохтори конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон устувор шуд, волоияти қонун дар модди аввал гузошта шуд. Ин аст, ки Конститутсия тақсими вазифаҳои ҳокимияти мақомоти давлатиро пешбинӣ менамояд, ки аз рӯйи сохтори ҷории идораи давлатӣ сурат мегирад:

- мақоми конунгузор (намояндагӣ) дар симои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи таҳия ва эҷоди қонун мебошад;
- мақоми Ҳукумат – татбиққунандаи амали қонунҳост;
- мақоми судӣ бошад, танзимгари баҳсу мухолифатҳо буда, ҳамаи баҳсу мунозира ва мухолифатҳоро бо роҳи қонунӣ ҳал менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи давлатӣ –ҳуқуқӣ ин нуктаро ҳамчун мақсади асосии худ қарор дода, дар меъёрҳои худ волотарин идеяҳои инсондӯстонаро инъикос ва мустаҳкам намудааст. Вобаста ба он ки Конститутсия дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи роҳбарикунанда, хусусияти амали бевоситаро доро мебошад, муқаррароти он оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон низ асосҳои бунёдии дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

Қабл аз ҳама, бояд хотирнишон сохт, ки давлати мо дар натиҷаи таъмини сулҳу оромӣ аз нигоҳи сиёсӣ ва иқтисодӣ рӯ ба беҳбудӣ оварда, барои фаъол шудани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмону ҳизбҳои сиёсӣ шароит фароҳам сохт, ки дар натиҷа ҷомеа ба таври зарурӣ барои қабули дастгоҳи нави давлатдорӣ омода гардид. Ҳамин нуктаро ба ҳисоб гирифта, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 фаъолияти се шохаи ҳокимияти давлатиро муайян намуд, ки яке аз онҳо мақоми қонунгузор (намояндагӣ) Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида, вориси қонунии мақомоти олии қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад.

Бояд қайд намуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба дар таърихи давлатдориамон дар баробари такмил додани сохти идоракунии давлатӣ ва масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон кард, ки яке аз бузургтарин дастовардҳои давлатдории тоҷикон мебошад. Дар ин раванд ба Конститутсияи тағйиру иловаҳо дохил гардиданд, ки дар ҳаёти сиёсии мамлакат дигаргуниҳои муҳим ба миён омаданд. Дар асоси тағйироту иловаҳо ба Конститутсия, ташкил шудани ду маҷлис, яъне Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва дар асоси принсипҳои бисёрҳизбӣ гузаронидани интихоботи озоди вакилон дар таърихи давлатдориамон падидаи нав гардид.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ташаккули муносибатҳои ҳуқуқӣ ва қабул намудани қонунҳои миллӣ нақши арзишманд дорад, сарчашмаи аввалиндараҷаи соҳаҳои ҳуқукро ташкил медиҳад. Дар сурати рӯ овардан ба таърихи қонунэҷодкунии миллат дар замони соҳибистиқлолӣ, мушоҳида менамоем, ки мақомоти қонунбарори кишвар ба дастовардҳои бузург ноил гардида, қонунҳоеро қабул карда, мавриди амал қарор додааст, ки назирашонро ҷомеаи ҷаҳонӣ кам дар ёд дорад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хусусияти миллӣ дошта, дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ таҳия гардидаанд ва дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, баланд бардошти масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва расидан ба ҳадафҳои миллӣ саҳми бориз гузошта истодаанд. Аз ин ҷост, ки ҳоло таҷрибаи қонунэҷодкунии миллати тоҷик дар давлатҳои алоҳида мавриди омӯзиш қарор гирифта, аз ҷониби коршиносони сатҳи байналмилалӣ сазовори баҳои баланд гаштааст [4].

Ба андешаи муҳаққиқ Д.С. Раҳмон, "Конститутсияи кишвар на танҳо дар бунёди қонунгузории миллӣ, балки дар ташаккули соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ низ нақши назаррас гузоштааст. Зеро он пойдевори асосии муносибатҳо махсуб ёфта, дурнамои инкишофи давлату миллатро муайян менамояд. Дар натиҷаи дуруст ва сари вақт иҷро намудани меъёрҳои конститутсионӣ ба бузургтарин ҳадафҳои давлатдории миллӣ ноил гардида, тавонистем мавқеи сазоворро дар арсаи байналмилалӣ ба даст оварем» [4].

Конститутсия санади меъёрии ҳуқуқӣ аст ва дар фарқ аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қувваи олии ҳуқуқӣ дорад. Модом ки чунин аст, он бояд бо инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ба раванди бавуҷудомада мутобиқат намояд. Яъне, Конститутсия санади шахшуда нест ва бо гузашти айём он ба такмил ниёз пайдо менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо дарназардошти омилҳои гуногун ба Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид намудааст, ки дар натиҷаи онҳо моҳият ва мундариҷаи меъёрҳои конститутсионӣ боз ҳам такмил ёфтанд ва муносибатҳои нав дар сатҳи конститутсионӣ мавриди танзим қарор гирифтанд [4].

Қобили зикр аст, ки қабули Конститутсия дар ҳаёти сиёсӣ-ҳуқуқии кишвари мо дар устуворсозӣ ва шаклгирии низоми сиёсии ҷомеа, рушди муҳимтарин бахшҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ба танзим даровардани масъалаҳои муҳим нақши муассир гузошт.

Дар ин раванд дар баробари тағйиротҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди сиёсии ҷомеа зарурат ба миён омад, ки ба Конститутсия як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки заминаи асосиро дар рушди парламентаризм устувор намуданд.

Ба мақсади ташаккул додани сохтори идоравии давлатӣ, бо дарназардошти ниҳодҳои муҳимтарини демократӣ ва наздиксозӣ ба идоракунии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон зарурати ташкили парламенти сифатан навро ҳамчун ҷузъи муҳимми сохтори сиёсӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён гузошт. Вобаста ба ин, дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ 26-уми сентябри соли 1999 оид ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳи парламенти думаҷлиса қабул гардид, ки боби сеюми он аз моддаи 48 то 63 ба Маҷлиси Олӣ бахшида шудааст. Мутобиқи он, Маҷлиси Олӣ, ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст, ки ин барои дар сатҳу сифати баланд, мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ қабул гардидани қонунҳо ва асноди ҳуқуқӣ-меъёрӣ шароит фароҳам овард [5].

Ба андешаи муҳаққиқ Ашурбой Имомов: «Аввалин идеяи дупалатагии парлумон солҳои аввали соҳибистиқлолӣ пешниҳод шуда буд. Вале он вақт ин пешниҳод ба эътибор гирифта нашуд ва ин таклиф ҳам нагузашт. Баъдан ғояи дупалатагӣ дар ҳамон ҳолате ба вуҷуд омад, ки дар гуфтушунидҳои байни ҳукумат ва неруҳои опозитсионӣ тарҳи нави парлумонро муаяйн карданӣ шуданд. Азбаски яке аз шохаҳо шохаи вакилони халқӣ гардид, ҷониби Ҳукумат тарҳи палатаи дувумро пешниҳод кард. Вақте дар музокироти байни Ҳукумат бо намояндагони Комиссияи оштии миллӣ доир ба ин масъала ва даровардани ислоҳот ба чандин нуқтаҳои Конститутсия таклифҳо пешниҳод гашт ва созиш карда шуд. Соли 1999 ин пешниҳод ба овоздиҳӣ гузошта шуд ва қабул гардид» [6].

Ба андешаи коршинос Сайфулло Сафаров, «дар мавриди заминаҳо ва сабабҳои пайдоиши Маҷлиси дупалатагӣ, бахусус, Маҷлиси миллӣ, набояд омилҳои дохилӣ ба назар гирифта шаванд, балки таҷрибаи ҷаҳонӣ бештар маҳаки ин иқдом шудааст. Пас аз имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ миёни давлат ва иттиҳоди мухолифини собиқ, ниёзе ба чунин ниҳоди қонунгузор ба вуҷуд омад. Сабаби аслии пайдо шудани Маҷлиси миллӣ дар Тоҷикистон он буд, ки баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ бояд манфиатҳои минтақаҳо дар сатҳи олӣ риоя карда мешуд. Ин, пеш аз ҳама, аз ҷониби давлат ба вуҷуд омадааст, чунки ба ҳам овардани манфиатҳои минтақавӣ, миллӣ ва давлатӣ, албатта, пеш аз ҳама, аз тарафи давлат сурат мегирад. Чун, ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои дигар манфиатҳои худашонро доранд. Ва манфиатҳои онҳоро наметавон гуфт, ки ҳамаи манфиатҳо пурра ба манфиатҳои милливу давлатӣ мувофиқат мекунанд. Аз ин сабаб ин бештар ба манфиатҳои давлатӣ асос ёфта буд ва ташаббускори ин, албатта, давлат аст» [7].

Дар натиҷа соли 1999 сулҳ парлумони Тоҷикистон ба низоми нав – дупалатагӣ гузашт, ки то имрӯз фаъолият мекунад ва парлумони касбӣ муаррифӣ мешавад. Он Маҷлиси Олӣ ном дорад ва палати поёниро Маҷлиси намояндагон ва болоиро Маҷлиси миллӣ мегӯянд.

Бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми сентябри соли 1999, дар кишвар низоми дупалатагии ҳокимияти қонунбарор, яъне Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ташкил карда шуд, ки дар самти ташаккул ёфтани фаъолияти ҳокимияти давлатӣ таъсири бевосита гузошт. Ҳоло Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар робитаи мустаҳкам қарор дорад, ки чунин муносибат сарчашмаи ҳуқуқиро аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегирад.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун институти ҳокимияти давлатӣ аз қадамҳои аввалин мавқеи худро муайян кард. То соли 1999 ҳамаи санаду қонун ва дастурҳои лозимаро санҷида, таҳлил намуда, ҳамаҷониба ташаккул дод. 26 сентябри соли 1999 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки онҳо маҳз ба мақоми олии қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллук доштанд. Дар ин раванд бори нахуст, 26-уми сентябри соли 1999 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки дар

натиҷаи он парламенти доимоамалкунандаи касбӣ дар кишвар таъсис ёфта, мухлати ваколати Президент ба ҳафт сол ва мухлати ваколати судяҳо ба даҳ сол расонида шуд.

Табиист, ки баробари такмили ҳар як ҷомеа зарурати даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ба миён меояд. Бо тағйир ёфтани шароит чунин зарурат дар мамлакати мо низ ба миён омад ва хушбахтона, ин тағйиру иловаҳо дар асоси иродаи мардум бо раъйпурсии умумихалқӣ дароварда шуданд. Тағйиру иловаҳое, ки мутобиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ соли 1999 ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуданд, ба таҳкими Ваҳдати миллӣ ва суботи ҷомеа мусоидат намуданд. Мувофиқи ин тағйиру иловаҳо, бори аввал дар Тоҷикистони соҳибистиқлол парлумони касбӣ арзи вуҷуд намуд, ки он дар инкишоф ва ба муносибатҳои сифатан нави ҷамъиятӣ мутобиқ сохтани қонунгузории мамлакат мусоидат намуд [8].

Вобаста ба ин тағйиротҳои муҳимми баамаломада дар низоми сиёсии кишвар назари ҳуқуқшинос Д.С. Раҳмон чунин аст: «Ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати қонунгузорӣ ва ҳамчунин, дурнамои фаъолияти Маҷлиси миллиро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум (16 апрели соли 2020) хеле оқилона муайян намуданд ва фаъолияти аъзои ин ниҳод бояд, қабл аз ҳама, дар чаҳорчӯбаи маҳз ҳамин ҳидоятҳо сурат бигирад. Пешвои миллат барҳақ зикр намуданд, ки «аъзои Маҷлиси миллӣ бояд бо истифода аз ваколати конститутсионии худ, ҳамчун субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ, ба таҳияи қонунҳо диққати махсус зоҳир намоянд. Онҳо бояд қонунҳоеро таҳия ва пешниҳод намоянд, ки ба таҳкими истиқлолият, рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва густариши муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла, пешрафти соҳибкорӣ, беҳдошти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, истифодаи самараноку сарфакоронаи замин ва дигар боигариҳои табиӣ, таъмини волоияти қонун, пешгирии ҷинояткорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шуда бошанд» [4].

Бояд гуфт, ки ҳар марҳилаи ислоҳоти конститутсионӣ хусусиятҳои хосси худро доро мебошад. Дар ин мақола тасмим гирифтем раванди ислоҳоти конститутсиониро дар соли 2003 мавриди омӯзиш қарор диҳем. 22-юми июни соли 2003, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки онҳоро метавон ба чор қисмат ҷудо намуд: ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, низоми давлатӣ, муқаррароти интиқолӣ ва таҳриру тасҳеҳи Конститутсия. Дар асоси тағйиру иловаҳои мазкур, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ эътироф карда шуд, раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ҳамчун шакли олии ифодаи бевоситаи ҳокимияти халқ муқаррар гардид, ҳизбҳои сиёсӣ чун унсури низоми сиёсӣ пазируфта, салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуданд, ба низоми судӣ Суди иқтисодии ВМКБ, суди иқтисодии вилоятҳо ва Суди иқтисодии шаҳри Душанбе ворид карда шуданд. Дар баробари ин, тағйироти дигаре ворид гардиданд, ки барои такмил додани низоми қонунгузории кишвар ва рушди муносибатҳо дар ҷомеа нақши бузург доштанд [4].

Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи мо дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ, ислоҳоти иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ оғоз гардида, самтҳои пешрафти давлат ва ҷомеа барои имрӯз ва оянда муайян шуданд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сифати қонуни асосии давлат баромад мекунад, қувваи олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал менамоянд. Яъне, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар кишвар қабул карда мешаванд, бояд ба меъёрҳои Конститутсия мутобиқат намоянд.

Марҳилаи аз ҳама муҳим дар низоми муосири давлатдории Тоҷикистон тағйироти навбатӣ ба Конститутсия дар соли 2016-ум ба ҳисоб меравад. Дар натиҷа маротибаи чорум, яъне 22-юми майи соли 2016, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки дар натиҷаи он истилоҳи «Сарқонун» аз номи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта, маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби субъектони хориҷӣ манъ карда шуд. Синну соли интихоб ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакили Маҷлиси намояндагон аз 30-солагӣ муқаррар гардид. Инчунин, синну соли таъин

гардидан ба вазифаҳои судяи судҳои ҷумҳурӣ низ аз 30-солагӣ муайян карда шуд. Ба ҳамин монанд, тағйиру иловаҳои дигар ворид карда шуданд, ки барои татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар нақши бениҳоят бузургро иҷро намуда истодаанд. Дар умум, тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридгардида мазмуну муҳтавои онро такмил дода, воқеияти замонро инъикос намуданд ва барои такомул додани низоми сиёсии ҷомеа заминаи устувор гузоштанд. Маҳз тағйиру иловаҳои воридгардида барои мукаммал намудани низоми қонунгузории кишвар замина гузошта, роҳи минбаъдаи давлатдориро муайян сохтанд [4].

Танзими вазъи ҳуқуқии мақомоти қонунбарори кишвар дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун имконият фароҳам овард, ки ин шохаи ҳокимияти давлатӣ ба таври амиқ рушд намояд ва дар бунёди қонунҳои миллӣ замина гузорад. Натиҷаи чунин фаъолият аст, ки алҳол муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути қонунҳои алоҳида мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта, дурнамои рушди муносибатҳои ҷамъиятиро муайян менамоянд. Боварии комил дорем, ки минбаъд низ мақомоти қонунбарори кишвар барои қабул намудани қонунҳои сирф миллӣ талош намуда, манфиатҳои халқ ва миллатро дар онҳо ҷой медиҳанд [9].

Бояд зикр намуд, ки Конститутсия маҳсули тафаккури инсонӣ буда, дар давраҳои муайян ба тағйиру иловаҳо эҳтиёҷ пайдо мекунад. Ин ҳолат дар таҷрибаи давлатдории навини мо ба мушоҳида расид. Ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар замони бесарусомонӣ ва ноороміҳои мамлакат қабул гардида буд, бо гузашти давраи муайян чор маротиба (6 ноябри соли 1994, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016) тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки онҳо барои боз ҳам мустаҳкам гардидани волоияти қонун, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона шуданд.

Бояд гуфт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ босуръат рушд меёбад ва зуд-зуд тағйир ёфта, дигаргун мешавад. Ин рушду дигаргуниҳо ба зиндагии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуму мамлакати мо низ бетаъсир буда наметавонад. Вобаста ба ин, санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла Конститутсия, бояд ба чунин дигаргуниҳо созгор бошанд. Аз ин рӯ, солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳое, ки 16-уми майи соли 2016 ворид карда шуданд, барои устувории сохтори давлативу ҷамъиятӣ, рушди мардумсолорӣ, нигоҳбонии марзу бум, оромиву осоиш, пуштибонӣ аз манфиатҳои кишвар, пешгирии қонуншиканӣ равона карда шудаанд [10].

Ҳамин тариқ, тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозои ҳаёти имрӯза буда, мақсади он сари вақт мутобиқ сохтани Конститутсия ба раванди инкишофи ҷомеа вобаста ба талаботҳои нави ҳаёти ҷомеа мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Мавқеи ҳокимияти судӣ дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд // Садои мардум. - №149-150 (3450-3451). 05.11.2015.
2. Буранчин А.М. Общественно-политическое развитие Республики Башкортостан в конце 1980-х – 1990-е гг.: автореф. дис… канд. истор. наук/ А.М. Буранчин. – М., 2007. – С. 8.
3. Жамалдаев Ш.В. Российский парламентаризм в условиях посткоммунистической трансформации политической системы: автореф. дис… канд полит. наук / Ш.В. Жамалдаев. – М., 2006. – С. 6.
4. Раҳмон Д.С. Конститутсия ва сарнавишти миллати тоҷик // Садои мардум. - №138 (4244). 10.11.2020.
5. Аҳаммияти парламент дар ҳаёти ҷомеа. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
6. Имомов А. Маҷлиси миллӣ моли давраи гузариш аст. [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 21.12.2023).
7. Поёни пешбарии номзадҳо ба узвияти Маҷлиси миллӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org. (санаи муроҷиат:. 21.12.2023).
8. Қувватов Ф. Конститутсия ва таҳкими Ваҳдати миллӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
9. Конститутсия ва пойдории кишвар // Садои мардум. - №138 (4244). 10.11.2016.
10. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи Стратегияи миллии рушд. [Манбаи электронӣ] sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
11. Фарҳанги ҳуқуқӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).

12. Санади барномавии давлат ва ҷомеа [Манбаи электронӣ] sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
13. Конститутсия: ҳуҷҷате, ки дар он иродаи мардум ифода ёфтааст. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
14. Конститутсия (Сарқонун) ба талаботи замон мувофиқ мегардад. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
15. Таҳкимбахшандаи пояҳои ҳуқуқии давлатдорӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
16. Зариф Ализода. Конститутсия – ифодагари ормону мақсадҳои ҷомеаи навин. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).

## ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОНСТИТУТСИЯ - АСОСИ ТАҲКИМ ВА РУШДИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои муҳимми тағйиротҳои сиёсӣ, ислоҳоти конститутсионӣ, раванди конститутсионӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Бояд гуфт, ки ин тағйиротҳои муҳимми баамаломада, дар низоми сиёсии кишварҳои Осиёи Маркази боиси густариш ва рушд ёфтани низоми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, бисёрҳизбӣ демократия, институти таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, парламент ва парламентаризм гардиданд. Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки дар раванди ин дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳар як кишвар дар асоси раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи худро қабул намуданд. Мавриди зикр аст, ки Конститутсия дар раванди давлатдории Тоҷикистон ба сифати санади асосии муайянкунандаи самтҳои муҳимтарини ҷомеа эътироф шуда, дар мустаҳкам намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд нақши муҳим гузошт. Метавон гуфт, ки имрӯз Конститутсия ба сифати санади ягонаи меъёрӣ ҳуқуқӣ баромад намуда, дар танзими масъалаҳои муҳимтарини раванди давлатдорӣ мақоми арзишмандро доро мебошад. Қобили зикр аст, ки қабули Конститутсия дар ҳаёти сиёсӣ-ҳуқуқии кишвари мо дар ташаккули институти парламентаризм ва шаклгирии низоми сиёсии ҷомеа ва рушди муҳимтарин бахшҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ба танзим даровардани масъалаҳои муҳим нақши муҳим гузошт. Дар баробари тағйиротҳои муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди сиёсии ҷомеа зарурат ба миён омад, ки ба Конститутсия як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд. Дар натиҷа, дар мақолаи мазкур кӯшиш кардем, ки дар мавриди тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, ҳамчун омили муҳимми рушди парламентаризм дар Тоҷикистон, фикру назари коршиносонро мавриди таҳлил қарор диҳем.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, ислоҳоти конститутсионӣ, низоми интихобот, парламент, парламентаризм, Маҷлиси Олӣ, демократия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, плюрализми сиёсӣ.

## ПОПРАВКИ В КОНСТИТУЦИЮ – ОСНОВА УКРЕПЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ПАРЛАМЕНТАРИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье анализируются и обсуждаются важные особенности политических изменений, конституционных реформ и конституционного процесса. Следует отметить, что эти важные изменения, произошедшие в политической системе стран Центральной Азии, привели к расширению и развитию политико-правовой системы, многопартийной демократии, института разделения государственной власти, парламента и парламентаризма. Что касается этих важных изменений, следует отметить, что в процессе этих важных политико-правовых изменений каждая страна приняла новую Конституцию на основе всенародного референдума. Стоит отметить, что после реализации этих изменений Конституция была признана основным документом, определяющим важнейшие направления деятельности общества в процессе становления государственности в Таджикистане, и сыграла важную роль в укреплении демократического, правового государства. Можно сказать, что сегодня Конституция выступает как единый документ правовых норм и играет важную роль в регулировании основных государственных вопросов. Стоит отметить, что принятие Конституции в политико-правовой жизни нашей страны заложило важный фундамент в становлении института парламентаризма, формировании политической системы общества, развитии важнейших экономико-социальных сфер, сектора культуры и регулировании важных вопросов. Наряду с важными политико-правовыми изменениями в политическом процессе общества возникла необходимость внесения ряда изменений в Конституцию. В результате в данной статье мы попытались проанализировать мнения экспертов относительно внесения изменений в Конституцию как важный фактор развития парламентаризма в Таджикистане.

**Ключевые слова:** конституция, конституционные реформы, избирательная система, парламент, парламентаризм, демократия Маджлиси Оли, Республика Таджикистан, политический плюрализм.

## AMENDMENTS TO THE CONSTITUTION ARE THE BASIS FOR STRENGTHENING AND DEVELOPING PARLIAMENTARISM IN TAJIKISTAN

This article analyzes and discusses important features of political change, constitutional reform and the constitutional process. It should be noted that these important changes that occurred in the political system of the countries of Central Asia led to the expansion and development of the political and legal system, multi-party democracy, the institution of division of state power, parliament and parliamentarism. Regarding these important changes, it should be noted that in the process of these important political and legal changes, each country adopted a new Constitution based on a popular referendum. It is worth noting that after the implementation of these changes, the Constitution was recognized as the main document defining the most important directions of society's activities in the process of establishing statehood in Tajikistan, and played an important role in strengthening a democratic, rule-of-law state. It can be said that today the Constitution acts as a single document of legal norms and plays a valuable role in regulating the most important issues of

the statehood process. It is worth noting that the adoption of the Constitution in the political and legal life of our country laid an important foundation in the establishment of the institution of parliamentarism and the formation of the political system of society and the development of the most important economic and social spheres. , cultural sectors and regulation of important issues. Along with important political and legal changes in the political process of society, the need arose to introduce a number of changes to the Constitution. As a result, in this article we tried to analyze the opinions of experts regarding amendments to the Constitution as an important factor in the development of parliamentarism in Tajikistan.

**Keywords:** constitution, constitutional reforms, electoral system, parliament, parliamentarism, democracy of the Majlisi Oli, Republic of Tajikistan, political pluralism.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарифзода Лоҳутӣ Шариф*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 919896569**
***Сафаров Фарҳод Шарифович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, унвонҷӯйи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6

**Сведения об авторах:** ***Шарифзода Лохути Шариф*** - Таджикский национальный университет, доктор политических наук, доцент. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон:**(+992) 919896569**
***Сафаров Фарход Шарифович*** - Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода, соискатель кафедры философии и политологии. **Адрес:** 734019, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мухаммадиева 17/6

**Information about the authors:** ***Sharifzoda Lokhuti Sharif*** **-** Tajik National University, candidate of political sciences, associate professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919896569**
***Safarov Farhod Sharifovich*** - Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulugzoda, applicant for the Department of Philosophy and Political Science. **Address**: 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadiev street, 17/6

ТДУ: 327(075.8)

# СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

*Комилбек Амид Ёрбек, Зарифов Ҳ.Р.*
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Муносибатҳои байналхалқӣ соҳаи муҳимтарин ва мураккабтарини инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд. Муносибатҳои байналхалқӣ системаи мукаммали баҳамтаъсиррасонии иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ҳарбӣ, сиёсӣ ва фарҳангии байни давлатҳоро дар бар мегирад, ки моҳияти асосии онро ташкил медиҳанд.

Муносибатҳои байналхалқӣ аз замонҳои қадим дар ҳаёти ҳар ҷамъият нақши махсусро бозӣ мекарданд. Зуҳури ин ё он ҷамеаҳои сиёсӣ, ташаккулёбии институтҳои иҷтимоӣ, рушди маданияти моддӣ ва маънавӣ бо мубодилаи тиҷоратӣ, фарҳангӣ, дипломатӣ, низоъҳои сиёсати берунӣ, ҷангҳо ва забткориҳо сахт алоқаманд будаанд. Дар маркази он бошад, муносибатҳои байни халқҳо, давлатҳо ва дигар акторҳо қарор доранд [10,с.4].

Сиёсати хориҷӣ самти афзалиятноки сиёсати ҳар як кишвару мамлакат ба шумор меравад, зеро маҳз тавассути он давлатҳо аз ҳастии худ дар арсаи байналмилалӣ дарак додаву муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи худро ташаккул медиҳанд. Дуруст муайян намудан ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муваффақона расонидани ҳадафҳои сиёсати хориҷии давлат яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои дар ин самт фаъолияткунанда иборат мебошад.

Сиёсати хориҷӣ маҷмуи мақсад ва воситаҳои фаъолияти давлат дар соҳаҳои муносибатҳои якҷояи он бо дигар давлатҳо, халқу миллатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ мебошад.

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон - самти инкишоф ва роҳи муайяншудаи давлатро дар фаъолияти байналхалқӣ зоҳир мекунад, ки ин муносибатҳо бо давлатҳои дигар вобаста ба принсип ва манфиатҳои он ба воситаи шаклҳо ва методҳои гуногун ба амал баровварда мешавад.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунҷанба буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- афзудани мақом ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони имрӯза;
- робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ;
- эҳё ва густариши робитаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо тоҷикони бурунмарзӣ.

Дар ҷаҳони муосир суръати рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ бесобиқа мебошад, ки ба раванди муносибатҳои байналмилалӣ таъсири бузург мерасонанд. Махсусан, рушди технологияҳои рақамию иттилоотӣ ва дар заминаи он густариш ёфтани акторҳои нави фаромиллӣ мебошад, ки фаъолияти муносибатҳои байналмилалиро мураккаб менамояд. Низоми мавҷудаи муносибатҳои байналмилалӣ, ки баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бунёд гардид, бо барҳам хӯрдани низоми сотсиалистӣ ҷуғрофияи худро васеъ намуда, ба мушкилотҳои нав дучор гардидааст. Вазъияти байналмилалӣ дар даҳсолаи охир собит сохтааст, ки механизмҳои мавҷуда минбаъд пурра раванди байналмилалиро танзим карда наметавонанд. Вобаста ба шароити бавуҷудомада дар Паёми худ ба мақоми қонунбарори кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд, ки “... мураккабшавии авзои сиёсии байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ, бӯҳронҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин, мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизою оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва пайомадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозанд” [8].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ ба шарофати сиёсати хориҷии мутавозин, ки меҳвари онро сиёсати «дарҳои боз» ташкил медиҳад, тавонист бо кишварҳои ҷаҳон, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои бонуфузи молиявӣ ҳамкорӣ ва муносибати ҳасанаро ба роҳ монад.

Дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ гузариш ба низоми нави ҷаҳонӣ нақши муҳим доранд, ки асоси онро ҳамкории кулли кишварҳои ҷаҳон баҳри сулҳу субот ва инкишоф ташкил менамояд. Марҳилаҳои муосири муносибатҳои байналхалқӣ баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсирбахшию ҳамкории кулли ҷомеаи ҷаҳонро тақозо менамояд. Зеро танҳо дар якҷоягӣ ва ҳамкории доимӣ инсоният қодир аст ба ҳалли масъалаҳои мураккаби глобалӣ ноил гардад [12,с.85].

Бо чунин назардошт сиёсати беруна самти инкишоф ва роҳи муайяннамудаи давлат дар фаъолияти байналхалқӣ мебошад, ки ин муносибатҳоро бо дигар давлатҳо вобаста ба принсип ва манфиатҳои худ ба воситаи шакл ва усулҳои гуногун ба амал мебарорад.

Мақсади асосии сиёсати хориҷии ҳар як давлат дар он зоҳир мегардад, ки бехатарии онро таъмин созад, шароити мусоиди сиёсати хориҷиро барои инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании мамлакат фароҳам оварад, ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат дода, онҳоро ҳифз намояд. Самтҳои сиёсати хориҷии ҷумҳурии мо дар марҳилаи кунунӣ дар паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар муайян мегарданд. Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: “...Асоси сиёсати хориҷии имрӯзаи кишварро сиёсати “дарҳои боз”, омодагӣ барои хамкорӣ бо ҳама субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ дар заминаи эҳтироми усулу меъёрҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналхалқӣ ташкил медиҳад” [14].

Ҳамзамон, таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки дар рушду инкишофи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст. Барои нишон додани нақши Пешвои миллат дар рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон як қатор муҳаққиқон асарҳои таҳлилӣ ва сиёсӣ таҳия намудаанд, ки дар онҳо самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти хориҷии Президенти мамлакат нишон дода шудаанд.

Татбиқи стратегияи минтақавӣ ва байналмилалии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят ҳассос, мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳон дар оғози асри XXI ҷараён мегирад, ки равандҳо ва тамоюлоти он ба мазмуни таҳаввули ҳастии иҷтимоии кишвар таъсири амиқу рӯзафзун доранд.

Бо вуҷуди мушкилоти дохилӣ ва таъсири харобиовари вазъи маълуми минтақавӣ мо дар муқобили ин таҳдиду хатарҳо мавқеъи усулӣ ва қатъӣ гирифта, кишвари худ ва амнияту суботи минтақаро аз оқибатҳои фалокатбори онҳо то ҳадди имкон ҳифз кардем. Дар иртибот ба ин, ҳаёт дурустии мавқеи роҳбарияти Тоҷикистонро собит сохт [2,с.158].

Хатарҳои вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, даҳшатангезию ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории фаромиллӣ, офатҳои табииву техногенӣ ва мавқеъгириву таъсиррасонии на ҳама вақт мусбати абарқудратон барои Осиёи Марказӣ возеҳанд, зеро ин минтақа дорои сарватҳои бузурги ҳаётан муҳимми иқтисодӣ ва мавқеи геостратегию геополитикӣ мебошанд. Табиист, ки қудратҳои асосии ҷаҳонӣ барои ҳузур ва таъмини нақши худ дар минтақаи мо талош доранд.

Ин тамоюлоти асосии ҷаҳони муосир ва равандҳои пайваста бо онҳо зарурати дарки масъулона ва пешбурди созандаи манфиатҳои глобалиро ба миён мегузоранд.

Дар чунин шароит ба роҳ мондани ҳамкории судманди байналмилалӣ ба хотири коҳиш ва рафъи хатарҳои асосии глобалӣ самти муҳимтарини амалиёти муштараки ҷомеаи башарӣ мебошад. Пешгирии оқибатҳои ниҳоят хатарноки тамоюлоти дигари рӯз, қабл аз ҳама “бархӯрди тамаддунҳо” низ аз вазифаҳои муҳимтарини инсоният аст.

Тоҷикистон дар таҳия ва татбиқи стратегияи комплексӣ ва санҷидаи сиёсати хориҷӣ дар даврони истиқлолият, бахусус солҳои охир, ин тамоюлоту равандҳо ва ҷиҳатҳои дигари муҳимми ҷаҳонӣ дар ҳоли тағйиру таҳаввули босуръатро мадди назар дошт ва пайваста кӯшиш дорад, ки манфиатҳои стратегии кишвар ва мардуми худро дар чаҳорчӯбаи сиёсати “дарҳои боз” дар сатҳи шоиста таъмин намояд [6].

Барои ҷалби бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳамкорӣ, аз ҷумла, дар самти табодули мол, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва ғайра охири соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сиёсати “дарҳои боз”-ро эълон дошт. Равиши минбаъдаи ҳамкориҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дурустӣ ва манфиатнок будани ин самтро нишон дод. Тоҷикистон дар доираи ин сиёсат метавонад бо тамоми кишварҳои узви СММ дар асоси

баробарӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар ва умумияти манфиатҳо ҳамкорӣ намояд.

Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли эътирофшуда ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ мақоми шоистаи худро дар олами зудтағйирёбандаи муосир таҳким бахшида, ҳама гуна ҳамкориҳои судмандро бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ҷонибдорӣ менамояд [1,с.185].

Тоҷикистон ҳар сол бо беш аз сад кишвари ҷаҳон ҳамкориҳоро ба роҳ монда, доираи ҳамкориҳоро дар самтҳои дигар, қабл аз ҳама, дар бахши иқтисод, ҷалби сармоягузорӣ, илм, маориф, фарҳанг, сайёҳӣ ва ғайра тадриҷан васеъ мекунад.

Ҳоло дар Тоҷикистон бо иштироки сармояи хориҷӣ даҳҳо иншоотҳои бузургу миёна, аз қабили неругоҳҳои барқӣ, хатҳои интиқоли неруи барқ, роҳу пулҳо сохта мешаванд, ки дарояндаи наздик имкониятҳо ва иқтидори иқтисодии кишварро бамаротиб боло хоҳанд бурд.

Тоҷикистон аз дидгоҳи сиёсати хориҷии «дарҳои боз» омодагии худро ба густариши бештари муносибатҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои Ғарбу Шарқ ва олами ислом таъкид намуда буд. Тоҷикистон барои афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои кишварҳои Россия, Хитой, Амрико, Аврупо, ҷаҳони ислом ва дигар давлатҳо саъю талош намуда, хоҳони густариши равобити устувори дуҷониба ва бисёрҷонибаи байнидавлатӣ бар пояи прагматизми иқтисодӣ ва ҳусни тафоҳум мебошад.

Ҳамкориҳои марҳилаи сифатан нави Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафта ва босуръат рушдёбандаи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ - Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Сингапур, Малайзия, Индонезия, Тайланд ва Бруней, Доруссалом тавсеа ва густариш меёбанд. Тоҷикистон талош меварзад, ки аз тариқи эҳёи равобити суннатӣ ва қадим бо кишварҳои мусулмонӣ, мамолики араб ва манотиқи дигари дунё муносибатҳои хуб дошта бошад [1,с.115].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон ба Маҷлиси Олӣ дар Паёми солонаи худ (соли 2002) изҳор намуд, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар пояи сиёсати “дарҳои боз” барои ҳамкорӣ бо ҳамаи субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар заминаи эҳтироми усулу меъёрҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналхалқӣ устувор мебошад [11,с.145].

Маҳз ба туфайли сиёсати мазкур имрӯз Тоҷикистон бо мақсади васеъ намудани ҳамкориҳои муфид ва самаранок бо кишварҳои ИДМ, Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин, як қатор давлатҳои ҷанубу шарқии Осиё, Ҳиндустон, Туркиё, давлатҳои араб, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва созмонҳои бонуфузи мухталифи ҷаҳон робитаҳои худро дар асоси баробарӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатҳои дигар ва эҳтироми мустақилият густариш дода истодааст.

Маҳз ба шарофати сиёсати муваффақонаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ва азму ҷасорати қавӣ, талошҳои пайвастаи Сарвари давлат дар роҳи ободиву осоиштагии кишвар, арҷгузорӣ ба таърихи пурғановати миллати бостонии тоҷик ва ташаббусҳои созандаву некбинонаи ӯ бо нигоҳи боэътимод ва хайрхоҳона назар дорад. Ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ аз минтақаи даргир ба маркази баргузории чорабиниҳои минтақавию ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Сиёсати “дарҳои боз”, ки дар паёми солонаи Президенти кишвар (2003) эълон гардида буд, бо тавсеаи ҷуғрофӣ ва доираи масъалаҳои фарогир, беш аз пеш ба дараҷаи сифатан нав мерасад. Сиёсати мазкур ифодагари алоқамандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳандозӣ ва инкишофи муносибатҳои дӯстона бо тамоми кишварҳои дунё, сарфи назар аз низоми давлатдорӣ, сатҳи пешрафту мавқеи ҷуғрофии онҳо буда, ба ибораи дигар, баёнгари сиёсати бисёрсамтаи хориҷии кишвар аст.

Дар ин қарина зарурати баланд бардоштани обрӯи байналмилалии ҷумҳурӣ ва пайдо намудани мавқеи арзандаи он дар арсаи ҷаҳонӣ дар фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон аз оғоз мавқеи марказиро ишғол менамояд. Ӯ дар нахустмуроҷиатномаи худ ба мардуми ҷумҳурӣ оид ба ҳадафи ниҳоии ҷомеаи кишвар сухан ронда, онро чунин арзёбӣ намуда буд: «Дар ниҳояти кор куҳандиёри мо, Тоҷикистони азиз, бояд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойи худро ёбад» [13,с.7].

Тайи бистсолаи охир ба шарофати сиёсати “дарҳои боз” ва ҷалби кишварҳои гуногун ба ҳамкории судманд дар кишвар лоиҳаҳои зиёде дар соҳаҳои саноат, энергетика,

коммуникатсия амалӣ шуданд, ки барои рушди устувори давлати мо заминаҳои мустаҳкам гузоштаанд.

Сиёсати “Дарҳои боз” ба мо имкон дод, ки доираи робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, сафи ҳамёрони анъанавӣ ва доимиамонро афзоиш диҳем. Дар ин росто корҳои зиёде дар пешанд ва дипломатияи иқтисодии мо бояд нақши фаъолтар дошта бошад [7,с.205].

Дар марҳилаи кунунӣ принсипҳои асосӣ ва анъанаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои боафзалияти рушди кишвар, аз ҷумла таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, тақвияти ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона шуд. Дар ин муддат сиёсати «дарҳои боз», чун фарҳанги ҳамзистӣ бо олами имрӯз аз ҷониби роҳбарияти кишвар муаррифӣ гардида, дар асоси он сиёсати хориҷии бисёрсамта, ботавозун ва прагматикӣ тарҳрезӣ шуд ва тавсеаву таҳкими робитаҳои дӯстона ва ҳамкории судманд бо кишварҳои гуногуни олам роҳандозӣ гашт. Ба шарофати ин сиёсат Тоҷикистон мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ мустаҳкам сохта, бо назардошти манфиатҳои миллӣ тавозуни муносибат ва манфиатҳои худро таъмин кард. Сиёсати “дарҳои боз” меҳвари сиёсати хориҷии Тоҷикистонро таҷассум мекунад. Бархе аз натиҷаи ин сиёсатро метавон чунин баршумурд.

То имрӯз Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни олам беш аз 2100 ҳуҷҷати дуҷониба ба имзо расонидааст, ки масъалаҳои муносибату ҳамкории дуҷонибаро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ-техникӣ, амният, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳо фаро мегиранд.

Имкониятҳои технологии алоқаи интернетӣ барои татбиқи раванди идоракунии сиёсӣ дар фазои шабакавӣ иқтидори назаррас фароҳам оварда, инчунин пайдоиши форматҳо ва моделҳои комилан нави фаъолияти сиёсиро муайян мекунанд.

**Муқарриз: д.и.с., профессори ДМТ – Маҳмадизода Н.Д.**

## АДАБИЁТ

1. Бурдье П. Социология политики: Пер. с фр. сост., общ. ред. и предисл. Н. А. Шматко. [Электронный ресурс]. URL: http://bourdieu.name/content/shmatko-vvedenie-v-socioanaliz-pera-burde (дата обращения 30.04.2014)
2. Блумер, Г. Общество как символическая интеракция // Современная зарубежная социальная психология: тексты. Под ред. Т. М. Андреевой, Н. Н. Богомоловой, Л. А. Петровской. - М.: Изд-во МГУ, 1984. - С. 173-179.
3. Видеоролик "Yes We Can".[Электронный ресурс]. URL: http://www.YouTube.com/watch?v=jjXyqcx-mYY; видеоролик «Obama and McCain - Dance Off!": www.youtube.com/watch?v=wzyT9-9lUyE
4. Володенков С.В. Управление современными политическими кампаниями / С.В. Володенков. -М.: Издательство Московского университета, 2012. -С. 242.
5. Горшкова В. Проблема идентификации субъекта и объекта в сети интернет / В.Горшкова // Законодательство и экономика. -2005. -№ 5. - С. 53-56.
6. Засурский Я.И. От электронного общества к мобильному / Я.И. Засурский // Информационное общество. -2008. -№ 5/6. -С. 34-36.
7. Каас М. Политическая наука и интернет / М.Каас // Полит. наука. -2002. -№ 1. -С. 145-147.
8. Казаков В.П. Интернет как информационное пространство взаимодействия политического лидера и общества / В.П. Казаков // Информатика и образование. - 2007. -№ 2. -С. 28-31.
9. Корытникова Н.В. Интернет как средство производства сетевых коммуникаций в условиях виртуализации общества / Н.В. Корытникова. - 2007. -№ 2. -С. 85-93.
10. Лекторова Ю.Ю. Политическая коммуникация в информационном пространстве: опыт теоретико-методологического осмысления / Ю.Ю. Лекторова // Вестник Пермского ун-та. Сер. политологии. -2011. -№ 1. -С. 186-196.
11. Ненашев Д.А. Лоббирование посредством компьютерных сетей: новый инструмент политического влияния / Д.А. Ненашев // Политическая наука. – 2002. –№1. –С.126-136.
12. Роменков А.В. Интернет-блог как инструмент политической борьбы / А.В. Роменков // Власть. -2008. -№ 7. -С.79-82.
13. Соловьев А.И. Политический дискурс медиакратий: проблемы информационной эпохи //Лекторова Ю.Ю. Политическая коммуникация в информационном пространстве: опыт теоретико-методологического осмысления / А.И. Соловьев // Вестник Пермского ун-та. Сер. политологии. -2011. -№ 1. -С. 186-196.
14. Туронок С.Г. Интернет и политический процесс / С.Г. Туронок // Общественные науки и современность. -2001. -№ 2. -С. -51-63.
15. Чернышев Ю.Г. О влиянии блогосферы на российскую публичную политику / Ю.Г. Чернышев // Политическая наука. – 2008. – № 2. – С.99-118.


## ИНТЕРНЕТ ҲАМЧУН ФАЗОИ МУОШИРАТ ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИРИ ИНКИШОФИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ


Дар мақолаи мазкур сухан оиди интернет ҳамчун фазои муошират дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки рушди интернет ҳамчун воситаи муошират ва табдили он ба фазои ҷаҳонӣ барои татбиқи сиёсати муосир ба мундариҷа ва дигаргуниҳои технологӣ дар соҳаи менеҷменти сиёсӣ вобаста ба тағйирёбии хусусиятҳои муошири сиёсии амалӣ бевосита таъсир мерасонад. Имрӯз, интернет ҳамчун фазои мустақил ва дорои хусусиятҳои вижаи муоширати сиёсӣ амал мекунад, ки дар он лоиҳаҳо дар соҳаи менеҷменти сиёсӣ фаъолона амалӣ мешаванд ва аз ин рӯ, таҳлили он хусусиятҳои интернет зарур аст, ки моделҳо ва форматҳои фаъолияти шабакавии сиёсиро бештар муайян мекунанд. Дар маҷмуъ, падидаи фазои муоширатӣ яке аз объектҳои асосии таҳлили бисёр илмҳо, аз ҷумла фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, психология, забоншиносӣ, муоширатшиносӣ (коммуникативистика) ва ғайра мебошад.Дар баробари ин, имрӯз шумораи зиёди равишҳо барои дарки падидаи фазои муоширатӣ вуҷуд доранд.Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ, фазои муоширатӣ метавонад ҳамчун муҳити ҷудонашавандае муайян карда шавад, ки дар доираи он ҳамкории иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ байни субъектҳои гуногуни иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад.Инчунин, фазои муоширатиро метавон ҳамчун як навъи махсуси фазои иттилоотӣ муайян кард, ки бо маҷмуи усулҳо ва воситаҳои фаъолияти мутақобилаи коммуникатсионӣ, ки дар он истифода мешаванд, фарқ мекунад.



**Калидвожаҳо:** интернет, фазои муошират,марҳилаи муосири инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушди интернет ҳамчун воситаи муошират, фазои ҷаҳонӣ, татбиқи сиёсати муосир.


## ИНТЕРНЕТ КАК КОММУНИКАЦИОННОЕ ПРОСТРАНСТВО НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ РАЗВИТИЯ МИРОВОГО ОБЩЕСТВА


В данной статье говорится об Интернете как коммуникационном пространстве на современном этапе развития мирового общества. Автор отмечает, что развитие Интернета как средства коммуникации и его трансформация в глобальное пространство реализации современной политики оказывает непосредственное влияние на содержательные и технологические изменения в сфере политического управления в зависимости от изменений, особенно в практической политической коммуникации. Сегодня Интернет выступает как самостоятельное пространство с особыми характеристиками политической коммуникации, где активно реализуются проекты в области политического управления, в связи с чем необходим анализ тех характеристик Интернета, которые определяют модели и форматы активности политической сети. В целом феномен коммуникативного пространства является одним из основных объектов анализа многих наук, в том числе философии, социологии, политологии, психологии, лингвистики, коммуникативистики (коммуникативоведения) и

др. В то же время сегодня существуют большое количество подходов к пониманию феномена коммуникативного пространства, который харктеризует ее как особый тип информационного пространства, набор методов и средств коммуникативного взаимодействия.

**Ключевые слова**: Интернет, пространство коммуникации, современный этап развития мирового общества, развитие Интернета как средства коммуникации, мировое пространство, реализация современной политики.

## INTERNET AS A COMMUNICATION SPACE AT THE PRESENT STAGE OF DEVELOPMENT OF WORLD SOCIETY

This article talks about the Internet as a communication space at the present stage of development of world society. The author notes that the development of the Internet as a means of communication and its transformation into the global space for the implementation of modern politics has a direct impact on substantive and technological changes in the field of political management, depending on changes, especially in practical political communication. Today, the Internet acts as an independent space with special characteristics of political communication, where projects in the field of political management are actively implemented, and therefore it is necessary to analyze those characteristics of the Internet that determine the models and formats of political network activity. In general, the phenomenon of communicative space is one of the main objects of analysis of many sciences, including philosophy, sociology, political science, psychology, linguistics, communication studies (communication studies), etc. At the same time, today there are a large number of approaches to understanding the phenomenon of communicative space, which characterizes it as a special type of information space, a set of methods and means of communicative interaction.

**Keywords**: Internet, space of communication, modern stage of development of world society, development of the Internet as a means of communication, world space, implementation of modern politics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Убайдулло Ғуломалиевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **909-32-52-52**

**Сведения об авторе:** ***Одинаев Убайдулло Гуломалиевич*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры политологии. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **909-32-52-52**

**Information about the author:** ***Odinaev Ubaydullo Gulomalievich*** – Tajik National University, applicant for the Department of Political Science. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of IT-Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **909-32-52-52**

ТДУ: 327(575.3)

# РАВАНДИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАДӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН


*Шарифзода Лоҳутӣ Шариф, Шкраллоҳи Хабибуллои Зардизода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**


Равандҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони тулонии иҷтимоию иқтисодӣ, аз охири солҳои 80-ум дар аксари кишварҳои собиқ шуравӣ ба амал омаданд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ, мақомотҳои давлатӣ, институти таҷзияи ҳокимияти давлатӣ босуръат тағйир ёфта, ниҳодҳои нави ҷамъиятию сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Дар баробари ин, дар роҳи барпо намудани давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ, ки асоси онро ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил медиҳад, дар асоси санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ба фаъолият шуруъ намуд. Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки ташаккулу рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳам ба моҳияти раванди сиёсӣ ва ҳам ба механизмҳои амалисозии тағйироти сиёсӣ дар раванди ҷомеа мусоидат кард.

Бояд зикр намуд, ки раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ба сифати муҳимтарини институти муҳимми сиёсӣ, аз солҳои 90-уми асри XX оғоз гардид. Дар ин раванд, вобаста ба танзими пурраи фаъолияти он, аз ҷониби субъектҳои дахлдор санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки дар рушду нумуи онҳо мусоидат кард. Дар натиҷаи таҳаввулот ва тағйиротҳои муҳимми сиёсии баамаломада ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати субъекти асосии сиёсат эътироф гардида, заминаи муҳимро дар рушди демократикунонии ҷомеа гузошт.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи ҳуқуқӣ, либералӣ, кушод, плюралистӣ, худташкилшаванда ва худидорашаванда аст. Вобаста ба ин масъала назари муҳаққиқ Ҷ. Акбарализода чунин аст: «Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити ривоҷи муносибатҳои хусусӣ, эътирофу кафолати моликияти хусусӣ, ташаккули фарди озоду дорои ҳуқуқҳои фитрӣ ташаккул меёбад. Барои дарки робитаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ҳуқуқи инсон, зарур мешуморем, то баъзе аз хусусиятҳои ҷомеаи шаҳрвандиро баррасӣ намоем. Аз ҷумла:

- ҷомеаи шаҳрвандӣ дар заминаи эътирофу эҳтиром ва таъмину ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ ва позитивии инсону шаҳрванд, баробарии шаклҳои моликият, истифодаи озоди моликияти хусусӣ, шаклҳои имконпазир ва муфиди фаъолияти озоди иқтисодӣ, рақобати озод ташаккул меёбад;
- ҷомеаи шаҳрвандӣ – ҷомеаи ҳуқуқӣ буда, таҳкурсии давлати ҳуқуқбунёд аст. Бе ҷомеаи шаҳрвандӣ давлати ҳуқуқбунёд арзи вуҷуд надорад» [1].

Ба андешаи муҳаққиқ С. Каримова, «ҷомеаи шаҳрвандӣ ин ҷомеаи ҳуқуқӣ, демократӣ, инсондӯст ва сулҳдӯстона буда, дар он зӯроварӣ нисбати шахсият дида намешавад, баръакс, адолат, баробарӣ ва озодии пурра ҳукмрон аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандиро мақсади ояндаи инкишофи худ қарор додааст, ки дар раванди ташаккули чунин давлат ва ҷомеа ҳуқуқ нақши бузург дорад. Аз ин рӯ, донистани ҳуқуқ қарзи шаҳрвандӣ, нишонаи фарҳанг ва неруи ақлонии аҳли ҷомеа дониста мешавад» [5].

Ба андешаи ҳуқуқшинос Ш. Исмоилов, «масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва дар ин замина ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди нигилизми ҳуқуқӣ, рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими принсипи волоияти қонун ҳамеша аҳаммияти хосса доштанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, печидатар шудани муносибатҳои иқтисодӣ, равандҳои афзояндаи иттилоот ва рақамикунонӣ масъалаҳои маърифати ҳуқуқӣ, тарбия ва таълим на танҳо муҳим боқӣ мондаанд, балки мазмуни нав пайдо кардаанд. Аён аст, ки дар шароити имрӯза талаботи риояи қатъии қонун як тамоюли муайяни меъёриро ифода мекунад, ки дар атрофи худ сохторҳои ҳокимиятӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма, табақаҳои иҷтимоӣ ва қувваҳои ҷамъиятӣ–сиёсиро муттаҳид менамояд» [4].

Ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Роҳ кушодан ба ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини раванди демократикунонӣ дар кишвар ба шумор рафта, барои ҳамкории ниҳодҳои ғайриҳукуматӣ бо давлат мусоидат менамояд ва ҷиҳати ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ имкон фароҳам меорад. Бо ҳамин мақсад, мо Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис додем, ки он дар даврони Истиқлолият ба яке аз ниҳодҳои муассири ҳамгироии ҷомеаи шаҳрвандӣ мубаддал гардида, то ҳол ҳамчун мактаби бузурги таҳлиливу машваратӣ хизмат мекунад» [9].

«Ҷомеаи шаҳрвандӣ зодаи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунёвӣ мебошад ва дар навбати худ, ҳар қадаре ки ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф ёбад, давлати демократӣ ҳам ба ҳамон андоза пеш меравад». Дар ҳамин асос мо дар Тоҷикистон заминаи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро гузоштем ва масъалаи таъсиси ниҳодҳои онро дар доираи Конститутсия ва дигар қонунҳои кишвар ба танзим даровардем. Дар ин замина аз муколама бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода намуда, доир ба ҳалли як зумра масъалаҳои марбут ба сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва рушди мамлакат ба натиҷаҳои назаррас расидем ва пояҳои давлатдориро дар кишвар боз ҳам устувор гардонидем [9].

Ҳамин муносибати некбинонаи давлат ба ниҳодҳои сиёсӣ ва ҷамъиятии мамлакат буд, ки дар кишвар ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ ташкил ёфта, ба раванди эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ таъсири мусбат расониданд ва барои амалӣ шудани вазифаҳо ва барномаҳои Ҳукумати мамлакат нақши муассир бозиданд. Ба ҳама маълум аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ниҳоди муҳимми сиёсӣ, дар раванди сиёсии ҷомеа нақши муҳим гузошта, аз субъектҳои фаъоли низоми сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар шаклгирӣ ва рушди муносибатҳои демократӣ мақоми муҳимро доро мебошад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ воситаи муҳимми таъсиррасонӣ ба раванди ислоҳоти сохтори давлатдорӣ ва такмили қонунгузорӣ буда, барои бартараф кардани камбудиву мушкилоте, ки дар сохтори идораи давлат ба назар мерасанд, кумак мекунад. Аз ин лиҳоз, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷараёни муколама бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи қонунгузории мавҷуда ва меъёрҳои байналмилалӣ амал карда, назару андешаи худро ба ниҳодҳои давлатӣ воқеъбинона ва бо дарназардошти манфиатҳои давлату миллат пешниҳод менамоянд. Қисми зиёди ташкилоту созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар доираи ҳамин талабот дар ҷараёни муҳокимаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баргузории раъйпурсиву интихобот, ислоҳоти сохторӣ ва дигар чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ мунтазам иштирок менамоянд ва то ба имрӯз як қатор ташаббусу пешниҳодҳои онҳо амалӣ гардидаанд, ки онҳо, дар маҷмуъ, ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ, суботи сиёсӣ, тавсеаи фарҳанги сулҳ ва такмили қонунгузорӣ мусоидат намуданд [9].

Воқеан, дар ҷомеаи демократӣ афзудани таваҷҷуҳи аҳолӣ ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва кӯшиши иштирок дар дигаргунсозиҳои ҳаёти ҷомеа яке аз шартҳои ноил шудан ба пешрафту тараққиёт ва суботу амният мебошад. Дар шароити кунунӣ масъулияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тақозои замон ба ҳисоб меравад, ки барои дарёфти роҳҳои беҳтару муассири мушкилоти мубрами ҳаёти ҷомеа, дар баробари мақомоти давлатӣ, масъулиятро ба зимма гиранд. Ин таҷриба дар мамлакатҳое, ки ба сатҳи баланди тараққиёт расида, сифати зиндагии аҳолиро таъмин намудаанд, собит гардидааст. Ҳоло дар мамлакат 7 ҳизби сиёсӣ ва қариб дуюним ҳазор созмони ҷамъиятӣ бо дархосту пешниҳодҳои созандаи худ таъсиргузоранд. Онҳо дар доираи талаботи оинномавии худ ба хотири пешрафти соҳаҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат саъю талош мекунанд. Имрӯз дар кишвар барои фаъолияти васеи созмонҳои ғайриҳукуматӣ заминаҳо муҳайё мебошанд. Танҳо ташаббускорӣ, ҳамкорӣ бо ҷомеа, ҷалби ҳар чӣ бештари қишрҳои гуногун ба корҳои созанда омили пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар мегарданд [9].

Бояд гуфт, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, омӯзиши афкори ҷомеа вобаста ба фаъолияти қонунгузорӣ, таклифу пешниҳодҳои судманд вобаста ба такмили низоми қонунгузорӣ, ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, яке аз хусусиятҳои муҳими ҷомеаи демократиро, пеш аз ҳама, иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар

муҳокимаи масъалаҳои муҳим, хусусан қабули қарорҳои дурусту самаранок дар самтҳои гуногуни ҷомеа ташкил менамояд.

Мавриди зикр аст, ки шарти асосӣ ва зарурии бунёди демократия мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандии инкишофёфта мебошад. Ҷомеаи шаҳрвандии комил танҳо дар натиҷаи рушди ҳамкориҳо, муносибатҳои байниҳамдигарии ниҳодҳои сиёсӣ ва муносибатҳои бозори озод имконпазир мегардад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ сохтори худидоракунӣ ва кушодаи муносибатҳои байни одамон аст, ки дар асоси арзишҳои фарҳанги умумӣ, иқтисоди бозорӣ, шаклҳои ихтиёрии ниҳодҳои шаҳрвандӣ муттаҳид гашта, дар ташкили демократияи устувор нақши муҳим мебозад. Мавқеи он, пеш аз ҳама, бо пайдоиши шаҳрванди озод, узви мустақили ҷомеаи дорои як қатор ҳуқуқ ва озодӣ, инчунин, масъули маънавӣ барои амалҳо дар назди ҷомеа алоқаманд аст, чунки рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бисёр ҳолат аз пайдоиши иттиҳодияҳои гуногуни одамон вобастагӣ дорад [2].

Вобаста ба ҷойгоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеа, ҳамкорӣ, бо сохторҳои давлатӣ, дар нишастҳои илмӣ, аз ҷониби коршиносон ба муҳиммияти ин масъалаи муҳим, мавзуъҳои муҳим мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки метавон номҳои онҳоро дарҷ кард: «Ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аҳаммияти тавсеаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳамкорӣ бо сохторҳои ҳокимияти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ», «Асосҳои ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ»,«Шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Намунаҳои ҳамкориҳои самараноки сохторҳои ҳокимияти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандии хориҷ аз Тоҷикистон» [14].

Бояд зикр намуд, ки ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ бо дигар ниҳодҳои давлатӣ дар конфронсҳои илмию амалӣ, байналмилалӣ, аз ҷониби коршиносон мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар раванди ин чорабиниҳои илмӣ коршиносон вобаста ба самту фаъолияти ҳамкориҳои ду ниҳод таклифу пешниҳодҳои судманд манзур кардаанд, ки дар сурати ба эътибор гирифтани онҳо, раванди демократӣ инкишоф ёфта, дар таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд дунявӣ мусоидат хоҳад кард. Дар ин замина, ниҳодҳои давлатӣ, бояд иқдомоти ҷомеаи шаҳрвандиро мавриди омӯзиш қарор дода, вобаста ба масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа ҳамкориҳоро ба роҳ монанд.

Бояд қайд намуд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз институтҳои муҳимми сиёсӣ дар ташаккул ва рушди демократия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Вобаста ба рушду нумуи ин ниҳоди муҳим намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ Ёдгор Файзов, Бахтиёр Абдуҷабборов, Санавбар Раҳимова, Шаҳло Акобирова ва дигарон дар бораи роҳҳои беҳтар намудани нақши созмонҳои ғайридавлатӣ дар рушди устувори кишвар пешниҳодоти ҷолиб баён намуданд. Ҳамчунин, дар бораи монеаҳои рушди фаъолияти созмонҳои ғайридавлатӣ сухан ронда, таъкид карданд, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ, новобаста аз хусусияти ғайритиҷоратӣ доштан, ҳанӯз ҳам маҷбуранд, ки барои аз қайди давлатӣ гузаштан маблағи муайянеро пардохт намоянд. Тибқи тағйирот ба Кодекси андози ҷумҳурӣ, то 10 фоизи даромади соҳибкорон ва шахсони алоҳида аз фоида ба ҳисоби созмонҳои ғайридавлатӣ ҷиҳати дастгирии онҳо ба таври мақсаднок гузаронида бояд шавад [6].

Ҳамин тариқ, ҳамкории самаранок бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ муфид аст, бояд бештар рушд ёбад. Вобаста ба ин масъалаи муҳим назари коршинос Олимҷон Салимзода чунин аст: «Дар ҷумҳурӣ раванди демократикунии ҷомеа ва давлатдории миллии нав хуб ҷараён дорад. Дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими низоми демократӣ, дар баробари ниҳодҳои давлатӣ, саҳми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ хеле калон аст. Муносибати зичи давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ гарави устуворӣ ва фаъолнокии рушди Истиқлолияти давлатӣ мебошад. Ҳамкории самаранок бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ муфид аст, бояд бештар рушд ёбад. Қайд гардид, ки мувофиқи таҳқиқот дар ҷумҳурӣ беш аз 14 ҳазор институти гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ амал мекунад ва муносибати давлат бо онҳо хуб ба роҳ монда шудааст. Онҳо ба фаъолияти мақомоти давлатӣ кумак намуда, дар омода намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатиро баррасӣ намуда, барои такмили онҳо пешниҳодҳо мекунанд” [6].

Бинобар ин, ҳамкории наздики ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ниҳодҳои давлатӣ дар шароити муосир яке аз роҳҳои самараноки амалигардонии масъалаҳои муҳим, тарҳрезӣ ва банақшагирии масъалаҳои муҳим эътироф мегардад. Дар ин раванд ҳарду ҷониб бояд дар раванди муҳокима масаълаҳоеро мавриди назар қаророр диҳанд, ки барои таҳкими рушди плюрализми сиёсӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, демократия, фаъолияти қонунгузорӣ, баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа қарорҳои мушаххас ва судмандро роҳандозӣ намоянд.

Вобаста ба таҳким ва шаклгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон назари коршинос Муҳаббатшо Рӯзадоров чунин аст: «Дар ҷумҳурӣ алҳол 2500 ташкилоти ғайридавлатӣ ба қайд гирифта, барои иҷрои мақсадҳои оинномавиашон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ аксарияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳамкории зич бо Ҳукумати мамлакат бо мақсади таъмини сулҳу ризояти миллӣ дар кишвар, тавсеаи арзишҳои демократӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд фаъолияти худро оғоз намуданд. Дар шароити демократия татбиқи ҳадафҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ бе ширкати фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ аз имкон берун аст. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки ҳанӯз мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шуури сиёсии қишрҳои гуногуни ҷомеа мақоми зарурӣ пайдо накардааст. Гузашта аз ин, масъалаи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои милливу этникӣ ва омилҳои дигари мусоидаткунанда барои густариши фаъолияти он пурра омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, мутахассисону коршиносон бояд роҳҳои ҳалли ин мушкилро пайдо намуда, дар шаклгирии ин институти муҳимми сиёсӣ, дар раванди сиёсии ҷомеа тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намоянд [6].

Ба андешаи муаллиф, яке аз вазифаҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ, иштироки ниҳодҳои он дар омӯзишу амалӣ сохтани барнома ва лоиҳаҳои афзалиятноки мамлакат ба ҳисоб меравад. Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳамкориҳои судманду созандаи сохторҳои давлатӣ бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мутобиқи талаботи замон ҳадафмандона буда, ба таҳкими ҳамаҷонибаи Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани обрӯву нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташаккули шуури худогоҳии миллӣ ва баланд бардоштани фарҳанги сиёсии қишрҳои гуногуни ҷомеа, бахусус ҷавонони кишвар равона гардидааст [6].

Вобаста ба мавқеъ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ назари роҳбари Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон Ш. Каримов чунин аст: «Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон ҳамкориҳои иҷтимоӣ барои ҳаллу фасли босамари масъалаҳо, мушкилоти ҷомеаи кишвар ва боз ҳам баландтар бардоштани некуаҳволии шаҳрвандон аст. Фароҳам сохтани шароити мусоид барои шаҳрвандон ҷиҳати ширкат дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва ташаккули ҷаҳонбинии солим, ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ, баррасӣ ва арзёбии муҳимтарин барномаҳои давлатии инкишоф дар ҷараёни таҳия ва татбиқи онҳо, иштироки бевосита дар барномаҳои иҷтимоии давлат, ки ба инкишофи устувори ҷомеа нигаронида шудаанд, аз ҷумлаи ин ҳамкориҳо буда метавонанд. Дар баробари ин, бояд изҳор намуд, ки имрӯз соҳае нест, ки намояндагони созмонҳои ғайридавлатӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти он ширкат наварзанд. Ҳиссаи онҳо, махсусан дар бозомӯзӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрвандони мамлакат, назаррас аст” [6].

Ба андешаи ӯ, “аввалин марказҳои бозомӯзии замонавӣ, кор бо занону кӯдакон, маъюбону барҷомондагон, таъсиси корхонаҳои хурди тиҷоративу ғайритиҷоратӣ, ҳамкориҳо дар соҳаи тандурустӣ ва маорифи кишвар, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, фароҳам сохтани кумакҳои моливу пулӣ ва марказҳои таълимӣ барои насли нави соҳибкорон, ташкили курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат бо истифода аз васоити муосир барои кормандону хизматчиёни давлатӣ, муҳайё сохтани имконот ва ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон ва соҳибхоназанҳо, мусоидат ба истифодаи комил аз манбаъҳои алтернативии неруи барқ ва беҳдошти муҳити зист дар кишвар

номгӯйи нопурраест, ки ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон дар давоми 25 соли охир бо онҳо сарукор доранд» [6].

Дар шароити имрӯзаи давлатдории муосири Тоҷикистон яке аз вазифаҳои хеле муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳокимаи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, дар қабули онҳо фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ бо дигар ниҳодҳои давлатӣ яке аз масъалаҳои асосӣ эътироф мегардад. Ин масъала бозгӯкунандаи он аст, ки фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи баланд арзёбӣ гардида, дар азнавсозии низоми сиёсии ҷомеа, аз фаъолияти асосӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки самаранокии фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ё ҳамкории онҳо бо мақомоти қонунгузори кишвар, хусусан, вакилони парламент яке аз хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд ташаббуси ҷомеаи шаҳрвандӣ, бояд дар омӯзиш ва қабули қарорҳои муҳимми сиёсӣ, дар сатҳи муайяншуда дар раванди сиёсии ҷомеа устувор гардад.

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки шарти асосӣ ва зарурии бунёди муваффақонаи идораи демократӣ мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандии рушдёфта мебошад. Ҷомеаи шаҳрвандии комил танҳо дар натиҷаи рушди ҳамкориҳо, муносибатҳои байниҳамдигарии ниҳодҳои сиёсӣ ва муносибатҳои бозори озод имконпазир мегардад. Дар Тоҷикистон давлат риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро таъмин мекунад ва тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити иҷрои вазифаҳои оинномавиашонро кафолат медиҳад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар навбати худ, воситаи таъсиррасон ба раванди ислоҳоти сохтори давлатдорӣ ва такмили қонунгузорӣ буда, метавонад барои бартараф кардани мушкилоте, ки дар сохтори идораи давлат ба назар мерасанд, кумак намояд [14].

Қисми бештари созмонҳои ғайридавлатӣ дар доираи ҳамин талабот дар ҷараёни муҳокимаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баргузории раъйпурсиву интихобот, ислоҳоти сохторӣ ва дигар чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ иштирок мекунанд. Бояд гуфт, ки то ба имрӯз як қатор ташаббусу пешниҳодҳои онҳо амалӣ гардидаанд, ки дар маҷмуъ, ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ, суботи сиёсӣ, тавсеаи фарҳанги сулҳ ва такмили қонунгузорӣ мусоидат намудаанд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ ҳафт ҳизби сиёсӣ ва зиёда аз 2500 созмони ҷамъиятӣ бо дархосту пешниҳодҳои созандаашон дар доираи талаботи оинномавии худ ба хотири пешрафти соҳаҳои гуногуни сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлат фаъолият доранд [14].

Давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Давлати ҳуқуқбунёдро он ҷое барпо намудан мумкин аст, ки ҷомеаи шаҳрвандии инкишофёфта ва пурқувват мавҷуд бошад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин ҷамъиятест, ки дар он қонун ҳукмрон буда, озодии шахс, ҳуқуқ, шаъну шараф, қадру қимати он, инчунин ҷавобгарии тарафайни шахс ва давлат кафолат дода мешавад. Яке аз нишонаҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи дорои муносибатҳои иқтисодии инкишофёфта будани он мебошад. Дар чунин ҷомеа шахс аз моликият ҷудо набуда, баръакс, имконият дорад, ки ҳама гуна шакли моликиятро интихоб намояд. Нишонаи дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ эътирофи ҳуқуқу озодиҳои табиии инсон ва ҳифзи самараноки он мебошад [5].

Бояд қайд намуд, ки дар шароити муосири давлатдории Тоҷикистон яке аз институтҳои хеле муҳимми низоми сиёсии ҷомеа ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб рафта, бо имконият ва иқтидори худ яке аз институтҳои муҳимми сиёсӣ дар таҳкими раванди демократикунонии ҷомеа эътироф карда шудааст. Дар ин замина, ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун институти муҳимми сиёсӣ дорои вазифаҳои муайяну мушаххаси худ аст. Яке аз вазифаҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити имрӯзаи давлатдории Тоҷикистон мусоидат ба таҳкими низоми сиёсии ҷомеа мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Акбарализода Ҷ. Мафҳуми ҳуқуқи инсон дар давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: mmk.tj (санаи истифодабарӣ. 12.03.2023).
2. Дар Тоҷикистон беш аз 14 ҳазор институти ҷомеаи шаҳрвандӣ амал мекунад. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
3. Доманов В.Г. Гражданское общество: современный концепт и перспективы его реализации в России / В.Г. Доманов: автореф. дис. д.-ра. полит. наук. – М.,2010. – 461 с.
4. Исмоилов Ш. Давлати ҳуқуқбунёд ва тақозои таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ дар замони муосир / Ш. Исмоилов // Ҷумҳурият. - №16. 23.01.2024.

5. Каримова С. Давлати ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ бо ҳам тавъаманд. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи истифодабарӣ 21.12.2023).
6. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи Стратегияи миллии рушд // Садои мардум. - №152 -153 (3789 - 3790). 23.12.2017.
7. Нахустин вокунишро ҷомеаи шаҳрвандӣ кард. Ба қадраш хоҳанд расид? [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org. (санаи истифодабарӣ 21.01.2024).
8. Нақши номуассири ниҳодҳои мадании Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org. (санаи истифодабарӣ 21.01.2024).
9. Пешвои миллат: «Шурои ҷамъиятӣ барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар мусоидат намуд» // Садои мардум. - №9-10(3646-3647) 31.01.2017.
10. Пас аз «қазияи Интернет». Садои мардум ҳамеша ба Ҳукумат хоҳад расид? [Манбаи электронӣ]. URL: www.ozodi.org. (санаи истифодабарӣ 21.01.2024).
11. Ҷомеаи шаҳрвандӣ – воситаи таъсиррасон ба раванди ислоҳоти сохтори давлатдорӣ ва қонунгузорӣ // Садои мардум. - №67. 30.11.2019.
12. Стратегияи миллии рушд // Садои мардум. - №152 -153 (3789 -3790). 23.12.2017.
13. Федорова Е.А. Взаимодействие государственной власти и формирующегося гражданского общества в современной России / Е.А. Федорова: автореф. дис. канд. полит. наук. -М., 2006. – 156 с.
14. Ҳамкориҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ шуд. [Манбаи электронӣ]. URL: sadoimardum.tj (санаи истифодабарӣ 21.12.2023).
15. Шубина Н.В. Гражданское общество и местное самоуправление: Взаимосвязь становления и развития: автореф. дис. канд. полит. наук / Н.В. Шубина. -М., 2006. -168 с.

## РАВАНДИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАДӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола муаллиф хусусиятҳои муҳимми фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати институти муҳимми сиёсӣ заминаи муҳимро дар таҳкими низоми сиёсии ҷомеа мегузорад. Бояд зикр намуд, ки раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон аз солҳои 90-уми асри XX оғоз гардид. Охири асри 20 давраи тағйиротҳои куллӣ дар ҷаҳон гардида, дар баробари пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мисли дигар давлатҳои собиқи шуравӣ соҳибистиқлол гардид. Дар давраи гузариш дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар як қатор дигаргуниҳо ба амал омад, ки кулли ҷумҳуриро фаро гирифт. Аз ҷумлаи чунин дигаргуниҳо гузариш аз сохти тоталитарӣ ба демократия, аз иқтисодиёти нақшавӣ ба иқтисодиёти бозоргонӣ, болоравии худшиносии миллӣ, мустаҳкамнамоии истиқлолияти давлатӣ ва ғайра мебошанд. Бояд эътироф кард, яке аз хусусиятҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандиро дар раванди давлатдории муосири Тоҷикистон иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, омӯзиши афкори ҷомеа вобаста ба фаъолияти қонунгузорӣ, таклифу пешниҳодҳои судманд вобаста ба такмили низоми қонунгузорӣ ташкил намуда, ҳамчун воситаи муҳимми рушди давлати демократӣ баромад мекунад. Дар баробари ин, яке аз хусусиятҳои муҳими ҷомеаи демократиро, пеш аз ҳама, иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муҳокимаи масъалаҳои муҳим, хусусан, қабули қарорҳои дурусту самаранок дар самтҳои гуногуни ҷомеа ташкил менамояд. Бояд тазаккур дод, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар ҳама самти ҷомеа фаъол ва дар баробари ниҳодҳои давлатӣ ҷойгоҳи худро дошта бошад. Таҷриба собит менамояд, ки ҳамкории наздики ҷомеаи шаҳрвандӣ бо сохторҳои давлатӣ бояд дар сатҳи баланд ба роҳ монда шаванд. Онҳо бояд дар раванди муҳокимаи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ фикру назари худро дошта бошанд, фаъолияташон баланд арзёбӣ карда шавад. Ба ҳама маълум аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ниҳоди муҳимми сиёсӣ, дар раванди сиёсии ҷомеа нақши муассир, аз субъектҳои фаъоли низоми сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар шаклгирӣ ва рушди муносибатҳои демократӣ мақоми хосса дорад.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, равандҳои демократӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ.

## ПРОЦЕСС ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье автор анализирует и определяет главные важные особенности деятельности гражданского общества и отмечает, что гражданское общество как важный элемент политического института закладывает важную основу для укрепления политической системы общества. Следует отметить, что процесс формирования гражданского общества в политической жизни Таджикистана, как важнейшего политического института, начал работать еще в 90-е годы прошлого века. Стоит отметить, что конец 20 века стал периодом радикальных перемен в мире, вместе с распадом Советского Союза Республика Таджикистан получила независимость, как и другие бывшие советские государства. В переходный период в общественно-политической жизни страны произошел ряд изменений, охвативших всю республику. К числу таких изменений относится переход: от тоталитарной системы к демократии; от плановой экономики к рыночной; подъем национального самосознания; укрепление государственной независимости и т. д. Следует признать, что одной из важных особенностей деятельности гражданского общества в процессе современной государственности в Таджикистане является: участие в политической жизни общества и изучение общественного мнения, которое связано с законотворческой деятельностью, полезные предложения и предложения, связанные с совершенствованием законодательной системы, ставшией в итоге важным инструментом развития демократического государства. При этом одной из важных характеристик демократического общества является, прежде всего, активное участие гражданского общества в обсуждении важных вопросов, в частности, принятие правильных и эффективных решений в различных сферах жизни

общества. Следует подчеркнуть, что гражданское общество должно быть активным во всех аспектах жизни и должно занять определенное место наряду с государственными институтами. Как показывает опыт, тесное сотрудничество гражданского общества с государственными структурами должно быть на высоком уровне, так как они должны иметь возможность собственного мнения в процессе обсуждения нормативно-правовых актов, а их деятельность высокую оценку. Всем известно, что гражданское общество как важный политический институт играет важную роль в политическом процессе общества, считается одним из активных субъектов политической системы и играет главную роль в становлении и развитии демократических отношений в обществе.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, институты гражданского общества, гражданское общество, общественные организации, демократические процессы, политические партии, деятельность гражданского общества.

## THE PROCESS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF CIVIL SOCIETY IN TAJIKISTAN

In the article, the author analyzes and defines the main important features of the activities of civil society and notes that civil society, as an important element of a political institution, lays a significant foundation for strengthening the political system of society. It should be noted that the process of forming civil society in the political life of Tajikistan, as the most important political institution, began to work back in the 90s of the last century. It is worth noting that the end of the 20th century was a period of radical changes in the world, along with the collapse of the Soviet Union, the Republic of Tajikistan gained independence, like other former Soviet states. During the transition period, a number of changes took place in the socio-political life of the country, sweeping the entire republic. Such changes include the transition: from a totalitarian system to democracy; from a planned economy to a market economy; rise of national consciousness; strengthening state independence, etc.It should be recognized that one of the important features of the activities of civil society in the process of modern statehood in Tajikistan is: participation in the political life of society and the study of public opinion, which is associated with legislative activity, useful proposals and suggestions related to improving the legislative system, which ultimately became important tool for the development of a democratic state. At the same time, one of the important characteristics of a democratic society is, first of all, the active participation of civil society in discussing important issues, in particular, making correct and effective decisions in various spheres of society. It should be emphasized that civil society must be active in all aspects of life and must take a certain place along with government institutions. As experience shows, close cooperation between civil society and government agencies should be at a high level, since they should have the opportunity to have their own opinion in the process of discussing normative legal acts, and their activities should be highly appreciated. Everyone knows that civil society as an important political institution plays an important role in the political process of society, is considered one of the active subjects of the political system and plays a major role in the formation and development of democratic relations in society.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, civil society institutions, civil society, public organizations, democratic processes, political parties, civil society activities.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарифзода Лоҳутӣ Шариф*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистонхиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 919896569**
***Шкраллоҳи Хабибуллои Зардизода*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедари сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 7351040, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Айнӣ, 67. Телефон**: (+992) 905403737**

**Сведения об авторах:** ***Шарифзода Лохути Шариф*** - Таджикский национальный университет, доктор политических наук, доцент. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919896569**
***Шкраллохи Хабибуллои Зардизода*** — Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра истории таджикского народа, соискатель кафедры политологии. **Адрес**: 7351040, г. Бохтар, Республика Таджикистан, улица С.Айни, 67. Телефон**: (+992) 905403737**

**Information about the authors:** ***Sharifzoda Lohuti Sharif*** - Tajik National University, Doctor of Political Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919896569**
***Shkrallohi Habibulloi Zardizoda*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Department of History of the Tajik People, applicant for the Department of Political Science. **Address:** 7351040, Bokhtar, Republic of Tajikistan, S. Aini street, 67. Phone: **(+992) 905403737**

ТДУ: 321.01 (575.3)

# ДАВЛАТИ МИЛЛӢ: МОҲИЯТ ВА РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ОН

*Маҳмадёрзода Исфандиёр Бахтиёр*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Манфиатҳои миллӣ ҳамчун ифодагари ниёзҳои муҳимми ҳаёт, ҷомеа ва давлат баромад карда, таҷассумгари мушкилоти ҳаёти мамлакат мебошанд. Дар дарк ва ташаккули манфиатҳои миллӣ неруҳои гуногуни сиёсӣ: ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва албатта давлат – унсури марказии низоми сиёсии ҷамъият иштирок мекунанд. Манфиати давлатро зарурати ҳалли масъалаҳои фаъолияти механизми давлатии идоракунӣ бо назардошти манфиатҳои гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоие, ки манфиатҳои онҳоро тавассути иштироки намояндагонашон дар ҳаёти сиёсии ҷамъият ифода мекунанд, муайян менамоянд. Аз ин рӯ, манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ ба мисли мафҳумҳои «давлат» ва «миллат» бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд.

Мафҳуме, ки айни замон яке аз категорияҳои асосӣ дар илми сиёсатшиносӣ ва назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, «давлати миллӣ» мебошад. Этимологияи ибораи «давлати миллӣ» пеш аз ҳама аз забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла англисӣ (nation-state) ва фаронсавӣ (etat-nation) сарчашма мегирад. Истилоҳи «давлати миллӣ» ба давлати соҳибихтиёр ҳаммаъно мебошад, ки дорои ҳудуди муайяну назоратшаванда ва аҳолии доимӣ аст.

Истифодаи мафҳуми «давлати миллӣ» пас аз пайдоиши системаи Вестфалии муносибатҳои байналмилалӣ дар миёнаи асри XVII шуруъ шуда, маҷмуи принсипҳоро вобаста ба соҳибихтиёрии давлат муайян намуд, ки баъзеи онҳо то ҳол амал мекунанд. Дар ин бобат К. Янг чунин қайд кардааст: «Дар пайдоиши давлати миллӣ ягон хусусияти табиӣ ва ё пешакӣ бо амри таърих муайяншуда ҷой надорад. Ин падидаи нисбатан нав дар таърихи Аврупо аст, ҳукуматҳои миллӣ дар давраи Инқилоби Фаронса ташкил карда шуданд ва ҷараёнҳои зеҳнии маърифат дар ташаккули онҳо нақши муҳим бозиданд. Вақте ки ҷомеаи муосири шаҳрвандӣ ташаккул ёфт, мафҳуми миллат (nation) бо мафҳуми шаҳрвандӣ ва мансубият ба давлат ҳамгиро карда шуд. Одамон, ба монанди давлатҳо, на ба зарурати умумӣ, балки ба шароит вобастаанд, аммо айни замон боварӣ доранд, ки онҳо барои ҳамдигар пешбинӣ шудаанд ва яке бе дигаре нопурра ва фоҷиабор аст» [21].

Дар забони тоҷикӣ мафҳуми «давлати миллӣ» ҳамчун муродифи ибораи англисии «давлат - миллат» истифода бурда шуда, пайдоиши он дар илми ватанӣ ба замони пасошуравӣ ва истиқлоли давлатӣ рост меояд, ки аллакай рӯзҳои аввали истиқлолият раванди омӯзиш ва муайянкунии моҳияти мафҳуми мазкур оғоз ёфт. Дар баробари ин, дар замони муосир дар чаҳорчӯбаи мушкилоти ҷаҳонӣ ҳам дар илми ватанӣ ва ҳам дар илми хориҷӣ тамоюли дар маҷмуъ наздиккунии мафҳуми «давлати миллӣ» ва мафҳуми «давлат» мушоҳида карда мешавад. Вобаста ба ин К. Гоулдман – яке аз назариячиёни муосири муносибатҳои байналмилалӣ изҳор медорад, ки «давлат, ба маънои давлати миллӣ – ин ҷузъи асосии тамоми «байналмилалӣ» мебошад, зеро бе давлат муносибатҳои байналмилалӣ низ вуҷуд надоранд» [14].

Тибқи матлабҳои зикршуда, давлат натиҷаи олӣ ва ҳадафи рушди ҷамъиятӣ мебошад, ки чунин муносибат ба давлати миллӣ дар илми сиёсатшиносӣ равиши этатистӣ ном дорад. Аз рӯйи равиши мазкур давлати миллӣ давлати навъи муосир мебошад. Мавқеи мазкурро Э. Гидденс – сотсиологи маъруфи англис ба таври возеҳу равшан баён кардааст: «Ҳамаи давлатҳои муосир миллӣ мебошанд, зеро онҳо дорои дастгоҳи ҳукуматӣ, ҳудуди муайян ва маҷмуаҳои расмии қонунҳо буда, қувваҳои мусаллаҳро назорат мекунанд. Аммо, аз рӯйи баъзе хусусиятҳои назаррас, давлатҳои муосир аз давлатҳои анъанавӣ куллан фарқ мекунанд» [9]. Маҳз дар чунин маъно ҳамчун муродиф мафҳумҳои «давлат» ва «миллат» на танҳо дар асри гузашта, балки дар замони муосир низ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ истифода мешаванд, ки яке аз намунаҳои равшани гуфтаҳои мазкур номи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, ба монанди Лигаи Миллатҳо ва Созмони Милали Муттаҳид мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ва илмҳои сиёсӣ таърифҳои гуногун вобаста ба истилоҳи «давлат» мавҷуданд. Вале, барои муайян намудан ва фаҳмидани он, ки давлат дар ҳақиқат давлати миллӣ аст, мо бояд аввал ба вуҷуд доштан ва ё надоштани ғояҳои ҳувияти миллӣ дар он назар афканем. Агар чунин ғояҳо мавҷуд бошанд, он гоҳ бо боварии комил метавон ин давлатро давлати миллӣ номид.

Ҳамзамон, пажуҳишгарон пайдоиши идея ва ё ғояҳои давлати миллиро посух ба ғояҳои давлати ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби идеологҳои либерализми классикии аврупоӣ ва индивидуализм ҳимоя ва рушд карда мешавад, меноманд. Дар ин ҳолат, ба ақидае омадан мумкин аст, ки ғояҳои давлати миллӣ натиҷаи бартарафкунӣ, идомадиҳӣ ва ё рушди ғояҳои либералӣ-ҳуқуқии давлат аст.

Дар маҷмуъ, ғояҳои миллат ва давлати миллӣ маҳсули фалсафаи танҳо як равиши сиёсӣ нестанд, зеро дар ташаккул ва рушди онҳо аксари равишҳо саҳми босазо доранд. Аз ҷумла, фалсафаи классикии аврупоӣ аҳаммияти фардият ва озодии ҳар як шахсро дарҷ намуда, ҳуқуқи онро вобаста ба худмуайянкунӣ ва изҳори манфиатҳову ғояҳои худ эътироф мекунад, ки дар навбати худ, ин заминаро барои ғояҳои миллате, ки даъвои «ҳар як миллат ба давлати худ ва худмуайянкунӣ ҳуқуқ дорад»-ро гузошт. Либерализм яке қувваҳои асосии пешбарандаи мубориза вобаста ба озодихоҳии миллӣ ва таъсиси давлатҳои миллӣ гардида, ба мафҳуми соҳибихтиёрии миллат ҳамчун арзиши асосии сиёсӣ замина гузошт. Фалсафаи романтикии олмонӣ ба фарҳанг, забон ва таърихи миллат аҳаммияти калон дода, оид ба хусусияти беназирӣ ва муҳиммияти он таъкид менамояд. Намояндагони ин равиш ғояҳои ваҳдати миллатро дар доираи давлате пешниҳод мекунанд, ки дар он ҳар як аъзо дорои арзишҳо ва манфиатҳои муштарак мебошад [19]. Индивидуализм бошад, пайваста вокуниши хос ба нобудшавии хусусият ва қадри шахс карда, дар асл худ ғояи талош ба тартиботи идеалӣ аст, ки манфиатҳои он то дараҷае ба ғояҳои давлати миллӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Дар баробари равишҳои зикршуда, ҷиҳати муайян намудани маънои дақиқу мушаххаси мафҳуми «давлати миллӣ», ки дар ҳақиқат мафҳуми мураккаб аст, зарурати муроҷиат ба назарияи раванди рушд ва асосҳои таркибии он, ки аз калимаҳои «давлат» ва «миллат» иборат аст, ба миён меояд.

Раванди рушди тасаввурот дар бораи «давлат» ва «миллат» муддати тулонӣ зери таъсири рӯйдодҳои гуногуни сиёсати дохиливу хориҷӣ мустақилона ва дар алоҳидагӣ сурат мегирифт, ки ин бори дигар аҳаммияти дар алоҳидагӣ баррасӣ намудани истилоҳоти мазкурро исбот мекунад.

Мувофиқи назари муҳаққиқ ва файласуфи англис Квентин Скиннер, бори аввал истифода бурдани истилоҳи «давлат» дар маънои ҳозираи он ба эҳёи ҳуқуқи римӣ рост меояд ва калимаи лотинии «status», ки дар Италия дар асрҳои миёна истифодабариаш оғоз ёфт, эҳтимолан ҳаммаъно ба он буд. Зеро, дар он вақт калимаи мазкур ва решаҳои таркибии он, ба монанди «state», «estat», «etat»ва ғайраҳо баробармаъно ба калимаҳои тоҷикии «мавқеъ», «истодан», «мақомоти ҳуқуқӣ» ва «шаъну шараф» буда, аллакай дар охири асри XIV он барои ишораи мақоми умумии салтанат ё ҷумҳурӣ ифода карда мешуд. Барои тасдиқи ин К. Скиннер ибораи итолиёвии «lo stato de`Neri»-ро мисол меорад, ки дар забони тоҷикӣ ҳамчун «ҳукмронии ҳизби Неро» тарҷума мешавад [16].

Аз рӯйи маълумоти таърихӣ, истилоҳи «давлат»-ро маротибаи аввал мутафаккир ва нависандаи итолиёвӣ Никколо Макиавелли ва сиёсатмадор, файласуф ва иқтисодчии фаронсавӣ Ҷан Боден дар тадқиқоти худ мавриди истифода қарор додаанд. Н. Макиавелли, ки орзуи муттаҳид кардани Италия ва таъсиси давлати миллиро дошт, истилоҳи давлатро ҳамчун ҳолате шарҳ медиҳад, ки ҷиҳати расидан ба он кишвараш бояд талош кунад. Ба ақидаи ӯ, давлат ин шакли ҳукуматест, ки соҳибихтиёр аст, яъне ҳокимияти олӣ дорад ва аз ин ё он идоракунанда ва барандаи сиёсат ҷудо мебошад. Ҷ. Боден бошад, истилоҳи давлатро ҳамчун «идоракунии одилонаи бисёр оилаҳо ва манфиатҳои умумии онҳо аз ҷониби ҳокимияти соҳибихтиёр» шарҳ медиҳад. Аз нигоҳи ӯ, нишонаи асосии давлат ин ҳокимияти соҳибихтиёр мебошад ва идоракунӣ дар он бояд дар асоси адолат амалӣ карда шавад. Ба андешаи Ҷ. Боден, маҳз идоракунии одилонаи давлат

ҳадафи асосӣ аст, зеро он барои ба даст овардани неъмати олии шахс равона карда шудааст, ки дар навбати худ, ба неъмати олии давлат баробар аст [8].

Аз ин бармеояд, ки мафҳуми давлат на танҳо мураккаб аст, балки қадимӣ низ мебошад. Масъалаи мазкурро аз замонҳои қадим файласуфон, таърихнигорон, сиёсатшиносон ва ҳуқуқшиносон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, таъриф ва муқаррарот роҷеъ ба табиат ва нақши он дар ҳаёти ҷомеа аз нигоҳу равишҳои гуногун таҳия шудаанд, ки баъзеи онҳоро дида мебароем.

Афлотун – файласуфи Юнони қадим, яке аз мутафаккиронест, ки мафҳуми давлат ва ғояҳои онро ба таври муайян рушд додааст. Ба ақидаи ӯ, давлат субъекти комил, пайдоиши он ба натиҷаи амалишавии некӣ дар муносибатҳои инсонӣ иртибот дорад. Ҳамзамон, ӯ иброз медорад, ки «давлат, ба гумони ман, вақте ба вуҷуд меояд, ки ҳар яки мо худамонро қонеъ карда наметавонем, аммо ба бисёр чизҳои дигар низ ниёз дорем. Ҳамин тариқ, ҳар як шахс барои қонеъ кардани ин ё он ниёз яке ё дигареро ҷалб мекунад. Аз сабаби ниёзмандӣ ба бисёр чизҳо, аксари одамон якҷо ҷамъ мешаванд, то зиндагии якҷоя ба сар бурда, ба ҳамдигар кумак расонанд: чунин ҷойгиршавӣ дар мо номи давлатро мегирад» [12]. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки мувофиқи суханҳои Афлотун давлат – ин гурӯҳи муайяни одамон мебошад, ки барои расидан ба ҳадафи муайян – қонеъ гардонидани ниёзҳои худ якҷо шудаанд.

Файласуфи дигари юнонӣ – Арасту, ки тадқиқоташ қуллаи рушди афкори сиёсии замонаш ба ҳисоб меравад, давлатро ҳамчун як навъи манзили умумии шаҳрвандони озод барои ба даст овардани зиндагии беҳтар шарҳ медиҳад [11,с.154]. Ӯ дар рисолаи худ, ки «Сиёсат» номгузорӣ шудааст, доир ба назарияи патриархалии пайдоиши давлат навиштааст, ки моҳияти он дар пеш аз давлат пайдо шудани дигар шаклҳои умумишавӣ – оила ва деҳа зоҳир мешавад. Ба ақидаи ӯ, оила – аввалин шакли тағйирнаёбандаи якҷояшавӣ, деҳа – гурӯҳи оилаҳо ва давлат, дар навбати худ, маҷмуи деҳаҳо мебошад. Ҳамин тариқ, давлат маҳсули пайдоиши табиӣ ба монанди шаклҳои аввалини якҷояшавӣ мебошад.

Конфутсий, файласуф ва мутафаккири чинӣ, ки дар тули солҳои ҳаёташ сохтори давлатии Чини қадим монархияи мутлақ буд ва он вақтҳо аз сабаби тақсимшавӣ ба бисёр салтанатҳои хурд, ҷангҳои зуд-зуд, нобарибариҳо ва камбизоатии мардум суст гардида буд, ба фарқ аз олимони юнонӣ на шаклҳои нави давлатдорӣ, балки роҳҳои такмил намудани сохтори давлатӣ- монархияро пешниҳод мекунад. Ба назари ӯ, давлат ҳамчун оилаи калонест, ки дар он ҳама бо ҳам наздиканд, аммо калонсолон ба хурдсолон роҳбариву ғамхорӣ ва хурдсолон, дар навбати худ, ба калонсолон итоат ва эҳтиром мегузоранд [7].

Аз сабаби он ки ҳар як олим ба ҳалли мушкилоти назариявӣ ба таври гуноргун муносибат мекунад, ҳамгоми муайянсозии мафҳуми «давлат» тафаккури илмӣ бо фаҳмиши гуногуни он рӯ ба рӯ мешавад. Аз ин рӯ, зарурати баррасии мафҳуми «давлат» аз нигоҳи навъҳои гуногуни муносибат ба миён меояд.

**Муносибати фалсафӣ.** Луғати фалсафӣ давлатро чунин муайян мекунад: «Давлат – институти асосии сиёсӣ мебошад, ки ҷомеа, шаҳрвандон, арзишҳои моддӣ ва фарҳангиро дар ҳудуди муайян идора мекунад. Давлат созмони сиёсиест, ки манфиатҳо ва ҳадафҳои муайяни умумиро пайгирӣ мекунад»[20]. Пайдоиши давлат бошад, тибқи луғати мазкур, аз нигоҳи назарияи шартномаи ҷамъиятӣ ҳамчун натиҷаи бастани шартнома оид ба ташкили давлат байни аъзои ҷамъият, аз нигоҳи назарияи ҳукмронӣ ҳамчун натиҷаи ғасби қаламрави дигар ва тобеъгардонии аҳолии он аз тарафи гурӯҳ ё кишвари муайян ва аз нигоҳи назарияи органикӣ ҳамчун натиҷаи рушди қадам ба қадами оилаҳо ва қабилаҳо муайян карда шудааст.

**Муносибати сиёсӣ.** Дар луғати сиёсӣ истилоҳи давлат чунин шарҳ дода шудааст: «давлат – мақоми марказии системаи сиёсии ҷомеа мебошад, ки барои ташкил ва таъмини фаъолияти ҳаётии аҳолӣ дар қаламрави муайян бо ёрии ҳокимияти ҷамъиятӣ, ки хусусияти умумӣ-ҳатмӣ дорад, таъсис дода мешавад» [13]. Ғайр аз ин қайд карда мешавад, ки давлат муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа буда, амаликунандаи ҳокимияти сиёсӣ дар раванди танзими рафтори одамон (аз ҷумла гурӯҳҳо ва иттиҳодияҳои онҳо) ва

муносибатҳои байни онҳо, инчунин ҳифзкунандаи сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии он мебошад.

**Муносибати иқтисодӣ.** Дар луғати иқтисодӣ «давлат - маҷмуи мақомот ва шахсоне мебошад, ки ҳокимияти иқтисодиро дар дасти худ мутамарказ мекунад, қарорҳои иқтисодиро дар миқёси давлат қабул ва моликияти давлатро соҳибӣ менамояд» [5].

**Муносибати ҳуқуқӣ.** Дар луғати ҳуқуқӣ таърифи мафҳуми давлат аз нигоҳҳои зерин оварда шудааст: 1) назарияи ҳуқуқ – давлат институти асосии системаи сиёсии ҷомеа мебошад, ки фаъолияти якҷоя ва муносибатҳои байни одамон, гурӯҳҳо, синфҳо, ташкилотҳо ва ғайраҳоро ташкил, роҳнамоӣ ва назорат мекунад; 2) ҳуқуқи байналмилалӣ – давлат субъекти ибтидоӣ ва асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ва иштирокчии муносибатҳои байналмилалиест, ки омезиши унсурҳо, ба монанди қаламрави муайян, аҳолии дар он зиндагикунанда ва ҳокимиятро ифода мекунад; 3) ҳуқуқи конститутсионӣ – давлат маҷмуи мақомоти расмии ҳокимият (ҳукумат, парлумон, суд ва ғайраҳо) мебошад, ки дар миқёси кишвар (ё субъекти федератсия ва ё ҷомеаи ҳудудӣ) аз мухторияти қонунгузории ҷомеаи ҳудудӣ бо намояндагони маҳаллии ин мақомот истифода мебарад [6].

Омӯзиши навъҳои гуногуни муносибат, аз қабили фалсафӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар ҳамаи онҳо мафҳуми давлат ҳамчун ҷомеае муайян шудааст, ки дар асоси сохтори он қаламрав, мардум ва ҳокимияти давлатӣ ҷой доранд. Ҳамзамон, аз таҳлили гузаронидашуда бармеояд, ки дар замони муосир дар доираи таълимоти мавҷуда ва рушдёфтаистода вобаста ба мафҳуми давлат мазмуни нав ворид карда нашудааст. Ғайр аз ин, таҳлили нигоҳу равишҳои гуногун нишон медиҳанд, ки дар таҳлилҳои назариявӣ на дар бораи фарқиятҳои куллӣ дар мазмуни таъриф ва моҳияти давлат, балки дар бораи номувофиқати таснифҳо аз ҷониби равишҳои гуногун сухан меравад.

Раванди рушди мафҳум ва моҳияти «давлат» вобаста ба шароити таърихӣ нишон медиҳад, ки аввалан, он ибтидои синфӣ ё ибтидои умумииҷтимоӣ дорад ва муттаҳидсозии ин ду ибтидо имкон медиҳад, ки хусусияти пурраи давлат муаяйн шавад. Аз ин бармеояд, ки ҳар як давлати ҳуқуқбунёд ва демократии муосир аз нуқтаи назари мафҳум ва моҳият метавонад ҳамчун воситаи ҳамдигарфаҳмии иҷтимоӣ аз рӯйи мундариҷа ва ҳуқуқ аз рӯйи шакл баррасӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, мувофиқи ин пажуҳишҳо метавон гуфт, ки дар замони муосир давлат – ташкилоти сиёсии ҷомеа мебошад, ки ҳокимияти олиро дар ҳудуди қаламрави муайян паҳн мекунад ва фаъолияти худро тавассути дастгоҳи идоракунӣ ва нашри меъёрҳои ҳуқуқӣ амалӣ мегардонад.

Дар баррасии манфиатҳои миллӣ мафҳуми «миллат» мавқеи марказӣ ишғол менамояд, вале истилоҳи мазкур бисёрмаъно буда, дорои фаҳмиши гуногун аст, ки он бо анъанаҳои гуногуни таърихӣ, сиёсӣ ва забонӣ ва инчунин, равишҳои мухталифи назариявӣ алоқамандӣ дорад.

Пайдоиши вожаи «миллат» аз забони лотинӣ («natio» – қабила, халқ) сарчашма гирифта, таърихан бо решаи «nat» алоқаманд мебошад ва аслан дар таркиби калимаҳои маънояшон ба «пайдоиш» рабтдошта мавҷуд аст. Мисол, калимаи лотинии «natura» дар забони тоҷикӣ ҳамчун табиат ва ё таваллуд тарҷума мешавад.

Истилоҳи номбурдаро яке аз аввалинҳо шуда, дар тадқиқоти худ мутафаккирони Рими қадим фаъолона истифода бурдаанд. Дар он замон салтанатҳои масеҳӣ ва ҳалқиятҳои аввалҳои асри миёнаро бо калимаи лотинии natio ва инчунин, гурӯҳи варварҳоро, ки пайдоиши умумӣ дошта, дар қаламрави Рим умр ба сар мебурданд, бо калимаи лотинии gens, ки ҳамчунин ифодагари маънои миллат аст, ном мебурданд. Дар охирҳои асри миёна бошад, истилоҳи мазкур дар шаклҳои ҷамъи худ – «nationis» ва «gentes» ба мақсади ишора ба забон – яъне ба одамоне, ки ба забонҳои гуногун суҳбат мекунанд, истифода мешуд. Ҳамзамон, дар ҳамаи ҳолатҳои истифодашавӣ вожаи «natio» ба ин ё он хусусияти хосси одамон ишора намуда, дар худ нишона оид ба пайдоиши умумии онҳоро дорад.

Ҳамин тариқ, дар асрҳои миёна истилоҳи миллат на барои ишораи аҳолии давлати муосир – маҷмуи гурӯҳҳои экникӣ ва қавмҳои дар ҳудуди муайян зиндагидошта, балки барои ишораи сохтори дар он замон таснифшуда мавриди амал қарор гирифтааст.

Дар маънои муосири худ истилоҳи «миллат» эҳтимолан асри XV бори аввал дар Фаронса истифода шуда буд, зеро маҳз ҳамон вақт он ба луғати коршиносони фаронсавӣ ворид гардид. Фаронсавиҳо мафҳуми «миллат»-ро бо мафҳумҳои «ҳудуд» ва «шоҳ» ҳаммаъно шумурда, бар он ақида буданд, ки сокинон ҷони худро дареғ надошта, сарфи назар аз равобити авлодӣ ва оилавӣ бояд шоҳигариро ҳимоя кунанд.

Ақидаи мазкур то давраи Инқилоби бузурги Фаронса арзи вуҷуд дошт. Зеро, аллакай дар давраи инқилоб мафҳуми «миллат» танҳо бо мафҳуми «ҳудуд» ҳаммаъно шуморида мешуд. Аз ин рӯ, истилоҳи мазкур тафсири навро касб намуд, ки тибқи он миллат – таҷассумгари давлат ҳисобида мешуд. Дар он давра вожаи «миллат» ҳалқро ҳамчун субъекти соҳибихтиёри сиёсӣ низ ифода мекард, ки вобаста ба ин дар ҳуҷҷати муҳимми Инқилоби Фаронса – «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» аз 26 августи соли 1789 чунин омадааст: «асоси ҳар як соҳибихтиёрӣ, аслан, дар миллат аст. Ҳеҷ як иттиҳод ва ҳеҷ як фард наметавонад манбаи қудрат бошад, ки он дар навбати худ, танҳо аз миллат сарчашма мегирад».

Тафсири сиёсии мутамарказонидашудаи мафҳуми «миллат»-ро нависандаи сиёсӣ ва назариячии асосии Инқилоби Фаронса – Эммануэл-Ҷозеф Сийес дар таҳқиқоти худ дарҷ намудааст. Ба тафсири ӯ, «миллат – иттиҳодияи одамонест, ки ҳама ба қонунҳои умумии аз ҷониби қонунгузори умумӣ пешниҳодгардида итоат мекунанд» [1,с.21].

Баъдан, дар аввали асри XVI истилоҳи «миллат» зери истифодаи фаъол дар Британияи Кабир қарор гирифт. Ин мафҳум ҳамчун ҳаммаъно ба калимаи «ҳалқ» нисбат ба аҳолии давлат истифода мешуд. Бояд қайд намуд, ки то замони пайдо шудани мафҳуми мазкур калимаи «халқ» дар Британия бештар барои ишораи табақаҳои поёнии аҳолӣ истифода мешуд. Вале пас аз ҷорӣ намудани мафҳуми нав – «миллат» ва ҳамгиро бо мафҳуми «халқ», мафҳуми дуюм хусусияти таҳқиромези худро аз даст дод, ки дар натиҷа дар симои мардум асоси ҳамбастагии сиёсӣ ва садоқату вафодориро эҷод намуд [3,с.88].

Дар қиёс бо Фаронса ва Британия Кабир, дар Олмон истифодаи манфҳуми «миллат» нисбатан дертар, дар асрҳои XVII-XVIII шуруъ шуд, ки ин, пеш аз ҳама, бо парокандагии сиёсии худи давлат алоқаманд аст. Зеро дар он вақт на танҳо табақаҳои поёнии аҳолӣ, балки табақаи болоӣ – элита низ, ки тарафдорони асосии «миллат» маҳсуб меёфтанд, аз ҷиҳати худшиносӣ на хусусияти миллӣ, балки маҳаллӣ доштанд. Ягона чизе, ки аҳолии аз лиҳози ҷуғрофӣ парокандаро муттаҳид сохта, асоси худшиносии миллии онҳо гардид, ин забон буд. Ҳамин тавр, дар охирҳои асри XVIII филологи олмонӣ Иоганн Кристофер Аделунг дар луғати нашрнамудаи худ мафҳуми миллатро ҳамчун «сокинони табиии кишвар, ки пайдоиши умумӣ дошта, бо як забон ҳарф мезананд ва бо рафтор, тафаккур ва руҳияи миллии худ аз дигарон фарқ мекунанд», шарҳ додааст [4,с.403].

Дар асри XIX истилоҳи «миллат» дар тамоми ҳудуди Аврупо паҳн гардида, берун аз он низ мебарояд ва мавриди истифодаи таърихнигорон, сиёсатшиносон ва этнологон қарор мегирад. Дар натиҷа, дар охири асри мазкур тасаввурот вобаста ба миллат ҳамчун ҷамъият, ки бо роҳҳои гуногун ташкил ва тавсиф шуда, муҳиммияташ аз тарафи аъзоён эҳсос мегардад, пайдо мешавад.

Дар илми ватанӣ замони мавриди истифода қарор гирифтани мафҳуми «миллат»-ро метавон ба давраи шуравӣ алоқаманд намуд. Котиби Генералии Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ – Иосиф Виссарионович Сталин истилоҳи миллатро баррасӣ намуда, чунин шарҳ додааст: «миллат – ҷомеаи устувори таърихан ташаккулёфтаи одамон мебошад, ки дар заминаи умумияти забон, қаламрав, ҳаёти иқтисодӣ ва ҳолати равонӣ, ки дар умумияти фарҳангӣ зоҳир мешавад» [17]. Ҳамзамон, ӯ иброз медорад, ки танҳо дар якҷоягӣ аломатҳои зикргардида метавонанд мафҳуми «миллат»-ро ифода кунанд. Гузашта аз ин, ба ақидаи ӯ, ҳеҷ яке аз аломати зикршуда дар алоҳидагӣ наметавонад барои муайянсозии мафҳуми «миллат» кофӣ бошад.

Ҳамин тариқ, пас аз омӯзиши хронологияи пайдоиши мафҳуми «миллат» ҷиҳати таҳия намудани таърифи ягона ва тавсифи он, таҳлили навъи консепсияҳои мавҷуда вобаста ба фаҳмиши истилоҳи мазкур мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад.

**Навъи якум – консепсияи табиӣ.** Ба ақидаи тарафдорони ин консепсия, ки яке аз онҳо файласуфи варзидаи фаронсавӣ – Шарл Луи де Монтескё аст, пайдоиши миллат маҳсули таъсири муҳити табиӣ, аз ҷумла хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва иқлимие мебошад, ки дар он

умумияти муайяни одамон умр ба сар мебаранд. Бояд тазаккур дод, ки копсепсияи мазкур аз лиҳози мантиқ ба пуррагӣ мукаммал нест. Гарчанде ки хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва иқлимӣ ба ҷудо намудани одамон ба гурӯҳҳои алоҳида таъсир мерасонад, аммо натиҷаи он на ба пайдоиши миллатҳои нав, балки қабилаҳои нав бурда мерасонад.

**Навъи дуюм – консепсияи асотирӣ.** Ба ақидаи намояндагони ин консепсия, асоси пайдоиши миллатро як навъ асотир ташкил медиҳад, ки ба воситаи он мардум сарҷамъӣ ва устувории доимиро ба даст меоранд. Мафҳуми миллатро яке тарафдорони консепсияи мазкур – файласуфи британиёи Бенедикт Андерсон чунин шарҳ додааст: «Ин ҷомеаи тасаввуротии сиёсӣ мебошад ва ҳамчун чизи ногузир маҳдуд тасаввур мешавад, аммо соҳибихтиёр аст». Албатта, аз як ҷиҳат консепсияи асотирӣ метавонад асос дошта бошад, чунки мо гузаштагони худро ба таври тасвирӣ медонем ва гарчандеки хусусиятҳои онҳоро дар асл надида бошем ҳам, онҳоро аҷдодон ва саркардагони миллати худ шуморида, кӯшиши ба онҳо ва одату рафтори онҳо баробар шуданро мекунем.

**Навъи сеюм – консепсияи забонӣ.** Тибқи консепсияи мазкур дар ташаккул, рушд, ҳифз ва пойдории миллат забон нақши ногусастанӣ дорад. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: «Таърихи башар гувоҳ аст, ки халқҳо, миллатҳо ва давлатҳо танҳо бо доштани забони миллии худ устувору пойдор мемонанд. Яъне, забони ҳар миллат шарти муҳимтарини пойдории он дониста мешавад» [15,с.128]. Барҳақ, дар маҷмуъ забон ҳамчун воситаи муҳимми муошират ва интиқоли иттилоот омили заминавӣ дар раванди ташаккули миллат мебошад. Ба шарофати ягонагии забон халқият фарҳангу тамаддуни худро паҳн мекунад, бегонагиро паси сар карда, рушди миллатро таъмин менамояд.

**Навъи чорум – консепсияи психологӣ.** Тарафдорони ин консепсия пайдоиши миллатро на ба омилҳои беруна, балки ба омилҳои дохилаи ҷомеа, ба монанди хислат ва ҳиссиёти миллӣ, алоқаманд медонанд. Вобаста ба ин Владимир Петрович Ступишин – мутафаккири рус, ки намояндаи консепсияи мазкур ба ҳисоб меравад, чунин иброз намудааст: «Халқе, ки дорои хислати миллӣ аст – миллат мебошад, ки он аз гузаштагон забон, урфу одат, ҳолати маънавӣ, ваҳдати иқтисодӣ ва албатта, қаламравро, ки танҳо дар он қобилияти ӯ барои миллат шудан - яъне халқи дар давлат ташкилшуда, амалӣ мешавад, мерос мегирад» [18,с.19]. Дар ин бобат бояд гуфт, ки консепсияи мазкур низ аз ҷиҳати методологӣ нисбатан заиф мебошад. Зеро, дар он танҳо нақши хислати миллӣ дар нигоҳдории ваҳдат ва суботи миллат дарҷ шуда, омили таъсиррасон ба пайдоиши хислати ягонаи миллӣ сарфи назар боқӣ мемонад.

**Навъи панҷум – консепсияи фарҳангӣ.** Тарафдорони он фарҳангро ҳамчун омили асосии таъсиррасон ба ташаккули миллат медонанд. Ба ақидаи онҳо маҳз фарҳанг ба рушди тасаввуроти ягона оид ба меъёрҳо, арзишҳо ва одобу рафтор мусоидат намуда, муноқишаву нофаҳмиҳоро байни одамон ва гурӯҳҳои онҳо ба таври назаррас коҳиш медиҳад, ки он ба муттаҳидшавии аъзои ҷомеа оварда мерасонад. Дар ин бобат мутафаккири немис – Освалд Шпенглер дар асари худ, ки бо номи «Ғуруби Ғарб» (Der Untergang des Abendlandes) машҳур аст, чунин қайд кардааст: «Халқи аз рӯйи услуб ба як фарҳанг тааллуқдоштаро ман миллат меномам ва аллакай бо ин калима таҳияшудаҳои пеш ва баъд аз фарҳанг ҷойдоштаро фарқ мекунам». Албатта, фарҳанг нақши нишонаи асосии миллатро мебозад. Азбаски танҳо он аз ҳаёти ботинии ҷомеа сарчашма мегирад, дар ҷараёни мавҷудияти якҷояи одамон ба вуҷуд меоянд ва як навъ заминаест баҳри пайвастани унсурҳои алоҳида ва ба даст овардани ваҳдату ягонагӣ.

**Навъи шашум – консепсияи иқтисодӣ.** Намояндагони консепсияи мазкур, ки барҷастатарини онҳо тарафдорони марксизм маҳсуб меёбанд, асоси ташаккули миллатро дар муносибатҳои иқтисодӣ мебинанд, ки меъёри асосии ин муносибатҳоро тарзи мавҷудаи истеҳсолот ташкил медиҳад. Дар бобати нишонаҳои асосии миллат пажуҳигари рус – Эдуард Александрович Баграмов чунин изҳор доштааст: «Хусусияҳои асосии миллатро умумияти ҳаёти иқтисодӣ ва бо он умумияти забон, қаламрав, фарҳанг ва симои аҳолӣ ташкил медиҳанд» [10,с.19]. Маврид ба зикр аст, ки консепсияи мазкур низ ба қадри кофӣ мантиқӣ нест. Албатта, дарки худшиносии миллат дар давраи капиталистӣ оғоз шуд, вале ба ҳеҷ ваҷҳ ин тасдиқи он аст, ки капитализм миллатро офаридааст. Ғайр аз ин, агар

ҳамчун омили асосии пайдоиши миллат омили иқтисодиро, ки аслан дар муносибатиҳои бозорӣ ифода меёбад, ҳисоб кунем, пас дар натиҷаи рушди ҷаҳонишавӣ ва бозор бояд миллати нав пайдо шавад.

**Навъи ҳафтум – консепсияи сиёсӣ.** Ҷонибдорони консепсияи мазкур, ки яке аз онҳо мутафаккири варзидаи олмонӣ – Иммануил Кант мебошад, асоси пайдоиши миллатро дар ягонагии таърих, институти ҳокимият ва инчунин, қаламрави давлат мебинад. И. Кант оид ба нақши омилҳои сиёсӣ дар ташаккули миллат дар пажуҳишҳои илмии худ ҳамчун омили асосӣ умумияти қаламравиро оварда, чунин ифода намудааст: «Муттаҳидии халқ аз рӯйи аломатҳои ҳудудӣ ва авлодӣ дар тамомияти шаҳрвандии худшинос, ба ақидаи ӯ, миллат мебошад» [10,с.12]. Консепсияи мазкур дар як сатҳи муайян мантиқан дуруст аст, зеро, ҳар як давлати муосир, ки дорои қаламрави муайяни худ аст, дар асоси миллат бунёд шудааст. Аммо ҳолатҳои истисноие мавҷуданд, ки миллат бо тамоми хусусиятҳои хосси худ вуҷуд дорад, вале дорои давлати мустақил – қаламрави ягонаи худ нест.

**Навъи ҳаштум – консепсияи омехта.** Тарафдорони консепсияи омехта бар он назаранд, ки дилхоҳ омил дар алоҳидагӣ ҳеҷ гоҳ наметавонад барои ташаккули миллат замина шавад. Дар баробари ин, онҳо мафҳуми миллатро ба системае, ки бо фарсуда шудани ин ё он узв фаъолияташ боз мешавад, монанд намуда, гурӯҳи омилҳои таркибии онро дарҷ мекунанд, ки дар он қисми аввал ташкилкунандагони моҳияти миллат ва боқимонда мундариҷаи он мебошанд. Дар робита ба ин, метавон андешаи мутафаккири рус – Наталия Козловскаяро овард, ки ба назари ӯ миллат ин «маҷмуи шахсоне мебошад, ки бо шуури ягона, умумияти пайдоиш, забон, ақидаи динӣ, ҳаёти ҳаррӯза, ахлоқ, урфу одат, гузаштаи таърихӣ ва ҳамбастагии манфиатҳои иҷтимоиву сиёсии ҳозираи худ алоқамананд» [2]. Қобили қайд аст, ки консепсияи омехтаи пайдоиши миллат мантиқан ба қадри кофӣ дуруст ҳисобида мешавад. Миллат падидаи мураккаби иҷтимоиест, ки раванди ташаккули он дарозмуддат аст, аз ин рӯ, барои пайдоиш ва ташаккули он на ин ки як омил, балки маҷмуи омилҳо дар ҳамбастагӣ заруранд.

Ҳамин тавр, омӯзиши хронологияи пайдоиш ва консепсияҳои мавҷудаи мафҳуми миллат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки айни замон дар илми сиёсатшиносӣ вобаста ба ташаккули истилоҳи мазкур ақида ва консепсияҳои зиёд мавҷуданд, ки ҳар кадом онро аз нуқтаи назари худ баррасӣ намуда, шарҳ медиҳад ва дар як сатҳи муайян дуруст буда, ҳуҷуқи ҷой доштанро дорад.

Вале, чолишҳои замони муосир, ҷаҳонишавии босуръат ва шароити кунунӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ таҳияи мафҳуми ягонаи миллатро тақозо мекунанд. Ба ин хотир, бо назардошти таҳлили гузаронидашуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки миллат – умумияти таърихан ба ҳам омадаи мустаҳками одамон мебошад, ки дар асоси ягонагии фарҳанг, забон, марзу бум, урфу одат, ниёзҳо ва хусусиятҳои хосси биологӣ ташаккул ёфтааст.

Метавон қайд намуд, ки таҳлили раванди ташаккули истилоҳи «давлати миллӣ» ва унсурҳои таркибии он, ба монанди «давлат» ва «миллат» имкон медиҳанд, ки пажуҳишгар ба ҷаҳони мураккаб ва гуногунҷанбаи назарияи илми сиёсатшиносӣ ворид шавад. Таҳқиқи истилоҳи мазкур ва ҷузъҳои он на танҳо барои омӯзиши заминаи таърихии онҳо ёрӣ мерасонад, балки барои дарки равандҳои сиёсӣ ва мушкилоти замони муосир низ, ки бо он имрӯзҳо давлатҳои миллӣ рӯ ба ру мешаванд, кӯмак мекунад.

Табиати мафҳуми «давлатимиллӣ» ва ташаккули он бо таҳаввули вожаҳои «давлат» ва «миллат» зич алоқаманд аст. Аммо, бо вуҷуди гуногунии тафсирҳо ва назарияҳои онҳо, хусусиятҳои умумии онҳоро низ ҷудо кардан мумкин аст. Давлати миллӣ одатан ҳамчун давлате муайян карда мешавад, ки ба принсипҳои ҳувияти миллӣ ва худмуайянкунии миллат асос ёфта, дорои тамомияти ҳудудӣ ва соҳибихтиёрӣ мебошад.

Таҳлили ва омӯзиши амиқи ташаккули истилоҳи мазкур ва вожаҳои таркибии он ҳамчунин аҳаммияти омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро дар таъсис ва фаъолияти давлатҳои миллӣ инъикос мекунад. Гузашта аз ин, бо назардошти мушкилоти замони муосир, аз қабили ҷаҳонишавӣ, ҷараёни муҳоҷират ва низоъҳои этникӣ, дар шароити кунунӣ таҳлил ва дарки консепсияи давлати миллӣ аҳаммияти махсус пайдо намудааст.

**Муқарриз: н.и.ф., дотсенти ИОМОА АМИТ – Ҳайдаров Р.Ҷ.**

## АДАБИЁТ

1. Аббат Сиейс. От Бурбонов к Бонапарту / А. Сиейс. Сост. и пер. с фр. П. Певзнер. –М., 2003. -С. 222.
2. Азимова М.М. Нация: философско-лингвистический и социологический анализ / М.М. Азимова //Международный научный журнал «Вестник науки». - № 3 (36). - Т.2. -С. 13.
3. Алексеева М.Ю. Англия: формирование нации, национализм, национальная идентичность (культурологический анализ теорий примордиализма, модернизма и постмодеонизма) / М.Ю. Алексеева, О.В. Сизова //Гуманитарные ведомости ТГПУ им. Л.Н. Толстого. -№3 (35).- 2020. -С. 88.
4. Бондарчук В. Национальная идея в Западной Европе в Новое время: очерки истории / В. Бондарчук. –М., 2005. -С. 495.
5. Борисов А.Б. Большой экономический словарь / А.Б.Борисов. - М., 2003. -С. 895.
6. Борисов А.Б. Большой юридический словарь / А.Б. Борисов. –М., 2010, -С.137.
7. Бутов А.В. Вклад Конфуция в совершенствование системы государственного управления / А.В. Бутов //Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова.– М., 2017. -С.196.
8. Bodin J. Les six livres de la Republique. [Манбаи электронӣ]. URL: http://gallica.bnf.fr/ark:/121448/btv1b86268103 (санаи муроҷиат: 01.11.2023).
9. Гидденс Э. Социология / Э.Гидденс.– М.: Эдиториал УРСС, 1999. -С. 290.
10. Ибрагимов Р.Ю. Русская рулетка? Национальный вопрос и судьба России / Р.Ю. Ибрагимов.– М., 2009. -С. 216.
11. Лазарев В.В. Теория государства и права: Хрестоматия: В 2 т. / В.В. Лазарев С.В. Липень. - 2001. -Т. 1. -С. 640.
12. Платон, Аристотель. Политика. Наука об управлении государством. – М., 2017. -С. 861.
13. Погорелый Д.Е. Новейший политологический словарь / Д.Е.Погорелый, Ю.В.Фесенко, К.В. Филиппов.– Ростов-на-Дону, 2010. -С. 70-72.
14. Политическая наука: новые направления. Пер. с англ. науч. ред. Шестопал Е. Б. – М., 1999. -С. 389.
15. Сайидзода З.Ш. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ЧДММ “Контраст”, 2017. -С.128.
16. Скиннер К. TheState // Понятие государства на четырех языках: Сб. статей. Под ред. О. Хархордина. – СПб., 2002. -С. 26.
17. Сталин И. Марксизм и национальный вопрос / И.Сталин. –М., 1946. -С.296-297.
18. Тадтаев Х.Б. Этнос. Нация. Раса. Национально-культурные особенности детерминации процесса познания / Х.Б. Тадтаев. Под ред. С.И. Замогильного. – Саратов, 2001. -С. 248.
19. Тащиян А.А. Право народов на самоопределение: Учебное пособие / А.А.Тащиян, С.А. Янжинов. –Ростов-на-Дону, 2006. -С.11.
20. Фролова И.Т. Луғати фалсафӣ / И.Т. Фролова. – М., 2001. - С. 132-133.
21. Янг К. Диалектика культурного плюрализма: концепция и реальность: Этничность и власть в полиэтнических государствах: Сборник статей / К. Янг Под ред. В.А. Тишкова. – М., 1994. -С. 92–93.


## ДАВЛАТИ МИЛЛӢ: МОҲИЯТ ВА РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ОН


Дар мақола раванди ташаккул ва таҳаввулоти истилоҳи «давлати миллӣ» ҳамчун яке аз категорияҳои асосӣ дар илми сиёсатшиносӣ ва назарияи муносибатҳои байналмилалии замони муосир бо таваҷҷуҳ ба вожаҳои таркибии он – «давлат» ва «миллат» мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар заминаи пажуҳиш рушди таърихии мафҳумҳои мазкур, алоқамандӣ, омезиш ва таъсири баҳамдигарии онҳо баррасӣ гардидааст. Барои пайгирии раванди таърихии ташаккули истилоҳи «давлати миллӣ» дар тадқиқоти илмӣ ғояҳо, консепсияҳо ва равишҳои гуногуни илми сиёсатшиносӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф бар он назар аст, ки «давлат» ҳамчун ташкилоти сиёсии ҷомеа сохтори институтсионалии идоракуниро таҷассум мекунад, ки механизмҳои ҳокимият ва соҳибихтиёриро дар қаламравҳои муайян инъикос менамояд. Вожаи «миллат» бошад, ҳувияти умумии гурӯҳи таърихан ба ҳам омадаи одамонро, ки дар қаламрави ягона зиндагӣ карда, дорои фарҳанг, забон, марзу бум, урфу одат, ниёзҳо ва хусусиятҳои хосси биологии умумианд, таҷассум мекунад. Дар баробари ин, ба тағйироти дар дарки ин истилоҳҳо, ки бо мурури замон ба амал меояд ва нақши онҳо дар ташаккули илми муосири сиёсӣ диққати махсус дода мешавад. Натиҷаҳои таҳлили илмӣ имкон медиҳанд, ки моҳият ва аҳаммияти истилоҳи «давлати миллӣ» ва вожаҳои таркибии он «давлат» ва «миллат» дар заминаи назария ва амалияи сиёсии замони муосир амиқтар дарк карда шаванд.



**Калидвожаҳо:** давлат, миллат, давлати миллӣ, таҳаввули истилоҳот, амалияи сиёсӣ, заминаи таърихӣ, таҳлили мафҳумҳо, муносибатҳои байналмилалӣ.


## НАЦИОНАЛЬНОЕ ГОСУДАРСТВО: СУЩНОСТЬ И ПРОЦЕСС ЕГО ФОРМИРОВАНИЯ


В статье рассматривается процесс формирования и эволюции термина «национальное государство» как одной из основных категорий в политологии и теории международных отношений современности с акцентом на составляющие его слова – «государство» и «нация». В контексте исследования обсуждается историческое развитие этих понятий, их связь, сочетание и взаимовлияние.С целью проследить исторический процесс становления термина «национальное государство» в данном научном исследовании подробно изучаются и анализируются различные идеи, концепции и подходы политической науки. Автор считает, что «государство» как политическая организация общества воплощает в себе институциональную структуру управления, отражающую механизмы власти и суверенитета на определенных территориях. Слово «нация» как общая идентичность представляет собой исторически единую группу людей, живущих на единой территории и имеющих общую культуру, язык, границы, обычаи, потребности и биологические особенности. При этом особое внимание уделяется происходящим с

течением времени изменениям в понимании этих терминов и их роли в становлении современной политической науки. Результаты научного анализа позволяют понять сущность и значение термина «национальное государство» и составляющих его слов «государство» и «нация» в контексте современной политической теории и практики.

**Ключевые слова:** государство, нация, национальное государство, эволюция терминов, политическая практика, историческая основа, анализ концепций, международные отношения.

**THE NATION STATE: THE ESSENCE AND PROCESS OF ITS FORMATION**

The article examines the process of formation and evolution of the term «national state» as one of the main categories in political science and the theory of international relations of our time, with an emphasis on its constituent words – «state» and «nation». In the context of the study, the historical development of these concepts, their connection, combination and mutual influence is discussed. In order to trace the historical process of formation of the term «nation state», this scientific study studies and analyzes in detail various ideas, concepts and approaches of political science. The author believes that the «state» as a political organization of society embodies the institutional structure of governance, reflecting the mechanisms of power and sovereignty in certain territories. The word «nation» as a common identity represents a historically unified group of people living in a single territory and having a common culture, language, borders, customs, needs and biological characteristics. At the same time, special attention is paid to changes occurring over time in the understanding of these terms and their role in the development of modern political science. The results of the scientific analysis make it possible to understand the essence and meaning of the term «national state» and its constituent words «state» and «nation» in the context of modern political theory and practice.

**Keywords:** state, nation, nation state, evolution of terms, political practice, historical basis, analysis of concepts, international relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмадёрзода Исфандиёр Бахтиёр*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон. Телефон: **(+992) 50-119-66-66.** E-mail: **imahmadiyorov@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Махмадёрзода Исфандиёр Бахтиёр*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, докторант Ph.D кафедры дипломатии и международных отношений. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33. Телефон: **(+992) 50-119-66-66.** E-mail: **imahmadiyorov@gmail.com**

**Information about the author:** ***Mahmadyorzoda Isfandiyor Bakhtiyor*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Ph.D doctoral student of the Department of Diplomacy and International Relations. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir street, 33. Phone: **(+992) 50-119-66-66.** E-mail: **imahmadiyorov@gmail.com**

УДК: 327(51)

# СПЕЦИФИКА «МЯГКОЙ СИЛЫ» КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

*Сироджиддин Сорбон*

**Национальная Академии наук Республики Таджикистан**

В современных реалиях мировой политики «мягкая сила» преобразовалась в один из самых эффективных инструментов реализации внешнеполитических целей ведущих держав. Руководство Китайской Народной Республики (КНР), разделяя данную мысль, считает «мягкую силу» важным аспектом, активно работает над улучшением имиджа Китая на международной арене, а также уделяет большое внимание развитию инструментов «мягкой силы». Существуют различные причины, которые могут объяснить интерес Китая к «мягкой силе».

Среди них главное – стремительное экономическое развитие и прогресс военно-промышленного комплекса Китая, которое привело к негативному восприятию Пекина на международном уровне. Китай очень чувствительно относится к вопросу своего имиджа за рубежом и осознает возросшее восприятие угрозы его роста. В частности, восприятие угрозы роста Китая усилилось в соседних странах. Многие восточноазиатские государства испытывают геополитический дискомфорт, имея в регионе сильный Китай как в военном, так в экономическом отношении вынуждены заниматься контрбалансом. Поэтому, признавая этот факт, китайское руководство, а также академические круги начали разрабатывать различные стратегии, среди которых развитие «мягкой силы» рассматривается как эффективная стратегия в уменьшении воспринимаемой угрозы.

Для уменьшения предполагаемой угрозы в Пекине был введен новый внешнеполитический дискурс. Если в конце 1990-х годов в официальном дискурсе Китай описывался как ответственная держава, то в 2000 году была введена концепция «мирного подъема», а в конце 2000-х годов была разработана еще одна концепция, которая объясняла подъем Китая как «гармоничный», подразумевая, что Китай будет стараться избегать любых военных конфликтов со своими соседями [1,с.14]. Этот дискурс был разработан с целью убедить соседей Китая в мирном характере китайского подъема и в том, что Поднебесная будет уважать международное право и не будет участвовать в военных конфликтах по мере их возрастания.

Кроме того, помимо внешнеполитического официального дискурса, между КНР и его восточноазиатскими и центральноазиатскими соседями была инициирована «политика добрососедства», чтобы заверить их в дружественных и кооперативных намерениях Пекина. Эта политика направлена на поддержание гармоничных отношений с соседями, как и китайская попытка к более тесной региональной интеграции [2,с.26].

С тех пор как концепция «мягкой силы» была впервые представлена Джозефом Найем, в китайских академических кругах также начал зарождаться дискурс «мягкой силы». К примеру, количество научных публикаций и выступлений, посвященных китайской «мягкой силе», увеличилось с 11 в конце 1990-х годов до 518 в 2007 году [3,с.24]. Аналогичным образом, в мае 2004 года во время тринадцатой сессии Политбюро Коммунистической партии Китая были опубликованы две статьи, в первой из которых «мягкая сила» определялась как международная привлекательность и притягательность модели развития страны, культуры, ценностей, а во второй подчеркивался тот факт, что Китай должен культивировать свою «мягкую силу» [4,с.11]. Целью стратегии «мягкой силы» считалось получение международного признания. С тех пор как концепция была представлена в Китае в 1993 году, китайский профессор Ван Хунин предположил, что культура может быть основным источником китайской «мягкой силы». В результате появляется всё больше работ, указывающих на уникальность китайской культуре, которая подчеркивает доброжелательное правительство, мир и гармонию, и уважение к различиям. Поэтому многие китайские ученые рассматривают культуру как инструмент, который может быть использован Китаем для культивирования своей «мягкой силы». Кроме

того, многие китайские ученые подчеркивают китайскую модель развития, которая также может быть полезна соседним государствам.

Между тем политическая система в Китае сильно централизована, и несмотря на то, что академические круги внесли свой вклад в развитии стратегии «мягкой силы», тем не менее большинство прямых инициатив исходит от партии. Для того чтобы понять, что такое «мягкая сила» в Китае, необходимо определить, что она значит для китайского руководства и какая роль ей отводится.

Одним из первых китайских лидеров, отметивших важность «мягкой силы», был Председатель Ху Цзиньтао. В своей программной речи на 17-м съезде Коммунистической партии Ху подчеркнул важность стратегии «мягкой силы». Китайское руководство признало точку зрения, сформулированную в академических кругах, что культура может быть основным инструментом китайской стратегии «мягкой силы». В результате, в своем программном выступлении на съезде партии Ху подчеркнул: «Культура становится все более важным источником национальной сплоченности и творчества, а также фактором растущей значимости в конкурентной борьбе в общей национальной мощи» [5].

Поэтому Ху признал необходимость укрепления китайской культуры, как и «мягкой силы» страны, чтобы лучше продвигать интересы государства. Это мнение также поддерживал китайский премьер Вэнь Цзибао, который утверждал, что «мягкую силу» в Китае можно культивировать, делая акцент на гармонии, которая выделяется в традиционной китайской культуре. В дополнение к этому, в 2010 году в ходе 22-го Политбюро ЦК КПК, Ху Цзиньтао настоятельно призвал партию провести реформы культурных учреждений в целях развития культуры и, таким образом, укрепления «мягкой силы». В результате все попытки культивирования «мягкой силы» включали государственные расходы на программы культурного и образовательного обмена, интернационализацию китайской прессы и радио, создание Института Конфуция с целью продвижения хорошего имиджа Китая и ознакомления мира с китайской культурой и языком [6,с.7].

Кроме того, в декабре 2012 года была создана Ассоциация публичной дипломатии, в которую вошли ученые, эксперты, работающие в области публичной дипломатии. Целью Ассоциации является укрепление взаимопонимания и дружбы между Китаем и остальным миром, создание позитивного имиджа Китая и создание международной среды, способствующей мирному развитию Китая.

Исходя из вышеизложенного, мы можем сказать, что в Китае большинство попыток продвижения «мягкой силы» проводятся со стороны руководства КНР, сама «мягкая сила», как нам видится, тесно связана с китайской культурой. Китайская мягкая сила в основном опирается на источники публичной дипломатии, которая является одной из форм культурной дипломатии, потому что в Китае многие аспекты, которые охватывает публичная дипломатия: телевидение, радио, культурные и образовательные обмены, научные и газетные публикации классифицируются как культура. Очевидно, что, используя китайскую культуру, руководство в Пекине надеется устранить негативное международное восприятие, с которым Китай сталкивается в процессе своего развития. Между тем стоит отметить, что роль гражданского общества в продвижении «мягкой силы» остается ограниченной.

Такой подход Пекина часто подвергается критике. Например, Мин Цзян Ли в своей книге «Мягкая сила: Стратегия развития Китая в международной политике» утверждает, что связь между «мягкой силой» Китая в его стремлении к всеобъемлющей национальной мощи остается слабой, поскольку она в основном рассматривается как инструмент обороны, который направлен на изменение ошибочных представлений о Китае и на создание лучшего имиджа страны [7,с.22]. Кроме того, китайская стратегия «мягкой силы» подвергалась критике со стороны Джозефа Ная. Най критиковал усилия Пекина, направленные на усилие «мягкой силы» централизованными способами. В статье «Дефицит мягкой силы Китая», которую Най написал для Wall Street Journal, он отметил, что на самом деле все усилия правительства по укреплению стратегии «мягкой силы» Китая находят ограниченный успех, и все еще существует ограниченная отдача от его инвестиций [8]. Аналогичным образом, в журнале Foreign Affairs Journal Най опубликовал еще одну статью «Что Китай и Россия не понимают в мягкой силе», в

которой он указал, что на самом деле российские и китайские лидеры не правы насчет того, как они выбирают путь достижения «мягкой силы» [9]. Най писал, что Китай ошибается, считая, что «правительство является основным инструментом мягкой силы», потому что инициативы по созданию мягкой силы должны исходить от гражданского общества, частных лиц и государственного сектора. В результате Най посоветовал Пекину не смотреть на развитие «мягкой силы» с точки зрения логики нулевой суммы, а настоял на самокритике и попытке сопоставить слова и дела, а также позволить своему гражданскому обществу процветать.

В свою очередь китайское руководство хорошо осведомлено о настороженности соседей Китая, именно поэтому администрация Си признала необходимость более эффективной соседской дипломатии, которая будет включать в себя «мягкую силу». В результате, в 2013 году Си Цзиньпин выступает с важной речью на Конференции по работе с периферийной дипломатией, где он отмечает, что периферийная дипломатия жизненно важна, так как она позволит Китаю «достичь целей двух веков и осуществить великое обновление китайской нации» [10]. Помимо изменения более тесных политических и экономических отношений, один из аспектов этой периферийной дипломатии включает в себя увеличение культурных обменов между Китаем и его соседями, потому что Китай видит в этом способ борьбы с воспринимаемой угрозой. В результате Си подчеркнул необходимость усиления рекламы, расширения культурных, образовательных и научных обменов, что в свою очередь позволит Китаю установить долгосрочные дружественные отношения с соседями. Таким образом, речь Си является доказательством того, что Пекин рассматривает публичную и культурную дипломатию как инструмент, который позволит ему изменить восприятие соседних государств.

До официального визита Си в четыре центральноазиатских государств, где он презентовал инициативу «Один пояс – один путь», китайская «мягкая сила» в Центральной Азии была очень ограничена. В 2007 году Никлас Сванстрём, программный директор Института Центральной Азии и Кавказа и Программы исследований Шелкового пути, опубликовал статью, в которой он указывает, что вовлеченность Пекина в Центральную Азию значительно ниже, по сравнению с восточноазиатским регионом [11]. Однако ситуация меняется в сентябре 2013 года, когда Си посещает четыре из пяти центральноазиатских государств и выступает с важной речью в Университете Назарбаева в Казахстане. Речь, которую Си Цзиньпин произнес в Университете Назарбаева, была озаглавлена «Продвижение дружбы между народами и создание лучшего будущего». Этот ключевой доклад важен по двум основным причинам. Первая причина заключается в том, что в ней четко освещается внешняя политика Китая в Центральной Азии, в которой Си представляет инициативу Один пояс – один путь. Вторая причина заключается в том, что Си Цзиньпин излагает китайское видение того, что достижение дружественной среды в этом районе, будет выполняться путём расширения контактов между людьми, а также с помощью общественной и культурной дипломатии. В своей программной речи Си сказал: «Более чем двухтысячелетняя история обменов (между Центральной Азией и Китаем по Древнему Шелковому пути) показывает, что на основе солидарности, взаимного доверия, равенства, инклюзивности, взаимного обучения и взаимовыгодного сотрудничества страны различных рас, вероисповеданий и культур в полной мере способны к совместному миру и развитию» [12].

Следовательно, используя такие ключевые слова, как «беспроигрышная ситуация» и «мирное сосуществование», Китай сделал послание жителям стран Центральной Азии и заявил о том, что КНР является дружественным государством, а также озвучил тезис о том, что отношения с ними выгодны всем сторонам. В заключительной части своей речи Си указал, что Китай стремится более активно участвовать в своей общественной и культурной дипломатии: «В ближайшие десять лет Китай предоставит 30 000 правительственных стипендий государствам-членам ШОС и пригласит 10 000 преподавателей и студентов из институтов Конфуция в Китай для ознакомительных поездок. Я также хочу пригласить 200 преподавателей и студентов Университета Назарбаева поехать в Китай в следующем году и принять участие в летних мероприятиях».

Кроме того, на заседании ШОС в сентябре 2013 года Си предложил инициативу из четырех пунктов, которое должно помочь членам ШОС способствовать развитию и

продвижению «Шанхайского духа». Четвертый аспект инициативы подчеркивает необходимость, которую видит Китай в укреплении «коммуникаций между людьми и неправительственных обменов, закладывании прочного общественного мнения и социальных основ для развития ШОС» [13]. Таким образом, все попытки, отмеченные выше, указывают на то, что «мягкая сила» будет основным инструментом для проектирования хорошего имиджа Китая в Центральной Азии.

Институт Конфуция является основополагающим звеном культурной дипломатии Китая. Начиная с 2004 года, Институт Конфуция функционируют по всему миру, первый институт был открыт в Южной Корее, в городе Сеуле. Институт Конфуция является государственным учреждением, связанным с Министерством образования Китая, и занимается обучением китайскому языку и культуре за рубежом. Они частично финансируются Государственной канцелярией по распространению китайского языка за рубежом, а также управляются китайскими университетами, с которыми связаны. На официальном сайте Института указано, что его основной целью является преподавание китайского языка и представление культуры на международной арене, что в свою очередь будет способствовать достижению следующих целей – «развитие мультикультурализма и построение гармоничного слова». Институт опирается на конфуцианское учение и его основные принципы, которые подчеркивают гуманность, образование и гармонию. Считается, что эти принципы обладают добродетельной притягательностью и вызывают у иностранных граждан чувство притяжения. Таким образом, стратегическая цель инициативы в области коммуникации и информации заключается в том, чтобы «подчеркнуть благоприятный глобальный имидж Китая».

Институт Конфуция служит культурной платформой для взаимодействия Китая с миром. Деятельность Института включает в себя: преподавание китайского языка иностранцам, проведение языковых конкурсов, организацию недель культуры и фестивалей и, самое главное – помощь молодым людям в процессе подачи заявок в летние лагеря, чтобы провести две недели в Китае, где студенты практикуют китайский язык и знакомятся с культурой. Кроме того, поскольку Институт частично управляется университетами Китая, квалифицированные студенты (те, кто сдал тест по китайскому языку) имеют право на годичный академический обмен для обучения в Китае. Однако, если политика открытия Институтов Конфуция во всем мире была принята в 2004 году, то в Центральной Азии такие институты появились совсем недавно.

